# Бозгашт ба Ислом

Мансури Ҳошимии Хуросонӣ



بسم الله الرحمن الرحیم

**Китоб:** Бозгашт ба Ислом
**Нависанда:** Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
**Ношир:** Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
**Мутарҷим:** Ношир
**Навбати чоп:** Дуввум
**Замони чоп:** Декабир 2018 мелодӣ баробар бо Рабеъ-ул-аввал 1440 ҳиҷрӣ қамарӣ
**Макони чоп:** Хуҷанд; Тоҷикистон

**Ҳушдор!**
Ин китоб вақф бар мусалмонон аст ва шаръан қобили фурӯш нест; Вале чоп ва нашри он, машрут ба ҳифзи комили муҳтавои он ва ҳуқуқи маънавии нависанда, ба сурати роягон ё бидуни дарёфти суд, ҷоиз аст.

# اجازه‌نامه‌ی ناشر

بسم الله الرّحمن الرّحیم

«فَإِذَا اسْتَأْذَنُوكَ لِبَعْضِ شَأْنِهِمْ فَأْذَنْ لِمَنْ شِئْتَ مِنْهُمْ وَاسْتَغْفِرْ لَهُمُ اللَّهَ»

محضر مبارک حضرت منصور هاشمی خراسانی

سلام علیکم و رحمت الله

با احترام از آنجا که به نظر می‌رسد این کتاب حضرت عالی، حاوی مطالبی خطیر و چالش‌برانگیز است، مستدعی است نسخه‌ی مطبوع آن را ملاحظه و مطابقت آن با نسخه‌ی مخطوط خود را تأیید و در صورت صلاحدید، اذن خود برای نشر آن را مکتوب فرمایید.

با تشکر

دکتر ذاکر معروف

مسؤول دفتر حفظ و نشر آثار

بسم الله الرّحمن الرّحیم

خدای واحد یکتا را به پاکی می‌ستاییم و بر بنده و پیام‌آورش محمّد چنانکه شاید درود می‌فرستیم و امّا بعد؛ علیکم السّلام و رحمة الله

مطبوع کتاب را دیدم و از مطابقت آن بر مخطوط خویش آگاهی یافتم و به نشر آن در میان مسلمانان بدون دریافت ثمن و اجرت، اذن دادم، باشد که خداوند آن را قبول کند و در آن خیر و برکت قرار دهد؛ چرا که عمل صالح را دوست می‌دارد و بالا می‌برد و از عمل سیّء بیزار است و آن را نابود می‌کند و سرانجام کارها به سوی اوست.

منصور هاشمی خراسانی

## Сухани ношир
## <<Закотул илми нашруҳ>>

Китоби шарифи <<Бозгашт ба Ислом>> асарӣ мумтоз, арзишманд ва инқилобӣ дар ҳавзаи Исломшиносӣ аст ки бо нақди хирадварзонаи қироъати мавҷуд аз Ислом ва бозтаърифи мабонӣ ва манобеъи он, ба ҳамроҳи осебшиносии торихии ақойид ва аъмоли мусалмонон, бар пояи яқиниёт ва мусалламоти Исломӣ ва бар канор аз пешфарзҳо ва роҳбурдҳои заннӣ, ба сӯи иқомаи Исломи комил ва холис дар сартосари ҷаҳон даъват мекунад. Нигорандаи донишманд ва фарзонаи ин китоб, ҳазрати аълома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ, бо нубуғи хос ва Худододии худ ки бар аҳли диққат ва фаросат пӯшида нест, бунёдитарин мабоҳиси илмӣ ва тахассусӣ дарбораи Исломро бо иборотӣ гӯё ва қобили фаҳм барои умуми мусалмонон, матраҳ мекунад ва бо беэътинои амдӣ ба истилоҳоти ройиҷ ва иҷтиноби огоҳона аз лаффозиҳо ва зиёдагӯиҳои маъмул, амиқтарин ва дақиқтарин маъорифи Исломро бо содатарин ва шафофтарин услуб, ба риштаи таҳрир дар меоварад ва бо ворастагии комил аз фирқаҳо ва мазоҳиби гуногун ва озодагии далерона аз қолибҳо ва ҷараёнҳои сиёсӣ, дар ҳайъати як мусалмони ҳаниф зоҳир мешавад ва бародарон ва хоҳарони ҳамсафари худ аз ҳар фирқа, мазҳаб ва сарзамнро по ба пои худ, аз замин то осмони маърифати динӣ мерасонад; Чароки ҳамаи пешфарзҳои Исломиро ба каноре мениҳад ва аз мабодии аввалия оғоз мекунад ва сипас дар сафари дарози илмӣ ва маърифатии худ, бо пояфзори хирад дар рӯшанойии китоби Худованд ки чунон чароғе дар пешрӯӣ ӯ медурахшад, ба волотарин улум ва маъорифи Исломӣ даст меёбад ва дар ин миён, ҳаргиз ба куллигӯӣ ва баёни мафоҳими интизоъӣ басанда намекунад, балки бо басират ва огоҳии комил нисбат ба аҳли замони худ, масодиқи айнӣ ва воқеъӣ дар ҷаҳони Исломро меёбад ва муъаррифӣ мекунад ва аз ифшои иштибоҳот ва инҳирофоти мусалмонон бо шеваи хайрхоҳона ва ислоҳгарона, боке ба худ роҳ намедиҳад.

Ӯ бегумон бо андешаҳои воло ва жарфи худ, китоберо ба риштаи таҳрир даровардааст ки метавонад муҷиби бедории мусалмонони ҷаҳон ва бозгашти онон ба Исломи ноб ва раҳоияшон аз зиллат ва масканати кунунияшон бошад; Китобе ки бо теғи тези наққодии худ, ҷисми бемор ва ранҷури уммати Исломиро мешикофад ва решаи нокомиҳо ва нобасомониҳои онро бо сароҳати лаҳҷа ва шуҷоъатӣ беназир, эълом менамояд; Китобе ки аз воқеъияти асафбори мавҷуд дар ҷаҳони Ислом, ба унвони чизе ки ҳаст, парда бармедорад ва аз ҳақиқати гумшудаи Исломи ростин ба унвони чизе ки бояд бошад, сухан мегӯяд; Китобе ки мутаъаллиқ ба ҳеҷ мазҳаб ё сарзамине нест, балки мутаъаллиқ ба Исломи асил ва ҳамаи пайравони он дар саросари ҷаҳон аст ва ҳар мусалмони озодандеш ва рӯшанзамире аз ҳар мазҳаб ва сарзаминеро бо худ ҳамроҳ мекунад ва нидои осмонии бедории Исломӣ ва бозгашт ба омӯзаҳои асил ва фаромӯш шудаи Исломиро дар шарқ ва ғарби ҷаҳон танинандоз месозад.

Бар ин асос, аз ҳамаи касоне ки арзиши ин мактаб ва идеологии Исломиро дарк мекунанд, даъват менамоим ки моро дар тарҷима, чоп ва нашри он миёни мусалмонони ҷаҳон, ёри кунанд; Чароки ин кор, бо вуҷуди мухолифатҳо ва сангандозиҳои гуногун, коре ба ғоят душвор ва нафасгир аст ва аз ин дафтари мустақил ва мардумниҳод бо тавоноӣ ва бизоъати ночизаш сохта нест.

Барои иртибот бо мо ва дастрасӣ ба шарҳҳо ва тарҷумаҳои ин китоб, ба сойти **www.alkhorasani.com** муроҷиъа кунед.

Бо ташаккут
Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Ийдул азҳо 1436 ҳиҷрӣ қамарӣ

## Феҳрести мавзӯъот

**Даромад** ...................................... 13
**Бахши якум**
**Бозгашт ба Ислом; Муқаддамот** ............ 15
Муқаддимаи якум; Меъёри шинохт.................... 17
1. Зарурати меъёри шинохт ...................................................... 17
2. Ваҳдати меъёри шинохт ...................................................... 17
Мункирони ваҳдати ҳақ ва меъёри шинохти он ....................... 18
[Сӯфистоъиён] .................................................................... 19
[Инсонмеҳварон] ................................................................. 19
[Тасвибгароён] .................................................................... 19
[Такассургароён] ................................................................. 20
3. Бедоҳати меъёри шинохт ...................................................... 21
Ақл; Меъёри шинохт ............................................................ 22
Ваҳдати ақл ........................................................................ 23
[Маротиби ақл ва идрокоти он] .............................................. 24
Бедоҳати ақл ...................................................................... 25
Мункирони ҳуҷҷияти ақл ...................................................... 26
[Олимони Масеҳӣ] ............................................................... 26
[Аҳли ҳадиси мусалмон] ....................................................... 27

[Салафиёни мусалмон] .......... 28
[Шубаҳоти мункирони ҳуҷҷияти ақл] .......... 31
Тафовути ақл бо фалсафа .......... 33
Мабнои ҳусн ва қубҳ .......... 35
Муқаддимаи дувум; Мавонеъи шинохт .......... 35
1. Ҷаҳл .......... 36
[Зарурати илм ба мафоҳим ва масодиқи онҳо] .......... 36
[Вуҷуби талаби илм] .......... 37
[Ҷаҳл; Маншаъи мушкилоти мусалмонон] .......... 38
[Ҷаҳли ба Ислом] .......... 38
[Асбоби ҷаҳли ба Ислом] .......... 39
[Табаъоти ҷаҳли ба Ислом] .......... 40
[Ҷаҳли ба аҳли Ислом] .......... 41
[Ҷаҳли ба душманони Ислом] .......... 43
2. Тақлид .......... 45
[Якум; Тақлид аз пешиниён] .......... 45
[Адами лузуми пайравӣ аз пешиниён] .......... 47
[Адами имкони пайравӣ аз пешиниён] .......... 52
[Дуввум; Тақлид аз олимон] .......... 53
[Адами имкони тақлид аз олимон бар пояи тақлид аз онон] .......... 55
[Адами имкони иҷтиҳоди олимон бар пояи тақлиди онон] .......... 56
[Адами имкони вилояти мутлақаи фақиҳ] .......... 56
[Севвум; Тақлид аз аксарият] .......... 59
[Нодурустии гуфта ва кардаи аксари мардум] .......... 59
[Адами эътибори шӯҳрат] .......... 60
[Адами эътибори иҷмоъ] .......... 61
[Адами эътибори ҷумҳурият] .......... 62
[Чаҳорум; Тақлиди аз золимон] .......... 63
[Адами вуҷуби итоъат аз ҳокимони золим] .......... 64
[Табаъоти итоъат аз ҳокимони золим] .......... 66
[Ҷавози хуруҷ бар ҳокимони золим] .......... 68
[Панҷум; Тақлид аз кофирон] .......... 69
[Маншаъи қуввати кофирон ва табаъоти он] .......... 70
[Адами виҷоҳати пайравӣ мусалмонон аз кофирон] .......... 70
[Лузуми пайравии кофирон аз мусалмонон] .......... 72
[Пешинаӣ пайравии мусалмонон аз кофирон] .......... 73

[Равиши саҳиҳи муқобила бо кофирон] ..................................... 74
3. Аҳвоъи нафсонӣ ...................................................................... 76
[Лузуми тарки пешзеҳниятҳо] ................................................... 78
[Лузуми таслим шудан дар баробари ризоят ва кароҳати Худованд] .80
[Табаъоти пайравӣ аз аҳвоъи нафсонӣ] ..................................... 81
4. Дунёгарой ................................................................................. 83
[Маншаъи дунёгарой] ................................................................... 84
[Табаъот дунёгарой] ..................................................................... 85
5. Таъассуб ..................................................................................... 89
[Маншаъ ва табаъоти таъассуб] .................................................. 90
6. Такаббур ..................................................................................... 92
[Маншаъи такаббур] .................................................................... 93
[Табаъоти такаббур] ..................................................................... 95
[Такаббури аҳл илм] ..................................................................... 95
[Такаббури аҳли қудрат ва сарват] ............................................. 99
7. Хурофагарой ............................................................................ 101
[Хурофагарой дар мусалмонони аҳли тасаввуф] .................. 101
[Нақши мусалмонони аҳли тасаввуф дар густариши ақлгурезӣ] ............................................................................. 104
[Хурофагарой дар мусалмонони аҳли ташаюъ] .................... 108
[Хурофагарой дар мусалмонони салафӣ] ............................. 111
[Ҷамъбандии мавонеъи шинохт] .................. 111

**Бахши дуввум**

**Бозгашт ба Ислом; Зарурат ва имкон** .............. 113
Зарурати бозгашт ба Ислом .................................................. 115
Зарурати иқомаи Ислом ......................................................... 116
1. Иқомаи айни Ислом ............................................................ 116
2. Иқомаи кулли Ислом .......................................................... 119
[Имкони иқомаи кулли Ислом] ............................................ 122
[Машрут будани иқомаи бархӣ аҷзоъи Ислом ба иқомаи кулли он] ............................................................................. 125
Воқеъияти адами иқомаи Ислом ........................................... 126

**Бахши севвум**

**Бозгашт ба Ислом; Мавонеъ** ..................... 129

Асбоби адами иқомаи Ислом ................................................ 133

1. Ихтилофи мусалмонон ...................................................... 133

2. Ҳокимияти ғайри Худованд ............................................ 151

3. Омезиш бо милал ва фарҳангҳои ғайри Исломӣ .............. 164

4. Ривоҷи ҳадисгароӣ ............................................................ 171

5. Пайдойиши мазоҳиб ва рақобати онҳо бо якдигар ........... 182

6. Инҳитоти ахлоқӣ ............................................................... 191

7. Мумониъати душманони Ислом ....................................... 199

**Бахши чаҳорум**

**Бозгашт ба Ислом; Шинохти Ислом** ............. 209

Якум; Мафҳуми Ислом ......................... 211

Дуввум; Масодиқи Ислом ..................... 214

[Зарурати Паёмбарон] .......................................................... 214

[Шинохти Паёмбарон] ......................................................... 215

[Шинохти вопасин Паёмбар] ............................................... 216

[Мусалмон будани пайравони вопасин Паёмбар] ................. 218

[Эътиқодӣ будани Ислом] ................................................... 219

[Амалӣ будани имон] ........................................................... 220

[Шинохти фосиқ] ................................................................. 222

[Шинохти муртад] ............................................................... 223

[Шинохти мунофиқ] ............................................................ 223

[Шинохти мушрик] .............................................................. 225

Севвум; Манобеъи Ислом ..................... 231

Китоби Худованд ................................................................. 231

[Адами таҳрифи Қуръон] ..................................................... 231

[Ҳуҷҷияти завоҳир ва умумоти Қуръон] ............................... 232

[Адами ихтисоси фаҳми Қуръон ба гурӯҳе аз мардум] ......... 232

[Адами имкони таъорузи Қуръон бо ақл] ............................. 234

[Адами ихтисоси ҳуҷҷияти Қуръон ба Паёмбар] .................. 237

[Адами имкони насхи Қуръон бо суннати Паёмбар] ............ 238

[Адами имкони тахсиси Қуръон бо суннати Паёмбар] ......... 239

[Адами имкони таъмими Қуръон бо суннати Паёмбар] ........ 240
[Лузуми арзаи ривоёт ба Қуръон] ........................................... 241
Паёмбари Худованд ................................................................ 242
[Шуъуни Паёмбари Худованд] ................................................ 243
[Лузуми мурочиъаи мардум ба Паёмбари Худованд] ............ 247
[Лузуми пазириши мардум аз Паёмбари Худованд] ............. 248
[Лузуми исмати Паёмбари Худованд] .................................... 249
[Ҷавози саҳви Паёмбари Худованд] ...................................... 250
[Ҳуҷҷияти суннати Паёмбари Худованд барои ҳамеша] ....... 252
[Адами имкони дастрасӣ ба суннати Паёмбари Худованд пас аз ӯ] ..................................................................... 254
[Лузуми ҷаъли халифае барои Паёмбар бар Худованд] ........ 255
[Ҷаъли аҳли байти Паёмбар ба унвони халифаи ӯ] ............... 262
[Мурод аз аҳли байти Паёмбар бархӣ аз онон ҳастанд, на ҳамаи онон] ................................................................ 267
[Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусейн, мурод аз аҳли байти Паёмбар] 269
[Ҷаъли дувоздаҳ тан аз аҳли байти Паёмбар ба унвони халифаи ӯ] ................................................................ 273
[Лузуми эҳтиром ба асҳоби Паёмбар] .................................... 276
[Маҳдӣ вопасин халифаи Паёмбар] ...................................... 279
[Зоҳир набудани Маҳдӣ дар замин ва зарурати зуҳури ӯ] .... 283
[Иллати зоҳир набудани Маҳдӣ дар замин] .......................... 285
[Вуҷуби зоҳир кардани Маҳдӣ бар мардум] .......................... 289
[Чигунагии зоҳир кардани Маҳдӣ тавассути мардум] .......... 293
[Табаъоти зоҳир набудани Маҳдӣ барои мардум] ................. 296
[Тариқаи шинохти Маҳдӣ барои мардум] .............................. 298
Чаҳорум; Мабонии Ислом .................. 302
[Тавҳиди Худованд] ............................................................... 302
[Тавҳиди Худованд дар таквин] .............................................. 303
[Тавҳиди Худованд дар ташриъ] ............................................. 306
[Тавҳиди Худованд дар таҳким] ............................................. 309
[Табаъияти Худованд] ............................................................ 315
[Табаъияти Худованд дар ихбори Ӯ] ...................................... 315
[Набувват] ............................................................................. 315

[Малоъика] ........ 315
[Охират] ........ 316
[Табаъияти Худованд дар順 иншоъи Ӯ] ........ 318
[Намоз] ........ 319
[Закот] ........ 322
[Рӯза] ........ 326
[Ҳаҷ] ........ 327
[Ҷиҳод] ........ 330
[Амри ба маъруф ва наҳй аз мункар] ........ 337
**[Хотима]** ........ 338
**Феҳрести манобеъ** ........ 345

بسم الله الرحمن الرحيم

## Даромад

Худовандро чунонки боиста аст меситоям ва бар банда ва Паёмбари Ӯ Муҳаммад ﷺ чунонки шойиста аст дуруд мефиристам ва аммо баъд; Ҳадаф аз ин навиштор, заминасозии назарӣ барои бозгашти амалии мусалмонон ба Ислом, ба маънои иқомаи он пас аз изоъаи он тавассути онон аст; Бинобар ин фарз ки онон, иқомаи Ислом чунонки боядро тарк кардаанд, бо таваҷҷуҳ ба инки самароти он ба наҳве ки муқтазои иқомаи Ислом аст, дар миёни онон машҳуд нест, балки табаъоти таркаш дар миёнашон машҳуд аст ва бо ин васф, баҳсе дар зарурати бозгашти онон ба Ислом нест ва рӯшан аст ки ин бозгашт, аз тариқи шинохти Ислом ва муқоисаи он бо қироъате мумкин аст ки то кунун аз он доштаанд; Ҳамчунонки шинохти Ислом, бидуни меъёр ва бо вуҷуди мавонеъӣ ки бар сари роҳи он аст, мумкин нест ва бо ин васф, шинохти меъёр ва мавонеъи шинохти он, барои таҳсили яке ва рафъи дигаре зарурӣ аст. Аз ин рӯ, гуфтор дар бораи бозгашт ба Ислом, муқтазии гуфтор дар бораи чаҳор мавзӯъ аст:

Якум; Муқаддамоти шинохт, муштамал бар меъёр ва мавонеъи он, барои шинохти Ислом ва бозгашт ба он;

Дуввум; Зарурати бозгашт ба Ислом ва имкони он, ба маънои зарурат ва имкони иқомаи Ислом ба сурати комил ва холис пас аз изоъаи он тавассути мусалмонон;

Севвум; Мавонеъи бозгашт ба Ислом, ба маънои асбоб ва

давоии адами иқомаи он аз баъди Паёмбари Худованд то кунун;

Чорум; Шинохти Ислом, ба маънои шинохти ақойид ва аҳкоми он бар пояи яқиниёт ва барканор аз ваҳмиёт ва занниёт;

Дар ҳоле ки аз Худованд бояд ёрӣ хост ва бар Ӯ таваккул кард; Чунонки фармудааст: ﴿اسْتَعِينُوا بِاللَّهِ﴾;[1] <<Аз Худованд ёрӣ бигиред>> Ва фармудааст: ﴿فَعَلَيْهِ تَوَكَّلُوا﴾;[2] <<Пас бар Ӯ таваккул кунед>>; Чароки ҳар хайре ҳаст, аз ҷониби Ӯст ва ҷуз бо изни Ӯ воқеъ намешавад ва ситойиш барои Ӯст ки Парвардигори ҷаҳониён аст.

1. Аъароф/ 128.
2. Юнус/ 84.

# Бахши якум

## Бозгашт ба Ислом; Муқаддамот

## Муқаддимаи якум; Меъёри шинохт

Сухан дар бораи меъёри шинохт ба наҳви куллӣ ва табъан меъёри шинохти Ислом ба наҳви ҷузъӣ, муқтазии тақдими чанд муқаддима аст:

## 1. Зарурати меъёри шинохт

Барои шинохти ҳар чизе дар ҷаҳон, ба меъёре ниёз аст ва шинохти Ислом аз ин қоъида мустасно нест. Манзур аз шинохт, тамйизи як чиз аз чизи дигар аст, монанди тамйизи хуб аз бад, ё ҳақ аз ботил, ё саҳиҳ аз ғалат ва ин ҳангоме мумкин аст ки меъёре барои тамйиз вуҷуд дошта бошад. Рӯшан аст ки бидуни меъёр, қазоват мумкин нест ва агар фарзан мумкин бошад низ ҳар касе ба гунае қазоват хоҳад кард ва ин худ ниҳоятан қазоватро номумкин хоҳад сохт; Зеро бидуни меъёр, наметавон ташхис дод ки кадом қазоват дуруст ва кадом як нодуруст аст. Ихтилофи мусалмонон ки мояи заъфи онон ва қуввати душманонашон шудааст, метавонад ношӣ аз фиқдони меъёри шинохт ё адами илтизом ба он бошад ва ин ниёз ба меъёри шинохт ва илтизом ба онро беш аз пеш ошкор месозад.

## 2. Ваҳдати меъёри шинохт

Ихтилофи мусалмонон, маълули ихтилофи шинохти онҳо аз Ислом аст; Ба ин маъно ки афрод ва гурӯҳҳои мухталифи мусалмон, шинохтҳои мухталифе аз Ислом доранд ва шинохти дигарон аз онро бар наметобанд. Рӯшан аст ки раҳоӣ аз ин ихтилоф, бидуни дастёбӣ ба шинохтӣ воҳид мумкин нест ва барои дастёбӣ ба шинохтӣ воҳид, ба меъёрӣ воҳид ниёз

аст. Меъёрҳои мутаъаддид, шинохтҳои мутаъаддидеро эҷоб мекунанд ва шинохтҳои мутаъаддид, ихтилофро ба вуҷуд меоваранд ва ихтилоф барои мусалмонон хуб нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَاعْتَصِمُوا بِحَبْلِ اللَّهِ جَمِيعًا وَلَا تَفَرَّقُوا﴾;[1] <<Ҳамагӣ ба ресмони Худованд чанг дар занед ва мутафарриқ нашавед>> Ва ин низ гувоҳӣ бар он аст ки ресмони Худованд, воҳид аст; Чароки агар мутаъаддид буд, чанг задан ба он муҷиби иттиҳод намешуд, балки худ омили тафриқа буд!

Ба илова, бояд таваҷҷуҳ дошт ки ҳақ, моҳиятӣ воҳид ва ғайри қобили такассур дорад; Зеро дар ҳақиқати худ, чизе ҷуз вуҷуд нест ки зотӣ басит ва ғайри қобили таъаддуд дорад ва ин мусталзими ваҳдати шинахти он ва табъан ваҳдати меъёри шинохти он аст. Ба ибороти дигар, ҳақ таквин ё ташриъи Худованд аст ки аз ваҳдати зотии Ӯ нашъат гирифтааст ва аз ин рӯ, дар он ихтилофе вуҷуд надорад ва наметавон онро мухталиф ёфт; Чунонки Худованд дар бораи таквини худ фармудааст: ﴿مَا تَرَىٰ فِي خَلْقِ الرَّحْمَٰنِ مِنْ تَفَاوُتٍ﴾;[2] <<Дар хилқати Худованд ҳеҷ тафовуте намебинӣ>> Ва дар бораи ташриъи худ фармудааст: ﴿وَلَوْ كَانَ مِنْ عِنْدِ غَيْرِ اللَّهِ لَوَجَدُوا فِيهِ اخْتِلَافًا كَثِيرًا﴾;[3] <<Ва агар он аз назди ғайри Худованд буд, ҳатман дар он ихтилофи бисёре меёфтанд>>. Бинобарин, ҳақ чи таквини Худованд бошад ва чи ташриъи Ӯ, вуҷудӣ воҳид ва ғайри қобили таъаддуд дорад ки ҳар чизе ҷуз он ботил шумурда мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَمَاذَا بَعْدَ الْحَقِّ إِلَّا الضَّلَالُ﴾;[4] <<Пас чист баъд аз ҳақ ҷуз гумроҳӣ?!>>. Хулоса онки ҳақ, воҳид аст; Чароки маншаъи воҳиде дорад ва воҳид, шинохти воҳидеро иқтизо мекунад ва шинохти воҳид, меъёри воҳидеро ниёз дорад.

## Мункирони ваҳдати ҳақ ва меъёри шинохти он

Ваҳдати ҳақ ва шинохти он ва меъёре ки барои он лозим аст, аз масоъили зарурӣ аст ки тардид дар он маъно надорад. Бо ин ҳол, аз дербоз то кунун касоне будаанд ки дар он тардид доштаанд ва ҳтто онро инкор намудаанд.

1. Оли имрон/ 103.
2. Мулк/ 3.
3. Нисоъ/ 82.
4. Юнус/ 32.

### [Сӯфистоъиён]

Ба унвони намуна, мегӯянд дар Юнони бостон гурӯҳе будаанд ки барои ҳақ вуҷуди воҳиде намешинохтаанд ва онро тобеъи назари инсон мепиндоштаанд. Ба заъми ин гурӯҳ ки <<Сӯфистоъиён>> ном гирифтаанд, ҳақ чизе аст ки инсон онро ҳақ мешуморад ва метавонад онро гарчи бо неруӣ ҷадал ба исбот бирасонад. Ин ба он маъност ки ҳақ, вуҷудӣ собтит ва мустақил аз инсон надорад ва баста ба шинохти инсон аз он тағйир меёбад. Ба иборати дигар, ин шинохти инсон нест ки аз ҳақ табаъият мекунад, бал ин ҳақ аст ки тобеъи шинохти инсон аст ва агар инсон ҳаққеро нашиносад, дар воқеъ ҳаққе вуҷуд надорад!

### [Инсонмеҳварон]

Шояд ин <<Сафсата>>, навъе аз инсонмеҳварӣ бошад ки имрӯз низ бар ҷаҳони куфр ҳоким аст; Чароки имрӯз, ҷаҳони куфр таҳти таъсири файласуфони мулҳиде чун Мокёвелӣ (д.1527м) ки меросхурони сӯфистоъиён будаанд, арзишҳои ахлоқиро тобеъи аҳвоъи худ сохтаанд ва таъорифи ҷадиде аз мафоҳими бунёдин ироъа додаанд ки бо таъорифи фитрӣ ва торихии онҳо мутафовит аст. Ба унвони намуна, адолат ва озодӣ дар фарҳанги инон маъонии ҷадиде ёфтааст ки беш аз ҳар чиз мубтанӣ бар нисбиятгароӣ дар ҷаҳонбинии онҳост. Аз назари онҳо, дуруст монанди сӯфистоъиён, ҳақ тобеъӣ аз назари онҳост ва ҳар чизе ки бо манофеъи онҳо созгор бошад, хуб ва ҳар чизе ки бо манофеъи онҳо созгор набошад, бад аст! Рӯшан аст ки ин инсонмеҳварӣ, ҷунбише дар баробари Худомеҳварӣ аст ва касоне ки бунёни онро гузоштаанд, ба Худованд бовар надоштаанд; Чароки дар ҷаҳонбинии Илоҳӣ, Худованд маншаъи ҳақ аст ва инсон тобеъи ҳақ шумурда мешавад, дар ҳоле ки дар ҷаҳонбинии илҳодӣ, инсон маншаъи ҳақ аст ва Худованд нақше дар он надорад. Ба баёни дигар, эътиқод ба ваҳдонияти ҳақ, як эътиқоди тавҳидӣ аст ки аз эътиқод ба ваҳдонияити Худованд ба ҳайси маншаъи ҳақ нашъат гирифтааст, дар ҳоле ки эътиқод ба таъаддуди ҳақ, як эътиқоди ширкомез аст ки аз инкори ваҳдонияти Худованд ва эътиқод ба маншаъаҳои мутаъаддид барои ҳақ нашъат гирифтааст.

### [Тасвибгароён]

Бо ин васф, набояд аз вуҷуди ин ҷараён дар миёни кофирон

мутаъаҷҷиб буд; Чизе ки бояд аз он таъаҷҷуб кард, вуҷуди ин ҷарён дар миёни мусалмонон аст; Зеро гурӯҳе аз мусалмонон дар садаи дуввум ва севвуми ҳиҷрӣ, таҳти таъсири бархӣ авомили сиёсӣ дар замони ҳукмронии Умавиён ва бо ангезаи тасвиби ихтилофоти саҳоба, ин бовари илҳодиро ба мерос гирифтанд ва бовар ёфтанд ки ҳақ, тобеъи назари муҷтаҳид аст ва бо таъаддуди назари ӯ таъаддуд меёбад! Ба заъми ин гурӯҳ ки <<Мусаввиба>> номида шуданд, ҳар чизе ки муҷтаҳид онро ҳақ медонад, назди Худованд ҳам ҳақ аст ва ҳар чизе ки муҷтаҳид онро ҳақ намедонад, назди Худованд ҳам ҳақ нест! Бинобарин, муҷтаҳид тобеъи назари Худованд нест, балки Худованд тобеъи назари муҷтаҳид аст ва ҳаққро мутобиқи назари ӯ эҷод мекунад! Шояд тасаввур шавад ки ин назарияи шоз ва маҳҷур будааст ки гурӯҳӣ хурде аз мусалмонони ҷоҳил изҳор доштаанд, вале воқеъият он аст ки бештари Ашоъира ва бисёрӣ аз Мӯътазила ҳамин назарияро доштаанд ва аз касоне чун Абу Ҳанифа (д.150қ), Молик (д.179қ), Шофеъӣ (д.204қ), ва ибни Ҳанбал (д.241қ) низ дар ин гурӯҳ ёд шудааст ки албтта қатъӣ нест ва мавриди ихтилоф аст.[1]

## [Такассургароён]

Ба ҳар ҳол, ин рӯйкарди нодуруст, монанди бисёрӣ аз рӯйкардҳои нодурусти дигар ки дар миёни гузаштагон ривоҷ дошта, ба наслҳои пасин интиқол ёфтааст ва имрӯз низ дар миёни шуморе аз мусалмонон дида мешавад. Ба илова, ин рӯзҳо гурӯҳи дигаре пайдо шудаанд ки <<Такассургароён>> номида мешаванд ва ошкоро ба такассури ҳақ ва шинохти он бовар доранд ва тафосири мухталиф аз матни воҳидро саҳиҳ медонанд. Ҳеҷ шакке вуҷуд надорад ки ин ҷараён, як ҷараёни Исломӣ нест ва таҳти таъсири ҷараёнҳои илҳодӣ падид омадааст; Зеро ҳангоме ки ҷаҳони Ислом бо ҷаҳони куфр даромехт ва таъомул бо онро ҷойгузини тақобул бо он сохт, касоне аз мусалмонон ки шинохти камтаре аз Ислом ва илтизоми камтаре ба он доштанд, хоста ё нохоста, дар мавзеъи инфиъол қарор гирифтанд ва мабҳут аз ҷилваҳои фиребандаи дунявӣ дар ҷаҳони куфр, ранг ва бӯй ва

1. Ба унвони, намуна нигоҳ кун ба: Ғазолӣ, Ал-Мустасфо, с352; Омидӣ, Ал-Аҳком, ҷ4, с184; Фхрулддини Розӣ, Ал-Маҳсул, ҷ6, с34; Заркашӣ, Ал-Баҳрул муҳит, ҷ4, с535.

маззаи кофиронро ёфтанд. Бо ин ҳол, наметавон ин рӯйкардро ба таври комил армағони ҷаҳони куфр донист; Чароки решаҳои он миёни худи мусалмонон дар садаҳои нахустини Исломӣ қобили радёбӣ аст ва ташобеҳи онҳо бо якдигар лузуман ба маънои иртиботи онҳо бо ҳам нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يُضَاهِئُونَ قَوْلَ الَّذِينَ كَفَرُوا مِن قَبْلُ﴾;[1] <<Монанди сухани касонеро мегӯянд ки пештар кофир шуданд>> Ва фармудааст: ﴿كَذَٰلِكَ قَالَ الَّذِينَ مِن قَبْلِهِم مِّثْلَ قَوْلِهِمْ ۘ تَشَابَهَتْ قُلُوبُهُمْ﴾;[2] <<Ин гуна гуфтанд касоне ки пеш аз инон буданд монанди гуфторашон, дилҳояшон шабеҳи ҳам аст>>!

Ба ҳар ҳол, ончи мусаллам аст ин аст ки ҳақ, вуҷудӣ воҳид ва мушаххас аст ва қобилияти таъаддуд ва такассур надорад ва аз ин рӯ, шинохти воҳидеро иқтизо мекунад ва меъёри воҳидеро металабад.

### 3. Бедоҳати меъёри шинохт

Манзур аз меъёри шинахт чизе аст ки худ ба худ шинохта аст ва муҷиби шинохти чизҳои дигар мешавад; Ба ин маъно ки барои шинохти он ба чизи дигаре ниёз нест ва чизҳои дигар ба василаи он шинохта мешаванд; Монанди нур ки худ ба худ дида ва муҷиби дидашудани чизҳои дигар мешавад. Ин ба он маъност ки меъёри шинохт, худ ниёзе ба шинохт надорад; Чароки агар худ ниёзе ба шинохт дошта бошад, шинохти он низ худ ба меъёре ниёзманд хоҳад буд ва ин ба маънои тасалсул аст ки имкон надорад. Шинохтҳои инсон ногузир бояд ба шинохтӣ бадеҳӣ мунтаҳӣ шаванд ки маншаъи ҳамаи шинохтҳо аст ва худ аз шинохте ношӣ нашудааст; Зеро чизе ки худ ниёз ба шинохт дорад, наметавонад меъёри шинохт бошад; Бо таваҷҷуҳ ба инки худ ба меъёри шинохт ниёзманд аст. Бо ин васф, касоне ки чунин чизеро меъёри шинохти худ қарор медиҳанд, набояд ба шинохти худ мутмаъин бошанд; Чароки шинахти онон суст ва бепоя аст; Монанди касе ки бунёни худро бар рӯи рег сохта ва мумкин аст ҳар замон дар он фурӯ равад; Ё монанди касе ки Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿أَمْ مَنْ أَسَّسَ بُنْيَانَهُ عَلَىٰ شَفَا جُرُفٍ هَارٍ فَانْهَارَ بِهِ فِي نَارِ جَهَنَّمَ﴾;[3] <<Ё касе ки бунёни худро бар лабаи сусти партгоҳе сохтааст ки

1. Тавба/ 30.
2. Бақар/ 118.
3. Тавба/ 109.

ногоҳ дар оташи дӯзах фурӯ равад>>!

## Ақл; Меъёри шинохт

Инсон ҳайвонӣ мутамойиз аст ва ваҷҳи тамоюзи ӯ неруйе аст ки дар нафси ӯ пинҳон ва ӯро бештар аз ҳар ҳайвони ёфташудаӣ дигаре, қодир ба шинохти суд ва зиёни худ сохтааст то бо дастёбӣ ба суди худ бар бақойи худ биафзояд ва бо дурӣ аз зиёни худ аз заволи худ ҷилавгирӣ кунад. Ин неруӣ пӯшида, <<Ақл>> ном дорад. Тардиде нест ки ҷисми инсон, барои бартарии ӯ бар мавҷудоти дигар кофӣ нест; Чароки дар муқоиса бо ҷисми бисёрӣ аз онҳо нотавонтар ва осебпазиртар аст ва бартарии хос ва қобили тавҷиҳе надорад. Руҳи ӯ низ ба маънои неруӣ ношинохта ки муҷиби ҳаракат ва рушди ҷисмонии ӯ мешавад, бо руҳи сойири ҳайвонот муштарак аст ва наметавонад барои бартарии ӯ бар сойири ҳайвонот ки монанди ӯ ҳаракат ва рушди ҷисмонӣ мекунанд, кофӣ бошад. Танҳо чизе ки дар инсон ҳаст ва дар мавҷудоти дигар ёфт намешавад, ақл аст ки тавононйии дарки мафоҳими куллӣ ва тадбиқи онҳо бар масодиқи ҷузъиро дорад ва бо кӯшише ки <<Тафаккур>> номида мешавад, аз чизҳое ки мешиносад ба чизҳое ки намешиносад роҳ меёбад. Шояд ин неру дар ҳайвоноти дигар низ мавҷуд бошад, вале мусалламан дар инсон бештар аст ва ба ҳамин далил, ӯро бар ҳайвоноти дигар мусаллат сохтааст. Агар ҳайвони дигаре вуҷуд дошт ки бештар аз инсон мефаҳмид, бидуни шак бар инсон тасаллут меёфт ва ӯро дар хидмати худ мегирифт, дар ҳоле ки чунин итифоқе наяфдода ва султаи инсон бар ҳайвоноти дигар машҳуд аст. Ин бартарии инсон танҳо раҳоварди ақли ӯст ва имтиёзи дигаре барои ӯ дида намешавад. Аз ин рӯ, инсоне ки фоқиди ақл аст ё аз ақли худ баҳраи кофӣ намебарад, бар сойири ҳайвонот бартарӣ надорад, балки аз онҳо пасттар аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أُولَٰئِكَ كَالْأَنْعَامِ بَلْ هُمْ أَضَلُّ ۚ أُولَٰئِكَ هُمُ الْغَافِلُونَ﴾;[1] <<Онон монанди чаҳорпоёнанд, балки онон гумроҳтаранд; Онон ҳамоно бехабаронанд>>!

Бо таваҷҷуҳ ба ин воқеъият, танҳо чизе ки метавонад меъёри шинахти инсон бошад <<Ақл>> аст; Чароки ақл, танҳо абзори

1. Аъроф/ 179.

шинохти одамӣ аст ва қувваи мудрикае ҷуз он дар нафси ӯ вуҷуд надорад. Ба иборати дигар, барои ақл ҷойгузине нест ки дар арзи он қарор дошта башад ва битавонад аз он бениёз кунад ва ин як амри маҳсус ва виҷдонӣ аст. Вонгаҳе шинохти инсон амалан ба василаи ақл анҷом мешавад ва ризоят ё кароҳати ӯ таъсире бар ин воқеъият надорад; Чароки ин воқеъият, хислати зотии инсон ва хилқати Парвардигори Ҳаким аст ва бо ин авсоф, тағйири он тавассути инсон, мумкин нест. Ба ин тартиб, ақл аслитарин ва ибтидоитарин мабнои шинохт аст ва ҳар шинохте ки мустақим ё ғайри мустақим ба ақл намеанҷомад, бемаъност. Мабонии дигар, агар вуҷуд дошта бошанд, худ ба ақл боз мегарданд; Чароки бидуни ақл шинохта намешаванд ва ҷуз барои оқилон коройӣ надоранд; Ҳамчунонки шаръ, агарчи бисёр судманд аст, худ ба василаи ақл шинохта мешавад ва танҳо оқилонро мухотаб сохта ва масалан фармудааст: ﴿فَاتَّقُوا اللَّهَ يَا أُولِي الْأَلْبَابِ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ﴾;[1] <<Аз Худо битарсед эй соҳибони ақлҳо, бошад ки растгорӣ ёбед>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَآيَاتٍ لِأُولِي الْأَلْبَابِ﴾;[2] <<Ҳамоно дар хилқати осмонҳо ва замин ва омаду шуди шабу рӯз, нишонаҳое барои соҳибони ақлҳост>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾;[3] <<Танҳо соҳибони ақлҳо панд мегиранд>>!

## Ваҳдати ақл

Ақл, гавҳари якдонае аст ки миёни фарзандони Одам муштарак аст ва мабнои ихтиёри фардӣ ва масъулияти иҷтимоии онон ва ҳалқаи итисолашон ба якдигар маҳсуб мешавад ва аз онҷо ки маншаъи воҳиде дорад, идрокоти воҳиде низ дорад ва миёни афроди он, ихтилофе нест. Маншаъи ақл, Парвардигори ҷаҳониён аст ки худ ақли маҳз ва раъиси оқилон аст ва дар афъоли Ӯ мунофоте нест. Аз ин рӯ, оқилон дар саросари ҷаҳон бо ҳар нажод ва забон ва фарҳанге, дар назариёте ки ба ақл истинод дорад, иттифоқ доранд ва ду нафар аз онон бо ҳам ихтилоф намекунанд. Ба унвони мисол, ҳамаи онон итифоқ доранд киончи ҳис мешавад вуҷуд дорад ва кул аз ҷузъ бузургтар аст ва иҷтимои ду нақиз муҳол аст ва ҳодис ба муҳдис ниёзманд аст

1. Моъида/ 100.
2. Оли Имрон/ 190.
3. Раъд/ 19.

ва хабари мутавотир саҳиҳ аст ва зулм бад аст ва адл хуб аст ва монанди он. Ин ба он маъност ки ақл, вуҷудӣ воҳид аст ва аз ин ҳайс, салоҳияти онро дорад ки меъёри шинохт воқеъ шавад то бо илтизом ба он, ихтилофи оқилон ба итифоқ табдил гардад.

## [Маротиби ақл ва идрокоти он]

Ҳар чанд барои он, маротиби мутаъаддид ва ақдори мутафовите вуҷуд дорад, вале возеҳ аст ки ихтилофи маротиб ва ақдори он, ба ваҳдати он ба унвони мабнои шинохт, осебе намерасонад; Монанди нур ки шидат ва заъф дорад, вале дар ҳамаи маротиб ва ақдори худ мабнои мушоҳида шумурда мешавад. Ба илова, ақл ба маънои неруӣ андеша ва доноӣ, агар чи дар бархӣ инсонҳо бештар аз бархӣ дигар аст, дар ҳамаи инсонҳо ба қадри кофӣ вуҷуд дорад ва ҳамин барои ваҳдати он ба унвони меъёри шинохт кофӣ аст; Зеро Худованди одил, ба ҳар инсони мукаллафе баҳраи кофӣ аз ақл бахшида ва зиёдии он дар бархӣ, фазле аст ки ба онон бахшидааст, беонки зулме ба бархӣ дигар бошад; Чунонки фармудааст: ﴿وَاللَّهُ يُضَاعِفُ لِمَنْ يَشَاءُ ۗ وَاللَّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ﴾;[1] <<Худованд барои ҳар кас ки хоҳад меафзояд ва Худованд вусат диҳандаи доност>>! Ҳамчунонки ақли бархӣ инсонҳо, дар фароядӣ табиъӣ ва мутақобил, ақли бархӣ дигарро комил мекунад; Чароки онҳо бо якдигар дар таъомуланд ва аз тариқи ҳамандешӣ, ақлӣ ҷамъеро падид меоварнад ки нуқсони ақлӣ фардиро ҷуброн мекунад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَرَفَعْنَا بَعْضَهُمْ فَوْقَ بَعْضٍ دَرَجَاتٍ لِيَتَّخِذَ بَعْضُهُمْ بَعْضًا سُخْرِيًّا﴾;[2] <<Ва бархеро бар бархӣ дигар дар рутба бартарӣ додем то бархешон бархӣ дигарро ба хидмат бигиранд>>!

Албатта идрокоти ақл дар ҳеҷ инсоне басит нест, бал баста ба миқдори илм ва мавонеъаш дар ӯ, маротиби мухталифе дорад ки шомили ваҳм ба маънои эҳтимоли мағлуб, шак ба маънои эҳтимоли мутасовӣ, занн[3] ба маънои эҳтимоли ғолиб ва яқин ба маънои адами эҳтимоли хилоф мешавад. Бо ин ҳама, ҳар чанд ҳамаи онҳо аз ақл бар мехезанд, ин танҳо яқин аст ки меъёри шинохт шумурда мешавад; Чароки ваҳм, шак ва занн, каму беш бо эҳтимоли хилофи худ таъоруз доранд ва бо ин

1. Бақара/ 261.
2. Зухруф/ 32.
3. [Гумон] ношир.

васф, худ ба меъёре барои шинохт ниёзманданд то дурустии яке аз ду эҳтимоли мавҷуд дар онҳо шинохта шавад ва он меъёр ҳамоно яқин аст ки эҳтимоли хилофе дар он нест ва бо ин васф, ҳуҷҷияти он зотӣ ва бадеҳӣ аст. Аз инҷо дониста мешавад ки мабнои шинохти инсон, танҳо яқин аст ва ҳар шинохте ки ба яқин боз намегардад, эътиборе надорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الظَّنَّ لَا يُغْنِي مِنَ الْحَقِّ شَيْئًا﴾;[1] <<Ҳароина занн чизеро аз ҳақ бениёз намекунад>> Ва ин дар ҳоле аст ки занн, қавитарин идроки инсон пас аз яқин аст ва идрокоти дигари ӯ, ба маротиб аз он заифтаранд ва табъан ба тариқи авло, ҳуҷҷат шумурда намешаванд.

## Бедоҳати ақл

Ақл хостгоҳи аслии маърифат ва меъёри нухустини илм аст ва ҳуҷҷияти он ба таври қатъ бадеҳӣ аст; Чароки тасаввури он ҷуз бо тасдиқи он мумкин нест ва тасдиқи он аз тасаввури он ҷудоӣ намепазирад. Балки метавон гуфт: Ҳуҷҷият худ як мақулаи ақлӣ аст ва маъное ҷуз кошифият аз воқеъ барои ақл надорад ва бо ин васф, исботи ҳуҷҷият барои ақл, монанди исботи ҳуҷҷият барои ҳуҷҷият аст! Ба баёни дигар, ҳуҷҷияти ҳар чизе ки барои исботи ҳуҷҷияти ақл ба он истедлол шавад, аз ҳуҷҷияти ақл ошкортар нест ва исботи он ба субути ҳуҷҷияти ақл ниёзманд аст; Ҳамчунонки масалан шаръ барои онки битавонад ҳуҷҷияти ақлро исбот кунад, нахус бояд ҳуҷҷияти худаш исбот шавад; Чароки ҳуҷҷияти он аз ҳуҷҷияти ақл равшантар нест, дар ҳоле ки барои исботи ҳуҷҷияти он абзоре ҷуз ақл вуҷуд надорад ва исботи ҳуҷҷияти он бо худаш низ бемаъност. Оре, ақл ҳуҷҷияти шаръро исбот мекунад ва аз ин рӯ, ҳангоме ки меъёри шинохт шумурда мешавад, табиъатан шаръро дар бар мегирад ва бо ин васф, ном бурдан аз шаръ дар канори он ба унвони меъёри шинохт, зарурӣ нест ва танҳо ном бурдан аз хос дар канори ом ё лозим дар канори малзум барои таъкид аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَمْ تَحْسَبُ أَنَّ أَكْثَرَهُمْ يَسْمَعُونَ أَوْ يَعْقِلُونَ ۚ إِنْ هُمْ إِلَّا كَالْأَنْعَامِ ۖ بَلْ هُمْ أَضَلُّ سَبِيلًا﴾;[2] <<Ё мепиндорӣ ки бештари онон гӯш месупоранд ё ақлро ба кор мебаранд?! Онон ҷуз монанди чаҳорпоён нестанд, балки онон гумроҳтаранд>> Ва фармудааст: ﴿وَقَالُوا لَوْ كُنَّا نَسْمَعُ أَوْ نَعْقِلُ مَا كُنَّا فِي أَصْحَابِ

1. Юнус/ 36.
2. Фурқон/ 44.

﴿السَّعِيرِ﴾;[1] <<Ва гӯянд агар гӯш месупурдим ё ақлро ба кор мебастем дар ёрони оташ набудем>> Ва фармудааст: ﴿أَفَلَمْ يَسِيرُوا فِي الْأَرْضِ فَتَكُونَ لَهُمْ قُلُوبٌ يَعْقِلُونَ بِهَا أَوْ آذَانٌ يَسْمَعُونَ بِهَا ۖ فَإِنَّهَا لَا تَعْمَى الْأَبْصَارُ وَلَٰكِن تَعْمَى الْقُلُوبُ الَّتِي فِي الصُّدُورِ﴾;[2] <<Оё пас дар замин гардиш накарданд то барояшон дилҳое бошад ки бо он таъаққул кунанд ё гӯшҳое бошад ки бо он истемоъ кунанд?! Пас бегумон дидагон нобино нест, вале дилҳое ки дар синаҳост нобиност>>, бо таваҷҷуҳ ба инки гӯш супурданд, ахзи ба шаръ аст ва бо ба кор бастани ақл мулозима дорад, бал ҷуз бо ба кор бастани ақл ки дар китоби Худованд <<Қалб>> номида шудааст, мумкин нест.

Аз инҷо метавон гуфт, касоне ки дар ҳуҷҷияти ақл ба дидаи тардид менигаранд ё онро инкор мекунанд, дар воқеъ коре ҷуз исботи онро анҷом намедиҳанд; Чароки тардид дар ҳуҷҷияти ақл ва инкори он, бидуни ҳуҷҷияти ақл мумкин нест ва нафйӣ он, мусталзими исботи он аст!

## Мункирони ҳуҷҷияти ақл

Ҳуҷҷияти ақл ва меъёр будани он барои шинохт, аз масоъили зарурӣ аст ки тардид дар он маъно надорад. Бо ин ҳол, аз дербоз то кунун касоне будаанд ки дар он тардид доштаанд ва ҳтто онро инкор намудаанд.

## [Олимони масеҳӣ]

Ба унвони намуна, олимони масеҳӣ ки қиёдати калисоро бар ӯҳда гирифтаанд, аз ҷумлаи касоне ҳастанд ки ба ҳуҷҷияти ақл бовар надоранд ва онро меъёри шинохт намешуморанд. Инон аз садаи чаҳоруми мелодӣ то кунун ки бовар ёфтаанд Масеҳ, Худованд аст ва дар айни ҳол, фарзанди Худованд аст, бо ҳуҷҷияти ақл видоъ кардаанд; Чароки эътиқод ба Худовандии Масеҳ дар айни фарзандии ӯ барои Худованд, таноқузӣ ошкор аст ки ба ҳеҷ рӯй назди ақл пазируфта нест ва касоне ки чунин эътиқоде доштаанд наметавонистаанд ба ақл, эътинойе дошта бошанд. Онон аз дербоз то кунун, бар ин асл пой фишурдаанд

1. Мулк/ 10.
2. Ҳаҷ/ 46.

ки Худои воҳид, се шахс аст: Падар, писар ва руҳул қуддус[1] ва ин дуруст ба он мемонад ки бигуянд: Як бо се баробар аст! Тардиде нест ки чунин боваре аз муҳолтарини муҳолҳост ва ақл наметавонад ваҳдонияти Худованд бо ваҷуди Худовандии падар, писар ва руҳул қуддусро дарк кунад. Илова бар ин, бовар ба пайдоиши Худованд аз худаш, табдили Худованд ба инсон, азалияти Масеҳ бо вуҷуди тавалуд аз Марям ва фадо шудани Масеҳ барои бахшоиши гуноҳон ва боварҳои дигарӣ аз ин даст, масеҳиятро ба динӣ мутаноқиз ва ақлситез табдил сохтааст. Аз ин рӯ, арбоби калисо бовар ёфтаанд ки маъқул будан барои ақида зарурӣ нест; Чароки имон, як мақулаи қалбӣ аст ва ниёзе ба мутобиқати он бо ақл вуҷуд надорад. Дар воқеъ аз нигоҳи инон, меъёри шинохт, ақл нест, балки нусуси динӣ аст ва аз онҷо ки нусуси динӣ чунин таноқузотеро таъйид мекунад, эътиқод ба онҳо зарурӣ аст.[2]

## [Аҳли ҳадиси мусалмон]

Ривоҷи ин рӯйкарди мутаноқиз ва ақлситезона дар ҷавомеъи моддагаро ва таҷрибамеҳвари ғарбӣ аҷиб аст, вале аҷибтар аз он, ривоҷи рӯйкардӣ мушобеҳ дар миёни мусалмонон аст ки масеҳиёнро ба сабаби доштани ин рӯйкард, маломат мекунанд! Ба таври мушаххас, гурӯҳе аз мусалмонон дар садаи дуввум ва севвуми ҳиҷрӣ, дар зиддият бо гурӯҳҳое монанди мӯътазила ва асҳоби раъй падид омаданд ки монанди масеҳиён, ҳуҷҷияти ақлро инкор карданд ва бовар ёфтанд ки ақл наметавонад меъёри шинохт бошад. Ба заъми ин гурӯҳ ки <<Аҳли ҳадис>> номида шуданд, меъёри шинохт, нусуси динӣ аст ва ҳар ақида ё амале ки ривоятӣ воҳид дар таъиди он ваҷуд дошта бошад ҳақ аст, агар чи бар хилофи ақл бошад. Ин дар ҳоле буд ки аз як сӯ, ривоёти саҳиҳи фаровоне дар бораи ҳуҷҷияти ақл ва лузуми корбурди он ба онон расида буд ки амдан бо бе эътиноӣ ва эърози онон рӯ ба рӯ шуд[3] ва аз сӯӣ дигар, ба дунболи салтанати Умавиоён ва рақобатҳои сиёсӣ ва мазҳабии се насли нухуст, ривоёти маҷъул ва мутаноқизи фаровоне дар миёни онон ривоҷ ёфта буд ки бо

1. Нигоҳ кун ба: Маҷмауъл Каноисул Ал-Шарқия, Қомусул китобул муқаддас, с232.
2. Нигоҳ кун ба: Мамбаи қабли, с233.
3. Чунонки ба унвони намуна, бархӣ аз ин ривоётро Ибни Абӣ Дунё (д.281қ) дар китоби Ал-ақлу ва фазлеҳӣ гирд овардааст.

меъёрҳои худсохтаи онон саҳиҳ менамуд. Ин ривоёти маҷъул ва мутаноқиз ки умдатан бо ақл мунофот дошт, ононро ба ин бовар расонда буд ки миёни ақл ва шаръ мулозимае вуҷуд надорад, балки шаръ бо ақл мухолиф аст! Аз нигоҳи онон, шаръ ҷойгузини ақл буд; Ба ин маъно ки бо вуҷуди шаръ ниёзе ба ақл набуд. Аз ин рӯ, ба коргирии ақл дар фаҳми шаръро бидъат шумориданд ва ақлгароёнро ба мухолифат бо нусуси динӣ мутаҳам намуданд. Ба бовари инон, ақл, чи барои шинохти сиҳати ривоёт ва чи барои шинохти маънои онҳо, корой надошт ва ин ба маънои он буд ки як ривояти номаъқул метавонист саҳиҳ бошад ё як ривояти саҳиҳ метавонист маънои номаъқул дошта бошад; Ҳамчунонки масалан ривоёти нишондиҳандае аз вуҷуди ҷиҳат, ҳаракат ва ҷавореҳ барои Худованд, бо онки ба таври қатъ номаъқул буд, саҳиҳ шумурда шуд ва ба ин тартиб, ақойиди мусалмононро ба ақойиди мушрикон наздик сохт! Рӯшан аст ки ин рӯйкард, дақиқан мушобеҳи рӯйкарде буд ки каме онтарафтар дар берун аз ҷаҳони Ислом, олимони масеҳӣ дар пеш гирифта буданд, то бо пофишорӣ бар завоҳири нусуси динӣ ва инкори ҳуҷҷати ақл, заминаро барои ривоҷи ақойиди ширкомез фароҳам созанд.

## [Салафиёни мусалмон]

Мутаъассифона ин рӯйкард, бо онки бисёрӣ аз олимони мусалмон дар садаҳои нахустини Исломӣ бо он мувофиқ набуданд, тахти ҳимояти ҳукумати Аббосиён аз замони Мутаваккил (д.247қ) ва низ таблиғоти гурӯҳе аз ҳанобила ки худро пайравони салаф мешумурданд, ба ҳаёти худ идомд дод ва ба наслҳои пасини Исломӣ мунтақил шуд, то инки имрӯз ба гурӯҳе мавсум ба <<Салафия>> расидааст. Инон ки худро ворисони <<Аҳли ҳадис>> мешуморанд, ақлситезиро аз пешвоёни чун ибни Таймия (д.728қ) ба мерос бурдаанд ва бо ҳидояти касоне чун ибни Абдулваҳҳоб (д.1206қ), дар ду ҷиҳат афзоиш додаанд: Аз ҷиҳате ақлро натанҳо дар шинохти ривоёти амалӣ ки нозир ба аҳкоми динӣ ҳастанд ҳуҷҷат намедонанд, бал дар шинохти ривоёти назаре ки нозир ба ақойиди динӣ ҳастанд низ таътил кардаанд ва бовар ёфтаанд ки ақойиди динӣ, ниёзе ба далоили ақлӣ надоранд ва метавонанд мубтанӣ бар ривоёти заннӣ бошанд; Чароки ба фикри инон, ривоёти заннӣ, ҳаргоҳ бо

меъёрҳои худсохтаи онон саҳиҳ шумурда шаванд, муҷиби яқин ҳастанд! Дар ҳоле ки ин, бар хилофи назари аксари аҳли илм аст ва касоне чун Шофеъӣ (д.204қ) ва ҷумҳури аҳли фиқҳ ва назар таъкид доштаанд ки ҷуз ончи судураш аз ҷониби Худованд бе ҳеҷ хилофе қатъӣ аст, муҷиби яқин намешавад.[1] Бал касоне чун Нававӣ (д.676қ) ба дурустӣ таъкид кардаанд ки чунин боваре чизе ҷуз мукобира[2] дар баробари маҳсус нест[3]. Аз ҷиҳати дигар, инон натанҳо мутобиқати ривоёт бо ақлро зарурӣ надонистаанд, балки мутобиқати онҳо бо Қуръон ки асилтарин насси динӣ ва мутобиқи ақл астро низ лозим нашумрдаанд, то ба ин равиш ҳеҷ таъаллуқе ба ақл ва оқил ва маъқул боқӣ намонад ва замина барои ривоҷи ақойиди хурофӣ ва ширкомези онон фароҳам гардад. Инон бо бепарвоии аҷибе таъкид кардаанд ки ривоёти заннӣ, натанҳо ҳукми ақлро насх мекунанд, балки носихи Қуръон низ ҳастанд,[4] дар ҳоле ки Қуръон китобӣ яқинӣ аст ва насхи он бо ривоёти заннӣ маъқул нест. Ба илова, бар хилофи назари ҷумҳури салаф ва ҳатто бар хилофи назари пешвоёне аст ки инон худро пайрави онон мешуморанд! Чунонки масалан Молик ибни Анас (д.179қ) насхи Қуръон бо суннатро ҷойиз намедонист[5] ва Шофеъӣ (д.204қ) низ дар ин бора бо ӯ ҳамназар буд[6] ва Аҳмад ибни Ҳанбал (д.241қ) мегуфт ки суннат муфассир ва мубаййини Қуръон аст на ҳоким бар он ва эътиқод ба ҳукумати суннат бар Қуръонро <<Ҷасоратӣ аҷиб>> мешумурд![7] Дидгоҳи абу Ҳанифа (д.150қ) низ дар ин бора комилан рӯшан буд; Чароки ӯ ба таври куллӣ эътибори чандоне барои ин қабил ривоёт қоъил набуд ва ақлро ҳтто дар ҳавзаи аҳком бар онҳо тарҷеҳ медод! Бо ин васф, рӯйкарде ки ин гурӯҳ дар пеш гирифтаанд, бештар ба рӯйкарди пешвоёни масеҳӣ мемонад то пешвоёни мусалмон ва дар амал низ ҳамон натоиҷеро дар ҷомеъаи Исломӣ падид оварда ки дар ҷомеъаи масеҳӣ падид омадааст; Зеро ба унвони мисол, эътиқод ба инки Худованд мисли махлуқоти худ нест ва

1. Нигоҳ кун ба: Ибни Абдулбир, Атамҳид, ҷ1, с7.
2. [Қабул накардан аз рӯӣ такаббур].
3. Нигоҳ кун ба: Нававӣ, шарҳи саҳеҳ Муслим, ҷ1, с132.
4. Ба унвони намуна, нигоҳ кун ба: Албонӣ, Ирвоъул ғалил, ҷ1, с322.
5. Нигоҳ кун ба: Ғаззолӣ, Ал-Манхул, с387.
6. Нигоҳ кун ба: Усулул Сарахсӣ, ҷ27, с143; Бадрул Ъайнӣ, Умдатул Қорӣ, ҷ1, с31.
7. Нигоҳ кун ба: Хатиби Бағдодӣ, Ал-Кифояту фий илмил ривоя, с30.

дар айни ҳол, ҷиҳат ва ҳаракат ва ҷавореҳи ҳақиқӣ дорад, ҳамон андоза мутаноқиз аст ки эътиқод ба ваҳдонияти Худованд дар айни Худовандии падар, писар ва руҳул қуддус! Бо ин ҳол, салафиён бо истинод ба ривоёти заннии худ, ин қабил боварҳои ширкомезро тарвиҷ медиҳанд, ҳамчунонки масеҳиён бо истинод ба ривоёти заннии худ, дақиқан ҳамин корро анҷом медиҳанд! Бал салафиён, ақлситезиро ба ҷойе расонидаанд ки бо истинод ба ривоёти заннӣ, маҳсусотро низ инкор мекунанд; Ҳамчунонки ба унвони мисол, куравияти замин ва гардиши он ба гирди хуршедро инкор мекунанд ва ҳанӯз мӯътақиданд ки хуршед ба гирди замин мегардад![1] Ман худ бо яке аз уламои онон дар ин бора гуфтугӯ кардам ва бурояш тавзеҳ додам ки куравияти замин ва гардиши он ба гирди хуршед, аз мутавотирот аст, бал аз маҳсусот аст ки тардид дар онҳо сафсата аст, вале ӯ ба ман гуфт ки ҳатто агар бо чашми худ куравият ва гардиши онро мушоҳида кунад, тасдиқ намекунад; Чароки ба заъми ӯ бо ривоёт мухолиф аст! Ин рӯйкард ки ба рӯйкарди калисо дар қуруни вусто шабоҳат дорад, нишон диҳандаи мизони ақлситезии ин гурӯҳ аст. Дар ҳоле ки ақлситезӣ, мусталзами Худоситезӣ аст; Зеро ақл, махлуқи Худост ва танҳо василае аст ки барои шинохт дар инсон қарор додааст ва бо ин васф, зиддият бо он, ба маънои зиддият бо ирода ва феъли Ӯст! Касоне ки ақлро рақиби шаръ мепиндоранд, аз ин воқеъияти бузург ғофиланд ки ақл ва шаръ аз як маншаъ нашъат гирифтаанд ва ҳарду махлуқи Худои воҳиданд! Оё дар хилқати Худои воҳид ихтилоф аст ва бархӣ махлуқоти Ӯ бархӣ дигарро нақз мекунанд?! Рӯшан аст ки чунин нест; Чароки афъоли Худованд аз рӯйи ҳикмат аст ва ҳеҷ як дигареро нақз намекунад; Чунонки худ фармудааст: ﴿مَا تَرَىٰ فِي خَلْقِ الرَّحْمَٰنِ مِنْ تَفَاوُتٍ﴾;[2] <<Дар хилқати Худованд ҳеҷ таноқузе намебинӣ>>! Ба ибороти дигар, касе ки шаръро фиристода, ҳамон касе аст ки ақлро офарида ва бо ин васф, таноқузи ақл ва шаръ, муҳол аст. Касоне ки ақл ва шаръро дар тазод мешуморанд, нодониста ба зиндиқа рӯй овардаанд ва Холиқи ақро аз Холиқи шаръ ҷудо пиндоштаанд! Эътиқод ба тазодди ақл ва шаръ, як эътиқоди ширкомез аст ки дар баробари эътиқоди тавҳидӣ падид

1. Нигоҳ кун ба: Бин Боз, Ал-Адилатун нақлия вал ҳисия ало ҷараёни шамси ва сукунил арз.
2. Мулк/ 3.

омадааст; Чароки вуҷуди дугонагӣ дар олам ва зиддияти таквин бо ташриъ, танҳо бар пояи илҳод пазируфтанӣ аст! Ҳеҷ шакке нест ки шаръ бо ақл мувофиқ аст ва ба рӯшанӣ онро тасдиқ мекунад, балки ба сӯи он фаро мехонад ва ториконашро бим медиҳад; Чунонки ба унвони мисол мефармояд: ﴿إِنَّا أَنْزَلْنَاهُ قُرْآنًا عَرَبِيًّا لَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ﴾;[1] <<Мо онро Қуръонӣ Арабӣ фуру фиристодем бошад ки шумо ақлро ба кор бандед>> Ва мефармояд: ﴿كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ اللَّهُ لَكُمْ آيَاتِهِ لَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ﴾;[2] <<Ин гуна Худованд оёташро бароятон табйин мекунад то бошад ки шумо ақлро ба кор бандед>> Ва мефармояд: ﴿إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَاتٍ لِقَوْمٍ يَعْقِلُونَ﴾;[3] <<Ҳамоно дар он нишонаҳое барои гурӯҳе аст ки ақлро ба кор мебанданд>> Ва мефармояд: ﴿إِنَّ شَرَّ الدَّوَابِّ عِنْدَ اللَّهِ الصُّمُّ الْبُكْمُ الَّذِينَ لَا يَعْقِلُونَ﴾;[4] <<Ҳамоно бадтарини ҷумбандагон назди Худованд карҳо ва гунгҳойе ҳастанд ки ақлро ба кор намебанданд>> Ва мефармояд: ﴿صُمٌّ بُكْمٌ عُمْيٌ فَهُمْ لَا يَعْقِلُونَ﴾;[5] <<Карон ва гунгон ва кӯронанд, пас ақлро ба кор намебанданд>> Ва мефармояд: ﴿وَيَجْعَلُ الرِّجْسَ عَلَى الَّذِينَ لَا يَعْقِلُونَ﴾;[6] <<Ва нопокиро бар касоне қарор медиҳад ки ақлро ба кор намебаранд>>! Ин оёт ба рӯшанӣ далолат доранд касоне ки ҳуҷҷати ақлро инкор ва аз корбурди он дурӣ мекунанд, бадтарин ҷумбандагон назди Худованд ва қарини нопокӣ ва нодонӣ ҳастанд; Бал сароҳати ин оёт дар ҳуҷҷияти ақл ва зарурати корбурди он то андозае аст ки шояд мункири он мункири зарурии Ислом ва хориҷ аз он бошад! Ман борҳо аз ин гурӯҳ шунидаам ки ақлиётро мардуд мешуморанд ва ҳар гуна ақлоният дар фаҳми шариъатро бидъат мепиндоранд ва рӯшан аст ки агар баййина бар фарде аз инон бо ин ақида қоъим шавад, аҳкоми муртад ё мунофиқ бар ӯ ҷараён меёбад; Чароки эътибори ақл ва вуҷуби корбурди он дар шариъат, аз заруриёти Ислом аст ки ҷоҳил ба он маъзур нест.

## [Шубаҳоти мункирони ҳуҷҷияти ақл]

Ба назар мерасад ончи ин гурӯҳро ба инкори ҳуҷҷияти ақл водошта, беш аз ҳар чиз номаъқул будани боварҳои онон будааст; Чароки эътиқод ба ҳуҷҷияти ақл, мусталзами даст

1. Юсуф/ 2.
2. Бақара/ 242.
3. Раъд/ 4.
4. Анфол/ 22.
5. Бақара/ 171.
6. Юнус/ 100.

бардоштан аз ин боварҳост ва ин коре аст ки онон ҳозир ба анҷоми он нестанд. Ман ононро дидаам; Бисёрӣ аз онон тарҷеҳ медиҳанд ки бимиранд то инки даст аз боварҳои гузаштагонашон бардоранд, монанди мушрикон ки бинобар ихбори Худованд аз онон, мегӯянд: ﴿إِنَّا وَجَدْنَا آبَاءَنَا عَلَىٰ أُمَّةٍ وَإِنَّا عَلَىٰ آثَارِهِمْ مُهْتَدُونَ﴾;[1] <<Мо ниёкони худро бар ойине ёфтаем ва ба пайравӣ аз онон ҳидоят пайдо кардаем>> Ва ба сухани Худо гӯш намесупоранд ки мефармояд: ﴿أَوَلَوْ جِئْتُكُمْ بِأَهْدَىٰ مِمَّا وَجَدْتُمْ عَلَيْهِ آبَاءَكُمْ﴾;[2] <<Оё агар чи барои шумо чизе ҳидоятбахштар аз он оварда бошам ки ниёгонатонро бар он ёфтаед?!>>. Бинобарин, инон бо ин шева дар воқеъ Худоро намепарастанд, балки гузаштагони худро парастиш мекунанд ва ин чандон ғариб нест; Чароки парастиши ниёкон аз куҳантарин гуноҳои ширк дар ҷаҳон аст!

Албатта касоне ки ақлро ҳуҷҷат намедонанд, ба маҳдуд будани идрокоти он назар доранд ва мепиндоранд ки бо ин васф, наметавонад меъёри шинохт бошад, дар ҳоле ки маҳдуд будани идрокоти ақл, ба маънои ғалат будани онҳо нест ва монеъ аз ҳуҷҷияти он намешавад; Бал ба маънои камтар будани онҳо дар муқоиса бо идрокоти Илоҳӣ аст ки муқтазои махлуқ будани ақл ва маҳдудияти зотии махлуқ аст. Бинобарин, ақл ҳама чизро намедонад, вале ҳар чизе ки медонад саҳиҳ донista мешавад ва ҳамин барои ҳуҷҷат будани он кофӣ аст; Ҳамчунонки масалан чашм ҳамаи чизро намебинад, вале ҳар чизе ки мебинад саҳиҳ дониста мешавад ва гӯш ҳамаи чизро намешунавад, вале ҳар чизе ки мешунавад, саҳиҳ дониста мешавад ва ҳамин барои ҳуҷҷат будани он ду кофӣ аст. Шинохти комил танҳо аз они Худованд аст ва ҳеҷ кас ҷуз Ӯ наметавонад шинохти комиле дошта бошад ва аз ин рӯ, шаръе ки фуру фиристода, комил аст, вале комил будани шаръ мусталзими таъорузи он бо ақл нест; Зеро шаръ дар умуре ки ақл дар бораи онҳо нотиқ аст, сухане бар хилофи сухани ақл намегӯяд ва дар умуре ки ақл дар бораи онҳо хомӯш аст, сухане ки мегӯяд бар хилофи сухани ақл нест; Чароки ақл дар бораи онҳо сухане намегӯяд то сухани шаръ бар хилофи он бошад; Монанди авсофи ҷузъии биҳишт ва дӯзах ки

1. Зухруф/ 22.
2. Зухруф/ 24.

моҳиятӣ ғайбӣ доранд ва табъан ақл дар бораи онҳо хомӯш аст, вале шаръ дар бораи онҳо сухан мегӯяд ва бо ин васф, суханаш бар хилофи сухани ақл шумурда намешавад ва монанди чанду чуни аъмоли ибодӣ ки моҳиятӣ эътиборӣ доранд ва табъан ақл дар бораи онҳо хомӯш аст, вале шаръ дар бораи онҳо сухан мегӯяд ва бо ин васф, суханаш бар хилофи сухани ақл шумурда намешавад; Хусусан бо тавҷҷуҳ ба инки ақл, ҳуҷҷияти шаръро дарк мекунад ва бо ин васф, эътибороти амалӣ ва ахбори қатъии он аз вақойеъи мумкинро мепазирад.

Ба ҳар ҳол, касоне ки ҳуҷҷияти ақлро инкор мекунанд, муҳол аст битавонанд муддаъои худро исбот кунанд; Чароки исботи ҳеҷ муддаъойе бидуни ҳуҷҷияти ақл мумкин нест. Аз ин рӯ, онҳо бидуни онки худ бидонанд дар ҳоли истедлол ба ақл ҳастанд; Зеро ба унвони мисол, истедлол ба инки ақл маҳдуд аст ва истедлол ба маҳдуд ҷойиз нест, як истадлоли ақлӣ аст ва бо ин васф, агар истедлол ба ақл ҷойиз набошад, ин истедлол низ ҷойиз нест ва агар истедлол ба ақл ҷойиз бошад, ин истедлол ғалат аст!

Ҳосил онки таблиғ бар зидди ақл, аз корҳои шайтон аст то заминаро барои шуюъи ҷаҳл дар ҷаҳон фароҳам созад ва ҳар инсоне ки бар зидди ақл таблиғ мекунад, аз ҳизби шайтон ва ҷунуди ӯст ки хоста ё нохоста дар хидмати ӯ қарор гирифта ва дар ҳоли ҷанг бо Худованд аст.

## Тафовути ақл бо фалсафа

Нуктае ки дар инҷо бояд гуфт ин аст ки бархӣ мепиндоранд мурод аз ақл, фалсафа аст ва аз ин рӯ, бо он мухолифат мекунанд, дар ҳоле ки ин пиндор дуруст нест; Зеро ақл, неруӣ Худододӣ барои даркӣ саҳиҳ аз мафоҳим ва масодиқи онҳост ки миёни ҳамаи инсонҳо муштарак аст ва ихтисосе ба файласуфон надорад, дар ҳоле ки фалсафа илмӣ хос монанди сойири улуми инсонӣ аст ки дар Юнони бостон падид омада ва дар замони Аббосиён ба миёни мусалмонон ворид шуда ва дӯстдорон ва душманоне ёфтааст. Рӯшан аст ки ақл, пеш аз пайдоиши фалсафа вуҷуд дошта ва фалсафа танҳо донишӣ ҷадид мубтанӣ бар ақл аст; Ҳамчунонки донишҳои дигаре монанди ҳисоб, ҳиндиса ва тиб

мубтанӣ бар ақланд ва ҳар як дар ҷиҳате, ақлро ба кор бастаанд. Бинобарин, ҳар файласуфе оқил аст, вале ҳар оқиле файласуф нест ва ончи меъёри шиохт аст, ақл аст на фалсафа. Ба иборати дигар, мурод аз ақл, ончо ки меъёри шинохт шумурда мешавад, ақли навъӣ уқало аст на ақли шахсии фалосифа ва рӯшан аст ки тафаккури уқалоӣ бо тафаккури фалсафӣ тафовут дорад. Аз ин рӯ, мухолифат бо фалсафа набояд ба мухолифат бо ақл мунчар шавад; Чароки ақл мусовӣ бо фалсафа нест ва илтизом ба он бо илтизом ба фалсафа мулозимае надорад. Ҳар чанд ақл дар мавзуъоте ки аҳаммияти хоссе доранд, диққати назари хоссе ба харҷ медиҳад ки ба диққати назари фалсафӣ шабеҳ мешавад, вале набояд ин диққати назарро рӯй овардан ба фалсафа ба маънои мусталаҳ донист; Чароки маншаъи он танҳо банои уқало бар диққати назари бештар дар мавзӯъоти муҳимтар аст; Чунонки Худованд барои исботи ваҳдонияти худ фармудааст: ﴿لَوْ كَانَ فِيهِمَا آلِهَةٌ إِلَّا اللَّهُ لَفَسَدَتَا﴾;[1] <<Агар дар осмон ва замин Худоёне ҷуз Аллоҳ буд, нобуд мешуданд>> Бо ин тақрир ки Худоёни мутаъаддид, маншаъи тазод буданд ва тазод, маншаъи нобудӣ буд, дар ҳоле ки осмон ва замин нобуд нашудаанд, пас дар он ду Худоёне ҷуз Аллоҳ нест. Рӯшан аст ки ин як диққати назари ақлӣ аст ва бо ин васф, наметавон онро фалсафа шумурд; Чароки мусалламан Худованд як файласуф нест ва китоби Ӯ як китоби фалсафӣ шумурда намешавад. Бинобарин, диққати назарҳои ақлӣ дар мавзуъоти муҳимме монанди ақойид, ҳатто бинобар адами қабули фалсафа, мумкин ва ҷойиз аст. Ҳамчунонки ман худ фалсафаро дӯст намедорам; Чароки ҳар чанд натоиҷи он баъзан саҳиҳ аст, шеваи он мутафовит бо шеваи уқалост ва беш аз онки ба кори онон ояд, зеҳнӣ ва интизоӣ аст. Аз ин рӯ, ман фалсафаро корӣ ғайри уқалоӣ медонам; Зеро бинобар таърифи ман, фалсафа тафаккур дар бораи чизҳое аст ки уқало одатан дар бораи онҳо тафаккур намекунанд, монанди асолати вуҷуд ва моҳият ва аҳкоми ҷавҳар ва аъроз; Вагарна тафаккур дар бораи чизҳое ки уқало одатан дарбори онҳо тафаккур мекунанд, ҳар чанд бо диққати назари ақлӣ бошад, фалсафа нест, балки таъаққул номида мешавад. Бинобарин, ончи фалсафаро аз таъаққул ҷудо мекунад, беш аз шеваӣ он, мавзӯъи он аст.

1. Анбиё/ 22.

## Мабнои ҳусн ва қубҳ[1]

Аз ончи гуфтим раўшан мешавад ки низои ҳазор солаи Ашоъира ва Адлия дар бораи мабнои ҳусн ва қубҳ, ваҷҳе надошта, балки низоъӣ лафзӣ будааст; Чароки бинобар назари Ашоъира, мабнои хубӣ ва бадӣ, амр ва наҳйи Худованд аст ва пеш аз амр ва наҳйи Худованд, хубӣ ва бадӣ вуҷуд надорад; Ба ин маъно ки ҳар чи Худованд онро хуб шумурда, хуб аст ва ҳар чи Худованд онро бад шумурда, бад аст ва ин мабное аст ки онро <<Ҳусн ва қубҳи шаръӣ>> номидаанд ва бинобар назари Адлия, мабнои хубӣ ва бадӣ, амр ва наҳйи Худованд нест, балки мабнои амр ва наҳйи Худованд, хубӣ ва бадӣ аст ва мабнои хубӣ ва бадӣ, ақл аст на шаръ; Ба ин маъно ки Худованд ба чизе амр карда ки хуб аст ва аз чизе наҳй карда ки бад аст ва хубӣ ва бадӣ, ановини ҳақиқӣ ҳастанд ки ба эътибори шаръ падид наёмадаанд ва ин мабное аст ки онро <<Ҳусн ва қубҳи ақлӣ>> номидаанд. Дар ҳоле ки бинобар он чи гуфтем, ақл ва шаръ аз як мабда ҷӯшидаанд ва ба як марҷа боз мегарданд ва он ҳамоно Худованд аст ки дар афоли таквинӣ ва ташриъи Ӯ ихтилофе нест. Бар ин асос, мабнои ҳусн ва қубҳ, амр ва наҳйи Худованд аст; Ҷуз онки амр ва наҳйи Худованд ба ду сурат воқеъ шудааст: Яке амр ва наҳйи ташриъе ки дар шаръ таҷаллӣ ёфта ва дигарӣ амр ва наҳйи таквинӣ ки дар ақл таҷаллӣ ёфта ва аз онҷо ки иҷтимои амр ва наҳйи Ӯ дар мавзӯъӣ воҳид муҳол аст, таъорузи шаръ ва ақл мумкин нест. Ҳосил онки мабнои ҳусн ва қубҳ, Худованд аст.

## Муқаддимаи дуввум; Мавонеъи шинохт

Назар кардан ба чизе ки қобилияти шинохтро дорад, ҳаргоҳ дар рӯшаноии ақл сурат пазирад, муқтазии шинохти он чиз аст; Монанди назар кардан ба чизе ки қобилияти дида шуданро дорад ва ҳаргоҳ дар рӯшаноии нур анҷом шавад, муқтазии дида шудани он чиз аст. Бо ин ҳол, бисёр пеш меояд ки инсоне ба чизе назар мекунад то хубӣ ё бадии онро бишиносад, вале ба ғарази худ даст намеёбад ва гоҳе бар зидди ғарази худ даст меёбад, ба ин маъно ки хубро бад ва бадро хуб мешиносад; Монанди касе ки Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿أَفَمَنْ زُيِّنَ لَهُ سُوءُ عَمَلِهِ فَرَآهُ حَسَنًا﴾;[2]

1. Хубӣ ва бадӣ.
2. Фотир/ 8.

<<Оё касе ки бадии амалаш барои ӯ ороста шудааст пас онро хуб мебинад>>! Иллати ин нокомӣ ва иштибоҳи бузург, вуҷуди авомилӣ дар нафси одамӣ аст ки монеъ аз таҳқуқи шинахт барои ӯ бо вуҷуди назар кардан мешаванд; Монанди пардаҳое ки пеши чашми ӯ қарор гиранд ва ӯро аз дидани чизҳо боздоранд; Чунонки Худованд дар бораи кофирон фармудааст: ﴿الَّذِينَ كَانَتْ أَعْيُنُهُمْ فِي غِطَاءٍ عَنْ ذِكْرِي وَ كَانُوا لاَ يَسْتَطِيعُونَ سَمْعاً﴾;[1] <<Касоне ки чашмҳошон аз зикри Ман дар пардае буд ва тавоноии шуниданро надоштанд>> Ва низ фармудааст: ﴿وَ جَعَلْنَا مِنْ بَيْنِ أَيْدِيهِمْ سَدّاً وَ مِنْ خَلْفِهِمْ سَدّاً فَأَغْشَيْنَاهُمْ فَهُمْ لاَ يُبْصِرُونَ﴾;[2] <<Ва Мо пеши рӯяшон садде ва пушти сарашон садде қарор додем, пас ононро фуру пӯшонидайем, пас наметавонанд бубинанд>>! Ин авомили шум ва хатарнок, <<Мавонеъи шинохт>> номида мешаванд. Бинобарин, ақл агарчи муқтазии шинохт аст, ҳангоме ба шинохт даст меёбад ки монеъӣ бар сари роҳи он қарор надошта бошад ва ҳаргоҳ монеъӣ бар сари роҳи он қарор дошта бошад, қодир ба шинохт нест. Бо ин васф, шинохти мавонеъи шинохт ва рафъи онҳо, муқаддимаи шинохт маҳсуб мешавад ва ба табъи он, зарурӣ аст.

Муҳимтарин мавонеъи шинохт, ба қарори зеранд:[3]

## 1. Ҷаҳл

Ҷаҳл, ба маънои фиқдони илм, муҳимтарин монеъ, балки асли ҳамаи мавонеъи шинохт аст; Чароки нисбати он бо шинохт, монанди нисбати чизе бо зидди худ аст ва ҳеҷ монеъӣ нест магар инки аз он бархоста; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿كَذَٰلِكَ يَطْبَعُ اللَّهُ عَلَىٰ قُلُوبِ الَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ﴾;[4] <<Ин гуна Худованд бар ақлҳои касоне мӯҳр мениҳад ки илм надоранд>>!

## [Зарурати илм ба мафоҳим ва масодиқи онҳо]

Рӯшан аст ки ақл, барои онки маҷҳулеро бишиносад, ба маълумоте ниёз дорад то бо таркиби онҳо бо ҳам, ба шинохти

1. Каҳф/ 101.
2. Ёсин/ 9.
3. Шояд битавон мавонеъи шинохтро ҳафт чиз донист; Чароки онҳо дарвозаҳои дӯзах ҳастанд ва Худованд фармудааст: ﴿لَهَا سَبْعَةُ أَبْوَابٍ لِكُلِّ بَابٍ مِنْهُمْ جُزْءٌ مَقْسُومٌ﴾ (Ҳиҷр/ 44); <<Барои дӯзах ҳафт дарвоза аст ки барои ҳар дарвозае дастае аз мардум қисмат шудаанд>>!
4. Рум/ 59.

он даст ёбад; Ҳамчунонки барои шинохти ҳақ будани як чиз, ба шинохти ҳақ аз як сӯ ва шинохти он чиз аз сӯи дигар ниёз дорад, то бо татбиқи он ду бар ҳам, ҳақ будан ё набуданашро бишиносад. Аз инҷо дониста мешавад ки илм ба мафҳуми як чиз, барои шинохти он кофӣ нест ва илм ба масодиқи он низ зарурӣ аст, дар ҳоле ки илм ба мисдоқи он, аз илм ба он душвортар аст; Чароки мисдоқи он, берун аз вуҷуди одамӣ аст ва шинохти чизе ки берун аз вуҷуди одамӣ аст, аз шинохти чизе ки дар вуҷуди одамӣ аст, душвортар аст; Чунонки масалан шинохти ҳақ ва ботил аз ҳайси мафҳум, душвор нест ва бо кӯшиши зеҳн ҳосил мешавад, вале шинохти онҳо аз ҳайси мисдоқ, душвор аст ва ҷуз бо кӯшиши ҷаворех ҳосил намешавад ва аз ин рӯ, мардум дар мисдоқи чизе ихтилоф мекунанд ки дар мафҳуми он ихтилофе надоранд. Бо ин васф, фиқдони маълумоти лозим барои шинохти як чиз, чи аз ҳайси мафҳум ва чи аз ҳайси мисдоқ, монеъ аз шинохти он чиз аст ва таҳсили маълумоти лозим барои шинохти он, чи аз ҳайси мафҳум ва чи аз ҳайси мисдоқ, зарурӣ аст.

## [Вуҷуби талаби илм]

Ин чизе аст ки дар Ислом <<Талаби илм>> номида шуда ва бар ҳар мусалмоне воҷиб ба шумор рафта,[1] то ҷойе ки Худованди мутаъол фармудааст: ﴿وَقُلْ رَبِّ زِدْنِي عِلْمًا﴾;[2] <<Ва бигӯ Парвардигоро! Бар илми ман биафзо!>>. Бо ин ҳол, ҷои таъаҷҷуб аст ки бисёрӣ аз мусалмонон дар вуҷуби он тардид доранд, балки бештари онон онро воҷиб намедонанд; Чароки ба фикри онон, таҳсили илм бар гурӯҳе аз онон воҷиб аст ва бо иқдоми онон, аз дигарон соқит мешавад ва барои дигарон кофӣ аст ки аз онон тақлид кунанд. Дар ҳоле ки таҳсили илм, ба табаъи вуҷуби илм воҷиб аст ва тақлид аз дигарон, муҷиби илм намешавад; Хоҳ аз гузаштагон бошад ва хоҳ аз ҳозирон. Аз ин рӯ, касоне

1. Ба унвони мисол, нигоҳ кун ба: Ҳадиси «طَلَبُ الْعِلْمِ فَرِيضَةٌ عَلى كُلِّ مُسْلِمٍ» дар: Сунани ибни Моҷа, ҷ1, с81; Нусхату Вакий ибни Ҷарроҳ, с98; Муснади Абӣ Яъло, ҷ5, с223; Ибни Саломаҳ, Муснади Шаҳоб, ҷ1, с135; Муснади Абу Ҳанифа, с24; Байҳақӣ, Шаъбаул имон, ҷ2, с254; Табаронӣ, Ал-Муъҷамул Авсат, ҷ2, с297 ва ҷ 4, с245; Ҳамун, Ал-Муъҷамул Кабир, ҷ10, с195; Ва барои огоҳӣ аз шӯҳрати он миёни мусалмонон, нигоҳ кун ба: Ҳокими Нешобурӣ, Маърифат улумул ҳадис, с92; Ибни Абдулбир, Ҷомеъул баёнил илми ва фазлеҳ, ҷ1, с7; Ва барои огоҳӣ аз тавотури он, нигоҳ кун ба: Каттонӣ, Назмул мутаносир минал ҳадисул мутавотир, с35.
2. Тоҳо/ 114.

ки муқаллиданд, олим шумурда намешаванд ва ин чизе аст ки дар он ихтилофе нест. Бо ин васф, бештари мусалмонон ҷоҳиланд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ يَجْهَلُونَ﴾;[1] <<Вале бештарашон ҷаҳолат меварзанд>>; Чароки шинохтҳои онон тақлидӣ аст; Бал гурӯҳе аз онон ки ба таҳсили илм иқдом кардаанд низ ғолибан олим шумурда намешаванд; Чароки илмро бар мбнои тақлид аз пешиниён таҳсил кардаанд, дар ҳоле ки илм бар мабнои тақлид ҳосил намешавад; Бо таваҷҷуҳ ба ин ки илм, яқинӣ аст ва тақлид, заннӣ аст ва яқинӣ бо заннӣ ҳосил намешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا لَهُمْ بِهِ مِنْ عِلْمٍ ۖ إِنْ يَتَّبِعُونَ إِلَّا الظَّنَّ ۖ وَإِنَّ الظَّنَّ لَا يُغْنِي مِنَ الْحَقِّ شَيْئًا﴾;[2] <<Ононро ба он илме нест; Онон ҷуз аз занн пайравӣ намекунанд, дар ҳоле ки занн чизеро аз ҳақ бениёз намегардонад>>! Бо ин васф, бештари мусалмонон ки аз инон тақлид мекунанд, дар воқеъ аз касоне тақлид мекунанд ки худ муқаллиди дигаронанд ва ин чизе ҷуз таҳсили занн аз тариқӣ заннӣ нест ки Худованд дар борои монанди он фармудааст: ﴿ظُلُمَاتٌ بَعْضُهَا فَوْقَ بَعْضٍ﴾;[3] <<Торикиҳое ки бархӣ бар рӯи бархӣ дигар аст>>!

### [Ҷаҳл; Маншаъи мушкилоти мусалмонон]

Ҳеҷ шакке нест ки мушкилоти мусалмонон, пеш аз ҳар чиз ба сабаби ҷаҳле аст ки ононро фаро гирифтааст; Чароки онон аз се ҷиҳат, дар муҳосираи ҷаҳолатанд:

### [Ҷаҳли ба Ислом]

Аз як ҷиҳат, онон Исломро намешиносанд ва барои шинохти он кӯшиш намеварзанд; Балки кӯшиши онон масруфи ба дунёст ва шинохти онон мубтанӣ бар тақлид аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿مَا لَهُمْ بِهِ مِنْ عِلْمٍ إِلَّا اتِّبَاعَ الظَّنِّ﴾;[4] <<Ононро ба он илме нест магар пайравӣ аз занн>>! Ҳатто касоне аз онон ки барои Ислом дар кӯшишанд ва нияте ҷуз хидмат ба он надоранд, ғолибан онро аз рӯи ақл намешиносанд ва ҷуз авотиф, мабное надоранд; То ҷойе ки бештари онон ба манзалаи гӯсфандонанд ки ба ҳар сӯ ронда мешаванд, мераванд! Дар ҳоле ки ноогоҳияшон,

1. Анъом/ 111.
2. Наҷм/ 28.
3. Нур/ 40.
4. Нисоъ/ 157.

ноқизи ғаразашон аст ва бехабарияшон, ба зидди мақсудашон меанҷомад; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳубби Ислом пеш аз шинохти он, судманд нест ва амал барои он пеш аз илми ба он, хатарнок аст; Чароки муҳибби ҷоҳил, мехоҳад ба он суд расонад, вале зиён мерасонад ва омилӣ ғофил, мехоҳад ба он хидмат кунад, вале хиёнат мекунад. Аз ин рӯ, шинохти Ислом бар ҳубби он тақаддум дорад ва илми ба он пеш аз амал барои он, зарурӣ аст; Вале ба назар мерасад ки бештари мусалмонон, дар ҳоле Исломро дӯст медоранд ки онро намешиносанд ва дар ҳоле барои он амал мекунанд ки ба он илме надоранд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَمِنْهُمْ أُمِّيُّونَ لَا يَعْلَمُونَ الْكِتَابَ إِلَّا أَمَانِيَّ وَإِنْ هُمْ إِلَّا يَظُنُّونَ﴾;[1] <<Ва аз онон бесаводоне ҳастанд ки динро ҷуз орзуҳое намедонанд ва ҷуз занн коре анҷом намедиҳанд>>!

## [Асбоби ҷаҳли ба Ислом]

Ин ноошиноии онон бо Ислом, мероси гузаштагони онон аст ки аз асбоби гуногуне бархостааст; Монанди онки онон ба шинохти Ислом эҳтимоми кофӣ надоранд ва аз вуҷуби он бар ҳар як аз онон ғофиланд ва монанди онки онон ақлро меъёри шинохт намедонанд ва ба мутобиқати бардоштҳои худ аз Ислом бо он, аҳамияте намедиҳанд, балки аз он гурезонанд ва ба тарки он фахр мекунанд ва монмнди онки онон барои шинохти ақойиди Ислом, бо онки яқинӣ будани онҳо зарурӣ аст, ба ривоёти заннӣ истинод мекунанд, бал аз мазоҳиби мутакаллимоне табаъият мекунанд ки табаъият аз онон, асле дар Ислом надорад ва монанди онки онон барои шинохти аҳкоми Ислом, ба манобеъи аслии он руҷӯъ намекунанд, бал аз мазоҳиби фуқаҳое тақлид мекунанд ки далиле барои тақлид аз онҳо нест, бал барои адами тақлид аз онҳо далил ҳаст ва монанди онки онон барои шинохти ақойид ва аҳкоми Ислом, ба Қуръон камтар аз ривоёт таваҷҷуҳ доранд, бал ба мухолифати як ақида ё ҳукм бо Қуръон, дар сурате ки ривояте барои он вуҷуд дошта бошад, эътиное намекунанд, то ҷойе ки бархӣ ақойидашон бо Қуръон зиддият дорад ва бархӣ аъмолашон нақизи он аст, монанди ақойидашон ба дидани Худованд бо чашм, дар ҳоле ки хилофи сариҳи Қуръон аст ва ҳукмашон ба вуқуи се талоқ дар маҷлис, дар

1. Бақара/ 78.

ҳоле ки хилофи зоҳири Қуръон аст ва монанди онки онон бархӣ кутуби ривоётро саҳиҳ мешуморанд, балки бо Қуръон муқоиса мекунанд ва муҳимтарин мабнои шинохти Ислом мепиндоранд, дар ҳоле ки сиҳате беш аз кутуби дигар надоранд, балки чи басо аз бархӣ кутуби дигар, заъифтаранд ва дар миёни онҳо, ривоётӣ заъиф ва сохтагӣ аст, монанди китоби мавсум ба саҳиҳи Бухорӣ ки заъфи бисёрӣ аз ривоёти он ҳтто бинобар мабнои аҳли ҳадис возеҳ аст, то ҷойе ки инкори он, чизе ҷуз инкори маҳсус нест ва монанди онки онон бархӣ ривоёти саҳиҳро нодида мегиранд ва бархӣ ривоёти саҳиҳро заъиф мешуморанд, ба далили инки бо мазҳаби онон мувофиқ нест, агар чи бо Қуръон ва ақл мувофиқ аст, монанди ривоёте дар бораи лузуми тамассук ба аҳли байт, дар ҳоле ки бархӣ ривоёти заъифро саҳиҳ мешуморанд, балки бархӣ ривоёти маҷъулро мепазиранд, ба далили инки бо ороъи онон мувофиқ аст, агар чи бо Қуръон ва ақл мувофиқ нест, монанди ривоёте дар бораи лузуми итоъат аз ҳукоми ҷоъир ва монанди онки аз назар кардан дар торихи Ислом мепарҳезанд ва якдигарро боз медоранд, балки бархӣ вақоъъи онро кетмон мекунанд ё аз рӯи амд таҳриф менамоянд, то мабодо огоҳӣ аз он гумроҳ шаванд, дар ҳоле ки ҷуз огоҳӣ аз он, ҳидоят намеёбанд ва монанди онки онон ҷуз ба кутуби худ, мурочиъае надоранд ва ба кутуби мусалмонони мухолифи худ, назаре намеандозанд, балки аз шунидани ақволи мухолифон мепарҳезанд ва аз донистани далилашон меҳаросанд, то мабодо бо огоҳӣ аз он, гумроҳ шаванд ё аз гумроҳии худ, огоҳӣ ёбанд ва ин ба далили шакке аст ки дар он фурӯ рафтанд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿بَلْ هُمْ فِي شَكٍّ يَلْعَبُونَ﴾;[1] <<Балки онон дар шакке бозӣ мекунанд>>!

## [Табаъоти ҷаҳли ба Ислом]

Паёмади ин рӯйкард он аст ки ақойиди Ислом, бар акс шуда ва аҳкоми он, воруна гардидааст. Ширки рӯшан, тавҳид пиндошта шуд ва бидъати мусаллам, суннат ба шумор рафтааст! Ҳалоли баййин, ҳаром муаррифӣ шуда ва ҳароми баййин, ҳалол ном гирифтааст! Касоне ки ба таври ҳатм кофиранд, мусалмон шумурда шудаанд ва касоне ки ба таври ҳатм мусалмонанд,

1. Духон/ 9.

кофир ба шумор рафтаанд! Ботил, ниқоби ҳақ бар чеҳра зада ва ҳақ, дар пардаи ботил фурӯ рафтааст! Ҳар рӯз дар ҷойе фирқае зуҳур мекунад ва ҳар шаб дар гӯшае мазҳабе падид меояд! Илм, ҷои худро ба занн дода ва ҳадс, ҷои қатъро гирифтааст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنْ يَتَّبِعُونَ إِلَّا الظَّنَّ وَإِنْ هُمْ إِلَّا يَخْرُصُونَ﴾;[1] <<Онон ҷуз аз занн пайравӣ намекунанд ва ҷуз ҳадс коре анҷом намедиҳанд>>! Дар ҳоле ки занн, бо асбоби мухталиф ихтилоф мeёбад ва ҳодс, ба теъдоди одамиён мутаъаддид аст ва ин чизе ҷуз низоъро падид намеоварад; Ҳамчунонки чизе ҷуз низоъро падид наёвардааст ва мусалмонон дар ҳар гӯша машғули танозуъанд.

## [Ҷаҳли ба аҳли Ислом]

Аз ҷиҳати дигар, онон якдигарро намешиносанд ва аз дидгоҳои ҳам огоҳӣ надоранд; Аз ин рӯ, якдигарро дӯст намедоранд ва ба чизҳои бад муттаҳам менамоянд; Дар ҳоле ки ғолибан ба ончи нисбат медиҳанд илме надоранд ва танҳо аз сӯъи занн табаъият мекунанд; Чароки пайванди онон бо ҳам гусаста шуда ва аз ҳайси мазҳаб, сиёсат ва нажод, мутафарриқ гардидаанд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿مِنَ الَّذِينَ فَرَّقُوا دِينَهُمْ وَكَانُوا شِيَعًا كُلُّ حِزْبٍ بِمَا لَدَيْهِمْ فَرِحُونَ﴾;[2] <<Аз касоне ки дини худро фирқа фирқа карданд ва гурӯҳ гурӯҳ шуданд, ҳар дастае ба ончи наздошон аст шодмонанд>>! Чунонки ғолибан мусалмонони суннӣ, аз мусалмонони шиъа мутанаффиранд ва мусалмонони як кишвар, бо мусалмонони кишвари дигар бегонаанд ва мусалмонони араб, аз мусалмонони аҷам дурӣ мекунанд ва ин ба сабаби ҷаҳли онон ба муштаракоти якдигар дар асари ҷудоиҳои мазҳабӣ, сиёсӣ ва нажодӣ аст ки ҳеҷ як асле дар Ислом надорад. Рӯшан аст ки агар онон бо ҳам иртиботи кофӣ медоштанд, ба иштирокоти якдигар пай мебурданд ва ихтилофоти якдигарро бар мабнои иштирокоташон, бартараф мекарданд. Ба унвони мисол, мусалмонони суннӣ, агар бо мусалмонони шиъа иртиботи кофӣ медоштанд, дар меёфтанд ки онон ба усули Ислом бовар доранд ва ба мабонии он мултазаманд ва Қуръонро таҳрифшуда намедонанд ва ба ҳамсари Паёмбар ﷺ бӯҳтон намезананд ва ба саҳобии он Ҳазрат, иҳонат намекунанд, магар шуморе андаке

1. Анъом/ 116.
2. Рум/ 32.

аз авомашон ва бо ин васф, далиле барои душманӣ бо онон нест. Ман бисёр озурдаам аз он ки мебинам бисёрӣ аз мусалмонони суннӣ дар Арабистон, Ироқ, Сурия, Покистон, Афғонистон ва ҷойҳои дигар, ҷанг бо мусалмонони шиъаро ҷиҳод мепиндоранд ва бар ҷанг бо кофирони ҳарбӣ тарҷеҳ медиҳанд; Дар ҳоле ки ақойид ва аъмоли мусалмонони шиъа, ҳар чанд тафовутҳое бо ақойид ва аъмоли мусалмонони суннӣ дорад, дар чаҳорчӯби Ислом аст ва бо ин васф, ҷанг бо онон ваҷҳе надорад, балки дӯстӣ бо онон зарурӣ аст. Ман бо бисёрӣ аз мусалмонони суннӣ гуфтугӯ кардаам; Онон дар бораи мусалмомони шиъа, чизе намедонанд магар чизеки аз мусалмонони суннӣ шунидаанд; Чароки онон бо мусалмонони шиъа гуфтугӯ намекунанд ва китобҳои мӯътабарашонро намехонанд ва дар ҳоле ононро такзиб мекунанд ки илме ба ороъ ва далоилашон надоранд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿بَلْ كَذَّبُوا بِمَا لَمْ يُحِيطُوا بِعِلْمِهِ وَلَمَّا يَأْتِهِمْ تَأْوِيلُهُ ۚ كَذَٰلِكَ كَذَّبَ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ ۖ فَانْظُرْ كَيْفَ كَانَ عَاقِبَةُ الظَّالِمِينَ﴾[1]; <<Бал чизеро такзиб карданд ки ба илми он иҳота наёфтанд ва таъвили он ба онҳо нарасидааст! Ин гуна касоне ки пеш аз онҳо буданд такзиб карданд; Пас нигоҳ кун ки оқибати ситамкорон чигуна буд!>>; Дар ҳоле ки мусалмонони шиъа, ба китобҳои мӯътабари мусалмонони суннӣ муроҷиъа доранд ва ороъ ва далоилашонро баррасӣ мекунанд, ҳар чанд на ба андозаи ороъ ва далоили худ.

Воқеъ он аст ки бисёрӣ аз ороъ ва далоили мусалмонон, ба гӯши бисёрӣ аз онон нарасида ва бо ин васф, рӯшан аст ки онон наметавонанд шинохте дар бораи онҳо дошта бошанд. Дар ҳоле ки ноошиноии мусалмонон бо ороъ ва далоили якдигар, боиси бадгумонӣ, бадгӯйи ва бадкории онон нисбат ба якдигар ва султаи душманони Ислом бар онон мешавад. Ба илова, иктифо ба ошноӣ бо ороъ ва далоили худ ва парҳез аз ошноӣ бо ороъ ва далоили дигарон, имкони огоҳӣ аз заъфҳои худ ва қувватҳои дигаронро салб мекунад ва монеъ аз шинохти <<Қавли аҳсан>> ва пайравӣ он мешавад; Дар ҳоле ки Худованди баланд мартаба фармудааст: ﴿فَبَشِّرْ عِبَادِ؛ الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ ۚ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ ۖ وَأُولَٰئِكَ

1. Юнус/ 39.

﴿هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾;[1] <<Пас бандагонамро башорат деҳ; Ҳмононе ки ҳар суханро мешунаванд ва аз беҳтари он табаиъят мекунанд; Онон ҳастанд ки Худованд ҳидояташон кардааст ва онон ҳастанд ки дорандагони ақлҳоянд>>!

## [Ҷаҳл ба душманони Ислом]

Аз ҷиҳати дигар, онон душманони Исломро намешиносанд ва аз душманиҳои онон бо он огоҳӣ надоранд; Чароки ҷараёнҳои илҳодии ҷадидиде дар ҷаҳон ба роҳ афтода ва кӯшишҳои шайтонии пинҳоне бар зидди Худованд созмон ёфтааст. Шайтонпарастон аз торикхонаҳои худ берун омадаанд ва ҷодугарон, аз дахмаҳои худ сар баровардаанд, то бо ҳимояти қудратмандони муфсид ва сарватмадони мулҳид, ҳукумати куфрро бар ҷаҳон муставлӣ созанд ва дар ин миён, мусалмонон, бехабар аз чизе ки дар ҳоли вуқуъ аст, ба масоъилӣ ҷузъӣ ва беаҳамият машғуланд ва бар сари онҳо бо якдигар низоъ мекунанд; Чунонки ба унвони намуна, бар сари ниҳодани дастҳо дар зери ноф ё болоӣ он ба ҳнгоми намоз меҷанганд ва ниҳояти ҳаммашон ин аст ки зоъирони қубурро аз наздик шудани ба онҳо боздоранд; Ҳамчунонки толиби илми онон низ ҷуз ба шинохти мазоҳиби худ, эътиное надоранд ва аз ошноӣ бо ҷаҳони куфр ва ончи дар он мегузарад, фориғанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿ذَٰلِكَ مَبْلَغُهُمْ مِنَ الْعِلْمِ﴾;[2] <<Ин мунтаҳои илми онон аст>>! Ба ин тартиб кофирон аз миллатҳои мухталиф, барои ҷанг бо Ислом муттаҳид шудаанд, дар ҳоле ки мусалмонон бо миллати воҳид, аз якдигар ҷудо гардидаанд ва ин пайомаде ҷуз султаи кофирон бар мусалмонон надоштааст.

Дар ин миён, бисёрӣ аз мусалмонон, умедвор ба хайри онон ё бимнок аз шаррашон, ба сӯи онон мешитобанд ва ононро ба дӯстӣ мегиранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿تَرَىٰ كَثِيرًا مِنْهُمْ يَتَوَلَّوْنَ الَّذِينَ كَفَرُوا ۚ لَبِئْسَ مَا قَدَّمَتْ لَهُمْ أَنْفُسُهُمْ أَنْ سَخِطَ اللَّهُ عَلَيْهِمْ وَفِي الْعَذَابِ هُمْ خَالِدُونَ﴾;[3] <<Бисёрӣ аз ононро мебинӣ ки кофиронро ба дӯстӣ мегиранд! Ҳароина бад чизе аст ончи нафсҳошон барояшон пеш фиристодааст ки

1. Зумар/ 17 ва18.
2. Наҷм/ 30.
3. Моъида/ 80.

Худованд бар онон хашм гирад ва дар азоби ҷовидон бошанд>> Ва фармудааст: ﴿فَتَرَى الَّذِينَ فِي قُلُوبِهِمْ مَرَضٌ يُسَارِعُونَ فِيهِمْ يَقُولُونَ نَخْشَى أَنْ تُصِيبَنَا دَائِرَةٌ ۚ فَعَسَى اللَّهُ أَنْ يَأْتِيَ بِالْفَتْحِ أَوْ أَمْرٍ مِنْ عِنْدِهِ فَيُصْبِحُوا عَلَى مَا أَسَرُّوا فِي أَنْفُسِهِمْ نَادِمِينَ﴾;[4] <<Пас мебинӣ касоне ки дар дилҳошон беморӣ аст ба сӯи онон мешитобанд, мегӯянд метарсим ки пешомаде ба мо бирасад! Пас умед аст Худованд пирузӣ ё коре аз назди худро биёварад ва дар натиҷа онон аз чизе ки дар нафсҳои худ пинҳон медоштанд, пушаймон шаванд>>! Шакке нест ки агар инон ононро мешинохтанд ва аз душманиҳошон бо худ огоҳӣ меёфтанд, худро ба онон вобаста намесохтанд; Чароки табиъ инсон ӯро аз наздикӣ ба зарар боз медорад ва ғаризааш ӯро ба дурӣ аз хатар во медорад; Вале инон ақлро вониҳодаанд ва ба дастаи сафиҳон бадал гаштаанд; Пас судро аз зиён тамйиз намедиҳанд ва дӯстро аз душман намешиносанд; Дар ҳоле ки кофирон, барои султа бар онон, ононро ба дурустӣ шинохтаанд ва аз қувватҳо ва заъфҳошон огоҳӣ ёфтаанд, то аз қувваташон бикоҳанд ва бар заъфашон биафзоянд.

Онон ба ростӣ ки ҷоҳилонанд, вале ҷоҳилтар аз онон, мусалмононе ҳастанд ки бо кофирон дӯстӣ ва бо мусалмонон душманӣ мекунанд; Дар ҳоле ки дӯстӣ бо кофирон, мусталзими душманӣ бо мусалмонон нест ва бархӣ аз дӯстони кофирон, бо мусалмонон душманӣ надоранд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿سَتَجِدُونَ آخَرِينَ يُرِيدُونَ أَنْ يَأْمَنُوكُمْ وَيَأْمَنُوا قَوْمَهُمْ﴾;[5] <<Ба зудӣ дигаронеро меёбед ки мехоҳанд аз шумо дар амон бошанд ва аз қавми худ низ дар амон бошанд>>! Бо ин васф, ҷои таъаҷҷуб аст ки бархӣ аз мусалмонон, бо кофирон дӯстӣ ва бо бародарони худ душманӣ мекунанд, бо ин таваҳҳум ки кофирон, хайрхоҳи ононанд ва бародаронашон, шаррашонро мехоҳанд; Монанди бархӣ мусалмонони Афғонистон ки даҳҳо давлати кофир ва мутаъаддеро дӯсти худ мешуморанд, вале ду давлатӣ муслмон ва ҳамсояро душмани худ мепиндоранд!

Вонгаҳе гурӯҳе аз душманони Ислом, мунофиқоне ҳастанд ки

1. Моъида/ 52.
5. Нисоъ/ 91.

мусалмон шумурда мешаванд, дар ҳоле ки ба ончи Худованд бар Паёмбараш нозил кардааст, кофиранд ва барои нобудии Ислом ва истилоъи куфр бар ҷаҳон, бо кофирон ҳамкорӣ мекунанд ва ин дар ҳоле аст ки мусалмонон, ононро намешиносанд ва аз куфри онон, огоҳӣ надоранд; Чунонки Худованд аз куфри онон хабар дода ва фармудааст: ﴿وَلَوْ كَانُوا يُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَالنَّبِيِّ وَمَا أُنْزِلَ إِلَيْهِ مَا اتَّخَذُوهُمْ أَوْلِيَاءَ وَلَٰكِنَّ كَثِيرًا مِنْهُمْ فَاسِقُونَ﴾;[1] <<Агар онон ба Худо ва Паёмбар ва чизе ки ба ӯ нозил шудааст имон доштанд, ононро дӯстони худ намегирифтанд, вале бисёришон фосиқ ҳастанд>>! Онон дар воқеъ, шуморе аз кофиронанд ки ҳокимони мусалмон шумурда мешаванд ва аз ҷониби кофирон, барои ҳукумат бар мусалмонон ҳимоят мешаванд, то манофеъи кофиронро дар миёни мусалмонон, таъмин кунанд. Бидуни шак, дар раъси онон, ҳокимони Саъудӣ ҳастанд ки ошкоро даст дар дасти душманони Ислом доранд ва дар ду ҷабҳаи сиёсӣ ва фарҳангӣ, барои нобудии Ислом кӯшиш мекунанд. Аз як сӯ, дар ҷабҳаи сиёсӣ, бо кофирони ҳарбӣ ҳамкорӣ мекунанд ва аз гурӯҳоӣ муфсид ва муҳориб дар сарзаминҳои Исломӣ, ҳимоят менамоянд ва аз сӯӣ дигар, дар ҷабҳаи фарҳангӣ, миёни мусалмонон тафриқа меафкананд ва боварҳои ширкомезро бо унвони тавҳид тарвиҷ медиҳанд, дар ҳоле ки бисёрӣ аз мусалмонон, ононро ходимони Ҳарамайн мепиндоранд ва мураввиҷони ақидаи саҳеҳ, мешуморанд!

Хулоса онки бехабарӣ аз Ислом, мояи гумроҳӣ ва бехабарӣ аз мусалмонон, мояи ҷудоӣ ва бехабарӣ аз кофирон, мояи табоҳии мусалмонон аст ва ин балое аст ки бар сари онон омада ва фитнаҳое аст ки ононро фаро гирифтааст ва танҳо роҳи раҳоӣ аз он, таҳсили илм ва тарвиҷи он дар ҷиҳоти сегона аст.

## 2. Тақлид

Чунонеки рӯшан шуд, яке дигар аз мавонеъи шинохт <<Тақлид>> аст ва он, пайравӣ аз гуфта ё кардаи дигарӣ бидуни далил аст ки дар панҷ гуна, ривоҷ ёфтааст:

### [Якум; Тақлид аз пешиниён]

Яке аз гунаҳои ривоҷи тақлид, пайравӣ аз гуфта ва кардаи

1. Моъида/ 81.

пешиниён аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَكَذَٰلِكَ مَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ فِي قَرْيَةٍ مِنْ نَذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا إِنَّا وَجَدْنَا آبَاءَنَا عَلَىٰ أُمَّةٍ وَإِنَّا عَلَىٰ آثَارِهِمْ مُقْتَدُونَ﴾;[1] <<Ва бадин сон пеш аз ту дар ҳеҷ сарзамине бимдиҳандаеро нафиристодем магар онки бархурдоронаш гуфтанд: Мо падарони худро бар ойине ёфтем ва дар паӣ онон равонем>>! Ин аз он рӯст ки бисёрӣ мепиндоранд гуфта ва кардаи пешиниёнашон, лузуман аз гуфта ва кардаи онон дурусттар аст; Дар ҳоле ки ин пиндор, таваҳҳумӣ беш нест ва бунёде бар ақл надорад; Чароки бидуни шак, дурусттар будан ё набудани гуфта ва кардаи одамӣ, аз замони таваллуди ӯ табаъият намекунад, бал тобеъи мутобиқати бештар ё камтари он бо ақл аст ки мулозимае бо тақаддум ё таъаххури вуҷуди одамӣ надорад; Ҳамчунонки баҳсе дар нодурустии бисёрӣ аз гуфтаҳо ва кардаҳои пешиниён нест, балки Худованд бештари ононро дар гумроҳӣ ва табоҳӣ шумурда ва фармудааст: ﴿وَلَقَدْ ضَلَّ قَبْلَهُمْ أَكْثَرُ الْأَوَّلِينَ﴾;[2] <<Ва ба дурустӣ ки пеш аз онон, бештари пешиниён гумроҳ шуданд>> Ва фармудааст: ﴿أَلَمْ نُهْلِكِ الْأَوَّلِينَ﴾;[3] <<Оё пешиниёнро табоҳ накардем?!>>. Ин ба он маъност ки пайравӣ аз пешиниён ба эътибори тақаддуми замонии онон, бар хилофи усули Ислом, балки заруриёти он аст; Бино бар инки зарурии Ислом ҳар чизе аст ки аз сареҳи каломи Худованд дар китобаш дониста мешавад ва адами лузуми пайравӣ аз пешиниён, бидуни шак аз қабили он аст; Чароки Худованд сариҳан дар китобаш фармудааст: ﴿وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ اتَّبِعُوا مَا أَنْزَلَ اللَّهُ قَالُوا بَلْ نَتَّبِعُ مَا أَلْفَيْنَا عَلَيْهِ آبَاءَنَا ۗ أَوَلَوْ كَانَ آبَاؤُهُمْ لَا يَعْقِلُونَ شَيْئًا وَلَا يَهْتَدُونَ﴾;[4] <<Ва чун ба онон гуфта шавад ки аз ончи Худо нозил кард, пайравӣ кунед, гӯянд: Бал аз чизе пайравӣ мекунем ки падаронамонро бар он ёфтем! Оё агарчи падаронашон чизеро ба ақл дарнамеёфтанд ва бар ҳидоят набуданд?!>> Ва фармудааст: ﴿وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ تَعَالَوْا إِلَىٰ مَا أَنْزَلَ اللَّهُ وَإِلَى الرَّسُولِ قَالُوا حَسْبُنَا مَا وَجَدْنَا عَلَيْهِ آبَاءَنَا ۚ أَوَلَوْ كَانَ آبَاؤُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ شَيْئًا وَلَا يَهْتَدُونَ﴾;[5] <<Ва чун ба онон гуфта шавад: Ба сӯӣ чизе биёйед ки Худо нозил кард ва ба сӯӣ Паёмбар, гӯянд: Чизе ки падаронамонро бар он ёфтем бароямон басанда аст! Оё агарчи падаронашон чизеро намедонистанд ва роҳ намеёфтанд?!>> Ва фармудааст: ﴿وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ اتَّبِعُوا مَا أَنْزَلَ اللَّهُ قَالُوا بَلْ نَتَّبِعُ مَا وَجَدْنَا عَلَيْهِ آبَاءَنَا ۚ أَوَلَوْ كَانَ الشَّيْطَانُ

1. Зухруф/ 23.
2. Соффот/ 71.
3. Мурсалот/ 16.
4. Бақара/ 170.
5. Моъида/ 104.

﴿يَدْعُوهُمْ إِلَى عَذَابِ السَّعِيرِ﴾;[1] <<Ва чун ба онон гуфта шавад: Аз чизе ки Худо нозил кард пайравӣ кунед, гӯянд: Бал аз чизе пайравӣ мекунем ки падаронамонро бар он ёфтаем! Оё агар чи шайтон ононро ба сӯи азоби сӯзон даъват мекард?!>> Ва фармудааст: ﴿وَإِذَا فَعَلُوا فَاحِشَةً قَالُوا وَجَدْنَا عَلَيْهَا آبَاءَنَا وَاللَّهُ أَمَرَنَا بِهَا ۗ قُلْ إِنَّ اللَّهَ لَا يَأْمُرُ بِالْفَحْشَاءِ ۖ أَتَقُولُونَ عَلَى اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ﴾;[2] <<Ва чун кори зиште мекунанд мегӯянд: Падаронамонро бар он ёфтем ва Худованд моро ба он амр кардааст! Бигӯ бегумон Худованд ба кори зишт амр намекунад, пас оё бар Худованд чизе мегӯйед ки ба он илме надоред?!>>. Бо ин васф, рӯшан аст ки эътиқод ба лузуми пайравӣ аз пешиниён, асле дар Ислом надорад ва аз ақойиди мушрикон аст ва аз ин ҳайс монеъи шинохт шумурда мешавад ки аҳли он, ҳаққро дар сурате ки бар хилофи гуфтаҳо ё кардаҳои пешиниён бошад, ботил мепиндоранд; Бо таваҷҷуҳ ба инки ба заъмашон, он агар ҳақ буд, бар пешиниён пӯшида намемонд ва ҳар чи бар пешиниён пӯшида монда, бидъат аст; Чунонки Худованд аз сухани онон хабар дода ва фармудааст: ﴿مَا سَمِعْنَا بِهَٰذَا فِي الْمِلَّةِ الْآخِرَةِ إِنْ هَٰذَا إِلَّا اخْتِلَاقٌ﴾;[3] <<Мо инро дар киши пеш, нашунидаем! Ин чизе ҷуз барсохтагӣ нест>>!

## [Адами лузуми пайравӣ аз пешиниён]

Аз инҷо нодурустии рӯйкарди салафиён ки ба лузуми пайравӣ аз пешиниён бовар доранд, рӯшан мешавад; Чароки пайравӣ аз пешиниён агар ба эътибори пайравӣ онон аз ақл аст, ақл барои пасиниён низ вуҷуд дорад ва бо вуҷиди он, пайравӣ аз пешиниён бемаъност ва агар ба эътибори пайравӣ онон аз шаръ аст, шаръ барои пасиниён низ вуҷуд дорад ва бо вуҷуди он, пайравӣ аз он сазовортар аз пешиниён аст; Балки пайравӣ аз пешиниён ба эътибори пайравӣ онон аз ақл ва шаръ, корӣ мутаноқиз ва беманост; Чароки пайравӣ аз пешиниён дар сурати пайравии онон аз ақл ва шаръ, мусталзами пайравӣ аз ақл ва шаръ аст на аз пешиниён; Бо таваҷҷуҳ ба инки пешиниён, бинобар фарз, аз ақл ва шаръ пайравӣ кардаанд на аз пешиниён ва бо ин васф, пайравӣ аз пешиниён, муқтазии адами пайравӣ аз пешиниён аст!

1. Луқмон/ 21.
2. Аъроф/ 28.
3. Сод/ 7.

Оре, дар сурате ки пешиниён, ба иқтизои наздиктар буданашон ба мабдаъи шаръ, лузуман аз шаръ огоҳтар буда бошанд, пайравӣ аз онон ба умеди наздиктар шудан ба пайравӣ аз шаръ, холӣ аз ваҷҳ нест, вале ин ҳолат, қатъӣ ба назар намерасад; Чароки наздиктар будани онон ба мабдаъи шаръ, мусталзими огоҳтар будани онон аз шаръ нест, балки шояд аз ҷиҳате, мусталзами хилофи он бошад; Зеро одатан шинохти чизе ки нав ҳодис шуда, аз шинохти чизе ки собиқан ба вуҷуд омада, душвортар аст, бо таваҷҷуҳ ба инки табиъатан маҷоли камтаре барои шинохти он вуҷуд дошта ва замони камтаре барои шинохти он сарф шуда ва таҷрибаи камтаре дар бораи он ба даст омада ва шумори камтаре бар он иттилоъ ёфта ва ин муқтазии шинохти камтаре аз он аст, то ҷойе ки бисёрӣ аз чизҳои ҷадид, дар ибтидои пайдоиши худ шинохта намешаванд ва танҳо бо гузори замон, шинохти онҳо суҳулат ва густариш меёбад ва аз ин рӯ, ҳамвора дар ҳамаи мавзӯъоте ки мунҳасир ба замони хоссе нестанд, илмиояндагон аз илми гузаштагон бештар буда ва ин воқеъияти маҳсус ва муҷарраб аст; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки илмиояндагон, омезаи аз илми худашон ва илми гузаштагон аст ва ин зарфияти илмии бештаре барои онон шумурда мешавад; Чароки онон аз таҷорибигузаштагон огоҳӣ меёбанд ва онро ба таҷорибихуд меафзоянд ва таҷорибибештаре бароиояндагон падид меоваранд. Ба назар мерасад қоъида дар шинохти чизҳое ки маҳдудияти замонӣ надоранд, ҳамин аст ва табъан шинохти шаръ аз ин қоъида мустасно нест; Чароки шаръ, ҳодисаи торихӣ ва мутаъаллиқ ба гузашта шумурда намешавад, балки ҳақиқатӣ ҷорӣ дар имтидоди абадият аст; Ҷуз онки табиъатан илми мусоҳибони Паёмбар ﷺ ба гуфта ва кардаи он Ҳазрат, ба иқтизои мусоҳибаташон бо ӯ, аз илми касоне ки бо он Ҳазрат мусоҳибате надоштанд бештар буда, бо ин мулоҳиза ки ин илм, ба ҷиҳати судури гуфта ва кардаи он Ҳазрат ихтисос дошта ва лузуман ҷиҳоти дигари он монанди маъоне, вуҷуҳ ва осорашро шомил намешудааст; Бо тавҷҷуҳ ба инки ривояти ҳадис мусталзими фаҳми он набуда ва ҳар Араби биёбон гарде ки ба шаҳри Паёмбар ﷺ меомада, қодир ба анҷоми он будааст. Аз ин рӯ, истиқроъан шинохти мутаъаххирон дар бораи латоъифи Қуръон ва дақоъиқи ҳадис ва далоъили ақида ва зароъифи фиқҳ

ва тароъифи ахлоқ, ба вузуҳ аз шинохти мутақаддимон дар бораи онҳо бештар аст ва мутолиъот ва таҳқиқоте ки акнун дар бораи онҳо анҷом мешавад, қаблан дар бораи онҳо мумкин набуд ва ҳосили он, ҳазорон китоби мабсут дар абвоби мухталифи шаръ аст ки акнун ба вуҷуд омадааст, дар ҳоле ки қаблан вуҷуд надошт ва ин гувоҳӣ рӯшан бар такомули илмии мусалмонон шумурда мешавад, то ҷойе ки инкори он, чизе ҷуз мукобира дар баробари маҳсус нест.

Оре, интиқоли илм баояндагон аз тариқи пешиниён сурат гирифта ва илмиояндагон умдатан мубтанӣ бар илми пешиниён аст, вале ин низ мусталзими олимтар будани пешиниён азояндагон нест; Чароки олимтар шудани муталлим аз муаъллим, натанҳо имкон дорад, балки шойеъ ва муҷарраб аст; То ҷойе ки ривоят шудааст: «رُبَّ حامِلِ فِقْهٍ وَ لا فِقْهَ لَهُ وَ رُبَّ حامِلِ فِقْهٍ إِلى مَنْ هُوَ أَفْقَهُ مِنْهُ»;[1] <<Чи бисёр ҳомили донише ки худ донише надорад ва чи бисёр ҳомили донише ба сӯи касе ки аз ӯ донишмандтар аст>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки мутаъаллим метавонад дониши як муаллимро бо дониши муаллимӣ дигар даромезад ва дониши бештаре аз дониши ҳарду ба даст оварад ва бо ин васф, ҳеҷ манъе барои олимтар шуданиояндагон аз пешиниён нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿نَرْفَعُ دَرَجَاتٍ مَنْ نَشَاءُ ۗ وَفَوْقَ كُلِّ ذِي عِلْمٍ عَلِيمٌ﴾;[2] <<Ҳар касеро ки бихоҳем дар поя боло мебарем ва болотар аз ҳар доное донишманде аст>>! Дар ин миён, ривояти аҳли ҳадис бо мазмуни «خَيْرُ النّاسِ قَرْنِي ثُمَّ الَّذِينَ يَلُونَهُمْ ثُمَّ الَّذِينَ يَلُونَهُمْ»[3] Ки муддаъии бартарии мусалмонони нахустин бар мусалмонони оянда аст низ лузуми табаъияти мусалмонони оянда аз мусалмонони нахустинро исбот намекунад; Чароки фориғ аз адами имкон ахзи ба итлоқи он бо таваҷҷуҳ ба вуҷуди аъиммаи нифоқ дар қарни Паёмбар ﷺ ва аъиммаи зулм дар ду қарни пас аз он Ҳазрат, аз як сӯ ривоятӣ

1. Шофеъӣ, Ал-Муснад, с240; Муснади Аҳмад, ҷ4, с80 ва 82 ва ҷ 5, с183; Сунанул Дорамӣ, ҷ1, с74 ва 75; Сунани ибни Моҷа, ҷ1, с84, 85 ва 86 ва ҷ 2, с1015; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с179; Сунанул Тирмизӣ, ҷ4, с141; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ3, с431; Муснади абӣ Яъло, ҷ13, с408; Сунани ибни Ҳиббон, ҷ1, с270; Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳддул Фосил, с166; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ1, с87 ва 88.
2. Юсуф/ 76.
3. Муснади Аҳмад, ҷ1, с378 ва 434; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ3, с151 ва ҷ 4, с189 ва ҷ 7, с174; Саҳеҳул Муслим, ҷ7, с185; Сунанул Тирмизӣ, ҷ3, с339 ва 376 ва ҷ 5, с357; Байҳоқӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ10, с122; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ3, с494.

воҳид ва табъан ғайри яқинӣ аст ва аз сӯи дигар бо риваяти аҳли ҳадис бо мазмуни «مَثَلُ أُمَّتِي مَثَلُ الْمَطَرِ لا يُدْرَى أَوَّلُها خَيْرٌ أَوْ آخِرُها»[1] Ки бартарии мусалмонони нахустин бар мусалмонони ояндаро номаълум мешуморад, таъоруз дорад ва табъан соқит мешавад.[2]

Бо ин ҳол, ҳақ он аст ки илми бештари мусалмонони нахустин дар бораи шаръ низ, дар сурате ки собит бошад, ҳнгоме барои ояндагон қобили пайравӣ аст ки қатъ ба интиқоли саҳиҳ ва комили он тавассути онон вуҷуд дошта бошад, дар ҳоле ки инсофан қатъ ба он вуҷуд надорад ва танҳо ҳусни занн ба он мавҷуд аст ки барои чунин кори хатире кофӣ нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الظَّنَّ لَا يُغْنِي مِنَ الْحَقِّ شَيْئًا﴾;[3] <<Ҳароин занн чизеро аз ҳақ кифоят намекунад>>; Чароки бо таваҷҷуҳ ба вуҷуди ихтилофоти фикрӣ ва сиёсии амиқ ва густарда дар миёни мусалмонони нахустин ва истилоъи ҳокимони ҷаббор бар онон пас аз Паёмбар ﷺ, ангезаҳои фаровоне барои кетмони илми саҳиҳ ва комил тавассути онон вуҷуд дошт, балки чи басо изҳори он дар бисёрӣ аз маворид, барои онон мусталзими усру ҳараҷ ва даст шустан аз молу ҷон ва обурӯ буд; Ҷудо аз он ки ба таври ҳатм, дастикам бархӣ аз онон, хусусан дар наслҳои дуввум ва севвум, аз ҳавои нафс ва матомеъи дунё пайравӣ мекарданд ва табъан илми худро аз рӯи амд, кетмон менамуданд; Чунонки ривоёти зидду нақизи фаровоне аз онон расидааст ки муттаҳами аслӣ дар робита бо бархӣ аз онҳо худи ононанд. Бо ин васф, ҳатто агар олимтар будани наслҳои нахустини Исломӣ дар бораи шаръ, мусаллам бошад, изҳори илми саҳиҳ ва комил тавассути онон барои ояндагон мусаллам нест ва ҳамин барои худдории ояндагон аз пайравӣ онон кифоят мекунад.

Оре, мумкин аст кетмони илм ва омехтани он ба дурӯғ ва

---

1. Муснади Аҳмад, ҷ3, с130 ва 143 ва ҷ 4, с319; Сунанул Тирмизӣ, ҷ4, с239; Муснади абӣ Довуд, Таёлисӣ, с90 ва 270; Муснади абӣ Яъло, ҷ6, с190 ва 380; Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, ҷ16, с210; Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул Фосил, с346; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ4, с78 ва 231; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ10, с68; Ҳаму, мавориду Ал-Замон, ҷ7, с295; Аҳодисул Шомухӣ, с30; Ибни Салома, Муснадул Шаҳоб, ҷ2, с276 ва 277.
2. Барои огоҳӣ аз таваҷҷуҳи аҳли ҳадис ба таъорузи ин ду ривоят, нигоҳ кун ба: Ибни Қутайба, Таъвилу мухталифул ҳадис, с107; Ибни Абдул Бир, Аттамҳид, ҷ20, с250 то 254; Ибни Ҳаҷар, Фатҳул Борӣ, ҷ7, с5; Абу Раяҳ, Азвоъун Алас суннати набавия, с243.
3. Юнус/ 36.

чоплусӣ, дар миёни ояндагон бештар аз пешиниён бошад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَخَلَفَ مِنْ بَعْدِهِمْ خَلْفٌ أَضَاعُوا الصَّلَاةَ وَاتَّبَعُوا الشَّهَوَاتِ ۖ فَسَوْفَ يَلْقَوْنَ غَيًّا﴾;[1] <<Пас дар пайи онон ояндагоне омаданд ки намозро зойеъ ва аз шаҳавот пайравӣ карданд, пас кжиро хоҳанд дид>>, вале рӯшан аст ки ин низ барои пайравии ояндагон аз пешиниён кофӣ нест; Чароки дурусттар будани гуфта ва кардаи касе нисбат ба дигарӣ, модоме ки қатъи назар аз гуфта ва кардаи дигарӣ, дар зоти худ дуруст набошад, қобили пайравӣ нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки мумкин аст гуфта ва кардаи нодурусте, дар қиёс бо гуфта ва кардаи нодурусти дигарӣ, дурусттар шумурда шавад, дар ҳоле ки бо лиҳози нодурустиаш дар зоти худ, қобили пайравӣ нест; Монанди дурӯғгӯе ки дар муқоиса бо дурӯғгӯйи дигар, дурӯғи камтар ё хурдтар мегӯянд, вале пайравии дурӯғгӯйи дигар аз ӯ ба ин эътибор, воҷиб нест; Чароки воҷиб, пайравӣ аз ростгӯён аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللَّهَ وَكُونُوا مَعَ الصَّادِقِينَ﴾;[2] <<Эй касоне ки имон овардид! Аз Худованд парво кунед ва бо ростгӯён ҳамроҳ бошед>>; Ҳамчунонки ҳеҷ кас аз мардум нест магар инки аз касӣ дигар аз онон дурусткортар шумурда мешавад, дар ҳоле ки мусалламан пайравӣ ҳар яке аз онон аз дигарӣ ба ин эътибор, воҷиб нест.

Оре, бегумон гурӯҳе аз мусалмонони нахустин ки Паёмбар ﷺ ро диданд ва итоъат карданд, дорои фазилат буданд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَالسَّابِقُونَ الْأَوَّلُونَ مِنَ الْمُهَاجِرِينَ وَالْأَنْصَارِ وَالَّذِينَ اتَّبَعُوهُمْ بِإِحْسَانٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي تَحْتَهَا الْأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ﴾;[3] <<Ва пешӣ гирандагони нахустин аз муҳоҷирон ва ансор ва касоне ки дар некӣ аз онон пайравӣ карданд, Худованд аз онон розӣ шуд ва онон аз Ӯ розӣ шуданд ва барои онҳо биҳиштҳоеро фароҳам сохт ки ҷӯйборҳое аз зерашон ҷорӣ аст дар ҳоле ки ҳамеша ҷовидон дар он хоҳанд буд, он комёбии бузург аст>>, вале инсоф он аст ки исботи фазилат барои онон, мусталзими нафйӣ фазилат аз ояндагон нест; Балки афзалияти онон бар ояндагонро исбот намекунад; Зеро мумкин аст гурӯҳе аз мусалмонони оянда ки Паёмбар ﷺ ро надиданд ва бо ин ҳол, итоъат карданд, аз онон афзал бошанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки итоъат аз Паёмбар ﷺ бидуни дидани он Ҳазрат, душвортар аст.

1. Марям/ 59.
2. Тавба/ 119.
3. Тавба/ 100.

Бо ин ҳама афзалияти мусалмонони нахустин бар ояндагон низ, дар сурате ки собит бошад, танҳо ба маънои бештар будани аҷри онон дар охират аст ва лузуми пайравии онон бар ояндагонро исбот намекунад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿انْظُرْ كَيْفَ فَضَّلْنَا بَعْضَهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ ۚ وَلَلْآخِرَةُ أَكْبَرُ دَرَجَاتٍ وَأَكْبَرُ تَفْضِيلًا﴾;[1] <<Бингар ки чигуна бархӣ аз ононро бар бархӣ дигар фазилат додем ва бегумон охират дар дараҷа ва фазилат додан бузургтар аст>>!

### [Адами имкони пайравӣ аз пешиниён]

Аз инҷо дониста мешавад ки пайравӣ аз се насли нахустини Исломӣ, асосе дар Ислом надорад ва бо ҳеҷ тақрире, қобили тавҷиҳ нест ва ин сарфи назар аз номумкин будани он дар воқеъ аст; Чароки се насли нахустини Исломӣ, афрод ва гурӯҳои мухталиф бо гуфтаҳо ва кардаҳои мутазод буданд, то ҳадде ки гуфтаҳо ва кардаҳои якдигарро нодуруст медонистанд ва бар сари онҳо, бо ҳам меҷангиданд. Рӯшан аст ки бо ин васф, пайравӣ аз онон мумкин нест; Чароки пайравӣ аз гуфтаҳо ва кардаҳои бархӣ аз онон, ба маънои адами пайравӣ аз гуфтаҳо ва кардаҳои бархӣ дигар аз онон аст ва ин коре мутанокиз ва бемаъност; Фориғ аз онки ин пайравии гузинишӣ аз онон бидуни мураҷҷаҳи ақлӣ ва шаръӣ ҷойиз нест ва ба ихтилоф миёни пасиниён меанҷомад, дар ҳоле ки бо мураҷҷаҳи ақлӣ ва шаръӣ пайравӣ аз онон шумурда намешавад, балки дар воқеъ пайравӣ аз ақл ва шаръ аст. Аз ин рӯ, гӯё ба тозагӣ салафиён низ ба нодурустии рӯйкарди хеш пай бурдаанд ва дар ҳоли дур шудан аз он ва бозсозии усули салафия ҳастанд; Чароки онон дигар монанди гузашта бар лузуми пайравӣ аз саҳоба, тобеъин ва атбоъи тобеъин, таъкид намекунанд, балки бар лузуми мурочиъа бар Қуръон ва суннати қатъи назар аз гфтоҳо ва кардаҳои саҳоба, тобеъин ва атбоъи тобеъин, пой мефишоранд, вале воқеъ он аст ки онон қодир ба ин кор нахоҳанд буд; Зеро пайрваӣ аз саҳоба, тобеъин ва атбоъи тобеъин, ҳар чанд ба сурати гузинишӣ, дигар як кори ихтиёрӣ нест, бал коре аст ки хоста ё нохоста анҷом мешавад; Зеро ончи ба унвони суннат, меъёри шинохти онон аз Ислом шумурда шуда, навъан ривоётӣ заннӣ аст ки аз тариқи саҳоба, тобеъин, атбоъи тобеъин ва касоне ки пас аз онҳо буданд, расида ва аз

1. Исроъ/ 21.

дастабандиҳои сиёсӣ ва мазҳабии онҳо ва ҳаводиси қарнҳои нахустин, таъсир пазируфта ва табъан фоқиди асолат ва хулуси лозим аст. Бо ин васф, гӯйӣ барои бозгашт ба Қуръон ва суннат, дер шудааст ва салафиён, дар сохтори кунунӣ, роҳе ҷуз пайравӣ аз салаф, надоранд; Магар онки сохтори кунунӣ ки мубтанӣ бар занниёт астро бишиканананд ва сохтори дигареро ҷойгузини он созанд ки мубтанӣ бар яқиниёт бошад ва ин роҳи бозгашт ба Ислом аст; Чароки Ислом, мубтанӣ бар яқин аст ва ҳар чизе ки ба яқин намерасонад, ҷойе дар Ислом надорад ва ин ба манзалаи қоъидаи ом ва ғайри қобили тахсис аст.

## [Дуввум; Тақлид аз олимон]

Яке дигар аз гунаҳои ройиҷи тақлид, пайравӣ аз гуфта ва кардаи олимон аст; Чароки бештари мусалмонон, гуфта ва кардаи олимонро дар ҳукми шаръ мепиндоранд ва фарқӣ миёни он ду намешиносанд, дар ҳоле ки мусалламан шаръ, гуфта ва кардаи олимон нест, бал гуфта ва кардаи Худованд аст ки бо гуфта ва кардаи олимон, мулозимае надорад ва мутобиқати он ду бо ҳам, зотӣ нест; Чунонки адами мутобиқати бисёрӣ аз гуфтаҳо ва кардаҳои олимон бо шаръ, маълум аст, то ҳдде ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنَّ كَثِيرًا مِنَ الْأَحْبَارِ وَالرُّهْبَانِ لَيَأْكُلُونَ أَمْوَالَ النَّاسِ بِالْبَاطِلِ وَيَصُدُّونَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ﴾;[1] <<Эй касоне ки имон овардид! Бисёрӣ аз олимон ва роҳибон, ҳароина амволи мардумро ба ботил мехуранд ва аз роҳи Худо боз медоранд>>! Ба илова, ихтилофи онон бо якдигар дар гуфтаҳо ва кардаҳошон, фоҳиш ва фаровон аст; Дар ҳоле ки ҳақ, мусалламан гуфта ё кардаи воҳиде аст ва қобилияти таъаддуд ва такассур надорад ва бо ин васф, пайравии онон, аз як сӯ мутаноқиз ва бемаъност ва аз сӯи дигар, ба ихтилофи мусалмонон меанҷомад; Ҳамчунонки ба он анҷомидааст; Чароки ихтилофи мусалмонон дар ақойид ва аъмалашон, беш аз ҳар чиз, маълули пайравӣ онон аз олимони мухталиф аст; Бо тавҷҷуҳ ба инки онон, дар ақойиди худ, аз олимонӣ монанди Ашъарӣ (д.324қ) ва ибни Таймия (д.728қ) ва дар аъмоли худ, аз олимонӣ монанди абу Ҳанифа (д.150қ), Молик (д.179қ), Шофеъӣ (д.204қ) ва ибни Ҳанбал (д.241қ) пайравӣ мекунанд; Дар ҳоле ки пайравӣ аз онҳо, мубтанӣ бар

1. Тавба/ 34.

занни пайравонашон ба мутобиқти гуфтаҳо ва кардаҳои онҳо бо шаръ аст ки мусалламан барои пайравӣ аз онҳо, кофӣ нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки илм ба мутобиқати чизе бо шаръ, барои эътиқод ё амали ба он, зарурӣ аст ва занн наметавонад мабнои ақида ва амали мусалмон вақеъ шавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا لَهُمْ بِهِ مِنْ عِلْمٍ ۖ إِنْ يَتَّبِعُونَ إِلَّا الظَّنَّ ۖ وَإِنَّ الظَّنَّ لَا يُغْنِي مِنَ الْحَقِّ شَيْئًا﴾;[1] <<Ононро ба он илме нест; Онон ҷуз аз занн пайравӣ намекунанд, дар ҳоле ки занн чизеро аз ҳақ бениёз намегардонад>>!

Ба илова, мусалмонон, барои огоҳӣ аз гуфтаҳо ва кардаҳои касоне ки аз онҳо тақлид мекунанд, ба худи онҳо муроҷиъа намекунанд; Зеро онон ғолибан аз касоне тақлид мекунанд ки мурдаанд ва дастрасӣ ба онҳо мумкин нест ва ошноӣ бо осорашон низ ба муқаддамоте аз қабили ошноӣ бо забони Арабӣ ва мусталаҳоти фиқҳӣ ва каломӣ ниёзманд аст ки онон фоқиди онанд ва аз ин рӯ, ба касоне ҷуз онҳо муроҷиъа мекунанд ки аз гуфтаҳо ва кардаҳои онҳо хабар медиҳад, дар ҳоле ки мутобиқати хабари инҳо бо воқеъ, монанди ҳар хабари воҳиди дигаре қатъӣ нест ва таъассури он аз ҷаҳл ё аҳвоъи инҳо муҳтамал аст ва ин ба маънои таҳсили занн, аз тариқӣ занни аст ки торикӣ бар рӯи торикӣ шумурда мешавад. Рӯшан аст ки диёнате то ин андоза муттакӣ бар занн, бисёр суст ва бе эътибор аст ва наметавонад ҳақиқати Ислом бошад ва аз ин ҳайс монеъи шинохт шумурда мешавад ки аҳли он, ҳаққро дар сурате ки бар хилофи фатвои олимонашон бошад, ботил мепиндоранд, дар ҳоле ки мухолифати он бо фатвои олимонашон, мусталзими бутлони он нест, балки мусталзими бутлони фатвои олимонашон аст; Чароки мусалламан ҳақ бо риҷол шинохта намешавад, бал ин риҷоланд ки бо ҳақ шинохта мешаванд, агарчи бисёр мӯҳтарам ва муъаззам бошанд ва ҳақ аз риҷол ба эҳтиром ва таъзим сазовортар аст.

Ба илова бисёрӣ аз олимони мусалмон дар асри ҳозир, одил ба назар намерасанд; Чароки гурӯҳе аз онон бо ҳокимони золим ҳамкорӣ мекунанд ва барои ифсод дар замин ва тафриқаафканӣ миёни мусалмонон мекӯшанд ва гурӯҳе аз онон риёсат

1. Наҷм/ 28.

металабанд ва худро авлиёъи мусалмонон ва арбоби дин ва дунёи онон мешуморанд ва гурӯҳе аз онон дар кӯҳҳо ва дарраҳо пинҳон мешаванд ва ба роҳзанӣ ва ба интиҳор мепардозанд, дар ҳоле ки ҳар як, дастае аз сафиҳонро ба дунболи худ мекашонанд ва қурбонии матомеъи худ мегардонанд. Ҳамчунонки дар қарнҳои нахустин, бисёрӣ аз онон дар байъати ҳокимони золим буданд ва мусалмононро бо ривоёти дурӯғин ва фатвоҳои ботили худ мефирефтанд ва ба иъонат бар зулм ва гуноҳони бузург вомедоштанд, то онки бо ин шева, заминаи инҳирофи мусалмонон аз ҷодаи Ислом ва пур шудани замин аз зулмро фароҳам сохтанд ва улгуйе барои олимони мутаъаххир шуданд ки бисёришон ба роҳ ва равиши онон сулук мекунанд; Фориғ аз онки бештарашон дар воқеъ олим нестанд; Зеро аз як сӯ, олими дар Ислом касе аст ки аз Худованд парво дорад; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّمَا يَخْشَى اللَّهَ مِنْ عِبَادِهِ الْعُلَمَاءُ﴾;[1] <<Танҳо аз Худованд аз миёни бандагонаш олимон меҳаросанд>> Ва табъан касоне аз бандагонаш ки аз ӯ намеҳаросанд, олим шумурда намешаванд ва аз сӯи дигар, бештари онон аз олимони пеш аз худ тақлид мекунанд ва дар чаҳорчӯби мазоҳиби онҳо фатво медиҳанд, дар ҳоле ки муқаллид, мусалламан олим шумурда намешавад ва ин чизе аст ки дар он ихтилофе нест.

## [Адами имкони тақлид аз олимон бар пояи тақлид аз онон]

Бо ин ҳама, бисёрӣ аз мусалмонон, хусусан дар кишварҳоӣ монанди Эрон, Ироқ ва Лубнон ихтиёри марҷаъӣ аз онон барои тақлидро бар ҳар мусалмоне воҷиб мешуморанд ва амали бидуни онро ботил ва ғайри қобили қабул мепиндоранд; Дар ҳоле ки далили бештари онҳо барои ин эътиқод, фатвоӣ олимонашон ба он аст ва ин ба маънои тақлиди онҳо бар пояи тақлид аст ки давраӣ ботил ва бемаъност; Чароки мусалламан тақлид, бар хилофи асли табиъӣ аст ва табъан бениёз аз далил нест ва далили он наметавонад мубтанӣ бар худаш бошад ва бо ин васф, чорае ҷуз иҷтиҳод дар тақлид нест, дар ҳоле ки онҳо навъан дар тақлиди худ муқаллиданд; Чароки барои он далиле аз шаръ ё ақл намешиносанд, магар таваҳҳуме ки барои бархишон падид омада мабнӣ бар инки тақлид аз олимон, аз боби руҷӯъи оқилон

1. Фотир/ 28.

ба мутахассис аст, дар ҳоле ки ин таваҳҳум, аз воқеъият ба дур аст; Чароки мутахассис дар нигоҳи оқилон, баста ба мавзӯе ки дар бораи он ба ӯ руҷӯъ мекунанд, мутафовид аст ва дар нигоҳи онон, мутахассис дар дин касе аст ки руҷӯъ ба ӯ ононро ба яқин мерасонад, монанди Расули Худо ﷺ, на касе ки руҷӯъ ба ӯ танҳо муфиди занн аст, мононди муҷтаҳид; Бо таваҷҷуҳ ба инки дар умури динӣ, бар хилофи умури урфӣ ва дунявӣ, яқин мавзуъият дорад ва зарурӣ аст, дар ҳоле ки руҷӯъ ба ғайри Худованд ва касе ки аз ҷониби Ӯ сухан мегӯяд, табъан муҷиби яқин намешавад ва бо ин васф, уқалоӣ нест. Ба илова, баноИ оқилон дар умуре ки мутаъаллиқи ба Худованд аст мустанад ба амри Ӯст, агарчи дар умуре ки мутаъаллиқ ба худашон аст истиноде ба амри Ӯ надорад ва бо ин васф, баноИ онон дар умури мутаъаллиқ ба худашон монанди биносозӣ ва табобат, мабноИ баноИ онон дар умури мутаъаллиқ ба Худованд монанди диёнат намешавад ва рӯшан аст ки амри Худованд дар умури мутаъаллиқ ба Ӯ яқин аст ки бо тақлид аз муҷтаҳидон, ба даст намеояд. Ҳосил онки руҷӯъи уқало ба биносоз ва табиб, мусталзими руҷӯъи онон ба муҷтаҳид дар дин нест ва қиёси он ду бо ҳам, қиёси маъалфориқ аст.

### [Адами имкони иҷтиҳоди олимон бар пояи тақлиди онон]

Ба илова, инон мусалмоне ки даст аз тақлиди олимонашон бардошта ва ба манобеъи аслитари Ислом мурочиъа кардаастро маломат мекунанд ки бо иҷозаи кадомин марҷаъи тақлид, тақлид дар Исломро тарк карда ва ба иҷтиҳод дар он рӯй овардааст; Чароки ба заъми онон, муҷтаҳид ҳангоме муҷози ба иҷтиҳод аст ки муҷтаҳиди дигар ба ҷавози иҷтиҳоди ӯ фатво дода бошад, дар ҳоле ки ин низ тасалсулӣ ботил ва сафсатаи ошкор аст; Зеро тақлид аз чунин касе мутавқифи бар тақлид аз касе хоҳад буд ки ба ҷавози тақлид аз ӯ фатво додааст, дар ҳоле ки тақлид аз он кас низ мутавақиф бар тақлиди аз касе хоҳад буд ки ба ҷавози тақлид аз ӯ фатво додааст ва ба ҳмин тартиб ки ҳаср намешавад ва амалӣ нест.

### [Адами имкони вилояти мутлақаи фақиҳ]

Ба илова, гурӯҳе аз онон дар кишварҳое монанди Эрон, дар бораи олимони худ ғулув мекунанд ва онҳоро гумоштагонӣ аз

чониби Худо ва сарпарастоне монанди Паёмбар медонанд ва монанди Худо ва Паёмбар фармон мебаранд; Чунон яҳудиён ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿اتَّخَذُوا أَحْبَارَهُمْ وَرُهْبَانَهُمْ أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ﴾;[1] <<Олимон ва роҳибони худро Худовандгороне ҷуз Худованд гирифтанд>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки онон мусалламан барои олимони худ намоз нагузориданд ва рӯза нагирифтанд, бал аз онҳо ба ҷои Худованд итоъат карданд ва ин ширке буд ки бар онон пӯшида буд. Дар ҳоле ки мусалламан олимони мусалмон, ҳар чанд солеҳ бошанд, аз гуфта ва кардаи нодуруст маъсум нестанд ва ин чизе аст ки худ ба он иқрор доранд ва бо ин васф, наметавонанд гумоштагони Худо ва сарпарастоне монанди Паёмбар бошанд; Чароки Худо ва Паёмбар, аз гуфта ва кардаи нодуруст маъсуманд ва рӯшан аст ки итоъат аз маъсум бо итоъат аз ғайри маъсум мунофот меёбад; Бо таваҷҷуҳ ба инки мухолифати гуфта ва кардаи ғайри маъсум бо гуфта ва кардаи маъсум, муҳтамал балки иҷмолан ҳатми аст ва бо ин васф, амр ба пайравӣ гуфта ва кардаи маъсум, мусталзими наҳй аз пайравии гуфта ва кардаи ғайри маъсум аст ва амри Худованд ба ҳарду, имкон надорад ва табъан нисбат додани чунин амре ба Ӯ, ҳар чанд бо такия бар ривоётӣ воҳид ва заннӣ, ифтирое бар Ӯ шумурда мешавад ки гуноҳӣ бас бузург аст; Чунонки фармудааст: ﴿انْظُرْ كَيْفَ يَفْتَرُونَ عَلَى اللَّهِ الْكَذِبَ ۖ وَكَفَىٰ بِهِ إِثْمًا مُبِينًا﴾;[2] <<Бингар ки чигуна бар Худованд дурӯғ мебанданд, дар ҳоле ки он ба унвони гуноҳӣ ошкор кофӣ аст>>!

Инсоф он аст ки итоъати бе чуну чаро аз касоне ки мумкин аст хоста ё нохоста, ба хилофи фармони Худо ва Паёмбар фармон диҳанд, маъқул нест ва наметавонад воҷиб бошад ва ин аз масоъили возеҳ ва зарурӣ дар Ислом аст; То ҷойе ки баъид нест мӯътақиди ба вуҷуби он, сафиҳ бошад ва монанди кӯдакон, маҳҷур шумурда шавад. Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки итоъати бе чуну чаро аз фардӣ ғайри маъсум ва вогузоридани ихтиёроти маъсум ба ӯ, одатан маншаъи фитнаҳои гуногун ва мафосиди бузурге чун истебдоди сиёсӣ аст ки барои иҷтиноб аз он кофӣ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ كَفَرُوا بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ ۚ إِلَّا تَفْعَلُوهُ

1. Тавба/ 31.
2. Нисоъ/ 50.

﴿تَكُنْ فِتْنَةٌ فِي الْأَرْضِ وَفَسَادٌ كَبِيرٌ﴾;[1] <<Ва касоне ки куфр варзиданд, бархӣ сарпарасти бархӣ дигаранд! Агар анҷомаш надиҳед фитнае дар замин ва фасодӣ бузург хоҳад буд>>! Рӯшан аст ки тақвои чунин фарде низ модоми ки ба ҳадди исмат нарасад, зомини адами сӯъи истифодаи ӯ аз қудрат беқайд ва назораташ нахоҳад буд; Зеро бисёр дида ва шунида шудааст ки тақводороне чун ба қудрат расидаанд, аз ҳудуди Худованд таҷовуз кардаанд ва даст ба ситам ёзидаанд ва бо ин васф, қудрат бахшидан ба чунин касе бидуни тақйид ва назорат, илқоъи худ дар маърази ҳалокат аст ки зулми ба худ шумурда мешавад ва ҷойиз нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا تُلْقُوا بِأَيْدِيكُمْ إِلَى التَّهْلُكَةِ﴾;[2] <<Ва худро бо дасти худ ба ҳалокат наяндозед>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يَظْلِمُ النَّاسَ شَيْئًا وَلَٰكِنَّ النَّاسَ أَنْفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ﴾;[3] <<Бегумон Худованд ба мардум зулме намекунад, вале ин мардум ҳастанд ки ба худашон зулм мекунанд>>; Бинобарин, Худованд итоъат аз чунин касеро бар мардум воҷиб накардааст, вале ин мардум ҳастанд ки итоъат аз чунин касеро бар худ воҷиб кардаанд; Чароки Худованд ба онон золим нест ва онон ҳастанд ки ба худ зулм мекунанд. Ҳар чанд чунин коре натанҳо зулм шумурда мешавад, бал мисдоқи боризи сафоҳат аст ки аз оммаи оқилон баъид аст, чи расад ба Парвардигори онон!

Аз инҷо дониста мешавад ки тақлид аз олимон, ба ҳеҷ рӯй муҷзӣ нест ва иҷтиҳод бар умуми мусалмонон воҷиб аст; Албатта дар сурате ки мурод аз иҷтиҳод, шинохти яқинӣ аз ақойид ва аҳкоми Ислом бошад; Чароки агар мурод аз он, шинохти заннӣ аз онҳо ҳар чанд бо итикоъ ба ахбори оҳод ва мавҳумотӣ назири иҷмоъ бошад, тафовути чандоне бо тақлид надорад ва ба табаъи он муҷзӣ нест; Чароки иллати муҷзӣ набудани тақлид, муҷзӣ набудани итикоъ ба ғайри яқиниёт дар ақойид ва аҳкоми шаръӣ аст ва ин иллат миёни тақлид ва иҷтиҳод муттакӣ бар ғайри яқиниёт, муштарак аст ва бо ин васф, иҷтиҳоди муттакӣ бар ғайри яқиниёт, муҷзӣ нест, ҳар чанд аз тақлид беҳтар бошад; Бал ҳар коре ки барои шинохти яқинӣ аз ақойид ва аҳкоми шаръӣ

1. Анфол/ 73.
2. Бақара/ 195.
3. Юнус/ 44.

лозим аст, ҳамон бар умуми мусалмонон воҷиб аст.

## [Севвум; Тақлид аз аксарият]

Яке дигар аз гунаҳои ройиҷи тақлид, пайравӣ аз гуфта ва кардаи аксари мардум аст; Чароки бисёрӣ аз мусалмонон, гуфта ва кардаи аксари мардумро аз гуфта ва кардаи ақалли онон дурусттар мепиндоранд ва ба масобаи улгуӣ худ, пайравӣ мекунанд; Дар ҳоле ки мусалламан дурустӣ ё нодурустии як гуфта ё карда, аз шумори пайравони он табаъият намекунад, бал тобеъӣ аз мутобиқат ё адами мутобиқати он бо ақл аст ки меъёри шинохт шумурда мешавад.

## [Нодурустии гуфта ва кардаи аксари мардум]

Бинобарин, мумкин аст ки гуфта ва кардаи аксари мардум, нодуруст бошад, бал воқеъ ин аст ки ғолиби бар он нодурустӣ аст; Зеро машҳуд аст ки аксари мардум ақлро ба кор намебанданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْقِلُونَ﴾[1] Ва аксари онон дучори ҷаҳланд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ يَجْهَلُونَ﴾[2] Ва аз илм баҳраи кофӣ надоранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ﴾[3] Ва аксари онон тобеъи заннанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا يَتَّبِعُ أَكْثَرُهُمْ إِلَّا ظَنًّا ۚ﴾[4] Ва аксари онон ҳаққро хуш намедоранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَأَكْثَرُهُمْ لِلْحَقِّ كَارِهُونَ﴾[5] Ва аз ин рӯ, аксари онон қодир ба шинохт ҳақ нестанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ الْحَقَّ ۖ فَهُمْ مُعْرِضُونَ﴾[6] Ва аксари онон ба он имон намеоваранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يُؤْمِنُونَ﴾[7] Ва фармудааст: ﴿لَقَدْ حَقَّ الْقَوْلُ عَلَىٰ أَكْثَرِهِمْ فَهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ﴾,[8] ҳар чанд барои имон овардани онон кӯшиш шавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا أَكْثَرُ النَّاسِ وَلَوْ حَرَصْتَ بِمُؤْمِنِينَ﴾,[9] Магар онки имони худро ба ширк биёлоянд; Чунонки

1. Анкабут/ 63.
2. Анъом/ 111.
3. Наҳл/ 75.
4. Юнус/ 36.
5. Муъминун/ 70.
6. Анбиёъ/ 24.
7. Ҳуд/ 17.
8. Ёсин/ 7.
9. Юсуф/ 103.

Худованд фармудааст: ﴿وَمَا يُؤْمِنُ أَكْثَرُهُمْ بِاللَّهِ إِلَّا وَهُمْ مُشْرِكُونَ﴾[1] Ва табъан аксари онон фосиқанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَأَكْثَرُهُمْ فَاسِقُونَ﴾[2] Ва шокир шумурда намешаванд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَشْكُرُونَ﴾[3] Ва фармудааст: ﴿وَلَا تَجِدُ أَكْثَرَهُمْ شَاكِرِينَ﴾,[4] Балки аксари онон монанди чаҳорпоёнанд, балки гумроҳтар аз онҳо шумурда мешаванд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَمْ تَحْسَبُ أَنَّ أَكْثَرَهُمْ يَسْمَعُونَ أَوْ يَعْقِلُونَ ۚ إِنْ هُمْ إِلَّا كَالْأَنْعَامِ ۖ بَلْ هُمْ أَضَلُّ سَبِيلًا﴾![5] Дар ҳоле ки ақаллияти онон, ҳаққро мешиносанд ва пайравӣ мекунанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَقَلِيلًا مَا يُؤْمِنُونَ﴾[6] Ва фармудааст: ﴿فَلَا يُؤْمِنُونَ إِلَّا قَلِيلًا﴾[7] Ва фармудааст: ﴿تَوَلَّوْا إِلَّا قَلِيلًا مِنْهُمْ ۗ﴾[8] Ва фармудааст: ﴿وَمَا آمَنَ مَعَهُ إِلَّا قَلِيلٌ﴾[9] Ва фармудааст: ﴿وَقَلِيلٌ مِنَ الْآخِرِينَ﴾[10] Ва фармудааст: ﴿وَقَلِيلٌ مِنْ عِبَادِيَ الشَّكُورُ﴾![11] Аз инҷо дониста мешавад ки пайравӣ аз аксарияти мардум, ваҷҳе надорад ва аз он ҳайс монеъи шинохт шумурда мешавад ки ҳақ, ҳаргоҳ бар хилофи гуфта ё кардаи онон бошад, ботил пиндошта мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَإِنْ تُطِعْ أَكْثَرَ مَنْ فِي الْأَرْضِ يُضِلُّوكَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ ۚ﴾;[12] <<Ва агар аз аксари касоне ки дар заминанд пайравӣ куни, туро аз роҳи Худо гумроҳ мекунанд>>!

## [Адами эътибори шӯҳрат]

Аз инҷо дониста мешавад ки шӯҳрати як гуфта, далолате бар сиҳати он надорад ва ривоҷи як карда, дурустии онро собит намекунад; Ҳамчунонки адами шӯҳрати як гуфта ва адами ривоҷи як карда, далиле бар нодурустии он нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки нодурустии гуфта ва кардаи бештари мардум, мумкин балки шойеъ аст. Ин дар ҳоле аст ки бисёрӣ аз мусалмонон, гуфта ва кардаи бештари ононро улгуӣ гуфта ва кардаи худ сохтаанд ва дониста ё нодониста, аз он асар пазируфтаанд; Балки бисёрӣ

1. Юсуф/ 106.
2. Тавба/ 8.
3. Намл/ 73.
4. Аъроф/ 17.
5. Фурқон/ 44.
6. Бақара/ 88.
7. Нисоъ/ 155.
8. Бақара/ 246.
9. Ҳуд/ 40.
10. Воқеъа/ 14.
11. Сабаъ/ 13.
12. Анъом/ 116.

аз онон, ақойид ва аъмоли худро аз аксарияти ҷавомеъи худ ахз кардаанд ва далиле барои он ҷуз тақлид аз онон надоштаанд; То ҷойе ки ҳар кас аз онон дар миёни ҳанафиён зойиш ёфта ҳанафӣ шуда ва ҳар кас аз онон дар миёни моликиён зойиш ёфта моликӣ шуда ва ҳар кас аз онон дар миёни шофеъиён зойиш ёфта шофеъӣ шуда ва ҳар кас аз онон дар миёни ҳанбалиён зойиш ёфта ҳанбалӣ шуда ва ҳар кас аз онон дар миёни шиъаён зойиш ёфта шиъа шуда ва ба ин тартиб, ҳар кадом аз мазҳаби ройиҷ дар муҳити худ пайравӣ карда ва ин дар ҳоле аст ки тарки пайравӣ аз он, ҳар чанд барои пайравӣ аз чизе беҳтар аз он, ба сабаби таъаллуқи хотир ва эътиёд ба он ва ҳарос аз воқеъ шудан дар ақаллият ки муваллиди фишорҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ аст, душвор аст. Ба ин тартиб, гуфтаҳо ва кардаҳои ғолиб бар ҷомеъа, монанди омилӣ қаҳрӣ ва номаҳсус, бар афроди он таъсир мегузорад ва гуфтаҳо ва кардаҳои ононро шакл медиҳад, ба наҳве ки онон ин гуфтаҳо ва кардаҳоро гуфтаҳо ва кардаҳои хеш мепиндоранд, дар ҳоле ки ба воқеъ аз они онон нест, балки аз они ҷомеъа аст ва онон дар пайдоиши он камтарин саҳмро доштаанд.

### [Адами эътибои иҷмоъ]

Аз инҷо дониста мешавад ки ҷамоъат ба маънои аксарияти ғолиби мусалмонон, наметавонад меъёри ҳақ бошад ва илтизоми ба он ваҷҳе надорад ва аҳли он, лузуман аҳли ҳақ нестанд; Чунонки гуфта шудааст ҷамоъат, аҳли ҳаққанд агар чи андак бошанд. Ҳамчунонки иҷмоъ харгоҳ ба маънои иштиҳор ва адами шинохти мухолиф бошад, асле дар Ислом надорад ва мусбити ҳақ нест; Чароки адами шинохти мухолиф, ба маънои адами мухолиф нест ва иштиҳор, далолате бар ҳақоният надорад. Оре, иттфоқи назари қатъии мусалмонон, бинобар адами имкони иҷтимоъи онон бар ботил, кошиф аз ҳақоният аст, вале рӯшан аст ки истиқроъи томми он мумкин нест ва истиқроъи ноқиси он муҷиби яқин намешавад. Бо ин васф, тавҷиҳи эътибори он бо истинод ба шумулаш бар раъйи Паёмбар ﷺ ё хулафоъи рошидаш бинобар қавли ба ҳуҷҷияти раъйи онон низ бемаъност; Чароки шумули он бар раъйи онон, ҳангоме қатъият дорад ки асли вуҷуди он қатъӣ бошад, дар ҳоле ки асли вуҷуди он, мубтанӣ бар истиқроъи ноқис аст ки заннӣ

аст ва табъан дар Ислом эътиборе надорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الظَّنَّ لَا يُغْنِي مِنَ الْحَقِّ شَيْئًا ۚ﴾;[1] <<Ҳароина занн чизеро аз ҳақ бениёз намекунад>>!

## [Адами эътибори ҷумҳурият]

Ҳамчунонки ҷумҳурият ба маънои ҳукумат бар мбнои раъйи аксарияти мардум, маъқул нест; Чароки ҳукумат аз корҳои уқалой ва табъан мубтанӣ бар ақл аст ва ғаразӣ ҷуз ҷалби масолеҳ ва дафъи мафосиди умумӣ надорад, дар ҳоле ки раъйи аксарияти мардум, лузуман уқалой ва мубтанӣ бар ақл нест ва меъёри шинохти масолеҳ ва мафосид шумурда намешавад ва бо ин васф, ҳукумат бар мабнои он, ғолибан ба нақзи ғараз меанҷомад; Хусусан дар ҷавомеъӣ ки ақли аксарияти мардум, рушди камтаре ёфта ва мавонеъи шинохт дар онҳо шойеъ аст; Чароки ҳукумат дар онҳо бар мабнои раъйи аксарияти мардум, қатъан ба ҷалби мафосид ва дафъи масолиҳи умумӣ меанҷомад; Дар ҳоле ки ҳукумат бар мабнои раъйи аксарияти мардум, дар ҷавомеъӣ ки аксарияти мардум рушди ақлии кофӣ ёфтаанд ва камтар ба мавонеъи шинохт дучоранд, бештар ба ҳусули ғараз меанҷомад то нақзи он ва аз ин рӯ, ҷавози ҳукумати шӯрой дар ин қабил ҷавомеъ, баъид нест; Чунонки Худованд шӯроро шеваи кори солеҳон шумурда ва фармудааст: ﴿وَمَا عِنْدَ اللَّهِ خَيْرٌ وَأَبْقَىٰ لِلَّذِينَ آمَنُوا وَعَلَىٰ رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ؛ وَالَّذِينَ يَجْتَنِبُونَ كَبَائِرَ الْإِثْمِ وَالْفَوَاحِشَ وَإِذَا مَا غَضِبُوا هُمْ يَغْفِرُونَ؛ وَالَّذِينَ اسْتَجَابُوا لِرَبِّهِمْ وَأَقَامُوا الصَّلَاةَ وَأَمْرُهُمْ شُورَىٰ بَيْنَهُمْ وَمِمَّا رَزَقْنَاهُمْ يُنْفِقُونَ؛ وَالَّذِينَ إِذَا أَصَابَهُمُ الْبَغْيُ هُمْ يَنْتَصِرُونَ؛ وَجَزَاءُ سَيِّئَةٍ سَيِّئَةٌ مِثْلُهَا ۖ فَمَنْ عَفَا وَأَصْلَحَ فَأَجْرُهُ عَلَى اللَّهِ ۚ إِنَّهُ لَا يُحِبُّ الظَّالِمِينَ﴾;[2] <<Ва ончи назди Худованд аст барои касоне ки имон доранд ва бар Парвардигорашон тавакул мекунанд, беҳтар аст; Ва касоне ки аз гуноҳони бузург ва корҳои зишт дурӣ мекунанд ва ҳнгоме ки ба хашм меоянд, гузашт менамоянд; Ва касоне ки Парвардигорашонро иҷобат карданд ва намозро барпо доштанд ва корашон шӯрой миёнашон аст ва аз ончи рӯзияшон кардем, мебахшоянд; Ва касоне ки чун таҷовузе ба онон шавад муқобила мекунанд; Ва посухи як бадӣ, бадии монанди он аст, пас ҳар кас бибахшад ва ислоҳ кунад, подошаш бар Худованд аст, чи онки Ӯ ситамкоронро дӯст намедорад>>; Ҷуз онки инсофан идораи умури ҷомеъа бар пояи машварат,

1. Юнус/ 36.
2. Шуро/ 36 то 40.

лузуман ба маънои ҳукумат бар пояи раъйи аксарияти мардум нест; Зеро метавонад ба маънои ҳукумат бар пояи маъқултарин раъйи мардум бошад ки бо тазоруби ороъи онон дар машварат кашв мешавад ва ин муқтазои меъёр будани ақл барои шинохт аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки мабно дар ҳамаи корҳои уқало, ақл аст ва ҳукумати онон бар тибқи раъйи аксарияти мардум, ҳаргоҳ раъйи аксарияти мардум мубтанӣ бар ақл бошад, ҳукумат бар мабнои ақл шумурда мешавад на бар мабнои раъйи аксарияти мардум ва ҳар гоҳ мубтанӣ бар ақл набошад, ҳукумат бар тибқи он, кори уқало нест.

Аз инҷо дониста мешавад ки ҷумҳурият ба маънои ҳукумат бар мабнои раъйи аксарияти мардум, сарфи назар аз онки раъйи онон маъқул бошад ё набошад, ҷойе дар Ислом надорад ва бо ҳеҷ тақрире қобили қабул нест, ҳар чанд машварат дар он бо мардум, ба манзури кашфи маъқултарин раъйи мавҷуд, ишколе надорад ва судманд аст ва ин сарфи назар аз мабнои ҳукумат дар Ислом аст ки бо мабнои ҷумҳурият ба маънои мазкур, созгор нест.

Ҳосил онки тақлид аз аксарияти мардум, асле дар ақл ва табъан Ислом надорад ва мусалмонон бояд тобеъи ҳақ бошанд агарчи бо гуфта ва кардаи аксарияти онон мухолиф бошад.

### [Чаҳорум; Тақлид аз золимон]

Яке дигар аз гунаҳои ройиҷи тақлид, пайравӣ аз гуфта ва кардаи золимон аст; Чароки бисёрӣ аз мусалмонон, аз ҳокимони золими худ пайравӣ мекунанд, дар ҳоле ки ҳокимони золимашон, аз як сӯ бо лиҳози мабнои машруъият дар Ислом, муҷоз ба ҳукумат нестанд ва аз сӯи дигар, ба иқтизои золим буданашон, бар тибқи ақл ва шаръ ҳукумат намекунанд ва бо ин васф, пайравӣ аз онон ба иқтизои ақл ва шаръ воҷиб нест, балки ба таври ҳатм ҳаром аст; Зеро касоне ки ҳаққи ҳукумат надоранд, табъан ҳаққи пайравӣ низ надоранд ва пайравӣ аз онон, бо таваҷҷуҳ ба мухолифаташон бо ақл ва шаръ, бо пайравӣ аз ақл ва шаръ мухолиф аст ва ин аз масоъили возеҳ ва зарурӣ аст; Чунонки Худованд ба рӯшанӣ фармудааст: ﴿وَلَا تَرْكَنُوا إِلَى الَّذِينَ ظَلَمُوا فَتَمَسَّكُمُ النَّارُ وَمَا

﴿لَكُمْ مِنْ دُونِ اللَّهِ مِنْ أَوْلِيَاءَ ثُمَّ لَا تُنْصَرُونَ﴾;[1] <<Ва ба касоне ки зулм мекунанд нагаройид ки шуморо оташ мегирад ва ҷуз Худованд сарпарстоне надоред ва он гоҳ ёрӣ нахоҳед шуд>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا تَتَّبِعُوا أَهْوَاءَ قَوْمٍ قَدْ ضَلُّوا مِنْ قَبْلُ وَأَضَلُّوا كَثِيرًا وَضَلُّوا عَنْ سَوَاءِ السَّبِيلِ﴾;[2] <<Ва аз хоҳишҳои гурӯҳе ки пештар гумроҳ шуданд ва бисёриро гумроҳ карданд ва аз миёнаи роҳ гум шуданд, пайравӣ накунед>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا تُطِعْ مَنْ أَغْفَلْنَا قَلْبَهُ عَنْ ذِكْرِنَا وَاتَّبَعَ هَوَاهُ وَكَانَ أَمْرُهُ فُرُطًا﴾;[3] <<Ва аз касе ки дилашро аз ёдамон ғофил кардем ва ҳавои худро пайравӣ кард ва кораш зиёдаравӣ буд, фармон набар>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا تَتَّبِعْ سَبِيلَ الْمُفْسِدِينَ﴾;[4] <<Ва аз роҳи муфсидон пайравӣ накун>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا تَتَّبِعَانِّ سَبِيلَ الَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ﴾;[5] <<Ва аз роҳи касоне ки намедонанд, пайравӣ накунед>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا تُطِعْ مِنْهُمْ آثِمًا أَوْ كَفُورًا﴾;[6] <<Ва аз онон ҳеҷ гуноҳкор ё носипосеро итоъат накун>>! Балки итоъат аз ононро узри бадтар аз гуноҳи дӯзахиён ва мояи ҳасрат ва надоматашон дар охират шумурда ва фармудааст: ﴿وَقَالُوا رَبَّنَا إِنَّا أَطَعْنَا سَادَتَنَا وَكُبَرَاءَنَا فَأَضَلُّونَا السَّبِيلَا؛ رَبَّنَا آتِهِمْ ضِعْفَيْنِ مِنَ الْعَذَابِ وَالْعَنْهُمْ لَعْنًا كَبِيرًا﴾;[7] <<Ва гӯянд: Парвардигоро! Мо аз саркардагон ва бузургонамон итоъат кардем, пас онон моро гумроҳ карданд; Парвардигоро! Ононро дучандон азоб бидеҳ ва ононро лаънатӣ бузург кун>>!

### [Адами вуҷуби итоъат аз ҳокимони золим]

Бо ин ҳол, аҷиб аст ки бисёрӣ аз мусалмонон, аз садаҳои нахустини Исломӣ, ба дунболи ҳокимият ёфтани Умавиён ва таҳти таъсири таблиғоти онон, пайравӣ аз ҳокимони золимашонро воҷиб ва ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат донистаанд ва бо истинод ба бардоштӣ ғалат аз чанд хабари воҳид ва муъориз бо сареҳи Қуръон, исрор доштаанд ки салби ҳокимияти онон, ҳар чанд мухолифаташон бо ақл ва шаръ зоҳир бошад, ҷойиз нест, дар ҳоле ки ин мусталзими вуҷуби мухолифат бо ақл ва шаръ аст ки муҳол аст; Бо тавҷҷуҳ ба инки ҳокимияти золимон, бидуни итоъат аз онон мумкин нест, дар ҳоле ки онон ба иқтизои золим буданашон, бар хилофи ақл ва шаръ ҳукм меронанд ва бо ин васф, вуҷуби итоъат аз онон бо вуҷуби итоъат аз ақл ва шаръ,

1. Ҳуд/ 113.
2. Моъида/ 77.
3. Каҳф/ 28.
4. Аъроф/ 142.
5. Юнус/ 89.
6. Инсон/ 24.
7. Аҳзоб/ 67 ва 68.

зиддият дорад ва қобили ҷамъ нест. Бал рӯшан аст ки итоъат аз ҳокими золим, ба иқтизои тазодди зулм ва адл, бо итоъат аз ҳокими одил ки Худованд аст, зиддият дорад ва табъан тасбити ҳокимияти ӯ, мусталзими нафйи ҳокимияти одил яъне Худованд аст ва бо ин васф, мунтасаб кардани ташриъи он ба Худованд, мунтасаб кардани ташриъи қабиҳ ба Ӯст ки ифтирой бар Ӯ шумурда мешавад; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِذَا فَعَلُوا فَاحِشَةً قَالُوا وَجَدْنَا عَلَيْهَا آبَاءَنَا وَاللَّهُ أَمَرَنَا بِهَا ۗ قُلْ إِنَّ اللَّهَ لَا يَأْمُرُ بِالْفَحْشَاءِ ۖ أَتَقُولُونَ عَلَى اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ﴾;[1] <<Ва чун кори зиште мекунанд мегӯянд: Падаронамонро бар он ёфтаем ва Худованд моро бар он амр кардааст! Бигӯ бегумон Худованд ба кори зишт амр намекунад, пас оё бар Худованд чизе мегӯйед ки ба он илме надоред?!>>; Чунонки аҳли ҳадис, пайравӣ аз ҳокими золим ки корӣ зишт астро ақидаи салаф ва мутаъаллиқи амри Худованд медонанд ва ин айни чизе аст ки Худованд онро бо сароҳат нафй карда ва ифтирой бар худ шуморидааст, то ҷойе ки шояд эътиқод ба он баъд аз ин тасриҳ, қалби Ислом ва хуруҷ аз он бошад.

Ба илова, мусаллам аст ки ғарази Худованд аз ташриъ, таҳаққуқи адолат дар миёни мардум буда; Чунонки фармудааст: ﴿لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ ۖ﴾;[2] <<Ҳароина фиристодагонамонро бо рӯшаниҳо фиристодем ва ба ҳамроҳашон китоб ва мийзон нозил кардем то мардумон ба адолат бархезанд>>, дар ҳоле ки мусалламан ҳокимияти золимон, монеъ аз таҳаққуқи адолат дар миёни мардум аст ва бо ин васф, ташриъи итоъат ва ибқоъи он, ноқизи ғарази Худованд аз ташриъ аст ки таноқуз дар ташриъи Ӯ шумурда мешавад ва мумкин нест; Чунонки фармудааст: ﴿أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ الْقُرْآنَ ۚ وَلَوْ كَانَ مِنْ عِنْدِ غَيْرِ اللَّهِ لَوَجَدُوا فِيهِ اخْتِلَافًا كَثِيرًا﴾;[3] <<Оё пас дар Қуръон андеша намекунанд?! Дар ҳоле ки агар он аз назди ғайри Худованд буд ҳатман дар он ихтилофи бисёре меёфтанд>>!

Вонгаҳе рӯшан аст ки ҳокимияти золимон, ҳтто агар мусталзими мухолифати итоъат кунандагонашон бо ақл ва шаръ набошад, дастикам мусталзими мухолифати худашон бо ақл ва

1. Аъроф/ 28.
2. Ҳадид/ 25.
3. Нисоъ/ 82.

шаръ аст ва бо ин васф, ибқоъи он, агарчи бидуни итоъат аз онон дар мавориде ки бо ақл ва шаръ мухолифат мекунанд, ба маънои ибқоъи мухолифати онон бо ақл ва шаръ аст ки иъонат бар он ва табъан мухолифат бо ақл ва шаръ шумурда мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا تَعَاوَنُوا عَلَى الْإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ﴾;[1] <<Ва ба якдигар бар гунoҳ ва дароздастӣ кӯмак накунед>>! Аз ин рӯ, инсоф он аст ки ҳурмати итоъат аз ҳокимони золим ва ибқоъи ҳукумати онон, аз бадеҳиёти Ислом аст ки тасаввури он барои тасдиқи он кофӣ аст, то ҷойе ки эътиқод ба вуҷуби он, бо эътиқод ба вуҷуби ҳаром, баробар аст; Чунонки олимтарин, солеҳтарин ва носеҳтарини мусалмонон дар замони худ, ба ин ҳукм воқиф буданд ва ба вуҷуби итоъат ва ибқоъи ҳокимони золим бовар надоштанд, монанди Ҳусейн ибни Алӣ ибни абӣ Толиб ки бинобар хабари мутавотири Паёмбар ﷺ, саййиди ҷавонони аҳли биҳишт буд[2] ва бо ин васф, ҷони худ ва аҳли байташро дар хуруҷ бар ҳокими золим фидо кард то усваи ҳасанае барои муслмонон бошад, ҳар чанд бештари мусалмонон ки пайравӣ Умавиён буданд, ҳаргиз ба ақидаи ӯ дар ин бора гардан наниҳоданд.

## [Табаъоти итоъат аз ҳокимони золим]

Ба ҳар ҳол, машҳуд аст ки эътиқод ба вуҷуби итоъат аз ҳокимони золим ва ҳифзи онҳо, аз шумтарин ақойиди ройиҷ дар миёни мусалмонон буда ки муҷиби ваҳни Ислом ва сукути тамаддуни Исломӣ ва густариши мавонеъи шинохт дар миёни мусалмонон шудааст; Чароки ҳокимони золим дар тӯли қарнҳои мутамодӣ, бо сӯъи истифода аз ин эътиқоди бепоя ки тавассути сафиҳонӣ вобаста ба онҳо тарвиҷ шуда, ақойид ва аҳкоми Исломро яке аз пайи дигарӣ, ба суди худ тағйир додаанд ва қироъате аз онро расмият бахшидаанд ки мутобиқи бо амёли онҳост ва дар ин

---

1. Моъида/ 2.
2. Нигоҳ кун ба: Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с512; Муснади Аҳмад, ҷ3, с3, 62, 64 ва 82 ва ҷ 5, с391; Сунани Ибни Моҷаҳ, ҷ1, с44; Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с321 ва 326; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ5, с50, 81, 95, 145, 148 ва 149; Ҳаму, Фазоъилул саҳобаҳ, с20, 58 ва 76; Ҳаму, Хасоъису амирул муъминин, с123; Муснади абӣ Яъло, ҷ2, с395; Саҳеҳи Ибни Ҳибон, ҷ15, с411, 412 ва 413; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с167; Табаронӣ, Ал-Муъҷамул Авсат, ҷ1, с117 ва ҷ 2, с347 ва ҷ 4, с325 ва ҷ 5, с243 ва ҷ 6, с327; Ҳаму, Ал-Муъҷамул Кабир, ҷ3, с35, 36, 37, 38, 39 ва 40; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ9, с182, 183, 184 ва 201. Ҳамчунин, барои огоҳӣ аз тавотури он, нигоҳ кун ба: Каттонӣ, Назмул мутаносир минал ҳадисул мутавотир, с196.

миён, аҳли ҳадис, чунон муздуронӣ дастнишондеҳ, ҳамвора дар хидмати онҳо будаанд; Зеро бо тасдиқ ва ривоҷ додани ривоётӣ сохтагӣ ки дар тазоддӣ ошкор бо Қуръон, бар вуҷуби итоъат аз ҳокимони золим ва ҳифзи онҳо таъкид мекунанд, амалан заминаи тақвияти ҳукумати онҳо ва шикасти ҷунбишҳои ислоҳии мусалмононро фароҳам сохтаанд ва мустазъафони ситамдидаро аз қиём барои эҳқоқи ҳуқуқашон, боздоштаанд. Ночор дар асари масоъии ин хоъинон, беправотарин золимон дар ҳукумат бар мусалмонон тамаъ кардаанд ва маҷоли онро низ ёфтаанд; То ҷойе ки касе монанди Язид ибни Муъовия (д.64қ), бо онки сафиҳ ва мутаҷоҳир ба фисқ буд, бар мусалмонон ҳоким шуд ва хонаи Худоро оташ зад ва аҳли байти Паёмбарро кушт ва касе монанди Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф (д.95қ), бо онки саффокӣ ҷаббор буд, бар мусалмонон ҳоким шуд ва сарҳои солеҳонро бидуни ҷурм бурид ва касе монанди Валид ибни Язид ибни Абдулмалик (д.126қ), бо онки дар хабосат ва фуҷур саромад буд ва ҳтто намоз ҳам намегузорд, бар мусалмонон ҳоким шуд ва зиндиқаро ошкор сохт ва касонӣ дигар аз қабили онон, бо онки дар золим буданашон ихтилофе набуд, ҳар як ба варосат аз дигарӣ, бар мусалмонон ҳоким шуданд ва хилофати Паёмбарро ба мулукияти Касро ва Қайсар табдил намуданд, дар ҳоле ки аҳли ҳадис, дар ҳамаи ин даврон, итоъат аз ононро воҷиб мешумурданд ва аз хуруҷ бар онон наҳӣ мекарданд, то ба заъми худ аз фитна ҷилавгирӣ кунанд, дар ҳоле ки ҷуз дар фитна воқеъ нашуда буданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمِنْهُمْ مَنْ يَقُولُ ائْذَنْ لِي وَلَا تَفْتِنِّي ۚ أَلَا فِي الْفِتْنَةِ سَقَطُوا ۗ وَإِنَّ جَهَنَّمَ لَمُحِيطَةٌ بِالْكَافِرِينَ﴾;[1] <<Ва аз онон касоне ҳастанд ки мегӯянд: Ба ман изн бидеҳ ва манро дар фитна наяндоз! Огоҳ бошед ки онон дар фитна афтодаанд ва ҳаройина дӯзах ба кофирон муҳит аст>>! Дар баробар, ҳокимони золим низ ба поси масоъӣ торихии онон ки бақоъи ҳукуматашон то кунунро тазмин намудааст, ҳамвора ононро ҳимоят кардаанд ва ба маносиби муҳимми ҳукуматӣ расонидаанд ва имконоти лозим барои тарвиҷи андешаҳои инҳирофӣ ва зидди Исломияшонро дар ихтиёрашон қарор додаанд то бо ривоёти дурӯғини худ, мусалмононро иғво кунанд ва ба бардагоне дар хидмати онон табдил намоянд!

1. Тавба/ 49.

## [Ҷавози хуруҷ бар ҳокимони золим]

Акнун низ бозмондагоне аз онон ки худро аҳли суннат ва ҷамоъат мешуморанд, ҳокимони золимро бар сарзаминҳои Исломӣ мусаллат сохтаанд ва итоъат ва сиёнат аз ононро вазифаи Исломии худ мепиндоранд; То ҷойе ки дар ҳар як аз сарзаминҳои Исломӣ, зӯргӯйи худкоме ҳукм меронад ва молу ҷон ва номуси мусалмононро ҳазинаи матомеъи худ месозад, дар ҳоле ки касе аз онон, ҷуръати мухолифат бо ӯро надорад ва ҳаққи муқобила бо ӯро барои худ намешиносад; То ҷойе ки мустабидтарин ва фосидтарин ҳукуматҳо, дар сарзаминҳои Исломӣ ҳастанд ва зулме ки дар миёни мусалмонон аст, дар миёни кофирон нест! Ин дар ҳоле аст ки агар касе аз мусалмонон монанди гавҳарӣ камёб ёфт шавад ки сари мухолифат бо чунин ҳокиме дошта ва баное бар муқобила бо зулми ӯ ниҳода бошад, пеш аз ҳар коре ӯро такфир мекунад то мухолифат бо ӯ барои мусалмонон ҷавоз ёбад ва муқобила бо зулмаш барои онон ҳалол шавад; Зеро бо истинод ба хабари воҳид ва ғайри яқинӣ, мепиндорад ки хуруҷ бар ҳокими золим ҳаром аст ва ҷудои аз ҷамоъати мусалмонон шумурда мешавад, магар онки аз ӯ куфрӣ ошкор дида шавад![1] Дар ҳоле ки қоъидатан зулми ӯ ҳар андоза шадид бошад, мусталзими куфри ӯ нест ва то ҳнгоме ки шаҳодатайн бар забони ӯ ҷорӣ аст, куфри ошкор аз ӯ дида намешавад; Зеро куфри ошкор, инкори Худованд ё Паёмбари Ӯ ё рӯзи қиёмат ё заруриёте монанди намоз ва рӯза аст ва куфри касе ки ба инҳо иқрор дорад, ҳар чанд қобили истимбот бошад, ошкор нест. Бо ин васф, хуруҷ бар ҳокими мусалмон, бо ин баҳона ки ӯ дучори куфри ошкор шудааст, ваҷҳе надорад балки танҳо муҷаввизи хуруҷ бар ӯ, зулми ӯ бар мусалмонон аст; Чунонки Худованд хусуси зулм бар мусалмононро барои ҷавози мухолифат ва муқобилаи онон кофӣ диниста ва фармудааст: ﴿لَا يُحِبُّ اللَّهُ الْجَهْرَ بِالسُّوءِ مِنَ الْقَوْلِ إِلَّا مَنْ ظُلِمَ ۚ وَكَانَ اللَّهُ سَمِيعًا عَلِيمًا﴾;[2] <<Худованд фарёд задан ба гуфтори бадро дӯст намедорад магар аз касе ки ба ӯ зулм шуда ва Худованд шунавой

1. Нигоҳ кун ба: Фақараи «إلّا أنْ تَرَوا كُفْراً بَواحاً» дар: Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ8, с88; Саҳеҳул Муслим, ҷ6, с17; Байҳақӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ8, с145. Ҳар чанд дар бархӣ манобеъ, ин фақара дар асли ҳадис наёмада ва овардани он ба бархӣ мардум нисбат дода шудааст! Нигоҳ кун ба: Ибороти «وَ زادَ بَعْضُ النّاسِ: ما لَمْ تَرَوا مِنْهُمْ كُفْراً بَواحاً» дар: Муснади Аҳмад, ҷ5, с314.
2. Нисоъ/ 148.

доност>> Ва бо ин васф, фарёд задан ба гуфтори бад бар зидди золим, агар чи кофир набошад, дар назди Худованд маҳбуб аст ва фармудааст: ﴿أُذِنَ لِلَّذِينَ يُقَاتَلُونَ بِأَنَّهُمْ ظُلِمُوا ۚ وَإِنَّ اللَّهَ عَلَىٰ نَصْرِهِمْ لَقَدِيرٌ﴾;[1] <<Ба касоне ки бо онон ҷанг мешавад изн дода шуд ба сабаби инки мавриди зулим қарор гирифтанд ва бегумон Худованд бар ёрии онон тавоност>> Ва бо ин васф, қитол бо золим, агарчи кофир набошад, маъзун ва мавриди ёрии Худованд аст ва фармудааст: ﴿وَلَمَنِ انْتَصَرَ بَعْدَ ظُلْمِهِ فَأُولَٰئِكَ مَا عَلَيْهِمْ مِنْ سَبِيلٍ؛ إِنَّمَا السَّبِيلُ عَلَى الَّذِينَ يَظْلِمُونَ النَّاسَ وَيَبْغُونَ فِي الْأَرْضِ بِغَيْرِ الْحَقِّ ۚ أُولَٰئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾;[2] <<Ва бегумон касе ки пас аз зулм шудан ба ӯ интиқом ҷӯяд, роҳе бар зидди ӯ нест; Роҳ танҳо бар зидди касоне аст ки ба мардум зулм мекунанд ва дар замин ба ғайри ҳақ дароздастӣ менамоянд, онон ҳастанд ки барояшон азобӣ дарднок аст>> Ва бо ин васф, касоне ки бо золим агарчи кофир набошанд, муқобила мекунанд гуноҳкор шумурда намешаванд; Чароки Худованд барои онон роҳе бар зидди ӯ қарор додааст. Оре, салби ҳокимият аз золим барои вогузоштани он ба золимӣ дигар ҷойиз нест; Чароки ин кор мухолифат ва муқобила бо золим шумурда намешавад, балки ибқоъи ӯ дар суратӣ дигар аст; Чунонки то кунун мухолифатҳо ва муқобилаҳои маъдуде ки тавссути мусалмонон бо ҳокимони золим анҷом шуда, умуман барои табдили золиме бо золимӣ дигар буда ва табъан ба рафъи зулм ва таҳаққуқи адолат наянҷомидааст.

Аз инҷо дониста мешавад ки муддаъиёни суннат ва ҷамоъат, алорағми иддаъоӣ газофашон, Исломро ба таври комил воруна кардаанд ва барои нақзи он ва ҷилавгирӣ аз ҳусули мақосидаш, даст ба дасти якдигар додаанд ва дар ин миён, мусалмонон барои бозгашт ба Ислом, роҳе ҷуз таҳрими итоъат аз ҳокимони золим ва тарки он, балки хуруҷи бар онон ба рағми ҳамаи пайомадҳояш барои табдили онон бо ҳокимӣ одил, надоранд.

### [Панҷум; Тақлид аз кофирон]

Яке дигар аз гунаҳои ройиҷи тақлид, пайравӣ аз гуфта ва кардаи кофирон аст; Чароки бисёрӣ аз мусалмонон, ба хотири заъфи худ ва қуввати кофирон дар қарнҳои охир, дар мавзеъи

1. Ҳаҷ/ 39.
2. Шуро/ 41 ва 42.

инфиол қарор гирифтаанд ва аз онон пайравӣ кардаанд; Ба ин сурат ки ё хоста ва дониста, худро шабиҳи онон сохтаанд то ба қуввате ки онон расидаанд бирасанд ва ё нохоста ва нодониста, аз таблиғот ва талқиноти онон асар пазируфтаанд ва ақойид ва аъмоли худро ба ақойид ва аъмоли онон олудаанд.

## [Маншаъи қуввати кофирон ва табаъоти он]

Дар ҳоле ки бидуни шак, қуввати кофирон дар қарнҳои охир, аз як сӯ бар пояи истисмори зуъафо ва ғорати сарзаминҳошон мумкин шуда ва аз сӯи дигар, бар пояи моддагароӣ ва тафриқи дин аз дунё шакл гирифтааст ва бо ин васф, агарчи ононро дар ҷиҳотӣ моддӣ ба қувват расонида, дар ҷиҳотӣ маънавӣ заъиф сохтааст; То ҷойе ки бештари онон, саломати фардӣ, хонаводагӣ ва иҷтимоии худро аз даст додаанд ва бунёдҳои ахлоқ ва зерсохтҳои фарҳангро вайрон сохтаанд ва имконе барои такомули инсонӣ аз лиҳози ақлӣ ва адабӣ боқӣ нагузоштаанд. Ба илова, чандон ки ба сабаби қуввати инҳисорӣ ва такбуъдии худ, мутакаббир ва аз худрозӣ шудаанд, мавриди нафрати рӯзафзуни миллатҳои мазлум ва мустазъафи ҷаҳон қарор гирифтаанд ва тухми кина ва душманиро дар сарзаминҳои маҳрум хусусан Африқо ва ховари миёна пошидаанд. Рӯшан аст ки ин вазъият, агарчи кӯтоҳмудат судҳои маҳдудеро барои афродӣ хос аз онон, падид меоварад, дар баландмудат зиёнҳои номаҳдудеро мутаваҷҷеҳи ҷомеъаи ҷаҳонӣ ва аз ҷумла ҳамон афрод месозад, то ҷойе ки дар як бароянди куллӣ, наметавон онро барои ҳеҷ фарде судманд донист; Ҳмчунонки метавон мушоҳида кард, қуввати онон аз лиҳози моддӣ, дар маҷмӯъ аз мушкилоти онон накоста, балки дар заминаҳои гуногуне бар он афзуда ва хатароти ҷадид ва бузургтареро барояшон падид овардааст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا يَحْسَبَنَّ الَّذِينَ كَفَرُوا سَبَقُوا ۚ إِنَّهُمْ لَا يُعْجِزُونَ﴾;[1] <<Ва касоне ки кофир шуданд напиндоранд ки пешӣ гирифтаанд; Онон нотавон нахоҳанд кард>>!

## [Адами виҷоҳати пайравӣ мусалмонон аз кофирон]

Бо ин васф, шифтагӣ ба қуввти онон аз лиҳози моддӣ, ваҷҳе надорад ва оқилона нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا تَمُدَّنَّ

1. Анфол/ 59.

عَيْنَيْكَ إِلَىٰ مَا مَتَّعْنَا بِهِ أَزْوَاجًا مِنْهُمْ زَهْرَةَ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا لِنَفْتِنَهُمْ فِيهِ ۚ وَرِزْقُ رَبِّكَ خَيْرٌ وَأَبْقَىٰ﴾;[1] <<Ва чашмони худро ба чизе аз шукуфоӣ зиндагии дунё ки завҷҳое аз ононро ба он баҳраманд сохтем то ононро бадон мафтун созем хира накун ва рӯзии Парвардигори ту беҳтар ва мондагортар аст>> Ва фармудааст: ﴿لَا يَغُرَّنَّكَ تَقَلُّبُ الَّذِينَ كَفَرُوا فِي الْبِلَادِ؛ مَتَاعٌ قَلِيلٌ ثُمَّ مَأْوَاهُمْ جَهَنَّمُ ۚ وَبِئْسَ الْمِهَادُ﴾;[2] <<Гардиши касоне ки кофир шуданд дар сарзаминҳо туро нафиребад; Баҳраи андак аст ва пас аз он ҷойгоҳашон ҷаҳаннам хоҳад буд ки бад хобгоҳе аст>>! Балки пайравӣ аз онон ба умеди дастёфтан ба қувваташон, натиҷаи маъкус дорад ва ба пасрафти мусалмонон ва на пешрафташон меанҷомад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنْ تُطِيعُوا الَّذِينَ كَفَرُوا يَرُدُّوكُمْ عَلَىٰ أَعْقَابِكُمْ فَتَنْقَلِبُوا خَاسِرِينَ﴾;[3] <<Эй касоне ки имон овардид! Агар аз касоне ки кофир шуданд пайравӣ кунед, шуморо ба ақабҳотон боз мегарднанд, пас зиёнкор мегардед>>; Зеро пайравӣ аз онон, боъис мешавад ки ҳақ, ҳаргоҳ бар хилофи ақидаи онон ва равияи ҳоким бар ҷаҳон таҳти султаи онон бошад, ботил пиндошта шавад ва дар асари таблиғот ва талқиноти манфии онон, мавриди нафрат ва инкори мусалмонон қарор гирад, то ба тадриҷ мабонӣ ва қавонини онон, бар ҷои мабонӣ ва қавонини Ислом бинишинад ва мусалмонон барои ҷалби хушнудии онон ва ҷилавгирӣ аз хашмашон, даст аз пайгирии ормонҳои худ бардоранд ва барои таҳаққуқи ормонҳои онон талош кунанд ва бар пайкари куфр ҷомаи Ислом бипушонанд. Аз ин рӯ, танҳо марзи мӯътабар дар Ислом, марзи миёни мусалмонон ва кофирон аст ки дар бораи имон ба Худованд, муҳимтарин ва бунёдитарин асли зиндагӣ, тазод доранд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿هَٰذَانِ خَصْمَانِ اخْتَصَمُوا فِي رَبِّهِمْ﴾;[4] <<Инҳо ду хасманд ки бо якдигар дар бораи Парвардигорашон хусумат доранд>> Ва рӯшан аст ки ин марз, бар хилофи марзҳои дигар, сохтагӣ нест, балки бо таваҷҷуҳ ба таъсири зотӣ ва ҳақиқии он бар ҳамаи шуъуни зиндагӣ, воқеъият дорад ва аз ин рӯ, бояд ҳамвора мушаххас бошад ва ба расмият шинохта шавад ва набояд бо афтодани сояи умурӣ эътиборӣ ва ғайри воқеъӣ бар он, ранги худро аз

1. Тоҳо/ 131.
2. Оли Имрон/ 196 ва 197.
3. Оли Имрон/ 149.
4. Ҳаҷ/ 19.

даст бидиҳад; То ҷойе ки ҳеҷ чиз дар Ислом пас аз лузуми дӯстӣ бо Худованд, возеҳтар аз лузуми душманӣ бо кофирон нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قَدْ كَانَتْ لَكُمْ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ فِي إِبْرَاهِيمَ وَالَّذِينَ مَعَهُ إِذْ قَالُوا لِقَوْمِهِمْ إِنَّا بُرَآءُ مِنْكُمْ وَمِمَّا تَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ كَفَرْنَا بِكُمْ وَبَدَا بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةُ وَالْبَغْضَاءُ أَبَدًا حَتَّىٰ تُؤْمِنُوا بِاللَّهِ وَحْدَهُ﴾;[1] <<Бегумон барои шумо улгуӣ неку дар Иброҳим ва касоне аст ки бо ӯ буданд ҳангоме ки ба қавмашон гуфтанд мо аз шумо ва аз чизе ки ҷуз Худованд мепарастед безорем, ба шумо кофир шудем ва миёни мо ва шумо барои ҳамеша душманӣ ва кина падидор шуд то онки ба Худованди ягона имон оваред>> Ва бо ин васф, возеҳ аст ки пайравӣ аз кофирон, ҷойе дар Ислом надорад ва дар ҳеҷ заминае ва бо ҳеҷ баҳонае ҷойиз нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَلَا تُطِعِ الْكَافِرِينَ﴾;[2] <<Пас аз кофирон фармон набар>> Ва фармудааст: ﴿فَلَا تُطِعِ الْمُكَذِّبِينَ﴾;[3] <<Пас аз такзиб кунандагон фармон набар>>!

## [Лузуми пайравии кофирон аз мусалмонон]

Бал дар воқеъ ин кофиронанд ки бойиста аст аз мусалмонон пайравӣ кунанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿رُبَمَا يَوَدُّ الَّذِينَ كَفَرُوا لَوْ كَانُوا مُسْلِمِينَ﴾;[4] <<Чи басо касоне ки кофир шуданд орзу кунанд ки эй кош мусалмон буданд>>; Зеро машҳуд аст ки бештари кофирон хусусан дар сарзаминҳои ғарбӣ, ба сабаби дур мондан аз марокизи тамаддун, аз лиҳози фарҳангӣ дар вазъияте наздик ба тавахҳуш қарор доранд ва аз ҳиси инсонӣ, рушди кофӣ накардаанд ва бо ин васф, ба таълим ва тарбияти мусалмонон ниёзманданд. Ҳмчунонки пештар дар ҳошияи ҷангҳои салибии нӯҳгона, пас аз онки аз иқдоми аҳмақонаи худ ба сӯзондани китобхонаҳои мусалмонон пушаймон шуданд, улуми таҷрибӣ ва риёзии ононро фаро гирифтанд ва ба сарзаминҳои торик ва вайронаи худ ворид сохтанд ва мабнои тавсиъаи санъатии Аврупо қарор доданд. Ҳар чанд онон он андоза боҳуш набуданд ки улуми инсонии мусалмононро низ фаро бигиранд ва ба ҳамин далил, фарҳанги онон мутаносиб бо иқтисодашон пешрафт накард ва дар ҳамон сатҳи нозил ва ибтидоӣ, боқӣ монд. То ҷойе

1. Мумтаҳинаҳ/ 4.
2. Фурқон/ 52.
3. Қалам/ 8.
4. Ҳиҷр/ 2.

ки имрӯз фарҳанги ҳоким бар ҷаҳони куфр, хусусан дар Аврупо ва Амрикои шимолӣ, намунаи комиле аз як барбарияти навин аст ки бар пояи ғароизи афсоргусехтаи ҳайвонӣ ва дар тазод бо қавонини фитрӣ ва инсонӣ шакл гирифта ва бо фарҳанги вахшии бархӣ қабоили бадавӣ, қобили муқоиса аст. Рукни аслии ин фарҳанг, агар битавон онро фарҳанг номид, лазатталабӣ ва ибоҳигарӣ аст ки аз талфиқи ашрофияти Румӣ бо инсонмеҳварии Юнонӣ падид омада ва дар тазодди комил бо маънавияти шарқӣ ва ақлонияти Исломӣ аст. Бо ин васф, ҷой басо таъаҷҷуб ва таъассуф аст ки бархӣ мусалмонон, сархурда аз фарҳанги осмонии худ ки ҳамаи асбоби лавозим барои такомули ононро дорад, ба пайравӣ аз гурӯҳе авбош рӯй овардаанд ки ба унвони мисол, беиффатиро ҳақ ва беғейратиро таклиф мепиндоранд ва ҷуз боданӯшӣ, пойкӯбӣ ва бараҳнагӣ, фахре надоранд ва дар ҳоле ки ҳуқуқи гуруснагон ва оворагонро нодида мегиранд, аз ҳуқуқи фоҳишаҳо ва ҳамҷинсгароён дифоъ мекунанд; Бо онки қоъидатан бадавиёнӣ монанди инон, шойиста аст таҳти таълим ва тарбияти мусалмонон қарор бигиранд то аз ҳолати ҳайвоният раҳоӣ ёбанд ва одоби зиндагии инсониро фаро бигиранд!

### [Пешинаи пайравии мусалмонон аз кофирон]

Албатта пайравӣ аз гуфта ва кардаи кофирон, ба гурӯҳе аз мусалмонони ҷоҳил ва худбохта маҳдуд набудааст; Бал гурӯҳе аз мусалмонони шохис ва аҳли илм низ хусусан дар садаҳои нахустини Исломӣ, таҳти таъсири иқболи хулафоъи дуввум ва севвум ва бархӣ ҳокимони Умавӣ ба аҳли китоб, ба баҳрагирӣ аз кутуби яҳудиён ва пайравӣ аз афсонаҳо ва омузаҳои онон рӯй овардаанд ва таҳти таъсири таблиғоти бархӣ аҳли ҳадис, пиндоштаанд ки ин кор, барои шинохти ақойид ва аҳкоми Ислом, машрӯъ ва судманд аст ва ба ин тартиб, заминаи таъсиргузории онон ва мусалмонони наздик ба онон бар ақойид ва аъмоли мусалмононро фароҳам сохтаанд ва сиёсат ва фарҳанги Исломиро ба сиёсат ва фарҳанги яхудӣ олудаанд. Дар ҳоле ки мусалламан мурочиъа ба аҳли китоб барои шинохти Ислом ва пайравӣ аз онон дар ақойид ва аъмоли Исломӣ, кори нобахирадона ва хатарнок аст ва бо зарурийёти Ислом мунофот дорад; Чунонки Худованд ба рӯшанӣ фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ

آمَنُوا إِنْ تُطِيعُوا فَرِيقًا مِنَ الَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ يَرُدُّوكُمْ بَعْدَ إِيمَانِكُمْ كَافِرِينَ﴾;[1] <<Эй касоне ки имон овардид! Агар аз гурӯҳе аз касоне ки китоб дода шуданд пайравӣ кунед, шуморо пас аз имонатон кофир мегардонанд>> Ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَّخِذُوا الْيَهُودَ وَالنَّصَارَىٰ أَوْلِيَاءَ ۘ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ ۚ وَمَنْ يَتَوَلَّهُمْ مِنْكُمْ فَإِنَّهُ مِنْهُمْ ۗ إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ﴾;[2] <<Эй касое ки имон овардид! Яҳудиён ва масеҳиёнро дӯстони худ нагиред! Бархӣ дӯстони бархӣ дигаранд ва ҳар кас аз шумо ононро ба дӯстӣ бигирад ӯ аз онон аст! Худованд гурӯҳи золимонро ҳидоят намекунад>> Ва фармудааст: ﴿وَلَنْ تَرْضَىٰ عَنْكَ الْيَهُودُ وَلَا النَّصَارَىٰ حَتَّىٰ تَتَّبِعَ مِلَّتَهُمْ ۗ قُلْ إِنَّ هُدَى اللَّهِ هُوَ الْهُدَىٰ ۗ وَلَئِنِ اتَّبَعْتَ أَهْوَاءَهُمْ بَعْدَ الَّذِي جَاءَكَ مِنَ الْعِلْمِ ۙ مَا لَكَ مِنَ اللَّهِ مِنْ وَلِيٍّ وَلَا نَصِيرٍ﴾;[3] <<Ва ҳаргиз яҳудиён ва низ масеҳиён аз ту хушнуд намешаванд то он гоҳ ки аз киши онон пайравӣ кунӣ! Бигӯ раҳнамуди Худо аст ки раҳнамуд аст ва агар пас аз илме ки ба ту расид, аз хоҳишҳои онон пайравӣ кунӣ, барои ту аз ҷониби Худо ҳеҷ сарпарасте ва низ ёвре нахоҳад буд>>! Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки яҳудиён ва масеҳиён, ҳар чанд дар усули худ бо мусалмонон муштаракоте доштаанд, дар амал қарнҳост ки илтизоми худ ба усулашонро аз даст додаанд ва ақойид ва аъмоли мулҳидонро ҷойгузини ақойид ва аъмоли Паёмбаронашон сохтаанд. Бал машҳуд аст ки яҳудияти ҷадид, тахти таъсири бархӣ ҳаводиси торихӣ ва чидамони қудрат дар қарни охир, моҳияти динии худро то ҳадди зиёде аз даст дода ва моҳиятӣ тақрибан сиёсӣ пайдо кардааст ва масеҳияти ҷадид низ, чи дар ҳавзаи ақойид ва чи дар ҳавзаи аъмол, ҳеҷ тамоюзи малмусе аз мазоҳиби мушрикон надорад ва чизе аз ақойид ва аъмоли мазоҳиби Илоҳӣ, дар он боқӣ намондааст.

## [Равиши саҳиҳи муқобила бо кофирон]

Бо ин ҳол, бояд донист ки пайравии мусалмонон аз кофирон, беш аз онки хоста ва дониста бошад, нохоста ва нодониста буда ва дар қолиби таъсирпазирии қаҳрӣ аз таблиғот ва талқиноти онон, анҷом гирифтааст; Зеро дар низоми ҷадиди ҷаҳонӣ ки монанди шабакае ба ҳам пайваста ва вобаста шудааст, ҳар гурӯҳе ки қудрат ва сарвати бештаре дорад, ба таври табиъӣ фарҳанги худро бар гурӯҳҳои дигар таҳмил мекунад ва онҳоро хоста ё

1. Оли Имрон/ 100.
2. Моъида/ 51.
3. Бақара/ 120.

нохоста ба пайравӣ аз худ вомедорад ва аз ончо ки дар ду қарни охир, бештарин қудрат ва сарват дар ихтиёри кофирони ғарбӣ буда, фарҳанги онон ба фарҳанги ҳоким бар чаҳон табдил шуда ва табъан бар фарҳанги мусалмонон соя андохтааст. Рӯшан аст ки ин сайтараҳ, ношӣ аз бартарии фарҳанги кофирон бар фарҳанги мусалмонон набуда, балки аз бартарии сиёсӣ ва иқтисодии онон нашъат гирифтааст ва бо заволи он, аз байн хоҳад рафт. Аз ин рӯ, бартарии сиёсӣ ва иқтисодии мусалмонон, ба масобаи ормонӣ дастёфтанӣ, барои сиёнат аз фарҳанги Исломияшон ва сипас таҳмили он бар чаҳон, як зарурати қатъӣ аст ки наметавон чойгузине барои он пайдо кард; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ مِنْ قُوَّةٍ﴾;[1] <<Ва барои онон ҳар чи аз қувват ки метавонед, фароҳам оварид>>! Ҳар чанд воқеъ он аст ки таҳсили ин бартарӣ дар ҳоли ҳозир, душвориҳои фаровоне пайдо карда, то ҳадде ки наздик аст муҳол пиндошта шавад; Зеро бештари зерсохтҳои он дар миёни мусалмонон эчод нашудааст ва эчоди онҳо ба ирода, ҳиммат, ҳамоҳангӣ ва замони кофӣ ниёз дорад, дар ҳоле ки мусалмонон, ба далили худбохтагӣ, танбалӣ, ихтилофоти сиёсӣ ва мазҳабӣ ва фиқдони раҳбари воҳид ва шойиста, ирода, ҳиммат ва ҳамоҳангии лозим барои онро фоқиданд ва замони кофӣ барои онро дар ихтиёр надорад ва бо ин васф, шояд ёфтани роҳкорӣ амалитар ва кӯтоҳмуддат дар канори пайгирии роҳкори ормонӣ ва дарозмуддат, барои муқовимат дар баробари ҳуҷуми фарҳангии кофирон, зарурӣ бошад ва он роҳкор, ҳамоно таблиғот аст; Зеро таблиғот, муъассиртарин ва камхазинатарин коре аст ки метавон барои коҳиши қудрати сиёсӣ ва иқтисодии онон ва нуфузашон дар миёни мусалмонон анчом дод. Ҳар чанд ин коре аст ки онон низ бо баҳрагирӣ аз абзорҳои коромад, дар муқобили мусалмонон анчом медиҳанд, вале бояд донист ки муҳтавои таблиғот ҳамеша аз абзорҳои он коромадтар буда ва тавонистааст бо қуввати худ, заъфи онҳоро чуброн кунад; Чунонки Паёмбарон, бо баҳрагирӣ аз ҳамин имкон, бар ақвиёи замони худ ғолиб омаданд, вагарна ғалабаяшон бар онон бо такия бар қудрат ва сарват мумкин набуд; Чунонки Худованд ба

1. Анфол/ 60.

унвони намуна аз Фиръавн дар баробари Мӯсо عليه السلام ёд карда ва фармудааст: ﴿وَنَادَىٰ فِرْعَوْنُ فِي قَوْمِهِ قَالَ يَا قَوْمِ أَلَيْسَ لِي مُلْكُ مِصْرَ وَهَٰذِهِ الْأَنْهَارُ تَجْرِي مِنْ تَحْتِي ۖ أَفَلَا تُبْصِرُونَ؛ أَمْ أَنَا خَيْرٌ مِنْ هَٰذَا الَّذِي هُوَ مَهِينٌ وَلَا يَكَادُ يُبِينُ؛ فَلَوْلَا أُلْقِيَ عَلَيْهِ أَسْوِرَةٌ مِنْ ذَهَبٍ أَوْ جَاءَ مَعَهُ الْمَلَائِكَةُ مُقْتَرِنِينَ﴾;[1] <<Ва Фиръавн дар миёни қавми худ овоз дод, гуфт: Эй қавми ман! Оё подшоҳии Миср аз они ман нест ва ин рудҳо аз зери ман ҷорӣ намешаванд?! Оё намебинед?! Ё ман бартарам аз ин касе ки ночиз аст ва наздик нест ба рӯшанӣ сухан гӯяд! Пас чаро бар ӯ дастбандҳое аз тилло нозил нашуд ё фариштагон ба ҳамроҳии ӯ наёмаданд?!>>, дар ҳоле ки Мӯсо عليه السلام бо ҳамаи ин авсоф, бар ӯ ғолиб шуд! Ҳамчунонки султаи мусалмонон дар даҳаҳои нахустини Исломӣ бар импиротуриҳои ғарб ва шарқ, ношӣ аз абзорҳои пешрафтаи таблиғотӣ ё ҳатто низомии онон набуд, бал ношӣ аз ҷаззобияти паёми онон буд ки тавонист зарқу барқҳои импиротуриҳои ҷаҳонро аз чашми мардум бияндозад ва заминаи пешравиҳои сиёсӣ ва низомии онон ба рағми имконот маҳдудашонро фароҳам созад.

Ҳосил онки шинохти ҳақ барои касоне муяссар аст ки тақлидро дар ҳамаи суратҳои он аъам аз тақлиди пешиниён, олимон, золимон, кофирон ва аксарияти мардум вониҳода ва ақлро меъёри шинохти худ қарор дода бошанд ва дар заминаи ақойид ва аъмоли худ, ба занни ҳосил аз гуфта ва кардаи дигарон қонеъ набошанд.

### 3. Аҳвоъи нафсонӣ

Яке дигар аз мавонеъи шинохт, <<Аҳвоъи нафсонӣ>> аст; Чароки нафси одамӣ, ба иқтизои ғаройизи худ, хушояндҳо ва нохушояндҳое дорад ки лузуман бо воқеъ мутобиқ нестанд ва бар шинохти ӯ аз он, таъсир мегузоранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَعَسَىٰ أَنْ تَكْرَهُوا شَيْئًا وَهُوَ خَيْرٌ لَكُمْ ۖ وَعَسَىٰ أَنْ تُحِبُّوا شَيْئًا وَهُوَ شَرٌّ لَكُمْ ۗ وَاللَّهُ يَعْلَمُ وَأَنْتُمْ لَا تَعْلَمُونَ﴾;[2] <<Ва бошад ки чизеро хуш надошта бошед ва он бароятон хайр бошад ва бошад ки чизеро хуш дошта бошед ва он бароятон шар бошад ва Худованд медонад ва шумо намедонед>>! Ин хушояндҳо ва нохушояндҳо ки аз авотифи

1. Зухруф/ 51 то 53.
2. Бақара/ 216.

одамӣ нашъат гирифтаанд ва бо ақли ӯ мутобиқат надоранд, хушбиниҳо ва бадбиниҳоеро дар зеҳни ӯ падид меоваранд ки ақли ӯро аз воқеъбинӣ боз медоранд; Чароки ақли ӯ, дар ҳисори ҳуббу буғзиҳои ӯ, қодир ба шинохти хуб ва бад нест ва маҷбур ба хуб шумурдани маҳбубҳо ва бад шумурдани мабғузҳои ӯст; То ҷойе ки гуфтаанд: «حُبُّ الشَّيءِ يُعْمِي وَ يُصِمُّ»; <<Дӯст доштани як чиз, кӯр ва кар мекунад>>; Ба ин маъон ки дӯст доштани як чиз пеш аз шинохти он, бар шинохти он асар мегузорад ва боъис мешавад ки бадии он, шинохта нашавад; Ҳамчунонки дӯст надоштани як чиз пеш аз шинохти он, бар шинохти он асар мегузорад ва боъис мешавад ки хубии он, шинохта нашавад. Аз ин рӯ, дӯст доштан ё надоштани як чиз, пеш аз шинохти он маъқул нест ва пас аз шинохти он маъқул аст; Чароки дӯст доштани як чиз, мубтанӣ бар хубии он ва дӯст надоштани як чиз, мубтанӣ бар бадии он аст ва хубӣ ва бадӣ, воқеъиётӣ берун аз нафси одамӣ ҳастанд ки аз эҳсосоти дарунии ӯ табаъият намекунанд. Ба илова, эҳсосоти дарунии ӯ, натанҳо бо воқеъият мулозимае надоранд, балки ба теъдоди одамиён мутаъаддиданд ва ин чизе ҷуз тазод падид намеоварад ки маншаъи нобудӣ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَوِ اتَّبَعَ الْحَقُّ أَهْوَاءَهُمْ لَفَسَدَتِ السَّمَاوَاتُ وَالْأَرْضُ وَمَنْ فِيهِنَّ﴾;[1] <<Ва агар ҳақ аз аҳвоъи онҳо табаъият мекард, осмонҳо ва замин ва ҳар ки дар он аст, нобуд мешуд>>! Аз ин рӯ, писандҳо ва announcedнописандҳои одамӣ, бояд тобеъи шинохти ӯ бошанд, на инки шинохти ӯ, тобеъи писандҳо ва нописандҳои ӯ бошад; Бо тавҷҷуҳ ба инки ҳаргоҳ шинохти ӯ, тобеъи писандҳо ва нописандҳои ӯ бошад, мумкин аст ҳаққеро написандад, пас ботил шуморад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَفَكُلَّمَا جَاءَكُمْ رَسُولٌ بِمَا لَا تَهْوَىٰ أَنْفُسُكُمُ اسْتَكْبَرْتُمْ فَفَرِيقًا كَذَّبْتُمْ وَفَرِيقًا تَقْتُلُونَ﴾;[2] <<Оё ҳаргоҳ фиристодае барои шумо чизе овард ки нафсҳотон намеписандад, бузургӣ ҷустед; Пас бархеро таксиб кардед ва бархеро куштед?!>> Ва фармудааст: ﴿لَقَدْ جِئْنَاكُمْ بِالْحَقِّ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَكُمْ لِلْحَقِّ كَارِهُونَ﴾;[3] <<Ба дурустӣ ки барои шумо ҳаққро овардаем, вале бештари шумо ҳаққро хуш намедоред>>! Бал гоҳ кароҳати одамӣ аз ҳақ, чунон шиддат меёбад ки тарҷеҳ медиҳанд бимирад,

1. Мӯъминун/ 71.
2. Бақара/ 87.
3. Зухруф/ 78.

вале онро қабул накунад; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَإِذْ قَالُوا اللَّهُمَّ إِنْ كَانَ هَٰذَا هُوَ الْحَقَّ مِنْ عِنْدِكَ فَأَمْطِرْ عَلَيْنَا حِجَارَةً مِنَ السَّمَاءِ أَوِ ائْتِنَا بِعَذَابٍ أَلِيمٍ﴾;[1] <<Ва ҳангоме ки гуфтанд: Худовандо! Агар ин ба ростӣ ҳаққе аз ҷониби Туст, пас бар мо аз осмон санге бибор ё моро азобӣ дарднок биёвар>>!

## [Лузуми тарки пешзеҳниятҳо]

Ба илова, ризоятҳо ва кароҳатҳои одамӣ, таваққуъоте аз ҳақ дар зеҳни ӯ падид меоваранд ки шинохти онро барои ӯ душвор мекунанд; Зеро ин таваққуъоти зеҳнӣ ки <<Пешзеҳниятҳо>> номида мешаванд, ҳаққро пеш аз шинохти он, мутобиқ бо писандҳои одамӣ интизор мебаранд ва ҳаргоҳ бар хилофи онҳо падидор шавад, ботил мешуморанд. Намунаи ин пешзеҳниятҳо, пешзеҳнияти мушрикон буд ки таваққуъ доштанд Паёмбари Худо, ғазо нахурад ва дар бозор роҳ наравад ва ба ҳамроҳи худ фариштае дошта бошад ва ҳангоме ки Паёмбари Худо, бар хилофи таваққуъи онон зоҳир шуд, ӯро такзиб намуданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَقَالُوا مَالِ هَٰذَا الرَّسُولِ يَأْكُلُ الطَّعَامَ وَيَمْشِي فِي الْأَسْوَاقِ ۙ لَوْلَا أُنْزِلَ إِلَيْهِ مَلَكٌ فَيَكُونَ مَعَهُ نَذِيرًا﴾;[2] <<Ва гуфтанд: Ин Паёмбарро чи мешавад ки ғазо мехурад ва дар бозор роҳ меравад?! Чаро ба сӯи ӯ фариштае нозил нашуд то ба ҳамроҳи ӯ бимдиҳанда бошад?!>>; Ё таваққуъ доштанд ки Худованд худ бо онон сухан гӯяд ё нишонаи мувофиқи майли онон биёяд ва ҳангоме ки ин таваққуъашон бароварда нашуд, кофир шуданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَقَالَ الَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ لَوْلَا يُكَلِّمُنَا اللَّهُ أَوْ تَأْتِينَا آيَةٌ ۗ كَذَٰلِكَ قَالَ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ مِثْلَ قَوْلِهِمْ ۘ تَشَابَهَتْ قُلُوبُهُمْ ۗ قَدْ بَيَّنَّا الْآيَاتِ لِقَوْمٍ يُوقِنُونَ﴾;[3] <<Ва касоне ки намедонанд мегӯянд: Чаро Худованд худ бо мо сухан намегӯяд ё нишонае бароямон намеояд?! Касоне ки пеш аз онон буданд низ ҳамин гуна гуфтанд! Дилҳошон шабеҳи ҳам аст! Мо нишонаҳоро барои гурӯҳе ки яқин мекунанд, рӯшан кардаем>>; Ё таваққуъ доштанд ки ба ҳар яке аз онон чизе ки ба Паёмбар дода шудааст, дода шавад ва ҳангоме ки дода нашуд, ба Паёмбар

1. Анфол/ 32.
2. Фурқон/ 7.
3. Бақара/ 118.

кофир шуданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿بَلْ يُرِيدُ كُلُّ امْرِئٍ مِنْهُمْ أَنْ يُؤْتَىٰ صُحُفًا مُنَشَّرَةً﴾;[1] <<Бал ҳар як аз онон мехоҳад ки ба ӯ номаҳои чудогона дода шавад>> Ва фармудааст: ﴿قَالُوا لَنْ نُؤْمِنَ حَتَّىٰ نُؤْتَىٰ مِثْلَ مَا أُوتِيَ رُسُلُ اللَّهِ﴾;[2] <<Гуфтанд: Мо имон намеоварем то онгоҳ киончи ба Паёмбарони Худо дода шуд, ба мо низ дода шавад>>! Дар ҳоле ки ин таваққуъоти онон, ҳеҷ як мубтанӣ бар ақл набуд ва танҳо аз хушояндҳо ва нохушояндҳои онон нашъат гирифта буд. Намунаи дигари ин пешзеҳниятҳо, пешзеҳнияти яҳудиён буд ки таваққуъ доштанд Паёмбари хотам, аз насли Исҳоқ бошад; Пас чун ӯро аз насли Исмоъил ёфтанд, инкор карданд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَكَانُوا مِنْ قَبْلُ يَسْتَفْتِحُونَ عَلَى الَّذِينَ كَفَرُوا فَلَمَّا جَاءَهُمْ مَا عَرَفُوا كَفَرُوا بِهِ ۚ فَلَعْنَةُ اللَّهِ عَلَى الْكَافِرِينَ﴾;[3] <<Ва пештар бар касоне ки кофир шуданд пирӯзӣ меҷустанд, вале чун чизе ки мешинохтанд онон ро омад, ӯро инкор карданд; Пас лаънати Худованд бар кофирон бод!>>; Ё таваққуъ доштанд ки ҳар Паёмбаре, қурбоние барои онон биёварад ки оташ онро бихурад ва ҳангоме ки Паёмбаре онро наёвард, ӯро таксиб карданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿الَّذِينَ قَالُوا إِنَّ اللَّهَ عَهِدَ إِلَيْنَا أَلَّا نُؤْمِنَ لِرَسُولٍ حَتَّىٰ يَأْتِيَنَا بِقُرْبَانٍ تَأْكُلُهُ النَّارُ﴾;[4] <<Касоне ки гуфтанд: Худованд бо мо аҳд кардааст ки ба Паёмбаре имон наёварем то онгоҳ ки барои мо қурбоние биёварад ки оташ онро бихурад!>>; Дар ҳоле ки ин таваққуъоти онон, мубтанӣ бар ақл набуд ва танҳо аз орузуҳои онон нашъат гирифта буд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿تِلْكَ أَمَانِيُّهُمْ ۗ قُلْ هَاتُوا بُرْهَانَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ صَادِقِينَ﴾;[5] <<Он орзуҳои онон аст; Бигӯ бурҳони худро биёваред агар рост мегӯйед>>! Бадин сон, пешзеҳниятҳои ношӣ аз хоҳишҳои нафсонӣ, шуруте барои шинохти ҳақ таъйин мекунанд ки дар воқеъ, шинохти ҳақ машрут ба онҳо нест. Ба илова, бо барангехтани пешдовариҳо, фурсати шинохти ҳаққро салб мекунанд ва ба ақл, фурсате барои баррасии он намедиҳанд; Монанди як қозие ки иддаъои муддаъиро пеш аз шунидани далоили ӯ, рад мекунад, ба далили онки дӯст намедорад ӯ ростгӯ бошад ё бар пояи пешфарзҳояш,

1. Муддасир/ 52.
2. Анъом/ 124.
3. Бақара/ 89.
4. Оли Имрон/ 183.
5. Бақара/ 111.

мумкин нест ки ӯ ростгӯ бошад; Ё иддаъои ӯро пеш аз шунидани далоили ӯ, мепазирад, ба далили онки дӯст медорад ӯ ростгӯ бошад ё бар пояи пешфарзҳояш, мумкин нест ки ӯ дурӯғгӯ бошад. Ҳамчунонки бисёрӣ аз мусалмонон, касонеро дӯст медоранд ва аз ин рӯ, ҳар чизе ки онон мегӯянд ё мекунандро дуруст мепиндоранд ва касонеро дӯст намедоранд ва аз ин рӯ, ҳар чизе ки онон мегӯянд ё мекунандро нодуруст мепиндоранд; Дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلَىٰ أَلَّا تَعْدِلُوا ۚ اعْدِلُوا هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَىٰ﴾;[1] <<Ва душман доштани гурӯҳе шуморо вонадорад ки адолат наварзед; Адолат варзед; Он ба тақво наздиктар аст>>! Рӯшан аст ки ин пешдоварӣ, аз бузургтарин мавонеъи шинохт ва муҳимтарин асбоби таклзиби ҳақ аст; Чунонки Худованди баланд мартаба фармудааст: ﴿وَلَقَدْ جَاءَتْهُمْ رُسُلُهُمْ بِالْبَيِّنَاتِ فَمَا كَانُوا لِيُؤْمِنُوا بِمَا كَذَّبُوا مِنْ قَبْلُ ۚ كَذَٰلِكَ يَطْبَعُ اللَّهُ عَلَىٰ قُلُوبِ الْكَافِرِينَ﴾;[2] <<Ва ба ростӣ Паёмбаронашон барояшон нишонаҳои рӯшан оварданд, вале онҳо наметавонистанд ба чизе имон оваранд ки аз пеш, онро таклзиб карда буданд! Ин гуна Худованд бар дилҳои кофирон мӯҳр мениҳад>>!

## [Лузуми таслим шудан дар баробари ризоят ва кароҳати Худованд]

Шакке нест ки муқтазои мусалмонӣ, тарки ризоят ва кароҳати худ ва таслим шудан дар баробари ризоят ва кароҳати Худованд аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَإِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَاحِدٌ فَلَهُ أَسْلِمُوا﴾;[3] <<Пас Худои шумо Худойи ягона аст; Пас барои Ӯ таслим шавед>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا تَشَاءُونَ إِلَّا أَنْ يَشَاءَ اللَّهُ رَبُّ الْعَالَمِينَ﴾;[4] <<Ва намехоҳед магар онки Худованд Парвардигори ҷаҳониён бихоҳад>>; Чароки ризоят ва кароҳати маъқул, тобеъи ҳусн ва қубҳи чизҳост ва чунонки рӯшан шуд, ҳусн ва қубҳи чизҳо, тобеъи Худованд аст ва касе ки ризоят ва кароҳати худро бар ризоят ва кароҳати Худованд муқаддам медорад, мӯъмин нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا فِي أَنْفُسِهِمْ حَرَجًا

1. Моъида/ 8.
2. Аъроф/ 101.
3. Ҳаҷ/ 34.
4. Таквир/ 29.

﴿مِمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيمًا﴾;[1] <<Пас на ба Парвардигорат савганд имон намеоваранд то он гоҳ ки туро дар ончи миёнашон даргирад ҳоким созанд ва сипас дар нафсҳои худ ташвише аз ончи ҳукм мекунӣ наёбанд ва комилан таслим шаванд>> Ва фармудааст: ﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ كَرِهُوا مَا أَنْزَلَ اللَّهُ فَأَحْبَطَ أَعْمَالَهُمْ﴾;[2] <<Он ба ин сабаб буд ки онон чизе ки Худованд нозил кардро хуш надоштанд, пас аъмолашонро нобуд кард>> Ва фармудааст: ﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمُ اتَّبَعُوا مَا أَسْخَطَ اللَّهَ وَكَرِهُوا رِضْوَانَهُ فَأَحْبَطَ أَعْمَالَهُمْ﴾;[3] <<Он ба ин сабаб буд ки онон аз чизе пайравӣ карданд ки Худоро ба хашм овард ва хушнудии Ӯро нохуш доштанд, пас аъмолишонро нобуд кард>>!

## [Табаъоти пайравӣ аз аҳвоъи нафсонӣ]

Бинобарин, тарки пешдовариҳо, пешзеҳниятҳо ва пешфарзҳои ношӣ аз увҳом, авотиф ва салойиқ, муқаддимаи шинохт шумурда мешавад ва барои таҳаққуқи он, зарурӣ аст. Дар ҳоле ки акнун, зеҳни мусалмонон, ба дунболи садҳо сол табаъият аз зунун ва таъассур аз таблиғоти золимон, пур аз пешдовариҳо, пешзеҳниятҳо ва пешфарзҳое аст ки асле дар Ислом надорад ва ба мурури замон ҳодис шуда варивоҷ ёфта, то ҷойе ки ба унвони мусалламот пазируфта шуда ва тардид дар онҳо ғайри қобили қабул аст. Бидуни шак, ин фитнаи азиме аст ки шинохтро барои онон бисёр душвор кардааст; Чароки пешдовариҳо, пешзеҳниятҳо ва пешфарзҳои онон, ба масобаи мабонии шинохти онон амал мекунанд ва ҳамаи истедлолҳо ва истимботҳои ононро дар ҳавзаҳои мухталиф, тахти таъсир қарор медиҳанд ва махдуш месозанд. Ба илова, руҳия, шахсият ва фарҳанги ононро низ шакл медиҳанд ва аз Ислом дур менамоянд; Чунонки руҳия, шахсият ва фарҳанги онон, аз ақлоният, ахлоқ ва воқеъгаройии Исломӣ, фосила гирифта ва аз сафоҳат, хушунат ва хурофоти ҷоҳилӣ, пур шуда ва ин мусибате аст ки қобили инкор нест. Аҳвоъи нафсонӣ, замоми ононро ба даст гирифта ва ононро дар замин ба ҷумбиш даровардааст ва бо ин васф, Ислом танҳо пӯшише бар рӯи ҳавасрониҳои онҳост; Чунонки бисёрӣ аз

1. Нисоъ/ 65.
2. Муҳаммад/ 9.
3. Муҳаммад/ 28.

онон, ширки ба Худоро тавҳид ва тағаллуб[1] бар мусалмононро хилофат ва куштани кӯдаконро ҷиҳод ва сирқати амволро ғанимат ва қатли хештанро шаҳодат меноманд то бадин шева, мусалмононро бифиребанд ва ба номи ризои Худованд, ризои нафси аъммораро бароваранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يُخَادِعُونَ اللَّهَ وَالَّذِينَ آمَنُوا وَمَا يَخْدَعُونَ إِلَّا أَنْفُسَهُمْ وَمَا يَشْعُرُونَ﴾;[2] <<Мехоҳанд Худо ва касоне ки имон дорандро бифиребанд, дар ҳоле ки ҷуз худашонро фиреб намедиҳанд ва намефаҳманд>> Ва фармудааст: ﴿وَلَيَحْلِفُنَّ إِنْ أَرَدْنَا إِلَّا الْحُسْنَىٰ ۖ وَاللَّهُ يَشْهَدُ إِنَّهُمْ لَكَاذِبُونَ﴾;[3] <<Ва савганд мехуранд ки мурoде ҷуз хубӣ надоштем, дар ҳоле ки Худованд шаҳодат медиҳад ки онон дурӯғгӯёнанд>>! Гуфта мешавад кор ба ҷойе расидааст ки фоҳишаҳое аз миёни онон, бо фатвои мансуб ба барҳӣ муфтиён Оли Саъуд, барои зино бо муфсидони дар замин, ба Сурия ва Ироқ мераванд ва номи онро ҷиҳоди никоҳ мениҳанд то мояи ваҳни Ислом шаванд ва ба ҷанги мусалмонон бо ҳам, доман зананд, дар ҳоле ки ғараз аз ҷиҳод, иқомаи аҳкоми Ислом аст на изоъаи аҳкоми он ва касоне ки худ рӯшантарин аҳкоми он дар бораи фуруҷ ва дамоъи мусалмононро зойеъ мекунанд, муҷоҳид нестанд, балки муҳориб ва муфсиди дар заминанд! Чунонки каме дуртар аз онон, мусалмонони мазлум дар Фаластин, ба дасти кофирони ҷаббор кушта ва овора мешаванд ва касе нест ки барои дифоъ аз онон, ба майдон дарояд ва мусалмонони мустазъаф дар Африқои марказӣ, ба дасти кофирони ваҳшӣ, салохӣ ва сӯзонда мешаванд ва касе нест ки барои ҳифзи онон, иқдом кунад; Чароки борикиҳои хурди Фаластин ва даштҳои гарми Африқои марказӣ, ҷазобияте барои ин муҷоҳидони дар роҳи нафс надорад!

Ҳеҷ шакке нест ки имрӯз, ҷангҳои мусалмонон бо якдигар дар Сурия, Ироқ, Афғонистон ва Покистон, на бар пояи Ислом, ки бар пояи ҳавои нафс аст ва табъан ҳар кас ки дар он кушта мешавад, бар хилофи пиндори худ шойистаи дӯзах аст; Ҳамчунонки возеҳ аст касоне ки мусалмононро ба ин ҷангҳо таҳрез мекунанд, муфсиди дар заминанд ва қатли онон, бар ҳар

1. [Султаҷӯйи аз роҳи зӯр ва қудрат].
2. Бақара/ 9.
3. Тавба/ 107.

мусалмоне ки мутамаккин аз он бошад, воҷиб аст.

Ҳосил онки шинохт, танҳо барои касе муяссар хоҳад шуд ки нафси худро аз ҳуббу буғзҳои бепоя, холӣ карда бошад ва пешзеҳниятҳо ва пешдовариҳои худро канор ниҳода бошад ва писандҳо ва нописандҳои худро бар писандҳо ва нописандҳои Худованд, мубтанӣ сохта бошад.

## 4. Дунёгароӣ

Яке дигар аз мавонеъи шинохт, <<Дунёгароӣ>> аст. Манзур аз дунёгароӣ, авлавият додан ба чизҳое аст ки одаме ба иқтизои ғарази худ, барои зиндагии дунё, қатъи назар аз зиндагии охират, ба онҳо ниёзманд аст ва фиқдони онҳо, лузуман ба зиндагии охират зиёне намерасонад; Монанди чизҳое ки Худованд дар китоби худ ном бурда ва фармудааст: ﴿زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ الشَّهَوَاتِ مِنَ النِّسَاءِ وَالْبَنِينَ وَالْقَنَاطِيرِ الْمُقَنْطَرَةِ مِنَ الذَّهَبِ وَالْفِضَّةِ وَالْخَيْلِ الْمُسَوَّمَةِ وَالْأَنْعَامِ وَالْحَرْثِ ۗ ذَٰلِكَ مَتَاعُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا﴾;[1] <<Дӯстии дилбастагиҳо аз занон ва писарон ва сарватҳои анбошта аз тилло ва нуқра ва асбҳои қиматӣ ва чаҳорпоён ва кишт, барои мардум ороста шудааст; Ин бархурдории зиндагии дунёст>>! Рӯшан аст ки зиндагии инсон, бинобарончи аз ақл ва шаръ маълум аст, маҳдуд ба зиндагии дунё нест; Балки зиндагии дунё, муқаддамае бар зиндагии охирад аст, балки зиндагии охират нисбат ба зиндагии дунё, асл нисбат ба бадал шумурда мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا هَٰذِهِ الْحَيَاةُ الدُّنْيَا إِلَّا لَهْوٌ وَلَعِبٌ ۚ وَإِنَّ الدَّارَ الْآخِرَةَ لَهِيَ الْحَيَوَانُ ۚ لَوْ كَانُوا يَعْلَمُونَ﴾;[2] <<Ва ин зиндагии дунё ҷуз саргармӣ ва бозичае нест ва саройи охират бегумон ҳамон зиндагонӣ аст агар бидонанд>> Ва фармудааст: ﴿يَا قَوْمِ إِنَّمَا هَٰذِهِ الْحَيَاةُ الدُّنْيَا مَتَاعٌ وَإِنَّ الْآخِرَةَ هِيَ دَارُ الْقَرَارِ﴾;[3] <<Эй қавм! Ҷуз ин нест ки зиндагии дунё як бархурдоре аст ва он охират аст ки саройӣ мондагоре аст>>! Албатта дӯст доштани чизҳое ки барои зиндагии дунё зарурат доранд, табиъӣ аст ва бад шумурда намешавад, вале дӯст доштани онҳо беш аз чизҳое ки барои зиндагии охират зарурат доранд, табиъӣ нест ва бад шумурда мешаванд; Чароки

1. Оли Имрон/ 14.
2. Анкабут/ 64.
3. Ғофир/ 39.

ақл, зиндагии абадиро бар зиндагии муваққат тарҷеҳ медиҳад ва савоб ё иқоби бештарро бар савоб ё иқоби камтар муқаддам мешуморад. Бинобарин, дӯст доштани зиндагии дунё, бад нест; Балки авлавият додан ба он дар баробари зиндагии охират, бад аст ва ин ҳамон дунёгароӣ аст ки аз мавонеъи шинохт, шумурда мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿بَلْ تُؤْثِرُونَ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا؛ وَالْآخِرَةُ خَيْرٌ وَأَبْقَى﴾;[1] <<Балки зиндагии дунёро тарҷеҳ медиҳед; Дар ҳоле ки охират беҳтар ва боқитар аст>> Ва фармудааст: ﴿كَلَّا بَلْ تُحِبُّونَ الْعَاجِلَةَ؛ وَتَذَرُونَ الْآخِرَةَ﴾;[2] <<Ҳаргиз; Балки дунёро дӯст медоред ва охиратро вомегузоред>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ هَؤُلَاءِ يُحِبُّونَ الْعَاجِلَةَ وَيَذَرُونَ وَرَاءَهُمْ يَوْمًا ثَقِيلًا﴾;[3] <<Ҳроина инон дунёро дӯст медоранд ва рӯзӣ гаронро пушти сари худ вомегузоранд>> Ва фармудааст: ﴿أَرَضِيتُمْ بِالْحَيَاةِ الدُّنْيَا مِنَ الْآخِرَةِ ۚ فَمَا مَتَاعُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا فِي الْآخِرَةِ إِلَّا قَلِيلٌ﴾;[4] <<Оё ба зиндагии дунё аз охират ризоят ёфтаед?! Дар ҳоле ки зиндагии дунё дар баробари охират, ҷуз андаке нест!>>.

## [Маншаъи дунёгароӣ]

Рӯшан аст ки маншаи ин дунёгароӣ, адами имон ба зиндагии охират аст; Чароки инсон қодир нест чизеро ки барои ӯ яқинӣ аст, фидои чизе кунад ки барои ӯ яқинӣ нест. Аз ин рӯ, бештарин дунёгароӣ, дар миёни касоне дида мешавад ки зиндагии охиратро инкор мекунанд ва мӯътақиданд ки инсон бо марг, нест ва нобуд мешавад. Бо ин васф, метавон гуфт: Пешрафтҳои моддии кофирон баъд аз инқилоби Аврупо, беш аз онки ҳосили дониш ва кӯшиши бештари онон бошад, ношӣ аз пушт кардани онон ба маънавият ва фаромӯш кардани зиндагии охират будааст; Чароки онон ба дунболи хастагии аз ҳазор сол ақлситезии калисо, тасмим ба ҷудоӣ аз дин гирифтанд ва низомӣ орӣ аз эътиқоди ба ғайбро тарроҳӣ ва эҷод намуданд ки ҳамчунон устувор ва фазоянда, ба ҳаёти худ идома медиҳад. Нақши ин низоми ҷадиди моддагаро ки бар саросари ҷаҳон соя андохта, дар густариш ва ниҳодинагии дунёгароӣ, бисёр

1. Аъло/ 16 ва 17.
2. Қиёмат/ 20 ва 21.
3. Инсон/ 27.
4. Тавба/ 38.

рӯшан ва барҷаста аст; Чароки ин низоми илҳодӣ, дар тӯли ду қарни гузашта, бо баҳрагирӣ аз абзорҳои ҷадиди таблиғотӣ ва эҷоди чархаи ғайри табиъӣ аз арза ва тақозо, дунёгароиро ба фарҳанги расмӣ ва умумии ҷаҳон, табдил кардааст; То ҷойе ки ҳатто кишварҳои Исломӣ аз шумули он дар амон намондаанд ва бештари мусалмонон, тахти сайтараӣ он, охиратгароии Исломиро аз даст додаанд; Зеро чунонки машҳуд аст, имрӯза авлавияти фардӣ ва иҷтимоъии бештари мусалмонон, таъмини майишат ва рифои моддӣ аст, дар ҳоле ки авлавияти фардӣ ва иҷтимоӣ дар Ислом, таъмини охират ва армонҳои Исломӣ аст ки албатта ҳар гоҳ таъмин шавад, маъишат ва рифои моддӣ низ ба наҳви муносиб ва одилона, таъмин хоҳад шуд.

## [Табаъоти дунёгароӣ]

Ин як воқеъияти муҳим аст ки бар хилофи зеҳнияти ройиҷ, паёмади дунёгароӣ, беҳбуди вазъияти дунё нест; Чароки дунёгароӣ, пушт кардан ба охират аст ва пушт кардан ба охират, пушт кардан ба адолат ва арзишҳои ахлоқӣ аст ва ин натанҳо ба беҳбуди вазъияти дунё намеанҷомад ки дар муъодилаи маъкус, ба афзоиши шикофи табақотӣ ва дар натиҷа ҷанг мунҷар мешавад; Дар ҳоле ки ҷанг, ба танҳоӣ қодир аст ҳамаи дастовардҳои дунёиро ба нобудӣ бикашонад. Аз ин рӯ, машҳуд аст ки дунёгароии ҷадид, натавонистааст мушкилоти дунёиро бартараф кунад; Чароки ҳар чанд зиндагии дунёро барои ақаллияте аз мардум, осон сохта, барои аксарияти онон, ба мусибатӣ ғайри қобили таҳаммул табдил намудааст; Ҳамчунонки бинобар оморҳои расмӣ, нимӣ аз сарвати ҷаҳон, дар ихтиёри як садуми сокинони он қарор гирифтааст ва дар ҳар дақиқа даҳ кӯдак дар ҷаҳон, аз гуруснагӣ мемиранд ва ин хабари Худованд аст ки фармудааст: ﴿وَمَنْ أَعْرَضَ عَنْ ذِكْرِي فَإِنَّ لَهُ مَعِيشَةً ضَنْكًا﴾;[1] <<Ва ҳар кас аз ёди Ман рӯй бигирад, барои ӯ маъишати танге хоҳад буд>>!

Шакке нест ки дунёгароӣ, паёмадҳои мусибатборе дорад, вале ба таври ҳатм, муҳимтарин паёмади он, коҳиши тавони дунёгароён

1. Тоҳо/ 124.

барои шинохти ҳақ аст; Чароки аз як сӯ, мояи иштиғоли онон ба корҳои дунявӣ ва табъан боз мондан аз таҳсили илм мешавад ва аз сӯи дигар, боъиси нигаронӣ бобати заволи доштаҳои дунявӣ дар сурати шинохти ҳақ ва пайравӣ аз он мешавад ки табъан аз шинохти ҳақ ва пайравӣ аз он, боз медорад; Зеро дунёгароён, ҳангоме ки чизӣ лозим барои зиндагии дунё, ба иқтизои таъорузи дунё ва охират, бо чизӣ лозим барои зиндагии охират, таъоруз меёбад, таҳсили онро бар таҳсили дигарӣ тарҷеҳ медиҳанд ва ин бар шинохти онҳо аз ҳақ, таъсир мегузорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمُ اسْتَحَبُّوا الْحَيَاةَ الدُّنْيَا عَلَى الْآخِرَةِ وَأَنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الْكَافِرِينَ﴾;[1] <<Он ба ин сабаб буд ки онон зиндагии дунёро аз охират дӯстдар доштанд ва Худованд гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад>>! Ба баёни дигар, авлавият додан ба зиндагии дунё, ҳангоме ки шинохти ҳақ, мусталзими аз даст додани чизе дар зиндагии дунёст, одамеро аз шинохти ҳақ боз медорад ва ба инкори он вомедорад; Чароки ҳақ, ба муқтазои камоли худ ва нуқсони одамӣ, ғолибан бар хилофи амёли одамӣ зуҳур мекунад, ба наҳве ки қабули он, доштаҳои дунявии ӯро ба хатар меандозад ва ин омили боздоранда барои қабули он аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ إِنْ كَانَ آبَاؤُكُمْ وَأَبْنَاؤُكُمْ وَإِخْوَانُكُمْ وَأَزْوَاجُكُمْ وَعَشِيرَتُكُمْ وَأَمْوَالٌ اقْتَرَفْتُمُوهَا وَتِجَارَةٌ تَخْشَوْنَ كَسَادَهَا وَمَسَاكِنُ تَرْضَوْنَهَا أَحَبَّ إِلَيْكُمْ مِنَ اللَّهِ وَرَسُولِهِ وَجِهَادٍ فِي سَبِيلِهِ فَتَرَبَّصُوا حَتَّىٰ يَأْتِيَ اللَّهُ بِأَمْرِهِ ۗ وَاللَّهُ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الْفَاسِقِينَ﴾;[2] <<Бигӯ агар падаронатон ва писаронатон ва бародаронатон ва ҳамсаронатон ва хешовандонатон ва амволе ки гирд овардаед ва тиҷорате ки аз касодаш метарсед ва хонаҳое ки хуш медоредашон, назди шумо аз Худо ва Паёмбарш ва ҷиҳоди дар роҳаш хушояндтаранд, пас мутаваққеъ бошед ки Худованд кори худро биёварад; Чароки Худованд чунин гурӯҳи фосиқеро ҳидоят намекунад>>! Ҳамчунон ба унвони намуна, аз бархӣ мункарони Паёмбараш хабар дода ва фармудааст: ﴿وَقَالُوا إِنْ نَتَّبِعِ الْهُدَىٰ مَعَكَ نُتَخَطَّفْ مِنْ أَرْضِنَا ۚ﴾;[3] <<Ва гуфтанд: Агар бо ту аз ҳидоят табаъият кунем, аз сарзамини худ берун мешавем>>! Аз инҷо дониста мешавад ки таъаллуқҳои ба дунё, ҳар чи бештар бошанд, шинохти ҳаққро душвортар ва ҳар чи камтар бошанд, шинохти

1. Наҳл/ 107.
2. Тавба/ 24.
3. Қасос/ 57.

онро осонтар мекунанд ва ин воқеъиятӣ махсус ва муҷарраб аст; Зеро ҳангоме ки ҳақ зуҳур мекунад, одатан сарватмандон барои сарвати худ ва қудратмандон барои қудрати худ ва қавммандон барои қавми худ ва шаҳирон барои шӯҳрати худ ва вобастагон барои арбоби худ нигарон мешаванд ва бадин сон, ҳар як бо таъаллуқе, аз шинохти ҳақ, боз мемонанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا أَرْسَلْنَا فِي قَرْيَةٍ مِنْ نَذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا إِنَّا بِمَا أُرْسِلْتُمْ بِهِ كَافِرُونَ﴾;[1] <<Ва дар ҳеҷ сарзамине, бимдиҳандае нафиристодем магар онки бархудоронашон гуфтанд: Мо ба ончи барояш фиристода шудаед, кофирем>>! Аз ин рӯ, ғолибан фақирон, заъифон, бекасон, гумномон ва озодагон ҳастанд ки ҳаққро мешиносанд ва аз он пайравӣ мекунанд; Зеро ононро сарват ё қудрат ё қавм ё шӯҳрат ё арбобе нест ки нигаронашон кунад ва аз ин ҷиҳот, табақоти пойини ҷомеъа шумурда мешаванд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَقَالَ الْمَلَأُ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ قَوْمِهِ مَا نَرَاكَ إِلَّا بَشَرًا مِثْلَنَا وَمَا نَرَاكَ اتَّبَعَكَ إِلَّا الَّذِينَ هُمْ أَرَاذِلُنَا بَادِيَ الرَّأْيِ وَمَا نَرَىٰ لَكُمْ عَلَيْنَا مِنْ فَضْلٍ بَلْ نَظُنُّكُمْ كَاذِبِينَ﴾;[2] <<Бархурдороне аз қавми ӯ ки кофир шуданд гуфтанд: Мо туро ҷуз инсонӣ монанди худ намебинем ва пайравони туро ҷуз касоне ки фурумоягони содалувҳомон ҳастанд намебинем ва барои шумо фазилате бар худ намебинем, балки шуморо дурӯғгӯён мепиндорем>> Ва фармудааст: ﴿قَالُوا أَنُؤْمِنُ لَكَ وَاتَّبَعَكَ الْأَرْذَلُونَ﴾;[3] <<Гуфтанд: Оё ба ту имон оварем, дар ҳоле ки фурумоягон аз ту пайравӣ кардаанд?!>> Ва фармудааст: ﴿فَمَا آمَنَ لِمُوسَىٰ إِلَّا ذُرِّيَّةٌ مِنْ قَوْمِهِ عَلَىٰ خَوْفٍ مِنْ فِرْعَوْنَ وَمَلَئِهِمْ أَنْ يَفْتِنَهُمْ﴾;[4] <<Пас ба Мӯсо имон наёварданд магар ҷавононе аз қавмаш бо тарсе аз Фиръавн ва бархурдоронашон ки ононро шиканҷа кунанд>> Ва фармудааст: ﴿وَكَذَٰلِكَ فَتَنَّا بَعْضَهُمْ بِبَعْضٍ لِيَقُولُوا أَهَٰؤُلَاءِ مَنَّ اللَّهُ عَلَيْهِمْ مِنْ بَيْنِنَا ۗ أَلَيْسَ اللَّهُ بِأَعْلَمَ بِالشَّاكِرِينَ﴾;[5] <<Ин гуна бархӣ аз ононро бо бархӣ дигар озмудаем то бигӯянд: Оё инҳо ҳастанд ки Худованд аз миёни мо бар онон миннат ниҳодааст?! Оё Худованд ба шокирон донотар нест?!>>. Бо ин васф, аҷиб нест ки вақте Ислом зуҳур кард, фақирони Макка онро пазируфтанд ва сарватмандони Макка онро инкор

1. Сабаъ/ 34.
2. Ҳуд/ 27.
3. Шуароъ/ 111.
4. Юнус/ 83.
5. Анъом/ 53.

намуданд, заъифони Макка онро ёрӣ карданд ва қудратмандони Макка бо он душманӣ варзиданд, ғарибони Макка ба он пайвастанд ва қабиладорони Макка дар баробараш истоданд, гумномони Макка ба он рӯй оварданд ва машоҳири Макка аз он рӯй гирифтанд, озодагони Макка аз он пайравӣ карданд ва вобастагони Макка аз бузургонашон пайравӣ намуданд; Ҳамчунонки ба зудӣ ин равия, ба мусалмонон низ мунтақил шуд ва бар шинохти онон аз Ислом таъсир гузошт; Зеро онон ба дунболи султа ёфтани Умавиён, қироъате аз Исломро ба расмият шинохтанд ки таъмин кунандаи манофеъи қудратмандон буд ва қироъатӣ дигар аз он ки таъмин кунандаи манофеъи мустазъафон будаproperly бидъат шумурданд. Қироъати онон аз Ислом ки ба зудӣ ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат эълом шуд, беш аз ҳар чиз мубтанӣ бар ақлгурезӣ, хабармеҳварӣ, ҷабргароӣ, аҳли байтситезӣ ва зулмпазирӣ буд ки аз ҳар лиҳоз, мавриди ҳимояти табақи ҳоким қарор дошт ва ҳуқуқи табақоти маҳрумро ба хатар меандохт. Паёмади ин рӯйкард дар қарнҳои нахустини Исломӣ, инҳирофӣ бузург дар масири ҳаракати мусалмонон буд ки то ба имрӯз идома ёфта ва ононро аз Ислом дур сохтааст; То ҷойе ки имрӯз бештари онон, хусусан дар кишварҳои Арабӣ, ба масраф кунандагони бузурге табдил шудаанд ки тавлид кунандагони кофирро ба сарватҳои азим расондаанд; Сарватҳои азиме ки мустақим ё аз тариқи молиёт, дар хидмати қудратмандони кофир қарор мегирад, то ба пуштибонаи он, бо Ислом биҷанганд ва куфро бар ҷаҳон муставлӣ созанд.

Ҳеҷ шакке нест ки имрӯз, муҳимтарин манобеъи даромади кофирон барои ҷанг бо мусалмонон, худи мусалмононанд; Чароки муҳимтарин бозори фурӯши тавлидоти кофирон, кишварҳои Исломӣ аст ва агар мусалмонон, аз хариди тавлидоти кофирон, худдорӣ кунанд, чархи иқтисоди онон ба суръат аз ҳаракат боз меистад. Вале воқеъият он аст ки мусалмонон, аз хариди тавлидоти кофирон худдорӣ нахоҳанд кард; Чароки қуввати таблиғоти кофирон барои фурӯши тавлидоташон аз як сӯ ва заъфи таблиғоти мусалмонон барои таъаллуқи ба охират аз сӯӣ дигар, илова бар фиқдони истиқлоли иқтисодӣ дар

кишварҳои Исломӣ, заминае барои ин кор, боқӣ нагузоштааст. Дар натиҷа, дунёгарой монанди саммӣ муҳлик, дар гӯшт ва устхони мусалмонон нуфуз карда ва ақли ононро ба сӯи марг кашондааст. Дар ин миён, аз касоне монанди ман ки савдои бозгашти ба Исломро доранд низ коре сохта нест; Чароки бештари мусалмонон, дар бухбухаи дунёгароиҳои худ, ба касоне монанди ман эътино намекунанд ва ин дар ҳоле аст ки ба таври табиъӣ, бозгашт ба Ислом, бидуни ҳамроҳии бештари мусалмонон, имкон надорад.

Ҳосил онки танҳо касоне муваффақ ба шинохти ҳақ ва пайравӣ аз он хоҳанд шуд ки бар хилофи ҷараёни ҷомеъа, вобастагиҳои худ ба дунёро тазъиф ва вобастагиҳои худ ба охиратро тақвият карда бошанд.

### 5. Таъассуб

Яке дигар аз мавонеъи шинохт, <<Таъассуб>> аст. Манзур аз таъассуб, навъӣ вобастагии қавмӣ, мазҳабӣ ё сиёсӣ аст ки мабнои ақлӣ надорад ва монеъ аз инсоф дар шинохт воқеъ аст; Ба ин тартиб ки мутаъассиб, қавм ё мазҳаб ё гурӯҳи худро қатъи назар аз хуб ё бад будани он, ба наҳве дӯст медорад ки қодир ба шинохти хуб ё бад будани он бар мабнои ақл нест. Дар чунин ҳолате, агар қавм ё мазҳаб ё гурӯҳи дигаре, бар мабнои ақл, аз қавм ё мазҳоб ё гурӯҳи ӯ бартар бошад, ӯ ҳозир ба қабули бартарии он нест; Балки бо беинсофӣ, бар бартарии қавм ё мазҳаб ё гурӯҳи худ пой мефишорад ва воқеъиятро нодида мегирад; Монанди яҳудиён ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿أَلَمْ تَرَ إِلَى الَّذِينَ أُوتُوا نَصِيبًا مِنَ الْكِتَابِ يُؤْمِنُونَ بِالْجِبْتِ وَالطَّاغُوتِ وَيَقُولُونَ لِلَّذِينَ كَفَرُوا هَٰؤُلَاءِ أَهْدَىٰ مِنَ الَّذِينَ آمَنُوا سَبِيلًا﴾;[1] <<Оё касоне ки баҳрае аз китоб дода шудандро надидӣ ки ба ҷибт ва тоғут имон меоваранд ва дар бораи кофирон мегӯянд ки онҳо аз касоне ки имон овардаанд, ҳидоят ёфтатар ҳастанд?!>>. Ин ҳамон ҷонибдории ҷоҳилона аст ки чун бар ақл тасаллут мееёбад, онро аз эътироф ба ҳақ боз медорад ва ба дифо аз ботил вомедорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِذْ جَعَلَ الَّذِينَ

1. Нисоъ/ 51.

﴿كَفَرُوا فِي قُلُوبِهِمُ الْحَمِيَّةَ حَمِيَّةَ الْجَاهِلِيَّةِ﴾;[1] <<Боре касоне ки кофир шуданд, дар дилҳои худ ҷонибдорӣ, ҷонибдории ҷоҳилона қарор доданд>>; Монанди аъроби пеш аз Ислом ки қабилаи худро меъёри ҳақ медонистанд ва аз он, ҳатто агар золим буд, ҳимоят мекарданд ва пас аз Ислом низ, бар пояи ҳамин рӯҳия, рақобатҳои сиёсии номаймунеро бо банӣ Ҳошим пай гирифтанд ки ба бурузи ихтилоф пас аз даргузашти Паёмбар ﷺ ва ҳаводиси хунин дар қарҳои нахустини Исломӣ, мунҷар шуд ва имрӯз низ бо шаклӣ мутафовит, боқӣ аст.

## [Маншаъ ва табаъоти таъассуб]

Ин мҳсус ва муҷараб аст ки таъассуб барои як чиз, одамеро ба ҳимояти кӯр кӯрона аз он ва муқобила бо мухолифонаш аз тариқи ҷадал, кизб ва зулм вомедорад; Дар ҳоле ки ҷадал, кизб ва зулм, ҳар чанд мухолифонашро хомӯш намояд, ақлро қонеъ намесозад ва ҳеҷ арзише дар назди он надорад; Чунонки Худованд дар бораи аҳли он фармудааст: ﴿يُجَادِلُونَكَ فِي الْحَقِّ بَعْدَمَا تَبَيَّنَ كَأَنَّمَا يُسَاقُونَ إِلَى الْمَوْتِ وَهُمْ يَنْظُرُونَ﴾;[2] <<Бо ту дар бораи ҳақ пас аз рӯшан шуданаш ҷидол мекунанд, чунонки гӯйи ба сӯи марг кашонида мешаванд, дар ҳоле ки тамошо мекунанд>> Ва фармудааст: ﴿فَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ افْتَرَىٰ عَلَى اللَّهِ كَذِبًا لِيُضِلَّ النَّاسَ بِغَيْرِ عِلْمٍ ۗ إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ﴾;[3] <<Пас чи касе ситамкортар аз касе аст ки бар Худо дурӯғ мебандад то мардумро бо ғайри илм гумроҳ кунад?! Ҳароина Худованд қавми ситамкоронро ҳидоят намекунад>>!

Ба назар мерасад ки таъассуб, таркибе аз ҷаҳл ва аҳвоъи нафсонӣ аст; Чароки мутаъассиб аз як сӯ, ба қавм ё мазҳаб ё гурӯҳи худ ҷоҳил аст, ба ин маъно ки бадиҳои онро намешиносад ва аз сӯи дигар, ба он таъаллуқи хотир дорад, то ҳадде ки мойил ба шинохти бадиҳои он нест, балки бо ҷазмиятӣ бепоя, бадиҳои онро муҳтамал намедонад. Аз ин рӯ, ҳангоме ки бадиҳои он ба ӯ шиносонида мешавад, озурда мегардад ва вокунишӣ эҳсосӣ нишон медиҳад. Шакке нест ки ин ҳолат, монеъ аз шинохти ҳақ

1. Фатҳ/ 26.
2. Анфол/ 6.
3. Анъом/ 144.

аст, вале бо ин васф, дар миёни мусалмонон, ройиҷ ва машҳуд аст; Чароки бисёрӣ аз онон, ба далили ноошноӣ бо заъфҳои ақойиди худ ва дилбастагӣ ба онҳо, омодаи бознигарӣ дар онҳо бар мабнои ақл нестанд ва ҳар гуна бознигарӣ дар онҳо ҳар чанд ки бар мабнои ақлро хасмона ва бо сӯъи ният мепиндоранд ва ба ҳамин сабаб, бар наметобанд ва пешопеш, мардуд мешуморанд ва бадтар онки ин худфиребӣ ва воқеъият гурезиро дифоъ аз ақойиди худ меингоранд, дар ҳоле ки он чизе ҷуз ибрози эҳсосот нест ва ибрози эҳсосот, ақойиди ононро исбот намекунад, балки исботи онҳо мубтанӣ бар ақл аст; Чароки ҳақ будан ё набудани як ақида, аз зоти он интизоъ мешавад ва аз эҳсосоти мӯътақид, таъсир намепазирад; Вагарна ҳар кас зӯраш бештар ва овозаш баландтар буд, ақидаи ӯ ҳақтар буд, дар ҳоле ки ин хилофи машҳуд ва мусаллам аст. Аз инҷо дониста мешавад, касоне ки бо фарёд задан ва мушт кӯбидан, дар пайи дифоъ аз ақойиди худанд, дар воқеъ аз ақойиди худ дифоъ намекунанд; Зеро фарёд задан ва мушт кӯбидан, ақойиде ки бар мабнои ақл, ботил шинохта шудаандро ҳақ намекунанд, балки чи басо бутлони онҳоро ошкортар месозад; Бо таваҷҷуҳ ба инки фарёд задан ва мушт кӯбидан, ғолибан ҳангоме буруз мекунанд ки ҳуҷҷате барои иброз боқӣ намондааст, то фоқидони онро пӯшида созанд, дар ҳоле ки онро ошкортар месозанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَإِذَا تُتْلَىٰ عَلَيْهِمْ آيَاتُنَا بَيِّنَاتٍ تَعْرِفُ فِي وُجُوهِ الَّذِينَ كَفَرُوا الْمُنْكَرَ ۖ يَكَادُونَ يَسْطُونَ بِالَّذِينَ يَتْلُونَ عَلَيْهِمْ آيَاتِنَا ۗ قُلْ أَفَأُنَبِّئُكُمْ بِشَرٍّ مِنْ ذَٰلِكُمُ ۗ النَّارُ وَعَدَهَا اللَّهُ الَّذِينَ كَفَرُوا ۖ وَبِئْسَ الْمَصِيرُ﴾;[4] <<Ва ҳангоме ки оёти рӯшани Мо бар онон хонда мешавад, дар рӯи касоне ки кофир шуданд, зиштиро мебинӣ! Наздиканд ки ба касоне ки оёти Моро бар онон мехонанд, ҳамла кунанд! Бигӯ оё пас шуморо ба чизе бадтар аз он хабар бидиҳам?! Оташ ки Худованд ба касоне ки кофир шуданд, ваъдааш дода ва бад ҷойгоҳе аст>>! Дар ҳоле ки оқил, ба иқтизои ақли худ, дар пайи воқеъият аст ва аз шинохти он, ҳар чанд бар хилофи пиндори ӯ бошад, ошуфта намешавад, балки шодмон мешавад ва аз касе ки мухолифати он бо пиндори ӯро барояш ошкор сохта, мамнун аст; Чароки ӯро эҳсон карда ва ба муродаш расонидааст. Бо ин васф, ҷои таъассуф аст ки

1. Ҳаҷ/ 72.

бисёрӣ аз мусалмонон, дар бораи қавм, мазҳаб ва гурӯҳи худ мутаъассибанд ва таҳаммули интиқод аз онро надоранд; То ҷойе ки гунҷоише барои зикри маъойиби он нест ва тамаллуқ аз он лозим шумурда мешавад; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿لَا تَحْسَبَنَّ الَّذِينَ يَفْرَحُونَ بِمَا أَتَوْا وَيُحِبُّونَ أَنْ يُحْمَدُوا بِمَا لَمْ يَفْعَلُوا فَلَا تَحْسَبَنَّهُمْ بِمَفَازَةٍ مِنَ الْعَذَابِ ۖ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾;[1] <<Гумон мабар касоне ки ба ончи анҷом додаанд шодмонӣ мекунанд ва дӯст медоранд ки ба хотири ончи накардаанд ситоиш шаванд, гумон мабар ки аз азоб раҳоӣ меёбанд ва барои онон азобӣ дарднок аст>> Ва касоне ки дар бораи онон фармудааст: ﴿صُمٌّ بُكْمٌ عُمْيٌ فَهُمْ لَا يَرْجِعُونَ﴾;[2] <<Кар ва лол ва кӯранд, пас онон боз намегарданд>>!

Ман бо бисёрӣ аз онон гуфтугӯ кардаам; Онон хайреро берун аз ончи шинохтаанд, тасаввур намекунанд ва мепиндоранд ки фаротар аз ончи ба он расидаанд, ҳаққе нест; Дар ҳоле ки онрчи шинохтаанд, ғолибан мубтанӣ бар занн аст ва чизе ки ба он расидаанд, умдатан қатъӣ нест ва ин ба он маънност ки бутлони он муҳтамал аст ва бо ин васф, ҷазми ба он маъқул нест.

Ин ҳолат, дар бархӣ кишварҳои мусалмон ки аз ақвом ё мазоҳиби гуногуне шакл гирифта ва тавсиъаи камтаре ёфтаанд, маҳсустар аст; Чунонки масалан дар Афғонистон, таъассуби қавмӣ ва мазҳабӣ дар сояи танавуъи ақвом ва мазоҳиб, ба андозае аст ки заминае барои таҳаққуқи сулҳ нест ва шаклгирӣ ё бақоъи ҳокимияти воҳид, душвор аст ва ин мусалмонони он кишварро ба мардумӣ мусибатзада табдил намудааст.

Ҳосил онки танҳо касоне қодир ба шинохти ҳаққанд ки нисбат ба қавм, мазҳаб ва гурӯҳи худ таъассуб надошта бошанд ва бо ақойиди заннии худ, монанди ақойиди қатъӣ, муомила накунанд ва зарфияти бознигарӣ дар онҳо ва табъан даст бардоштан аз онҳо дар сурати мухолифаташон бо ҳаққро дошта бошанд.

### 6. Такаббур

Яке дигар аз мавонеъи шинохт, <<Такаббур>> ба маънои

1. Оли Имрон/ 188.
2. Бақара/ 18.

худбузург пиндорӣ аст ки дар бениёз пиндоштани худ аз шинохти ҳақ намуд меёбад ва ба саркашӣ аз қабули он меанҷомад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿كَلَّا إِنَّ الْإِنْسَانَ لَيَطْغَىٰ؛ أَنْ رَآهُ اسْتَغْنَىٰ﴾;[1] <<Чунин нест, ҳароина инсон саркашӣ мекунад; Чун бинад ки бениёз шудааст>>! Зеро касе ки худро бузургтар аз чизе ки ҳаст мепиндорад, ниёзи худ ба шинохтро дар намеёбад ва табъан барои таъмини он, иқдоме намекунад ва таъмини он тавассути дигариро низ мунофии бузургӣ хеш меингорад ва намепазирад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿كَذَٰلِكَ يَطْبَعُ اللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ قَلْبِ مُتَكَبِّرٍ جَبَّارٍ﴾;[2] <<Ин гуна Худованд бар ҳар дили мутакаббири ҷабборе мӯҳр мениҳад>> Ва фармудааст: ﴿سَأَصْرِفُ عَنْ آيَاتِيَ الَّذِينَ يَتَكَبَّرُونَ فِي الْأَرْضِ بِغَيْرِ الْحَقِّ وَإِنْ يَرَوْا كُلَّ آيَةٍ لَا يُؤْمِنُوا بِهَا وَإِنْ يَرَوْا سَبِيلَ الرُّشْدِ لَا يَتَّخِذُوهُ سَبِيلًا وَإِنْ يَرَوْا سَبِيلَ الْغَيِّ يَتَّخِذُوهُ سَبِيلًا ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ كَذَّبُوا بِآيَاتِنَا وَكَانُوا عَنْهَا غَافِلِينَ﴾;[3] <<Касоне ки дар замин ба ноҳақ такаббур меварзандро аз нишонаҳои худ боз хоҳем дошт то чун нишонаеро бубинанд ба он имон наёваранд ва чун роҳи рушдро бубинанд онро роҳи хеш нагиранд ва чун роҳи бадбахтиро бубинанд онро роҳи хеш бигиранд! Ин ба он сабаб аст ки онон нишонаҳои моро дурӯғ шумурданд ва аз он бехабар буданд>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يُجَادِلُونَ فِي آيَاتِ اللَّهِ بِغَيْرِ سُلْطَانٍ أَتَاهُمْ ۙ إِنْ فِي صُدُورِهِمْ إِلَّا كِبْرٌ مَا هُمْ بِبَالِغِيهِ ۚ فَاسْتَعِذْ بِاللَّهِ ۖ إِنَّهُ هُوَ السَّمِيعُ الْبَصِيرُ﴾;[4] <<Ҳароина касоне ки дар бораи нишонаҳои Худо бидуни ҳуҷҷате ки ононро омада бошад муҷодила мекунанд, дар синаҳошон ҷуз кибре ки ба он намерасанд нест! Пас ба Худо паноҳ бибар; Чи онки Ӯ шунавои биност>>!

### [Маншаъи такаббур]

Ончи боъиси пайдоиши ин ҳолат дар инсон мешавад, фазилатӣ воқеъӣ ё мавҳум аст ки дар ӯ вуҷуд дорад ва ба он мағрур аст; Чунонки бархӣ ба нажоди худ мағруранд; Монанди иблис ки нахустин мутакаббир буд ва Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿قَالَ أَنَا خَيْرٌ مِنْهُ ۖ خَلَقْتَنِي مِنْ نَارٍ وَخَلَقْتَهُ مِنْ طِينٍ﴾;[5] <<Гуфт: Ман аз ӯ бартарам; Ҷароки манро аз оташ офаридӣ ва ӯро аз гил офаридӣ>> Ва бархӣ

1. Алақ/ 6 ва 7.
2. Ғофир/ 35.
3. Аъроф/ 146.
4. Ғофир/ 56.
5. Сод/ 76.

ба ҳукумати худ мағруранд; Монанди Фиръавн ки Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿وَنَادَىٰ فِرْعَوْنُ فِي قَوْمِهِ قَالَ يَا قَوْمِ أَلَيْسَ لِي مُلْكُ مِصْرَ وَهَٰذِهِ الْأَنْهَارُ تَجْرِي مِنْ تَحْتِي ۖ أَفَلَا تُبْصِرُونَ﴾;[1] <<Ва Фиръавн дар миёни қавми худ овоз дод, гуфт: Эй қавми ман! Оё ҳукумати Миср аз они ман нест ва ин рудҳо аз зери ман ҷорӣ намешаванд?! Оё пас намебинед?!>> Ва бархӣ дигар ба сарвати худ мағруранд; Монанди Қорун ки Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿إِنَّ قَارُونَ كَانَ مِنْ قَوْمِ مُوسَىٰ فَبَغَىٰ عَلَيْهِمْ ۖ وَآتَيْنَاهُ مِنَ الْكُنُوزِ مَا إِنَّ مَفَاتِحَهُ لَتَنُوءُ بِالْعُصْبَةِ أُولِي الْقُوَّةِ إِذْ قَالَ لَهُ قَوْمُهُ لَا تَفْرَحْ ۖ إِنَّ اللَّهَ لَا يُحِبُّ الْفَرِحِينَ﴾;[2] <<Ҳароина Қорун аз қавми Мӯсо буд, пас бар онон ситам кард ва ӯро аз ганҷинаҳо чизе додем ки калидҳояш гурӯҳӣ зӯроварро ба заҳмат меандохт! Ҳнгоме ки қавмаш ба ӯ гуфтанд: Шодхорӣ накун; Чароки Худованд шодхоронро дӯст намедорад>> Ва бархӣ дигар ба неруӣ низомии худ мағруранд; Монанди ҳокимони Сабаъ ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿قَالُوا نَحْنُ أُولُو قُوَّةٍ وَأُولُو بَأْسٍ شَدِيدٍ وَالْأَمْرُ إِلَيْكِ فَانْظُرِي مَاذَا تَأْمُرِينَ﴾;[3] <<Гуфтанд: Мо дорандагони неру ва ҷанговаронӣ сахт ҳастем ва кор дар ихтиёри туст пас бингар ки чи фармон медиҳӣ!>> Ва бархӣ дигар ба неруӣ бадании худ мағруранд; Монанди Од ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿فَأَمَّا عَادٌ فَاسْتَكْبَرُوا فِي الْأَرْضِ بِغَيْرِ الْحَقِّ وَقَالُوا مَنْ أَشَدُّ مِنَّا قُوَّةً ۖ أَوَلَمْ يَرَوْا أَنَّ اللَّهَ الَّذِي خَلَقَهُمْ هُوَ أَشَدُّ مِنْهُمْ قُوَّةً ۖ وَكَانُوا بِآيَاتِنَا يَجْحَدُونَ﴾;[4] <<Аммо Од дар замин ба ноҳақ бузургӣ ҷустанд ва гуфтанд: Чи касе аз мо нирумандтар аст?! Оё надиданд Худое ки ононро офарида, Ӯ аз онон нирумандтар аст?! Ва нишонаҳои Моро инкор мекарданд>> Ва бархӣ дигар ба фаровонии худ мағруранд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿أَمْ يَقُولُونَ نَحْنُ جَمِيعٌ مُنْتَصِرٌ﴾;[5] <<Ё мегуянд ки мо анбуҳе ҳастем пирузманд>> Ва бархӣ дигар ба илми худ мағруранд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿فَلَمَّا جَاءَتْهُمْ رُسُلُهُمْ بِالْبَيِّنَاتِ فَرِحُوا بِمَا عِنْدَهُمْ مِنَ الْعِلْمِ وَحَاقَ بِهِمْ مَا كَانُوا بِهِ يَسْتَهْزِئُونَ﴾;[6] <<Пас чун Паёмбаронашон бо нишонаҳои рӯшан ба наздашон омаданд ба чизе аз илм ки наздашон буд шодмон шуданд ва чизе ки истеҳзоъаш менамуданд ононро фарогирифт>>!

1. Зухруф/ 51.
2. Қасос/ 76.
3. Намл/ 33.
4. Фусилат/ 15.
5. Қамар/ 44.
6. Ғофир/ 83.

## [Табаъоти такаббур]

Ҳамаи ин касон, ба сабаби такаббури худ, аз шинохти ҳақ боз мемонанд; Чароки ба сабаби бархурдории худ аз як қувват, нобархурдории худ аз қувватҳои дигарро нодида мегиранд ва ба сабаби шифтагӣ ба як дошта, аз надоштаҳои худ чашм мепӯшанд; Вагрна рӯшан аст ки ҳеҷ кас ҷуз Худованд комил нест ва ҳар касро қуввате ҳаст, заъфе низ ҳаст ва агар аз заъфе барканор аст, ба заъфӣ дигар дучор аст ва оқил касе аст ки аз заъфҳо ва қувватҳои худ огоҳӣ дорад. Бо ин ҳол, бисёрӣ аз мусалмонон ба сабаби чизҳое ки дар дунё ёфтаанд мутакаббир шудаанд ва аз ҳама бештар ба сарват ва қудрат ва илми худ, мағруранд; Чароки ман ақшори гуногуни ононро дидаам ва ҳеҷ як аз ононро мутакаббиртар аз аҳли сарват, қудрат ва илм наёфтаам.

## [Такаббури аҳли илм]

Балки олимонашон аз сарватмандон ва қудратмандонашон мағруртаранд; Чароки эҳтироми мусалмонон ба онон бештар ва тамаллуқашон аз онон шадидтар аст; То ҷойе ки ононро дар бораи худ ба иштибоҳ андохта ва ба ин таваҳҳум дучор кардааст ки аз дигарон бартаранд; Дар ҳоле ки мабнои бартарӣ дар Ислом, илм нест, балки тақво аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ﴾;[1] <<Ҳароина гиромитарини шумо назди Худованд ботақвотарини шумост>> Ва рӯшан аст ки бисёрӣ аз олимон, ботақво нестанд; Чунонки бархишон ба бархӣ дигар ҳасодат меварзанд, дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿أَمْ يَحْسُدُونَ النَّاسَ عَلَىٰ مَا آتَاهُمُ اللَّهُ مِنْ فَضْلِهِ﴾;[2] <<Ё ба мардум бар чизе ки Худованд аз фазли худ ба онон додааст, ҳасодат меварзанд>> Ва бархишон бар бархӣ дигар бартарӣ меҷӯянд, дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿تِلْكَ الدَّارُ الْآخِرَةُ نَجْعَلُهَا لِلَّذِينَ لَا يُرِيدُونَ عُلُوًّا فِي الْأَرْضِ وَلَا فَسَادًا ۚ وَالْعَاقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ﴾;[3] <<Он саройӣ охиратро барои касоне қарор медиҳем ки дар замин баландӣ ва низ табоҳӣ намеҷӯянд ва оқибат барои парҳезкорон аст>> Ва бархишон ҳақиқатро кетмон мекунанд ва ба баҳои андак мефурӯшанд, дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يَكْتُمُونَ مَا أَنْزَلَ

1. Ҳуҷарот/ 13.
2. Нисоъ/ 54.
3. Қасос/ 83.

اللَّهُ مِنَ الْكِتَابِ وَيَشْتَرُونَ بِهِ ثَمَنًا قَلِيلًا ۙ أُولَٰئِكَ مَا يَأْكُلُونَ فِي بُطُونِهِمْ إِلَّا النَّارَ وَلَا يُكَلِّمُهُمُ اللَّهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَلَا يُزَكِّيهِمْ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾;[1] <<Ҳароина касоне киончи Худованд аз китоб нозил кардро кетмон мекунанд ва ба баҳои андак мефурушанд, онон дар шикамҳои хеш ҷуз оташ намехуранд ва Худованд дар рӯзи қиёмат бо онон сухан намегӯяд ва покашон намесозад ва барояшон азобӣ дарднок аст>> Ва бархишон мусалмононро аз ақойиди нодуруст ва аъмоли нораво боз намедоранд, дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿لَوْلَا يَنْهَاهُمُ الرَّبَّانِيُّونَ وَالْأَحْبَارُ عَنْ قَوْلِهِمُ الْإِثْمَ وَأَكْلِهِمُ السُّحْتَ ۚ لَبِئْسَ مَا كَانُوا يَصْنَعُونَ﴾;[2] <<Чаро рӯҳониён ва олимон, ононро аз ақидаи нораво ва хӯрдани ҳаромашон боз намедоранд?! Ҳароина бад коре буд ки анҷом медоданд!>> Ва бархишон амволи мардумро ба ноҳақ мехуранд ва аз роҳи Худованд боз медоранд, дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنَّ كَثِيرًا مِنَ الْأَحْبَارِ وَالرُّهْبَانِ لَيَأْكُلُونَ أَمْوَالَ النَّاسِ بِالْبَاطِلِ وَيَصُدُّونَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ ۗ﴾;[3] <<Эй касоне ки имон овардид! Бисёрӣ аз олимон ва роҳибон, ҳароина амволи мардумро ба ботил мехуранд ва аз роҳи Худо боз медоранд>>! Бо ин васф, мусаллам аст ки бархӣ авоми мусалмонон, аз бархӣ олимонашон ботақвотар ва табъан гиромитаранд. Бал ман ҳеҷ гурӯҳӣ аз мусалмононро наёфтаам ки ба андозаи олимонашон дӯстдори тамаллуқ ва ситойиш бошад; Дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿لَا تَحْسَبَنَّ الَّذِينَ يَفْرَحُونَ بِمَا أَتَوْا وَيُحِبُّونَ أَنْ يُحْمَدُوا بِمَا لَمْ يَفْعَلُوا فَلَا تَحْسَبَنَّهُمْ بِمَفَازَةٍ مِنَ الْعَذَابِ ۖ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾;[4] <<Гумон мабар касоне ки ба ончи анҷом додаанд шодмонӣ мекунанд ва дӯст медоранд ки ба хотири ончи накардаанд ситойиш шаванд, гумон мабар ки аз азоб раҳоӣ меёбанд ва барои онон азобӣ дарднок аст>>; То ҷойе ки бисёрӣ аз онон болотар аз дигарон менишинанд ва аз гӯшаи чашм ба онҳо менигаранд ва дастҳои худро барои бӯсиданашон пеш меоваранд ва онҳоро аз чоплусӣ ва ёвагӯйи дар бораи худ боз намедоранд ва ёронашон аз пешрӯяшон мусалмононро канор мезананд ва дур мекунанд! Чунонки аз боби мисол, ман худ барои гуфтугӯ ба назди яке аз онон рафтам ва аз ӯ хостам манро дар коре ки барои бозгардондани мусалмонон ба Ислом оғоз

1. Бақара/ 174.
2. Моъида/ 63.
3. Тавба/ 34.
4. Оли Имрон/ 188.

кардаам ҳимоят кунад, вале ӯ аз фарти такаббур рӯй дар ҳам кашид ва сукут кард ва надими ӯ ки муваззаф ба посухгӯйи ба ҷои ӯ дар ин гуна маворид буд, гуфт ки ҳазрати эшон умри худро барои бозгардондани мусалмонон ба Ислом сарф кардаанд ва акнун ту аз роҳ расидаи ва мехоҳӣ ҷои ҳазрати эшонро бигирӣ?! Гуфтам агар ҳазрати эшон умри худро барои анҷоми ин кор сарф кардаанд, шойиста аст аз анҷоми ин кор тавассути ман истиқбол кунанд, на инки ранҷида шаванд; Чароки анҷоми ин кор тавассути ман, ба ҳусули ғарази ҳазрати эшон ёрӣ мекунад ва рӯшан аст ки ман барои гирифтани ҷои ҳазрати эшон наёмадаам, балки барои ҳамкорӣ бо ҳазрати эшон барои бозгардондани мусалмонон ба Ислом омадаам ва шакке нест ки ҳар мусалмонеро дар ин росто вазифае аст. Гуфт ки қиблаи аном ва ноиби имом, ба ҳамкории ту ниёзе надоранд ва ин кор, вазифаи уламои аълом ва мароҷеъи эъзом аст, на вазифаи амсоли ту риҷоли гумном! Гуфтам ҳазрати эшон қиблаи кадом аном аст ва ноиби кадом имом ки ба ҳамкории мусалмонон ниёзе надорад ва ин уламои аълом ва мароҷеъи эъзомро чи касе таъйин карда ки маълум аст ман аз онон нестам?! Пас ҳазрати эшон аз рӯйи нороҳатӣ бархост ки биравад, ба ин маъно ки дигар ҳозир ба шунидани суханони ман нест ва ман низ бо ӯ бархостам. Пас ба иқтизои одат, дасти худро пеш овард то бибӯсам ва рафъи заҳмат кунам, вале ман дасти ӯро ба зер овардам ва ба мусофиҳа басанда кардам ва берун омадам, дар ҳоле ки ӯ аз ман хашмгин буд ки чаро дасташро набӯсидам! Ин ҳолате аст ки дар бисёрӣ аз олимони мусалмон машҳуд аст ва ҳолотӣ бадтар аз ин низ дар бархӣ аз онон ҳаст ки зикри он муносибат надорад. Рӯшан аст ки бо вуҷуди чунин руҳияе дар онон, умедӣ ба шинохти онон аз ҳақ намеравад ва пайравони онон низ ба табаъи онон, дар торикӣ фуру мераванд. Чунонки вақте Саййид Ҷамолиддин (д.1314қ) барои бархӣ олимони мусалмон номаҳое навишт ва ононро ба ҳушёрӣ дар баробари кофирон ва истодагӣ дар баробари истеъмор даъват кард, бисёрӣ аз онон ҷавобе ба ӯ надоданд; Чароки худро ба боядҳо ва набоядҳо огоҳтар аз ӯ мепиндоштанд ва шаъни худро фаротар аз ин медонистанд ки мардӣ гумном ва

ношинос, барои онон таъйини таклиф кунад![1] Ҳатто Мирзо Ҳасани Шерозӣ (д.1312қ) ки дар оғоз, даъвати ӯро иҷобат кард ва ба таҳрими танбоку фатво дод, ба зудӣ аз ин кор пушаймон шуд; Чароки пиндошт Саййид Ҷамолиддин ӯро фиреб додааст![2] Ин дар ҳоле аст ки аҳли илм, ба далили таъсири бештари худ бар ҷомеъа, ниёзи бештаре ба шинохти ҳақ доранд ва дар сурати адами шинохти он, зиёни бештаре мебинанд ва мерасонанд ва рӯшан аст ки ноошноӣ онон бо он, муҳол нест; Зеро мумкин аст ки касе дар бъуде аз абъоди дин мутабаҳҳир бошад, вале дар бъудӣ дигари аз он, огоҳии камтаре дошта бошад ва ғариб нест ки Худованд чизеро аз олимӣ машҳур пӯшида дорад ва барои олимӣ дигар ошкор гардонад ки машҳур нест; Чунонки гурӯҳе аз кофирон, нузули Қуръон бар Муҳаммад ﷺ ро бо вуҷуди мардоне ки дар назари онон калонтар аз ӯ буданд, аҷиб шумурданд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَقَالُوا لَوْلَا نُزِّلَ هَٰذَا الْقُرْآنُ عَلَىٰ رَجُلٍ مِنَ الْقَرْيَتَيْنِ عَظِيمٍ﴾;[3] <<Ва гуфтанд чаро ин Қуръон бар марди калоне аз ду шаҳр нозил нашуд?!>> Ва дар посухи онон фармудааст: ﴿أَهُمْ يَقْسِمُونَ رَحْمَتَ رَبِّكَ ۚ نَحْنُ قَسَمْنَا بَيْنَهُمْ مَعِيشَتَهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ۚ وَرَفَعْنَا بَعْضَهُمْ فَوْقَ بَعْضٍ دَرَجَاتٍ لِيَتَّخِذَ بَعْضُهُمْ بَعْضًا سُخْرِيًّا ۗ وَرَحْمَتُ رَبِّكَ خَيْرٌ مِمَّا يَجْمَعُونَ﴾;[4] <<Оё онон раҳмати Парвардигоратро тақсим мекунанд?! Мо маъишаташон дар зиндагии дунёро миёнашон тақсим кардим ва пояи бархешонро аз бархӣ дигар болотар бурдем то бархешон бархӣ дигарро ба хидмат бигиранд ва раҳмати Парвардигорат беҳтар аз чизе аст ки гирд меоваранд>>. Ба илова, Худованд парвое надорад аз инки халқӣ гумномро воситаи ҳидояти бандагони худ қарор диҳад; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يَسْتَحْيِي أَنْ يَضْرِبَ مَثَلًا مَا بَعُوضَةً فَمَا فَوْقَهَا ۚ فَأَمَّا الَّذِينَ آمَنُوا فَيَعْلَمُونَ أَنَّهُ الْحَقُّ مِنْ رَبِّهِمْ ۖ وَأَمَّا الَّذِينَ كَفَرُوا فَيَقُولُونَ مَاذَا أَرَادَ اللَّهُ بِهَٰذَا مَثَلًا ۘ يُضِلُّ بِهِ كَثِيرًا وَيَهْدِي بِهِ كَثِيرًا ۚ وَمَا يُضِلُّ بِهِ إِلَّا الْفَاسِقِينَ﴾;[5] <<Худованд шарм намекунад аз инки пашайе ё чизе фаротар аз онро масал қарор диҳад; Аммо касоне ки имон доранд медонанд ки он ҳақ аз ҷониби

1. Барои мулоҳизаи номаҳои ӯ ба онон, нигоҳ кун ба: Рашид Ризо, торихул шейх Муҳаммад Абду, ҷ1, с56 ба бад.
2. Барои огоҳӣ аз ин моҷаро, нигоҳ кун ба: Табо Табой, нақши Саййид Ҷамолуддин дар бедории машриқ замин, с62 ва 63.
3. Зухруф/ 31.
4. Зухруф/ 32.
5. Бақара/ 26.

Парвардгорашон аст ва аммо касоне ки кофиранд мегуянд Худованд аз ин масал чи муроде доштааст?! Бисёриро бо он гумроҳ ва бисёриро бо он ҳидоят мекунад ва бо он ҷуз фосиқонро гумроҳ намекунад>>! Бал ба таҷриба собит аст ки бештари авлиёъи Худованд инсонҳои гумном будаанд ва бо ин васф, рӯй гирифтан аз даъвати касе ба сабаби гумном будани ӯ, бар хилофи ақл ва эҳтиёт аст. Бал банои Худованд бар он аст ки бар мустазъафони замин миннат ниҳад ва ононро пешвоён ва ворисони он қарор диҳад; Чунонки фармудааст: ﴿وَنُرِيدُ أَنْ نَمُنَّ عَلَى الَّذِينَ اسْتُضْعِفُوا فِي الْأَرْضِ وَنَجْعَلَهُمْ أَئِمَّةً وَنَجْعَلَهُمُ الْوَارِثِينَ﴾;[1] <<Ва ирода дорем бар касоне ки дар замин нотавон шумурда шуданд миннат ниҳем ва ононро пешвоёне қарор диҳем ва ононро ворисон қарор диҳем>>. Бо ин васф, шойиста аст ки аҳли илм, даст аз ғурури ҷоҳилона бардоранд ва худро ﴿بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ﴾ напиндоранд ва сухани Хдовандро ба ёд оваранд ки фармудааст: ﴿نَرْفَعُ دَرَجَاتٍ مَنْ نَشَاءُ ۗ وَفَوْقَ كُلِّ ذِي عِلْمٍ عَلِيمٌ﴾;[2] <<Пояи ҳар касро ки бихоҳим боло мебарем ва болотар аз ҳар дорой илме, олиме аст>>! Ҳамчунонки шойиста аст пайравонашон нагӯянд: Мумкин нест ки ҳақ аз онон пӯшида бимонад ва барои касе ҷуз онон ошкор шавад; Зеро ин гуфтори дурӯғ ва бепоя аст ки бо ақл ва шаръ созгорӣ надорад, балки бар хилофи маҳсус ва муҷарраб аст!

## [Такаббури аҳли қудрат ва сарват]

Ин қоъида дар мавриди аҳли қудрат ва сарват низ сидқ мекунад; Чароки шинохти ҳақ, бо қудрат ва сарват мулозимае надорад, бал машҳуд аст ки бештарин қудрат ва сарват, дар ихтиёри касоне аст ки баҳраи камтаре аз шинохти ҳақ доранд ва бо ин васф, худдории онон аз шинохти ҳақ ба эътибори қудрат ва сарваташон, оқилона нест. Бал шойиста аст ки онон, ба эътибори қудрат ва сарваташон, эҳтимоми бештаре ба шинохти ҳақ дошта бошанд, то мабодо ба сабаби ноошноӣ бо он ва бархурдорӣ аз қудрат ва сарват, осеби бештаре ба худ ва ҷомеъа бирасонанд ва нохоста ва нодониста, мояи хасорати мусалмонон бишаванд. Ин ба он маъност ки қудратмандон ва сарватмандони мусалмон,

1. Қасос/ 5.
2. Юсуф/ 76.

бояд бештар аз дигарон ба шинохти ҳақ ҳиммат кунанд ва набояд аз бими костии қудрат ва сарваташон, аз қабули он имтиноъ варзанд; Чароки қудрат ва сарвати онон, барои ин аст ки саъодати дунё ва охираташонро таъмин кунад ва агар ин корро накунад, арзиш ва фоидае надорад ва рӯшан аст ки саъодати дунё ва охират, дар гарави шинохти ҳақ ва қабули он аст. Ҳамчунонки маншаъи қудрат ва сарват дар ҷаҳон, Худованд аст ва ҳар кас ки ба Худованд бипайвандад, ба маншаъи қудрат ва сарват дар ҷаҳон пайвастааст, дар ҳоле ки ҳар кас аз Ӯ ҷудо шавад, аз маншаъи қудрат ва сарват дар ҷаҳон ҷудо шудааст ва ин акси чизе аст ки ғолибан пиндошта мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿مَنْ كَانَ يُرِيدُ الْعِزَّةَ فَلِلَّهِ الْعِزَّةُ جَمِيعًا﴾;[1] <<Ҳар кас иззат мехоҳад, иззат ҳамааш барои Худованд аст>> Ва фармудааст: ﴿أَيَبْتَغُونَ عِنْدَهُمُ الْعِزَّةَ فَإِنَّ الْعِزَّةَ لِلَّهِ جَمِيعًا﴾;[2] <<Оё назди онон иззат меҷӯяд?! Дар ҳоле ки ҳамаи иззат барои Худованд аст>> Ва фармудааст: ﴿وَلِلَّهِ خَزَائِنُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَلَٰكِنَّ الْمُنَافِقِينَ لَا يَفْقَهُونَ﴾;[3] <<Ганҷинаҳои осмон ва замин барои Худованд аст, вале мунофиқон огоҳӣ надорад>> Ва фармудааст: ﴿وَإِنْ مِنْ شَيْءٍ إِلَّا عِنْدَنَا خَزَائِنُهُ وَمَا نُنَزِّلُهُ إِلَّا بِقَدَرٍ مَعْلُومٍ﴾;[4] <<Ва ҳеҷ чизе нест магар онки ганҷинаҳояш дар назди Мост ва онро ҷуз ба андозаи маълум фуру намефиристем>> Ва фармудааст: ﴿مَا عِنْدَكُمْ يَنْفَدُ ۖ وَمَا عِنْدَ اللَّهِ بَاقٍ﴾;[5] <<Ончи назди шумост аз байн меравад ва ончи назди Худост боқӣ мемонад>> Ва фармудааст: ﴿وَاللَّهُ الْغَنِيُّ وَأَنْتُمُ الْفُقَرَاءُ﴾;[6] <<Худованд бениёз аст ва шумо фуқаро ҳастед>>!

Ҳосил онки танҳо касоне муваффақ ба шинохти ҳақ ва илтизоми ба он мешаванд ки худро ба он ниёзманд бидонанд ва даст аз такаббур дар баробари он ба сабаби доштаҳои худ дар дунё бардоранд; Чароки бар хилофи ончи мумкин аст ба назар биёяд, ҳар чи доштаҳои онон дар дунё бештар бошад, ниёзи онон ба шинохти ҳақ ва илтизоми ба он бештар аст ва табъан ҳар чи ниёзи онон ба он бештар бошад, лозим аст ки тавозуъ ва талаби онон барои он бештар бошад.

1. Фотир/ 10.
2. Нисоъ/ 139.
3. Мунофиқун/ 7.
4. Ҳиҷр/ 21.
5. Наҳл/ 96.
6. Муҳаммад/ 38.

### 7. Хурофагароӣ

Яке дигар аз мавонеъи шинохт, <<Хурофагароӣ>> аст. Манзур аз хурофа, ингораи мухолиф бо одат аст ки бунёде бар ақл ва шаръ надорад ва рӯшан аст ки андешидан бар пояи он, аз шинохти ҳақ боз медорад; Зеро хурофа, бо онки бебунёдитарин ингора аст, гоҳе ривоҷ ва русухӣ беш аз боварҳои ақлӣ ва шаръӣ дорад ва боварҳои ақлӣ ва шаръиро олуда ва суст месозад. Ин дар ҳоле аст ки бештари мусалмонон ки ғолибан маълумоти кофӣ надоранд, ба чунин ингораҳое мубтало ҳастанд; Чароки ҳамаи мазоҳиби Исломӣ кам ё беш ба хурофот олуда шудаанд ва бо рӯй овардан ба хаёлбофӣ ва рӯъёпардозӣ дар боварҳои динӣ, аз ақлоният ва воқеъиятгаройии Исломӣ фосила гирифтаанд.

### [Хурофагароӣ дар мусалмонони аҳли тасаввуф]

Чунонки ба унвони намуна, бештари мусалмонони аҳли тасаввуф, барои бисёрӣ аз боварҳои динии худ, мабное ҷуз завқ надоранд ва дақиқан ба ҳамин далил, барои ақл нақши чандоне дар шинохт қоъил нестанд ва монанди салафиён, онро ҳуҷҷат намедонанд ва дар мазаммати он, шеърҳо месароянд; Чунонки масалан мегӯянд: <<Пойи истедлолиён чунин бувад/ пойи чӯбин сахт бетамкин бувад>>[1] ва манзурашон аз истедлол, истедлоли ақлӣ аст! Дар ҳоле ки мусаллам аст Худованд дар китоби худ борҳо истедлол карда ва аз истедлолҳои Паёмбаронаш хабар дода ва Паёмбарашро ба истедлол фармон дода ва аз кофирон хостааст ки агар истедлоле доранд биёваранд ва мабнои истедлол дар ҳамаи ин моворид ақл аст. Бо ин васф, маълум нест ки агар пойи истедлолиён чӯбин бошад, пойи дигарон чигуна хоҳад буд; Чароки ақл устувортарин мабнои шинохт аст ва мабонии дигар сусттар аз онанд ва шуҳуд ки мабнои аҳли тасаввуф барои шинохти ҳақ шумурда мешавад, агар ба маънои мушоҳидаи ҳақ дар вароъи табиъат бошад, мунофӣ бо ақл нест, бал яке аз абзорҳои ақл аст ки монанди ҳисси биноӣ дар хидмати он қарор мегирад ва талоши аҳли тасаввуф барои мутаъориз нишон додани

1. (Ҳамаи ғазалҳо дар манобеъи Форсӣ); Мавлавӣ Балхӣ, Маснавӣ Маънавӣ, дафтари аввал, бахшӣ 105.

он бо ақл, монанди талоши аҳли ҳадис барои мутаъориз нишон додани шаръ бо ақл аст ки воқеъият надорад ва таваҳҳумӣ беш нест. Магар онки манзур аз шуҳуд, завқи ноқис ва мутағйири башарӣ бошад ки ба иқтизоӣ нуқсон ва тағаюраш дар зоти худ, метавонад бо ақл мунофот дошта бошад ва дақиқан ба ҳамин далил, наметавонад меъёри шинохт бошад; Хусусан бо тавҷҷуҳ ба инки завқи инсонҳо ҳаргоҳ бунёде бар ақли онон надошта бошад, ба теъдоди онон мутаъаддид аст ва табаъият аз он, фориғ аз онки мабное надорад, ба ихтилофи онон меанҷомад ки матлуб нест. Бал метавон гуфт ки завқ бо ин маъно, ҳамон аҳвоъи нафсонӣ аст ки ба эҳсо дар намеояд ва аз мавонеъи шинохт шумурда мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَنْ أَضَلُّ مِمَّنِ اتَّبَعَ هَوَاهُ بِغَيْرِ هُدًى مِنَ اللَّهِ ۚ إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ﴾;[1] <<Ва чи касе гумроҳтар аз касе аст ки аз ҳавоӣ худ бидуни ҳидояте аз Худованд табаъият кунад?! Бегумон Худованд гурӯҳи золимонро ҳидоят намекунад>>! Аз инҷо дониста мешавад ки муроди аҳли тасаввуф аз шуҳуди қалбӣ, онҷо ки онро мунофӣ бо ақл шуморидаанд, завқи башарӣ аст; Ҳамчунонки гоҳе онро <<Ишқ>> номидаанд ва ба таъкид дар ситез бо ақл шуморидаанд ва дар ситойиши он ва некуҳиши ақл, ҳар чи тавонистаанд гуфтаанд; Чунонки аз боби мисол, гуфтаанд: <<Дур бодо оқилон аз ошиқон/ дур бодо бӯйи гулхан аз сабо/ гар дарояд оқиле гӯй роҳ нест/ вар дароянд ошиқе сад марҳабо>>[2] ё гуфтаанд: «من كان له عشق فالمجلس مثواه/ من كان له عقل فإياه و إيانا»[3] ё гуфтаанд: <<Дар сар сари ишқ ақл паша аст/ онҷо чи маҷоли ақлҳо буд>>[4] ё гуфтаанд: <<Ишқро андеша набвад, з-он ки андеша асост,/ Ақлҳо бошад асо, яъне ки ман аъмостам!>>[5] ё гуфтаанд: <<Бар қоъидаи маҷнун сарфитнаи ғавғо шуд/ к-ин ишқ ҳама гӯянд к-аз ақл табарро кун>>[6] ё гуфтаанд: <<Ақл гӯяд гавҳарам гавҳар шикастан шарт нест/ ишқ гӯяд санги мо биситону бар гавҳар бизан>>[7] ё гуфтаанд: <<Ишқро бо ақл агар ҷам оваранд/

1. Қасос/ 50.
2. Мавлавӣ Балхӣ, Девони Шамс, ғазали 172.
3. Ҳамон (яъне манобеъи қабли), ғазали 267.
4. Ҳамон, ғазали 724.
5. Ҳамон, ғазали 1599.
6. Ҳамон, ғазали 1876.
7. Ҳамон, ғазали 1959.

солҳо бо ҳам накӯбад ҳованаш>>[1] ё гуфтаанд: <<Ҳазимат ҳамон рӯз шуд шоҳи ақл/ ки дар шаҳри тан хайма зад мири ишқ>>[2] ё гуфтаанд: <<Ақл агар дар боргоҳи ишқ мелофад чи бок/ бар дари султон сари чандин гадо хоҳад шикаст>>[3] ё гуфтаанд: <<Қиёс кардаму тадбири ақл дар раҳи ишқ/ чу шабнамест ки бар баҳр мекашад рақаме>>[4] ё гуфтаанд: <<Моро зи манъи ақл матарсону май биёр/ к-он шаҳна дар вилояти мо ҳеҷ кора нест>>[5] ё гуфтаанд: <<Ақл аз сари нодонӣ бо ишқ наёмезад/ бо шери жиён оҳу кай панҷа дародозад>>[6] ё гуфтаанд: <<Ҳар киро ақл дар ин роҳ мураббие бошад/ лоҷарам дар ҳарами ишқ набошад бораш>>[7] ё гуфтаанд: <<Ақлро раҳ набвад бар дари хилватгаҳи ишқ/ омро бор набошад ба саропардаи хос>>[8] ё гуфтаанд: <<Бар аҳли ишқ фазилат ба ақл натвон ҷуст/ ки ақлу фазл дар ин раҳ ақила асту фузул>>[9] ё гуфтаанд: <<Сирри ишқ аз ақл пурсидан хатост/ руҳи қудсиро чи донад аҳриман>>[10] ё гуфтаанд: <<Шавқро бар сабр қувват ғолибаст/ ақлро бо ишқ даъвӣ ботил аст>>[11] ё гуфтаанд: <<Донанд ҷаҳониён ки дар ишқ/ андешаи ақл мӯътабар нест>>[12] ё гуфтаанд: <<Моҷарои ақл пурсидам зи ишқ/ гуфт маъзуласту фармониш нест>>[13] ё гуфтаанд: <<Эй ақл нагуфтам ки ту дар ишқ нагунҷӣ/ дар давлати хоқон натвон кард хилофт>>[14] ё гуфтаанд: <<Чун шӯри ишқ даромад қарори ақл намонд/ даруни мамлакате чун ду подшо гунҷид>>[15] ё гуфтаанд: <<Ақлро гар ҳазор ҳуҷҷат ҳаст/ ишқ даъвӣ кунад ба бутлонаш>>[16] ё гуфтаанд: <<Ишқ омаду ақл ҳамчу боде/ рафт аз

1. Авҳадӣ, Девони ашъор, ғазали 435.
2. Ҳамон, ғазали 447.
3. Бедили Деҳлавӣ, Девони ашъор, ғазали 517.
4. Ҳофизи Шерозӣ, Девони ашъор, ғазали 471.
5. Ҳамон, ғазали 72.
6. Ховҷуӣ Кирмонӣ, Девони ашъор, ғазали 299.
7. Ҳамон, ғазали 546.
8. Ҳамон, ғазали 571.
9. Ҳамон, ғазали 609.
10. Ҳамон, ғазали 751.
11. Саъдии Шерозӣ, Ғазалиёт, ғазали 72.
12. Ҳамон, ғазали 116.
13. Ҳамон, ғазали 118.
14. Ҳамон, ғазали 136.
15. Ҳамон, ғазали 159.
16. Ҳамон, ғазали 331.

бари ман ҳазор фарсанг>>[1] ё гуфтаанд: <<Ҳадиси ақл дар аёми подшоҳии ишқ/ чунон шудааст ки фармони омил маъзул>>[2] ё гуфтаанд: <<З-он гаҳ ки ишқ дасти татовул дароз кард/ маълум шуд ки ақл надорад кифояте>>[3] ё гуфтаанд: <<Раҳо кун ақлро бо ҳақ ҳаме бош/ ки тоб хур надорад чашм хуффош>>[4] ё гуфтаанд: <<Ишқро бо ақл нисбат кай тавон/ шоҳи фармондеҳ куҷо дарбон куҷо>>[5] ё гуфтаанд: <<Ақлро дар ишқ вайрон кун ки дар даргоҳи дӯст/ ошиқонро бор ҳасту оқилонро бор нест>>[6] Ва музахрафотӣ дигар аз ин даст ки зикраш мояи малол аст ва ниёзе ба он нест. Рӯшан аст ки дар паси ин алфози зебо, маъное ба даст намеояд; Чароки ишқ агар ба маънои ҳубби ҳақ аст, мунофоте бо ақл надорад, балки билакс мубтанӣ бар ақл аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки бидуни ақл, ҳаққе шинохта намешавад то ҳубби он мумкин бошад ва ҳуббе ки мубтанӣ бар шинохт нест, ҳавас аст.

## [Нақши мусалмонони аҳли тасаввуф дар густариши ақлгурезӣ]

Аз инҷо метавон гуфт ки аҳли тасаввуфи мусалмон дар канори аҳли ҳадиси мусалмон, нақши барҷастае дар густариши ақлгурезӣ миёни мусалмонон доштаанд; Бо ин тафовут ки аҳли ҳадиси мусалмон, мураввиҷи диндории хабаргароёна будаанд ва аҳли тасаввуфи мусалмон, мураввиҷи диндории шоъирона! Дар ҳоле ки шеър ба маротиб бе эътибортар аз хабари заннӣ аст; Бал бештари он чизе ҷуз муғолита ва бозӣ бо алфоз нест ки ба сабаби оҳанги худ, ақлро сокет месозад, бе онки қонеъ созад; Зеро рӯшан аст ки ҳар сухани мавзуне, дуруст нест ва ҳаққро наметавон бо амсоли ин музахрафот шинохт; Чунонки Худованд ин қабил суханони ороста ва нодурустро <<Зухруфул қавл>> номида ва пардохтаи шаётин барои фиреби якдигар дар

1. Ҳамон, ғазали 344.
2. Ҳамон, ғазали 351.
3. Ҳамон, ғазали 531.
4. Шабистарӣ, Гулшани Роз, бахшӣ 7 ҷавоб.
5. Файзи Кошонӣ, Девони ашъор, Ғазалиёт, ғазали 5.
6. Ҳамон, ғазали 167.

ростои душманӣ бо Паёмбарон шумурда ва фармудааст: ﴿وَكَذَٰلِكَ جَعَلْنَا لِكُلِّ نَبِيٍّ عَدُوًّا شَيَاطِينَ الْإِنْسِ وَالْجِنِّ يُوحِي بَعْضُهُمْ إِلَىٰ بَعْضٍ زُخْرُفَ الْقَوْلِ غُرُورًا ۚ وَلَوْ شَاءَ رَبُّكَ مَا فَعَلُوهُ ۖ فَذَرْهُمْ وَمَا يَفْتَرُونَ﴾;[1] <<Ва бадин сон барои ҳар Паёмбаре душмане аз шаётини инси ва ҷинни қарор додем ки бархешон суханони оростаро ба бархӣ дигар мерасонанд барои фиреб, дар ҳоле ки агар Парвардигорат мехост ин корро намекарданд, пас ононро бо ончи мебофанд вогузор>>! Бал ин қабил забонбозиҳои фиребандаро <<Лаҳвул ҳадис>> номида ва муҷиби гумроҳии нодониста аз роҳи Худо ва истеҳзоъи он шумурда ва фармудааст: ﴿وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يَشْتَرِي لَهْوَ الْحَدِيثِ لِيُضِلَّ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ بِغَيْرِ عِلْمٍ وَيَتَّخِذَهَا هُزُوًا ۚ أُولَٰئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ مُهِينٌ﴾;[2] <<Ва аз мардум касоне ҳастанд ки сухани беҳударо бар мегузинанд то нодониста аз роҳи Худо гумроҳ созанд ва онро ба сухра бигиранд; Ононро азобӣ хорсоз хоҳад буд>>!

Бо ин ҳама, бисёрӣ аз мусалмонон, аз шоъирон чунон таъсир пазируфтаанд ки аз Паёмбарон, бал гоҳе ба ашъори онон чунон истинод доранд ки ба оёти Қуръон ва нақши сурудаҳҳои онон дар шаклгирии фарҳанги кунунии мусалмонон, қобили инкор нест; Дар ҳале ки Худованд ба рӯшанӣ аз табаъияти шоъирон бар ҳазар дошта ва фармудааст: ﴿وَالشُّعَرَاءُ يَتَّبِعُهُمُ الْغَاوُونَ؛ أَلَمْ تَرَ أَنَّهُمْ فِي كُلِّ وَادٍ يَهِيمُونَ؛ وَأَنَّهُمْ يَقُولُونَ مَا لَا يَفْعَلُونَ﴾;[3] <<Ва шоъиронро гумроҳон пайравӣ мекунанд! Оё намебинӣ ки онон дар ҳар водие саргаштаанд?! Ва онон чизҳое мегӯянд ки анҷом намедиҳанд?!>>. Ҳамчунонки шеърро ба Паёмбари хеш наёмӯхта ва зебандаи ӯ надониста ва фармудааст: ﴿وَمَا عَلَّمْنَاهُ الشِّعْرَ وَمَا يَنْبَغِي لَهُ ۚ﴾;[4] <<Ва ӯро шеър наёмӯхтем ва зебандаи ӯ нест>>; Бал шоъир шумурдан ӯро тавҳин талаққӣ карда ва мунофӣ бо шаъни набуввати ӯ дониста ва фармудааст: ﴿وَمَا هُوَ بِقَوْلِ شَاعِرٍ ۚ قَلِيلًا مَا تُؤْمِنُونَ﴾;[5] <<Ва он гуфтори шоъире нест; Андаке имон меоваред>>! Аз ин рӯ, газоф нест ки гуфта шавад, шоъирон монанди соҳирон, рақибони Паёмбаронанд ва дониста ё нодониста, ба муъоризаи бо онон бархостаанд; Чароки бо калимоти ширин ва оҳангини худ, хоста ё нохоста

1. Анъом/ 112.
2. Луқмон/ 6.
3. Шуъароъ/ 224 то 226.
4. Ёсин/ 69.
5. Ҳоқаҳ/ 41.

таълими мардумонро бар ӯҳда гирифтаанд, дар ҳоле ки таълими мрдумон шаъни онон нест, балки шаъни Паёмбарон аст ва шоъирон ҳақ надоранд ки таъолимиононро бо увҳоми худ бипӯшонанд. Оё ба унвони мисол, ин муъоризае бо Паёмбарон нест ки шоъирӣ тавоно, чунон соҳирӣ чирадаст бигӯяд: <<Ҳуш дор ки гар васвасаи ақл куни гӯш/ одамсифат аз равзаи ризвон ба даройи>>[1]?! Дар ҳоле ки Паёмбарон, ақлро меъёри шинохт ва василаи найли ба равзаи ризвон донистаанд ва ошкоро ба табаъият аз он фарохондаанд ва рӯшан аст ки Одам عليه السلام ба табаъият аз он, нофармонии Худовандро накард, балки ба табаъият аз ҳавои нафси худ ин корро кард ва иддаъои шоъир дар бораи ӯ, бӯҳтонӣ беш нест ва бо ин ҳол, ба қадре зебо ва фиребанда аст ки ғолибан касе ба нодурустии он тавҷҷуҳ намеёбад ва аз нуфузи он дар замири худ, маҳфуз намемонад! Ин бадон маънost ки шоъирон, омузаҳои нодурустро дар пӯшиши иборотӣ мавзун ва дилписанд, ба зеҳни мусалмонон тазриқ мекунанд ва бо неруӣ лаффозӣ ва таннозии худ, увҳомӣ бепоя ва сахифро ба унвони нукотӣ ҳакимона ва зариф, ба онон меқабулонанд, дар ҳоле ки асли гуфторашон, ҳаргоҳ ба наср дарояд ва аз орояҳои рангоранг бараҳна гардад, ба ҳазёнӣ беш намемонад ки маънои барои он нест! Аз ин рӯ, мусалмононе ки ҳозир ба тарки ақл нестанд ва дар айни ҳол, шеърро дӯст медоранд ва барои шоъирон таъассуб меварзанд, ногузир ба таъвили ашъори онон мепардозанд ва барои сахифтарин сурудаҳои онон, мафоҳимӣ маъқул ва қобили қабул мебофанд! Чунонки масалан суханони онон дар бораи бӯсу канор ва ҷимоъро бар қурби ба ҳақ ҳамл мекунанд ва суханони онон дар бораи рақсу бодаҳ ва тағанниро ба ибодоти Худованд боз мегардонанд, дар ҳоле ки бархӣ аз таъвилҳошон ба ғоят борид[2] ва бархӣ аз тавҷиҳошон ҳамли бар муҳол аст!

Оре, инсоф он аст ки дар миёни ин шоъирони ёвагӯ, андак шоъироне низ будаанд ки шеърро бар пояи ақл сурудаанд ва бар таъолими Паёмбарон мунтабиқ сохтаанд ва рӯшан аст ки рӯйи итоби ман, бо онон нест; Чароки гуфтори одамӣ, ҳаргоҳ мафҳум

1. Ҳофизи Шерозӣ, Девони ашъор, ғазали 494.
2. [Хунук ва носоз]

саҳиҳ ва мантуқи зебо дошта бошад, комил аст ва комил, хуб ва дӯстдоштанӣ аст; Чунонки Худованд аҳли онро аз шоъирони газофагӯй истисно карда ва фармудааст: ﴿إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ وَذَكَرُوا اللَّهَ كَثِيرًا وَانْتَصَرُوا مِنْ بَعْدِ مَا ظُلِمُوا ۗ وَسَيَعْلَمُ الَّذِينَ ظَلَمُوا أَيَّ مُنْقَلَبٍ يَنْقَلِبُونَ﴾;[1] <<Магар касоне ки имон оварданд ва корҳои шоҳйиста анҷом доданд ва Худоро бисёр ёд карданд ва пас аз онки ситам диданд талофӣ ҷустанд ва онон ки ситам карданд хоҳанд донист ки ба кадомин бозгаштгоҳ боз мегарданд>>! Борӣ он парешонгӯён куҷо ва ин санҷидагӯён куҷо ки забон ба некуҳиши ақл наёлудаанд ва завқро бар он мубтанӣ сохтаанд ва ба пайравӣ аз Паёмбарон шеър сурудаанд ва аз боби мисол, гуфтаанд: <<Ақл ҳаме гӯядам: Муваккал кард/ бар тану бар ҷонат кирдигор маро/ нест зи баҳри ту бо сипоҳи ҳаво/ кор магар ҳарбу корзор маро!/ Сар зи каманди хирад чигуна кашам?/ Фазл, хирад дод бар ҳимор маро/ дев ҳаме баст бар қатор сарам/ ақл бурун кард аз он қатор маро/ ғори ҷаҳон гарчи тангу тор шудааст/ ақл басанда аст ёри ғор маро/ дил зи хирад гашт пур зи нур маро/ сар зи хирад гашт бехумор маро/ пешрувам ақл бувад то ба ҷаҳон/ кард ба ҳикмат чунин мушор маро/ бар сари ман тоҷи дин ниҳод хирад/ дин ҳунаре карду бурдбор маро/ аз хотири оташу азоби абад/ дину хирад кард дар ҳисор маро>>[2] ё гуфтаанд: <<Чуну чаро натиҷаи ақл аст бегумон/ чуну чаро зи ҷонварон ҷуз туро кирост?/ Ҷуз ақл чист онки баду нек ва бад зи халқ/ он мустаҳақи лаънат вин дар хури саност/ қадру баҳои мард на аз ҷисму фарбаҳист/ бал мардум аз неку сухану ақл пур баҳост/ бар ҷонвар баҷумла сухан гӯй ҷонвар/ зон аст подшо ки бару ақл подишост/ чун ту Худои хар шудӣ аз қувати хирад/ пасақл баҳрае зи Худоест қавли рост/ мулку бақост коми ту вин ҳар ду комро/ андар ду олам эй бехирад ақл кимёст/ гар ту ба дасти ақл асирӣ хунак туро/ вой ту гар хирадат ба дасти ту мубталост/ тухми вафост ақл, ба ту мубтало шудааст/ гар мар туро зи тухми вафо баргу бар ҷафост/ адл асту ростӣ ҳама осори ақли пок/ ақл аст офтоби

1. Шуъароъ/ 227.
2. Носири Хусрав, Девони ашъор, Қасойид, 5.

дилу адл азу зиёст>>[1] ё гуфтаанд: <<Бипурс роҳ зи илм, ин на ҷои гумроҳист/ бихоҳ чора зи ақл, ин на рӯзи ночорист/ ба чашми ақл бубин партуви ҳақиқатро/ магӯйи нури таҷаллӣ фусун ва тарорист/ бихар зи дакаи ақл ончи руҳ металабад/ ҳазор суд ниҳон андарин харидорист>>[2] ё гуфтаанд: <<Сари бечироғ ақл гирифтори тирагӣ аст/ тан бевуҷди руҳ пароканда чун ҳабост>>[3] ё гуфтаанд: <<Роҳнамои роҳи маънӣ ҷуз чароғи ақл нест/ кӯш Парвин то ба торикӣ набошӣ раҳсипор>>[4] ва нуктаҳои дигар аз ин даст ки дилро менавозад ва ақлро қонеъ месозад.

## [Хурофагароӣ дар мусалмонони аҳли ташаюъ]

Ҳосил онки бештари аҳли тасаввуф, хусусан бо баҳрагирӣ аз ҳарбаи шеър, дӯшодӯши салафиён, ба ҷанги бо ақлоният бархостаанд ва заминаи хурофагароӣ ва динварзии хаёлпардозонаро дар миёни мусалмонон фароҳам сохтаанд ва тасвирӣ ғайри воқеъӣ аз Ислом ироъа додаанд ки сахт гумроҳ кунанда аст; То ҷойе ки таъсири онон бар бисёрӣ аз гурӯҳҳои Исломӣ, монанди захме бар пайкари онҳо, ошкор аст ва радди пои онон дар бисёрӣ аз мазоҳиби мусалмонон, қобили пайгирӣ аст; Чунонки ба унвони намуна, бисёрӣ аз мусалмонони аҳли ташаюъ, таҳти таъсири ҳокимияти аҳли тасаввуф дар қарни даҳуми ҳиҷрӣ, бо фосила гирифтан аз ақлоният ва воқеъгароии Исломӣ, авотифро мабнои динварзии хеш сохтанд ва тасовирӣ хиёлӣ аз пешвоёни мусалмон ба даст доданд ки аз ҳақиқат ба дур буд. Дар воқеъ онон ки аз оғоз, дар истиқлол аз табақаи ҳоким шакл гирифтанд ва ба ҳамин сабаб, хулуси бештаре нисбат ба гурӯҳҳои вобаста ба табақаи ҳоким пайдо карданд, ҳамвора бо пайравӣ аз пешвоёни ақлгароӣ худ ба ақлгароии Исломӣ забонзад буданд, то онгоҳ ки гурӯҳе аз аҳли тасаввуф бо гаройишҳои шиъӣ, бар онон тасаллут ёфтанд ва боварҳои сӯфиёнаи худро бо боварҳои ақлгароёнаи онон даромехтанд ва бадин сон, ташаюъро ба тасаввуф олуданд. Ҳар чанд пеш аз онон низ гурӯҳҳое бо

1. Ҳамон, Қасидаи 40.
2. Парвини Эътисомӣ, Девони ашъор, Қасоъид, Қасидаи 12.
3. Ҳамон, Қасидаи 9.
4. Ҳамон, Қасидаи 21.

гароиш ба ташаюъ буданд ки бо рӯй гирифтан аз ақлоният ва воқеъгаройии Исломӣ, забон ба хурофот мегушуданд ва хусусан дар бораи пешвоёни мусалмон, ғулув мекарданд, вале онон ҳамвора мавриди эъроз ва мухолифати олимони аҳли ташаюъ қарор мегирифтанд ва ҳеҷ гоҳ намояндагони ин мазҳаб шумрда намешуданд, то он гоҳ ки гурӯҳе аз онон бо ақабаи тасаввуф, қудратро ба даст гирифтанд ва ба боварҳои хурофии онон расмият бахшиданд ва дар тули беш аз ду қарн салтанат, ки аз салтанати Умавиён бо осори ҳувлнокаш тулонитар буд, то ҳадди зиёде олимони шиъаро бо худ ҳамсӯ сохтанд ва навъи нигариши онон ба пешвоёни аҳли байтро тағйир доданд. Албатта бовар ба хилофати пешвоёни аҳли байт, торихе ба баландои торихи Ислом дорад ва аз салтанати аҳли тасаввуф ношӣ нашудааст, вале навъи нигариши аҳли ташаюъ ба онон ки машҳун аз хурофагаройӣ ва воқеъиятгурезӣ аст, бидуни шак аз салтанати аҳли тасаввуф таъсир пазируфтааст; Зеро ин аҳли тасаввуф будаанд ки муршидони хешро дар ҷойгоҳӣ фаробашарӣ қарор додаанд ва барои онон ҳолотӣ ғайри оддӣ тавсиф кардаанд ки ақл аз тасаввураш мутаҳаййир мешавад! Ҳеҷ шакке нест ки аҳли ташаюъ, таҳти таъсири увҳоми онон, пешвоёни худро нимахудоёне тасаввур кардаанд ки ҳолайе аз нур ба гирди сарҳои онон аст ва мурдагонро зинда мекунанд ва беморонро шифо медиҳанд ва ҳавоъиҷро бароварда месозанд ва аз ҳар чи дар дилҳост огоҳӣ доранд ва бо ин васф, рӯшан аст ки ононро чунон дур меёбанд ки ба пайравии онон намеандешанд ва ба ёрии онон илтифоте надоранд ва монанди кӯдакон ё пиразанон, ба зикри масоъиби онон ва гиристан бароямшон басанда мекунанд ва агар яке аз ононро чунонки ҳаст биёбанд, намешиносанд; Чароки ба заъми онҳо, пешвоёни аҳли байт, дар зоҳири хеш аз дигарон мутамойизанд ва илова бар ин, монанди Худованд ﴿بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ﴾ ва ﴿عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾ ҳастанд.

Мутаъассифона бештари олимонашон низ дар ин замина бо авомашон ҳамдостонанд; Чароки дастикам аз баъди олимони воқеъгарое монанди Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Валиди Қумӣ (д.343қ) ва олимони ақлгарое монанди Муҳаммад ибни Муҳаммад

ибни Нуъмон маъруф ба шейхи Муфид (д.413қ) ва шогирдони вафодори ӯ монанди Шарифи Муртазо (д.436қ) ва Абу Ҷаъфари Тувсӣ (д.460қ), ба тадриҷ пиндораҳои ғулувомез дар бораи пешвоёни аҳли байт, дар зеҳни онон русух карда ва аз баъди истилоъи сӯфиёни сафавӣ, ба боварҳои расмӣ ва ройиҷашон табдил шудааст; То ҷойе ки имрӯз бештари аҳли ташаюъ, ҷуз ибрози эҳсосот дар бораи пешвоёни аҳли байт, бардоште аз ташаюъ надоранд ва ҷуз шеърхонӣ ва газофагӯйи дар мадҳи онҳо ба коре дар дин ҳиммат намегуморанд ва бархишон дар суги онҳо, корҳое мекунанд ки мояӣ ваҳни Ислом ва шармандагии мусалмонон аст. Дар ҳоле ки бинобар ончи аз торих собит аст, пешвоёни аҳли байт, инсонҳои доно ва вораста будаанд ки дар зоҳир бо дигарон тафовуте надоштаанд ва муддаиъӣ мӯъҷиза ва илми ба ғайб набудаанд ва аз касоне ки дар бораи онҳо ғулув мекардаанд, бароъат меҷустаанд, ҳамчунонки аз душманони худ ва касоне ки мункари фазлашон будаанд, нафрат доштаанд.

Ба ҳар ҳол, акнун хаёлпардозӣ дар аҳли ташаюъ, ба қадрӣ ниҳодина шудааст ки агар мусалмоне ононро ба сӯӣ воқеъгароӣ дар бораи пешвоёни Ислом даъват кунад, ӯро ба носибигарӣ муттаҳам мекунанд! Бал хурофагароӣ дар онон ба қадре реша давондааст ки агар муслиҳе ононро ба сӯӣислоҳи ақида ё амале даъват кунад, ба ҷои далоили ақлӣ ва шаръӣ, аз ӯ мӯъҷиза металабанд ва ба ҷои қавли аҳсан, аз ӯ таваққуъи каромат доранд; Он ҳам ба сурате ки аз ҳар фолбини даврагирад ё ҷодугари тозакоре сохта аст! Чунонки ман худ номаҳое барои бархӣ аз онон навиштам ва ононро ба ҳамроҳӣ бо худ барои бозгашт ба Ислом даъват кардам ва далоили ақлӣ ва шаръии худ барои лузуми ин кори муборакро зикр намудам, вале онон дар ҷавоби ман навиштанд ки танҳо ҳангоме бо ман ҳамроҳӣ хоҳанд кард ки фикри ононро бихонам ё аз корҳои пинҳони онон хабар диҳам ва ман надонистам ки бар ин ҷавоби онон бихандам ё гиря кунам; Чароки ман идаъои Паёмбарӣ накардам ва ононро ба сӯӣ дини ҷадиде нахондам ва бо ин васф, тавқуъи мӯъҷиза аз ман танҳо дар зеҳнӣ мағшуш ва оканда аз хурофот падид меояд; Ҷудои аз онки хабар додан аз фикрҳо ва корҳои пинҳон, барои

аҳли фаросат ва каҳонат низ мумкин аст ва бо ин васф, далолате бар ҳаққонияти касе надорад! Ҳамчунонки бархӣ аз фиребкорон, бо сӯъи истифода аз ҳамин таваққуъи беасос ва баҳрагирӣ аз шӯъбада ва корҳои ғайри оддӣ, бисёрӣ аз онониро ба гирди худ ҷамъ кардаанд ва ба табаъият аз худ дар корҳои ғайри маъқул водоштаанд ва молу ҷон ва обурӯйи онониро ҳазинаи даъовии ботили хеш сохтаанд.

### [Хурофагароӣ дар мусалмонони салафӣ]

Ба ҳар ҳол, ин бемории маргборе аст ки қалби аҳли ташаюъро фаро гирифта ва шинохти ҳаққро барои онон ба ғоят душвор карда ва рӯшан аст ки хостгоҳи он, чизе ҷуз хурофагароӣ нест. Ҳар чанд ин қабил рӯйкардҳои омиёна, ихтисосе ба онон надорад ва гурӯҳои дигаре аз мусалмононро низ кам ё беш, олуда кардааст; То ҷойе ки ҳтто дар миёни салафиён низ бо ҳамаи тангназарӣ ва сахтгирияшон, хурофоти бисёре вуҷуд дорад ва бархӣ фатовие ки гоҳе аз муфтиёнашон содир мешавад, монанди ҳазён аст; Чароки дар миёни ривоёти онон, хурофоти бисёре роҳ ёфта ва ақлситезияшон маншаъи ҳар балойе аст; Ҷудои аз онки бархӣ фатовияшон, ба суфориши золимон ва барои тавҳини Ислом содир мешавад ва мабное дар ривоёташон низ надорад, бо таваҷҷуҳ ба инки бархӣ аз онон мунофиқ ва муздури золимонанд ва амдан бар Худо ва Паёмбараш дурӯғ мебанданд.

### [Ҷамбандии мавонеъи шинохт]

Ҳосил онки хурофагароӣ яке аз бузургтарин мавонеъи шинохти ҳақ ва бозгашт ба Ислом аст ва дар канори мавонеъи пешин, нақши бисёр муҳимме дар пайдойиш ва афзоиши мушкилоти мусалмонон доштааст. Ҳар чанд мавонеъи шинохт, мунҳасир дар ин ҳафт маврид нест ва мавориди дигаре низ метавон барои он ёд кард, вале ба назар мерасад ки сойири маворид нисбат ба ин маворид, ҷузъитар ҳастанд ва ба содагӣ метавонанд дар зайли онҳо табақабандӣ шаванд; Чунонки масалан инҳитоти ахлоқӣ, яке аз бузургтарин мавонеъи шинохт ва авомили боздорандаи мусалмонон аз бозгашт ба Ислом аст ва дар айни ҳол, ба сурати возеҳе, ноши аз ҷаҳл, дунёгароӣ ва аҳвоъи нафсонӣ аст.

Ба ҳар ҳол, ончи мусаллам аст ин аст ки мусалмонон барои шинохти <<Қавли аҳсан>> ва бозгашт ба дини холис, чорае ҷуз пайкор бо ин мавонеъ надоранд ва лозим аст ки бо таъовуни якдигар, наҳзати фарҳангии густардаеро барои мубориза бо ҷаҳл, тақлид, аҳвоъи нафсонӣ, дунёгарой, таъассуб, такаббур ва хурофагарой дар ҳамаи мазоҳираш, оғоз намоянд ва куллияи барномаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва таблиғии худро бар рӯӣ он мутамаркиз созанд, то бадин сон замина барои ислоҳи уммат ва таҳаққуқи ормони Ислом, фароҳам гардад. Ҳар чанд анҷоми ин кор ба сурати иҷтимоъӣ, ба мусоъидати ҳокимони мусалмон ниёз дорад, дар ҳоле ки бештари онон дар ҳоли ҳозир хоъинонанд ва чунин мусоъидатеро анҷом намедиҳанд; Аз ин рӯ, амалитар он аст ки ин наҳзати ислоҳӣ, ба сурати фардӣ оғоз шавад; Ба ин тартиб ки ҳар фарди мусалмон, ба танҳой ё бо ҳамроҳӣ хонавода ва дӯстонаш, ин мавонеъро аз худ дур созад то ҳидояти ӯ ба ҳақ бо муқтазиёти мавҷуд имкон ёбад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ إِنَّمَا أَعِظُكُمْ بِوَاحِدَةٍ ۖ أَنْ تَقُومُوا لِلَّهِ مَثْنَىٰ وَفُرَادَىٰ ثُمَّ تَتَفَكَّرُوا ۚ﴾;[1] <<Бигӯ шуморо танҳо ба як чиз панд медиҳам: Инки барои Худованд ду нафарӣ ва ба танҳой қиём кунед ва сипас бияндешед>> Ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا قُوا أَنْفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ﴾;[2] <<Эй касоне ки имон овардед! Худатон ва хонаводаятонро аз оташе ки ҳезумаш мардум ва санг аст, боздоред>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳидоят аз ҷониби Худованд монанди офтоб бар ҳамаи инсонҳо метобад, вале танҳо касоне аз он баҳра мебаранд ки чашмӣ бино ва гушода доранд ва ҳиҷобҳои муқобили онро канор задаанд.

1. Сабаъ/ 46.
2. Таҳрим/ 6.

# Бахши дуввум

## Бозгашт ба Ислом; Зарурат ва имкон

## Зарурати бозгашт ба Ислом

Зарурати бозгашт ба Ислом ҳангоме ошкор мешавад ки аз як сӯ зарурати иқомаи Ислом ва аз сӯӣ дигар, адами иқомаи он тавассути мусалмонон дар ҳоли ҳозир, ошкор шавад; Чароки ҳаргоҳ ин ду муқаддима ошкор нашавад, сухан гуфтан дар бораи бозгашт ба Ислом, бемаъност; Бо таваҷҷуҳ ба инки бозгашт ба Ислом ҳангоме зарурат дорад ки Ислом ба маънои ақойид ва аҳкомӣ хос, мояи саъодати мусалмонон дар дунё ва охират ва растгории онон аз мушкилоти моддӣ ва маънавияшон дониста шавад, на он чунонки кофирон мепиндоранд, мояи инҳитоти фарҳангӣ, инфиъоли сиёсӣ ва ақабафтодагии иқтисодии мусалмонон; Чароки дар ин сурат, тахаллус аз он агар чи бо ҳифзи эҳтиромаш дар зоҳир, чунонки бархӣ аз давлатҳои мусалмон пай мегиранд, мутаъаййин аст ва нидои бозгашт ба сӯӣ он, матлуб нест ва мавриди эъроз ва мухолифати Исломгурезон воқеъ мешавад. Ҳамчунонки ҳангоме маъно меёбад ки пазируфта шавад, Ислом ба унвони муҷибе барои саъодати мусалмонон ва растгории онон аз мушкилоти моддӣ ва маънавияшон, то кунун дар миёни онон таҳаққуқ наёфтааст; Чароки агар дар миёни онон таҳаққуқ ёфта буд, табъан саъодат ва растгории мавриди назар, ба ҳайси самараи зотӣ ва қатъии он, барои онон таҳаққуқ ёфта буд, дар ҳоле ки мусалламан барои онон таҳаққуқ наёфта ва мушкилоти онон дар ҷиҳати мухталиф машҳуд аст; То ҷойе ки талош барои табраъаи онон аз ин иттиҳом ва дифоъ аз ақойид ва аъмолашон, чизе ҷуз таҷоҳул ва мукобира дар баробари маҳсус нест; Чароки маҳсус аст, мушкилоти густарда ва амиқе дар миёни мусалмонон вуҷуд дорад ва табъан вуҷуди онҳо ё ношӣ аз адами кифояти Ислом

барои ҳалли онҳост ва ё ношӣ аз адами таҳаққуқи Ислом!

Дар ин миён, касоне ки ба Ислом бовар надоранд, мепиндоранд ки он кифояти лозим барои ҳалли мушкилоти мусалмононро надорад; Ба ин маъно ки мусалмонон, Исломро муҳаққақ сохтаанд, вале он қодир ба ҳалли мушкилоти онон нест, балки худ омили пайдоиш ё афзоиши мушкилоти онон аст ва бо ин васф, чорае ҷуз даст бардоштан аз он ва рӯй овардан ба мабонии дигар нест. Аз ин рӯ, ошкоро ба ҷудоии дин аз дунё даъват мекунанд ва Исломгароӣ дар ҷомеъаро монеъ аз такомул ва тараққии он мешуморанд ва барои ҷойгузин сохтани ақойид ва аҳкоми башарӣ бо ақойид ва аҳкоми он мекушанд. Дар баробар, касоне ки ба Ислом бовар доранд медонанд ки он динӣ комил ва саъодатбахш аст ва зарфияти ҳалли мушкилоти моддӣ ва маънавии мусалмононро дорад ва агар то кунун ин мушкилотро ҳал накарда, ба хотири он буда ки то кунун ё айнаш чунонки ҳаст иқома нашуда ё кулли он бо ҳамаи аҷзоъаш таҳаққуқ наёфтааст. Аз ин рӯ, ононро чорае нест ҷуз инки таҳаққуқи айни Ислом ва кулли онро ормони худ қарор диҳанд ва барои найли ба он талош кунанд ва ин маънои бозгашт ба Ислом аст.

## Зарурати иқомаи Ислом

Бегумон ҳақ бо касоне аст ки ба Ислом бовар доранд ва иқомаи онро барои найли ба саъодат ва раҳоӣ аз мушкилот, лозим медонанд; Чунонки Худованд ба он амр карда ва фармудааст: ﴿أَنْ أَقِيمُوا الدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُوا فِيهِ﴾;[1] <<Инки динро иқома кунед ва дар бораи он тафриқа накунед>> Ва фармудааст: ﴿وَلَوْ أَنَّهُمْ أَقَامُوا التَّوْرَاةَ وَالْإِنْجِيلَ وَمَا أُنْزِلَ إِلَيْهِمْ مِنْ رَبِّهِمْ لَأَكَلُوا مِنْ فَوْقِهِمْ وَمِنْ تَحْتِ أَرْجُلِهِمْ﴾;[2] <<Ва агар онон Таврот ва Инҷил ва чизе ки аз Парвардигорашон ба сӯи онон нозил шудро иқома мекарданд, аз болошон ва зери пойҳошон мехӯранд>>, вале чунонеки рӯшан шуд, иқомаи Ислом ба ду сурат мукфӣ ва муҳассили ғараз аст:

### 1. Иқомаи айни Ислом

Иқомаи Ислом, ҳангоме муҷиби найл ба саъодат ва раҳоӣ аз

1. Шуро/ 13.
2. Моъида/ 66.

мушкилот аст ки айни он иқома шавад; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳамаи ақойид ва аҳкоме ки ба Ислом нисбат дода мешавад, аз Ислом нест; Зеро Ислом як воқеъияти мустақилли берунӣ аст ки аз иродаи Худованд нашъат гирифта ва иродаи Худованд, мутаносиб бо камоли Ӯст ва табъан бо иродаи дигарон ки ноқисанд, мулозимае надорад ва бо ин васф, иродаи дигарон наметавонад дар арзи иродаи Ӯ, маншаъи ақида ва ҳукм воқеъ шавад ва ҳар ақида ва ҳукме ки ношӣ аз иродаи Ӯ нест, комил нест ва ба ҳамин далил, наметавонад зомини саъодат ва растгории инсон бошад. Бо ин васф, бисёр муҳим аст ки айни Ислом, бар канор аз ақойид ва аҳкоми ношӣ аз иродаи дигарон, дар ҷаҳон иқома шавад; Зеро иқомаи ақойид ва аҳкоми ношӣ аз иродаи дигарон, ҳар чанд бо ҳусни ният ва дар канори ақойид ва аҳкоми Ислом бошад, иқомаи Ислом нест ва табъан самарот ва натойиҷи хуби онро надорад, бал билакс табаъот ва натойиҷи баде дорад ки муқтазои нақси башарӣ аст ва мумкин аст ба далили интисобаш ба Ислом, барои Ислом пиндошта шавад ва онро нокоромад нишон диҳад. Аз ин рӯст ки Худованд ба таъкид фармудааст: ﴿أَلَا لِلَّهِ الدِّينُ الْخَالِصُ﴾;[1] <<Огоҳ бошед ки дини холис барои Худованд аст>>; Ба ин маъно ки дини ғайри холис, барои Худованд нест ва ба Ӯ нисбат дода намешавад, агарчи бахшӣ аз он, аз Ӯ содир шуда бошад; Чароки ончи аз Худованд содир шуда, дар воқеъ як маҷмӯъаи пок буда ва маҷмӯъаи нопоке ки аз олойиши иродаи Худованд бо ғайри Ӯ баромада, аз Ӯ содир нашудааст ва бо ин васф, вуҷуди бархӣ аносури асил дар он, барои интисобаш бо Худованд, кофӣ нест; Чароки Худованд покиза аст ва аз ҳар чизи ғайри покиза, танзиҳ мешавад. Ба илова, он аносури асил, ба аносури дигар вобаста ва пайвастаанд ва дар канори онҳо, як маҷмӯъаи воҳидеро ташкил медиҳанд ва ба сабаби ҳамин омехтагӣ ва иртиботи танготанг, натойиҷи мавриди иродаи Худовандро дар пай надоранд ва бо ин васф, гӯйӣ ки дар амал аносурӣ асил нестанд. Аз ин рӯ, Худованд будани кулли дин барои Ӯ ва на танҳо бахшҳое аз онро ормони Ислом шумурда ва фармудааст: ﴿وَقَاتِلُوهُمْ حَتَّىٰ لَا تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ الدِّينُ كُلُّهُ لِلَّهِ﴾;[2]

1. Зумар/ 3.
2. Анфол/ 39.

<<Бо онон бичангед то он гоҳ ки фитнае набошад ва дин ҳамааш барои Худо бошад>>!

Аз инҷо дониста мешавад ки Ислом, ҳаргоҳ ба ақойид ва аҳкомӣ ғйри асили омехта бошад, дар кул нисбате бо Худованд надорад ва амал ба он, муҷзӣ нест; Зеро чизе ки аз талфиқи аносури Исломӣ ва аносури ғайри Исломӣ падид омадааст, дар воқеъ Ислом нест, бал ихтироъи чадиде аст ки тасомуҳан Ислом номида мешавад ва табъан иқомаи он, иқомаи Ислом нест, агарчи урфан иқомаи Ислом шумурда шавад. Аз ин рӯ, Худованд ҳатто ба Пёмбари худ ки маъсум аст, иҷоза надодааст ки ақида ё ҳукме ношӣ аз иродаи инсонии худро бо ақойид ё аҳкоми ношӣ аз иродаи Илоҳии Ӯ даромезад ва таҳдид кардааст ки дар сурати вуқуъи кӯчактарин дахолат аз ноҳияи ӯ ба унвони як инсон, сойири таблиғоти холиси ӯро нодида мегирад ва ӯро ба сахттарин шакли мумкин муҷозот мекунад; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِنْ كَادُوا لَيَفْتِنُونَكَ عَنِ الَّذِي أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ لِتَفْتَرِيَ عَلَيْنَا غَيْرَهُ ۖ وَإِذًا لَاتَّخَذُوكَ خَلِيلًا؛ وَلَوْلَا أَنْ ثَبَّتْنَاكَ لَقَدْ كِدْتَ تَرْكَنُ إِلَيْهِمْ شَيْئًا قَلِيلًا؛ إِذًا لَأَذَقْنَاكَ ضِعْفَ الْحَيَاةِ وَضِعْفَ الْمَمَاتِ ثُمَّ لَا تَجِدُ لَكَ عَلَيْنَا نَصِيرًا﴾;[1] <<Ва наздик буд ки туро аз чизе ки ба ту ваҳӣ кардим фирефта созанд то ҷуз онро бар Мо бибандӣ ва он гоҳ албатта туро дӯст мегирифтанд; Ва агар на ин буд ки туро собит доштим наздик буд ки чизе андак ба сӯӣ онон бигароӣ; Он гоҳ албатта туро дучандон дар зиндагӣ ва дучандон дар марг мечашондим ва сипас ҳеч пуштибоне барои худ дар баробаи Мо намеёфтӣ>>! Ҳамчунонки фармудааст: ﴿وَلَوْ تَقَوَّلَ عَلَيْنَا بَعْضَ الْأَقَاوِيلِ؛ لَأَخَذْنَا مِنْهُ بِالْيَمِينِ؛ ثُمَّ لَقَطَعْنَا مِنْهُ الْوَتِينَ؛ فَمَا مِنْكُمْ مِنْ أَحَدٍ عَنْهُ حَاجِزِينَ﴾;[2] <<Ва агар бар Мо бархӣ гуфтаҳоро мебаст; Албатта ӯро бо сахтӣ мегирифтим; Сипас раги қалбашро мебуридим; Он гоҳ ҳеч як аз шумо нигоҳдори ӯ набудед>>! Дур нест ки бархӯрди Худованд бо ғайри Паёмбараш, дар сурате ки муртакиби ҳамин кор шаванд, шадидтар бошад! Ҳамчунонки борҳо бар лузуми <<Ихлоси дин>> ба маънои иқомаи он ба сурати холис, таъкид карда, балки ибодоти худро муқаяд ба он сохта ва фармудааст: ﴿فَادْعُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ وَلَوْ كَرِهَ الْكَافِرُونَ﴾;[3] <<Худовандро

1. Исроъ/ 73 то 75.
2. Ҳоқаҳ/ 44 то 47.
3. Ғофир/ 14.

бо холис сохтани дин барояш, бихонед агарчи кофирон хуш надоштанд>> Ва фармудааст: ﴿هُوَ الْحَيُّ لَا إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ فَادْعُوهُ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ ۗ الْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ﴾;[1] <<Ӯ зиндайе аст ки Худое ҷуз Ӯ нест; Пас Ӯро дар ҳоле ки динро барояш холис месозед бихонед; Ситойиш барои Худо Парвардигори ҷаҳониён аст>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ حُنَفَاءَ وَيُقِيمُوا الصَّلَاةَ وَيُؤْتُوا الزَّكَاةَ ۚ وَذَٰلِكَ دِينُ الْقَيِّمَةِ﴾;[2] <<Ва фармон дода нашуданд магар ба инки Худовандро бо холис сохтани дин барояш ҳақгароёна бипарстанд ва намозро барпо доранд ва закотро бипардозанд ва он ҳамоно дини ростин аст>>! Ин ба рӯшанӣ гӯёи он аст ки ибодати Худованд бо дине ки барои Ӯ холис нашуда ва ба ғайри ақойид ва аҳкоми ношӣ аз Ӯ омехта аст, кифоят намекунад ва мутаъаллиқи амри Ӯ нест ва аз инҷо фасод ё адами қабули аъмолӣ ибодӣ ки мубтанӣ бар занн ё омехта ба бидъатанд, дониста мешавад; Чароки занниёт аз Ислом нестанд ва як бидъат дар ибодат, ҳамаи онро ботил мекунад.

## 2. Иқомаи кулли Ислом

Афзун бар иқомаи айни Ислом ба сурати холис ва бар канор аз ақойид ва аҳкоми ғайри ҳақиқӣ, иқомаи кулли Ислом ба сурати комил ва бар канор аз таҷзияҳ ва табъиз, зарурӣ аст; Зеро Ислом, як маҷмӯъаи муртабит ва ба ҳампайваста, монанди як низоми дақиқ ва занҷираи ҳалқа дар ҳалқа аст ки ҳар ҷузъи он бо назар ба ҷузъи дигараш, ташриъ шуда, ба наҳве ки қатъи назар аз он, қобили ташриъ набуда ва чи басо ташриъи он, ноқизи ғараз будааст; Монанди донаҳои тасбеҳ ки ҳар як ба эътибори ҷузъӣ аз кул сохта шудааст ва ҳеҷ як ба танҳоӣ арзише надорад ва ҷуз дар қолиби кул судманд нест ва бо ин васф, вуҷуди аҷзоъи он, дар зимни вуҷуди кулли он аст ва бо заволи кулли он, аҷзоъи он низ аз байн меравад. Ба ҳамин тартиб, аҷзоъи Ислом низ ба эътибори кулли он, ташриъ шудааст ва ҷуз дар сурати иқомаи кулли он, судманд нест, балки чи басо дар сурати адами иқомаи кулли он, иқомаи аҷзоъе аз он ба танҳоӣ, зиёнбор аст; Монанди доруҳое ки табиб, бо назар ба таркибашон бо якдигар таҷвиз карда ва истеъмоли бархӣ аз онҳо ҷудо аз бархӣ дигар, хатарнок аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَنُنَزِّلُ مِنَ الْقُرْآنِ مَا هُوَ شِفَاءٌ وَرَحْمَةٌ لِلْمُؤْمِنِينَ ۙ وَلَا

1. Ғофир/ 65.
2. Баййинаҳ/ 5.

﴿يَزِيدُ الظَّالِمِينَ إِلَّا خَسَارًا﴾;[1] <<Ва аз Қуръон чизеро нозил мекунем ки барои мӯъминон дармон ва раҳмат аст, дар ҳоле ки золимонро ҷуз зиён намеафзояд>>! Ин бадон маъност ки Қуръон, бо онки табъан муқтазии дармон ва раҳмат аст, барои золимоне ки онро куллан ё ҷузъан иҷро намекунанд, зиёновар аст. Аз ин рӯ, Худованд ба Паёмбараш ҳушдор дод ки набояд бахшӣ аз аҳкоми Исломро ба хотири хоҳишҳои золимон, вогузорад ва фармуд: ﴿وَاحْذَرْهُمْ أَنْ يَفْتِنُوكَ عَنْ بَعْضِ مَا أَنْزَلَ اللَّهُ إِلَيْكَ﴾;[2] <<Ва аз онон бар ҳазар бош ки туро аз бархӣ аз ончи Худованд ба ту нозил кар боз надоранд>>; Ҳамчунонки пас аз фурӯ фиристодани ҳукме аз аҳкоми Ислом дар поёни умри Паёмбараш, ӯро ба таблиғи он фармон дод ва ба ҳасаби зоҳир таҳдид намуд ки дар сурати адами таблиғи он, кулли рисолаташро таблиғ накардааст, чунонки фармуд: ﴿يَا أَيُّهَا الرَّسُولُ بَلِّغْ مَا أُنْزِلَ إِلَيْكَ مِنْ رَبِّكَ ۖ وَإِنْ لَمْ تَفْعَلْ فَمَا بَلَّغْتَ رِسَالَتَهُ ۚ وَاللَّهُ يَعْصِمُكَ مِنَ النَّاسِ ۗ إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الْكَافِرِينَ﴾ ;[3] <<Эй Паёмбар! Чизе ки аз Парвардигорат ба ту нозил шудро таблиғ кун; Чароки агар накунӣ, рисолаташро таблиғ накардаӣ ва Худованд туро аз мардумон пос медорад! Бегумон Худованд гурӯҳи кофиронро ҳидоят намекунад>>! Ҳамчунонки вақте Паёмбараш дар поёни умри худ, он ҳукмро таблиғ намуд, фармуд: ﴿الْيَوْمَ أَكْمَلْتُ لَكُمْ دِينَكُمْ وَأَتْمَمْتُ عَلَيْكُمْ نِعْمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ الْإِسْلَامَ دِينًا﴾;[4] <<Имрӯз динатонро бароятон комил ва неъматамро бар шумо тамом Кардам ва Исломро ба унвони дин, бароятон Писандидам>>; Ба ин маъно ки то пеш аз он рӯз ва таблиғи ҳукми мазкур ки вопасин ҳукми Ислом буд, дин барои мусалмонон комил ва неъмат барои онон тамом набуд ва Худованд ҳанӯз Исломро барои онон ба унвони дин, написандида буд; Чароки Ӯ комил аст ва табъан дини комилро announces меписандад ва Исломи ноқис ки ҷузъӣ аз аҷзоъи он кам астро барои мусалмонон намеписандад; Чароки чунин Исломе, ба далили нуқсони худ, наметавонад пайравонашро ба камол бирасонад, балки ба далили фиқдони инсиҷом ва ҳамоҳангӣ миёни аҷзоъаш, заминасози тазод ва фасод аст ва бо ин васф, илтизом ба Исломи ноқис, аз адами

1. Исроъ/ 82.
2. Моъида/ 49.
3. Моъида/ 67.
4. Моъида/ 3.

илтизом ба Ислом, агар хатарноктар набошад, камхатартар нест; Ҳамчунонки мусалмонон, дар бисёрӣ аз заминаҳо мушкилоти бузургтаре нисбат ба дигарон доранд ва ин ба сабаби илтизоми онон ба Исломи ноқис аст. Албатта возеҳ аст ки ин ба маънои лузуми даст кашидан аз Ислом нест, балки билакс ба маънои лузуми иқомаи он ба сурати комил аст; Чароки Худованд ба иқтизои комили худ, онро комил сохта ва аз камоли он хабар додааст ва агар нуқсоне дар он падид омада ки муҷиби адами такомули мусалмонон шуда, ношӣ аз Худованд набуда, балки аз худи мусалмонон нашъат гирифтааст; Чароки онон, бахшҳое аз Исломро гирифта ва бахшҳое аз онро раҳо кардаанд ва ҳамаи онро ба сурати комил барпо надоштаанд, дар ҳоле ки Худованд ба рӯшанӣ аз ин кор бар ҳазар дошта ва фармудааст: ﴿أَفَتُؤْمِنُونَ بِبَعْضِ الْكِتَابِ وَتَكْفُرُونَ بِبَعْضٍ ۚ فَمَا جَزَاءُ مَنْ يَفْعَلُ ذَٰلِكَ مِنْكُمْ إِلَّا خِزْيٌ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ۖ وَيَوْمَ الْقِيَامَةِ يُرَدُّونَ إِلَىٰ أَشَدِّ الْعَذَابِ ۗ وَمَا اللَّهُ بِغَافِلٍ عَمَّا تَعْمَلُونَ﴾;[1] <<Оё ба бахше аз китоб имон меоваред ва ба бахшӣ дигар кофир мешавед?! Сазой касе аз шумо ки чунин коре мекунад чист ҷуз хорӣ дар зиндагии дунё ва инки дар рӯзи қиёмат ба ашадди муҷозот бозгардонада шаванд ва Худованд аз ончи мекунед бехабар нест>>! Рӯшан аст ки хории мусалмонон дар зиндагии дунё, паёомади ҳамин амали гузинишӣ ба Ислом аст ва бо ин васф, бозгашти онон ба ашадди муҷозот дар охират, бинобар ваъдаи Худованд ҳатмӣ аст. Ҳачунонки Худованд ба сароҳат, касоне ки рӯйкардӣ табъизомез дар ҳавзаи дин дорандро таҳдид карда ва амал ба бархӣ аҷзоъи Қуръон ҷудои аз бархӣ аҷзоъи дигарашро нораво шумрда ва фармудааст: ﴿كَمَا أَنْزَلْنَا عَلَى الْمُقْتَسِمِينَ؛ الَّذِينَ جَعَلُوا الْقُرْآنَ عِضِينَ؛ فَوَرَبِّكَ لَنَسْأَلَنَّهُمْ أَجْمَعِينَ؛ عَمَّا كَانُوا يَعْمَلُونَ﴾;[2] <<Ҳамчунонки бар ҷудокунандагон нозил кардем; Ҳамонон ки Қуръонро бахш бахш мекунанд; Пас ба Парвардигорат савганд ки аз ҳамаи онон бозхост мекунем; Дар бораи коре ки анҷом медоданд>>! Бал касоне ки дини худро таҷзия кардаанд ва ҳамаи онро ба унвони воҳидӣ басит барпо надоштаанд, аз Паёмбари худ бегона шумурда ва фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ فَرَّقُوا دِينَهُمْ وَكَانُوا شِيَعًا لَسْتَ مِنْهُمْ فِي شَيْءٍ ۚ إِنَّمَا أَمْرُهُمْ إِلَى اللَّهِ ثُمَّ يُنَبِّئُهُمْ بِمَا كَانُوا يَفْعَلُونَ﴾;[3] <<Ҳароина касоне ки дини

1. Бақара/ 85.
2. Ҳиҷр/ 90 то 93.
3. Анъом/ 159.

худро пора пора карданд ва гурӯҳ гурӯҳ шуданд, туро бо онон коре нест! Корашон танҳо бо Худованд аст ва он гоҳ ононро ба коре ки мекарданд огоҳ хоҳад кард>>!

Ҳосил онки иқомаи Ислом, ҳангоме муҷиби найл ба саъодат ва раҳоӣ аз мушкилот аст ки ҳамаи он ба манзалаи ҳукмӣ воҳид, иқома шавад; Бо таваҷҷуҳ ба инки Ислом ҳақиқатан низ ҳукмӣ воҳид аст ва аҷзоъи мавҷуд дар он, монанди аҷзоъи мавҷуд дар як дастгоҳанд ки ба рағми таъаддуд, дастгоҳӣ воҳидро ба вуҷуд меоваранд ва адами коркарди ҳар яке аз онҳо, бар коркарди сойири аҷзоъ таъсир мегузорад ва кулли дастгоҳро аз ҳаракат боз медорад.

## [Имкони иқомаи кулли Ислом]

Мумкин аст пиндошта шавад ки амал ба кулли Ислом, мумкин нест ва бо ин васф, чорае ҷуз амал ба ҷузъӣ аз он вуҷуд надорад ва ҳаргоҳ амал ба ҷузъӣ аз он муҷзӣ набошад, бечорагӣ падид меояд ки мумкин нест; Аммо рӯшан аст ки ин пиндорӣ воҳӣ аст; Чароки мусалламан Худованд ба иқтизои ҳикмат ва раҳматаш, чизеро дар Ислом қарор надодааст ки амали ба он макдур набошад; Бал қарор додани чизе дар Ислом, бо ҳадафи амали ба он буда ва рӯшан аст ки қарор додани чизе дар Ислом ки амали ба он макдур нест, абас аст ва бо ин васф, аз Худованд содир намешавад. Ба илова, тардиде нест ки Худованд ба ҳамаи Ислом ва на танҳо бахшӣ аз он, амр карда ва возеҳ аст ки амри Ӯ ба муҳол, муҳол аст; Чароки бо ҳикмати Ӯ мунофот дорад. Вонгаҳе дар кулли Ислом чизе иддаъо нашудааст ки ақида ё амали ба он, зотан муҳол бошад. Бо ин ҳол, танҳо ваҷҳе ки метавон барои адами имкони амал ба кулли Ислом ёд кард, адами имкони илм ба кулли он аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки илм ба кулли Ислом, барои амали ба кулли он зарурӣ аст ва албатта танҳо барои касе мумкин аст ки онро ташриъ кардааст ва бо ин васф, илми мусалмонон ба кулли он ва табъан амалашон ба кулли он, мумкин нест. Аммо ҳақ он аст ки ин ваҷҳ низ мардуд аст; Чароки мусалламан Худованд, амал ба кулли Исломро бар мусалмонон воҷиб сохтааст ва бо ин васф, аз таваққуфи он бар илм ба кулли Ислом, танҳо лузуми таълими кулли Ислом бар

Худованд лозим меояд, на рафъи вуҷуби амал ба кулли он; Ба ин маъно ки бо таваҷҷуҳ ба лузуми амал ба кулли Ислом ва таваққуфаш бар илм ба кулли он ва инҳисори зотии ин илм ба Худованд, бар Худованд лозим аст ки ба наҳвӣ аз анҳоъ, илм ба кулли онро барои мусалмонон мумкин кунад то узре дар баробари Ӯ барои амал накардан ба кулли Ислом ва табъан вуқуъ дар шақоват ва мушкилот, надошта бошанд. Рӯшан аст ки ин таълим, иҷтинобнопазир ва қатъӣ аст ва бо ин васф, ба ду сурат мумкин аст: Ё Худованд ҳамаи мусалмононро мустақиман ба кулли Ислом олим месозад ва ё бархӣ аз ононро барои ин амр бар мегузинад то дигарон ба наҳви ғайри мустақим, илм ба кулли Исломро аз онон фаро гиранд. Аз онҷо ки мусаллам аст Худованд ҳамаи мусалмононро мустақиман ба кулли Ислом олим насохта, маълум мешавад ки бархӣ аз ононро ба кулли Ислом олим сохта ва табъан бар дигарон воҷиб аст ки ононро бишиносанд ва аз онон таълим пазиранд. Онон, бо таваҷҷуҳ ба инки илм ба кулли Ислом ихтисос ба Худованд дорад, ногузир ё Паёмбаранд ки илм ба кулли Исломро мустақиман аз Худованд талаққӣ кардаанд ва ё муртабит ба Паёмбаранд ки илм ба кулли Исломро ғйри мустақим ва аз Паёмбар дарёфт намудаанд ва чунин касоне, ба эътибори ниёбаташон аз Худованд дар таълими кулли Ислом, халифаи Худованд дар миёни мусалмонон шуморда мешаванд. Аз инҷо дониста мешавад ки Худованд дар замин халифаеро қарор додааст; Чунонки ба унвони равияи худ, аз он ёд карда ва фармудааст: ﴿إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً﴾;[1] <<Ман дар замин халифаеро қарор диҳандаам>> Ва рӯшан аст ки ин халифа, ҳаргоҳ олим ба кулли Ислом ва мукаллаф ба таълими он бошад, метавонад кулли онро ба мусалмонон таълим диҳад ва қобили амал тавассути онон гардонад ва рӯшан аст ки бо ин васф, таъаллум аз ӯ бар мусалмонон воҷиб хоҳад буд. Аз ин мабно лозим меояд ки замин ҳеҷ гоҳ аз чунин халифае холӣ набошад; Чароки хулувви ӯ, ҳар чанд барои замонӣ кӯтоҳ, мусталзими адами имкони илм ва табъан амал ба кулли Ислом дар он замон аст ва аз онҷо ки ин адами имкон, мустанад ба Худованд ва муҷиби хасорати мусалмонон аст, мумкин нест ва Худованд аз он танзиҳ мешавад.

1. Бақара/ 30.

Оре, ҳаргоҳ чунин халифае дар миёни мусалмонон қарор дода шуда бошад, вале онон ба сабаби тақсири худ, ӯро нашиносанд ва мутамаккини аз таълим нагардонанд, ироде бар Худованд ворид нахоҳад буд ва дар ин сурат, бечорагии онон мумкин хоҳад буд; Чароки бечорагӣ, ҳаргоҳ ношӣ аз феъли мусалмонон ва на ношӣ аз феъли Худованд бошад, мумкин аст; Ба ин сурат ки амал ба ҷузъӣ аз Ислом ба сабаби тақсири онон дар таҳсили муқаддамоти он, ғайри мумкин ва амал ба сойири аҷзоъи Ислом бидуни амал ба он, ғайри муҷзӣ бошад; Ҳар чанд чунин ҳолате, бо таваҷҷуҳ ба имкони тарки тақсир барои мусалмонон, қобили рафъ хоҳад буд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿ضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ الذِّلَّةُ أَيْنَ مَا ثُقِفُوا إِلَّا بِحَبْلٍ مِنَ اللَّهِ وَحَبْلٍ مِنَ النَّاسِ وَبَاءُوا بِغَضَبٍ مِنَ اللَّهِ وَضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ الْمَسْكَنَةُ﴾;[1] <<Зиллат бар онон зада шуд ҳар ҷо ки ёфт шаванд магар назди ресмоне аз Худо ва ресмоне аз мардум ва ба хашме аз Худо дучор омаданд ва бечорагӣ бар онон зада шуд>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ﴾;[2] <<Бегумон Худованд чизеро барои қавме дигаргун намекунад то он гоҳ ки онон чизе ки дар худашон астро дигаргун кунанд>>!

Хулоса онки иқомаи кулли Ислом ба ҳамон андоза ки зарурӣ аст, мумкин аст; Ҷуз онки дар гарави илми ба кулли он аст ва илми ба кулли он, барои Шореъи он мумкин аст ва ногузир аз Ӯ ахз мешавад ва Ӯ ё онро ба ҳамаи аҳли Ислом дода ки надодааст ва ё онро ба бархӣ аз онон бахшидааст то дигарон аз онҳо ахз кунанд ва қаҳран ҳамин корро карда, чароки кори дигарро накардааст ва бо ин васф, шинохти онҳо барои илми ба кулли Ислом, зарурӣ аст ва ба ҳамин далил низ мумкин аст; Ба ин маъно ки ногузир, асбоби лозим барои шинохти онҳо аз Худованд содир шуда ва қобили татаббуъ аст; Ҳамчунонки туруқи лозим барои дастрасӣ ба онҳо тавассути Худованд ҷаъл шуда ва қобили пайгирӣ аст ва ин чизе аст ки дар бораи он сухан гуфта хоҳад шуд ин шоъ Аллоҳ.

1. Оли Имрон/ 112.
2. Раъд/ 11.

## [Машрут будани иқомаи бархӣ аҷзоъи Ислом ба иқомаи кулли он]

Аз инҷо дониста мешавад ки иқомаи ҷузъӣ аз Ислом ба танҳоӣ, дар ҳоле ки сойири аҷзоъи он иқома намешавад, маҳалли ишкол аст; Чароки ҳар ҷузъи Ислом, ба эътибори иқомаи кулли он ва мутаносиб бо аҷзоъи дигараш ташриъ шуда ва табъан ҳангоме судманд ва қобили иқома аст ки аҷзоъи муртабит бо он иқома шуда бошад; Бо таваҷҷуҳ ба инки аҷзоъи Ислом, лозим ва малзуми якдигаранд ва бар ҳам асар мегузоранд ва аз ҳам асар мепазиранд ва ҳаргоҳ бархӣ иқома нашаванд, иқомаи бархӣ дигар бефоида, балки аҳёнан зиёнбор хоҳад буд. Чунонки ба унвони мисол, аҳкоми ҷазоии Ислом, ба эътибори таҳаққуқи комили Ислом ва мутаносиб бо замон ва маконе ҷаъл шудаанд ки сойири аҳкоми Ислом, ба унвони авомилӣ боздоранда, ҷараён ёфтаанд ва бо ҷараёни онҳо, муҷибе барои иртикоби ҷароим нест ва табъан иртикоби онҳо дар ин вазъият, ғайри табиъӣ ва мусталзими ҷазои муқаррар аст. Чунонки масалан ҳукми қатъи дасти сориқ, ба эътибори таҳаққуқи комили Ислом ва мутаносиб бо замон ва маконӣ ҷаъл шуда ки аҳкоми иқтисодии Ислом ва иқдомоти пешгиронаи он аз қабили тавзеъи одилонаи сарват ва молиётӣ чун закот ва хумс, иқома шудааст; На замон ва маконе ки аҳкоми иқтисодии Ислом иқома нашуда ва тавзеъи сарват золимона аст ва молиётӣ монанди закот ва хумс, чунонки бояд пардохта намешавад ва табъан муқтазии барои сирқат вуҷуд дорад ва монеъи он мафқуд аст. Ин ба он маъност ки агар касе дар замони ҳокимияти ғайри Исломи ва маконе ки аҳкоми айнӣ ва умумии он иҷро намешавад, муртакиби сирқат шавад, мустаҳаққи ҷазоӣ муқаррар барои сирқат нест ва эъмоли он дар ҳаққи ӯ, ғайри одилона ва мухолиф бо мақсуди Шореъ аст. Ҳамчунонки иҷрои сойири аҳкоми ҷазоӣ, манут ба таҳаққуқи ҳукумати Исломӣ ва иҷрои айн ва кулли аҳкоми Ислом аст ва пеш аз он, муфид ва мутаносиб нест; Чароки Худованд ин аҳкомро барои иҷро дар ҳукумати хеш ва мутаносиб бо замон ва маконе ташриъ кардааст ки касе аз ҷониби Ӯ, бо илми комил ба ҳамаи он ва тавоноии комил барои татбиқи он бар масодиқаш, замоми умурро дар даст дорад ва бар пояи он, ҳукумати Ӯро

эъмол мекунад ва адолати Ӯро мутаҷаллӣ месозад; Ҳамчунонки муҷрии аслии аҳком дар вақти нузул, Паёмбар буда ва ин воқеъият дар ташриъи онҳо, таъсир дошта ва лиҳоз шудааст; То ҳадде ки дур нест агар ин аҳком барои касе ҷуз он ҳазрат ё касе монанди ӯ, нозил мешуд, моҳиятӣ мутафовит медошт. Ин ба он маъност ки иқомаи ҳудуди Исломӣ тавассути касоне ки олим ба ҳамаи аҳкоми Ислом ва қодир ба иҷрои ҳамаи онҳо нестанд, ҷойиз нест, бе онки адами иқомаи ҳудуди Исломӣ тавассути онон, ҷойиз бошад; Чароки иқомаи ҳудуди Исломӣ тавассути онон, дар зимни иқомаи кулли Ислом воҷиб аст ва иқомаи кулли Ислом твассути онон, бо табаъият аз касе мумкин аст ки олим ба кулли он аст ва чунин касе, чунонки рӯшан шуд, халифаи Худованд дар замин аст ки тавассути Ӯ аз кулли Ислом огоҳӣ ёфта ва воситаи Ӯ дар эъмоли ҳукумати Ӯст.

## Воқеъияти адами иқомаи Ислом

Аз онҷи гузашт дониста мешавад ки Ислом, аз баъди Расули Худо ﷺ то кунун иқома нашуда ва ин як воқеъияти мусаллам ва машҳуд аст; Чароки айн ва кулли он, ба асбоби гуногун, маҷоли иқомаро наёфта ва табъан то ҳангоме ки ҳамин вазъ боқӣ аст, саъодати мусалмонон ва раҳоӣ онон аз мушкилот, мумкин нест. Аз ин рӯ, шинохти асбоби ин вазъ ва давоъии инҳироф аз айн ва кулли Ислом, барои бозгашт ба Исломи холис ва комил ба маънои иқомаи он пас аз изоаъаш, судманд аст; Зеро рӯшан аст ки мусалмонон, ба иқтизои фитрати Илоҳӣ ва табиъати инсонии худ ва низ алоқае ки ба Ислом доштаанд, қоидатан хостори иқомаи айн ва кулли Ислом будаанд ва бо ин васф, ноками онон дар ин кор, ҷуз дар асари мавонеъӣ ки барои он аз баъди Расули Худо ﷺ падид омада, мумкин набудааст. Оре, даргузашти Расули Худо ﷺ ва фиқдони он Ҳазрат, мусибатӣ бузург буда ва паёмадҳоӣ ҳувлангез доштааст; Чунонки Худованд хабар дода ва фармуда буд: ﴿وَمَا كَانَ اللَّهُ لِيُعَذِّبَهُمْ وَأَنْتَ فِيهِمْ﴾;[1] <<Ва Худованд касе нест ки ононро азоб кунад то ҳангоме ки ту дар миёни ононӣ>> Ва фармуда буд: ﴿أَفَإِنْ مَاتَ أَوْ قُتِلَ انْقَلَبْتُمْ عَلَىٰ أَعْقَابِكُمْ ۚ وَمَنْ يَنْقَلِبْ عَلَىٰ عَقِبَيْهِ فَلَنْ يَضُرَّ اللَّهَ شَيْئًا ۗ

1. Анфол/ 33.

﴿وَسَيَجْزِي اللَّهُ الشَّاكِرِينَ﴾;[1] <<Оё чун ӯ бимирад ё кушта шавад, ба ақабҳои худ бармегардид?! Дар ҳоле ки ҳар кас ба ақаби худ баргардад ба Худованд ҳеҷ зиёне намерасонад ва Худованд шокиронро подош хоҳад дод>>!

1. Оли Имрон/ 144.

# Бахши севвум

**Бозгашт ба Ислом; Мавонеъ**

Бегумон чизе ки акнун монеъи бозгашти мусалмонон ба Ислом аст, ҳамон чизе аст ки дар гузашта ононро аз иқомаи он боздошт; Зеро инон ба иқтизои одати худ, аз бозгашт ба чизе ки дар гузашта аз он рӯйгардон шуданд, ибо доранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَمَا كَانُوا لِيُؤْمِنُوا بِمَا كَذَّبُوا بِهِ مِنْ قَبْلُ﴾;[1] <<Пас наметавонистанд ба чизе имон оваранд ки дар гузашта онро такзиб карданд>> Ва фармудааст: ﴿وَنُقَلِّبُ أَفْئِدَتَهُمْ وَأَبْصَارَهُمْ كَمَا لَمْ يُؤْمِنُوا بِهِ أَوَّلَ مَرَّةٍ وَنَذَرُهُمْ فِي طُغْيَانِهِمْ يَعْمَهُونَ﴾;[2] <<Ва дилҳо ва дидагонашонро мегардонем, ҳамон гуна ки нахустин бор ба он имон наёварданд ва ононро дар туғёнашон боқӣ мегузорим то саргашта бошанд>>; Ҳамчунонки ин рӯйгардонӣ аз иқомаи Ислом, мероси шуме аз падарони нахустинашон аст; Чароки онон дар замони худ, Исломро иқома накарданд ва роҳи иқомаи онро барои касоне ки пас аз онон меоянд, танг ва торик сохтанд ва акнун инон ки халафе пас аз онон ҳастанд, худро дар миёни оташе меёбанд ки онон барояшон афрухтанд; Чунонки Худовад фармудааст: ﴿أَوْ تَقُولُوا إِنَّمَا أَشْرَكَ آبَاؤُنَا مِنْ قَبْلُ وَكُنَّا ذُرِّيَّةً مِنْ بَعْدِهِمْ ۖ أَفَتُهْلِكُنَا بِمَا فَعَلَ الْمُبْطِلُونَ﴾;[3] <<Ё бигӯйид ки пештар падаронамон ширк варзиданд ва мо фарзандони пас аз онон будим, пас оё моро ба сабаби корре ки аҳли ботил карданд, ҳалок мекунӣ?!>>. Дар ҳоле ки бегумон инонро ихтиёре ва таклифе ҳаст, чунонки падаронашонро ихтиёре ва таклифе буд ва дар ҳамон мавқеъияте қарор доранд ки падаронашон дар он қарор доштанд, то маълум шавад ки кадом як аз онон дар он дурусткортаранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَمْ حَسِبْتُمْ أَنْ تَدْخُلُوا الْجَنَّةَ وَلَمَّا يَأْتِكُمْ مَثَلُ الَّذِينَ خَلَوْا مِنْ قَبْلِكُمْ﴾;[4] <<Ё пиндоштед ки ба биҳишт

1. Юнус/ 74.
2. Анъом/ 110.
3. Аъроф/ 173.
4. Бақара/ 214.

дармеойед, бе онки мисли чизе ки бар гузаштагонатон омад бар шумо биёяд?!>> Ва фармудааст: ﴿فَهَلْ يَنْتَظِرُونَ إِلَّا مِثْلَ أَيَّامِ الَّذِينَ خَلَوْا مِنْ قَبْلِهِمْ﴾;[1] <<Пас оё интизор мебаранд ҷуз монанди рӯзҳои касонеро ки пеш аз онон гузаштанд?!>> Ва фармудааст: ﴿ثُمَّ جَعَلْنَاكُمْ خَلَائِفَ فِي الْأَرْضِ مِنْ بَعْدِهِمْ لِنَنْظُرَ كَيْفَ تَعْمَلُونَ﴾;[2] <<Сипас шуморо ҷонишиноне дар замин пас аз онон қарор додим то бибинем ки чигуна амал мекунед>> Ва фармудааст: ﴿الَّذِي خَلَقَ الْمَوْتَ وَالْحَيَاةَ لِيَبْلُوَكُمْ أَيُّكُمْ أَحْسَنُ عَمَلًا﴾;[3] <<Касе ки марг ва зиндагиро офарид то шуморо биёзмояд ки кадоминатон некукортарид?!>>. Аз ин рӯ, бар онон аст ки дар аҳволи падарони худ аз баъди Расули Худо ﷺ то кунун назар кунанд ва аз ғафлатҳо ва хатоҳои онон ки мунҷар ба адами иқомаи Ислом дар замонашон шуд, ибрат бигиранд, то бо ин шева, онро ки то кунун маҷоли иқома наёфтааст, иқома намоянд ва пас аз фитрате ки ба дарозо кашидааст, ба сӯи он бозгарданд; Чунонки Худованд ба ин кор амр карда ва фармудааст: ﴿قُلْ سِيرُوا فِي الْأَرْضِ فَانْظُرُوا كَيْفَ كَانَ عَاقِبَةُ الَّذِينَ مِنْ قَبْلُ﴾;[4] <<Бигӯ дар замин бигардед, пас бибинед саранҷоми касоне ки дар гузашта буданд, чигуна буд>> Ва фармудааст: ﴿أَفَلَمْ يَسِيرُوا فِي الْأَرْضِ فَيَنْظُرُوا كَيْفَ كَانَ عَاقِبَةُ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ﴾;[5] <<Оё пас дар замин нагардиданд то бибинанд саранҷоми касоне ки пеш аз онон буданд, чигуна буд>>; Ба рағми касоне ки аз рӯи сафоҳат ва таҳаккум, нигаристан дар аҳволи гузаштагонро нораво мешуморанд ва мояи беэҳтиромӣ ба онон ва гумроҳии мусалмонон мепиндоранд, то бо ин макр, ононро аз шинохти ҳақ боздоранд ва дар ваҳм ва бехабарӣ нигоҳ доранд, дар ҳоле ки бо риёкорӣ, худро хайрхоҳи онон менамоёнанд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿بَلْ زُيِّنَ لِلَّذِينَ كَفَرُوا مَكْرُهُمْ وَصُدُّوا عَنِ السَّبِيلِ ۗ وَمَنْ يُضْلِلِ اللَّهُ فَمَا لَهُ مِنْ هَادٍ﴾;[6] <<Бал барои касоне ки куфр варзиданд макрашон зинат дода шуд ва аз роҳ боз дошта шуданд ва ҳар кас ки Худованд гумроҳ кунад, барои ӯ ҳидоятгаре нахоҳад буд>> Ва фармудааст: ﴿وَإِنَّهُمْ لَيَصُدُّونَهُمْ عَنِ السَّبِيلِ وَيَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ مُهْتَدُونَ﴾;[7]

1. Юнус/ 102.
2. Юнус/ 14.
3. Мулк/ 2.
4. Рум/ 42.
5. Ғофир/ 82.
6. Раъд/ 33.
7. Зухруф/ 37.

<<Ва бегумон инон ҳароина ононро аз роҳ боз медоранд, дар ҳоле ки мепиндоранд ҳидоят ёфтагонанд>>!

## Асбоби адами иқомаи Ислом

Аммо муҳимтарин асбоб ва ангезаҳои адами иқомаи Ислом пас аз даргузашти Расули Худо ﷺ то кунун, ба қарор зер будааст:

## 1. Ихтилофи мусалмонон

Нахустин сабаби адами иқомаи Ислом пас аз Расули Худо ﷺ, ихтилофи мусалмонон пас аз он Ҳазрат буд; Чароки онон пас аз он Ҳазрат, ба суръат, ҳамбастагии худро аз даст доданд ва монанди касоне ки пеш аз онон буданд, фирқа фирқа шуданд ва ҳар фирқае ба ақойид ва аъмоли худ, дилбастагӣ ёфт; Дар ҳоле ки Худованд борҳо ва ба рӯшанӣ ононро аз ин кор барҳазар дошта ва фармуда буд: ﴿وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ تَفَرَّقُوا وَاخْتَلَفُوا مِنْ بَعْدِ مَا جَاءَهُمُ الْبَيِّنَاتُ ۚ وَأُولَٰئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ﴾;[1] <<Ва монанди касоне набошед ки фирқа фирқа шуданд ва ихтилоф карданд пас аз онки рӯшаниҳо барояшон омад ва ононро азобӣ бузург аст>> Ва фармуда буд: ﴿وَلَا تَكُونُوا مِنَ الْمُشْرِكِينَ؛ مِنَ الَّذِينَ فَرَّقُوا دِينَهُمْ وَكَانُوا شِيَعًا ۖ كُلُّ حِزْبٍ بِمَا لَدَيْهِمْ فَرِحُونَ﴾;[2] <<Ва аз мушрикон набошед; Аз касоне ки дини худро фирқа фирқа карданд ва гурӯҳ гурӯҳ шуданд; Ҳар гурӯҳе баончи назди худ дошт, дилбаста буд>>! Аммо онон ҳушдори Худовандро аз ёд бурданд ва наҳйи Ӯро исён варзиданд ва пас аз Расули Худо ﷺ дар ҳоле ки он Ҳазрат ҳанӯз ба хок супорида нашуда буд, дар бораи ҷонишинӣ ӯ ихтилоф карданд ва ин асли ҳамаи ихтилофоти онон пас аз он Ҳазрат буд ки то кунун ба наҳви рӯзафзун идома ёфта ва аз ин рӯ, ба рағми кароҳати бархишон аз таъаммул дар бораи он, бисёр муҳим ва қобили баррасӣ аст.

Аз лиҳози ториxӣ, ба иқтизои ривоёти мутавотир, мусаллам аст ки асҳоби Расули Худо ﷺ дар бораи инки ҳукумат пас аз он Ҳазрат, барои чи касе аст, ихтилофи назар доштанд; Ба ин тартиб ки гурӯҳе аз онон, ҳукумат пас аз он Ҳазратро барои аҳли байти ӯ медонистанд ва гурӯҳӣ дигар, онро барои дигарон

1. Оли Имрон/ 105.
2. Рум/ 31 ва 32.

мешумурданд, дар ҳоле ки чунин ихтилофе миёни мусалмонон, ба ғоят аҷиб ва дур аз интизор аст; Зеро ҳеҷ тардиде нест ки ҳукумат дар Ислом, барои Худованд аст ва ба ғайри Ӯ таъаллуқ надорад ва ин аз мабонии возеҳ ва зарурии Ислом шумурда мешавад; Чунонки Худованд бо таъкид фармудааст: ﴿إِنِ الْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ﴾;[1] <<Ҳукмронӣ ҷуз барои Худованд нест>> Ва фармудааст: ﴿أَلَا لَهُ الْحُكْمُ﴾;[2] <<Огоҳ бошед ки ҳукумронӣ барои Ӯст>> Ва фармудааст: ﴿لَهُ الْحَمْدُ فِي الْأُولَىٰ وَالْآخِرَةِ ۖ وَلَهُ الْحُكْمُ﴾;[3] <<Ситоиш дар дунё ва охират барои Ӯст ва ҳукумронӣ барои Ӯст>> Ва фармудааст: ﴿فَالْحُكْمُ لِلَّهِ الْعَلِيِّ الْكَبِيرِ﴾;[4] <<Пас ҳукумронӣ барои Худованди волои бузург аст>> Ва фармудааст: ﴿لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ ۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾;[5] <<Ҳукумат барои Ӯст ва ситоиш барои Ӯст ва Ӯ бар ҳар чизе тавононст>> Ва фармудааст: ﴿ذَٰلِكُمُ اللَّهُ رَبُّكُمْ لَهُ الْمُلْكُ ۖ لَا إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ فَأَنَّىٰ تُصْرَفُونَ﴾;[6] <<Он аст Худованд Парвардигоатон ки ҳукумат барои Ӯст, ҷуз Ӯ Худое вуҷуд надорад, пас ба куҷо рӯй мегардонед?!>>. Бо ин васф, мусаллам аст ки ҳаққи ҳокимият, дар инҳисори Ӯст ва касе дар он бо Ӯ мушорикате надорад; Чунонки фармудааст: ﴿مَا لَهُمْ مِنْ دُونِهِ مِنْ وَلِيٍّ وَلَا يُشْرِكُ فِي حُكْمِهِ أَحَدًا﴾;[7] <<Ононро ба ҷуз Ӯ ҳеҷ сарпарасте нест ва дар ҳукумати худ касеро шарик намекунад>> Ва фармудааст: ﴿الَّذِي لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَلَمْ يَتَّخِذْ وَلَدًا وَلَمْ يَكُنْ لَهُ شَرِيكٌ فِي الْمُلْكِ﴾;[8] <<Касе ки ҳукумати осмонҳо ва замин барои Ӯст ва фарзанде нагирифтааст ва барои Ӯ шарике дар ҳукумат нест>> Ва фармудааст: ﴿ذَٰلِكُمُ اللَّهُ رَبُّكُمْ لَهُ الْمُلْكُ ۚ وَالَّذِينَ تَدْعُونَ مِنْ دُونِهِ مَا يَمْلِكُونَ مِنْ قِطْمِيرٍ﴾;[9] <<Он Худованд Парвардигоратон аст ки ҳукумат барои Ӯст ва касоне ҷуз Ӯ ки мехонед риштаи ҳастаи хурмоеро молик нестанд>>! Ин ба он маъност ки инсонҳо, баҳрае ҳар чанд андак аз ҳокимият надоранд; Чунонки Худованд ба истебъод фармудааст: ﴿أَمْ لَهُمْ نَصِيبٌ مِنَ الْمُلْكِ فَإِذًا لَا يُؤْتُونَ النَّاسَ نَقِيرًا﴾;[10] <<Ё ононро баҳрае аз ҳокимият аст ки

1. Анъом/ 57.
2. Анъом/ 62.
3. Қасос/ 70.
4. Ғофир/ 12.
5. Тағобун/ 1.
6. Зумар/ 6.
7. Каҳф/ 26.
8. Фурқон/ 2.
9. Фотир/ 13.
10. Нисоъ/ 53.

дар он сурат, ба мардум пашизе напардозанд?!>>. Бал ҳокимият, тамоман махсуси Худованд аст; Зеро танҳо Ӯст ки ҷаҳонро офарида ва ба ниёзҳои он доно ва бар таъминашон тавоност ва рӯшан аст ки Ӯ ҳокимияти хешро на аз тариқи ҷабри таквинӣ ё фиристодани фариштагон, бал аз тариқи ҷаъли халифае дар замин, эъмол мекунад; Чунонки фармудааст: ﴿إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً﴾;[1] <<Ман дар замин халифаеро қарор диҳандаам>>; Чунонки ба унвони намуна, Довуд عليه السلام ро халифае дар замин қарор дод ва фармуд: ﴿يَا دَاوُودُ إِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِي الْأَرْضِ فَاحْكُمْ بَيْنَ النَّاسِ بِالْحَقِّ وَلَا تَتَّبِعِ الْهَوَىٰ فَيُضِلَّكَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ﴾;[2] <<Эй Довуд! Мо туро халифае дар замин қарор додем, пас миёни мардум ба ҳақ ҳукумат кун ва аз ҳавои хеш пайравӣ накун ки туро аз роҳи Худо гумроҳ мекунад>>! Ин ба он маъност ки Худованд ба унвони ҳоким бар ҳастӣ, дар иқдомӣ комилан маъқул, ҳукумати хешро аз тариқи таъйини ноъиб, эъмол мекунад; Чунонки ҳамаи уқало, барои эъмоли ҳукумати хеш, ҳамин корро анҷом медиҳанд ва рӯшан аст ки Ӯ холиқи уқало ва раъиси онон аст; Ҳамчунонки фармудааст: ﴿وَاللَّهُ يُؤْتِي مُلْكَهُ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ﴾;[3] <<Ва Худованд ҳукумати хешро ба ҳар кас ки бихоҳад медиҳад ва Худованд гушояндаи доност>> Ва фармудааст: ﴿قُلِ اللَّهُمَّ مَالِكَ الْمُلْكِ تُؤْتِي الْمُلْكَ مَنْ تَشَاءُ وَتَنْزِعُ الْمُلْكَ مِمَّنْ تَشَاءُ﴾;[4] <<Бигӯ Худовандо! Молики ҳукумат Туӣ! Ҳукуматро ба ҳар кас ки бихоҳӣ медиҳӣ ва аз ҳар кас ки бихоҳӣ боз мегирӣ>>; Ҳамчунонки ба унвони мисол, ҳукумати хешро ба Толут عليه السلام дод ва ин дар ҳоле буд ки асҳоби Паёмбараш, ба ҳукумати ӯ розӣ набуданд ва ҳукматро шойистаи худ мепиндоштанд; Чунонки фармудааст: ﴿وَقَالَ لَهُمْ نَبِيُّهُمْ إِنَّ اللَّهَ قَدْ بَعَثَ لَكُمْ طَالُوتَ مَلِكًا ۚ قَالُوا أَنَّىٰ يَكُونُ لَهُ الْمُلْكُ عَلَيْنَا وَنَحْنُ أَحَقُّ بِالْمُلْكِ مِنْهُ وَلَمْ يُؤْتَ سَعَةً مِنَ الْمَالِ ۚ قَالَ إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَاهُ عَلَيْكُمْ وَزَادَهُ بَسْطَةً فِي الْعِلْمِ وَالْجِسْمِ ۖ وَاللَّهُ يُؤْتِي مُلْكَهُ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ﴾;[5] <<Ва Паёмбарашон ба онон гуфт ки Худованд барои шумо Толутро ба унвони ҳоким барангехтааст! Гуфтанд: Чигуна барои ӯ ҳукумат бар мо бошад, дар ҳоле ки мо ба ҳукумат аз ӯ шойистатар ҳастем ва ӯ вусъате аз мол надорад?! Гуфт ки

1. Бақара/ 30.
2. Сод/ 26.
3. Бақара/ 247.
4. Оли Имрон/ 26.
5. Бақара/ 247.

Худованд ӯро бар шумо баргузида ва аз илм ва неруӣ ҷисмонӣ вусъат бахшидааст ва Худованд ҳукумати хешро ба ҳар кас ки бихоҳад медиҳад ва Худованд гушояндаи доност>>!

Ин комилан табиъӣ ва қобили дарк аст ки ҳукумати Худованд, ҳангоме таҳаққуқ меёбад ки таъйини ҳоким дар дасти Ӯ бошад; Зеро модоме ки таъйини ҳоким дар дасти дигарон ва на дар дасти Ӯ бошад, ҳукумат барои Ӯ шумурда намешавад ва ин ҳамон аст ки худ ба он ишора карда ва фармудааст: ﴿تَبَارَكَ الَّذِي بِيَدِهِ الْمُلْكُ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾;[1] <<Мутаборак омад касе ки ҳукумат дар дасти Ӯст ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност>> Ва фармудааст: ﴿فَسُبْحَانَ الَّذِي بِيَدِهِ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيْءٍ وَإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ﴾;[2] <<Пас покиза омад касе ки ҳокимияти ҳар чизе ба дасти Ӯст ва ба сӯӣ Ӯ бозгардонда мешавед>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ مَنْ بِيَدِهِ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيْءٍ وَهُوَ يُجِيرُ وَلَا يُجَارُ عَلَيْهِ إِنْ كُنْتُمْ تَعْلَمُونَ﴾;[3] <<Бигу кист ки ҳокимияти ҳар чиз ба дасти Ӯст ва Ӯ паноҳ медиҳад ва паноҳ дода намешавад агар доно будаед>>! Бо ин васф, таъаллуқи ҳокимият ба Ӯ, дар амал маъное ҷуз ибтиноъи он бар ихтиёри Ӯ қатъи назар аз ихтиёри дигарон, надорад; Чунонки фармудааст: ﴿وَرَبُّكَ يَخْلُقُ مَا يَشَاءُ وَيَخْتَارُ ۗ مَا كَانَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ ۚ سُبْحَانَ اللَّهِ وَتَعَالَىٰ عَمَّا يُشْرِكُونَ﴾;[4] <<Ва Парвардигорат ҳар чизе ки бихоҳадро меофаринад ва ихтиёр мекунад, ононро ихтиёре нест; Худованд поктар ва волотар аз чизе аст ки шарики Ӯ қарор медиҳанд>>!

Ба иборати дигар, бозгашти ҳокимият дар Ислом, ба изни Худованд аст, балки ҳеҷ амре аз умур, ҷуз бо мунтаҳӣ шудан ба изни Ӯ машруъият надорад ва ин аз муҳимтарин қавоъиди бунёдин дар Ислом аст; Чунонки борҳо ва бо таъакид фармудааст: ﴿أَلَا إِلَى اللَّهِ تَصِيرُ الْأُمُورُ﴾;[5] <<Огоҳ бошед ки ҳамаи корҳо ба Худованд боз мегарданд>> Ва фармудааст: ﴿وَإِلَى اللَّهِ تُرْجَعُ الْأُمُورُ﴾;[6] <<Ва ҳамаи корҳо ба Худованд бозгашт дода мешаванд>> Ва фармудааст: ﴿وَإِلَى اللَّهِ عَاقِبَةُ الْأُمُورِ﴾;[7] <<Ва ҳамаи корҳо ба Худованд

1. Мулк/ 1.
2. Ёсин/ 83.
3. Мӯъминун/ 88.
4. Қасос/ 68.
5. Шуро/ 53.
6. Оли Имрон/ 109.
7. Луқмон/ 22.

саранҷом меёбанд>> Ва фармудааст: ﴿وَلِلَّهِ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۖ وَإِلَى اللَّهِ الْمَصِيرُ﴾;[1] <<Ҳукумати осмонҳо ва замин барои Худованд аст ва ба Худованд бозгашт дода мешавад>>! Ин ба он маънost ки мабнои машрӯъият дар Ислом, изни Худованд аст ва ҳар коре ки ба изни Худованд боз намегардад, Исломӣ шумурда намешавад ва табъан ба ҷаннат ва мағфирати Ӯ намеанҷомад; Чунонки ба рӯшанӣ фармудааст: ﴿وَاللَّهُ يَدْعُو إِلَى الْجَنَّةِ وَالْمَغْفِرَةِ بِإِذْنِهِ﴾;[2] <<Ва Худованд ба ҷаннат ва мағфират даъват мекунад бо изни худ>>; Ба ин маъно ки изни худро василаи машрӯъият бахшидан ба корҳо ва табъан найл ва ризояти хеш аз тариқи анҷоми онҳо қарор медиҳад. Бо ин васф, ҳар коре ки аз назари уқало, ба изни ҳоким ниёз дорад, дар воқеъ ба изни Худованд ниёзманд аст; Чароки ҳоким бар ҳар чизе Ӯст.

Аз инҷо дониста мешавад ки ҳукумат дар Ислом, танҳо барои касе машрӯъият дорад ки Худованд ӯро ба ниёбат аз хеш барои он ихтиёр ва мансуб кардааст ва ин чизе ғариб ё тоза нест, бал суннате аз суннатҳои Ӯст ки дар умматҳои пешин низ ҷараён дошта ва то дунё боқӣ аст, ҷорӣ хоҳад буд; Чунонки фармудааст: ﴿سُنَّةَ اللَّهِ فِي الَّذِينَ خَلَوْا مِنْ قَبْلُ ۖ وَلَنْ تَجِدَ لِسُنَّةِ اللَّهِ تَبْدِيلًا﴾;[3] <<Суннати Худованд дар касоне ки пештар гузаштанд, ҳамин буд ва ҳаргиз барои суннати Худованд табдиле нахоҳӣ ёфт>>! Оре, ҳақ он аст ки лузуми интисоби ҳоким аз ҷониби Худованд ва муъаррифии ӯ тавассути Паёмбараш ё аз тариқи оятӣ баййина, аз возеҳот ва заруриёти ҳамаи адёни Илоҳи буда ва дар ҳеҷ уммате аз умматҳои гузашта, мавриди тардид ва ихтилоф набуда ва бо ин васф, танҳо дар ин уммат мавриди тардид ва ихтилоф қарор гирифтааст! Чунонки ба унвони мисол, банӣ Исроъил пас аз Мусо ﷺ билбидоҳа медонистанд ки барои ҷиҳод дар роҳи Худо бо ҳадафи иқомаи дин, ба ҳокиме аз ҷониби Худованд ниёз доранд ва ба ҳмин далил, аз Паёмбари хеш хостанд ки ҳокиме аз ҷониби Худовандро ба онон муъаррифӣ кунад то ба ҳамроҳи ӯ ҷиҳод кунанд ва Паёмбари онон низ хостаиононро пазируфт ва ба онон нагуфт ки барои ҷиҳод дар роҳи Худо ва иқомаи дин,

1. Нур/ 42.
2. Бақара/ 221.
3. Аҳзоб/ 62.

ниёзе ба ҳокиме аз ҷониби Худованд нест; Чунонки Худованд барои таълими мусалмонон, аз онон ёд карда ва фармудааст: ﴿أَلَمْ تَرَ إِلَى الْمَلَإِ مِنْ بَنِي إِسْرَائِيلَ مِنْ بَعْدِ مُوسَىٰ إِذْ قَالُوا لِنَبِيٍّ لَهُمُ ابْعَثْ لَنَا مَلِكًا نُقَاتِلْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ ۖ قَالَ هَلْ عَسَيْتُمْ إِنْ كُتِبَ عَلَيْكُمُ الْقِتَالُ أَلَّا تُقَاتِلُوا ۖ قَالُوا وَمَا لَنَا أَلَّا نُقَاتِلَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَقَدْ أُخْرِجْنَا مِنْ دِيَارِنَا وَأَبْنَائِنَا ۖ فَلَمَّا كُتِبَ عَلَيْهِمُ الْقِتَالُ تَوَلَّوْا إِلَّا قَلِيلًا مِنْهُمْ ۗ وَاللَّهُ عَلِيمٌ بِالظَّالِمِينَ﴾;[1] <<Оё гурӯҳе аз банӣ Исроъили пас аз Мусоро надидӣ ки ба Паёмбарашон гуфтанд: Барои мо ҳокимеро барангез то дар роҳи Худо ҷиҳод кунем! Гуфт: Оё эҳтимол намедиҳед ки ҳаргоҳ ҷиҳод бар шумо воҷиб шуд, ҷиҳод накунед?! Гуфтанд: Чаро бояд дар роҳи Худо ҷиҳод накунем дар ҳоле ки аз шаҳрҳо ва фарзандонамон берун шудаем?! Пас чун ҷиҳод бар онон воҷиб шуд ҷуз андаке аз онон рӯй гирифтанд ва Худованд ба ситамкорон доност>> Ва гузашт ки Худованд Толутро барои онон мансуб кард.

Бо ин васф, ғафлати асҳоби Паёмбар ﷺ аз ин мабнои возеҳ ва зарурӣ, аҷиб ба назар мерасад; Зеро ихтилофи онон дар бораи ҳукумат пас аз он Ҳазрат, мубтанӣ бар ин пешфарз буд ки ҳукумат барои онон аст ва табъан ҳақ доранд онро ба ҳар кас аз худ ки ихтиёр мекунанд, биспоранд; То ҷойе ки бинобар гузоришҳои мутавотир ва машҳур, бисёрӣ аз онон, дар маконӣ мавсум ба Сақифаи банӣ Соъида гирд омаданд ва ҳар гурӯҳе аз онон кӯшид ки ҳукуматро барои хеш ихтиёр кунад, то ҷойе ки наздик шуд бар сари он бо якдигар биҷанганд ва бархе бархӣ дигарро поюмол кунанд! Бо ин ҳол, асли низоъи онон дар бораи ин масъала буд ки оё ҳукумати Расули Худо ﷺ, дар байти он Ҳазрат бимонад ё аз он хориҷ шавад? Касоне ки дар низоъи худ ба пирузӣ расиданд гуфтанд ки ҳукумати он Ҳазрат, аз байти ӯ хориҷ шавад, бо ин истидлол ки Араб, ба иҷтимоъи набувват ва хилофат дар як байт, ризоят намедиҳад; Дар ҳоле ки мусалламан ризояти Араб ё аҷам, дар таъйини халифа дахле надошт ва таъйини ҳоким, чунонки рӯшан шуд, манут ба ризояти Худованд аст ва ризояти Ӯ, ногузир аз тариқи Паёмбараш эълом мешавад, чунонки дар мавриди Толут эълом шуд ва бо ин васф, бар онон воҷиб буд ки ба нусуси Паёмбараш руҷӯъ кунанд ва ҳар кас ки он Ҳазрат ба унвони ҳоким аз ҷониби Худованд муъаррифӣ кардаастро

1. Бақара/ 246.

ба ҳукумат бар хеш мутамаккин созанд; Вале онон, бо вуҷуди таъаллуке ки ба Ислом доштанд, ин корро накарданд; Чароки аз як сӯ, бо таваҷҷуҳ ба наздикияшон ба даврони ҷоҳилият, ҳанӯз ба бархӣ рақобатҳои қабилаӣ дар миёни худ дучор буданд ва аз сӯи дигар, бархӣ аз онон, ба далели адами ошноии комил бо салоҳиятҳои Паёмбар ﷺ, нусуси сиёсии он Ҳазратро бар хилофи сойири нусуси ӯ, илзомовар намедонистанд ва ба ҳамин далил, ҳатто дар замони он Ҳазрат, бо ин қабил нусуси ӯ, хусусан дар мавориде ки маътуф ба хонадонаш буд, муъориза мекарданд; Чунонки ба унвони намуна, бисёрӣ аз муҳаддисон монанди, Ибни Ҷаъд (д.230қ),[1] Ибни Ҳанбал (д.241қ),[2] Бухорӣ (д.256қ),[3] Муслим (д.261қ),[4] Абу Довуд (д.275қ),[5] Тирмизӣ (д.279қ),[6] ва дигарон,[7] ба итифоқ ривоят кардаанд ки вақте он Ҳазрат, шурӯъ ба сухан гуфтан дар бораи дувоздаҳ халифаи баъд аз худ кард, гурӯҳе аз асҳобаш дар баробари ӯ, садои худро боло бурданд ва ғавғо карданд, ба наҳве ки нагузоштанд татиммаи сухани ӯ дар ин бора, шунида шавад![8] Дар ҳоле ки Худованд ба рӯшанӣ ононро аз ин кор наҳй карда ва фармуда буд: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَرْفَعُوا أَصْوَاتَكُمْ فَوْقَ صَوْتِ النَّبِيِّ وَلَا تَجْهَرُوا لَهُ بِالْقَوْلِ كَجَهْرِ بَعْضِكُمْ لِبَعْضٍ أَنْ تَحْبَطَ أَعْمَالُكُمْ وَأَنْتُمْ لَا تَشْعُرُونَ﴾;[9] <<Эй касоне ки имон овардед! Садоҳои худро болои садоӣ Паёмбар наёваред ва барои ӯ бонг назанед он гуна ки барои якдигар бонг мезанед ки аъмолатон нобуд мешавад дар ҳоле ки дар намеёбед>>! Ҳамчунонки ба фаровонӣ ривоят шуда ва мавриди итифоқи мусалмонон аст ки дар панҷшанбеи

---

1. Муснади ибни Ҷаъд, с360.
2. Муснади Аҳмад, ҷ5, с93 ва 98.
3. Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ8, с127.
4. Саҳеҳул Муслим, ҷ6, с3 ва 4.
5. Сунани Абӣ Довуд, ҷ2, с302.
6. Сунани Тирмизӣ, ҷ3, с340.
7. Монанди: Ибни Абӣ Осим, Ал-Оҳод вал масонӣ, ҷ3, с127; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с617; Саҳиҳи ибни Ҳибон, ҷ15, с44.
8. Дар бархӣ ривоёт омадааст: «ثُمَّ تَكَلَّمَ بِكَلِمَةٍ لَمْ أَفْهَمْها وَ ضَجَّ النّاسُ»; <<Сипас он ҳазрат чизе фармуд ки нафаҳмидам; Чароки мардум заҷҷа заданд>> Ва дар бархӣ ривоёт омадааст: «ثُمَّ قالَ كَلِمَةً أَصَمَّنِيها النّاسُ»; <<Сипас он ҳазрат чизе фармуд ки мардум нагузоштанд бишнавам>> Ва дар бархӣ ривоёт омадааст: «فَكَبَّرَ النّاسُ وَ ضَجُّوا وَ قالَ كَلِمَةً خَفِيَّةً»; <<Дар он ҳангом, мардум такбир гуфтанд ва фарёд карданд ва он ҳазрат чизе фармуд ки пӯшида монд>> Ва дар бархӣ ривоёт омадааст: «فَارْتَفَعَتِ الأَصْواتُ»; <<Дар он ҳангом, садоҳо боло рафт>>!
9. Ҳуҷарот/ 2.

охири умри Паёмбар ﷺ, ҳангоме ки он Ҳазрат хост дар бораи баъд аз худ ба чизе васият кунад то мусалмонон ҳаргиз гумроҳ нашаванд ва бо якдигар ихтилоф накунанд, гурӯҳе аз асҳобаш монеъ шуданд ва садоҳои худро боло бурданд ва гуфтанд ки ӯ ҳазён мегӯяд ва бо вуҷуди Қуръон, ниёзе ба васияти он Ҳазрат нест![1] Дар ҳоле ки Худованд гуфтори он Ҳазратро дар ҳукми ваҳй дониста ва фармуда буд: ﴿وَمَا يَنْطِقُ عَنِ الْهَوَىٰ؛ إِنْ هُوَ إِلَّا وَحْيٌ يُوحَىٰ﴾;[2] <<Ӯ аз сари ҳаво сухане намегӯяд; Он чизе ҷуз ваҳйе ки мешавад нест>> Ва мусаллам аст ки Қуръон ононро аз суннати он Ҳазрат бениёз намекард.

Ба ҳар ҳол, ин гурӯҳ аз азҳоби Паёмбар ﷺ, бар он буданд ки таъйини ҳокимон баъд аз ӯ, ниёзе ба насси он Ҳазрат надорад ва агар нассе дар бораи он аз ӯ содир шавад, хусусан ҳаргоҳ ба суди хонадонаш бошад, лозимул иҷро нест ва бо ихтиёри онон дар таъйини ҳоким, мунофот надорад. Рӯшан аст ки ин пиндорӣ нодуруст буд; Чароки Худованд ба рӯшанӣ фармудааст: ﴿وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلَا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْرًا أَنْ يَكُونَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ ۗ وَمَنْ يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالًا مُبِينًا﴾;[3] <<Ва ҳеҷ марди мӯъмин ва ё зани мӯъминеро намерасад ки чун Худованд ва Паёмбараш фармонеро содир кунанд, барояшон ихтёре дар корашон бошад ва ҳар кас Худованд ва Паёмбарашро нофармонӣ кунад, ба гумроҳии ошкоре дучор шудааст>> Ва рӯшан аст ки ихтиёри Худованд ва Паёмбараш, мубтанӣ бар ҳикмат ва маслиҳат буда ва мубтанӣ бар таъассуб ва аҳвоъи нафсонӣ набудааст. Бо ин ҳол, пиндори он гурӯҳ, ба далили инки қудратро пас аз Паёмбар ﷺ ба даст гирифтанд, ба пиндори роиҷи мусалмонон хусусан дар наслҳои баъдӣ, табдил шуд; Чароки мусалмонон дар наслҳои баъдӣ, Паёмбар ﷺ ро дарк накарда буданд ва Исломро аз тариқи он гурӯҳ ва пайравонашон ки бар онон ҳукм меронданд, фаро гирифта буданд ва табъан

---

1. Барои огоҳи аз он зойеъи бузург ки ба таъбири Абдуллоҳ Ибни Аббос «الرزيّة كلّ الرزيّة» буд, нигоҳ кун ба: Абдурраззоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ5, с436 ва ҷ 6, с57 ва ҷ 10, с361; Муснади Аҳмад, ҷ1, с293, 324 ва 336; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ1, с37 ва ҷ 4, с31 ва ҷ 7, с9; Саҳеҳул Муслим, ҷ5, с76; Сунунул Нисой, ҷ3, с433 ва ҷ 4, с360; Саҳеҳи ибни Ҳиббон, ҷ14, с562 ва манобеъи фаровони дигар.
2. Наҷм/ 3 ва 4.
3. Аҳзоб/ 36.

чорае ҷуз хушбинӣ ва эътимоди комил ба онон, барои тасҳиҳи ақойид ва аъмоли динии худ, намеёфтанд.

Ин аст ки акнун бештари мусалмонон, бо инфиоли комил ва тақлиди кӯр кӯрона аз ҷараёни ғолиб баъд аз Расули Худо صلى الله عليه وآله وسلم, гумон мебарданд ки Худованд касеро аз ҷониби хеш барои ҳукуматаш ихтиёр накарда ва ононро дар ин бора ба худашон вониҳода, вале рӯшан аст ки ин сӯъи занн ба Ӯ ба сабаби ҳусни занн ба асҳоби Расули Худо صلى الله عليه وآله وسلم аст; Ба ин маъно ки инон ба сабаби ҳусни занни худ ба асҳоби он Ҳазрат, ба Худованд сӯъи занн ёфтаанд ва пиндоштаанд ки Ӯ суннати худро табдил карда ва ҳукумати худро вониҳода ва ин аз бадтарин гумонҳо дар бораи Ӯст; Чунонки худ дар бораи аҳли он фармудааст: ﴿الظَّانِّينَ بِاللَّهِ ظَنَّ السَّوْءِ ۚ عَلَيْهِمْ دَائِرَةُ السَّوْءِ ۖ وَغَضِبَ اللَّهُ عَلَيْهِمْ وَلَعَنَهُمْ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَهَنَّمَ ۖ وَسَاءَتْ مَصِيرًا﴾;[1] <<Гумонбарандагон ба Худованд гумони бадро бар онон чархаи баде аст ва Худованд бар онон хашм гирад ва ононро лаънат кунад ва ҷаҳаннамро барояшон фароҳам созад ки бад бозгаштгоҳе аст>> Ва фармудааст: ﴿وَذَٰلِكُمْ ظَنُّكُمُ الَّذِي ظَنَنْتُمْ بِرَبِّكُمْ أَرْدَاكُمْ فَأَصْبَحْتُمْ مِنَ الْخَاسِرِينَ﴾;[2] <<Ва ин занни шумо ки ба Парвардигоратон гумон бурдид, шуморо нагунсор кард, пас аз зиёнкорон шудид>> Ва фармудааст: ﴿يَظُنُّونَ بِاللَّهِ غَيْرَ الْحَقِّ ظَنَّ الْجَاهِلِيَّةِ ۖ﴾;[3] <<Ба Худованд гумонӣ нодуруст мебаранд гумонӣ ҷоҳилона>>! Ҳамчунонки гумони инон дар бораи Расули Худо صلى الله عليه وآله وسلم, аз бадтарин гумонҳо дар бораи он Ҳазрат аст; Зеро инон гумон мебаранд ки он Ҳазрат, бо онки наҳваи истинҷоъ аз пешоб ва пасобро ба онон таълим фармуд, дар ҳоле ононро тарк намуд ки заруритарин ниёзи онон яъне ниёзи ба ҳокиме аз ҷониби Худовандро бароварда насохт ва ононро дар маъарази ихтилофоти хунин дар бораи ҳукумат баъд аз хеш қарор дод! Дар ҳоле ки инсофан ҳеҷ ҳакиме, сиғори худро бидуни таъйини сарпараст барояшон тарк намекунад; Балки ҳеҷ чупоне, гӯсфандони худро дар саҳро вонамегузорад ки гургҳо онҳоро бидаранд ва ин аз корҳои уқалоӣ ва мутаъораф аст; То ҷойе ки тарккунандаи он дар назди уқало, ба сафоҳат

1. Фатҳ/ 6.
2. Фуссилат/ 23.
3. Оли Имрон/ 154.

ва деноъат мутаҳам мешавад. Бо ин васф, тардиде нест ки Худованд, ҳар чизе ки мусалмонон ба он ниёз доштаандро нозил карда; Чунонки фармудааст: ﴿وَنَزَّلْنَا عَلَيْكَ الْكِتَابَ تِبْيَانًا لِكُلِّ شَيْءٍ وَهُدًى وَرَحْمَةً وَبُشْرَىٰ لِلْمُسْلِمِينَ﴾;[1] <<Ва китоберо бар ту нозил кардем ки барои ҳар чизе рӯшан кунанда ва ҳидоят ва раҳмат ва башорате барои мусалмонон аст>> Ва Паёмбари Ӯ низ бидуни шак, ҳамаи онро бе ҳеҷ сустӣ ва кӯтоҳӣ, иблоғ намуда ва аз дурандешӣ ва хайрхоҳии лозим барои ин кор бархурдор будааст; Чунонки Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ﴾;[2] <<Бегумон шуморо Паёмбаре аз худатон омада ки ҳар чи бар шумо душвор меояд бар ӯ гарон аст ва бар шумо ҳирс меварзад ва ба мӯъминон раъфат ва раҳмат дорад>>! Рӯшан аст ки чунин Паёмбаре, пас аз як умр талош ва машаққат барои таълим ва тазкияи уммати хеш, онанро дар бораи чизе ки мавриди ибтило ва муқтазии ихтилофи онон аст, бехабар намегузорад ва бидуни боқӣ гузоштани зомине барои ҳидояти онон ва сиёнат аз дастовардхояш баъд аз ӯ, аз миёни онон намеравад ва ин ҳақиқате аст ки ривоёти мутавотир расида аз ӯ, ба он шаҳодат медиҳад.

Қадри мусаллам ин аст ки он Ҳазрат, бе ҳеҷ ибҳоме, чигунагии ҳукумат баъд аз худ ва таъаллуқ ё адами таъаллуқи он ба аҳли байташро табйин фармудааст; Чароки ин мавзӯъ, асл ва меҳвари ихтилофи асҳоби ӯ дар замони ҳаёташ ва баъд аз ӯ буд; Бо таваҷҷуҳ ба инки гурӯҳе аз асҳоби ӯ монанди Салмон, Абузар, Микдод, Аммор ва Зубайр, аҳли байти ӯро ба ҳукумат баъди ӯ аз дигарон сазовортар медонистанд ва гурӯҳӣ дигар аз асҳоби ӯ монанди Умар, Абубакр, Абу Убайда ва Солим, дар ин бора бо онон ҳамназар набуданд[3] ва ҳамин асл ва меҳвари ду дастагии мусалмонон аз он ҳангом то кунун будааст. Аз инҷо донista

1. Наҳл/ 89.
2. Тавба/ 128.
3. Барои ошноӣ бештар бо ин ду гурӯҳ, нигоҳ кун ба: Абдурраззоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ5, с439, 446, 447 ва 472; Ибни абӣ Шейбаҳ, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с615 Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ8, с25, 26 ва 27; Ибни Қутайбаҳ, Ал-Имомату вал сиёсаҳ, ҷ1, с16 то 20; Торихул Табарӣ, ҷ2, с443 ва 446; Торихул Яъқубӣ, ҷ2, с124; Ҷавҳарӣ, Аҳмад ибни Абдулазиз, Ал-Сақифа, с37 ба баъд, Ибни Абдулбир, Ал-Истеъоб, ҷ3, с974 ва 975; Ибни Асир, Ал-Комил фий торих, ҷ2, с325 ва 331; Абулфадоъ, Ал-Мухтасару фий ахборил башар, ҷ1, с156; Заҳабӣ, Тарихул Ислом, ҷ3, с5 ва 6.

мешавад ки васияти Расули Худо ﷺ табъан ва биличбор, маътуф ба ҳамин мавзӯъ ва дар ростои табйини он буда; Чароки вазифаи он Ҳазрат, пешгирӣ аз ихтилофи миёни мусалмонон ва эҷоди имкон барои ҳалли он будааст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا أَنْزَلْنَا عَلَيْكَ الْكِتَابَ إِلَّا لِتُبَيِّنَ لَهُمُ الَّذِي اخْتَلَفُوا فِيهِ ۙ وَهُدًى وَرَحْمَةً لِقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ﴾;[1] <<Ва китобро бар ту нозил накардем магар барои инки ҳар чи дар он ихтилоф кунандро бароящон табйин намоӣ ва ҳидоят ва раҳмате барои гурӯҳе бошад ки имон меоваранд>>! Бар ин асос, рӯшан аст ки он Ҳазрат, бар хилофи пиндори бадгумонон ба ӯ, ин вазифаи худро бо табйини чигунагии ҳукумат баъд аз худ ва таъаллуқ ё адами таъаллуқаш ба хонадонаш ки асл ва меҳвари ихтилофи умматаш буда, анҷом дода; Чунонки ба унвони намуна, пеш аз даргузашти худ, дар мавотин ва ба анҳоъи мухталиф фармудааст: «أيّها النّاسُ إنّي أُوشَكُ أنْ أُدْعى فأُجيبَ و إنّي مَسؤُولٌ و أنتُم مَسؤُولون فإنّي تارِكٌ فيكُمُ الثَّقلَينِ خليفتَيْنِ كتابَ اللّهِ و عِتْرَتي أهلَ بَيتي إنْ تَمَسَّكْتُم بهما لَن تَضِلُّوا بَعدِي فانْظُرُوا كَيفَ تَخْلُفُوني فيهما و إنّهما لَن يَفْتَرِقا حتّى يَرِدا عليَّ الحَوضَ نَبّأني بذلكَ اللّطيفُ الخبيرُ»; <<Эй мардум! Ман наздик шудааст ки фаро хонда шавам пас иҷобат кунам, дар ҳоле ки ман масуълам ва шумо низ масъул ҳастед; Пас ман дар миёни шумо ду гаронмояеро ба унвони халифа боқӣ мегузорам: Китоби Худо ва итратам ки аҳли байтам ҳастанд, ҳаргоҳ ба он ду тамассук ҷӯйед ҳаргиз пас аз ман гумроҳ нахоҳед шуд, пас бингаред ки пас аз ман бо он ду чи мекунед ва он ду ҳаргиз аз ҳам ҷудо намшаванд то он гоҳ ки назди ҳавз бар ман ворид шаванд, Борикбини огоҳ манро ба ин хабар додааст>>! Ин ҳадис бисёр муҳим ва бунёдин ки ба <<Ҳадиси сақалайн>> маъруф аст ва бар вуҷуби тамассук ба итрат ва аҳли байти он Ҳазрат дар канори Қуръон ва хилофат ва табъан ҳокимияти онон баъди он Ҳазрат аз ҷониби Худованд, далолат дорад, бо мазомини мушобе, тавассути беш аз си тан аз асҳоби он Ҳазрат, монанди Салмони Форсӣ[2], Абузари Ғиффорӣ[3], Абу Саъиди Худрӣ[4], Зайд ибни

1. Наҳл/ 64.
2. Ибни Уқда, Ал-Вилояҳ, с194.
3. Ибни Уқда, Ал-Вилояҳ, с193; Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с327.
4. Ибни Саъд, Ал-Табақотул кубро, ҷ2, с194; Муснади ибни Ҷаъд, с397; Муснади Аҳмад, ҷ3, с14, 17 ва 59; Ибни абӣ Осим, Китобул суннаҳ, с629; Муснади абӣ Яъло, ҷ2, с297.

Арқам[1], Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ[2], Ҳузайфа ибни Усайд[3], Зайд ибни Собит[4], Абдурраҳмон ибни Авф[5], Саъд ибни Абӣ Ваққос[6], Ҷубайр ибни Мутъим[7], Умми Салама[8], Абу Рофеъ[9], Абу Ҳурайра[10], Замура[11], Абдуллоҳ ибни Ҳантаб[12] ва дигарон,[13] барои даҳо тан аз тобиъон монанди Мусъаб ибни Абдурраҳмон (д.64к),[14] Муслим ибни Сабиҳ (д.100к),[15] Умар ибни Муслим (д.101к),[16] Омир ибни Восилаҳ (д.110к),[17] Атият ибни Саъд (д.111к),[18] Ҳабиб ибни абӣ Собит (д.119к),[19] Қосим ибни Ҳассон,[20] Ҳасин ибни Сабураҳ,[21] Язид ибни Ҳаён,[22] Алӣ ибни Рабияъ[23] ва дигарон, барои шумори фаровоне аз атбоъи тобиъон, барои аъозими мусалмонон ки дар миёни онон машоҳире чун Сулаймон ибни Меҳрон (д.148к), Заҳир ибни Ҳарб (д.234к), Абубакр ибни

1. Муснади Аҳмад, ҷ4, с366; Сунанул Дорамӣ, ҷ2, с431; Саҳеҳул Муслим, ҷ7, с122; Нисоӣ, Фазоилул саҳоба, с15; Ҳаму, Хасоъису амирул муъминин, с93; Саҳеҳ ибни Хузайма, ҷ4, с63.
2. Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с327; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ5, с89.
3. Ибни Мухаллад, Мо рувия фил ҳавзи вал кавсар, с88; Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с327; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ3, с67 ва 180; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ10, с363; Ибни Асокир, Ториху Мадинату Димишқ, ҷ42, с219.
4. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с418; Ал-Мунтахаб мин муснади абд ибни Ҳамид, с108; Ибни Мухаллад, Мо рувия фил ҳавзи вал кавсар, с137; Муснади Аҳмад, ҷ5, с182 ва 189; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ1, с170.
5. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусннаф, ҷ7, с498; Муснади абӣ Яъло, ҷ2, с165; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ2, с120; Ҳайсами, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ9, с163.
6. Торихул Яъқубӣ, ҷ2, с109 дар зимни ривояти Хутбатул Видоъ.
7. Ибни абӣ Осим, Китобул сунна, с613.
8. Ибни Уқда, Ал-Вилояҳ, с244.
9. Ҳамон, с224.
10. Ибни Уқда, Ал-Вилояҳ, с206; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ9, с163.
11. Ибни Уқда, Ал-Вилояҳ, с227.
12. Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ5, с195; Ибни Асийр, Усадул ғобаҳ, ҷ3, с147.
13. Нигоҳ кун ба: Ибни Уқда, Ал-Вилояҳ, с196 ва 197 ва 245.
14. Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мусталдрак, ҷ2, с120.
15. Ҳамон, ҷ3, с148.
16. Муснади Аҳмад, ҷ4, с366; Саҳеҳ Муслим, ҷ7, с122.
17. Нисоӣ, Фазоъилул саҳоба, с15; Ҳаму, Ал-Сунанул кубро, ҷ5, с45; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с109; Ибни Асокир, Торихул Мадинату Димишқ, ҷ42, с216. Албатта бархӣ ӯро аз саҳоба шумурдаанд (Нигоҳ кун ба: Ибни Саъд, Ал-Табақатул Кубро, ҷ6, с64).
18. Муснади Аҳмад, ҷ3, с14 ва 17.
19. Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с328.
20. Муснади Аҳмад, ҷ5, с181 ва 189.
21. Муснади Аҳмад, ҷ4, с366; Саҳеҳ Муслим, ҷ7, с122.
22. Муснади Аҳмад, ҷ5, с182; Сунанул Дорамӣ, ҷ2, с431, Нисоӣ, Фазоилул саҳоба, с22.
23. Табаронӣ, Ал-Мӯъҷаматул Кабир, ҷ5, с186.

абӣ Шайбаҳ (д.235қ), Исҳоқ ибни Роҳувей (д.238қ), Аҳмад ибни Ҳанбал (д.241қ), Сӯфиён ибни Вакиъ (д.247қ), Абдуллоҳ Дорамӣ (д.255қ)[1] ва низ соҳибони сиҳоҳи мӯътамид дар миёни мусалмонон, монанди Муслим (д.261қ), Тирмизӣ (д.279қ) ва Насоъӣ (д.303қ), дида мешаванд, ривоят шудааст ва бисёрӣ аз аъиммаи ҳадис монанди Табарӣ (д.310қ), Маҳомилӣ (д.330қ), Ҳоким (д.405қ), Заҳабӣ (д.748қ), Ибни Касир (д.774қ), Ҳейсамӣ, (д.807қ), Суютӣ (д.911қ), Мановӣ (д.1031қ) ва муъосироне монанди Албонӣ (д.1420қ)[2], ба сиҳҳати он тасриҳ кардаанд, балки аз бархишон иҷмоъ бар сиҳҳати он нақл шуда[3] ва бо ин авсоф, сиҳҳати он аз яқиниёт аст; Зеро аз як сӯ дар мувофиқати комил бо ҳукми ақл ба зарурати насби ҳокимоне аз ҷониби Худованд ва муъаллимоне барои кулли Ислом пас аз Паёмбар ﷺ аст, дар ҳоле ки ҷойгузине барои он аз он Ҳазрат ривоят нашуда ва дар сурати адами сиҳҳати он, адами насб ва интифоъи ҳукумати Худованд лозим меояд ки муҳол аст ва аз сӯи дигар, ровиёни он дар ҳар табақа ба теъдоде ҳастанд ки табонии онон бар кизб муҳол аст ва ин далолатӣ ақлӣ бар судури он аз Паёмбар ﷺ дорад. Бо ин васф, моро бо касоне ки дар судури он аз Паёмбар ﷺ тардид мекунанд, муҷодилае нест; Зеро бештари онон аз касоне ҳастанд ки ба ҳуҷҷати ақл эътиқоде надоранд ва муҷодила бо чунин касоне, монанди муҷодила бо баҳоъим аст! Ҳамчунонки муҷодилаи онон дар бораи маънои он, бо вуҷуди вазоҳаташ, муҷодила дар бораи оёти Худованд баъд аз рӯшаноии он аст ки куфр шумурда мешавад ва Худованд дар бораи аҳлаш фармудааст: ﴿وَيُجَادِلُ الَّذِينَ كَفَرُوا بِالْبَاطِلِ لِيُدْحِضُوا بِهِ الْحَقَّ ۖ وَاتَّخَذُوا آيَاتِي وَمَا أُنْذِرُوا هُزُوًا﴾;[4] <<Ва касоне ки куфр варзиданд ба ботил муҷодила мекунанд то бо он ҳаққро поюмол созанд ва оёти Ман ва чизе ки бим дода шудандро ба сухра гирифтанд>> Ва фармудааст: ﴿يُجَادِلُونَكَ فِي الْحَقِّ

1. Нигоҳ кун ба: Арбоби манобеъӣ мазкур дар боло ва шуюхашон.
2. Албонӣ, саҳеҳ сунанул Тирмизӣ, ҷ3, с543 ва 544; Ҳаму, Зилолул ҷаннат фий тахриҷи сунна, с337.
3. Барои огоҳии бештар дар ин бора, руҷӯъ кун ба: Вашнавӣ, Ҳадисул сақалайн, шарҳи Муҳаммад Воиззодаи Хуросонӣ, Ал-Мӯъҷамул олами литтақриби байнал мазоҳибул Исломия.
4. Каҳф/ 56.

﴿بَعْدَمَا تَبَيَّنَ كَأَنَّمَا يُسَاقُونَ إِلَى الْمَوْتِ وَهُمْ يَنْظُرُونَ﴾;[1] <<Бо ту дар борои ҳақ пас аз онки рӯшан шуд муҷодила мекунанд, чунонки гӯйи ба сӯи марг кашонида мешаванд дар ҳоле ки тамошо мекунанд!>> Ва фармудааст: ﴿وَيَعْلَمَ الَّذِينَ يُجَادِلُونَ فِي آيَاتِنَا مَا لَهُمْ مِنْ مَحِيصٍ﴾;[2] <<Ва касоне ки дар бораи оёти Мо муҷодила мекунанд бидонанд ки ононро гурезе нест>>! Ба илова, рӯшан аст ки тардиди онон дар ин нас, аз таъассуботи мазҳабӣ ва аҳвоъи нафсонии онон нашъат гирифтааст, на аз ишколӣ воқеъӣ дар санад ё матни он; Зеро возеҳ аст ки санади ин нас, мутавотир ва матни он, маъқул ва мувофиқ бо нусуси қатъии Худованд аст; Бал ба рӯшани аз нусуси қатъии Худованд дар бораи аҳли байти Паёмбар ﷺ лозим меояд ки корро осон ва суханро кӯтоҳ мекунад; Зеро Худованд дар китоби худ, ба рӯшанӣ аҳли байти он Ҳазратро ёд карда ва аз иродаи худ барои татҳири онон аз ҳар гуна нопокӣ ки лозимаи васотати онон дар таълими айн ва кулли Ислом аст, парда бардошта ва фармудааст: ﴿إِنَّمَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنْكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيرًا﴾;[3] <<Ҷуз ин нест ки Худованд ирода дорад то ҳар нопокиро аз шумо аҳли байт бизудояд ва шуморо комилан пок гардонад>>! Рӯшан аст ки васияти Паёмбар ﷺ ба пайравӣ аз онон дар канори Қуръон, аз малзумоти ҳамин татҳири Илоҳӣ аст; Зеро пайравӣ аз касоне ки Худованд ононро покиза накарда ва аз покизагии онон хабар надода, мумкин аст ба олудагӣ ва нақзи пайравӣ аз Худованд бианҷомад ва бо ин васф, васият ба он, маъқул нест; Дар ҳоле ки васият ба пайравӣ аз касоне ки Худованд ононро покиза карда ва аз покизагии онон хабар дода, ба ғоят санҷида ва судманд аст; Бал маъқул нест ки ба пайравӣ аз чунин касоне, дар сурате ки вуҷуд дошта бошанд, васият нашавад. Ҳамчунонки Худованд, маваддати ононро дар Ислом воҷиб сохта ва ба рӯшанӣ фармудааст: ﴿قُلْ لَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا إِلَّا الْمَوَدَّةَ فِي الْقُرْبَىٰ ۗ وَمَنْ يَقْتَرِفْ حَسَنَةً نَزِدْ لَهُ فِيهَا حُسْنًا ۚ إِنَّ اللَّهَ غَفُورٌ شَكُورٌ﴾;[4] <<Бигӯ ман аз шумо музде наметалабам магар маваддат ба наздиконамро ва ҳар кас

1. Анфол/ 6.
2. Шуро/ 35.
3. Аҳзоб/ 33.
4. Шуро/ 23.

кори хубе пеш гирад, барои ӯ дар он хубӣ меафзойем; Ҳароина Худованд омурзандаи сипосгузор аст>>![1] Ин дар ҳоле аст ки мусалламан вуҷуби маваддати онон, ки мавриди иҷмоъи мусалмонон аст, ношӣ аз таҳорати онон аз ҳар нопокӣ аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки Худованд аз маваддати душманони худ ва душманони мусалмонон боздошта ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَّخِذُوا عَدُوِّي وَعَدُوَّكُمْ أَوْلِيَاءَ تُلْقُونَ إِلَيْهِمْ بِالْمَوَدَّةِ﴾;[2] <<Эй касоне ки имон овардид! Душмани Ман ва душмани худро сарпарастоне нагиред ки ба онон маваддат варзид>> Ва аз ҳар гуна гароиш ба золимон боз дошта ва фармудааст: ﴿وَلَا تَرْكَنُوا إِلَى الَّذِينَ ظَلَمُوا فَتَمَسَّكُمُ النَّارُ وَمَا لَكُمْ مِنْ دُونِ اللَّهِ مِنْ أَوْلِيَاءَ ثُمَّ لَا تُنْصَرُونَ﴾;[3] <<Ва ба сӯи касоне ки зулм карданд нагаройед ки шуморо оташ мегирад ва барои шумо сарпарастоне ҷуз Худованд нест, он гоҳ ёрӣ нахоҳед шуд>>! Аз инҷо дониста мешавад ки душмании аҳли байти Паёмбар ﷺ бо Худованд ва мусалмонон ва низ судури зулм аз онон, мумкин нест; Зеро иродаи Худованд тахаллуф намепазирад; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّمَا أَمْرُهُ إِذَا أَرَادَ شَيْئًا أَنْ يَقُولَ

---

1. Ин зоҳиртарин ва муносибтарин маънои оя аст ки аз худи аҳли байт ва касоне чун Саъид ибни Ҷубайр, Амр ибни Шуъайб, Қатода ва Судди нақл шудааст (Нигоҳ кун ба: Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ25, с33 ва 34; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ2, с444 ва ҷ3, с172; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ2, с336 ва ҷ6, с49; Ҳаму, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ3, с47 ва ҷ11, с351; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ7, с103; Саълабӣ, Ал-Кашфу вал баён, ҷ8, с37 ва 310; Замахшарӣ, Ал-Кашоф, ҷ3, с467; Ибни Арабӣ, Аҳкомул Қуръон, ҷ3, с190; Фахруддини Розӣ, Атавсирул кабир, ҷ27, с166); Чунонки бисёрӣ аз муфассирони мусалмон, онро қавли роҷеҳ ва мутабодир аз оя донистаанд (ба унвони намуна, нигоҳ кун ба: Айнӣ, Умдатул Қорӣ, ҷ16, с71 ва ҷ19, с157 ки гуфтааст: «كما يتبادر الذهن إلى قول سعيد بن جبير» ва Саълобӣ, Ал-Кашву вал баён, ҷ8, с310 ки гуфтааст: «و هذا التأويل أشبه بظاهر الآية و التنزيل» )! Қавли дигар он аст ки ҳар чанд мурод аз <<Қурбо>> наздикони Паёмбар ﷺ аст, вале шомили ҳамаи Қурайш мешавад ва ихтисосе ба аҳли байти он ҳазрат надорад ва зимнан метавонад ба маънои лузуми маваддати Паёмбар ﷺ бар Қурайш ба сабаби хешовандияш бо онон сарфи назар аз сидқи муддаъояш бошад, дар ҳоле ки ин қавлӣ бисёр заъиф ва ғайри қобили илтизом аст; Чароки мавадати ҳамаи Қурайш бо таваҷҷуҳ ба вуҷуди аҳли куфр ва нифоқ ва зулм дар миёни онон наметавонистааст воҷиб бошад; Ҳамчунонки маваддати Паёмбар ﷺ танҳо ба сабаби хешовандияш бо Қурайш ва қатъи назар аз сидқи муддаъояш, наметавонистааст мавриди таваққуъ ва мутолибаи он Ҳазрат бошад; Зеро чунин маваддате, асабияти ҷоҳили аст ва бо ҳукми ақл ва китоби Худованд мунофот дорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿لَا تَجِدُ قَوْمًا يُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ يُوَادُّونَ مَنْ حَادَّ اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَلَوْ كَانُوا آبَاءَهُمْ أَوْ أَبْنَاءَهُمْ أَوْ إِخْوَانَهُمْ أَوْ عَشِيرَتَهُمْ﴾; (Муҷодила/ 22); <<Гурӯҳе ки ба Худованд ва рӯзи вопасин имон дорандро намеёбӣ ки ба касе ки бо Худо ва Паёмбараш душманӣ меварзад маваддат варзанд агар чи падаронашон ё писаронашон ё бародаронашон ё хешовандонашон бошанд>>!

2. Мумтаҳина/ 1.

3. Ҳуд/ 113.

﴿لَهُ كُن فَيَكُونُ﴾;[1] <<Кори Ӯ ҷуз ин нест ки чун чизеро ирода кунад танҳо ба он бигӯяд бош пас мебошад>> Ва рӯшан аст ки вуҷуби мавaддати онон, бо имкони хуруҷи онон аз аҳлияти мавaддат мунофот дорад. Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки Худованд Паёмбари худро ба таълими онон пеш аз дигарон ё беш аз онҳо, амр карда ва фармудааст: ﴿وَأَنْذِرْ عَشِيرَتَكَ الْأَقْرَبِينَ﴾;[2] <<Ва хешовандони наздиктаратро бим бидеҳ>> Ва фармудааст: ﴿وَأْمُرْ أَهْلَكَ بِالصَّلَاةِ وَاصْطَبِرْ عَلَيْهَا﴾;[3] <<Ва аҳлатро ба намоз фармон деҳ ва бар он шакибоӣ кун>>; Ҳамчунонки бар ҳар мусалмоне, боздоштани аҳли байташ аз оташро монанди боздоштани худ, воҷиб карда ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا قُوا أَنْفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا﴾;[4] <<Эй касоне ки имон овардид! Худатон ва аҳлатонро аз оташ боз дорид>> Ва рӯшан аст ки Паёмбар ﷺ аз ин ҳукм мустасно набуда ва табъан онро имтисол карда ва аҳли байти худро монанди худ аз оташ ва табъан муҷиботи он боз доштааст.

Ин ба он маъност ки аҳли байти он Ҳазрат, бар пояи Қуръон, суннати қатъӣ ва ҳукми ақл, ба айн ва кулли Ислом олим ва омиланд; Чароки пиростагӣ аз ҳар гуна нопокӣ, ба маънои пиростагӣ аз ҳар ақида ва амали хилофи Ислом аст ва рӯшан аст ки пиростагӣ аз ҳар ақида ва амали хилофи Ислом, бидуни илм ба айн ва кулли Ислом мумкин нест. Аз инҷо донистa мешавад ки аҳли байти Паёмбар ﷺ сазовортарини мусалмонон ба ҳукумат бар онон ҳастанд; Чароки чунин пиростагӣ ва илме, барои касе ҷуз онон иддаъо нашуда ва ба исбот нарасидааст ва тардиде нест ки ҳар кас пиростатар ва олимтар аст, ба ҳукумат бар дигарон сазовортар аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَفَمَنْ يَهْدِي إِلَى الْحَقِّ أَحَقُّ أَنْ يُتَّبَعَ أَمَّنْ لَا يَهِدِّي إِلَّا أَنْ يُهْدَىٰ فَمَا لَكُمْ كَيْفَ تَحْكُمُونَ﴾;[5] <<Оё касе ки ба ҳақ роҳ менамояд сазовортар аст ки пайравӣ шавад ё касе ки роҳ наменамояд магар онки роҳнамоӣ шавад! Шуморо чи мешавад чигуна ҳукм мекунед?!>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ هَلْ يَسْتَوِي

1. Ёсин/ 82.
2. Шуъароъ/ 214.
3. Тоҳо/ 132.
4. Таҳрим/ 6.
5. Юнус/ 35.

﴿الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ۗ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾;[1] <<Бигу оё касоне ки илм доранд ва касоне ки илм надоранд, баробаранд?! Бегумон танҳо хирадмандон дар меёбанд>>!

Оре инсоф он аст ки баргузидагии хонадони Паёмбар ﷺ барои хилофати Худованд дар замин ва таълими мусалмонон, аз возеҳтарин мабонии Ислом аст ва ба ҳеҷ рӯе чизи ғариб ё ҷадиде нест; Чароки банои Худованд ҳамвора бар гузиниши хонадони Паёмбаронаш ва фарзандони онон буда ва ин ба манзалаи суннати Ӯ дар умматҳои гузашта аст; Чунонки аз он хабар дода ва фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَىٰ آدَمَ وَنُوحًا وَآلَ إِبْرَاهِيمَ وَآلَ عِمْرَانَ عَلَى الْعَالَمِينَ؛ ذُرِّيَّةً بَعْضُهَا مِنْ بَعْضٍ ۗ وَاللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾;[2] <<Ҳароина Худованд Одам ва Нуҳ ва хонадони Иброҳим ва хонадони Имронро бар ҷаҳониён баргузидааст; Фарзандоне ки бархе аз бархӣ дигаранд ва Худованд шунавой доност>>! Бо ин васф, рақобати мардум бо хонадони Паёмбарон ва фарзандони онон, дар ҳеҷ уммате ҷойиз набуда ва танҳо дар ин уммат буда ки ҷойиз шумурда шуда ва ин аз аҷибтарин бидъатҳо аст; Зеро рақобати мусалмонон бо касоне ки Худованд ононро баргузида ва бартари дода ва воситае дар таълим ва татбиқи Ислом сохта, бемаъност ва ҳасодат ба онон чизе ҷуз ҳамоқат нест; Чунонки Худованд дар ин бора фармудааст: ﴿أَمْ يَحْسُدُونَ النَّاسَ عَلَىٰ مَا آتَاهُمُ اللَّهُ مِنْ فَضْلِهِ ۖ فَقَدْ آتَيْنَا آلَ إِبْرَاهِيمَ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَآتَيْنَاهُمْ مُلْكًا عَظِيمًا﴾;[3] <<Ё ба ин мардум бар чизе ки Худованд аз фазли худ ба онон додааст, ҳасад меварзанд! Чи онки Мо ба оли Иброҳим китоб ва ҳикмат додаем ва ононро ҳукуматӣ бузург бахшидем>>! Рӯшан аст ки тафаззули Худованд бар оли анбиё, як қоъидаи ом ва собит аст; Ҳамчунонки ба унвони намуна, илова бар оли Иброҳим ки бо унвони <<Аҳли байт>>, раҳмат ва баркоти худро бар онон қарор дода ва фармудааст: ﴿رَحْمَتُ اللَّهِ وَبَرَكَاتُهُ عَلَيْكُمْ أَهْلَ الْبَيْتِ ۚ إِنَّهُ حَمِيدٌ مَجِيدٌ﴾;[4] <<Раҳмати Худо ва баркоти Ӯ бар шумо аҳли байт бод; Чароки Ӯ сутудаи бузургвор аст>>, аз тафаззули худ бар оли Яъқуб, оли Лут, оли Имрон, оли Мусо, оли Ҳорун ва оли Довуд, ёд карда

1. Зумар/ 9.
2. Оли Имрон/ 33 ва 34.
3. Нисоъ/ 54.
4. Ҳуд/ 73.

ва бо ин васф, тафаззули Ӯ бар оли Муҳаммад ки беҳтарини анбиёъи Ӯст, табиъӣ балки авло аст; Ҷудои аз он ки оли Муҳаммад, дар асл ҷузъӣ аз оли Иброҳим ҳастанд ва Худованд аз бақоъи ҳукумати худ дар онон ба унвони аъқоб ва зурияи поки он Ҳазрат, хабар дода ва фармудааст: ﴿وَجَعَلَهَا كَلِمَةً بَاقِيَةً فِي عَقِبِهِ لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ﴾;[1] <<Ва онро калимаи мондагор дар миёни фарзандонаш қарор дод, бошад ки онон руҷӯъ кунанд>> Ва фармудааст: ﴿وَجَعَلْنَا فِي ذُرِّيَّتِهِ النُّبُوَّةَ وَالْكِتَابَ﴾;[2] <<Ва набувват ва китобро дар зурияи ӯ қарор додим>> Ва фармудааст: ﴿وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ ۖ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا ۖ قَالَ وَمِنْ ذُرِّيَّتِي ۖ قَالَ لَا يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ﴾;[3] <<Ва ҳангоме ки Иброҳимро Парвардигораш бо калимоте озмуд, пас чун онҳоро комил кард, фармуд: Ман туро барои мардум имом қарор медиҳам! Гуфт: Ва аз фарзандонам?! Фармуд: Аҳди Ман ба золимон намерасад>>, ба ин маъно ки ба поконашон мерасад ва рӯшан аст ки аҳли байти Муҳаммад ﷺ танҳо касоне аз фарзандони мавҷуди Иброҳиманд ки Худованд аз покии онон хабар додааст.

Бо ин васф, рӯшан аст ки даъват ба сӯи ҳокимияти онон, даъват ба сӯи ҳеҷ мазҳабе шумурда намешавад, бал даъват ба сӯи Исломӣ асил ва комил аст ки аз иқтизоъоти қатъии ақлӣ ва шаръӣ бархоста ва танҳо тариқи таҳаққуқи ҳокимияти Худованд бар ҷаҳон аст. Ҳамчунонки ман ба таври ҳатм, як шиъа ё суннӣ ба маънои мусталаҳ нестам, вале намунае аз як мусалмони ҳақгароям ки ба сӯи Ислом даъват мекунам ва дар ин замина ба Иброҳим ؑ иқтидо меварзам ки Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿مَا كَانَ إِبْرَاهِيمُ يَهُودِيًّا وَلَا نَصْرَانِيًّا وَلَٰكِنْ كَانَ حَنِيفًا مُسْلِمًا وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ﴾;[4] <<Иброҳим на яҳудӣ ва на масеҳӣ буд, вале ҳақгарой мусалмон буд ва аз мушрикон набуд>>! Ин дар ҳоле аст ки касоне аз мусалмонон дар сарзаминҳои Исломӣ монанди Ироқ, Сурия, Афғонистон ва Эрон, ба сӯи ҳокимияти худ даъват мекунанд ва рӯёъи хилофати Исломиро дар сар мепарваронанд! Бе гумон онон дар залолатӣ ошкоранд; Зеро чунонки рӯшан

1. Зухруф/ 28.
2. Анкабуд/ 27.
3. Бақара/ 124.
4. Оли Имрон/ 67.

шуд, ҳокимият барои Худованд аст ва ҳокимияти онон, агарчи бо ҳусни ният бошад, хилофати Исломӣ шумурда намешавад; Бо таваҷҷуҳ ба инки Худованд ононро аз ҷониби худ мансуб накарда ва мусалмононро ба пайравӣ аз онон фармон надодааст ва онон худ ба ин воқеъият, воқиф ва мӯътарифанд. Бо ин васф, тасарруфоти онон дар замин ва марзбандиҳое ки дар он мекунанд, удвонӣ аст; Чароки замин барои Худованд аст ва онро ба ҳар кас аз бандагонаш ки бихоҳад арзонӣ медорад; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ الْأَرْضَ لِلَّهِ يُورِثُهَا مَنْ يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ ۖ وَالْعَاقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ﴾;[1] <<Ҳароина замин барои Худованд аст, онро ба ҳар кас аз бандагонаш ки бихоҳад мерос медиҳад ва оқибат барои парҳезкорон аст>>; Ҳамчунонки дороиҳои умумӣ барои Худо ва гумоштаи Ӯст ва касе ҳаққи ҳаёзати онҳо бидуни изнашонро надоранд ва табъан барои онон ҷойиз аст ки онҳоро аз таҳти ҳаёзати дигарон хориҷ кунанд; Чунонки ба рӯшанӣ фармудааст: ﴿يَسْأَلُونَكَ عَنِ الْأَنْفَالِ ۖ قُلِ الْأَنْفَالُ لِلَّهِ وَالرَّسُولِ﴾;[2] <<Аз ту дарборайи нафлҳо мепурсанд, бигу нафлҳо барои Худо ва Паёмбар аст>> Ва фармудааст: ﴿وَلَٰكِنَّ اللَّهَ يُسَلِّطُ رُسُلَهُ عَلَىٰ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾;[3] <<Ва аммо Худованд Паёмбаронашро бар ҳар кас ки бихоҳад мусаллат мекунад ва Худованд бар ҳар чизе тавоност>>!

Аз инҷо дониста мешавад ки ҳеҷ як аз ҷунбишҳо ва ҳукуматҳои феълӣ дар ҷаҳони Ислом, машруъият надорад ва танҳо роҳи мусалмонон барои бозгашт ба Ислом, рӯй гирифтан аз онҳо ва заминасозӣ барои ҷунбиш ва ҳукумати касе аз аҳли байти Паёмбар аст ки Худованд ӯро аз ҷониби хеш мансуб карда ва ба пайравиаш фармон дода ва ин коре аст ки бо шинохти ӯ ҳосил мешавад ва шинохти ӯ, чунонки ба хости Худованд хоҳем гуфт, мумкин аст.

## 2. Ҳокимияти ғайри Худованд

Дуввумин сабаби адами иқомаи Ислом пас аз Расули Худо ﷺ, таҳаққуқ наёфтани ҳокимияти Худованд пас аз он Ҳазрат буд;

1. Аъроф/ 128.
2. Анфол/ 1.
3. Ҳашр/ 6.

Зеро рақобати асҳоби он Ҳазрат пас аз ӯ, қатъи назар аз онки бо чи ангезаҳое ҳамроҳ буд, ба пирӯзии ҷараёни мухолиф бо хонадони он Ҳазрат, мунтаҳӣ шуд ва низоми сиёсиро рӯӣ кор овард ки сирфи эътиқоди ҳоким ба Исломро барои таҳққуқи ҳукумати Исломӣ, кофӣ медонист ва ба лузуми интисоби ӯ аз ҷониби Худованд ба унвони халифаи Ӯ дар замин, бовар надошт. Ҳар чанд ин ҷиҳатгирии нодуруст дар даҳаҳои оғозини Исломӣ, ба далили таъаҳҳуди нисбии ҳокимони нахустин ба Ислом, осори мухарраб ва ҳувлноки худро ошкор накард, ба зудӣ бо даргузашти онон ва рӯӣ кор омадани гурӯҳӣ дигар ки ҳеҷ таъаҳуде ба Ислом надоштанд, нодурустии худро ба исбот расонд; Зеро ин гурӯҳ ки собиқаи бештарини душманӣ бо Ислом ва камтари баҳрагирӣ аз таълими он дар замони Расули Худо ﷺ ро доштанд, ба пуштибонии ҳимояти мардумоне тозамусалмон аз сарзаминҳоӣ фатҳшуда ки табъан шинохте аз Ислом надоштанд, рақибони худ аз муҳоҷирон ва ансорро канор заданд ва ҳукумат бар мусалмононро ба даст гирифтанд ва ончи пештар ба сабаби бархӣ мушобиҳатҳои зоҳириаш бо ҳукумати Паёмбар ﷺ, <<Хилофат>> номида мешудро ошкоро ба мулукияти Касро ва Қайсар табдил намуданд. Ба илова, онон бо тарвиҷи рӯйкардҳоӣ ғайри Исломӣ монанди ақлгурезӣ, хабармеҳварӣ, ҷабргароӣ, аҳлибайтситезӣ ва зулмпазирӣ дар миёни мусулмонон ки бо иқбол ва ҳимояти аҳли ҳадис дар қарни дуввум ва севвум мувоҷаҳ шуд, ошкоро фарҳанги Умавиро ҷойгузини фарҳанги Исломӣ сохтанд ва шинохти Ислому асил ва комилро барои наслҳои баъдии мусалмонон, ба ғоят душвор намуданд.

Бегумон ҳукумати фарзандони Умая дар ҳасостарин бурҳаи торихи мусалмонон ки ҳар итифоқе дар он метавонист ба улгуе барои онон табдил шавад, Исломро ба рӯзгори ғурбати худ дар нахустин рӯзҳои беъсати Расули Худо ﷺ бозгардонд, балки моҳияти онро ба куллӣ тағйир дод ва қироъате аз онро ҳоким сохт ки чизе ҷуз бадбахтӣ ва бечорагӣ барои мусалмонон, ба армағон наёварда ва табаъоти вайронгараш, монанди захме бар пайкари мусалмонон, то ба имрӯз боқӣ аст; Балки ҳарчи

мегузарад, жарфтар ва густардатар мешавад; То ҷойе ки гоҳе ҷуброни он, ғайри мумкин ё ба ғоят баъид ба назар мерасад; Чароки агар дар даҳаҳои нахустини Исломӣ, ин мусибати узмо, дар қолиби ҳукуматӣ воҳид таҷаллӣ ёфта буд, дерест дар қолиби даҳо ҳукумат таҷаллӣ ёфта ки ҳар як ба навбаи худ, мусибати узмое аст!

Пас аз банӣ Умая, Аббосиён роҳи ононро идома доданд ва ба сурати мушахас аз замони Мутавакил (д.247қ), муборизаи ҳамаҷонибаеро бар зидди усул ва муқаввимоти Ислом ба роҳ андохтанд ва аз як сӯ бо ҳимояти мутақобил аз муҳаддисони мунфаъил ва қатлу ҳабси олимони мустақил ва аз сӯӣ дигар бо доман задан ба ихтилофоти каломӣ ва фиқҳӣ миёни онон, заминаи шаклгирии мазоҳиб дар миёни мусалмононро фароҳам сохтанд ва ақойиду аъмоли мавриди писанди худро бо унвони ақойид ва аъмоли аҳли суннат ва ҷамоъат, ба онон таҳмил намуданд. Пас аз Аббосиён, Усмониён роҳи ононро идома доданд, то онки ба дунболи шикасти онон дар ҷанги ҷаҳони якум, ҳукумати мутамаркизи мусалмонон ки то он гоҳ <<Хилофат>> номида мешуд, аз ҳам пошид ва ба ҳукуматҳои мутаддид ва мутахосиме табдил шуд.

Дар ин миён аммо муҳимтарин унсур аз аносури фарҳанги Умавӣ ва Аббосӣ ки дар тазодди ошкор бо фарҳанги Исломӣ аст ва бо ин васф, дар асари таблиғоти Умавиён ва Аббосиён, ба боварӣ шойеъ дар миёни мусалмонон табдил шуда, таҳаккуқи ҳукумати Исломӣ бидуни нассе аз ҷониби Худованд аст; Чароки бештари мусалмонон, бо тақлиди кӯр кӯрона аз Умавиён ва ҷараёне ки пас аз Расули Худо ﷺ қудратро ба даст гирифт, инъиқоди ҳукумати Исломиро мубтанӣ бар нассӣ Худованд надонистанд, балки танҳо мубтанӣ бар байъати аҳли ҳаллу акд ё васияти ҳокими пешин ё тақаллуб бар дигарон пиндоштаанд;[1] Ба ин маъно ки

1. Нигоҳ кун ба: Нававӣ, Ал-Маҷмӯъ, ҷ19, с192; Ҳаму, Равзатул толибин, ҷ7, с263; Шарбинӣ, Муғниул муҳтоҷ, ҷ4, с130; Ибни Обидин, Ҳошия раддул Муҳтор, ҷ1, с591; Ҳошиятул Дасуқӣ, ҷ4, с298; Ибни Наҷим, Ал-Баҳрул роъиқ, ҷ6, с462; Баҳутӣ, Кашшофул ғиноъ, ҷ6, с202; Тафтозонӣ, Шаҳрул мақосид, ҷ2, с272; Ибни Ҳаҷар Ҳейтамӣ, Ал-Савоъиқул муҳриқа, с8 ва манобеъи фаровони дигар.

ҳаргоҳ як ё чанд нафар аз мусалмонони соҳибназар, бо касе ба унвони ҳоким бар мусалмонон байъат кунанд, чунонки масалан дар Сақифа бо Абубакр байъат карданд, ё касе тавассути ҳокими қабл аз худ ба унвони ҳоким бар мусалмонон таъйин шавад, чунонеки масалан Умар тавассути Абубакр таъйин шуд, ё касе аз тариқи қаҳр ва ғалаба, рақибони худро канор бизанад ва ҳукумат бар мусалмононро тасоҳуб кунад, чунонки масалан Маъмуни Аббосӣ (д.218қ) бо куштани бародараш ба қудрат расид, байъати бо ӯ бар ҳамаи мусалмонон воҷиб мешавад! Комилан возеҳ ва мусаллам аст ки маншаъи ин ақида, китоби Худо ва суннати Паёмбар ﷺ набудааст ва дар ин бора миёни мусалмонон ихтилофе нест; Зеро онон мепиндоранд ки Худо ва Паёмбараш, дар борои ҳукумат бар мусалмонон чизе нафармудаанд ва ононро дар саргардонӣ ва ихтилоф дар бораи он раҳо кардаанд ва бар ин асос касе аз онон низ, муддаъии истинботи ин ақида аз Қуръон ё суннат надоштааст; Бал онон билиттифоқ иқрор доранд ки маншаъи ин ақида, афъоли шуморе аз саҳобаи Паёмбар ﷺ ва ҳокимони Умавӣ ва Аббосӣ буда ва ин дар ҳоле аст ки ҳамаи онон медонанд ки афъоли инон, хусусан онҷо ки бо ихтилофи шуморӣ дигар аз амсолашон ҳамроҳ будааст, ҳуҷҷат нест! Бо ин васф, гӯйи онон худ ба беасос будани ақидаашон, воқифанд ва иқрор доранд ва танҳо бо такя бар тасомуҳ ва тағофул ва ба манзури тасҳиҳи афоли шуморе аз салаф, онро пазируфтаанд. Дар ҳоле ки мусалламан маншаъи ақидаи мусалмонон, Ислом аст ва Ислом иборат аз гуфта ва кардаи Худо ва Паёмбари Ӯст, на гуфта ва кардаи дигарон, ҳар чанд бисёр мӯҳтарам ва муъаззам бошанд ва Худо ва Паёмбари Ӯ низ ҳар чизе ки мусалмонон то рӯзи қиёмат ба илм ё амали он ниёз доштаандро гуфта ё кардаанд ва иқрор ба ин воқеъият, воҷиб ва муқтазои мусалмонӣ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿مَا فَرَّطْنَا فِي الْكِتَابِ مِنْ شَيْءٍ﴾;[1] <<Чизеро дар китоб кам нагузоштаем>>! Бо ин васф, такия бар мабнои ҳокимияти шуморе аз саҳоба ва ҳокимони баъд аз онҳо барои шинохти мабнои ҳокимият дар Ислом, хилофи қоъида аст ва ҳеҷ бунёде бар шаръ надорад; Ҳамчунонки бо ақл дар тазодди

1. Анъом/ 38.

ошкор аст; Зеро вуҷуби байъати мусалмонон бо касе ки танҳо як ё чанд нафар аз онон ба ҳокимияти ӯ ризоият доранд, аҳмақона аст; Ҳамчунонки вуҷуби байъати онон бо касе ки танҳо ҳокими қаблӣ ба ҳокимияти Ӯ розӣ аст, маъқул нест ва вуҷуби байъати онон бо касе ки аз тариқи рехтани хуни мусалмонон ба султа даст ёфта, мустаҳҷан аст.

Аз инҷо дониста мешавад ки истинод дар бораи мабнои ҳокимият дар Ислом, монанди истинод дар бораи мабнои сойири ақойид ва аъмол, бояд ба худи Ислом бошад, на гуфтаҳо ва кардаҳои бархӣ аз мусалмонон! Ин дар ҳоле аст ки ҳокимият дар Ислом ба ду гуна аст ва гунаи севвуме надорад; Яке ҳокимияти Худованд ва дигарӣ ҳокимияти тоғут; Аммо ҳокимияти Худованд, ҳокимияти касе аст ки ба амри Худованд ҳукумат мекунад; Монанди ҳокимияти оли Иброҳим عليه السلام ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَجَعَلْنَاهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا﴾;[1] <<Ваононро пешвоёне қарор додем ки ба амри мо ҳидоят мекунанд>> Ва аммо ҳокимияти тоғут, ҳокимияти касе аст ки бидуни амри Худованд ҳукумат мекунад; Монанди ҳокимияти оли Фиръавн ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَجَعَلْنَاهُمْ أَئِمَّةً يَدْعُونَ إِلَى النَّارِ﴾;[2] <<Ваононро пешвоёне қарор додем ки ба сӯи оташ даъват мекунанд>>! Ба ин тартиб, ҳокимияти касоне ки Худованд ӯро барои он гумошта, ҳокимияти Худованд ва ҳокимияти касе ки Худованд ӯро барои он нагумошта, тоғут аст ва ин қоъидае аст ки ба ғоят сода ва баййин аст.

Бинобар ин қоъида, ормони ҳамаи Паёмбарон, таҳаққуқи ҳокимияти Худованд ва нафйи ҳокимияти тоғут буда; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولًا أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ﴾;[3] <<Ва ҳароина дар ҳар уммате Паёмбареро барангехтем ки Худовандро бипарастид ва аз тоғут бипарҳезед>> Ва табъан ормони Паёмбари хотам ﷺ низ ҳамин будааст; Бо таваҷҷуҳ ба инки пазириши ҳокимият дар Ислом, аз масодиқи парастиш аст ва ҳар кас ҳокимияти касе ҷуз Худовандро бипазирад, дар воқеъ

1. Анбиёъ/ 73.
2. Қасос/ 41.
3. Наҳл/ 36.

тоғутро парастиш кардааст; Монанди яҳудиён ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿قُلْ هَلْ أُنَبِّئُكُمْ بِشَرٍّ مِنْ ذَٰلِكَ مَثُوبَةً عِنْدَ اللَّهِ ۚ مَنْ لَعَنَهُ اللَّهُ وَغَضِبَ عَلَيْهِ وَجَعَلَ مِنْهُمُ الْقِرَدَةَ وَالْخَنَازِيرَ وَعَبَدَ الطَّاغُوتَ ۚ أُولَٰئِكَ شَرٌّ مَكَانًا وَأَضَلُّ عَنْ سَوَاءِ السَّبِيلِ﴾;[1] <<Бигӯ оё шуморо ба сазои бадтар аз он назди Худованд хабар бидиҳам?! Касе ки Худованд ӯро лаънат кард ва бар ӯ хашм гирифт ва аз ӯ бузина ва хук сохт ва ӯ тоғутро парастид! Онон ҷойгоҳи бадтаре доранд ва аз роҳ гумроҳтаранд>>! Ҳамчунонки Худованд бандагони парҳезкори худро ба иҷтиноб аз парастиши тоғут сутуда ва фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ اجْتَنَبُوا الطَّاغُوتَ أَنْ يَعْبُدُوهَا وَأَنَابُوا إِلَى اللَّهِ لَهُمُ الْبُشْرَىٰ ۚ فَبَشِّرْ عِبَادِ﴾;[2] <<Ва касоне ки аз тоғут парҳез карданд ки онро бипарастанд ва ба сӯи Худованд рӯй оваранд, барои онон муждагонӣ аст; Пас мужда бидеҳ бандагонамро>>! Бо ин васф, куфри ба тоғут лозимаи имон ба Худованд аст ва касе ки ҳокимияти тоғутро гардан наниҳода ва ҳокимияти Худовандро пазиро шуда, ба Исломи асил ва комил, роҳ ёфтааст; Чунонки Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿فَمَنْ يَكْفُرْ بِالطَّاغُوتِ وَيُؤْمِنْ بِاللَّهِ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَىٰ لَا انْفِصَامَ لَهَا ۗ وَاللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾;[3] <<Пас ҳар кас ба тоғут кофир шавад ва ба Худованд имон оварад, ҳароина ба ресмони устуворе чанг зада ки гусастагӣ надорад ва Худованд шунавой доност>>! Аз ин рӯ, таҳокум ба тоғут ба маънои қабули ҳокимияти касе ки Худованд ӯро нагумошта, ҳеҷ гоҳ дар Ислом ҷойе надошта ва ҳамвора аз дасисаи шайтон нашъат гирифтааст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يُرِيدُونَ أَنْ يَتَحَاكَمُوا إِلَى الطَّاغُوتِ وَقَدْ أُمِرُوا أَنْ يَكْفُرُوا بِهِ وَيُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَنْ يُضِلَّهُمْ ضَلَالًا بَعِيدًا﴾;[4] <<Мехоҳанд ки ба тоғут ҳукумат баранд, дар ҳоле ки фармон дода шуданд ки ба он куфр варзанд ва шайтон мехоҳад киононро ба гумроҳии дуре дучор кунад>>! Ҳамчунонки муқотила дар роҳи тоғут ба маънои ҷангидан барои таҳаққуқи ҳокимияти касе ки Худованд ӯро нагумошта, кори кофирон аст ва кори мусалмонон, ҷуз ҷангидан дар роҳи таҳаққуқи ҳокимияти Худованд нест; Чунонки фармудааст: ﴿الَّذِينَ آمَنُوا يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ ۖ وَالَّذِينَ كَفَرُوا يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِ الطَّاغُوتِ فَقَاتِلُوا أَوْلِيَاءَ الشَّيْطَانِ ۖ إِنَّ كَيْدَ الشَّيْطَانِ كَانَ ضَعِيفًا﴾;[5] <<Касоне ки имон доранд дар роҳи Худованд меҷанганд

1. Моъида/ 60.
2. Зумар/ 17.
3. Бақара/ 256.
4. Нисоъ/ 60.
5. Нисоъ/ 76.

ва касоне ки кофиранд дар роҳи тоғут меҷанганд; Пас бо авлиёъи шайтон биҷангед! Ҳароина найранги шайтон заъиф аст>>! Оре, ормони Ислом ин аст ки калимаи кофирон фурудаст ва калимаи Худованд бартар бошад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَجَعَلَ كَلِمَةَ الَّذِينَ كَفَرُوا السُّفْلَىٰ ۗ وَكَلِمَةُ اللَّهِ هِيَ الْعُلْيَا ۗ وَاللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ﴾;[1] <<Ва каломи касоне ки куфр варзидандро поён қарор дод ва калимаи Худованд он болотар аст ва Худованд изатмандӣ ҳаким аст>>; Ба ин маъно ки дасти болотар дар ҷаҳон барои Худованд аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَلِلَّهِ الْمَثَلُ الْأَعْلَىٰ ۚ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ﴾;[2] <<Ва барои Худованд намудори болотар аст ва Ӯ иззатманди ҳаким аст>> Ва фармудааст: ﴿وَلَهُ الْمَثَلُ الْأَعْلَىٰ فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۚ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ﴾;[3] <<Ва барои Ӯ намудори болотар дар осмонҳо ва замин аст ва Ӯ иззатманди ҳаким аст>>!

Ба илова, рӯшан аст ки вилоят дар Ислом, танҳо барои Худованд аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا لَهُمْ مِنْ دُونِهِ مِنْ وَالٍ﴾;[4] <<Ва ононро ҷуз Ӯ ҳеҷ волийе нест>> Ва фармудааст: ﴿وَكَفَىٰ بِاللَّهِ وَلِيًّا﴾;[5] <<Ва Худованд ба унвони валӣ кофӣ аст>> Ва фармудааст: ﴿أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ اللَّهَ لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۗ وَمَا لَكُمْ مِنْ دُونِ اللَّهِ مِنْ وَلِيٍّ وَلَا نَصِيرٍ﴾;[6] <<Оё намедонӣ ки Худованд, ҳукумати осмонҳо ва замин барои Ӯст ва шуморо ҷуз Худованд ҳеҷ валийе ва пуштибоне нест>>; Чароки танҳо Ӯ ба иқтизои илми комил ва қудрати беназираш, салоҳияти вилоятро дорад ва бо ин васф, гирифтани валийе ғайри Ӯ ҷойиз нест, балки ширк шумурда мешавад; Чунонки фармудааст: ﴿أَمِ اتَّخَذُوا مِنْ دُونِهِ أَوْلِيَاءَ ۖ فَاللَّهُ هُوَ الْوَلِيُّ وَهُوَ يُحْيِي الْمَوْتَىٰ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾;[7] <<Ё ғайри Ӯ авлиёъе мегиранд?! Дар ҳоле ки Худованд аст ки валӣ аст ва Ӯ мурдагонро зинда мекунад ва Ӯ бар ҳар чизе тавононст>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ أَغَيْرَ اللَّهِ أَتَّخِذُ وَلِيًّا فَاطِرِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَهُوَ يُطْعِمُ وَلَا يُطْعَمُ ۗ قُلْ إِنِّي أُمِرْتُ أَنْ أَكُونَ أَوَّلَ مَنْ أَسْلَمَ ۖ وَلَا تَكُونَنَّ مِنَ الْمُشْرِكِينَ﴾;[8] <<Бигӯ: Оё ғайри Худованд валийе бигирам?! Дар ҳоле ки Ӯ офаринандаи осмонҳо ва замин аст ва Ӯ мехуронад ва ба Ӯ хуронда намешавад! Бигӯ: Ман фармон дода шудаам ки

1. Тавба/ 40.
2. Наҳл/ 60.
3. Рум/ 27.
4. Раъд/ 11.
5. Нисоъ/ 45.
6. Бақара/ 107.
7. Шуро/ 9.
8. Анъом/ 14.

нахустин мусалмон бошам ва ҳаргиз аз мушрикон набош>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ مَنْ رَبُّ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ قُلِ اللَّهُ قُلْ أَفَاتَّخَذْتُمْ مِنْ دُونِهِ أَوْلِيَاءَ لَا يَمْلِكُونَ لِأَنْفُسِهِمْ نَفْعًا وَلَا ضَرًّا قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الْأَعْمَىٰ وَالْبَصِيرُ أَمْ هَلْ تَسْتَوِي الظُّلُمَاتُ وَالنُّورُ أَمْ جَعَلُوا لِلَّهِ شُرَكَاءَ خَلَقُوا كَخَلْقِهِ فَتَشَابَهَ الْخَلْقُ عَلَيْهِمْ قُلِ اللَّهُ خَالِقُ كُلِّ شَيْءٍ وَهُوَ الْوَاحِدُ الْقَهَّارُ﴾;[1] <<Бигӯ чи касе Парвардигори осмонҳо ва замин аст?! Бигӯ Худо! Бигӯ оё бо ин васф, ғайри Ӯро авлиёъи худ мегиред ки барои худ суд ё зиёнеро молик нестанд?! Бигӯ оё кӯр ва бино баробаранд?! Ё торикӣ ва нур яксонанд?! Ё барои Худованд шариконе қарор додаанд ки офаринише монанди офариниши Ӯ доранд пас офариниш бар онон муштабаҳ шудааст?! Бигӯ Худованд офаринандаи ҳар чиз аст ва Ӯ ягонаи чира аст>> Ва фармудааст: ﴿أَفَحَسِبَ الَّذِينَ كَفَرُوا أَنْ يَتَّخِذُوا عِبَادِي مِنْ دُونِي أَوْلِيَاءَ إِنَّا أَعْتَدْنَا جَهَنَّمَ لِلْكَافِرِينَ نُزُلًا﴾;[2] <<Оё касоне ки кофир шуданд пиндоштанд ки бандагони Манро ҷуз Ман авлиёе гирифтанд?! Ҳароина Мо ҷаҳаннамро барои фуруди кофирон фароҳам сохтаем>>! Ҳамчунонки аз пайомад гирифтани авлиёъе ҷуз Ӯ хабар дода ва фармудааст: ﴿اللَّهُ وَلِيُّ الَّذِينَ آمَنُوا يُخْرِجُهُمْ مِنَ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّورِ وَالَّذِينَ كَفَرُوا أَوْلِيَاؤُهُمُ الطَّاغُوتُ يُخْرِجُونَهُمْ مِنَ النُّورِ إِلَى الظُّلُمَاتِ أُولَٰئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ﴾;[3] <<Худованд валийи касоне аст ки имон овардаанд,ононро аз торикӣ ба нур хориҷ мекунад ва касоне ки кофиранд авлиёъашон тоғут аст, ононро аз нур ба торикӣ хориҷ мекунанд, онон ҳамгинони оташанд ва дар он ҷовидон хоҳанд буд>> Ва фармудааст: ﴿مَثَلُ الَّذِينَ اتَّخَذُوا مِنْ دُونِ اللَّهِ أَوْلِيَاءَ كَمَثَلِ الْعَنْكَبُوتِ اتَّخَذَتْ بَيْتًا وَإِنَّ أَوْهَنَ الْبُيُوتِ لَبَيْتُ الْعَنْكَبُوتِ لَوْ كَانُوا يَعْلَمُونَ﴾;[4] <<Масали касоне ки ғайри Худованд авлиёъе гирифтанд масали анкабут аст ки хонае гирифта бошад, дар ҳоле ки сусттарини хонаҳо хонаи анкабут аст агар бидонанд>>!

Рӯшан аст ки инҳисори вилоят ба Худованд, ба ин маъност ки вилоят, танҳо аз Худованд нашъат мегирад ва Худованд, диҳандаи он аст ва бар ин асос, гирифтани валийе ҷуз Ӯ ба маънои қабули вилояти касе аст ки Худованд ӯро аз назди худ вилояте надодааст; Чунонки ба рӯшанӣ фармудааст: ﴿اتَّبِعُوا مَا أُنْزِلَ إِلَيْكُمْ مِنْ رَبِّكُمْ وَلَا تَتَّبِعُوا مِنْ دُونِهِ أَوْلِيَاءَ قَلِيلًا مَا تَذَكَّرُونَ﴾;[5] <<Аз чизе пайравӣ кунед ки

1. Раъд/ 16.
2. Каҳф/ 102.
3. Бақара/ 257.
4. Анкабут/ 41.
5. Аъроф/ 3.

аз ҷониби Парвардигоратон бароятон нозил шуд ва аз авлиёъе ҷуз Ӯ пайравӣ накунед! Андаке панд мегиред>>!

Бо ин васф, байъат дар Ислом, ихтисос ба Худованд дорад ва байъат бо ғайри Ӯ, ҷойиз нест ва ҳар кас ғайри Ӯ ки бо ӯ байъат шавад, тоғут аст ва табъан байъат бо Худованд, аз тариқи байъат бо касе таҳаққуқ меёбад ки Худованд ба байъат бо ӯ амр карда; Чунонки масалан ба байъат бо Паёмбараш амр карда ва ба ҳамин эътибор фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يُبَايِعُونَكَ إِنَّمَا يُبَايِعُونَ اللَّهَ يَدُ اللَّهِ فَوْقَ أَيْدِيهِمْ ۚ فَمَنْ نَكَثَ فَإِنَّمَا يَنْكُثُ عَلَىٰ نَفْسِهِ ۖ وَمَنْ أَوْفَىٰ بِمَا عَاهَدَ عَلَيْهُ اللَّهَ فَسَيُؤْتِيهِ أَجْرًا عَظِيمًا﴾;[1] <<Ҳароина касоне ки бо ту байъат мекунанд танҳо бо Худованд байъат мекунанд; Дасти Худованд бар рӯӣ дастҳои онҳост; Пас ҳар кас байъат шиканӣ кунад танҳо ба зиёни худ байъат шиканӣ мекунад ва ҳар кас ба паймоне ки бо Худованд бастааст вафо кунад ба ӯ подоши бузурге хоҳад дод>>! Ҳамчунонки байъат бо дигарон, ба эътибори онки Худованд ба байъати бо онон амр накардааст, байъат бо шайтон шумурда мешавад ва қабули вилояти он малъуни матруд ба ҷои вилояти Худованд аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّمَا سُلْطَانُهُ عَلَى الَّذِينَ يَتَوَلَّوْنَهُ وَالَّذِينَ هُمْ بِهِ مُشْرِكُونَ﴾;[2] <<Ҳукумати ӯ танҳо бар касоне аст ки вилояти ӯро пазируфтаанд ва ӯро шарик қарор медиҳанд>> Ва фаомудааст: ﴿وَمَنْ يَتَّخِذِ الشَّيْطَانَ وَلِيًّا مِنْ دُونِ اللَّهِ فَقَدْ خَسِرَ خُسْرَانًا مُبِينًا﴾;[3] <<Ва ҳар кас шайтонро ба ҷои Худованд валии худ бигирад бегумон зиёнӣ ошкор кардааст>> Ҳамчунонки авлиёъӣ ҷуз Худовандро <<Авлиёъи шайтон>> номида ва фармудааст: ﴿فَقَاتِلُوا أَوْلِيَاءَ الشَّيْطَانِ ۖ إِنَّ كَيْدَ الشَّيْطَانِ كَانَ ضَعِيفًا﴾;[4] <<Пас бо авлиёъи шайтон биҷангед; Ҳароина найранги шайтон заъиф аст>> Ва ононро <<Ҳизби шайтон>> номида ва фармудааст: ﴿اسْتَحْوَذَ عَلَيْهِمُ الشَّيْطَانُ فَأَنْسَاهُمْ ذِكْرَ اللَّهِ ۚ أُولَٰئِكَ حِزْبُ الشَّيْطَانِ ۚ أَلَا إِنَّ حِزْبَ الشَّيْطَانِ هُمُ الْخَاسِرُونَ﴾;[5] <<Шайтон бар онон истило ёфт пас ёди Худоро фаромушашон кард; Онон ҳизби шайтонанд; Огоҳ бошед ки ҳизби шайтон ҳамоно зиёнкоронанд>> Ва ононро <<Ҷунди иблис>> номида ва фармудааст: ﴿وَجُنُودُ إِبْلِيسَ أَجْمَعُونَ﴾;[6] <<Ва

1. Фатҳ/ 10.
2. Наҳл/ 100.
3. Нисоъ/ 119.
4. Нисоъ/ 76.
5. Муҷодила/ 19.
6. Шуъароъ/ 95.

лашкариёни иблис ҳамагӣ>>; Балки ононро <<Фарзандони ӯ>> номида ва фармудааст: ﴿أَفَتَتَّخِذُونَهُ وَذُرِّيَّتَهُ أَوْلِيَاءَ مِنْ دُونِي وَهُمْ لَكُمْ عَدُوٌّ ۚ بِئْسَ لِلظَّالِمِينَ بَدَلًا﴾;[1] <<Оё пас ӯ ва фарзандонашро авлиёъе ҷуз Ман мегиред дар ҳоле ки онон душмани шумо ҳастанд?! Бад ҷойгузине барои золимон аст>>; Балки ононро худи <<шаётин>> номида ва фармудааст: ﴿إِنَّهُمُ اتَّخَذُوا الشَّيَاطِينَ أَوْلِيَاءَ مِنْ دُونِ اللَّهِ وَيَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ مُهْتَدُونَ﴾;[2] <<Ҳароина онон шаётинро авлиёъе ҷуз Худованд гирифтанд, дар ҳоле ки мепиндоштанд ҳидоят ёфтаанд>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّا جَعَلْنَا الشَّيَاطِينَ أَوْلِيَاءَ لِلَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ﴾;[3] <<Ҳароина Мо шаётинро авлиёъи касоне қарор додем ки имон намеоваранд>>!

Аз инҷо дониста мешавад ки ҳокимони кунунӣ дар замин, ба эътибори онки аз ҷониби Худованд гумошта нашудаанд, дониста ё нодониста, аз ҷониби шайтон гумошта шудаанд ва ҳукумати онон дар ростои таҳаққуқи султаи ӯ бар ҷаҳон аст. Ҳамчунонки касоне аз мусалмонон дар сарзаминҳои Исломӣ ки ин рӯзҳо майдонро холӣ ва фурсатро муғтанам ёфтаанд ва ба пуштивонаи мақодирӣ оҳан ва шуморе ки ба гирдашон ҷамъ шудаанд, мусалмононро ба байъати бо хеш фаро мехонанд ва худро халифа ё амири онон меноманд, бар чизе нестанд ва хоста ё нохоста, ба шайтон хидмат мекунанд; Чароки Худованд ононро барои ин кор нагумошта ва фармон надодааст ва онон худ ба ин ҳақиқат, воқиф ва муътарифанд; Ҳамчунонки гумошта ва фармондори Худованд дар замин, бо вуҷуди онон ва фармоне ки бар замин меронанд, қодир нест ки ба ҳукумат даст ёбанд ва Исломро чунонки ҳаст таълим ва татбиқ намоянд ва ин муҳимтарин мақсуди шайтон аст; Чароки шайтон, ҳамвора дар садди муъориза бо Худованд буда; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الشَّيْطَانَ كَانَ لِلرَّحْمَٰنِ عَصِيًّا﴾;[4] <<Ҳароина шайтон барои Раҳмон исёнгар будааст>> Ва ин муъоризаро аз тариқи нафйи ҳокимияти Худованд ва исботи ҳокимияти худ ба ҷои он, пай гирифтааст то ба заъми худ, султаи бар ҷаҳонро аз дасти Худованд хориҷ кунад ва дар дасти худ қарор диҳад; Чароки

1. Каҳф/ 50.
2. Аъроф/ 30.
3. Аъроф/ 27.
4. Марям/ 44.

танҳо як нафар метавонад султаи бар ҷаҳонро дар даст гирад ва ӯ ё Худованд аст ё шайтон ва султаи ҳар ду бар ҷаҳон мумкин нест ва ҳар як аз он ду ки султаи бар ҷаҳонро дар даст гирад, аҳкоми худро бар он ҷорӣ месозад ва монеъ аз иҷрои аҳкоми дигарӣ бар он мешавад. Султаи ҳар як аз он ду бар ҷаҳон низ ҳангоме таҳаққуқ меёбад ки касе аз ҷониби яке аз он ду бар он султа биёбад ва ба амри яке аз он ду ҳукм биронад. Аз ин рӯ, Худованд аз як сӯ ва шайтон аз сӯи дигар дар талошанд ки ҳар як нафари худро бар ҷаҳон муставлӣ созанд ва дар ин маърака, мардумон ҷунуди он ду ҳастанд ки ба табаъи он ду бо якдигар дар танозуъанд; Бисёрӣ аз онон, дониста ё нодониста, ҷунуди шайтон ҳастанд ки барои ҳокимияти ӯ бар ҷаҳон мекӯшанд ва андаке аз онон, ҷунуди Худованд ҳастанд ки барои ҳокимияти Ӯ бар ҷаҳон мекӯшанд ва албатта бисёр гумном ва ношиносанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا يَعْلَمُ جُنُودَ رَبِّكَ إِلَّا هُوَ﴾;[1] <<Ва ҷуноди Парвардигоратро ҷуз Ӯ намешиносад>>! Дар ин миён, шайтон ин пири корозмуда, барои пирӯзӣ бар Худованд ва дастёбӣ ба султаи бар ҷаҳон, аз аҳруми сиёсат, монанди аҳруми фарҳанг ва иқтисод, баҳра гирифта ва дар пайи ҳазорон сол талош, муваффақ ба тарроҳӣ ва эҷоди низоми фарогир ва мунсаҷам дар замин шуда ки дар болотарин сатҳи худ, мубтанӣ бар мудирияти ӯ ва фориғ аз мудирияти Худованд аст. Ин низоми фарогир ва мунсаҷами ҷаҳонӣ, монанди як ҳирам аст ки шайтон дар раъси он қарор гирифта ва табъан кулли соҳаи он, таҳти ишроф ва султаи ӯст. Дар ин мавқеъият, ӯ мумкин аст ҳар ҳукмро ба сурати мустақим ва ҷудогона таъйин накунад, вале дастгоҳеро тавлид кардааст ки ба сурати худкор ва бидуни ниёз ба мубоширати ӯ, ҳокимони дилхоҳи ӯро тавлид мекунад ва дар хидмати ӯ қарор медиҳад; Ҳамчунонки сарватмандон ва донишмандони дилхоҳи ӯро тарбият мекунад ва дар хидмати ӯ қарор медиҳад. Дар чунин чархае, касе ки мавриди ризояти шайтон ва дар хидмати аҳдофи ӯ нест, одатан ба ҳокимият даст намеёбад; Ҳамчунонки ба сарват ва шӯҳрати чандоне намерасад; Зеро софиҳои шайтонии мутаъаддиде ки дар сутуҳи мухталифи сиёсӣ, иқтисодӣ ва

1. Муддасир/ 31.

фарҳангӣ таъбия шудааст, иҷозаи чунин кореро намедиҳад ва ба сурати комилан табиъӣ, ҳар унсури ноҳамоҳангеро дур мекунад ва ба ҳошия меронад, дар ҳоле ки ба сурати комилан оддӣ, ҳар унсури ҳамоҳангеро ҷазб мекунад ва ба мизони ҳамоҳангиаш мавриди ҳимоят қарор медиҳад. Ин аст ки ба тадриҷ, арсаи ҷомеъа, аз Худопарастон холи ва аз шайтонпарастон пур мешавад, то ҳангоме ки ҳукумати ҷаҳонии шайтон ба масобаи воқеъияте бар рӯи замин таҳаққуқ ёбад ва бидуни нигаронӣ, ниқобҳои гуногуни худро канор занад ва ошкоро ба расмият шинохта шавад, то ҷойе ки ҳамагон дар баробараш ба хок афтанд ва онро бо ангушт нишон диҳанд ва бигуянд: Зинда бод ҳукумати сарварамон шайтон! Аз инҷо дониста мешавад ки душмании шайтон бо инсон, як душмании намодин ва ғайри воқеъӣ нест ва ба васваса кардани ӯ барои анҷоми корҳои зишти фардӣ маҳдуд намешавад, бал як душмании айнӣ ва тамом аёр аст ки шуъуни мухталифи иҷтимоъиро дар бар мегирад ва ба сӯи аҳдофи палиди ӯ ҷиҳат медиҳад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿تَاللَّهِ لَقَدْ أَرْسَلْنَا إِلَىٰ أُمَمٍ مِنْ قَبْلِكَ فَزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أَعْمَالَهُمْ فَهُوَ وَلِيُّهُمُ الْيَوْمَ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾;[1] <<Ба Худо савганд ба сӯи умматҳои пеш аз ту фиристодаем, пас шайтон аъмолашонро барояшон зиннат дод, пас ӯ имрӯз сарпарасти онон аст ва барои онон азобӣ дарднок аст>> Ва хитоб ба ӯ фармудааст:﴿وَاسْتَفْزِزْ مَنِ اسْتَطَعْتَ مِنْهُمْ بِصَوْتِكَ وَأَجْلِبْ عَلَيْهِمْ بِخَيْلِكَ وَرَجِلِكَ وَشَارِكْهُمْ فِي الْأَمْوَالِ وَالْأَوْلَادِ وَعِدْهُمْ ۚ وَمَا يَعِدُهُمُ الشَّيْطَانُ إِلَّا غُرُورًا﴾;[2] <<Ва ҳар кас аз онон ки тавонистиро бо овози худ барангез ва савора ва пиёдаи худро бар зидди онон ҷалб кун ва дар дороиҳо ва наслҳояшон шарик шав ва ваъдаяшон бидеҳ ва шайтон ҷуз барои фиреб ваъдаяшон намедиҳад>>! Ин барномае аст ки шайтон дунбол мекунад ва ҳомиёни инсӣ ва ҷиннияш, дар ростои он кор мекунанд, вале рӯшан аст ки Худованд барномаи худашро дорад ва барномаи Ӯ дақиқтар ва санҷидатар аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَيَمْكُرُونَ وَيَمْكُرُ اللَّهُ ۖ وَاللَّهُ خَيْرُ الْمَاكِرِينَ﴾;[3] <<Онон барнома мерезанд ва Худованд барнома мерезад ва Худованд беҳтарини барномарезон аст>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ بَالِغُ أَمْرِهِ ۚ قَدْ

1. Наҳл/ 63.
2. Исроъ/ 64.
3. Анфол/ 30.

﴿جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا﴾;[1] <<Худованд ба кори худаш расанда аст, фақат барои ҳар чизе андозае қарор додааст>>!

Ҳосил онки бештари мусалмонон, дар асари бетаваҷҷуҳӣ ба Ислом ва таваҷҷуҳи беш аз ҳад ба барҳӣ мусалмонони нахустин, дасти Худовандро аз қарор додани халифа ва эъмоли ҳокимияташ дар замин баста донистаанд; Монанди яҳудиён ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَقَالَتِ الْيَهُودُ يَدُ اللَّهِ مَغْلُولَةٌ ۚ غُلَّتْ أَيْدِيهِمْ وَلُعِنُوا بِمَا قَالُوا ۘ بَلْ يَدَاهُ مَبْسُوطَتَانِ يُنْفِقُ كَيْفَ يَشَاءُ ۚ﴾;[2] <<Ва яҳудиён гуфтанд ки дасти Худо баст аст! Дастонашон баста бод ва ба хотири чизе ки гуфтанд лаънат шаванд! Балки ду дасти Худо боз аст ҳар гуна ки мехоҳад мебахшояд>>! Ҳамчунонки бовар ёфтаанд барои таҳаққуқи ҳукумати Исломӣ ба Худованд ниёзе надоранд, бал ин Худованд аст ки барои он ба онон ниёзманд аст; Монанди яҳудиён ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿لَقَدْ سَمِعَ اللَّهُ قَوْلَ الَّذِينَ قَالُوا إِنَّ اللَّهَ فَقِيرٌ وَنَحْنُ أَغْنِيَاءُ ۘ سَنَكْتُبُ مَا قَالُوا﴾;[3] <<Ҳароина Худованд сухани касонеро ки гуфтанд Худованд ниёзманд аст ва мо бениёзем, шунид! Чизеро ки гуфтанд хоҳем навишт>>! Аз ин рӯ, чун ба сӯи ҳокимияти Худованд фаро хонда мешаванд, ба расми муғолита мегуянд ки вуҷуди ҳокиме дар замин зарурӣ аст; Гуйи ки Худованд аз ин зарурат огоҳ нест ва онҳоянд ки аз он огоҳӣ ёфтаанд; Чунонки фармудааст ﴿قُلْ أَتُنَبِّئُونَ اللَّهَ بِمَا لَا يَعْلَمُ فِي السَّمَاوَاتِ وَلَا فِي الْأَرْضِ ۚ﴾;[4] <<Бигӯ оё Худовандро ба чизе огоҳ месозед ки дар осмонҳо ва дар замин огоҳ нест?!>> Ва фармудааст: ﴿أَمْ تُنَبِّئُونَهُ بِمَا لَا يَعْلَمُ فِي الْأَرْضِ أَمْ بِظَاهِرٍ مِنَ الْقَوْلِ ۗ﴾;[5] <<Ё Ӯро ба чизе огоҳӣ медиҳед ки дар замин огоҳӣ надорад ё ба гуфтори сатҳӣ?!>>; Дар ҳоле ки бегумон Ӯ аз зарурати вуҷуди ҳокиме дар замин огоҳтар аст ва ба ҳамин сабаб, дар замин ҳокиме қарор додааст! Вале онҳо ҳокими Ӯ дар заминро тарк мекунанд ва ба ҳокимони худ дар он рӯй меоваранд; Гӯйӣ ки Ӯ тавоноӣ ҳукумат дар онро надорад ва онҳо ҳастанд ки тавоноияшро доранд!

---

1. Талоқ/ 3.
2. Моъида/ 64.
3. Оли Имрон/ 181.
4. Юнус/ 18.
5. Раъд/ 33.

Ба ин тартиб, бештари мусалмонон, ҳукумати худро ҷойгузини ҳукумати Худованд сохтаанд ва инро ба масобаҳи ҷузъӣ аз фарҳанги Исломии худ пазируфтаанд ва дифоъ аз он ба хотири шабоҳаташ ба кори бархӣ мусалмонони нахустинро лозим донистаанд ва ҳар гуна таҷдиди назар ва ислоҳ дар бораи он бар пояи яқиниёти ақлӣ ва шаръиро ба маънои беэҳтиромӣ ба салаф ва хуруҷ аз суннат ва ҷамоъат пиндоштаанд; Дар ҳоле ки азончи гузашт рӯшан шуд, ҳукумат танҳо барои Худованд аст ва инсонҳо дар он шарики Ӯ нестанд ва мусалмон касе аст ки аз Ислом табаъият кунад на аз мусалмонони нахустин ва табаъияти аз Ислом, беэҳтиромӣ ба онон ва хуруҷ аз суннат ва ҷамоъат нест ва рӯшар аст ки онон аз хато маъсум набудаанд ва иддаъои исмат низ надоштаанд ва аз мусалмонон нахостаанд ки Исломро ба хотири пайравӣ аз онон, раҳо кунанд, балки чи басо агар имрӯз мебуданд ва ин тазаккури манро мешуниданд, хатои худро ислоҳ мекарданд; Чароки бисёришон аз амри ба маъруф ва наҳй аз мункар кароҳат надоштанд ва агар касе ҳаққро ба онон мегуфт, мепазируфтанд ва бо ин васф, пайравони онон ба ин кор аз онон сазовортаранд.

## 3. Омезиш бо милал ва фарҳангҳои ғайри Исломӣ

Яке дигар аз асбобои адами иқомаи Ислом пас ва Расули Худо ﷺ омезиши мусалмонон бо милал ва фарҳангҳои ғайри Исломӣ буда ки сабаби муштараке барои адами иқомаи дин пас аз ҳамаи Паёмбарон будааст; Чунонки ба унвони намуна, пас аз Мӯсо عليه السلام пайравонаш рафта рафта таъолими ӯро аз ёд бурданд ва бо ақвоми кофир муъошират намуданд ва ба мурури замон аз фарҳанги куфромези онон таъсир пазируфтанд ва корро ба ҷойе расонданд ки худоёниононро парастиданд ва дар замони Илёси Паёмбар عليه السلام барои Баъл бути Канъониён саҷда карданд; Чунонки Худованд аз қавли он Паёмбар хитоб ба онон фармудааст: ﴿أَتَدْعُونَ بَعْلًا وَتَذَرُونَ أَحْسَنَ الْخَالِقِينَ﴾;[1] <<Оё Баълро мехонед ва беҳтарини офаридагоронро во мегузоред?!>>. Пас аз Исо عليه السلام низ пайравонаш, бо ангезаи раҳоӣ аз озори Румиён ва ҷалби ҳимояти онон ва таҳти таъсири

1. Соффот/ 125.

таъолими Пулус ки як яҳудии зидди масеҳ буд, таъолими он Паёмбарро аз ёд бурданд ва ба Румиёни бутпараст наздик шуданд ва аз андешаҳои ширкомези онон таъсир пазируфтанд ва таслиси ононро ҷойгузини тавҳиди Исо ﷺ сохтанд. Бадин сон, пас аз Муҳаммад ﷺ низ пайравонаш ба роҳи гузаштагон рафтанд ва ба дунболи футуҳоти худ дар сарзаминҳои кофирон, бо ақвоми мушрик ва аҳли китоб даромехтанд ва аз фарҳанги онон таъсир пазируфтанд ва муъаллифаҳоӣ аз фарҳанги Исломиро фаромӯш карданд. Ба илова, касоне аз мушрикон ва аҳли китоб ки таҳти таъсири таблиғот ё ҷангҳои мусалмонон Ислом оварданд, ҳаргиз натавонистанд ҳамаи ақойид ва аъмоли гузаштаи худро раҳо кунанд ва хоста ё нохоста, осоре аз онро бо худ нигоҳ доштанд ва ба наслҳои пас аз худ интиқол доданд. Ба илова, касоне аз онон ки ба тозагӣ Ислом оврда буданд, вале ҳамчунон таҳти таъсири ақойид ва аъмоли пешини худ буданд, дар замони Умар ва Усмон ва низ ҳокимони Умавӣ ва Аббосӣ, ба даруни ҳокимияти мусалмонон нуфуз карданд ва ақойид ва аъмоли худро бо ақойид ва аъмоли онон омехтанд; То ҷойе ки китобҳои ҳадисии мусалмонон, аз қисаҳо ва устураҳои яҳудиён ва масеҳиён, оканда шуд ва гузоришҳои мағлут ва макзуби онон аз Таврот ва Инҷил, мабнои тафсири Қуръон қарор гирифт; Балки кор аз инҷо фаротар рафт ва ба ҷойе расид ки дидгоҳои Исломситезонаи онон низ ба мӯътабартарин китобҳои мусалмонон дохил шуд ва мабнои Исломшиносии онон қарор гирифт; Чунонки ба унвони намуна, ривоёти мутаъаддиде аз яҳудиён ба китоби саҳеҳи Бухорӣ роҳ ёфта ки ошкоро мунтабиқ бо ақойиди онон ва муғойир бо ақойиди мусалмонон аст. Чунонки ба унвони намуна, дар он ривояте роҳ ёфта ки муддаъӣ аст як яҳудӣ, Расули Худо ﷺ ро аз вуҷуди ангуштоне барои Худованд огоҳ карда ва ба тасдиқ ва эъҷоб водоштааст,[1] дар ҳоле ки мусалламан Расули Худо ﷺ аз он яҳудӣ ба Худованд донотар буд ва ҳаргиз вуҷуди чунин ангушт барои Худовандро тасдиқ ва таҳсин накарда, бал дар асли ривоят омада ки баъд аз шунидани

1. Саҳеҳ Бухорӣ, ҷ8, с174: إنّ يهودياً جاء إلى النّبيّ ﷺ فقال: يا محمّد! إنّ اللّه يمسك السّماوات على إصبع والأرضين على إصبع والجبال على إصبع والشجر على إصبع والخلائق على إصبع ثم يقول: أنا الملك! فضحك رسول اللّه ﷺ حتّى بدت نواجذه ثم قرأ: «وما قدروا اللّه حقّ قدره»! قال يحيى بن سعيد: و زاد فيه فضيل بن عياض عن منصور عن إبراهيم عن عبيدة عن عبد اللّه: فضحك رسول اللّه ﷺ تعجّباً وتصديقاً له!!

сухани он яҳудӣ фармудааст: ﴿وَمَا قَدَرُوا اللَّهَ حَقَّ قَدْرِهِ﴾;[1] <<Худовандро чунонки сазовор аст нашинохтанд>> Ва ин зоҳир дар такзиби сухани ӯст! Ба илова, дар он ривояти ғарибе роҳ ёфта ки муддаъӣ аст Расули Худо ﷺ аз Паёмбарони яҳуд афзал набудааст, балки Мӯсо ﷺ ва ҳтто Юнус ибни Мато ﷺ аз ӯ афзал будаанд ва ҳар кас ӯро аз онон афзал шуморад, дурӯғ гуфтааст,[2] Дар ҳоле ки рӯшан аст ҳамаи мусалмонон, он Ҳазратро аз ҳамаи Паёмбарони пешин афзал мешуморанд; Чароки афзалияти он Ҳазрат аз мусалламот ва чи басо заруриёти Ислом аст; Ҳамчунонки ба фаровонӣ аз он Ҳазрат ривоят шудааст ки худро <<Сайиди фарзандони Одам>> шумурда[3] ва фармудааст ки агар Мӯсо ﷺ зинда буд, ҷуз пайравӣ аз он Ҳазрат роҳе надошт![4] Бо ин васф, рӯшан нест ки ин гурӯҳ аз аҳли ҳадис, агар ба ростӣ Мӯсо ﷺ ро аз Муҳаммад ﷺ бартар медонистанд, чаро ба ҷои шариъати Муҳаммад ﷺ ба шариъати Мӯсо ﷺ дохил намешуданд ва ба ҷои Қуръон аз Таврот пайравӣ намекарданд?! Ҳар чанд онон дар амал, ин корро анҷом медоданд ва омузаҳои яҳудиро таъйид ва тарвиҷ мекарданд ва Қуръонро бар пояи чизе ки яҳудиён аз Таврот нақл мекарданд, тафсир менамуданд; Бал бисёрӣ аз онон муддаъӣ буданд ки Худованд дар ояи: ﴿فَاسْأَلُوا أَهْلَ الذِّكْرِ إِنْ كُنْتُمْ لَا تَعْلَمُونَ﴾;[5] <<Аз аҳли зикр бипурсед агар намедонед>>, ба фарогирии дониш аз аҳли китоб амр карда;[6] Дар ҳоле ки ин тавҳҳумӣ ботил ва ифтироӣ хатарнок аст; Чароки Худованд борҳо аҳли китобро ба кетмони ҳақ ва талбиси он ба ботил мутаҳам карда[7]

1. Анъом/ 91.
2. Саҳеҳ Бухорӣ, ҷ3, с88: قال النّبي ﷺ: لا تخيّروني على موسى فإنّ النّاس يصعقون يوم القيامة فأصعق معهم فأكون أوّل من يفيق فإذا موسى باطش جانب العرش فلا أدري أكان فيمن صعق فأفاق قبلي أو كان ممّن استثنى اللّه!! صحيح البخاري، ج٥، ص١٩٣: عن أبي هريرة رضي اللّه عنه عن النّبي ﷺ قال: ما ينبغي لعبد أن يقول أنا خير من يونس!! صحيح البخاري، ج، ص٣١: عن أبي هريرة رضي اللّه عنه عن النبي ﷺ قال: من قال أنا خير من يونس بن متى فقد كذب!!
3. Нигоҳ кун ба: Абдурразоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ3, с183; Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с417 ва 430; Муснади Аҳмад, ҷ2, с540 ва ҷ3, с2 ва ҷ5, с388; Муснади ибни Роҳивей, ҷ1, с227; Саҳеҳ Муслим, ҷ7, с50; Сунани ибни Моҷа, ҷ2, с1440; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с407; Сунанул Тирмизӣ, ҷ4, с370; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ2, с605.
4. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ6, с228; Муснади Аҳмад, ҷ3, с338; Муснади абӣ Яъло, ҷ4, с102; Ибни Ҳаҷар, Фатҳул борӣ, ҷ13, с438.
5. Наҳл/ 43 ва Анбиёъ/ 7.
6. Ба унвони намуна, нигоҳ кун ба: Табарӣ, Ҷомиул баён, ҷ14, с144; Наҳҳос, Маъонеул Қуръон, ҷ4, с68; Ибни абӣ Заманайн, Тавсири ибни Заманайн, ҷ2 ,с 404; Роғиби Исфаҳонӣ, Ал-Муфрадот, с179; Саълабӣ, Ал-Кашву вал баён, ҷ6, с18 ва 270 ва манобеъи дигар.
7. ﴿وَإِنَّ فَرِيقًا مِنْهُمْ لَيَكْتُمُونَ الْحَقَّ وَهُمْ يَعْلَمُونَ﴾ (Бақара/ 146).

ва аз дурӯғ бастани онон бар худ ва даст бурданашон дар китоб хабар дода[1] ва аз дӯстӣ бо онон ва пайравӣ аз ойиншон бар ҳазар дошта[2] ва бо ин васф, муҳол аст ки ба фарогирии дониш аз онон амр карда бошад. Балки чи басо муроди Ӯ аз <<Зикр>> дар ин оя, Паёмбари Ӯст; Чунонки ба рӯшани он Ҳазратро <<Зикр>> номида ва фармудааст: ﴿قَدْ أَنْزَلَ اللَّهُ إِلَيْكُمْ ذِكْرًا؛ رَسُولًا يَتْلُو عَلَيْكُمْ آيَاتِ اللَّهِ مُبَيِّنَاتٍ﴾;[3] <<Худованд ба сӯӣ шумо зикре фиристодааст: Расуле ки оёти рӯшангари Худовандро бар шумо мехонад>> Ва бо ин васф, <<Аҳли зикр>> касоне ҷуз аҳли Расули Худо ﷺ нестанд ки Худованд ошкоро аз таҳорати комили онон хабар дода ва Расули Худо ﷺ низ ба таъкид бар зарурати тамассук ба онон дар канори Қуръон, пой фишурда ва ин қавли роҷеҳӣ аст ки аз Алӣ ибни абӣ Толиб[4] ва Абу Ҷаъфари Боқир[5] нақл шудааст; Вале гӯё касоне ки дар мактаби Умавӣ парвариш ёфтаанд, пайравӣ аз яҳуд ва насороро бар пайравӣ аз аҳли байти Паёмбарошон тарҷеҳ медиҳанд ва аз бими ташаюъ ба сӯӣ куфр мегурезанд! Дар ҳоле ки рӯшан аст пайравӣ аз аҳли байти Паёмбар ﷺ мубтанӣ бар нусуси қатъии Қуръонӣ ва суннатӣ аст ва бо ин васф, ташаюъ ба маънои як мазҳаб маҳсуб намешавад, бал монанди иқомаи намоз ва пардохти закот, аз муқтазиёти Исломи асил ва комил аст.

Ба ҳар ҳол, нақши аҳли китоб дар шаклгирии фарҳанги мусалмонон, чи дар ҳавзаи сиёсат бо нуфузи касоне аз онон монанди оли Бармак ки пешинаи маҷусӣ доштанд дар дастгоҳи ҳукумати Умавӣ ва Аббосӣ ва тасаддии муносиби бисёр муҳимме монанди вазорат ва чи дар ҳавзаи ақида ва амал бо нуфузи касоне аз онон монанди Каъбул Аҳбор ки пешинаи яҳудӣ доштанд дар миёни аҳли ҳадис, барҷаста ва қобили таваҷҷуҳ будааст. Бо ин ҳама, нақши аҳли китоб дар шаклгирии фарҳанги

1. ﴿فَوَيْلٌ لِلَّذِينَ يَكْتُبُونَ الْكِتَابَ بِأَيْدِيهِمْ ثُمَّ يَقُولُونَ هَٰذَا مِنْ عِنْدِ اللَّهِ لِيَشْتَرُوا بِهِ ثَمَنًا قَلِيلًا ۖ فَوَيْلٌ لَهُمْ مِمَّا كَتَبَتْ أَيْدِيهِمْ وَوَيْلٌ لَهُمْ مِمَّا يَكْسِبُونَ﴾ (Бақара/ 79).
2. ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَّخِذُوا الْيَهُودَ وَالنَّصَارَىٰ أَوْلِيَاءَ ۘ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ ۚ وَمَنْ يَتَوَلَّهُمْ مِنْكُمْ فَإِنَّهُ مِنْهُمْ ۗ إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ﴾ (Моиъда/ 51).
3. Талоқ/ 10 ва 11.
4. Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ17, с8; Саълабӣ, Ал-Кашвул вал баён, ҷ6, с270; Қуртубӣ, Ал-Ҷомеъул аҳкомул Қуръон, ҷ11, с272.
5. Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ14, с145; Ибни Касир, Тафсирул Қуръонул Азим, ҷ2, с591.

мусалмонон, ҳеҷ замоне ба андозаи ду қарни охир барҷаста ва қобили таваҷҷуҳ набудааст; Чароки онон бо муталошӣ сохтани ҳукумати мутамаркази мусалмонон пас аз ҷанги ҷаҳонии якум ва нуфузи густарда ва амиқ дар сарзаминҳои Исломӣ таҳти унвони <<Истеъмор>>, амалан фасли ҷадид ва мутамоизе аз фарҳангро барои мусалмонон гушуданд ки ҷаҳонбинӣ ва руҳияи cононро тағйир дод. Мавҷе ки дар ғарби ҷаҳон, бар пояи фарҳанги илҳодӣ ва мутаносиб бо ниёзҳо ва аҳдофи кофирон шакл гирифта буд, пас аз вуруд ба сарзаминҳои Исломӣ, мусалмононро ба таъорузӣ сахт миёни суннат ва таҷаддуд дучор сохт. Иллати ин таъорузи сахт он буд ки таҷаддуди навпайдо, аз даруни мусалмонон ва ба дунболи иқтизоъоти табиъӣ ва тадриҷии онон наҷушида буд, балки аз беруни онон ва ба дунболи иқдомоти таҳмилӣ ва ногаҳонии кофирон пайдо шуда буд ва аз ин рӯ, наметавонист ба таври комил бо моҳияти фарҳангии онон, мунтабиқ шавад. Мусалмонон ба таҷаддуде ниёз доштанд ки сохтаи дасти худашон ва табъан созгор бо фарҳанги Исломияшон бошад, вале бо боз шудани пойи кофиро ба сарзаминҳошон, фурсати онро аз даст доданд ва аз он ҳангом, ба масрафкунандагони тавлидоти кофирон табдил шуданд; То ҷойе ки акнун зиндагии онон, беш аз онки таҳти таъсири Ислом бошад, таҳти таъсири фарҳанги кофирон аст ва вафодортарини онон ба Ислом касоне ҳастанд ки мунфаиълона мекӯшанд барои воридоти фарҳангии ғарб, пӯшишӣ Исломӣ дасту по кунанд. Дар ҳоле ки аз оғоз бар онон воҷиб буд дар баробари истеъморгарон биистанд ва иҷозаи султаи онҳо бар сарзаминҳои Исломиро надиҳанд то фарҳанги онҳо дар миёнашон мунташир нашавад ва амрози онҳо дар сарзаминҳошон шуюъ наёбад; Чунонки Худованд барои ҷилавгирӣ аз султаи кофирон бар мусалмонон фармудааст: ﴿وَلَنْ يَجْعَلَ اللَّهُ لِلْكَافِرِينَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ سَبِيلًا﴾;[1] <<Худованд ҳаргиз барои кофирон ба зидди мӯъминон роҳе қарор надодааст>>; Ба ин маъно ки мутлақан роҳе дар Ислом барои истелоъи кофирон бар мусалмонон, ташриъ накарда ва ҳар коре ки ба султаи кофирон бар сарзаминҳои Исломӣ биянҷомад, ҳаром аст.

1. Нисоъ/ 141.

Ҳамчунонки бар онон воҷиб буд, бисёр пештар аз ин, ҳангоме ки кофирони ғарбӣ саргарми инқилоби санъатӣ ва омодасозии худ барои ҳамла ба шарқ буданд, имконоти сиёсӣ ва иқтисодии лозим барои муқобила бо онҳоро фароҳам созанд ва ба ин шева, ҳамлаи онҳоро пешгирӣ ё дафъ намоянд. Вале онон дар замоне ки душманони Ислом машғули таҷҳизи қушун барои лашкаркашӣ ба сарзаминаҳошон буданд, машғули мунозиъа бо якдигар бар сари ҳукумат ва ихтилоф дар бораи масҳ ё ғасл буданд ва аз ин рӯ, ба содагӣ мағлуби лашкариёни куфр ва таслими фарҳанги ғайри Исломии онон шуданд.

Ҳеҷ шакке нест ки амрози шойеъӣ монанди масрафзадагӣ, рафо талабӣ, миллиятгароӣ ва мардумсолорӣ дар миёни мусалмонон, хостгоҳӣ комилан ғарбӣ доранд ва аз фарҳанги ҳоким бар ҷаҳони куфр нашъат гирифтаанд. Ба илова, кофирон пас аз сайтара бар мусалмонон, сарзаминҳои ононро мутаносиб бо амёл ва манофеъи дарозмуддати худ, тақсим карданд ва хутутӣ мавҳум бо унвони марзро бидуни дар назар гирифтани масолеҳи сокинони мусалмон, дар миёни онон тарсим намуданд ва бо ин шева, эҳсоси ягонагиро аз онон гирифтанд ва иттиҳоди онон бо якдигарро ба орзуӣ дуру дароз табдил карданд. Бо мурури бар нақша ва торихи сарзаминҳои Исломӣ ошкор мешавад ки бештари ин хутути марзӣ дар миёни мусалмонон, мустақиман бо қалами кофирони ғарбӣ ва барои таъмини манофеъи яксӯяи онон расми шуда ва ҳеҷ бунёде бар ақл ва шаръ надошта ва ҳеҷ хайре барои мусалмонон ба армуғон наёвардааст. Бо ин васф, ҳамаи таъаҷҷуб аз мусалмононе аст ки ин хутути хиёлиро ватани худ меноманд ва муқаддас мешуморанд ва муъаррифи моҳияти худ мепиндоранд! Балки бархӣ аз онон мекӯшанд ки ҳамин тиккаҳои кӯчаки боқӣ мондаро низ аз якдигар таҷзия кунанд ва ба тиккаҳои кӯчактаре тақсим намоянд; Чароки аз шидати тангназарӣ ва инҳисорталабӣ, наметавонанд бо ҳам дар як ҷо ба сар оваранд ва ҳар гурӯҳ дӯст медорад ки кӯча ва маҳалаи худро ба унвони кишварӣ мустақил эълом намояд! Дар ҳоле ки мусалламан Худованд заминро ба сурати кишварҳои мухталиф халқ накарда, балки ба сурати воҳидӣ якпорча халқ кардааст ки

ҳар бахши он бахши дигарро комил мекунад ва дар маҷмӯъ ба таъмини ниёзҳои инсон ва таҳаққуқи саъодати ӯ дар партуви адолат мунҷар мешавад ва дар сурати аз ҳам гусастагӣ, ноқис ва номутаносиб боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, марзҳои иддаъоӣ, ҳеҷ вуҷуде дар олами воқеъи надорад ва танҳо дар зеҳни касоне ки онҳоро эътибор кардаанд, ёфт мешаванд ва албатта бисёр бефоида, балки зиёнбор ҳастанд; Чароки танҳо ба ҷудоии мусалмонон аз якдигар ва заъфу инҳитоташон меанҷоманд ва аз имкони муқовимати онон дар баробари кофирон мекоҳонад. Аз ин рӯ, кофирони ғарбӣ ки ин марзҳоро барои мусалмонон тарсим кардаанд ва ононро ба сиёнат аз онҳо ташвиқ мекунанд, худ дар ҳоли бардоштани марзҳошон аз якдигар ва муттаҳид шудан бо ҳам ҳастанд ва ба ин тартиб, сарзаминҳои Ислом ҳар рӯз кӯчактар ва сарзаминҳои куфр ҳар рӯз бузургтар мешавад!

Дар ин миён, танҳо роҳи наҷоти мусалмонон, қатъи вобастагӣ ба кофирон ва дастёбӣ ба истеқлоли фарҳангӣ ва иқтисодӣ аст ки ҷуз аз тариқи бардоштани марзҳои сохтагӣ ва муттаҳид шудан бо якдигар дар зери парчами гумоштаи Худованд дар замин мумкин нест; Зеро ҳангоме ки кофирон бо якдигар муттаҳид шудаанд, мусалмонони парешон ва пароканда, қодир ба муқовимат дар баробари онон нестанд ва ин қонунӣ табиъӣ аз қавонини Худованд аст. Бо ин васф, эҷоди як кишвари паҳновари Исломӣ бо идғоми ҳамаи сарзаминҳои мусалмон дар он, зери парчами ҳокиме ки Худованд ӯро ном бурда ва таъйин кард, танҳо роҳи растгории мусалмонон ва сайтараи онон бар ҷаҳон аст. Ҳар чанд пеш аз он, метавон ба роҳҳои кӯтоҳтаре монанди эҷоди як иттиҳодия аз кишварҳои Исломӣ бо пул ва артиши воҳид, ба унвони муқадамае барои эҷоди ҳукумати воҳиди Исломӣ, андешид; Чароки интиқоли мустақими мусалмонон аз марҳалаи феълӣ ба марҳалаи ормонӣ, ҳатто бо вуҷуди як инқилоби умумӣ дар кишварҳои Исломӣ назири онҷи чанде пеш бо унвони <<Баҳори Арабӣ>> дар бархӣ кишварҳои Арабзабон воқеъ шуд, ба ғоят душвор аст. Аз ин рӯ, амалитар ба назар мерасад ки дар қадами нахуст, як итиҳодияи бузург назири итиҳодияи Урупо, бо узвияти ҳамаи кишварҳои Исломӣ ва бо эҳдоси марзҳои озод

ва пул ва артиши муштарак, эҷод шавад ва дар қадами баъд, иттиҳодӣ амиқтар дар қолиби як давлати фарогири Исломӣ ва бар пояи пайравӣ аз халифаи Худованд дар замин, миёни онон эҷод шавад. Ин ба таври ҳатм роҳи растгории мусалмонон ва расидани онон ба саъодати дунё ва охират аст.

### 4. Ривоҷи ҳадисгароӣ

Яке дигар аз асбоби адами иқомаи Ислом пас аз Расули Худо ﷺ, ривоҷи ҳадисгароӣ пас аз он Ҳазрат буд. Мурод аз ҳадисгароӣ, мубтанӣ сохтани ақойид ва аъмол бар гуфтаҳо ва кардаҳое аст ки ба сурати ғайри мутавотир ва ба воситаи риҷоле ки кизб ё хато ё нисёнашон муҳтамал аст, ба Расули Худо ﷺ нисбат дода шудааст ва табъан асолати он, қатъӣ нест; Зеро маҳсус аст ки хабари як фарди ғайри маъсум, ҳатто агар мутазоҳир ба сидқ бошад, метавонад саҳиҳ ва метавонад ғайри саҳиҳ бошад; Бо тавҷуҳ ба ин ки одатан илми қатъӣ ба ростгӯ будани касе дар гузашта ҳосил намешавад; Фориғ аз онки ростгӯ будани касе дар гузашта, ба маънои ростгӯ будани ӯ дар оянда нест; Фориғ аз онки ростгӯии касе дар гузашта ва оянда, монеъ аз фаромӯшӣ ва саҳви ӯ намешавад ва ба илова, тафовути хабари воҳид бо воқеъ, хусусан дар мавориде ки фосилаи замонии бисёре аз он дорад, шойеъ ва ғолиб аст; То ҷойе ки наздик аст ҳеҷ хабари воҳиде дақиқан ва комилан мунтабиқ бар воқеъ набошад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَقَالُوا آمَنَّا بِهِ وَأَنَّى لَهُمُ التَّنَاوُشُ مِنْ مَكَانٍ بَعِيدٍ﴾;[1] <<Ва гуфтанд ки ба он имон овардем, дар ҳоле ки куҷо метавонанд аз ҷой дур ба он дастрасӣ пайдо кунанд?!>>. Бо ин васф, рӯшан аст ки ахбори оҳод, муҷиби яқин намешавад, балки дар беҳтарин ҳолати мумкин, муҷиби занн мешаванд ва ин чизе аст ки ҳамаи мусалмонони аҳли назар, балки ҳамаи оқилон бар он иҷмоъ доранд. Дар ҳоле ки мусалламан занн, салоҳияти онро надорад ки мабнои ақида ва амали мусалмонон воқеъ шавад ва Ислом танҳо мубтанӣ бар яқин аст; Чунонки Худованд борҳо ва ба рӯшани фармудааст: ﴿إِنَّ الظَّنَّ لَا يُغْنِي مِنَ الْحَقِّ شَيْئًا﴾;[2] <<Ҳароина занн чизеро аз ҳақ бениёз намекунад>> Ва

1. Сабаъ/ 52.
2. Юнус/ 36.

рӯшан аст ки ин қоъидаи ҳақиқӣ ба маънои хабар аз воқеъ аст ва табъан қобили тахсиси эътиборе нест, ҳамчунонки сиёқи он аз таҳммули тахсис ибо дорад; Чароки занн, ба иқтизои вуҷуди эҳтимоли хилоф дар зоташ, воқеъан ҳуҷҷат нест ва эътибори ҳуҷҷият барои чизе ки воқеъан ҳуҷҷат нест, монанди эътибори сӯзандагӣ барои ях, бефоида аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки миёни ақл ва шаръ мунофоте нест ва эътибороти ҳаким мубтанӣ бар воқеъ аст, бал эътибори чизе ки дар воқеъ вуҷуд надорад, дурӯғ шумурда мешавад; Монанди эътибори торикӣ барои рӯз ва рӯшанӣ барои шаб, дар ҳоле ки дурӯғ аз Худованд содир намешавад; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَنْ أَصْدَقُ مِنَ اللَّهِ حَدِيثًا﴾;[1] <<Ва чи касе аз Худованд ростгӯтар аст>>! Ба илова, шаръ салоҳияти ҷаъли чизеро дорад ки худ онро рафъ карда, на салоҳияти ҷаъли чизеро ки ақл онро рафъ кардааст; Зеро ҷаъли чизе ки бо сабабӣ рафъ шуда, танҳо бо ҳмон сабаб маъқул аст ва бо сабабӣ дигар ҷойиз нест; Чунонки дар миёни оқилон, ҳукме ки тавассути мақомӣ таъйин шуда, танҳо тавассути ҳамон мақом қобили тахсис аст ва тахсиси он тавассути мақомӣ дигар, қобили қабул нест. Ин дар ҳоле аст ки рафъи ҳуҷҷияти занн ба наҳви мутлақ, тавассути ақл анҷом шуда; Зеро адами ҳуҷҷияти он, ба маънои адами кошифияти он аз воқеъ аст ки аз мақулоти ақлӣ ва ҳақиқӣ аст ва қобилияти эътибор надорад то дар дастраси шаръ қарор дошта бошад ва аз ин рӯ, шаръ қодир ба дахл ва тасарруф дар он нест. Аз инҷо дониста мешавад ки эътиқоди бархӣ мусалмонон ба ҳуҷҷияти шаръии занни хос ба маънои занни ҳосил аз ахбори оҳод, бепоя аст; Чароки ҳуҷҷият аз мақулоти шаръӣ нест, балки ба идрокоти табиъии инсон аз воқеъ боз мегардад ва бо ин васф, наметавон бо як ҳукм, барои занн ҳуҷҷият сохт, ҳамчунонки наметавон бо як ҳукм, ҳуҷҷияти қатъиро бардошт. Фориғ аз онки ҳукми шаръ ба ҳуҷҷияти бархӣ зунун, собит нест; Чароки оёт ва ривоёти фаровоне дар нафйӣ ҳуҷҷияти занн ба наҳви ом мавҷуд аст ва бо вуҷуди онҳо, қатъ ба ҳуҷҷияти бархӣ зунун дар шаръ, ҳосил намешавад; Бал инсофан сароҳати бархӣ оёт ва ривоёт дар адами ҳуҷҷияти мутлақи занн ба қадре аст ки нисбат

1. Нисоъ/ 87.

додани тахсиси он ба шаръ, монанди дурӯғ бастан бар Худованд ва Паёмбари Ӯст.

Ҳосил онки тахсиси шаръии адами ҳуҷҷияти занн, на имкон дорад ва на воқеъ шудааст ва бо ин васф, занн ба таври кулли, қатъи назар аз онки бо чи тариқае ҳосил шуда бошад, мӯътабар нест. Аз ин рӯ, мусалмонони нахустин, дар замони Расули Худо ﷺ ҳаргиз ба ривоёти занниӣ аз он Ҳазрат, такя намекарданд ва албатта ниёзе ба он низ надоштанд; Чароки ғолибан ба он Ҳазрат дастрасӣ доштанд ва ҳангоме ки ба он Ҳазрат дастрасӣ надоштанд низ, ривоёте ки аз ӯ мерасид, мутавотир ё маҳфуф ба қароъини қатъӣ буд. Пас аз он Ҳазрат низ, мусалмонон дар бораи мабнои ақойид ва аъмоли худ, ба ду даста тақсим шуданд: Дастае ки бо таваҷҷуҳ ба васоёи он Ҳазрат дар Арафа, Ғадири хум, Тоъиф ва бистари марг, китоби Худо ва итрати Паёмбар ﷺ ро мабнои ақойид ва аъмоли худ медонистанд, монанди Салмон, Абу Зар, Миқдод, Аммор, Ҳузайфа ва бархӣ дигар ва дастае ки бо таваҷҷуҳ ба иҷтиҳодашон дар баробари нас ва адами эътиқодашон ба илзомовар будани васоёи сиёсии он Ҳазрат, китоби Худоро мабонии кофӣ барои ақойид ва аъмоли худ медонистанд ва нақши итрати Паёмбар ﷺ дар канори онро намепазируфтанд ва монанди Умар нидо медоданд: «حَسْبُنَا كِتَابُ اللّٰه»; <<Китоби Худо моро бас аст>>, ба ин маъно ки моро дар канори он ба итрати Паёмбар ﷺ ҳоҷат нест.[1] Ҳамчунонки ин ду дастагӣ, на танҳо дар миёни асҳоби он Ҳазрат, балки дар миёни ҳамсарони ӯ низ вуҷуд дошт ва дастаи аз онон Оиша, Ҳафса, Сафия ва Сувда буданд ки аҳли байти он Ҳазратро дӯст намедоштанд ва дастаи дигар Умми Салама ва сойири ҳамсарони Паёмбар ﷺ буданд ки аҳли байти он Ҳазратро дӯст медоштанд.[2] Бо ин васф, мусалмонон пас аз он Ҳазрат, яке аз ду назарро пай гирифтанд: Пайравӣ аз китоби Худо ва аҳли байти

1. Нигоҳ кун ба: Абдурразоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ5, с436 ва ҷ 6, с57 ва ҷ 10, с361; Муснади Аҳмад, ҷ1, с293, 324 ва 336; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ1, с37 ва ҷ 4, с31 ва ҷ 7, с9; Саҳиҳул Муслим, ҷ5, с76; Сунанул Нисоӣ, ҷ3, с433 ва ҷ 4, с360; Саҳиҳи Ибни Ҳиббон, ҷ14, с562 ва манобеъи фаровони дигар.
2. Нигоҳ кун ба: Саҳиҳул Бухорӣ, ҷ3, с132; Ибни абӣ Осим, Ал-Оҳод вал масони, ҷ5, с388; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ23, с50; Заҳабӣ, Сияру аъломил нубало, ҷ2, с143.

Паёмбар ﷺ ва пайравӣ аз китоби Худо ба танҳоӣ ва табъан ин ду назар, танҳо назароти мавҷуд дар миёни онҳо буд ва назари севвуме дар миёни онҳо вуҷуд надошт. Назари севвум танҳо дар даҳаҳои пасин ва ба дунболи ғалабаи назари дуввум бар назари аввал ва бо ангезаи пур кардани ҷои холии аҳли байти Паёмбар ﷺ миёни мусалмонон пайдо шуд ва он ҳамонон пайравӣ аз китоби Худо ва ҳадиси Паёмбар ﷺ буд, дар ҳоле ки мусалмонони нахустин, чунин назареро надоштанд ва қарор додани ҳадиси Паёмбар ﷺ дар канори китоби Худоро таъйид намекарданд, балки бо он мухолиф буданд ва ба сахтӣ муқобила мекарданд; Зеро ҳадиси мусталаҳ, чизе ҷуз чанд ривояти заннӣ ва оърӣ аз қароъини лозим барои фаҳми комил ва саҳиҳ ки наметавонист дар канори китоби Худо қарор гирад ва халаъӣ аҳли байти Паёмбар ﷺ ро ҷуброн кунад, набуд ва қобили пешбинӣ буд ки дар сурати ривоҷ, танҳо заминаи ихтилофи уммат дар ақойид ва аъмоли Исломӣ ва ҷудоии онон аз китоби Худоро фароҳам созад. Аз ин рӯ, онон бо ҷиддият аз навиштани ҳадис ва ривояти он ҷилавгирӣ мекарданд ва ҳтто китобҳо ва ёддоштҳои ҳадисиро гирд меоварданд ва аз байн мебурданд.[1] Ин тадбире буд ки онон, бар хилофи пиндори бархӣ ҷоҳилон, аз рӯи хайрхоҳӣ ва бо ангезаи сиёнат аз Ислом анҷом медоданд; Зеро онон ба дурустӣ медонистанд ки ин аҳодис, аз як сӯ заннӣ аст ва эътибори кофӣ надорад ва аз сӯи дигар бисёр ноқис аст ва аз диққати кофӣ бархурдор нест ва бо ин васф, наметавонад мабнои диёнати мусалмонон воқеъ шавад. Ҳар чанд онон дар лузуми мурочиъа ба аҳли байти Паёмбар ﷺ ба унвони марҷаъӣ зинда ва яқинӣ барои шинохти Ислом, ихтилоф доштанд, вале дар адами лузуми мурочиъа ба ахбори оҳод, ихтилофе надоштанд ва ҳамагӣ бо тадвин ва тарвиҷи он ба унвони як мабнои динӣ мухолиф буданд. Дар ин миён, танҳо аносурӣ ҷавон ва поён рутбае аз онон монанди Абу Ҳурайра, ба ривояти ҳадис эҳтимом доштанд ва ба ҳамин далил, китоби ҳадис аз ривоёти онон оканда шуд; Вагарна бузургонӣ монанди Абубакр, Умар,

1. Барои огоҳи аз ин иқдомот, нигоҳ кун ба: Шаҳристонӣ, Манъул тадвинил ҳадис; Ғуломӣ, Маҳвул суннати ав тадвинуҳо; Наҷмӣ, Азвоун алассаҳиҳайн, с47 то 50.

Усмон, Алӣ, Талҳа, Зубайр, Салмон, Абу Зар, Аммор ва дигарон, камтар ҳадисеро ривоят мекарданд ва амсоли Абу Ҳурайраро низ аз ривояти бисёр боз медоштанд ва ба ҳамин далил, ривоёти андаке аз онон дар кутуби ҳадис ба чашм мехурд.[1] Албатта

1. Барои огоҳӣ бештар дар ин бора, нигоҳ кун ба: Эътирофоти Абу Ҳурайра ба мухолифати саҳоба бо касрати ривояти ҳадис ва худдории муҳоҷирон ва ансор аз ин кор, бо мазмуни: «إنكم لتقولون ما بال المهاجرين لا يحدّثون ва «إنكم تقولون أكثر أبو هريرة عن النبيّ ﷺ» ва «إنّ الناس يقولون أكثر أبو هريرة [من الحديث] عن رسول الله ﷺ بهذه الأحاديث وما بال الأنصار لا يحدّثون عن رسول الله ﷺ بهذه الأحاديث»! (дар: Ибни Саъд, Ал-Табақотул кубро, ҷ2, с362, 363 ва 364 ва ҷ 4, с330 ва 332; Абдурразоқ, Тафсирул Қуръон, ҷ1, с64; Муснади Аҳмад, ҷ2, с240 ва 274; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ1, с37 ва ҷ 2, с65 ва ҷ 3, с2 ва 74; ҷ 4, с209; Саҳиҳ Муслим, ҷ7, с167; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ3, с439; Байҳақӣ, Далоилул Набувва, ҷ6, с201) ва «ما من أصحاب النبي ﷺ أحد أكثر حديثاً عنه منّي إلا ما كان من عبد الله بن عمرو» ва «لم يكن أحد من أصحاب النبيّ ﷺ أكثر حديثاً عنه من أبي هريرة» (дар: Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ1, с36; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с509; Ибни Адӣ, Ал-Комил, ҷ1, с20). Ҳамчунин, нигоҳ кун ба: Эъетирозоти бузургони саҳоба ба Абу Ҳурайра ба сабаби касрати ривояти ҳадис, бо мазмуни: «أكثر أبو هريرة علينا» ва «أكثر أبو هريرة على نفسه» (дар: Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ2, с89; Сунани абӣ Довуд, ҷ1, с285; Байҳақӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ3, с45; Саҳеҳи ибни Хузайма, ҷ2, с147; Саҳеҳи ибни Ҳиббон, ҷ6, с220); То ҷойе ки аз Соъиб ибни Язид нақл шудааст ки шунид Умар ба ин ҳадисгарои Дувсий мегӯяд: «لتتركنّ الحديث عن رسول الله ﷺ أو لألحقنّك بأرض دوس!» ва ба Каъбул Аҳбор ки ҳадисгарои монанди ӯ буд, мегуфт: «لتتركنّ الحديث أو لألحقنّك بأرض القردة!» (Ибни Асокир, Торихи Мадинату Димишқ, ҷ50, с172; Заҳабӣ, Сиярул аъломул нубалоъ, ҷ2, с600 ва 601); Ҳамчунонки Соъиб ибни Язид, назири ин бархурд бо он дуро аз Усмон низ нақл карда ва гуфтааст: «أرسلني عثمان بن عفان إلى أبي هريرة فقال: قل له: يقول لك أمير المؤمنين: ما هذا الحديث عن رسول الله ﷺ؟! لقد أكثرت! لتنتهينّ أو لألحقنك بجبال دوس! وأت كعباً- يعني كعب الأحبار، فقل له: يقول لك أمير المؤمنين عثمان: ما هذا الحديث؟! قد ملأت الدّنيا حديثاً! لتنتهينّ أو لألقينّك بجبال القردة!» (Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул фосил, с554). Дар баробари амсоли он ду, асҳоби бузуги Паёмбар ﷺ буданд ки ҳадиси воҳидро ҳуҷҷат намедонистанд ва аз эҳтимом ба он боз медоштанд; Чунонки аз Алӣ нақл шудааст ки мегуфт: «كنت إذا سمعت من رسول الله ﷺ حديثاً نفعني الله به بما شاء ان ينفعني منه وإذا حدّثني غيره استحلفته فإذا حلف لي صدّقته» (Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ2, с280; Муснади Аҳмад, ҷ1, с10; Сунани абӣ Довуд, ҷ1, с340; Сунанул Тирмизӣ, ҷ1, с253; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ6, с109) ва аз Умар нақл шудааст ки мегуфт: «أقلّوا الحديث عن النبيّ ﷺ و أنا شريككم [فيه]» (Муснади ибнул Муборак, с103; Сунанул Дорамӣ, ҷ1, с85; Сунани ибни Моҷа, ҷ1, с12; Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул фосил, с553; Табаронӣ, Ал-Муъҷамул авсат, ҷ2, с326); Бал аз ӯ нақл шудааст ки шуморе аз саҳоба монанди Абу Дардоъ ва ҳатто Ибни Масуъдро ба ҷурми касрати ривоят аз Паёмбар ﷺ зиндонӣ кард ва ба онон гуфт: «قد أكثرتم الحديث عن رسول الله ﷺ» (Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ6, с201; Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул фосил, с553; Заҳабӣ, Тазкиратул ҳифоз, ҷ1, с7), ин дар ҳоле буд ки аз Авн Ибни Абдуллоҳ нақл шудааст ки мегуфт: «قد أكثرتم الحديث عن رسول الله ﷺ» (Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул фосил, с557; Ибни Асокир, Торихи Мадинату Димишқ, ҷ68, с33); Бал аз Амр ибни Маймун нақл шудааст ки мегуфт: «ما أخطأني ابن مسعود خميساً إلا أتيته فيه، فما سمعته يقول لشئ قطّ: "قال رسول الله ﷺ"!» (Ибни абӣ Шейбаҳ, Ал-Мусаннаф, ҷ6, с200). Назири ин гузориш,аз Алқам ва Қайс ибни Абд низ нақл шудааст (Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ9, с123 ва 124). Бо ин васф, беҳуда нест аз Абу Ҳурайра нақл шудааст ки баъд аз Умар мегуфт: «ما كنّا نستطيع أن نقول: قال رسول الله ﷺ حتّى قبض عمر، كنّا نخاف السّياط!» (Заҳабӣ, Сияру аъломин нубалоъ, ҷ2, с602 ва 603) ва мегуфт: «إنّي لأحدّث بأحاديث لو تكلّمت بها في زمن عمر لشجّ رأسي!» (Ибни Асокир, Торихи Мадинату Димишқ, ҷ67, с343; Заҳабӣ, Сияру аъломин нубалоъ, ҷ2, с601) ва мегуфт: «أفإن كنت محدّثكم بهذه الأحاديث وعمر حيّ؟! أما والله إذاً لألفيت المخفقة ستباشر ظهري!» (Абдурразоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ11, с262). Ҳамчунонки аз Оиша нақл шудааст ки рӯзе ба Урват Ибни Зубайр гуфт: «ألا أعجبك أبو هريرة؟! جاء فجلس إلى جانب حجرتي يحدّث عن رسول

→

мусалламан ин рӯйкарди онон, ҳаргиз ба сабаби кароҳат аз ақвол ва афоъле набуд ки аз Расули Худо ﷺ шунида ва дида буданд, бал танҳо ба ин сабаб буд ки медонистанд мабнои Ислом, яқин аст ва яқин аз тариқи ҳадиси воҳид ҳосил намешавад ва бо ин васф, эҳтимом ба он, шойиста нест; Балки чи басо зиёновар аст; Чароки аз эҳтимом ба яқиниёт боз медорад ва табъан муҷиби ихтилофи ороъ ва аъмоли мусалмонон дар оянда мешавад. Ҳамчунонки ҳамин тавр шуд ва мусалмонон, пас аз онки бархӣ ҳокимони Умавӣ, тадвин ва тарвиҷи ҳадисро озод карданд, ба гирдоварӣ ахбори оҳод аз ин сӯ ва он сӯ рӯй оварданд ва ҳар ратб ва ёбисеро бо унвони ҳадиси Паёмбар ﷺ дар кутуби хеш навиштанд ва ба ин тартиб, заминаи шакл гирии бузургтарин инҳирофотро дар миёни мусалмонон фароҳам сохтанд ва аз зумраи касоне шуданд ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿قُلْ هَلْ نُنَبِّئُكُمْ بِالْأَخْسَرِينَ أَعْمَالًا؛ الَّذِينَ ضَلَّ سَعْيُهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَهُمْ يَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ يُحْسِنُونَ صُنْعًا﴾[1];

←

الله يسمعني ذلك وكنت أسبّح، فقام قبل أن أقضي سبحتي، ولو أدركته لرددت عليه أنّ رسول الله لم يكن يسرد الحديث كسردكم» (Муснади Аҳмад, ҷ6, с118 ва 157; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ4, с168; Саҳиҳул Муслим, ҷ7, с167; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с178; Ибни Адӣ, Ал-Комил, ҷ1, с20). Ҳамчунонки сойири бузургони саҳоба бар хилофи Абу Ҳурайра ва амсоли ӯ, эҳтимомие ба ривояти ҳадис надоштанд ва мафосиди онро дарк мекарданд; Чунонки аз Амр ибни Маймум нақл шудааст ки мегуфт: «صحبت عبد الله بن مسعود ثمانية عشر شهراً فما سمعته يحدّث عن رسول الله ﷺ إلا حديثاً واحداً فعرق ثمّ قال: هذا أو نحو هذا أو شبيه هذا!» (Ибни абӣ Шейбаҳ, Ал-Мусаннаф, ҷ6, с200; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ9, с123) ва аз Соъиб ибни Язид нақл шудааст ки мегуфт: «صحبت سعد بن أبي وقاص سنة، فما سمعته يحدّث عن رسول الله ﷺ إلا حديثاً واحداً» (Ибни Саъд, Ал-Табақатул кубро, ҷ3, с144 бо гунаи тафовут; Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул фосил, с557) ва мегуфт: «خرجت مع سعد بن مالك من المدينة إلى مكة فما سمعته يحدّث عن النبيّ ﷺ بحديث حتّى رجعنا» (Ибни абӣ Шейбаҳ, Ал-Мусаннаф, ҷ6, с201; Муснади ибнул Муборак, с104; Сунанул Дорамӣ, ҷ1, с85; Сунани ибни Моҷаҳ, ҷ1, с12) ва аз Шъабӣ нақл шудааст ки мегуфт: «جالست ابن عمر سنة فما سمعته يحدّث عن رسول الله ﷺ شيئاً» (Ибни Саъд, Ал-Табақотул кубро, ҷ4, с145; Ибни абӣ Шейбаҳ, Ал-Мусаннаф, ҷ6, с201; Сунанул Дорамӣ, ҷ1, с84; Сунани ибни Моҷа, ҷ1, с11) ва назири он дар бораи ибни Умар, аз Муҷоҳид низ нақл шудааст (Муснадул Ҳамидӣ, ҷ2, с298; Саҳиҳул Муслим, ҷ8, с137) ва аз Рабияът ибни Ҳадир ки мулозими Талҳа буд нақл шудааст ки мегуфт ҷуз як ҳадис нашунидааст ки Талҳа аз Паёмбар ﷺ ривоят кунад (Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул фосил, с558 ва 559). Аз ин рӯ, бархӣ тобиъон ва атбоъашон низ аз адами ҳуҷҷияти аҳодис огоҳӣ доштанд ва аз эҳтимом ба он боз медоштанд; Чунонки ба унвони намуна, аз Абу Ҳанифа (д.150қ) нақл шудааст ки ҳаргоҳ аҳодисеро барои шогирдонаш ривоят мекард, мегуфт: «هذا الذي سمعتم كلّه ريح و باطل!» (Ибни абӣ Ҳотами Розӣ, Ал-Ҷарҳу вал таъдил, ҷ8,с 449) ва аз Абдуллоҳ ибни Абдулаъзиз (д.184қ) нақл шудааст ки ба яке аз машоҳири аҳли ҳадис бо номи Суфён ибни Уяйна (д.198қ) мегуфт: «ما أحد من الناس يدخل علي أحبّ إليّ منك، إلا أن فيك عيباً: تحبّ الحديث!» (Ибни Адӣ, Ал-Комил, ҷ1, с24) ва аз Аюби Сахтиёнӣ (д.131қ) нақл шудааст ки мегуфт: «ما قلّ من الحديث كان خيراً» (Ҳамон, ҷ1, с24) ва аз бархӣ дигар низ суханони дилсузонаи мушобиҳе нақ шуда ки ҳеҷ як дар гӯши сангини ҳадисгароён фуру нарафтааст!

1. Каҳф/ 103 ва 104.

<<Бигӯ оё шуморо ба зиёнкортаринҳо дар амал хабар бидиҳем?! Касоне ки талошашон дар зиндагии дунё бар гумроҳӣ буд, дар ҳоле ки мепиндоштанд кори хубе анҷом медиҳанд>>!

Акнун дерзамоне аст ки аҳли ҳадис, ақойид ва аъмолеро аз ҷои дур ва дар ҳоле ки аз Паёмбар ﷺ ғойиб ҳастанд, ба он Ҳазрат нисбат медиҳанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَيَقْذِفُونَ بِالْغَيْبِ مِنْ مَكَانٍ بَعِيدٍ﴾;[1] <<Ва дар ғиёб аз ҷои дур нисбат медиҳанд>> Ва нисбатҳои дигарон ба он Ҳазрат аз ҷои дурро истимоъ мекунанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أُولَٰئِكَ يُنَادَوْنَ مِنْ مَكَانٍ بَعِيدٍ﴾;[2] <<Онон аз ҷои дур нидо дода мешаванд>> Ва ин кори нодурусте аст ки шайтон дар назари онон оростааст то ононро аз роҳи дуруст боздорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أَعْمَالَهُمْ فَصَدَّهُمْ عَنِ السَّبِيلِ فَهُمْ لَا يَهْتَدُونَ﴾;[3] <<Ва шайтон корҳошонро барояшон зиннат дода, пас ононро аз роҳ боз доштааст, пас онон роҳро намеёбанд>>!

Ба ҳар ҳол, тардиде нест ки хабарҳои воҳиди мавҷуд дар кутуби аҳли ҳадис, бо тавҷҷуҳ ба адами асолат ва диққати бисёрӣ аз онҳо ва таъоруз ва танофии фарогирашон бо якдигар, яке аз муҳимтарин авомили инҳирофи ва ихтилофии мусалмонон аз дербоз то кунун будааст; Чароки ҳар гурӯҳ аз онон, ба ривоятӣ мутафовит тамассук ҷуста ва ривояти дигариро вогузошта ва бадин сон, заннеро бар занни дигар муқаддам доштааст; Дар ҳоле ки мусалламан нисбат додани як ақида ё амал ба Худованд ва Паёмбараш, бар пояи занн ҷойиз нест ва нохоста ба ифтироъ бар онҳо меанҷомад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿انْظُرْ كَيْفَ يَفْتَرُونَ عَلَى اللَّهِ الْكَذِبَ ۖ وَكَفَىٰ بِهِ إِثْمًا مُبِينًا﴾;[4] <<Бингар ки чигуна бар Худованд дурӯғ мебанданд ва он ба унвони гуноҳ кофӣ аст>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا تَقُولُوا لِمَا تَصِفُ أَلْسِنَتُكُمُ الْكَذِبَ هَٰذَا حَلَالٌ وَهَٰذَا حَرَامٌ لِتَفْتَرُوا عَلَى اللَّهِ الْكَذِبَ ۚ إِنَّ الَّذِينَ يَفْتَرُونَ عَلَى اللَّهِ الْكَذِبَ لَا يُفْلِحُونَ﴾;[5] <<Ва барои чизе ки забонҳотон ба дурӯғ васф мекунад нагӯйед ки ин ҳалол аст ва ин ҳаром аст то бар Худованд

1. Сабаъ/ 53.
2. Фуссилат/ 44.
3. Намл/ 24.
4. Нисоъ/ 50.
5. Наҳл/ 116.

дурӯғ бибандед; Зеро касоне ки бар Худованд дурӯғ мебанданд растгор нахоҳанд шуд>>!

Аз инҷо дониста мешавад ки ҳадисгароӣ, бар хилофи 
 пиндошта мешавад, як бидъат буда ки дар мухолифат бо иҷмоъи саҳоба, монанди бисёрӣ аз бидъатҳои дигар, дар замони ҳукмронии Умавиён падид омада ва асле дар Ислом надоштааст; Чароки Ислом, аҳли худро ба ақида ва амали яқинӣ таклиф карда ва барои имкони он, асбоби лозимро қарор дода ва муъаррифӣ намуда ва он ҳамоно китоби Худост ки ҳамвора дар дастраси мусалмонон аст ва ҳеҷ гоҳ бо мурури замон, ишколе мутаваҷҷеҳи он намешавад; Чунонки Худованд дар бораи он фармудааст: ﴿لَا يَأْتِيهِ الْبَاطِلُ مِنْ بَيْنِ يَدَيْهِ وَلَا مِنْ خَلْفِهِ ۖ تَنْزِيلٌ مِنْ حَكِيمٍ حَمِيدٍ﴾;[1] <<Ботил на аз пеши рӯяш ва на аз пушти сараш ба суроғи ӯ намеояд; Фурӯ фиристодане аз Ҳакимӣ сутуда аст>> Ва дигарӣ аҳли байти Паёмбар ﷺ аст ки ҳамвора касе аз онон монанди Қуръон дар миёни мусалмонон вуҷуд дорад ва қобили дастрасӣ аст ва ҳидояти онон ба Исломро мумкин месозад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمِمَّنْ خَلَقْنَا أُمَّةٌ يَهْدُونَ بِالْحَقِّ وَبِهِ يَعْدِلُونَ﴾;[2] <<Ва аз касоне ки офаридаем гурӯҳе вуҷуд доранд ки ба ҳақ ҳидоят мекунанд ва бо он адолат меварзанд>>! Бинобарин, мабное ки Ислом барои ақойид ва аъмоли мусалмонон тарроҳӣ ва эҷод карда, табаиъят аз китоби Худо ба унвони ресмоне аз Худо ва итрари Паёмбар ба унвони ресмоне аз мардум аст ки муҷиби яқин мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿ضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ الذِّلَّةُ أَيْنَ مَا ثُقِفُوا إِلَّا بِحَبْلٍ مِنَ اللَّهِ وَحَبْلٍ مِنَ النَّاسِ وَبَاءُوا بِغَضَبٍ مِنَ اللَّهِ وَضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ الْمَسْكَنَةُ﴾;[3] <<Зиллат бар онон фурудояд ҳар ҷо ки ёфт шаванд магар назди ресмоне аз Худо ва ресмоне аз мардум ва ба хашме аз Худо дучор оянд ва бечизӣ бар онон фуруд оянд>>! Оре, бе ҳеҷ гумоне мабнои Ислом ин будааст, на табаъият аз Қуръон ва ҳадис ки муҷиби яқин намешавад; Чароки ҳуҷҷияти Қуръон ва итрати Паёмбар ﷺ, мубтанӣ бар хабарӣ воҳид нест, бал мубтанӣ бар хабарӣ мутавотир аст ки шумори фаровоне дар ҳар табақа онро ривоят кардаанд ва чунин хабаре бар хилофи

1. Фуссилат/ 42.
2. Аъроф/ 181.
3. Оли Имрон/ 112.

хабари воҳид, муҷиби яқин мешавад. Аз инҷо диниста мешавад ки ҳадис, ҳамвора ҷойгузине бар итрати Паёмбар ﷺ будааст то адами мурочиъаи мусалмонон ба ононро ҷуброн кунад; Зеро нодурустии назари гурӯҳе аз саҳоба ки китоби Худоро пас аз он Ҳазрат кофӣ медонистанд, ба суръат барои мусалмонон ошкор шуд, вале дурустии назари гурӯҳӣ дигар аз саҳоба ки аҳли байти Паёмбар ﷺ ро дар канори китоби Худо зарурӣ медонистанд, ҳанӯз барои онон ошкор нашудааст; Чароки мавонеъи шинохт хусусан таблиғоти ҳокимони золим ва тақлиди пешиниён, маҷоли ошкор шудани онро барояшон надодааст. Аз ин рӯ, онон назари севвумеро эҳдос намудаанд ва ба ҳадис рӯй овардаанд то бо такя бар он дар канори китоби Худо, ниёзҳои худро бароварда созанд; Дар ҳоле ки мусалламан ҳадис, ба унвони хабарӣ ғайри яқинӣ, бо китоби Худо синхияте надорад ва наметавонад дар радифи он воқеъ шавад; Чароки китоби Худо яқинӣ аст ва ғайри яқинӣ дар арзи яқинӣ қарор намегирад. Танҳо халифаи Худованд аз аҳли байти Паёмбар аст ки ба иқтизои таҳораташ аз ҳар гуна нопокӣ мутобиқи бо Қуръон ва адами ифтироқаш аз Қуръон то рӯзи қиёмат мутобиқи бо ҳадиси мутавотир, салоҳияти онро дорад ки қарини Қуръон воқеъ шавад ва рӯшан аст ки руҷӯъи мустақим ба ӯ мумкин ва монанди руҷӯъи мустақим ба Расули Худо ﷺ муҷиби яқин ба ақида ва амали Исломӣ аст.

Аз инҷо диниста мешавад ки Худованди одил ва меҳрубон, имкони яқин ба ақида ва амали Исломӣ ва расидани ба ваҳдат дар динро танҳо ба асҳоби Паёмбараш ато нафармуда, балки ба ҳамаи мусалмонон то рӯзи қиёмат арзонӣ доштааст то ҳеҷ насле аз онон бар Ӯ ҳуҷҷате надошта бошад ва натавонад узр оварад ки агар мо Паёмбарро дарк мекардем, дар бораи ақойид ва аъмоли худ ба яқин мерасидем ва дар миёни худ ихтилоф намекардем; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَأَقْسَمُوا بِاللَّهِ جَهْدَ أَيْمَانِهِمْ لَئِنْ جَاءَهُمْ نَذِيرٌ لَيَكُونُنَّ أَهْدَىٰ مِنْ إِحْدَى الْأُمَمِ ۖ فَلَمَّا جَاءَهُمْ نَذِيرٌ مَا زَادَهُمْ إِلَّا نُفُورًا﴾;[1] <<Ва ба Худованд бо сахттарин савгандҳошон қасам хӯрданд ки агар ононро бимдиҳандае меомад ҳатман аз ҳамаи умматҳо ҳидоят ёфтатар мебуданд; Пас чун ононро бимдиҳандае омад, ҷуз бар нафраташон наяфзуд>>! Ҳамчунонки онон ки Паёмбарро дарк

1. Фотир/ 42.

намуданд, монанди инон дар бораи ақойид ва аъмоли худ ба яқин нарасиданд ва дар миёни худ ихтилоф карданд то аввал ва охири ин уммат бо ҳам баробар бошад. Ба ҳар ҳол, адолати Худованд иқтизо мекунад, ҳамаи имконоти лозим барои расидан ба яқин ки барои насли аввал қарор додаро барои наслҳои пасин низ қарор диҳад то ҳамагон аз ин ҳайс бо ҳам баробар бошанд ва бартарии онон аз якдигар маълум шавад; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّمَا أَنْتَ مُنْذِرٌ ۖ وَلِكُلِّ قَوْمٍ هَادٍ﴾;[1] <<Чуз ин нест ки ту танҳо бимдиҳандае ҳастӣ ва барои ҳар қавме роҳнамое ҳаст>>! Ин ба маънои он аст ки дар ҳар насле аз мусалмонон, роҳнамоӣ зинда вуҷуд дорад ки Худованд ӯро гумошта ва Паёмбараш аз ӯ хабар дода ва табъан қавл ва феъли ӯ кошиф аз қавл ва феъли Худованд ва Паёмбари Ӯст ва вазифаи ҳар мусалмоне, шинохти ӯ аз тариқи нас ва оят ва руҷӯъ ба ӯ дар канори китоби Худованд аст ва бо ин васф, ақида ва амале ки мубтанӣ бар ин кор нест, агар чи мубтанӣ бар ривоёт бошад, пазируфта нест; Магар ривоёте ки мутавотир бошанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки ривоёти мутавотир, ақлан муҷиби яқин ҳастанд ва яқин метавонад мабнои ақида ва амали мусалмон воқеъ шавад; Ё ривоёте ки аз роҳнамоӣ зиндаҳ барои мусалмононе дар замони ӯ нақл шаванд ҳаргоҳ дар адами дастрасӣ ба ӯ муқассир набошанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки ривоёти роҳнамои зинда, ҳаргоҳ бар хилофи воқеъ бошанд, одатан тавассути ӯ шиносоӣ ва тасҳиҳ мешавад; Чароки дурӯғ бастан бар зиндагон, кори содае нест ва ба содагӣ қобили шиносоӣ ва тасҳиҳ тавассути онон аст; Бар хилофи ривоёти раҳнамоёни даргузашта ки имкон шиносоӣ ва тасҳиҳи онҳо барояшон нест. Ин аст ки Худованд инзори Паёмбарро мунҳасир ба аҳли замонаш шумурда ва фармудааст: ﴿لِيُنْذِرَ مَنْ كَانَ حَيًّا وَيَحِقَّ الْقَوْلُ عَلَى الْكَافِرِينَ﴾;[2] <<То касонеро бим диҳад ки зинда ҳастанд ва суханро бар кофирон рост гардонад>>; Ба ин маъно ки вазифаи бим диҳанда, бим додани касоне аст ки дар замони ӯ зинда ҳастанд ва бим додани ояндагон, вазифаи ӯ нест; Чароки дар суннати Худованд, ояндагон бим диҳандаи зинда барои худ хоҳанд дошт ки бим додани онон вазифаи ӯст то мутаносиб бо

1. Раъд/ 7.
2. Ёсин/ 70.

ниёзашон дар замони худ, ононро бим диҳад. Аз инҷо дониста мешавад ки агар касе роҳнамои гузаштаеро бишиносад, вале роҳнамои замони худро нашносад, ақойид ва аъмоли ӯ бар пояи аҳодисе ки аз роҳнамои гузашта барои ӯ ривоят шудааст, муҷзӣ нест; Чароки чорае аз руҷӯъ ба роҳнамои замон вуҷуд надорад; Бо таваҷҷуҳ ба инки агар чорае аз он вуҷуд дошт, қарор додани роҳнамои замон зарурате надошт, дар ҳоле ки кори беҳуда аз Худованд муҳол аст. Бо ин васф, адами дастрасӣ ба роҳнамои замон низ дар сурате ки барои мусалмонон пеш омада бошад, қаҳран ношӣ аз тақсири онон дар шинохт ё ҳифозати ӯ будааст ва бо ин васф, рӯшан аст ки узре барои онон дар ахзи ба ривоёти заннӣ шумурда намешавад; Зеро бо таваҷҷуҳ ба иқдом ва тақсири онон, мумкин аст ки таҳсили яқин бароияшон бо дастрасӣ ба роҳнамои замонашон, мумкин набошад ва дар айни ҳол, ахзи ба ривоёти заннӣ бараяшон ҷойиз набошад; Бо таваҷҷуҳ ба инки вуҷуди мандуҳа[1] барои онон дар чунин мавриде, воҷиб нест ва махмасаи ҳосил аз он, ба Худованд нисбат дода намешавад то бо лутфи Ӯ мунофот дошта бошад.

Ҳосил онки ҳадис ба маънои хабари воҳид, агар чи дар истилоҳ саҳиҳ шумурда шавад, арзиши динӣ надорад ва монанди раъй аз манобеъи Ислом нест ва ақида ва амале ки бар пояи он шакл мегирад, соқит аст ва мабнои тадаюн, руҷӯъи мустақим ба китоби Худо ва роҳнамои зиндае аст ки барои мардум гумошта; Чунонки фармудааст: ﴿فَإِمَّا يَأْتِيَنَّكُم مِّنِّي هُدًى فَمَن تَبِعَ هُدَايَ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ﴾;[2] <<Пас ҳаргоҳ ки шуморо аз ҷониби Ман роҳнамое омад, пас ҳар кас ки аз роҳнамои Ман табаъият кунад на биме бар онон хоҳад буд ва на андуҳнок хоҳанд шуд>> Ва фармудааст: ﴿فَإِمَّا يَأْتِيَنَّكُم مِّنِّي هُدًى فَمَنِ اتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشْقَىٰ﴾;[3] <<Пас ҳаргоҳ ки шуморо аз ҷониби Ман роҳнамое омад, пас ҳар кас ки аз роҳнамои Ман табаъият кунад на гумроҳ мешавад ва на бадбахт>> Ва албатта руҷӯъи мустақим ба ин раҳнамо, руҷӯъи ғайри мустақим ба Расули Худо ﷺ шумурда мешавад; Чароки ӯ баёнгари суннати Расули Худо ﷺ аст ва бо ин васф, руҷӯъи мусалмонон, ҳамвора ба

1. [Роҳи чора ва гурез].
2. Бақара/ 38.
3. Тоҳо/ 123.

китоби Худо ва суннати Расули Худо ﷺ аз рӯӣ яқин хоҳад буд ва занн, баҳамдулиллоҳи ва миннатиҳ, ҷойе дар Ислом надорад.

### 5. Пайдойиши мазоҳиб ва рақобати онҳо бо якдигар

Яке дигар аз асбоби адами иқомаи Ислом пас аз Расули Худо ﷺ, пайдойиши мазоҳиби гуногун ва рақобати бархе аз онҳо бо бархӣ дигар буд; Зеро ду дастагии мусалмонон дар замони Расули Худо ﷺ ки ба сабаби ҳузури он Ҳазрат то ҳадди зиёде пинҳон буд, било фосила пас аз он Ҳазрат ошкор шуд ва бо шитоби фаровоне, умқ ва густариш ёфт; То ҷойе ки дар замони Абубакр ва Умар, ду ҷарёни мутаъоризи фикриро бо такя бар ихтилофи назари асҳоби Расули Худо ﷺ дар бораи ҷонишинӣ он Ҳазрат ба вуҷуд овард ва дар баробари якдигар қарор дод ки ба зуди <<Шиъа>> ва <<Суннӣ>> номида шуданд. Бегумон ин нахустин ифтироқи мусалмонон дар торихи Ислом буд ки бар пояи ихтилофи назари онон дар бораи авлавият ё адами авлавияти хонадони Расули Худо ﷺ барои хилофат ва дар қолиби ду мазҳаб шиъа ва суннӣ рӯй намуд ва аз онҷо ки бо иқболи баланд ва бартарии сиёсӣ аносурӣ суннӣ ҳамроҳ буд, ба ғалабаи ақойид ва аъмоли суннӣ бар мусалмонон мунҷар шуд ва мазҳаби шиъаро ки баъдҳо тавассути ҳокимони суннӣ барои таҳқир <<Рафз>> номида шуд, ба ҳошия ронд ва ба унвони мазҳабӣ ғайри расмӣ ва ғайри қонунӣ, дар инҳисори ақаллият қарор дод. Ин дар воқеъ оғози раванди ду дастагӣ дар миёни мусалмонон буд; Зеро ду дастагии онон, ба далили фиқдони Расули Худо ﷺ ки танҳо зомини якпорчагии онон буд ва низ коҳиши илтизоми онон ба Ислом пас аз он Ҳазрат, ҳамчунон умқ ва густариши бештаре пайдо кард, то онки дар замони Усмон ибни Аффон ва Алӣ ибни абӣ Толиб, ду ҷараёни бузурги Умавӣ ва Ҳошимиро ки қабл аз Ислом бо ҳам рақобат доштанд ва дар замони Расули Худо ﷺ аз куфр ва Ислом намояндагӣ мекарданд, бори дигар дар баробари якдигар қарор дод. Ҷараёни Ҳошимӣ, бо таваҷҷуҳ ба таъаллуқаш ба банӣ Ҳошим хонадони Расули Худо ﷺ, аз Алӣ ибни абӣ Толиб ва рӯйкарди шиъӣ ҳимоят мекард ва ҷараёни Умавӣ, бо таваҷҷуҳ ба таъаллуқаш ба банӣ Умая ва рақобаташ бо хонадони Расули Худо ﷺ, аз Усмон

ибни Аффон ва рӯйкарди суннӣ ҳимоят мекард. Ин тақобул ки барои ҷараёни Умавӣ мубтанӣ бар асабият буд ва барои ҷараёни Ҳошимӣ пеш аз онки қабилагӣ бошад, динӣ буд, аз ҳамон оғоз, мучиби ду қутбӣ шудани ҷараёнҳои Исломӣ ва мунозиъоти хунин дар миёни мусалмонони вобаста ба ду қутб шуд. Ҳар чанд дар ин миён, ҷараёни хавориҷ як истисно буд ки ба ҳеҷ як аз ду қутб вобастагӣ надошт ва бо банӣ Умая ва банӣ Ҳошим ба як андоза мухолиф буд, вале ҷуз онҳо ба сахтӣ метавон ҷараёнеро дар миёни мусалмонон ёфт ки дониста ё нодониста, ба яке аз ду ҷараён Умавӣ ва Ҳошимӣ, вобастагӣ надошта бошад. Бинобарин, мунозиъаи банӣ Умая ва банӣ Ҳошим, обишхури аслии ҳамаи ҷараёнҳои Исломӣ ва бузургтарин омили ду қутбӣ шудани мусалмонон аз оғоз то кунун будааст; Чунонки гӯйи Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿هَٰذَانِ خَصْمَانِ اخْتَصَمُوا فِي رَبِّهِمْ﴾;[1] <<Инон ду хасманд ки дар бораи Парвардигорашон хусумат карданд>>; Чароки онон чи пеш аз Ислом ва чи пас аз он, бо якдигар хусумат доштаанд ва мавзӯъи ин хусумат, дасти кам баъд аз беъсати Расули Худо ﷺ, ҷоҳилият ва Ислом будааст; Ба ин тартиб ки банӣ Умая, навъан мудофеъи фарҳанг ва суннатҳои ҷоҳилии Араб будааст ва банӣ Ҳошим навъан мудофеъи фарҳанг ва суннатҳои Исломӣ ва дар ин миён, чизе ки торихи Исломро тағйир дода ва сарнавишти мусалмононро рақам зада, пирузии ҷараёни Умавӣ бар ҷараёни Ҳошимӣ будааст; Чароки Умавиён, ба сабаби русухи фарҳанги ҷоҳилӣ ва фиқдони тарбияи Исломияшон, аз як сӯ тақаюди чандоне ба мақосид ва маноҳиҷи Исломӣ надоштанд ва аз сӯи дигар ҳимояти тоза мусалмононеро бо худ доштанд ки ҳанӯз бо Ислом ошноии кофӣ надоштанд ва ба ҷоҳилияти пешинашон гароиш доштанд ва дар айни ҳол, тозанафас ва пурангеза буданд; Дар ҳоле ки Ҳошимиён, ба сабаби русухи фарҳанги Исломӣ ба дунболи солҳо иртиботи наздикашон бо Паёмбар ﷺ, бо ташаддуди хоссе ба мақосид ва маноҳиҷи Исломӣ пойбанд буданд ва тавссути мусалмононӣ бособиқа аз муҳоҷирон ва ансор ҳимоят мешуданд ки албатта дар гузори замон, неру ва ангезаи худро аз даст дода буданд ва хаста

1. Ҳаҷ/ 19.

ба назар мерасиданд ва тамоюле ба мунозиъа надоштанд. Аз ин рӯ, дере напойид ки Ҳошимиён, дар замони Ҳасан ибни Алӣ, пас аз онки ҳимояти мусалмононро ба наҳви ноумедкунанда аз даст доданд, идомаи рақобатро номумкин ёфтанд, ва ногузир майдонро ба Умавиён вогузоштанд. Ин оғози сийтараи комили Умавиён бар мусалмонон буд ки фоҷеаъи ҳувлнок барои Ислом шумурда мешуд; Зеро Умавиён, вопасин гуруҳе буданд ки Ислом оварда буданд, балки навъан то маҷбур нашуда буданд Ислом наёварда буданд ва аз ин рӯ, собиқаи бештарин душманӣ бо он ва камтарин фарогирӣ аз онро доштанд ва табиъатан бо ин авсоф, наметавонистанд муҷриёни муносибе барои он бошанд. Аз ин рӯ, ба маҳзи истилоъи комил бар мусалмонон, бахшҳое аз Исломро ба суди худ тағйир доданд ва бахшҳое аз фарҳанги ҷоҳилиро ҷойгузини он сохтанд ва ҳар кас аз мусалмонони бособиқа ки монеъ аз ин кори онон будро куштанд ва ба ин тартиб, дигаронро хоста ё нохоста, ба табаъият аз хеш водоштанд. Ба илова, онон дар нахустин иқдоми хеш баъд аз даст ёфтан ба қудрат, кӯшиданд ки интиқоми хешро аз банӣ Ҳошим бигиранд ва ононро ба унвони танҳо рақибашон барои ҳамеша аз миён бардоранд. Аз ин рӯ, саркӯби ононро бо ниҳояти қасоват ва хушунат, оғоз карданд ва бо зиёдаравӣ дар қатл ва ҳабс, заминро бар онон ва дӯстдоронашон танг сохтанд. Инҷо буд ки банӣ Ҳошим, бо онки наздиктарин хонадон ба Паёмбар ва вафодортарин гурӯҳ ба Ислом буданд, мунзавӣ гардиданд ва дӯстдоронашон ки навъан мусалмононӣ мустазъаф ва мутаъаҳҳид ба Ислом буданд, ба фитна афтоданд, то ҷойе ки ҳатто дар хонаҳои худ амният надоштанд ва аз ҳамсар ва ҳамсояи худ метарсиданд; Чароки дар ҳукумати Умавиён, дӯст доштани банӣ Ҳошим, ҷурмӣ нобахшуданӣ маҳсуб мешуд ва ба сурати хос, дӯст доштани Алӣ ибни абӣ Толиб, ҳадар кунандаи ҷон ва мол ва обурӯ буд. Ба илова, Умавиён мусаммам буданд ки душманӣ бо хонадони Паёмбар ﷺ ро ба фарҳангӣ умумӣ дар миёни мусалмонон ва745 меросӣ фарҳангӣ барои ояндагон табдил кунанд то ҳокимиятӣ худро барои ҳамеша дар баробари онон бима намоянд. Аз ин рӯ, тахриби онон ва тавҷеҳи худро дар дастури кори қарор доданд ва барои ин манзур, аз ровиёни ҳадис ва олимони вобаста ба худ, ёрӣ

гирифтанд. Ба ин тартиб, бо фармони Умавиён, аҳодиси бисёре дар мазаммати хонадони Паёмбар ё дар тақобул бо фазоъили онон чаъл шуд ва бар сари забонҳо афтод, балки саб ва лаъни Алӣ ибни абӣ Толиб ва фарзандони ӯ, ба расмӣ ройиҷ дар миёни мусалмонон хусусан дар хутбаҳои намози ҷумъа табдил гардид ва дар макотиб ба унвони расмӣ Исломӣ, ба атфоли мусалмонон таълим дода шуд; То ҷойе ки атфоли мусалмонон, бо буғзи хонадони Паёмбар ва пайравонашон калон шуданд ва Исломро дар макотиби Умавиён ва пайравонашон фаро гирифтанд ва ба ин тартиб, ба гумроҳии дур ва каҷфаҳмии амиқе гирифтор омаданд, дар ҳоле ки мепиндоштанд ҳидоят ёфтаанд ва кори хубе анҷом медиҳанд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿إِنَّهُمُ اتَّخَذُوا الشَّيَاطِينَ أَوْلِيَاءَ مِنْ دُونِ اللَّهِ وَيَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ مُهْتَدُونَ﴾;[1] <<Ҳроина онон шаётинро сарпарастоне ҷуз Худованд гирифтанд, дар ҳоле ки мепиндоштанд ҳидоят ёфтаанд>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ هَلْ نُنَبِّئُكُمْ بِالْأَخْسَرِينَ أَعْمَالًا؛ الَّذِينَ ضَلَّ سَعْيُهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَهُمْ يَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ يُحْسِنُونَ صُنْعًا﴾;[2] <<Бигӯ оё шуморо ба зиёнкортаринҳо дар амал хабар бидиҳем?! Касоне ки талошашон дар зиндагӣ дунё бар гумроҳӣ буд, дар ҳоле ки мепиндоштанд кори хубе анҷом медиҳанд>>!

Аз ин ҷо дониста мешавад ки бахши қобили таваҷҷуҳе аз ақойид ва аъмоли мусалмонон аз садаи якуми ҳиҷрӣ то кунун, на аз китоби Худо ва суннати ҳақиқии Паёмбарш, балки аз илқоъоти Умавиён дар садаи якум ва дуввуми ҳиҷрӣ нашъат гирифта ва дар гузари замон, бо кӯмаки ҷоъилони ҳадис ва олимони вобаста ба ҷараёни Умавӣ, тавҷиҳоти Исломӣ ёфта ва ба ақойид ва аъмоли расмӣ миёни мусалмонон табдил шудааст; Зеро бештари касоне ки ба унвони салаф ё ровиёни нахустини суннат, маъхази ақойид ва аҳкоми мусалмонон дар қарнҳои баъдӣ талаққи шуданд, ошкоро вобаста ба Умавиён ва таҳти ҳимоят ва мудирияти онон буданд ва ҳатто баъзан маносиби ҳукуматӣ доштанд ва дар изои хадамоти худ, ҷавоъиз ва атоёӣ ононро дарёфт мекарданд. Чунонки ба унвони намуна, касоне чун Амр ибни Ос (д.43қ), Абу Мӯсо Ашъарӣ (д.52қ), Муғайрат ибни Шӯъба (д.58қ), Абу Ҳурайра (д.59қ),

1. Аъроф/ 30.
2. Каҳф/ 103 ва 104.

Самурат ибни Ҷундаб (д.60қ), Нӯъмон ибни Башир (д.64қ), Умар ибни Саъд (д.67қ), Ҳасийн ибни Нумайр (д.67қ), Абдуллоҳ ибни Умар (д.73қ), Асвад ибни Язид (д.75қ), Бусир ибни Артот (д.86қ), Урват ибни Зубайр (д.94қ), Абубардаҳ ибни абӣ Мӯсо (д.103қ), Муҳаммад ибни Шаҳоби Зуҳрӣ (д.124қ), Абдулмолик ибни Умайр (д.136қ), Ҳариз ибни Усмон (д.163қ) ва бисёрӣ дигар, ошкоро дар хидмати Умавиён қарор доштанд ва ба адовати шадид бо банӣ Ҳошим шинохта буданд ва бо ин вуҷуд, мавриди вусуқи аҳли ҳадис ва касоне монанди Бухорӣ (д.256қ) ва Муслим (д.261қ) қарор гирифтанд. Шумори андаке аз онон низ ки аз ҳамкорӣ бо ҳокимон ва душманӣ бо хонадони Расули Худо ﷺ худдорӣ мекарданд, ё зиндонӣ ва ё кушта мешуданд ва аҷиб онки мавриди эърози аҳли ҳадис қарор мегирифтанд; Монанди Абу Ҳанифа (д.150қ) ки ҳозир ба қабули мансаби қазоват нашуд ва бо хонадони Расули Худо ﷺ муровидат дошт ва ба ҳамин сабаб, ба зиндон афтод ва тавассути аҳли ҳадис, ба куфр ва залолат муттаҳам шуд.[1] Сарфи назар аз ин шумори андак ки албатта ба сабаби эърози аҳли ҳадис, маҷоли чандоне барои ривоёт надоштанд, бештари ровиёни мусалмон ки маъахази ақойид ва аҳкоми Исломӣ шуданд, вобастагон ба ҷараёни Умавӣ буданд ва изҳори хилоф бо онро ҷойиз намедонистанд. Бо ин васф, рӯшан аст ки чунин касоне ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонистанд маъахизи қобили эътимоде барои мусалмонони баъдӣ бошанд; Зеро ба далили вобастагӣ ё тарсашон, бисёр душвор буд ки битавонанд абъодӣ аз Исломро ки дар тазод бо манофеъи ҳокимони Умавӣ буд, ба онон мунтақил кунанд. Бо ин васф, ҳусни занн ба чунин касоне бо вуҷуди ангезаҳои фаровон барои кетмон ё таҳрифи ҳақ тавассути онон, оқилона нест, балки ба таври ҳатм мисдоқе аз сафоҳат аст. Ҳар чанд гӯё бисёрӣ аз мусалмонон, амдан баное бар ин худфиребӣ доранд ва мепиндоранд ки мукаллаф ба табраъаи наслҳои нахустин аз ҳар гуна иштибоҳ агар чи бо баҳарагирӣ аз дурӯғ ҳастанд, дар ҳоле ки мусалламан худфиребӣ ва дурӯғ,

1. Барои огоҳи аз тӯҳматҳо ва тавҳинҳои аҳли ҳадис ба ӯ, нигоҳ кун ба: Бухорӣ, Ал-Тарихул кабир, ҷ8, с81; Нисой, Ал-Зуафоъул матрукин, с270; Зуаъфоул Ақилӣ, ҷ4, с280 то 285; Абу Наиъми Исбаҳонӣ, Ал-Зуафоъ, с154; Хатиби Бағдодӣ, Тарихи Бағдод, ҷ13, с394 то 423.

ҷойе дар Ислом надорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يُخَادِعُونَ اللَّهَ وَالَّذِينَ آمَنُوا وَمَا يَخْدَعُونَ إِلَّا أَنْفُسَهُمْ وَمَا يَشْعُرُونَ﴾;[1] <<Бо Худованд ва касоне ки имон овroutesанд фиреб мекунанд, дар ҳоле ки ҷуз худашонро фиреб намедиҳанд ва намефаҳманд>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّمَا يَفْتَرِي الْكَذِبَ الَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِآيَاتِ اللَّهِ ۖ وَأُولَٰئِكَ هُمُ الْكَاذِبُونَ﴾;[2] <<Танҳо касоне дурӯғ мебанданд ки ба нишонаҳои Худованд имон надоранд ва онон ҳастанд ки дурӯғгӯёнанд>>! Бал дар ин миён, ниҳояти таколифе ки аз ақл ва шаръ қобили истифода аст, эҳтиром ба мусалмонони нахустин монанди эҳтиром ба падар ва модар аст на табраъаи онон аз ҳар иштибоҳе ки муртакиб шудаанд; Зеро таваҷҷуҳ ба иштибоҳоти падар ва модар, мусталзими беэҳтиромӣ ба онҳо нест; Балки метавон аз онҳо ба сабаби иштибоҳоташон интиқод кард, беонки ба онҳо беэҳтиромӣ намуд; Монанди Иброҳим ﷺ ки аз падараш ба сабаби иштибоҳоти ӯ интиқод кард, беонки ба ӯ беэҳтиромӣ намояд; Чунонки Худованд барои таълими мусалмонон аз ӯ хабар дода ва фармудааст: ﴿إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ يَا أَبَتِ لِمَ تَعْبُدُ مَا لَا يَسْمَعُ وَلَا يُبْصِرُ وَلَا يُغْنِي عَنْكَ شَيْئًا﴾;[3] <<Ҳангоме ки ба падараш гуфт: Эй падари ман! Чаро чизеро мепарастӣ ки намешнавад ва намебинад ва туро аз чизе бениёз намекунад?!>>. Ҳамчунонки эҳтиром гузоштан ба касе, мусталзими итоъати кӯр кӯрона аз ӯ нест ва ба ҳамин далил, Худованд изни ба нофармонии падар ва модарро дода, вале изни ба бе эҳтиромии ононро надода ва фармудааст: ﴿وَإِنْ جَاهَدَاكَ عَلَىٰ أَنْ تُشْرِكَ بِي مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ فَلَا تُطِعْهُمَا ۖ وَصَاحِبْهُمَا فِي الدُّنْيَا مَعْرُوفًا﴾;[4] <<Ва агар он ду бо ту дар кӯшиш шуданд ки ончи ба он илме надориро шарики Ман қарор диҳӣ, аз он ду фармон набар ва дар дунё бо он ду ба некӣ мусоҳиба кун>>! Аз инҷо дониста мешавад ки метавон ба мусалмонони нахустин эҳтиром гузошт ва дар айни ҳол, иштибоҳоти ононро ёдовар шуд ва аз онон дар мавриди он пайравӣ накард.

Ба ҳар ҳол, чи бихоҳем ва чи нахоҳем ва чи бипазирем ва чи напазирем, сохтори кунунии ҷаҳони Ислом ва сафбандиҳои

1. Бақара/ 9.
2. Наҳл/ 105.
3. Марям/ 42.
4. Луқмон/ 15.

мавҷуд дар он, беш аз онки аз сарчашмаи Ислом ва таъолими холис ва комили он ҷӯшида бошад, дар асари ҳукумати Умавиён ва ба дунболи ҳаводиси сиёсии садаҳои нахустини Исломӣ, шакл гирифта ва аз ҷиҳатгирии ҳокимони золим ва инфиъоли олимони мусалмон дар баробари онон ва ҷои холии Ҳошимиён нашъат ёфтааст; То ҷойе ки метавон қироъати расмии кунунӣ аз Исломро хусусан дар ҳавзаи ақойид, як қироъати Умавӣ аз Ислом донист; Қироъате ки дасти кам дар робита бо чанд ва чуни ҳокимияти сиёсӣ, комилан урён ва намоён аст.

Ҳар чанд албатта ин ба он маъно нест ки таъсиргузорӣ бар дидгоҳҳои мусалмонон, ихтисоси ба ҳокимони Умавӣ доштааст; Зеро пас аз ҳокимони Умавӣ, ҳокимони дигаре низ ба қудрат расиданд ки дар шаклгирии нигариши мусалмонон нақши ба сазойе доштанд ва ҷараёнҳои ҷадидеро падид оварданд, вале воқеъ он аст ки ҳокимони Умавӣ, ба далили сейтараяшон дар талиъаи таърихи Ислом ва баҳрагирияшон аз муваҷҷаҳтарин шахсиятҳои мусалмон, амиқтарин ва густардатарин асарро дар фарҳанги мусалмонон ва ҳатто ҳокимони баъд аз худ гузоштанд ва ҳокимони баъд аз онон, хоста ё нохоста, танҳо пайравони онон буданд ва камобеш сиёсатҳои ононро пай гирифтанд. Ин дар ҳоле буд ки нахустин ҳокимони баъд аз онон, банӣ Аббос буданд ки тирае аз банӣ Ҳошим ба шумор мерафтанд ва бо баҳрабардорӣ аз мазлумияти онон, қудратро ба даст гирифтанд, вале бо ин ҳол, онон аз лиҳози фикрӣ, намояндагони ҷараёни Ҳошимӣ набуданд ва ошкоро ба ҷараёни Умавӣ таъаллуқ доштанд ва ба ҳамин далил, имкони онро ёфтанд ки дар миёни мусалмононӣ бо аксарияти Умавӣ, ба салтанат даст ёбанд. Гувоҳи ин воқеъият он аст ки онон низ пас аз расидан ба қудрат, саркӯби сойири Ҳошимиён хусусан Алавиёнро оғоз карданд ва монанди Умавиён, қатл ва ҳабси онон ва дӯстдоронашонро дар дастури кори қарор доданд ва шояд дар бархӣ мавorid, қасоват ва хушунати бештаре ба кор бурданд. Аз ин рӯ, муроди ман аз ҷараёни Умавӣ, танҳо ҷараёни мавҷуд дар миёни ҳокимони Умавӣ нест; Бал ҷараёне аст ки ҳокимони Умавӣ бунёни онро гузоштанд ва ҳокимони баъдӣ, онро бо номҳой дигар идома

доданд ва имрӯз низ тавассути ҳокимонӣ монанди Оли Саъуд, пайгирӣ мешавад. Ба илова, имрӯз як ҷараёни Умавии урён, дар минтақаи Шом ҳамон хостгоҳи Умавиён, бо қиёдати бархӣ аз Оли абӣ Суфиён дар ҳоли шаклгирӣ аст ки эҳёъи ҳукумати аҷдоди худро таҳти унвони хилофати Исломӣ, дунбол мекунад ва бисёрӣ аз мусалмононро бо ин унвон ва ба умеди бозсозии шукуҳи моддӣ даврони онон, ҷазби хеш месозанд то бадин тартиб, сафоройӣ тозаеро дар баробари бозмондае аз хонадони Расули Худо ﷺ анҷом диҳад ва ин ингорароро тақвият намоянд ки мунозиъаи Умавиён бо Ҳошимиёнро поёне нест. Дар ҳоле ки бегумон банӣ Ҳошим гуноҳкор нестанд ки Худованд барои хилофати хеш ононро баргузида ва банӣ Умаяро барнагузидааст; Чароки Худованд беҳтар медонад ки рисолати хешро дар куҷо қарор диҳад ва раҳмати хешро ба чи касоне арзонӣ дорад; Чунонки фармудааст: ﴿اللَّهُ أَعْلَمُ حَيْثُ يَجْعَلُ رِسَالَتَهُ ۗ﴾;[1] Ва фармудааст: ﴿وَاللَّهُ يَخْتَصُّ بِرَحْمَتِهِ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ ذُو الْفَضْلِ الْعَظِيمِ﴾;![2] Ҳамчунонки қабул шудани қурбонии Ҳобил ва қабул нашудани қурбонии Қобил, гуноҳи Ҳобил набуд ки Қобил ӯро душман гирифт ва кушт; Чунонки Худованд барои ибрати мусалмонон, аз он ду хабар дода ва фармудааст: ﴿وَاتْلُ عَلَيْهِمْ نَبَأَ ابْنَيْ آدَمَ بِالْحَقِّ إِذْ قَرَّبَا قُرْبَانًا فَتُقُبِّلَ مِنْ أَحَدِهِمَا وَلَمْ يُتَقَبَّلْ مِنَ الْآخَرِ قَالَ لَأَقْتُلَنَّكَ ۖ قَالَ إِنَّمَا يَتَقَبَّلُ اللَّهُ مِنَ الْمُتَّقِينَ﴾;[3] <<Ва бар онон хабари ду писари Одамро ба ростӣ бихон, ҳангоме ки қурбониеро пеш карданд, пас аз якешон пазируфта шуд ва аз дигарӣ пазируфта нашуд; Гуфт: Ҳароина туро мекушам! Гуфт: Худованд танҳо аз прҳезкорон мепазирад>>! Бо ин васф, мусалмон касе аст ки таслими иродаи Худованд бошад ва дар баробари он чуну чаро накунад ва бо касе ки Ӯ баргузидааст, наситезад; Аз ин рӯ, агар банӣ Умая, даст аз саркашӣ дар баробари Худованд бардоранд ва ба қазои Ӯ дар бораи бародаронашон гардан бигзоранд, барояшон беҳтар аст; Чароки ҳар ду аз дудмони Қурайш ҳастанд ва васл кардани раҳм аз қатъ кардани он беҳтар аст.

Ба ҳар ҳол, акнун бештари мусалмонон, хоста ё нохоста,

1. Анъом/ 124.
2. Бақара/ 105.
3. Моъида/ 27.

пайрави ҷараёни Умавӣ ҳастанд; Зеро дониста ё нодониста, аз мазоҳибе табаъият мекунанд ки бо ҳимоят ва мудирияти Умавиён ё ҳокимони ҳамсӯ бо онон падид омада ё ривоҷ ёфтаанд; Чунонки ба унвони намуна, китоби Молик ки зербанои мазҳаби ӯ қарор гирифт, ба дунболи фармони Умар ибни Абдулазизи Умавӣ (д.101қ) ва зери назари волии ӯ дар мадина Абубакр ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Ҳазм (д.120қ) навишта шуд[1] ва дар замони ҳукумати Аббосиён, мавриди ҳимоят ва таблиғи Мансур (д.158қ) ва Маҳдии Аббосӣ (д.169қ) қарор гирифт[2] ва мазҳаби ибни Ҳанбал, пас аз он эътибор ёфт ки Мутаваккили Аббосӣ (д.247қ) ӯ ва амсолашро ба худ наздик сохт ва таҳти ҳимояти худ қарор дод[3] ва мазҳаби Абу Ҳанифа, пас аз он ба расмият шинохта шуд ки даст аз мавзеъи сиёсии худ мабнӣ бар ҷавози мухолифат бо ҳокимони золим бардошт ва дар илтиқотӣ ошкор, дидгоҳи аҳли ҳадис мабнӣ бар вуҷуби итоъат аз онҳоро ҷойгузини он сохт ва амалан ба василаи Абу Юсуф (д.182қ) шогирди барҷастаи Абу Ҳанифа ки бар хилофи устодаш, риёсати қозъи Аббосиёнро ба ӯҳда гирифт, бо ҳукумати онҳо даромехт[4] ва мазҳаби аҳли ҳадис, пас аз он ривоҷ ёфт ки ҳукумати Аббосӣ аз замони Мутаваккил барои муҳаддисони барҷастае монанди Абубакр ибни абӣ Шейба (д.235қ), Мусаб ибни Абдуллоҳи Зубайрӣ (д.236қ), Усмон ибни абӣ Шейба (д.239қ), Иброҳим ибни Абдуллоҳи Ҳиравӣ (д.244қ), Исҳоқ ибни абӣ Исроъил (д.245қ) ва дигарон, музд ва ҷоъиза таъйин кард ва аз онон хост ки аҳодиси мавриди ризояти ононро

1. Нигоҳ кун ба: Ибни Саъд, Ал-Табақотул кубро, ҷ2, с387 ва ҷ 8, с480; Сунанул Дорамӣ, ҷ1, с126; Саҳеҳул Бухорӣ, ҷ1, с33; Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул фосил, с373; Байҳақӣ, Маърифатул сунанил вал осор, ҷ6, с389.

2. Нигоҳ кун ба: Табарӣ, Ал-Мунтахаб мин зайлил музил мин торихул саҳоба вал тобеъин, с143 ва 144; Ибни Абдурл Бир, Ал-Интиқоъу фий фазоиълил салосатил аиматил фуқаҳоъ, с40 ва 41; Ҳаму, Ҷомеъул баёнил илми ва фазлеҳ, ҷ1, с132; Заҳабӣ, Сияру аъломин нуболоъ, ҷ8, с61, 78, 79, ва 111.

3. Нигоҳ кун ба: Заҳабӣ, Торихул Ислом, ҷ18, с196; Ҳаму, Сияру аъломин нуболоъ, ҷ12, с31; Ҳаму, Ал-Ибару фий хабари ман ғабар, ҷ1, с413; Сафдӣ, Ал-Вофӣ бил вафаёт, ҷ11, с101; Катбӣ, Фавотул вафаёт, ҷ1, с289.

4. Ибни Абдул Бир, Ал-Интиқоъу фий фазоъили салосатил аиматил фуқаҳо, с173; Ибни Хулакон, Вафаётул аъён, ҷ6, с379; Хатиби Бағдодӣ, Ториху Бағдод, ҷ14, с245; Ибни Ҷувзӣ, Ал-Мунтазам, ҷ9, с72.

ривоят кунанд.[1] Нагуфта пайдост ки ҳамаи ин мазоҳиб, қатъи назар аз ҳусни ният ва иҷтиҳоди илмии пешвоённашон, дар асли эътиқод ба машрӯъияти ҷараёни Умавӣ ва адами эътино ба ҷараёни Ҳошимӣ иштирок доранд ва ҳамин иллати бархурдории онҳо аз ҳимояти ҳокимони золим дар тӯли беш аз ҳазор соли гузашта буда; Ҳимояте ки тавонистааст бо истифода аз қаҳр ва ғалаба ва таблиғоти густарда, тасаввури инсидоди боби иҷтиҳод ва лузуми тақлид аз яке аз мазоҳиби чаҳоргонаро дар миёни мусалмонон ривоҷ диҳад ва ба ин тартиб, аз бозгашти Ҳошимиён ба қудрат ва пайдоиши ҷараёнҳои мустақилли Исломӣ, ҷилавгирӣ кунад.

Аз инҷо дониста мешавад ки бозгашт ба Исломи асил ва комил, танҳо пас аз вониҳодани мазоҳиби Умавӣ ва тарки эътимод ба ровиён ва олимони вобаста ба Умавиён ва Аббосиён мумкин аст; Коре ки албатта ҷуз барои хошеъон дар баробари ҳақ ва касоне ки Худованд ононро ҳидоят карда, бисёр душвор аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَإِنَّهَا لَكَبِيرَةٌ إِلَّا عَلَى الْخَاشِعِينَ﴾;[2] <<Ва он ҳароина бузур аст магар бар хошеъон>> Ва фармудааст: ﴿وَإِنْ كَانَتْ لَكَبِيرَةً إِلَّا عَلَى الَّذِينَ هَدَى اللَّهُ﴾;[3] <<Ва он албатта бузург омад магар бар касоне ки Худованд ҳидоят фармуд>>!

### 6. Инҳитоти ахлоқӣ

Яке дигар аз асбоби адами иқомаи Ислом пас аз Расули Худо ﷺ, камранг шудани ахлоқи Исломӣ ва ғалабаи разоъили нафсонӣ дар миёни мусалмонон пас аз он Ҳазрат буд; Чароки бештари онон пас аз он Ҳазрат, бисёрӣ аз омузаҳои ахлоқии Исломро аз ёд бурданд ва ба хислатҳои ҷоҳилии худ дар гузашта бозгаштанд; Чунонки Худованд дар ин бора ба онон ҳушдор дода ва фармудааст: ﴿وَمَا مُحَمَّدٌ إِلَّا رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِنْ قَبْلِهِ الرُّسُلُ ۚ أَفَإِنْ مَاتَ أَوْ قُتِلَ انْقَلَبْتُمْ عَلَى أَعْقَابِكُمْ ۚ وَمَنْ يَنْقَلِبْ عَلَى عَقِبَيْهِ فَلَنْ يَضُرَّ اللَّهَ شَيْئًا ۗ وَسَيَجْزِي اللَّهُ الشَّاكِرِينَ﴾;[4] <<Ва

1. Нигоҳ кун ба: Хатиби Бағдодӣ, Ториху Бағдоди, ҷ10, с68; Ибни Ҷувзӣ, Ал-Мунтазам, ҷ11, с207; Заҳабӣ, Торихул Ислом, ҷ17, с13; Суютӣ, Торихул хулафо, с373.
2. Бақара/ 45.
3. Бақара/ 143.
4. Оли Имрон/ 144.

Муҳаммад ҷуз фиристодае ки пеш аз ӯ фиристодагоне гузаштанд нест; Оё пас агар ӯ бимирад ё кушта шавад шумо ба пушти сари худ боз мегардед?! Дар ҳоле ки ҳар кас ба пушти сари худ бозгардад ҳаргиз ба Худованд зиёне намерасонад ва Худованд шукргузоронро подош хоҳад дод>>!

Разоъилӣ ахлоқӣ монанди дунёгарой, асабият, худраъйӣ, ҳасадварзӣ, кинатувзӣ ва қудратталабӣ, ҳамагӣ хислатҳои ҷоҳилӣ буданд ки пас аз Расули Худо ﷺ ба суръат дар миёни асҳоби он Ҳазрат, падидор шуданд ва ононро ба ихтилоф бо якдигар ва инҳироф аз ҷодаи Ислом водоштанд. Ин таваҳҳуми аҷиб ки ихтилофи асҳоби Расули Худо ﷺ бо якдигар, танҳо бар пояи иҷтиҳоди мутафовити онон дар Ислом буда, бархоста аз тағофулӣ амди дар бораи ҳақоиқи торихӣ аст ва баҳрае аз воқеъият надорад; Чароки мусалламан онон низ бо вуҷуди мусоҳибаташон бо Расули Худо ﷺ, инсонҳои оддӣ ва дар маъразм хато ва нисён буданд ва аз ҳеҷ ҷои шаръ, исмати онон собит намешавад; Балки адами исмати онон бо таваҷҷуҳ ба ихтилофашон бо якдигар, возеҳ аст ва зоҳиран ихтилофе низ миёни мусалмонон дар бораи он нест. Ҳамчунонки адолати ҳамаи онон ҳаргоҳ ба маънои адами фисқи ҳамаи онон бошад, бо зуҳури фисқи бархӣ аз онон ба сабаби иртикоби кабоъири мусаллам ва ғайри қобили таъвиле монанди қатл, бағй, зино, сирқат, қазф, шурби хамр, фирор аз ҷиҳод ва дурӯғ бастан бар Худо ва Паёмбар мунтафӣ аст, то ҷойе ки исрор бар он, мукобира дар баробари маҳсус шумурда мешавад; Ҳамчунонки такзиби суханони Худованд дар бораи онон ва ифтироъ бар Ӯст; Зеро Худованд агар чи бисёрӣ аз ононро ба сабаби корҳои хубашон ситойиш карда, ҳаргиз ҳамаи ононро барои ҳамеша ва ба сурати беқайд ва шарт таъдил накарда ва аз чунин кори номаъқул ва дурӯғи бузурге муназзаҳ буда, балки ошкоро бархӣ аз ононро ба сабаби корҳои бадашон маломат ва тавбих намудааст; Чунонки ба унвони мисол, бархӣ аз ононро гуноҳкороне шумурда ки ба гуноҳони худ иқрор доранд ва корҳои хубро бо корҳои бад

омехтаанд[1] ва аз лағзиши бархӣ аз онон дар асари дастандозии шайтон ва гуноҳоне ки дастҳошон пеш фиристода хабар дода[2] ва бархӣ азононро танҳо дӯстдори дунё дониста[3] ва аз касоне дар миёни онон ёд карда ки ҳар чанд Ислом овардаанд, имон ба дилҳояшон роҳ наёфта[4] ва иртиботи дӯстона ва махфиёнаи бархишон бо душманони Исломро ошкор сохта ва ононро ба сабаби он дар гумроҳӣ дониста[5] ва бархӣ аз ононро ба дурӯғгӯйи барои фирор аз ҷиҳод муттаҳам сохта[6] ва аз касоне дар миёни онон хабар дода ки бар Паёмбар дар бораи атоёяш хӯрда мегирифтанд ва агар ба онон мебахшид аз ӯ хушнуд мешуданд ва агар ба онон намебахшид бар ӯ хашм мегирифтанд[7] ва бархӣ аз ононро касоне шумурда ки он Ҳазратро озор медоданд[8] ва аз вуҷуди мунофиқоне дар миёни онон хабар дода ки танҳо Худованд ононро мешиносад ва Расули Худо ﷺ низ бо онон

1. ﴿وَآخَرُونَ اعْتَرَفُوا بِذُنُوبِهِمْ خَلَطُوا عَمَلًا صَالِحًا وَآخَرَ سَيِّئًا عَسَى اللَّهُ أَنْ يَتُوبَ عَلَيْهِمْ ۚ إِنَّ اللَّهَ غَفُورٌ رَحِيمٌ﴾ (Тавба/ 102) <<Ва дигароне ки ба гуноҳони худ эътироф карданд, корӣ хубро бо корӣ бад омехтанд, шояд ки Худованд тавбаӣ оноро бипазирад; Чароки Худованд омӯзандаӣ меҳрубон аст>>!

2. ﴿إِنَّ الَّذِينَ تَوَلَّوْا مِنْكُمْ يَوْمَ الْتَقَى الْجَمْعَانِ إِنَّمَا اسْتَزَلَّهُمُ الشَّيْطَانُ بِبَعْضِ مَا كَسَبُوا ۖ﴾ (Оли Имрон/ 155) <<Бе гумон касоне аз шумо ки дар рӯзи бархурди ду даста пушт намуданд, ҷуз ин набуд ки шайтон ононро ба сабаси бархӣ аз ончи касб карданд, лағзонид>>!

3. ﴿حَتَّىٰ إِذَا فَشِلْتُمْ وَتَنَازَعْتُمْ فِي الْأَمْرِ وَعَصَيْتُمْ مِنْ بَعْدِ مَا أَرَاكُمْ مَا تُحِبُّونَ ۚ مِنْكُمْ مَنْ يُرِيدُ الدُّنْيَا وَمِنْكُمْ مَنْ يُرِيدُ الْآخِرَةَ ۚ﴾ (Оли Имрон/ 152); <<То он гоҳ ки суст шудед ва дар кор мунозиъа кардед ва нофармони варзидед пас аз онки чизе ки дӯст медоредро нишонатон дод! Аз шумо касоне ҳастанд ки дунёро мехоҳанд ва аз шумо касоне ҳастанд ки охиратро мехоҳанд>>!

4. ﴿قَالَتِ الْأَعْرَابُ آمَنَّا ۖ قُلْ لَمْ تُؤْمِنُوا وَلَٰكِنْ قُولُوا أَسْلَمْنَا وَلَمَّا يَدْخُلِ الْإِيمَانُ فِي قُلُوبِكُمْ ۖ﴾ (Ҳуҷарот/ 14); <<Бодениишинон гуфтанд ки имон овардем; Бигӯ имон наёвардед, вале бигӯянд Ислом овардем; Чароки ҳануз имон ба дилҳотон дохил нашудааст>>!

5. ﴿تُسِرُّونَ إِلَيْهِمْ بِالْمَوَدَّةِ وَأَنَا أَعْلَمُ بِمَا أَخْفَيْتُمْ وَمَا أَعْلَنْتُمْ ۚ وَمَنْ يَفْعَلْهُ مِنْكُمْ فَقَدْ ضَلَّ سَوَاءَ السَّبِيلِ﴾ (Мумтаҳина/ 1); <<Махфиёна бо онон дӯсти меварзед, дар ҳоле ки Ман ба ончи пинҳон ва ончи ошкор кардед оготарам ва ҳар кас аз шумо ки ин корро мекунад, ба ростӣ ки роҳро гум кардааст>>!

6. ﴿وَيَسْتَأْذِنُ فَرِيقٌ مِنْهُمُ النَّبِيَّ يَقُولُونَ إِنَّ بُيُوتَنَا عَوْرَةٌ وَمَا هِيَ بِعَوْرَةٍ ۖ إِنْ يُرِيدُونَ إِلَّا فِرَارًا﴾ (Аҳзоб/ 13); <<Ва гурӯҳе аз онон аз Паёмбар изн мехоҳанд мегуянд ки хонаҳои мо беҳифоз аст, дар ҳоле ки он беҳифоз нест; Онон ҷуз фирорро намехоҳанд>>!

7. ﴿وَمِنْهُمْ مَنْ يَلْمِزُكَ فِي الصَّدَقَاتِ فَإِنْ أُعْطُوا مِنْهَا رَضُوا وَإِنْ لَمْ يُعْطَوْا مِنْهَا إِذَا هُمْ يَسْخَطُونَ﴾ (Тавба/ 58); <<Ва аз онон касоне ҳастанд ки бар ту дар бораи садақот хурда мегиранд; Пас агар аз он дода шаванд хушнуд мешаванд ва агар аз он дода нашаванд он гоҳ хашм мегиранд>>!

8. ﴿وَمِنْهُمُ الَّذِينَ يُؤْذُونَ النَّبِيَّ وَيَقُولُونَ هُوَ أُذُنٌ ۚ قُلْ أُذُنُ خَيْرٍ لَكُمْ يُؤْمِنُ بِاللَّهِ وَيُؤْمِنُ لِلْمُؤْمِنِينَ وَرَحْمَةٌ لِلَّذِينَ آمَنُوا مِنْكُمْ ۚ وَالَّذِينَ يُؤْذُونَ رَسُولَ اللَّهِ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾ (Тавба/ 61); <<Ва аз онон касоне ҳастанд ки Паёмбарро меозоранд ва мегӯянд ки ӯ зуд бовар аст! Бигӯ зудбоварӣ хайре барои шумост ки ба Худованд имон ва ба мӯъминон бовар дорад ва раҳмате барои касоне аз шумост ки имон оварданд ва касоне ки Расули Худоро озор медиҳанд барояшон азобӣ дарднок аст>>!

ошно нест[1] ва аз имкони иртидоди бархӣ аз онон пас аз он Ҳазрат[2] ва вуҷуди зинокорон[3] ва сориқоне[4] дар миёни онон хабар дода ва гурӯҳе аз ононро ба сабаби қазфи ҳамсари он Ҳазрат гуноҳкор дониста ва ваъдаи азобӣ азим дода[5] ва сариҳан бархӣ аз ононро беақл[6] ва бархӣ дигарро фосиқ дониста[7] ва бархӣ аз онон ки ҳамсари он Ҳазрат будандро низ ба нофармонӣ ва ифшои асрори он Ҳазрат ва ҳатто тавтиъа бар зидди ӯ муттаҳам намуда ва ба ҳамсарони Нуҳ ва Лут ташбеҳ карда[8] ва азоби ононро дар сурати анҷоми корӣ зишт, ду баробари дигарон шумурдааст![9] Рӯшан аст ки шинохти асҳоби Расули Худо ﷺ

---

1. ﴿وَمِمَّنْ حَوْلَكُمْ مِنَ الْأَعْرَابِ مُنَافِقُونَ ۖ وَمِنْ أَهْلِ الْمَدِينَةِ ۖ مَرَدُوا عَلَى النِّفَاقِ لَا تَعْلَمُهُمْ ۖ نَحْنُ نَعْلَمُهُمْ ۚ سَنُعَذِّبُهُمْ مَرَّتَيْنِ ثُمَّ يُرَدُّونَ إِلَىٰ عَذَابٍ عَظِيمٍ﴾ (Тавба/ 101); <<Ва аз бодиянишиноне ки пиромуни шумоянд мунофиқоне ҳастанд ва аз аҳли Мадина низ; Бар нифоқ пой фишураданд; Ту ононро намешиносӣ, Мо ононро мешиносем; Ононро ду чандон азоб хоҳим кард сипас ба азобӣ бузург баргардонда мешаванд>>!
2. ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا مَنْ يَرْتَدَّ مِنْكُمْ عَنْ دِينِهِ فَسَوْفَ يَأْتِي اللَّهُ بِقَوْمٍ يُحِبُّهُمْ وَيُحِبُّونَهُ أَذِلَّةٍ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى الْكَافِرِينَ يُجَاهِدُونَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوْمَةَ لَائِمٍ ۚ ذَٰلِكَ فَضْلُ اللَّهِ يُؤْتِيهِ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ﴾ (Моиъда/ 54); <<Эй касоне ки имон овардед! Ҳар кас аз шумо аз дини худ бозгардад ба зуди Худованд гурӯҳеро меоварад ки ононро дӯст медорад ва Ӯро дӯст медоранд бар мӯъминон фурутан ва бар кофирон иззатманданд дар роҳи Худо ҷиҳод мекунанд ва аз маломати маломатгаре намеҳаросанд он фазли Худованд аст ки ба ҳар кас мехоҳад ато мекунад ва Худованд гушояндаи доност>>!
3. ﴿الزَّانِيَةُ وَالزَّانِي فَاجْلِدُوا كُلَّ وَاحِدٍ مِنْهُمَا مِائَةَ جَلْدَةٍ ۖ وَلَا تَأْخُذْكُمْ بِهِمَا رَأْفَةٌ فِي دِينِ اللَّهِ إِنْ كُنْتُمْ تُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ ۖ وَلْيَشْهَدْ عَذَابَهُمَا طَائِفَةٌ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ﴾ (Нур/ 2); <<Зани зинокор ва марди зинокор ҳар якро сад тозиёна бизанед ва шуморо нисбат ба он ду дар дини Худованд раъфате нагирад агар ба Худо ва рӯзи вопасин имон дорид ва бояд азоби он дуро дастаи аз мӯъминон шоҳид бошанд>>!
4. ﴿وَالسَّارِقُ وَالسَّارِقَةُ فَاقْطَعُوا أَيْدِيَهُمَا جَزَاءً بِمَا كَسَبَا نَكَالًا مِنَ اللَّهِ ۗ وَاللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ﴾ (Моиъда/ 38); <<Ва марди дузд ва зани дузд дастонашонро бибурид ба унвони сазои барои ончи касб карданд ва мукофоте аз ҷониби Худованд ва Худованд Азизӣ Ҳаким аст>>!
5. ﴿إِنَّ الَّذِينَ جَاءُوا بِالْإِفْكِ عُصْبَةٌ مِنْكُمْ ۚ لَا تَحْسَبُوهُ شَرًّا لَكُمْ ۖ بَلْ هُوَ خَيْرٌ لَكُمْ ۚ لِكُلِّ امْرِئٍ مِنْهُمْ مَا اكْتَسَبَ مِنَ الْإِثْمِ ۚ وَالَّذِي تَوَلَّىٰ كِبْرَهُ مِنْهُمْ لَهُ عَذَابٌ عَظِيمٌ﴾ (Нур/ 11); <<Ҳароина касоне ки бӯҳтонро оварданд гурӯҳе аз шумо ҳастанд; Онро шаррӣ барои худ напиндорид, балки он хайре барои шумост; Барои ҳар марде аз онон гуноҳе аст ки касб карда ва касе аз онон ки бузургашро бар ӯҳда гирифта барояш азобӣ азим аст>>!
6. ﴿إِنَّ الَّذِينَ يُنَادُونَكَ مِنْ وَرَاءِ الْحُجُرَاتِ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْقِلُونَ﴾ (Ҳуҷурот/ 4); <<Бегумон касоне ки туро аз пушти утоқҳо садо мезананд, бештарашон ақлро ба кор намебаранд>>!
7. ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنْ جَاءَكُمْ فَاسِقٌ بِنَبَإٍ فَتَبَيَّنُوا أَنْ تُصِيبُوا قَوْمًا بِجَهَالَةٍ فَتُصْبِحُوا عَلَىٰ مَا فَعَلْتُمْ نَادِمِينَ﴾ (Ҳуҷурот/ 6); <<Эй касоне ки имон овардид! Агар фосиқе шуморо хабаре овард баррасӣ кунед, мабодо гурӯҳеро аз рӯӣ ҷаҳолат осебе бирасонед ва сипас бар ончи кардид пушаймон шавид>>!
8. ﴿وَإِذْ أَسَرَّ النَّبِيُّ إِلَىٰ بَعْضِ أَزْوَاجِهِ حَدِيثًا فَلَمَّا نَبَّأَتْ بِهِ وَأَظْهَرَهُ اللَّهُ عَلَيْهِ عَرَّفَ بَعْضَهُ وَأَعْرَضَ عَنْ بَعْضٍ ۖ فَلَمَّا نَبَّأَهَا بِهِ قَالَتْ مَنْ أَنْبَأَكَ هَٰذَا ۖ قَالَ نَبَّأَنِيَ الْعَلِيمُ الْخَبِيرُ﴾ (Таҳрим/ 3); <<Ва ҳангоме ки Паёмбар ба бархӣ ҳамсаронаш розеро гуфт! Пас чун онро фош сохт ва Худованд барои ӯ ошкор кард, бархӣ аз онро ба рӯяш овард ва аз бархӣ дигар чашм пӯшид! Он зан гуфт чи касе туро аз ин огоҳ кард?! Гуфт Худои доноӣ бохабар манро огоҳ кард>>!
9. ﴿يَا نِسَاءَ النَّبِيِّ مَنْ يَأْتِ مِنْكُنَّ بِفَاحِشَةٍ مُبَيِّنَةٍ يُضَاعَفْ لَهَا الْعَذَابُ ضِعْفَيْنِ ۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيرًا﴾ (Аҳзоб/ 30); <<Эй занони Паёмбар! Ҳар кас аз шумо ки кори зишти равшане анҷом диҳад азоб барои ӯ ду баробар мешавад ва он бар Худованд осон хоҳад буд>>!

бидуни таваҷҷуҳ ба ин бахш аз суханони Худованд дар бораи онон ва танҳо бо таваҷҷуҳ ба дигаре ки дар ситойиш онон аст, ноқис ва гумроҳ кунанда аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَفَتُؤْمِنُونَ بِبَعْضِ الْكِتَابِ وَتَكْفُرُونَ بِبَعْضٍ ۚ فَمَا جَزَاءُ مَنْ يَفْعَلُ ذَٰلِكَ مِنْكُمْ إِلَّا خِزْيٌ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ۖ وَيَوْمَ الْقِيَامَةِ يُرَدُّونَ إِلَىٰ أَشَدِّ الْعَذَابِ﴾;[1] <<Оё пас ба бахшӣ аз китоб имон меоваред ва ба бахшӣ дигар кофир мешаваед?! Пас сазой касе аз шумо ки ин корро мекунад чист ҷуз хорӣ дар зиндагии дунё ва инки дар рӯзи қиёмат ба ашадди муҷозот боз гардонда шаванд?!>>. Аз инҷо донистa мешавад ки эҳтиром ба асҳоби Расули Худо ﷺ агар чи ба иқтизои хидматашон ба он Ҳазрат, корӣ хуб ва боиста аст, ҳаргиз ба маънои нодида гирифтани бахшӣ аз суханони Худованд ва дурӯғ гуфтан дар бораи онон нест ва рӯшан аст ки эътироф ба хатоҳои онон бо такя бар ақл ва шаръ, беэҳтиромӣ ба онон шумурда намешавад; Бал эҳтиром ба ақл ва шаръ аст ва беэҳтиромӣ ба онон, танҳо сабби онон аст ки ақлан ва шаръан кори зишт ва норавост.

Бар ин асос, метавон гуфт ки бисёрӣ аз асҳоби Расули Худо ﷺ пас аз даргузашти он Ҳазрат, аз лиҳози ахлоқӣ тағйир карданд ва хислатҳои ҷоҳилии худро ҷойгузини хислатҳои Исломии худ сохтанд ва ба ҳамин далил, миёни худ ихтилоф ёфтанд ва молу ҷониу обурӯйи якдигарро ҳалол шумурданд ва улгуҳои бадомузе барои наслҳои пасини Исломӣ шуданд ки ононро пешвоёни хеш қарор доданд.

Ба назар мерасад ончи заминаи ин табаддули ахлоқӣ дар ононро фароҳам сохт, аз як сӯ густариши футуҳоти Исломӣ пас аз Расули Худо ﷺ буд ки ба иртиқоъи сатҳи зиндагии дунёӣ мусалмонон ва ошноияшон бо таҷаммули миллатҳои кофир анҷомид ва аз сӯи дигар, ҳукумати шоҳонаи банӣ Умая буд ки ба ривоҷи дунёгаройӣ ва хислатҳои ҷоҳилӣ доман зад. Ин ду омили номуборак, афзун бар даргузашти шуморе аз асҳоби Расули Худо ﷺ ки ба ахлоқи Исломӣ пойбанд буданд ва аз содазистии он Ҳазрат пайравӣ мекарданд ва низ ривоҷи фисқ ва фуҷури аланӣ дар миёни табақаи ҳоким аз замони Язид ибни Муъовия ибни

1. Бақара/ 85.

абӣ Суфиён, заминаи суқути ахлоқии мусалмононро фароҳам сохт ва тақворо ки муҳимтарин зомини ҳаракати онон дар хатти Ислом ва вафодорияшон ба ормонҳои Расули Худо ﷺ буд, камранг сохт.

Ҳеҷ шакке нест ки тақво ба маънои барҳазар будан аз Худованд ва тарс аз иқоби Ӯ дар охират, беҳтарин омили боздоранда барои каҷравӣ ва каҷандешии мусалмонон аст; Чароки барҳазар будан ва тарс аз иқоби дигарон, табъан наметавонад ҳамешагӣ бошад ва дар ҷойе ки дигаронро илм ё қудрате нест, боздорандагӣ надорад, вале барҳазар будан ва тарс аз иқоби Худованд, ба далили илм ва қудрати ҳамешагии Ӯ, ҳамвора боздоранда аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَتَزَوَّدُوا فَإِنَّ خَيْرَ الزَّادِ التَّقْوَىٰ﴾;[1] <<Ва тӯша баргиред ки беҳтарин тӯша тақвост>> Ва фармудааст: ﴿وَلِبَاسُ التَّقْوَىٰ ذَٰلِكَ خَيْرٌ﴾;[2] <<Ва пӯшиши тақво он беҳтар аст>>! Бо ин васф, метавон гуфт ки фиқдони тақво дар миёни мусалмонон, бо ҳеҷ омили дигаре ҷуброн намешавад ва ҳаргоҳ дар миёни онон, тақво вуҷуд надошта бошад, каҷравӣ ва каҷандешии онон қатъӣ аст ва ин итифоқи баде аст ки афтодааст; Чароки мусалмонон, аз баъди Расули Худо ﷺ то кунун, сайрӣ нузуле дар заминаи тақво доштаанд ва ба мурури замон, охиратгароиро вониҳодаанд ва аз эътинои худ ба биҳишт ва дӯзахт костаанд ва акнун ба ҷойе расидаанд ки дар лаззатталабӣ бо кофирон рақобат мекунанд ва дар гуноҳкорӣ бо онон мусобиқа медиҳанд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿فَخَلَفَ مِنْ بَعْدِهِمْ خَلْفٌ أَضَاعُوا الصَّلَاةَ وَاتَّبَعُوا الشَّهَوَاتِ ۖ فَسَوْفَ يَلْقَوْنَ غَيًّا﴾;[3] <<Он гоҳ пас аз онон ояндагоне омаданд ки намозро зойеъ ва аз шаҳватҳо табаъият карданд; Пас ба зудӣ каҷиро хоҳанд дид>>!

Акнун дар бисёрӣ аз кишварҳои Исломӣ, мафосиди ахлоқӣ густариш ёфта ва бештари мусалмонон хусусан аз табақаи ҷавон, ба ҷилавҳои ошкор аз фаҳшо ва мункар мубтало шудаанд. Ин ба он маъност ки бахши қобили таваҷҷуҳе аз вақт

---

1. Бақара/ 197.
2. Аъроф/ 26.
3. Марям/ 59.

ва нируӣ онон, ба ҷои ислоҳи худ ва ҷомеаъашон, сарфи батолат ва илтизоз мешавад ва илова бар он, ба бемориҳои гуногуни ҷисмӣ ва равонӣ гирифтор мегарданд ки ҳар як, тавоноӣ онон барои дарки Ислом ва иқомаи онро коҳиш медиҳад. Ба унвони намуна, эътиёд ба маводди мухаддир, яке аз паёмадҳои маргбори заъфи ахлоқӣ аст ки дар миёни мусалмонон шуюъ ёфта ва ҳазинаҳои моддӣ ва маънавии ҳангуфтеро ба онон таҳмил намудааст. Ҳамчунонки комҷӯйи ҷинсии афзоргусихта, балоӣ хонумонсӯз аст ки ононро дар синини мухталиф олуда сохта ва тавассути абзорҳои таблиғотии кофирон, ба манзури тазъифи ҳар чи бештари онон, доман зада шудааст. Ҳамчунонки масрафзадагӣ ва таҷаммулгароӣ дар зиндагии дунё, бештари ононро ба инсонҳоӣ камкор ва пуртаваққуъ табдил сохта ва танбалӣ ва фурумоягиро дар миёни онон густариш дода ва саргармиҳои мухталиф дар шабонарӯз, ононро аз таваҷҷуҳ ба масоъили муҳимми зиндагӣ ва пардохтан ба вазоъифи инсонӣ ва Исломишон, боз доштааст. Ҳамчунонки тарбияти ғалат ва ғайри Исломии онон ва иқтизоъоти ҷавомеъи ҷадиди пурфитнаашон, ононро ба инсонҳоӣ дурӯғгӯ ва мутамаллуқ табдил намуда ва садоқат ва сароҳатро дар миёнашон камёб сохта ва табъан эътимод ва ҳусни занни мутақобилро аз миёнашон бардоштааст; Зеро ҳар дурӯғ, ҳуфрае аст ки дар садди эътимоди ҷомеъа ворид мешавад ва ҳар тамаллуқ, офате аст ки ба решаи саломати он латма мерасонад. Ҳамчунонки эҳсоси масуълияти онон нисбат ба якдигар камранг шуда ва амри ба маъруф ва наҳй аз мункар ки муҳимтарин вазифаи Исломии онон дар иртибот бо якдигар аст, ҷои худро ба сукут ва бетафовутӣ додааст; Зеро ҳеҷ як аз онон дӯст намедорад ки дигарӣ дар кори ӯ, ҳар чанд нодуруст бошад, дахолат кунад ва табъан худи ӯ низ дар кори дигарӣ, ҳар чанд нодуруст бошад, дахолат намекунад; То ҷойе ки тазаккури хайрхоҳонаи мусалмонон ба якдигар, фузулӣ дар кори дигарон ва хилофи адаб ва эҳтиром дониста шудааст. Ҳачунонки худхоҳӣ ва инзиво, ба бемории ҳамагире табдил шуда ва танҳоӣ, ҳамагонро бо вуҷуди иртиботашон бо ҳам, фарогирифта ва ба ранҷ андохтааст; Чароки ҳеҷ кас ба дигарӣ эътимоди кофӣ надорад ва касеро ғамхор ва дилсӯзи худ намеёбад. Ба илова, кинатузӣ

ва душманӣ дар миёни мусалмонон бисёр шуда ва муҳаббату гузашт, ба сурати машҳуде коҳиш ёфтааст. Ҳамчунонки эҳсоси шараф ва мардонагӣ, дар миёни онон камранг шуда ва ҷои худро ба зулпазирӣ ва қабули зиллат дода ва тарс аз тағйирро дар миёнашон наҳодина сохтааст.

Ҳеҷ шакке нест ки ҳар як аз ин разоъили ахлоқӣ монанди мавонъи шинохт, осори мустақим ва ғайри мустақими фаровоне бар рӯӣ вазиъяти мусалмонон дорад; Чароки ҷаҳон, низомӣ пайваста ва вобаста ва мубтанӣ бар таъсир ва таъассур аст ва ҳар амале дар он, аксул амалӣ маҳсус ё номаҳсус дорад; То ҷойе ки ҳар гуноҳе, гуноҳои дигареро тасҳил мекунад ва занҷирае аз гуноҳонро падид меоварад ки дар ниҳоят ба инкори ҳақ ва истеҳзоъи он мунтаҳӣ мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿ثُمَّ كَانَ عَاقِبَةَ الَّذِينَ أَسَاءُوا السُّوأَىٰ أَنْ كَذَّبُوا بِآيَاتِ اللَّهِ وَكَانُوا بِهَا يَسْتَهْزِئُونَ﴾;[1] <<Сипас оқибати касоне ки бадӣ дар пай бадӣ карданд ин буд ки оёти Худоро такзиб ва ба он истеҳзо намуданд>>! Чароки гуноҳони пай дар пай, заминаи мусоъид барои шинохти ҳақ ва илтизом ба онро дар нафси одамӣ аз байн мебарад ва тавфиқи лозим барои он аз ҷониби Худовандро салб мекунад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَأَمَّا مَنْ بَخِلَ وَاسْتَغْنَىٰ؛ وَكَذَّبَ بِالْحُسْنَىٰ؛ فَسَنُيَسِّرُهُ لِلْعُسْرَىٰ﴾;[2] <<Ва аммо ҳар кас ки бухл варзад ва худро бениёз шуморад ва некуиро такзиб кунад, ӯро барои сахтӣ тасҳил мекунем>>! Ҳамчунонки тақво ва парҳез аз разоъили ахлоқӣ, заминаи мусоъид барои шинохти ҳақ ва илтизоми ба онро дар нафси одамӣ падид меоварад ва ӯро машмули тавфиқи Илоҳӣ барои он мегардонад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنْ تَتَّقُوا اللَّهَ يَجْعَلْ لَكُمْ فُرْقَانًا﴾;[3] <<Эй касоне ки имон овардид! Агар аз Худованд тақво пеша кунед барои шумо абзори фарқ ниҳодан қарор медиҳад>>!

Ҳосил онки разоъили нафсонӣ монанди дунёгароӣ, асабият, худръаӣ, ҳасадварзӣ, кинатузӣ, қудратталабӣ, комҷӯӣ, фардмеҳварӣ, фурумоягӣ, танбалӣ, тарс ва зулпазирӣ, мавонеъӣ

1. Рум/ 10.
2. Лайл/ 8 то 10.
3. Анфол/ 29.

чиддӣ бар сари роҳи иқомаи Ислом ҳастанд ва табъан ҳар чи сатҳи тақво ва макорими ахлоқӣ дар миёни мусалмонон аз тариқи тазкияи нафсҳои онон иртиқо ёбад, бозгашти онон ба Ислом осонтар хоҳад шуд.

### 7. Мумониъати душманони Ислом

Яке дигар аз асбоби адами иқомаи Ислом ба вежа дар ду қарни охир, мумонеъати душманони Ислом аз иқомаи он будааст; Чароки душманони Ислом, иқомаи онро мусталзими нобудии худ ва доштаҳои худ дар зиндагии дунё мепиндоранд ва ба ҳамин далил, аз ҳеҷ талоше барои ҷилавгирӣ аз он фуругузори намекунанд. Рӯшан аст ки ормони Ислом, адолат аст ва адолат, барои зӯрмандоне ки аз тариқи неруӣ низомӣ ва имконоти таблиғотии худ, миллатҳои озоди ҷаҳонро ба бардагии сиёсӣ ва фарҳангӣ кашидаанд, зиёнбор аст; Чароки ба даврони султаи онон бар ҷаҳон поён медиҳад ва тӯдаҳои мустазъафро бар ҷои онон менишонад; Чунонки Худованд дар ин бора фармудааст: ﴿وَنُرِيدُ أَنْ نَمُنَّ عَلَى الَّذِينَ اسْتُضْعِفُوا فِي الْأَرْضِ وَنَجْعَلَهُمْ أَئِمَّةً وَنَجْعَلَهُمُ الْوَارِثِينَ؛ وَنُمَكِّنَ لَهُمْ فِي الْأَرْضِ وَنُرِيَ فِرْعَوْنَ وَهَامَانَ وَجُنُودَهُمَا مِنْهُمْ مَا كَانُوا يَحْذَرُونَ﴾;[1] <<Ва ирода дорим бар касоне ки дар замин заъиф шумурда шуданд миннат ниҳем ва ононро пешвоёне бисозим ва ворисон қарор диҳем; Ва ононро дар замин мутамаккин гардоним ва ба Фиръавн ва Ҳомон ва лашкариёнашон аз онон чизеро бинамоёним ки аз он метарсиданд>>! Ба илова, адолат барои сармоядороне ки бо тасаллут бар манобеъи ҳаётии ҷаҳон ва дар инҳисор даровардани бозорҳои мамолики мустазъаф, худро сарватмандтар ва онҳоро фақиртар ва вобастатар месозанд, зиёнбор аст; Чароки бо тавзиъи мунсифонаи имконот ва шикастани инҳисорҳои бепоя, аз судҳои беҳисоби онон мекоҳад ва ҳуқуқи табақоти маҳрумро аз онон мегирад ва ба султаи онон бар иқтисоди ҷаҳон, поён медиҳад; Чунонки Худованд дар ин бора фармудааст: ﴿مَا أَفَاءَ اللَّهُ عَلَى رَسُولِهِ مِنْ أَهْلِ الْقُرَى فَلِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِي الْقُرْبَى وَالْيَتَامَى وَالْمَسَاكِينِ وَابْنِ السَّبِيلِ كَيْ لَا يَكُونَ دُولَةً بَيْنَ الْأَغْنِيَاءِ مِنْكُمْ﴾;[2] <<Ончи Худованд аз аҳли сарзаминҳо ба Паёмбари худ бозгардонд, барои Худованд ва барои Паёмбар

1. Қасос/ 5 ва 6.
2. Ҳашр/ 7.

ва барои наздикон ва ятимон ва бечорагон ва дар роҳмондагон аст то чархае дар миёни бениёзони шумо набошад>>! Аз ин рӯ, бештари давлатмардон ва корхонадорон ва бонкдорон ва тоҷирони калон ва моликони маъоден ва чоҳҳои нафт дар ҷаҳон, гаройишҳои зидди Исломӣ доранд ва бо давлатҳо ва ҳаракатҳои Исломгаро, душманӣ меварзанд. Балки бисёрӣ аз онон, бо узвият дар шабакаҳои махфӣ, иттиҳодӣ ғайри расмиро барои ҳифзи манофеъи муштараки худ дар ҷаҳон ва ҷилавгирӣ аз таҳаккуқи ормони Ислом, эҷод кардаанд ва аз ҳар фаъолияти фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ки зиддиятӣ бо Ислом дошта бошад, ҳимоят мекунанд. Дар ин росто, онон ба суратӣ созмонёфта, ҳар касе ки дар гӯшаи аз ҷаҳон, ба наҳвӣ аз анҳоъ дар хидмати аҳдофи онон қарор дорад ва дониста ё нодониста барояшон судмад астро шиносоӣ ва бо худ муртабит мекунанд ва ба ин тартиб, шабакаи худро густардатар ва вобастагони худро бештар месозанд. Донишмандон, нависандагон, мубтакирон, шоъирон, хонандагон, бозигарон, варзишкорон ва ба таври куллӣ, ҳамаи касоне ки метавонанд ба эътибори ташаххус ё шӯҳрати худ, таъсирӣ қобили таваҷҷуҳ бар гурӯҳе аз мардум дошта бошанд, тахти назорати онон қарор мегиранд ва метавонанд дар сурати ҳамсӯйи бо онон, аз ҳимоятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва таблиғотии онон бархурдор шаванд ва ҳатто дар сурати тамоюл, ба узвият дар шабакаҳои махфии онон дароянд; Ҳамчунонки мумкин аст дар сурати адами ҳамсӯйи бо онон, ба мушкилоти фаровоне дучор шаванд ва дастикам дар кори худ ба муваффақияти чандоне даст наёбанд.

Ин комилан табиъӣ аст ки қудратмандон ва сармоядорони бузурги ҷаҳон, худро мувазаф ба посдорӣ аз низоме медонанд ки ононро ба қудрат ва сармоя расондааст; Чароки дар сурати нобудии ин низом, қудрат ва сармояи онон низ нобуд мешавад ва ин ба маънои вобастагии онон ба ин низом аст; Ҳамчунонки дар фароянди мутақобил, ин низом низ ба онон вобастагӣ дорад. Дар ҳоле ки ин низом мубтани бар усулӣ золимона ва ғайри ахлоқӣ аст ва онон низ аз ин воқеъият огоҳӣ доранд ва ба ҳамин далил, барои тавҷиҳи он, мабонии фалсафаи ҷадидеро

пешниҳод мекунанд. Онон медонанд ки ин низоми сиёсӣ ва иқтисодӣ, мубтанӣ бар дурӯғ, ситам ва хӯрдани амволи мардум ба ботил аст, дар ҳоле ки ҳеҷ як аз ин корҳо дар ҳеҷ як аз адёни Илоҳӣ ҷойиз нест. Аз ин рӯ, онон чорае ҷуз нафйӣ адёни Илоҳӣ намеёбанд ва ниҳоятан ба сӯӣ илҳод кашонида мешаванд. Балки бо раво доштани ҷиноёте бар зидди башарият барои расидан ба манофеъӣ шахсӣ, худро бо шайтон ҳамақида ва ҳамкор меёбанд ва ниҳоятан ба шайтонпарастӣ рӯй меоваранд; Чароки дидгоҳи сиёсӣ ва иқтисодии онон, ба рӯшанӣ бо дидгоҳҳои шайтон ҳамоҳангӣ дорад ва табъан бо ин васф, бидуни дифоъ аз дидгоҳои ӯ, қобили дифоъ нест. Ба ин тартиб, касоне аз онон ки умдатан пешинаи динӣ доштаанд, пас аз расидан ба ин марҳала аз туғён, ба тавҷиҳи шайтон мепардозанд ва дар пӯшиши тавҷиҳи ӯ, дар воқеъ худро тавҷиҳ мекунанд. Аз ин рӯ, сардамдорони аслии низоми қудрат ва сармоя, умдатан шайтонпарастоне бо пешинаи яҳудӣ ҳастанд ки гаройишҳои тунди зидди динӣ ва зидди Исломӣ доранд. Ба илова, онон ба далили ошноии таърихӣ бо ҷодугарӣ ки аз фарҳанги қавми яҳуд дар Миср ба ирс бурдаанд, гаройиши хатарноке ба ҷодугарӣ ёфтаанд то бо баҳрагирӣ аз тилисми ҷодугарон, қудрат ва сармояи худро ҳар чи бештар пос доранд ва бияфзоянд. Аҷиб аст ки чунин гаройише, бо онки умдатан дар миёни рустоиёни хурофотӣ ва камбизоъат барои ҳифзи хару гов ва гӯсфандонашон дида мешавад, дар болотарин сутуҳи сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон дар миёни соҳибони бузурги амлок ва сармоя низ ройиҷ аст! Ҳар чанд пайванди ҷодугарон бо асҳоби қудрат ва сарват, чизи тозае нест ва ҳамеша дар торих вуҷуд доштааст; Чунонки Худованд барои ибрати мусалмонон, аз пайванди ҷодугарон бо фиръавниён хабар дода ва фармудааст: ﴿وَقَالَ فِرْعَوْنُ ائْتُونِي بِكُلِّ سَاحِرٍ عَلِيمٍ﴾;[1] <<Ва Фиръавн гуфт ки ҳар ҷодугари доноеро ба назди ман биёваред>>, вале ба назар мерасид ки ин гаройиш, ҳеҷ гоҳ ба андозаи имрӯз, амиқ ва густарда набудааст; Зеро имрӯз, шабакаҳои махфии муташаккил аз асҳоби қудрат ва сарват, дар сатҳи бисёр болойе ба баргузорӣ маносик барои шайтон мепардозанд ва ба иртибот бо шаётин ва доду ситад

1. Юнус/ 79.

бо онон иштиғол меварзанд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَأَنَّهُ كَانَ رِجَالٌ مِنَ الْإِنْسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِنَ الْجِنِّ فَزَادُوهُمْ رَهَقًا﴾;[1] <<Ва инки мардоне аз инсон буданд ки ба мардоне аз ҷин паноҳ мебаранд, пас бар туғёнашон меафзуданд>>! Бал бархӣ сардамдорони онон ки мудирияти низоми султа ва сармоядориро бар ӯҳда гирифтаанд, арвоҳи худро барои таҳаққуқи ҳокимияти шайтон бар ҷаҳон вақф кардаанд ва ба воситаи ҷодугаронӣ бузург, бо шахси иблис дар тамосанд ва фармонҳои лозимро аз ӯ дарёфт мекунанд. Ин мумкин аст бисёр аҷиб ба назар бирасад, вале воқеъият дорад; Чароки шайтон ҳамвора бо авлиёъи худ дар тамос буда ва ононро мудирият ва ҳимоят кардааст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَإِنَّ الشَّيَاطِينَ لَيُوحُونَ إِلَىٰ أَوْلِيَائِهِمْ لِيُجَادِلُوكُمْ ۖ وَإِنْ أَطَعْتُمُوهُمْ إِنَّكُمْ لَمُشْرِكُونَ﴾;[2] <<Ва ҳароина шаётин бегумон бо авлиёъи худ махфиёна сухан мегӯянд то бо шумо ҷадал кунанд ва агар шумо аз онон фармон баред ҳароина мушрик хоҳед шуд>> Ва фармудааст: ﴿أَلَمْ تَرَ أَنَّا أَرْسَلْنَا الشَّيَاطِينَ عَلَى الْكَافِرِينَ تَؤُزُّهُمْ أَزًّا﴾;[3] <<Оё надидӣ ки Мо шаётинро бар кофирон фиристодем то ононро сахт ба ҷунбиш дароваранд?!>> Ва фармудааст: ﴿هَلْ أُنَبِّئُكُمْ عَلَىٰ مَنْ تَنَزَّلُ الشَّيَاطِينُ؛ تَنَزَّلُ عَلَىٰ كُلِّ أَفَّاكٍ أَثِيمٍ؛ يُلْقُونَ السَّمْعَ وَأَكْثَرُهُمْ كَاذِبُونَ﴾;[4] <<Оё ба шумо хабар бидиҳем ки шаётин бар чи касоне нозил мешаванд?! Бар ҳар дурӯғзани гуноҳкор нозил мешаванд ки ончи мешунавандро илқо мекунанд ва бештарашон дурӯғгӯёнанд>>! Балки бо овози худ ононро бар меангезад ва бо пиёда ва савораи худ ононро пуштибони мекунанд ва дар иқтисод ва наслҳошон бо онон шарик мешавад; Чунонки Худованд ба ӯ фармудааст: ﴿وَاسْتَفْزِزْ مَنِ اسْتَطَعْتَ مِنْهُمْ بِصَوْتِكَ وَأَجْلِبْ عَلَيْهِمْ بِخَيْلِكَ وَرَجِلِكَ وَشَارِكْهُمْ فِي الْأَمْوَالِ وَالْأَوْلَادِ وَعِدْهُمْ ۚ وَمَا يَعِدُهُمُ الشَّيْطَانُ إِلَّا غُرُورًا﴾;[5] <<Ва ҳар кас аз ононро ки метавонӣ бо овози худ барангез ва савора ва пиёдаи худро бар онон гирд овар ва дар амвол ва авлод бо онон шарокат кун ва ваъдаҳояшон бидеҳ ва шайтон ҷуз барои фареб ваъдаяшон намедиҳад>>! Ин ба он маъност ки шайтон, раъиси бузург ва сардамдори аслии низоми султа ва сармоядоре дар ҷаҳон аст ва бештари асҳоби қудрат ва сарват дар канори

1. Ҷин/ 6.
2. Анъом/ 121.
3. Марям/ 83.
4. Шуъароъ/ 221 то 223.
5. Исроъ/ 64.

неруҳои хабиси шайтонӣ, саркоргарони ӯ дар ҷаҳон ҳастанд ки тавссути ӯ аз миёни инсонҳо ва ҷинниён, истихдом шудаанд то мардум, ин коргарони бехабар ва содалувҳро барои арбобашон ба кор водоранд. Ин як сухани сариҳ ва содиқона аст, бе онки киноя ё тамсиле дар он бошад.

Аз инҷо дониста мешавад ки шайтон, бузургтарин душмани воқеъии мусалмонон ва меҳвари аслии мумониъат аз иқомаи Ислом дар ҷаҳон аст ва дарки ин воқеъият, бисёр муҳим ва зарурӣ аст; Аз ин рӯ, Худованд борҳо ва ба таъкид фармудааст: ﴿إِنَّ الشَّيْطَانَ لِلْإِنسَانِ عَدُوٌّ مُبِينٌ﴾;[1] <<Ҳароина шайтон барои инсон душманӣ ошкор аст>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ الشَّيْطَانَ لَكُمْ عَدُوٌّ فَاتَّخِذُوهُ عَدُوًّا ۚ إِنَّمَا يَدْعُو حِزْبَهُ لِيَكُونُوا مِنْ أَصْحَابِ السَّعِيرِ﴾;[2] <<Ҳароина шайтон барои шумо душман аст пас ӯро душман бигиред! Ҷуз ин нест ки ҳизби худро фаро мехонад то аз ёрони оташ бошанд>>! Дар ин миён, ҳизби шайтон, қудратмандон ва сарватмандоне ҳастанд ки бо ӯ ҳамақида ва ҳамкоранд ва дар ростоӣ таҳаккуқи аҳдофи ӯ дар ҷаҳон ба аъзоӣ тазмини қудрат ва сарваташон, ба гунаи ҳамоҳанг ва созмонёфта, мекӯшанд ва ҳазина мекунанд ва ҷунуди ӯ, ҳамаи донишмандон, нависандагон, мубтакирон, шоъирон, хонандагон, бозигаро, варзишкорон ва касоне ҳастанд ки ҳар як ба наҳвӣ аз анҳоъ, ба густариши моддагароӣ ва масрафзадагӣ дар ҷаҳон мепардозанд ва фарҳанги илҳодии ғарберо ба унвони фарҳанги расмӣ ва меъёр, ба миллатҳои озод ва мустақилле аз қабили мусалмонон таҳммил мекунанд. Онон ҳамагӣ ҳизби шайтон ва ҷунуди ӯ ҳастанд ки барои ӯ кор мекунанд ва аз ӯ музд мегиранд; Чи бидонанд ва чи надонанд. Рӯшан аст ки муқобила бо онон ва низоми шайтонии хабисе ки дар тӯли ду қарни гузашта бар ҷаҳон ҳоким сохтаанд, зарурӣ аст; Зеро он ба нобудии табақоти маҳрум ва мустазъаф ки аксарияти ҷавомеъро ташкил медиҳанд, меанҷомад, дар ҳоле ки пас аз нобудии онон, табақаи қудратманд ва сармоядор низ боқӣ намемонанд; Чароки табақоти маҳрум ва мустазъаф, неруӣ кор ва зомини бақоъи қудрат ва сармояи инонанд ва бо ин васф, нобудии онон ба нобудии инон меанҷомад ва ин ба маънои

1. Юсуф/ 5.
2. Фотир/ 6.

нобудии кулли башарият аст ки ҳадафи ғоӣ шайтон шумурда мешавад.

Дар ин миён, танҳо роҳи муқобила бо ҳизби шайтон ва ҷунди ӯ ки барои нобудии худ ва дигарон мекӯшанд, ташкил, тавсиъа ва тақвияти ҳизби Худованд ва ҷунди Ӯст; Чароки холиқи ҷаҳон, Худованд аст ва Ӯст ки маншаъи адолат аст ва бо ин васф, ҳокимияти Ӯ бар ҷаҳон, ба таҳаққуқи адолати ҷаҳонӣ ва эҳқоқи ҳуқуқи табақоти маҳрум ва мустазъаф меанҷомад ва рӯшан аст ки ҳокимияти Ӯ бар ҷаҳон, аз тариқи таҳаққуқи ҳокимияти халифаи Ӯ бар ҷаҳон айният меёбад ва таҳаққуқи ҳокимияти халифаи Ӯ бар ҷаҳон, ба қобилият ва тобеъияти иддаъи кофӣ аз сокинони ҷаҳон, наёзманд аст; Чароки ҳеҷ ҳокимияте бар ҷойе, бидуни қобилият ва тобеъияти иддаъи кофӣ аз сокинони он, мумкин нест ва ин воқеъиятӣ маҳсус ва муҷарраб аст. Аз ин рӯ, ташкил, тавсиъа ва тақвияти ҳизби Худованд ва ҷунуди Ӯ, аз тариқи даъвати сокинони ҷаҳон ба қабул ва тобеъияти ҳукумати халифаи Худованд ва муттаҳид ва ҳамоҳанг сохтани онон дар баробари ҳизби шайтон ва ҷунди ӯ, имконпазир аст; Чароки лозим аст қудратмандон ва сарватмандоне дар ҷаҳон, хусусан аз миёни мусалмонон, ҳокимияти Худовандро бар ҳокимияти шайтон ихтиёр кунанд то бо қудрат ва сарвати худ, дар баробари қудрат ва сарвати ҳизби шайтон, биистанд. Онон метавонанд бо узвият дар шабакаи махфӣ, иттиҳодӣ ғайри расмиро барои ҳифзи манофеъи маҳрумон ва мустазъафон дар ҷаҳон ва кӯмак ба таҳаққуқи ормони Ислом ва ҷилавгирӣ аз таҳаққуқи ормони шайтон, эҷод кунанд ва аз ҳар фаъолияти фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ки зиддияте бо шайтон ва фоидае барои Ислом дошта бошад, ҳимоят намоянд. Дар ин росто, онон метавонанд ба суратӣ созмонёфта, ҳар касе ки дар гӯшае аз ҷаҳон, ба наҳви аз анҳоъ дар хидмати ормони Ислом қарор дорад ва дониста ё нодониста барои он судманд астро шиносоӣ ва бо худ муртабит кунанд ва ба ин тартиб, шабакаи худро густардатар ва вобастагони худро бештар созанд. Донишмандон, нависандагон, мубтакирон, шоъирон, хонандагон, бозигарон, варзишкорон ва ба таври кулли, ҳамаи касоне ки метавонанд ба эътибори ташаххус ё

шӯҳрати худ, таъсирӣ қобили таваҷҷуҳ бар гурӯҳе аз мардум дошта бошанд, метавонанд таҳти назорати онон қарор гиранд ва дар сурати ҳамсӯйи бо онон, аз ҳимоятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва таблиғотии онон бархурдор шаванд ва ҳатто дар сурати тамоюл, ба узвият дар шабакаи онон дароянд; Ҳамчунонки лозим аст дар сурати адами ҳамсӯйи бо онон, ба мушкилоти фаровоне дучор шаванд ва дасти кам дар кори худ ба муваффақияти чандоне даст наёбанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَمَنِ اعْتَدَى عَلَيْكُمْ فَاعْتَدُوا عَلَيْهِ بِمِثْلِ مَا اعْتَدَى عَلَيْكُمْ﴾;[1] <<Пас ҳар кас бар шумо таъаддӣ кард пас бар ӯ таъаддӣ кунед ба он сон ки бар шумо таъаддӣ кард>>! Ин ба маънои эъҷоди як шабакаи ҷаҳонии Илоҳӣ дар баробари як шабакаи ҷаҳонии шайтонӣ аст ки танҳо роҳи мумкин барои дафъи шарри он ва таҳаққуқи заминаи ҳокимияти Худованд бар ҷаҳон аст ва ин коре аст ки ман барои анҷоми он талош мекунам. Ҳар чанд мумкин аст ки анҷоми ин кор аз ман сохта набошад, вале дастикам метавонам барои анҷоми он талош кунам. Рӯшан аст ки агар шуморӣ дигар аз мусалмонон низ нияти манро дошта бошанд ва ҳамроҳи ман барои анҷоми он талош кунанд, ба тадриҷ замина барои анҷоми он агар чи дар як қарни оянда ва тавссути наслҳои баъд, фароҳам мешавад. Агар касе мепиндорад ки танҳо қаҳрамонон метавонанд чунин кореро анҷом диҳад, бояд бидонад ки қаҳрамонон танҳо пас аз анҷоми чунин коре қаҳрамон шудаанд ва то пеш аз анҷоми он, қаҳрамон набудаанд. Рӯшан аст ки барои анҷоми чунин коре, наметавон дар интизори як қаҳрамон нишаст; Ҳамчунонки наметавон ба умеди ҳокимони мусалмон буд; Чароки онон ҳамакнун ё ҷузъӣ аз шабакаи ҷаҳонии шайтонӣ шудаанд ва намехоҳанд чунин коре анҷом диҳанд ва ё дар муҳосираи шабаки ҷаҳонии шайтонӣ қарор гирифтаанд ва тавоноии чунин кореро надоранд. Балки ба назар мерасад ҳамаи кишварҳое ки ба узвияти созмони милали муттаҳид даромадаанд, дониста ё нодониста, ба шабакаи ҷаҳонии шайтонӣ пайвастаанд; Чароки ин созмон, бархоста аз фарҳанги ғайри Исломӣ ва мубтани бар усули золимона ва ғайри ахлоқӣ аст ва ошкоро дар хидмати аҳдофи истикбории шайтон қарор дорад ва бо ин васф, узвият

1. Бақара/ 194.

дар он, ба маънои узвият дар шабакаи ҷаҳонии шайтонӣ аст. Аз инҷо дониста мешавад ки ташкил, тавсиъа ва тақвияти шабакаи ҷаҳонии Илоҳӣ, вазифаи оҳоди мусалмонон аст ки бояд бидуни интизори зуҳури як қаҳрамон ва бидуни таваққуъе аз ҳокимони худ, барои он қиём кунанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ إِنَّمَا أَعِظُكُمْ بِوَاحِدَةٍ ۖ أَنْ تَقُومُوا لِلَّهِ مَثْنَىٰ وَفُرَادَىٰ﴾;[1] <<Бигӯ танҳо шуморо ба як чиз панд медиҳам; Инки барои Худованд ду нафарӣ ва як нафарӣ қиём кунед>>!

Ин набарди ҳақ ва ботил дар охируззамон аст ки дар як тарафи он Худованд ва ҳизби Ӯ ва дар тарафи дигари он шайтон ва ҳизби ӯ қарор доранд ва ҳар як барои даст ёфтан ба мудирияти ҷаҳон талош мекунанд, вале рӯшан аст ки дар ниҳоят, Худованд ва ҳизби Ӯ бар шайтон ва ҳизби ӯ пирӯз хоҳанд шуд; Чароки банои шайтон ва ҳизби ӯ, бар зулм ва сухра аст ва зулм ва сухра, зербинои устуворе нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَسَيَعْلَمُ الَّذِينَ ظَلَمُوا أَيَّ مُنْقَلَبٍ يَنْقَلِبُونَ﴾;[2] <<Ва касоне ки зулм карданд хоҳанд донист ки ба кадомин бозгаштгоҳ боз мегарданд>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّمَا صَنَعُوا كَيْدُ سَاحِرٍ ۖ وَلَا يُفْلِحُ السَّاحِرُ حَيْثُ أَتَىٰ﴾;[3] <<Чизе ки онон барсохтанд танҳо найранги ҷодугар аст ва ҷодугар ҳар коре ки бикунад пирӯз нахоҳад шуд>>! Дар ҳоле ки банои Худованд ва ҳизби Ӯ бар адолат ва тақво аст ва адолату тақво устувортарин зербиност; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿اعْدِلُوا هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَىٰ﴾;[4] <<Адолат варзед ки он ба тақво наздиктар аст>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ الْعَاقِبَةَ لِلْمُتَّقِينَ﴾;[5] <<Ҳароина адолат барои аҳли тақвост>>!

Албатта касони дигаре аз мусалмонон низ ҳастанд ки назар ба иқомаи Ислом доранд ва барои ин манзур, дар сарзаминҳои Исломӣ қиём кардаанд, вале ишколи бузурге ки дар рӯйкарди онон аст, адами эътиқодашон ба изни Худованд ва ниёзи ҳукумати Исломӣ ба ҳокиме аз ҷониби Ӯст. Чи хуб аст ки инон ба ин ишколи бузурги рӯйкардашон пай бибаранд ва бо ман дар рӯйкарде ки пеш гирифтаам, ҳамроҳӣ кунанд, то замина барои

1. Сабаъ/ 46.
2. Шуъароъ/ 227.
3. Тоҳо/ 69.
4. Моъида/ 8.
5. Ҳуд/ 49.

эҷоди шабакаи ҷаҳонии Илоҳӣ ва табъан таҳаққуқи ҳокимияти Худованд бар ҷаҳон фароҳам шавад; Чароки дар ғайри ин сурат, ҳаракти онон, паёмади хубе надорад ва танҳо ба тақвияти ҷабҳаи шайтон меанҷомад. Онон дар сурате ки дар нияти худ холисанд ва ба ростӣ иқомаи Исломро дунбол мекунанд, сазовортаранд ки аз сухани ман пайравӣ кунанд; Чароки ман ба чизи некутаре даъват мекунам ва он таҳаққуқи ҳокимияти Худованд ба изни Ӯ ва ба воситаи халифаи Ӯ дар замин аст ва Худованди баландмартаба фармудааст: ﴿فَبَشِّرْ عِبَادِ؛ الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ ۚ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ ۖ وَأُولَٰئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾;[1] <<Пас бандагонамро башорат деҳ; Ҳамонон ки ҳар суханро мешунаванд ва аз беҳтараш пайравӣ мекунанд, онон касоне ҳастанд ки Худованд ҳидоят карда ва онон ҳамон хирадмандонанд>>!

Ба ҳар ҳол, тардиде нест ки ҳар касе дар ин ҷаҳон, бояд мавзеъи худро маълум намояд ва ҳамроҳӣ бо яке аз ду ҷабҳаро баргузинад; Ҷабҳаи Худованд ва ҷабҳаи шайтон ва ман нахустин касе ҳастам ки мавзеъи худро маълум мекунам. Бинобарин, ҳамаи касоне ки дар ҷабҳаи Худованд ҳастанд, аз мананд ва ман аз онон ҳастам, агар чи манро нашиносанд ва ман ононро нашносам ва нишонаи онон ин аст ки барои таҳаққуқи ҳокимияти Худованд бар ҷаҳон ба изни Ӯ талош мекунанд ва ҳамаи касоне ки дар ҷабҳаи Худованд нестанд, бо ман бегонаанд ва ман бо онон бегонаам, агар чи манро бишиносанд ва ман ононро бишиносам ва нишонаи онон ин аст ки барои таҳаққуқи ҳокимияти дигарон бар ҷаҳон талош мекунанд. Ин роҳи ман аст ки дар он зиндагӣ мекунам ва дар он мемирам ин шоъ Аллоҳ ва агар тавфиқ ёбам, аз ҷониби Худованд аст ва агар шикаст хурам, аз ҷониби худам аст ва оқибат, барои парҳезкорон аст.

1. Зумар/ 17 ва 18.

# Бахши чаҳорум

**Бозгашт ба Ислом;**
**Шинохти Ислом**

Пас аз шинохти меъёр ва мавонеъи шинохт ва асбоби адами иқомаи Ислом то кунун ки барои шинохт ва иқомаи Ислом ба сурати холис ва комил зарурӣ аст, навбат ба шинохти Ислом мерасад ва он мубтанӣ бар шинохти чанд мавзӯъ аст:

## Якум; Мафҳуми Ислом

Мафҳуми <<Ислом>>, таслим будан дар баробари иродаи Худованд аст ки аз шинохти Ӯ лозим меояд; Чароки инсон, чун ба пайдоиши хеш илтифот меёбад, ба вуҷуди падидоварндае барои хеш пай мебарад; Бо таваҷҷуҳ ба инки медонад пайдоиши ӯ бидуни падидоваранда мумкин нест ва падидоварандаи ӯ наметавонад худаш бошад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَمْ خُلِقُوا مِنْ غَيْرِ شَيْءٍ أَمْ هُمُ الْخَالِقُونَ﴾;[1] <<Ё бе чизе пайдоиш ёфтанд ё худашон падидоварнда ҳастанд>> Ва табъан дар меёбанд ки он падидоваранда, монанди ӯ падидомада нест; Чароки агар монанди ӯ падидомада буд, монанди ӯ ба падидоварандае ниёз дошт, дар ҳоле ки ниёзи ҳар падидоваранда ба падидоварандаи дигар бидуни мунтаҳӣ шудан ба падидоварандаи бениёз, ба адами пайдоиш меанҷомад; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳеҷ пайдоишӣ дар ҷаҳон бидуни падидоваранда мумкин нест ва агар ҳеҷ падидоварандае дар ҷаҳон низ бидуни падидоваранда мумкин набошад, ҳеҷ пайдоишӣ дар ҷаҳон имкон намеёбад, дар ҳоле ки ҳар пайдоишӣ дар ҷаҳон воқеъ шуда ва мумкин аст ва бо ин васф, падидоварандае дар ҷаҳон вуҷуд дорад ки ҳамеша вуҷуд дошта ва ба падидоваранде ниёзманд набудааст ва ин бениёзии ӯ, аз камоли ӯ ҳикоят дорад; Чароки бениёзии ӯ аз падидоварнда,

1. Тур/ 35.

ҷуз бо камоли ӯ мумкин нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳар нуқсоне, ниёзе ба падидоваранда аст ва табъан ҳар ноқисе падида шумурда мешавад. Бинобарин, инсон бо илтифот ба хилқати хеш, қатъ меёбад ки холиқи ӯ комил аст ва камоли ӯ муқтазии он аст ки ҳар чизи камоловареро дӯст бидорад ва аз асбоби нуқсон кароҳат дошта бошад ва табъан аз расидани махлуқи худ ба камол, ризоят ёбад ва аз расидани ӯ ба завол, норози шавад; Зеро касе ки ин гуна нест, комил шумурда намешавад. Ҳамчунонки махлуқи ӯ низ ба табаъи ӯ, ба камол моил аст ва аз завол кароҳат дорад, ҷуз онки ба сабаби нуқсони худ ба иқтизои махлуқ буданаш, ба ҳамаи асбоби камол ва заволи худ иҳота надорад ва аз ҳамаи чизҳое ки муҷиби ризоят ё кароҳати Худованд аст, огоҳ нест. Бинобарин, бар Худованд ба иқтизои камоли Ӯ воҷиб аст ки ҳамаи асбоби камол ва заволи махлуқашро ба итлоъи ӯ бирасонад ва ӯро ба ҳар наҳви мумкин, аз ризоят ва кароҳати худ олим гардонад, то махлуқаш битавонад бо илм ва табъан амал ба он, ба камоли худ даст ёбад ва аз заволи худ эмин шавад.

Аз инҷо дониста мешавад ки ҳидояти инсон, бар ӯҳдаи Худованд аст; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ عَلَيْنَا لَلْهُدَىٰ﴾;[1] <<Бегумон ҳидоят бар ӯҳдаи Мост>>; Чароки инсон, ба сабаби нуқсони зотии худ, қодир ба шинохти камол нест ва табъан таклифе низ барои таҳсили он надорад ва ин танҳо вазифаи Худованд аст ки ӯро бо камол ошно гардонад ва аз асбоби он огоҳӣ диҳад. Дар ин миён, вазифаи инсон танҳо ин аст ки вақте Худованд ӯро бо камол ошно кард ва аз асбоби он огоҳ намуд, аз Ӯ бипазирад ва ризояти Ӯро бар канор аз кароҳаташ таҳсил кунад; Чароки ӯ ба иқтизои ақли худ, дорои ихтиёр аст ва табъан метавонад ончи Худованд ба итилоъи ӯ расондаастро напазирад ва ризояти Ӯро бар канор аз кароҳаташ таҳсил накунад ва ба ин тартиб, ба сӯӣ заволи худ гом бардорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا﴾;[2] <<Бегумон Мо роҳро ба ӯ намудем; Хоҳ сипосгузор бошад ва хоҳ носипос>>! Бинобарин, ҳидояти инсон, бар Худованд воҷиб аст ва чизе ки бар ӯҳдаи инсон қарор

1. Лайл/ 12.
2. Инсон/ 3.

дорад, танҳо қабули он ва пайравӣ аз он аст ва ба иборати дигар, бар Худованд воҷиб аст ки иродаи худро барои инсон изҳор намояд ва бар инсон воҷиб аст ки дар баробари Ӯ таслим бошад ва ин маънои Ислом аст.

Бинобарин, Ислом дар асли худ, ба маънои гуфтани шаҳодатайн нест, бал ба маънои таслим будан дар баробари иродаи Худованд аст ки пеш аз вуҷуби гуфтани шаҳодатайн, воҷиб буда ва ихтисосе ба баъд аз бейсати Расули Худо ﷺ надошта ва аз ин рӯ, дин дар назди Худованд, танҳо Ислом аст; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ الدِّينَ عِنْدَ اللَّهِ الْإِسْلَامُ﴾;[1] <<Ҳароина дин дар назди Худованд Ислом аст>> Ва ҳар касе дине ҷуз онро ихтиёр кунад, дар назди Худованд динеро ихтиёр накарда; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَنْ يَبْتَغِ غَيْرَ الْإِسْلَامِ دِينًا فَلَنْ يُقْبَلَ مِنْهُ وَهُوَ فِي الْآخِرَةِ مِنَ الْخَاسِرِينَ﴾;[2] <<Ва ҳар кас ҷуз Ислом динеро биҷӯяд ҳаргиз аз ӯ пазируфта намешавад ва ӯ дар охират аз зиёнкоран аст>>! Аз ин рӯ, ҳамаи Паёмбарони гузашта ва касоне ки аз онон пайравӣ карданд, мусалмон буданд; Ба ин маъно ки дар баробари иродаи Худованд, таслим буданд; Чароки Худованд дар бораи Иброҳим عليه السلام фармудааст: ﴿مَا كَانَ إِبْرَاهِيمُ يَهُودِيًّا وَلَا نَصْرَانِيًّا وَلَٰكِنْ كَانَ حَنِيفًا مُسْلِمًا وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ﴾;[3] <<Иброҳим яҳудӣ ва ё насронӣ набуд, балки ҳақгарой мусалмон буд ва аз мушрикон набуд>> Ва онро васияти ӯ ва Яъқуб ба фарзандонаш шумурда ва фармудааст: ﴿وَوَصَّىٰ بِهَا إِبْرَاهِيمُ بَنِيهِ وَيَعْقُوبُ يَا بَنِيَّ إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَىٰ لَكُمُ الدِّينَ فَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنْتُمْ مُسْلِمُونَ﴾;[4] <<Ва Иброҳим фарзандонашро ба он васият кард ва Яъқуб ки эй писарони ман! Бегумон Худованд динро барои шумо баргузид пас намиред магар дар ҳоле ки мусалмон ҳастед>> Ва дар бораи хонадони Лут عليه السلام фармудааст: ﴿فَمَا وَجَدْنَا فِيهَا غَيْرَ بَيْتٍ مِنَ الْمُسْلِمِينَ﴾;[5] <<Пас дар онҷо ҷуз хонае аз мусалмононро наёфтем>> Ва аз забони пайравони Мӯсо عليه السلام фармудааст: ﴿رَبَّنَا أَفْرِغْ عَلَيْنَا صَبْرًا وَتَوَفَّنَا مُسْلِمِينَ﴾;[6] <<Парвардигоро! Бар мо сабрро фуру рез ва моро мусалмон

1. Оли Имрон/ 19.
2. Оли Имрон/ 85.
3. Оли Имрон/ 67.
4. Бақара/ 132.
5. Зориёт/ 36.
6. Аъроф/ 126.

бимирон>> Ва фармудааст: ﴿وَقَالَ مُوسَى يَا قَوْمِ إِنْ كُنْتُمْ آمَنْتُمْ بِاللَّهِ فَعَلَيْهِ تَوَكَّلُوا إِنْ كُنْتُمْ مُسْلِمِينَ﴾;[1] <<Ва Мӯсо гуфт эй қавми ман! Агар ба Худованд имон доред пас бар Ӯ таваккул кунед агар мусалмон ҳастед>> Ва аз қавли пайравони Сулаймон عليه السلام хабар дода ва фармудааст: ﴿وَأُوتِينَا الْعِلْمَ مِنْ قَبْلِهَا وَكُنَّا مُسْلِمِينَ﴾;[2] <<Ва пештар илм дода шудем ва мусалмон будем>> Ва дар бораи пайравони Исо عليه السلام фармудааст: ﴿قَالَ الْحَوَارِيُّونَ نَحْنُ أَنْصَارُ اللَّهِ آمَنَّا بِاللَّهِ وَاشْهَدْ بِأَنَّا مُسْلِمُونَ﴾;[3] <<Ҳавориюн гуфтанд мо ёрони Худо ҳастем ба Худо имон овардем ва гувоҳ бош ки мо мусалмонем>>!

Ин ба он маъност ки Ислом, ҳамвора ва дар ҳамаи умматҳо, дини Худованд буда ва ихтисосе ба ин уммат ва баъд аз зуҳури Паёмбари хотам ﷺ надошта ва ҳар кас ки дар баробари Худованд таслим буда, мусалмон будааст.

## Дуввум; Мисдоқи Ислом

Ҳосил онки бар Худованд воҷиб аст инсонро аз чизе ки ӯро ба камол ё завол мерасонад, огоҳ гардонад то тавоноии расидан ба камол ва растгорӣ аз заволро дошта бошад ва дар сурати нарасидан ба камол ва дарафтодан ба завол, бар Ӯ ҳуҷҷате надошта бошад; Зеро Худованд ба иқтизои камоли худ, одил аст, дар ҳоле ки огоҳ накардани инсон аз асбоби камол ва заволаш бо таваҷҷуҳ ба нотавонии ӯ аз огоҳӣ ба он, бо адолати Худованд мунофот дорад ва мумкин нест.

## [Зарурати Паёмбарон]

Бинобарин, бар Худованд воҷиб аст ки ҳар инсонеро аз асбоби камол ва заволаш ва аз муҷиботи ризоят ва кароҳати худ, огоҳ гардонад, ё ба таъбири дақиқтар, мутамаккин аз огоҳӣ гардонад. Рӯшан аст ки ин кор, ё ба сурати мустақим анҷом мешавад, ба ин тартиб ки Худованд бидуни восита, ҳар инсонеро аз асбоби камол ва заволаш ва муҷиботи ризоят ва кароҳати худ огоҳ мегардонад ва ё ба сурати ғайри мустақим анҷом мешавад, ба ин тартиб ки Худованд бархӣ инсонҳоро аз асбоби камол ва

1. Юнус/ 84.
2. Намл/ 42.
3. Оли Имрон/ 52.

заволашон ва муҷиботи ризоят ва кароҳати худ огоҳ мегардонад то бархӣ дигар, ба онҳо руҷӯъ кунанд ва аз тариқи онҳо, асбоби камол ва заволашон ва муҷиботи ризоят ва кароҳати Худовандро бишиносанд. Тардиде нест ки Худованд ҳар инсонеро тафсилан ва бидуни восита, аз асбоби камол ва заволаш ва муҷиботи ризоят ва кароҳати худ огоҳ накарда; Чароки адами огоҳии бештари инсонҳо аз он, виҷдонӣ ва маҳсус аст. Бо ин васф, рӯшан мешавад ки ин корро ба сурати ғайри мустақим ва аз тариқи фиристодани восита, анҷом додааст. Бинобарин, касе ки мустақиман бо Худованд дар иртибот нест ва бидуни восита аз асбоби камол ва заволи худ ва ризоят ва кароҳати Ӯ огоҳӣ намеёбад, чорае надорад ҷуз онки ба дунболи касе бигардад ки аз ин имкон бархурдор аст ва ӯ касе аст ки ба эътибори паём оварданаш аз ҷониби Худованд, <<Паёмбар>> номида мешавад ва мантиқан аз тариқи изҳори Паёмбарӣ ва ироъаи чизе шинохта мешавад ки зотан дар инҳисори Худованд аст ва касе ҷуз Ӯ қодир ба ироъаи он нест; Чароки танҳо ироъаи чунин чизе, иртиботи ӯ бо Худовандро исбот мекунад ва ин чизе аст ки истилоҳан <<Мӯъҷиза>> номида мешавад.

## [Шинохти Паёмбарон]

Аз миёни касоне ки изҳори Паёмбарӣ ва мӯъҷизае ба онон нисбат дода шудааст, касоне ҳастанд ки чизе аз онон боқи намондааст то гӯёи ризоят ва кароҳати Худованд ва асбоби камол ва заволи инсон бошад ва бо ин васф, баррасӣ дар бораи онон, фоидае надорад ва зарурӣ нест. Аммо аз миёни онон, се тан ҳастанд ки чизи қобили таваҷҷуҳе барои ин манзур ба онон нисбат дода шавад ва боқӣ аст ва аз ин рӯ, баррасӣ дар бораи онон метавонад судманд бошад ва зарурӣ аст. Он се, Мӯсо, Исо ва Муҳаммад ﷺ ҳастанд ки ба ҳар се, китобе бо унвони китоби Худованд нисбат дода шудааст ва аз ҳар як, гурӯҳе аз мардум пайравӣ кардаанд. Бо ин ҳол, ба назар мерасад, китобе ки ба Мӯсо ва Исо عليهما السلام нисбат дода шуда, аз худи он ду содир нашуда, балки тавассути афродӣ шинохта ё ношинохта ва пас аз даргузашти он ду навишта шудааст; Чароки бо сароҳат, аз забони шахсӣ солис аст ва аз чигунагӣ марги он ду хабар дода ва ба ҳаводиси баъд

аз маргашон ишора гардидааст; Чунонки ба унвони намуна, дар оёте аз пораи сиву чаҳоруми китоби таснияи Таврот омадааст: <<Пас Мӯсо бандаи Худованд дар онҷо ба замини Мувоб бар ҳасби қавли Худованд мурд ва ӯро дар замини Мувоб дар муқобили байти Фаъур, дар дарра дафн кард ва аҳаде қабри ӯро то имрӯз надидааст>> Ва ин сареҳ дар нигориши он тавассути нависандае дар рӯзгорӣ пас аз Мӯсо ﷺ аст ва нигориши Инҷил низ ошкоро ба касоне чун Матто, Марқус, Лувқо ва Юҳанно нисбат дода шуда ки ҳар як дар рӯзгорӣ пас аз Исо ﷺ ва ба гунаи мутафовит бо дигарӣ, онро нигоштааст. Ба илова, ҳеҷ як аз ин ду китоб, ба сурати муттасил ва аз тариқи ровиёни шинохта шуда, нақл нашуда ва аз ин рӯ, фоқиди санадияти торихӣ аст; Ҳамчунонки вуҷуди афроде бо хусусиёти Мӯсо ва Исо عليهما السلام, ҳар чанд шӯҳрати фаровоне дорад, аз лиҳози торихӣ собит нест ва қатъӣ шумурда намешавад; Зеро асре ки гумон меравад он ду вуҷуд доштаанд, дар нимаи торики торих қарор дошта; Ба ин маъно ки китобат ба андозаи кофӣ равнақ ва такомул надошта ва иртибот миёни миллатҳои мутамаддин маҳдуд буда ва аз ин рӯ, ахбори он ба мавҳумот ва асотир олуда аст. Ба илова, китобе ки ба он ду нисбат дода шуда, аз лиҳози матнӣ эъҷозомез нест ва касе низ онро мӯъҷиза нашумурдааст ва табъан барои исботи Паёмбарии он ду, сарфи назар аз ишколи торихии он, кифоят намекунад. Ба илова, мӯъҷизоти нисбат дода шуда ба он ду монанди табдил кардани асо ба аждаҳо ва зинда кардани мурда бо изни Худованд низ, ба сурати муснад ва мутавотир аз он ду ривоят нашудааст; Ба ин маъно ки дақиқан маълум нест чи касе мӯъҷизоти он дуро дидаанд ва барои чи касоне нақл кардаанд ва аз чи тариқе ба наслҳои баъди расида ва шӯҳрат ёфтааст. Бо ин васф, яқин ба Паёмбарии Мӯсо ва Исо عليهما السلام ва эътибори китоби мансуб ба он ду барои касоне ки имрӯз зиндаги мекунанд, ҳосил намешавад ва рӯшан аст ки занни ба он низ барои пайравӣ аз он ду кофӣ нест; Чароки занн, ҳуҷҷияти зотӣ надорад ва дар хусуси чунин масоъил, уқалоӣ нест.

### [Шинохти вопасин Паёмбар]

Аммо бар хилофи китобе ки ба Исо ﷺ нисбат дода шуда, китобе

ки ба Мҳаммад ﷺ нисбат дода шуда, ошкоро аз қавли Худованд аст ва ҳовии иборате ки мусталзими судураш аз ғайри Ӯ бошад нест ва муҳимтар онки дар замони худи ӯ мактуб ва ба сурати муттасил, тавассути ӯ барои шумори шинохта шуда ва фаровоне аз ёрони ӯ ва тавассути онон барои шумори шинохта шуда ва фаровоне аз мусалмонони баъди, ба суратӣ воҳид ва собит, нақл шуда ва дар шарқ ва ғарби ҷаҳон мунташир гашта ва аз ин рӯ, мутавотир ва ғайри қобили тардид аст; Зеро асре ки Муҳаммад ﷺ дар он зуҳур карда, бар хилофи асри Мӯсо ва Исо عليهما السلام, дар нимаи рӯшани торих қарор дошта; Ба ин маъно ки хат, равнақ ва такомул ёфта ва иртиботи миёни миллатҳои мутамаддин густариш дошта ва тавассути садҳо шоҳиди шинохта шуда, расад ва сабт шудааст. Ба илова, матни китоби он Ҳазрат, эъҷозомез аст ва метавонад Паёмбарии овардаашро исбот кунад; Чароки бар хилофи китоби Мӯсо ва Исо عليهما السلام, ҳамагонро ба овардани китобе монанди худ фарохонда ва то кунун касе натавонистааст китобе монанди он биёварад ва ба назар мерасад ки овардани китобе монанди он дар оянда низ мақдур нест; Зеро ба рағми такомули тадриҷии он дар бисту се сол ва ҳолоти мутазодди Муҳаммад ﷺ дар амн ва хавф ва микнат ва фақр ва қарор ва ҳиҷрат ва ҷанг ва сулҳ ва пирӯзӣ ва шикаст ки одатан муқтазии ихтилофи аҳволи одамӣ аст, ихтилофе дар он нест ва оҳангӣ воҳид ва собит дорад ва ба илова, дар ниҳояти фасоҳат ва балоғат аст ва ҳовии ахборӣ саҳиҳ аз оянда ва улумӣ махфӣ дар замони такомул аст ва ҳеҷ таъорузе бо ақл ва ахлоқи фитрӣ надорад ва ҷамъи миёни инҳо барои инсонӣ бе иртибот бо Худованд, мақдур нест ва инсоф он аст ки ин хусусиёт, барои ҳеҷ як аз Паёмбарон ва ҳеҷ як аз китобҳои онон, вуҷуд надорад ва аз инҷо дониста мешавад ки Муҳаммад ﷺ танҳо Паёмбари яқинӣ аст ва китоби ӯ танҳо китобе аст ки аз асолати торихӣ бархурдор аст ва табъан ойини ӯ танҳо ойине аст ки салоҳияти лозим барои пайравии инсони имрӯзро дорад; Чароки инсони имрӯз, ба ойинӣ яқинӣ ҷуз он, дастрасӣ надорад ва наметавонад аз ойинҳои заннӣ ва мавҳум пайравӣ кунад. Бо ин ҳол, бояд таваҷҷуҳ дошт ки Муҳаммад ﷺ ба унвони Паёмбарӣ яқинӣ, Паёмбарии Мӯсо ва Исо عليهما السلام ро тасдиқ карда ва ин танҳо далили қатъӣ барои Паёмбарии он ду

аст; Чунонки Худованд хитоб ба он Ҳазрат фармудааст: ﴿نَزَّلَ عَلَيْكَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ مُصَدِّقًا لِمَا بَيْنَ يَدَيْهِ وَأَنْزَلَ التَّوْرَاةَ وَالْإِنْجِيلَ﴾;[1] <<Китобро бар ту ба ростӣ нозил кард то тасдиқ кунандае барои чизе бошад ки пеш аз он будааст ва Таврот ва Инҷилро нозил кард>> Ва фармудааст: ﴿وَأَنْزَلْنَا إِلَيْكَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ مُصَدِّقًا لِمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ الْكِتَابِ وَمُهَيْمِنًا عَلَيْهِ﴾;[2] <<Ва китобро бар ту ба ростӣ нозил кард то тасдиқ кунандае барои китобҳое бошад ки пеш аз он будааст ва нигаҳбоне бар он бошад>>! Бинобарин, эътиқод ба Паёмбарии Мӯсо ва Исо عليهما السلام, барои касе мумкин аст ки ба Паёмбарии Муҳаммад صلى الله عليه وآله وسلم мӯътақид аст ва эътиқод ба он барои касе ки ба Паёмбарии Муҳаммад صلى الله عليه وآله وسلم мӯътақид нест, ғайри яқинӣ ва бепоя аст.

## [Мусалмон будани пайравони вопасин Паёмбар]

Ба илова, рӯшан аст ки пайравони ҳар Паёмбар, аз онҷо ки дар баробари иродаи Худованд дар робита бо он Паёмбар ва ризоят ва кароҳате ки аз тариқи ӯ барои онон изҳор кард, таслим шуданд, мусалмон буданд, то он гоҳ ки Паёмбари ҷадиде барои онон омад. Он гоҳ касоне аз онон ки дар баробари иродаи Худованд дар робита бо он Паёмбар ва ризоят ва кароҳате ки аз тариқи ӯ барои онон изҳор кард, таслим шуданд, бар Исломи худ боқӣ монданд ва касоне аз онон ки ин корро анҷом надоданд, аз Исломи худ хориҷ ва муртад шуданд; Чароки мафҳуми Ислом, таслим будан дар баробари иродаи Худованд аст ва мисдоқи он, қабули ҳамаи Паёмбарони Ӯ бидуни тафовут ва табаъият аз охирин Паёмбар аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُولُوا آمَنَّا بِاللَّهِ وَمَا أُنْزِلَ إِلَيْنَا وَمَا أُنْزِلَ إِلَىٰ إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالْأَسْبَاطِ وَمَا أُوتِيَ مُوسَىٰ وَعِيسَىٰ وَمَا أُوتِيَ النَّبِيُّونَ مِنْ رَبِّهِمْ لَا نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِنْهُمْ وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ﴾;[3] <<Бигӯйед ба Худованд ва чизе ки ба мо нозил шуд ва чизе ки ба Иброҳим ва Исмоъил ва Исҳоқ ва Яъқуб ва Асбот нозил шуд ва чизе ки ба ҳамаи Паёмбарон аз ҷониби Парвардигоршон дода шуд имон овардем ва фарқе миёни ҳеҷ як аз онҳо намегузорем ва мо барои Ӯ мусалмонем>>! Бо ин васф, касоне ки дар пайи зуҳури Мӯсо عليه السلام, аз ӯ табаъият карданд, яҳудӣ нашуданд, балки Ислом оварданд, то он гоҳ ки Исо عليه السلام барои

1. Оли Имрон/ 3.
2. Моъида/ 48.
3. Бақра/ 136.

онон зуҳур кард. Дар он ҳангом, касоне аз онон ки Исо عليه السلام ро таксиб карданд, аз Исломи худ муртад шуданд ва касоне аз онон ки аз Исо عليه السلام табаъият карданд, бар Исломи худ боқӣ монданд, то он гоҳ ки Муҳаммад ﷺ барои онон зуҳур кард. Дар он ҳангом, касоне аз онон ки Муҳаммад ﷺ ро таксиб карданд, аз Исломи худ муртад шуданд ва касоне аз онон ки аз Муҳаммад ﷺ табаъият карданд, бар Исломи худ боқи монданд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿الَّذِينَ آتَيْنَاهُمُ الْكِتَابَ مِنْ قَبْلِهِ هُمْ بِهِ يُؤْمِنُونَ؛ وَإِذَا يُتْلَى عَلَيْهِمْ قَالُوا آمَنَّا بِهِ إِنَّهُ الْحَقُّ مِنْ رَبِّنَا إِنَّا كُنَّا مِنْ قَبْلِهِ مُسْلِمِينَ؛ أُولَئِكَ يُؤْتَوْنَ أَجْرَهُمْ مَرَّتَيْنِ بِمَا صَبَرُوا﴾[1]; <<Касоне ки ононро пеш аз он китоб додим, онон ба он имон меоваранд ва ҳангоме ки бар онон тиловат мешавад гӯянд ки он ҳақ аз ҷониби Парвардигорамон аст, мо аз қабли он мусалмон будем; Онон ба сабаби инки пойдорӣ карданд, подошашон ду баробар дода мешавад>>! Бинобарин, дини Худованд воҳид аст ва ҳамаи Паёмбарони Ӯ монанди аҳкоми мухталифи он ҳастанд ва ҳамаи китобҳои онон монанди оёти мухталифи як китобанд ва лузуми пайравӣ аз Паёмбар ва китоби вопасин, танҳо ба сабаби лузуми пайравӣ аз ҳукм ва ояти носих аст ки як лузуми ақлӣ ва уқалоӣ аст ва ин маънои Ислом аст.

## [Эътиқодӣ бидуни Ислом]

Аз инҷо дониста мешавад ки мафҳуми Ислом, таслим будан дар баробари иродаи Худованд аст ва пазириши вопасини Паёмбар, мисдоқи он шумурда мешавад. Аммо оё пазириши вопасини Паёмбар ба сурати назарӣ, барои таҳаққуқи масодиқи Ислом кофӣ аст ё инки ба пазириши амалии ӯ аз тариқи иҷроӣ аҳкоми иблоғ шуда тавассути ӯ ниёз аст? Гурӯҳе аз мусалмонон монанди хавориҷ ва салафиён, бар онанд ки эътиқод ба Паёмбарии вопасин Паёмбар, ба маънои эътиқод ба дурустии ҳар чизе ки аз ҷониби Худованд овардааст ва лузуми амали ба он, барои таҳаққуқи мисдоқи Ислом кофӣ нест ва мусалмон касе аст ки илова бар ин эътиқод, ба лавозими амалии он пойбанд бошад ва ба сурати мушаххас, аз аъмолӣ шабиҳ ба аъмоли кофирон, монанди тавассул ба мурдагон ва хондани онон, худдорӣ кунад.

1. Қасос/ 52 ва 53.

Аммо ҳақ он аст ки ин худдорӣ, агар чи бисёр хуб ва арзишманд аст, мисдоқи Ислом нест, бал мисдоқи имон шумурда мешавад ки фаротар аз Ислом аст; Чароки Ислом, иборат аз таслим шудан дар баробари иродаи Худованд ба маънои тасдиқи марҷаъияти Ӯ аз ҳайси назарӣ ва қабули аҳкоми Ӯ ба унвони асбоби камоли мусалмон аст ва амал ба он ки шомили худдорӣ аз аъмоле шабеҳ ба аъмоли кофирон мешавад, чизе фаротар аз тасдиқ ва қабули он аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَنْ أَحْسَنُ دِينًا مِمَّنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لِلَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ﴾;[1] <<Ва чи касе беҳдинтар аз касе аст ки зоташро барои Худованд таслим карда, дар ҳоле ки некукор аст?!>> Ва фармудааст: ﴿بَلَى مَنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لِلَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ فَلَهُ أَجْرُهُ عِنْدَ رَبِّهِ وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ﴾;[2] <<Оре, ҳар кас зоти худро барои Худованд таслим кунад дар ҳоле ки некукор бошад, подоши ӯ назди Парвардигораш аст ва на биме бар онон аст ва на андӯҳе мебинанд>>!

## [Амалӣ бидуни имон]

Ин ҳолате аст ки дар истилоҳ, <<Имон>> шумурда мешавад ва мумкин аст дар мусалмоне бошад ва мумкин аст дар мусалмоне набошад; Чунонки Худованд ба унвони намуна фармудааст: ﴿قَالَتِ الْأَعْرَابُ آمَنَّا ۖ قُلْ لَمْ تُؤْمِنُوا وَلَٰكِنْ قُولُوا أَسْلَمْنَا وَلَمَّا يَدْخُلِ الْإِيمَانُ فِي قُلُوبِكُمْ ۖ﴾;[3] <<Боденишинон гуфтанд ки имон овардем! Бингӯ имон наёвардед, вале бигӯйед ки Ислом овардем; Чароки имон ҳанӯз дар дилҳотон дохил нашудааст>>! Оре, баёни дақиқтар он аст ки гуфта шавад: Ислом ба маънои таслим шудан дар баробари иродаи Худованд, маротиби мутафовите дорад ва аз тасдиқ ва қабули назарии он оғоз мешавад ва то амали холис ва комил ба он, идома меёбад ва дар ҳамаи маротиби худ, Ислом шумурда мешавад, ҷуз онки дар мартабаи назарии худ, танҳо Ислом ва дар маротиби амалаии худ, илова бар он, имон номида мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَمُنُّونَ عَلَيْكَ أَنْ أَسْلَمُوا ۖ قُلْ لَا تَمُنُّوا عَلَيَّ إِسْلَامَكُمْ ۖ بَلِ اللَّهُ يَمُنُّ عَلَيْكُمْ أَنْ هَدَاكُمْ لِلْإِيمَانِ إِنْ كُنْتُمْ صَادِقِينَ﴾;[4] <<Бар ту миннат мегузоранд ки Ислом оварданд, бигӯ Исломатонро бар ман миннат нагузоред, бал

1. Нисоъ/ 125.
2. Бақара/ 112.
3. Ҳуҷарот/ 14.
4. Ҳуҷарот/ 17.

Худованд бар шумо миннат дорад ки барои имон ҳидоятатон кард агар ростгӯ ҳастед>> Ва бо ин васф, рӯшан аст ки имон, зиёдат ва нуқсон мепазирад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ الَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ اللَّهُ وَجِلَتْ قُلُوبُهُمْ وَإِذَا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ آيَاتُهُ زَادَتْهُمْ إِيمَانًا وَعَلَىٰ رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ﴾;[1] <<Мӯъминон танҳо касоне ҳастанд ки чун Худованд ёд шавад, дилҳошон ҳаросон гардад ва чун оёташ бар онон хонда шавад бар имонашон бияфзояд ва бар Парвардигорашон таваккул мекунанд>> Ва фармудааст: ﴿هُوَ الَّذِي أَنْزَلَ السَّكِينَةَ فِي قُلُوبِ الْمُؤْمِنِينَ لِيَزْدَادُوا إِيمَانًا مَعَ إِيمَانِهِمْ ۗ﴾;[2] <<Ӯ касе аст ки оромишро дар дилҳои мӯъминон нозил кард то имоне бар имонашон бияфзоянд>>; Балки табъан Ислом низ дар зимни имон, зиёдат ва нуқсон мепазирад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَمَّا رَأَى الْمُؤْمِنُونَ الْأَحْزَابَ قَالُوا هَٰذَا مَا وَعَدَنَا اللَّهُ وَرَسُولُهُ وَصَدَقَ اللَّهُ وَرَسُولُهُ ۚ وَمَا زَادَهُمْ إِلَّا إِيمَانًا وَتَسْلِيمًا﴾;[3] <<Пас чун мӯъминон дастаҳоро диданд гуфтанд: Ин чизе аст ки Худованд ва Паёмбараш ба мо ваъда доданд ва Худованд ва Паёмбараш рост гуфтанд ва ононро ҷуз имон ва таслим наяфзуд>>! Бо ин васф, касе ки танҳо аз ҳайси назарӣ, вопасин Паёмбари Худовандро тасдиқ ва қабул карда, мусалмон аст, вале мусалмонтар аз ӯ касе аст ки аз ҳайси амалӣ, ба лавозими ин тасдиқ ва қабул илтизом дорад ва ба истилоҳ, мӯъмин аст ва ҳар кас ки илтизоми амалии бештаре ба ин лавозим дорад, мӯъминтар шумурда мешавад. Бинобарин, касе ки танҳо аз ҳайси назарӣ, вопасин Паёмбари Худовандро тасдиқ ва қабул кардааст ва аз ҳайси амалӣ, ба лавозими ин тасдиқ ва қабули назарӣ, мултазим нест, дар Ислом дохил аст ва ба сабаби амали худ, кофир шумурда намешавад; Зеро касе ки аз ҳайси назарӣ, ба Паёмбарии охирин Паёмбар ва ҳаққонияти чизе ки аз ҷониби Худованд оварда, олим аст, ҳар чанд ба лавозими илми худ амал намекунад, бо касе ки аз ҳайси назарӣ, ба ин воқеъият илм надорад, яксон нест ва яксон донистани он ду, бар хилофи виҷдон ва маҳсус аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ۗ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾;[4] <<Бигӯ оё касоне ки медонанд бо касоне ки намедонанд баробаранд?! Танҳо соҳибони ақлҳо

1. Анфол/ 2.
2. Фатҳ/ 4.
3. Аҳзоб/ 22.
4. Зумар/ 9.

панд мегиранд!>> Ва фармудааст: ﴿أَفَمَن يَعْلَمُ أَنَّمَا أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ الْحَقُّ كَمَنْ هُوَ أَعْمَىٰ ۚ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾;[1] <<Оё пас касе ки медонад чизе ки бар ту аз Парвардигорат нозил шуда ҳақ аст монанди касе аст ки нобиност?! Танҳо соҳибони ақлҳо панд мегиранд>>!

## [Шинохти фосиқ]

Ба ҳар ҳол, чунин касе, аз лиҳози ақида дар баробари иродаи Худованд таслим шуда ва рӯшан аст ки ақида, мабнои амал аст, балки гунаи амал шумурда мешавад. Бо ин ҳол, агар ӯ ба сойири аҳкоми Худованд ва асбоби ризояташ, ба сабаби ҷаҳолат ё сустӣ, амал накунад ва ҳтто аъмолӣ шабеҳи аъмоли кофирон анҷом диҳад, дар истилоҳ, <<Фосиқ>> шумурда мешавад ва <<Мӯъмин>> шумурда намешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَفَمَن كَانَ مُؤْمِنًا كَمَن كَانَ فَاسِقًا ۚ لَّا يَسْتَوُونَ﴾;[2] <<Оё пас касе ки мӯъмин аст монанди касе аст ки фосиқ аст?! Яксон нестанд>> Ва фармудааст: ﴿كَذَٰلِكَ حَقَّتْ كَلِمَتُ رَبِّكَ عَلَى الَّذِينَ فَسَقُوا أَنَّهُمْ لَا يُؤْمِنُونَ﴾;[3] <<Ин гуна гуфтори Парвардигорат дар бораи касоне ки фосиқ шуданд рост гардид ки онон имон намеоваранд!>> Ва фармудааст: ﴿بِئْسَ الِاسْمُ الْفُسُوقُ بَعْدَ الْإِيمَانِ ۚ﴾;[4] <<Бад номе аст фисқ, пас аз имон!>>; Монади касоне аз мусалмонон ки муртакиби қазф мешуданд ва чаҳор шоҳиди одил намеоварданд ва бо ин кор, фосиқ шумурда мешаванд, бе онки аз Ислом хориҷ бошанд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ يَرْمُونَ الْمُحْصَنَاتِ ثُمَّ لَمْ يَأْتُوا بِأَرْبَعَةِ شُهَدَاءَ فَاجْلِدُوهُمْ ثَمَانِينَ جَلْدَةً وَلَا تَقْبَلُوا لَهُمْ شَهَادَةً أَبَدًا ۚ وَأُولَٰئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ﴾;[5] <<Ва касоне ки занони пойбандро тӯҳмат мезананд ва сипас чаҳор шоҳид намеоваранд, ононро ҳаштод тозиёна бизанед ва ҳаргиз барояшон шаҳодатеро напазиред ва онон ҳамоно фосиқон ҳастанд!>> Ва монанди касоне аз мусалмонон ки монанди кофирон, гӯшти ҳайвонотро бо тирҳои бахтозмоӣ қисмат мекунанд; Чунонки Худованд онро фосиқ дониста ва фармудааст: ﴿وَأَن تَسْتَقْسِمُوا بِالْأَزْلَامِ ۚ ذَٰلِكُمْ فِسْقٌ ۗ﴾;[6] <<Ва инки бо тирҳои бахтозмоӣ қисмат биҷӯяд, он фисқ аст>>

---

1. Раъд/ 19.
2. Саҷда/ 18.
3. Юнус/ 33.
4. Ҳуҷарот/ 11.
5. Нур/ 4.
6. Моъида/ 3.

Ё монанди кофирон, гӯшти ҳайвонотеро мехуранд ки бо номи Худо забҳ нашудааст; Чунонки Худованд онро фсиқ дониста ва фармудааст: ﴿وَلَا تَأْكُلُوا مِمَّا لَمْ يُذْكَرِ اسْمُ اللَّهِ عَلَيْهِ وَإِنَّهُ لَفِسْقٌ﴾;[1] <<Ва аз чизе ки номи Худованд бар он бурда нашудааст нахуред ки он фиск аст>>! Рӯшан аст ки ин қабил корҳо, монанди корҳои кофирон аст, вале ба танҳоӣ куфр шумурда намешавад; Чароки метавонад аз рӯӣ ҷаҳолат ё сустӣ бошад ва бо эътиқод ба Паёмбарии Паёмбарон ва лузуми амал ба аҳкоми онон, қобили ҷамъ аст.

## [Шинохти муртад]

Бо ин васф, танҳо касоне аз Ислом хориҷ шумурда мешаванд ки ба хуруҷи худ аз Ислом илм доранд ва иқрор мекунанд; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿شَاهِدِينَ عَلَىٰ أَنْفُسِهِمْ بِالْكُفْرِ﴾;[2] <<Дар ҳоле ки гувоҳӣ диҳандагон бар худашон ба куфр ҳастанд>> Ва фармудааст: ﴿وَشَهِدُوا عَلَىٰ أَنْفُسِهِمْ أَنَّهُمْ كَانُوا كَافِرِينَ﴾;[3] <<Ва бар худашон гувоҳӣ доданд ки онон кофир буданд>>! Аз ин рӯ, касоне ки дар ақида, худро мусалмон мешуморанд, агар чи дар амал барои ғайри Худованд саҷда кунанд, мусалмон шумурда мешаванд; Чароки куфр, ба ният аст ва касе ки нияти онро надорад, кофир шумурда намешавад; Монанди фариштагон ки барои Одам عليه السلام саҷда карданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَائِكَةِ اسْجُدُوا لِآدَمَ فَسَجَدُوا﴾;[4] <<Ва чун ба фариштагон Гуфтем ки барои Одам саҷда кунед пас саҷда карданд>> Ва фарзандони Яъқуб عليه السلام ки барои Юсуф عليه السلام саҷда карданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَرَفَعَ أَبَوَيْهِ عَلَى الْعَرْشِ وَخَرُّوا لَهُ سُجَّدًا﴾;[5] <<Ва падар ва модарашро бар тахт нишонд ва барои ӯ ба саҷда афтоданд>>!

## [Шинохти мунофиқ]

Бал мунофиқон низ ки ботинӣ оканда аз куфр доранд ва дар охират аз кофирон пасттаранд, ба сабаби онки худро мусалмон мешуморанд, мусалмон шумурда мешаванд, ҳар чанд дар воқеъ

1. Анъом/ 121.
2. Тавба/ 17.
3. Анъом/ 130.
4. Бақара/ 34.
5. Юсуф/ 100.

кофиранд ва шинохти онон, бо таваҷҷуҳ ба аҳвол ва аъмолашон мумкин аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَتَعْرِفَنَّهُمْ فِي لَحْنِ الْقَوْلِ ۚ وَاللَّهُ يَعْلَمُ أَعْمَالَكُمْ﴾;[1] <<Ва ҳароина ононро дар шеваи гуфтор мешиносӣ ва Худованд аъмоли шуморо медонад>>; Монанди касоне ки бо вуҷуди иқрор ба Ислом, суханонӣ ноқизи мабонии назарӣ ва амалии он мегӯянд ё дар таноқуз бо он, иқдомӣ амдӣ анҷом медиҳанд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿يَحْلِفُونَ بِاللَّهِ مَا قَالُوا وَلَقَدْ قَالُوا كَلِمَةَ الْكُفْرِ وَكَفَرُوا بَعْدَ إِسْلَامِهِمْ وَهَمُّوا بِمَا لَمْ يَنَالُوا ۚ﴾;[2] <<Ба Худованд савгонд мехуранд ки нагуфтанд, дар ҳоле ки калимаи куфрро гуфтанд ва пас аз Исломашон кофир шуданд ва ба чизе ҳиммат гумоштанд ки даст наёфтанд>>! Ин ба он маъност ки муддаии мусалмоне, ҳар гоҳ сухане бигуяд ки ҷуз аз кофир шунида намешавад ё коре анҷом диҳад ки ҷуз аз кофир сар намезанд, мунофиқ ба шумор меравад, на муртад; Зеро муртад кофире аст ки ба куфри худ баъд аз Ислом, иқрор дорад ва бинобар ахбори мутавотир, куштани ӯ ба ин унвон, пеш ё пас аз иститоба, баста ба салоҳдиди халифаи Худованд дар замин, ҷойиз аст, вале мунофиқ кофире аст ки ба куфри худ иқрор надорад, балки худро мусалмон мешуморад то ҷони худро ҳифз кунад ва қоъидатан куштани ӯ ба унвони кофир, ҷойиз нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки бинобар қоъида, ҳар кас мегӯяд мусалмон аст, дар гуфтори худ тасдиқ мешавад ва ҳисоби амалаш бо Худованд аст. Оре, дар сурате ки гуфта ё кардаи куфргунаи мунофиқ, машҳуд ва мисдоқи муҳориба ва ифсод дар замин бошад, куштани ӯ ба унвони муҳориб ва муфсиди дар замин ва на ба унвони кофир, ҷойиз аст ва дар ин сурат, монанди мусалмонон ғусл дода мешавад ва бар ӯ намоз гзорида мешавад ва дар гӯристони мусалмонон дафн мешавад, ҳар чанд мубоширати халифаи Худованд ба ин корҳо шойиста нест; Чунонки Худованд хитоб ба ӯ фармудааст: ﴿وَلَا تُصَلِّ عَلَىٰ أَحَدٍ مِنْهُمْ مَاتَ أَبَدًا وَلَا تَقُمْ عَلَىٰ قَبْرِهِ ۖ إِنَّهُمْ كَفَرُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ وَمَاتُوا وَهُمْ فَاسِقُونَ﴾;[3] <<Ва ҳаргиз бар ҳеҷ як аз онон чун мурд намоз нагзор ва бар гӯраш наист; Чароки онон ба Худованд ва Паёмбараш куфр варзиданд ва дар ҳоле мурданд ки фосиқ буданд>>!

1. Муҳаммад/ 30.
2. Тавба/ 74.
3. Тавба/ 84.

## [Шинохти мушрик]

Бинобарин, касе ки худро мусалмон мешуморад, ба сабаби коре ки анҷом медиҳад мушрик шумурда намешавад, агар чи корӣ монанди хондани мурдагон бошад; Чароки хондани мурдагон, ҳаргоҳ аз рӯи эътиқод ба судманд будани онон пас аз изни Худованд бошад, ширк дониста намешавад; Чароки Худованд қодир аст ба воситаи мурдае суд бирасонад, ҳамон таврки ба воситаи зиндае суд бирасонад; Бал қодир аст ки зиндаеро аз мурдае ва мурдаеро аз зиндае берун оварад; Чунонки фармудааст: ﴿يُخْرِجُ الْحَيَّ مِنَ الْمَيِّتِ وَيُخْرِجُ الْمَيِّتَ مِنَ الْحَيِّ وَيُحْيِي الْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا﴾;[1] <<Зиндаро аз мурда берун меоварад ва мурдаро аз зинда берун меоварад ва заминро пас аз маргаш зинда мекунад>>; Балки бархӣ мурдагон дар назари Ӯ зиндагонанд; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَا تَقُولُوا لِمَنْ يُقْتَلُ فِي سَبِيلِ اللَّهِ أَمْوَاتٌ ۚ بَلْ أَحْيَاءٌ وَلَٰكِنْ لَا تَشْعُرُونَ﴾;[2] <<Ва ба касоне ки дар роҳи Худованд кушта мешаванд мурдагон нагӯйед, балки зиндагонанд вале шумо намефаҳмед>> Ва бархӣ зиндагон назари Ӯ мурдагонанд; Чунонки фармудааст: ﴿أَوَمَنْ كَانَ مَيْتًا فَأَحْيَيْنَاهُ وَجَعَلْنَا لَهُ نُورًا يَمْشِي بِهِ فِي النَّاسِ كَمَنْ مَثَلُهُ فِي الظُّلُمَاتِ لَيْسَ بِخَارِجٍ مِنْهَا ۚ﴾;[3] <<Ё касе ки мурда буд, пас ӯро зинда кардем ва барояш нуре қарор додем ки бо он дар миёни мардум роҳ равад монанди касе аст ки мисолаш дар торикӣ аст ва аз он берун намеояд?!>> Ва бо ин васф, хондани бархӣ мурдагон дар назари Худованд, монанди хондани бархӣ зиндагон аст ва хондани бархӣ зиндагон дар назари Худованд, монанди хондани бархӣ мурдагон аст; Магар инки хондани мурдагон аз рӯи эътиқод ба судманд будани онон бидуни изни Худованд бошад ки дар ин сурат, ширк дониста мешавад, ҳамон тавр ки хондани зиндагон аз рӯи чунин эътиқоде, ширки аст; Зеро касе ки махлуқеро мустақил аз Холиқ медонад ва ба он монанди Ӯ умед дорад ва аз он монанди Ӯ метарсад, мусалмон нест ва бо ин васф, агар худро мусалмон нашуморад, мушрик аст ва агар худро мусалмон бишуморад, мунофиқ аст ва бо мунофиқ то ҳангоме ки дар замин фитна намеангезад, ба ин маъно ки дигаронро ба сӯи ширк даъват намекунад ва аз Ислом

1. Рум/ 19.
2. Бақара/ 154.
3. Анъом/ 122.

боз намедорад, мудоро мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿لَئِنْ لَمْ يَنْتَهِ الْمُنَافِقُونَ وَالَّذِينَ فِي قُلُوبِهِمْ مَرَضٌ وَالْمُرْجِفُونَ فِي الْمَدِينَةِ لَنُغْرِيَنَّكَ بِهِمْ ثُمَّ لَا يُجَاوِرُونَكَ فِيهَا إِلَّا قَلِيلًا﴾;[1] <<Агар мунофиқон ва касоне ки дар дилҳошон марази аст ва фитнаангезон дар Мадина даст барндоранд, ҳароина туро бар онон мешуронем, онгоҳ ҷуз андаке дар он бо ту ба сар намебаранд>>!

Бо ин ҳама, инсоф он аст ки хондани ғайри Худованд ба ҷои Ӯ, хоҳ мурдае бошад ва хоҳ зиндае, аз рӯи эътиқод ба судманд будани ӯ бо изни Худованд низ, ҳар чанд ширк шумурда намешавад, зебандаи мусалмон нест; Чароки судманд будани ғайри Худованд бо изни Худованд, муқтазии хондани Худованд аст на хондани ғайри Худованд; Бо таваҷҷуҳ ба инки аз назари оқилон, хондани судманди аслӣ, аз хондани судманди табъии сазовортар аст ва касе ки ба раъис роҳ дорад, худро ба муъовин саргарм намесозад ва рӯшан аст ки Худованд ба ҳамаи офаридагони худ наздик аст ва хондани ҳамаи ононро мешунавад ва барои ин кор ба воситае миёни худ ва онон ниёз надорад; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ ۖ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ﴾;[2] <<Ва чун бандагонам аз ту дар бораи Ман мепурсанд, пас бегумон Ман наздикам, хондани хонандаро посух медиҳам чун Манро мехонад>>! Аз ин рӯ, инсоф он аст ки арзи ҳоҷат ба мурда ё зиндае ба ҷои Худованд, ҳар чанд касе монанди Паёмбар ﷺ бошад, тарки авло шумурда мешавад; Чароки он Ҳазрат, бо ҳамаи кароматаш бар Худованд, ба иқтизои башар буданаш молики суд ва зиёне барои худ ва табъан дигарон нест ва аз хонда шуданаш дар ниҳон огоҳӣ надорад ва ин қатъи назар аз зинда ё мурда будани он Ҳазрат аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ لَا أَمْلِكُ لِنَفْسِي نَفْعًا وَلَا ضَرًّا إِلَّا مَا شَاءَ اللَّهُ ۚ وَلَوْ كُنْتُ أَعْلَمُ الْغَيْبَ لَاسْتَكْثَرْتُ مِنَ الْخَيْرِ وَمَا مَسَّنِيَ السُّوءُ ۚ إِنْ أَنَا إِلَّا نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ لِقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ﴾;[3] <<Бигӯ ман барои худам суд ва зиёнеро молик нестам магар чизеро ки Худованд бихоҳад ва агар ниҳонро медонистам бар хайр меафзудам ва манро осибе намерасид; Ман танҳо бимдиҳанда ва муждадиҳандае барои

1. Аҳзоб/ 60.
2. Бақара/ 186.
3. Аъроф/ 188.

гурӯҳе ҳастам ки имон меоваранд>> Ва бо ин васф, хондани он Ҳазрат дар ниҳон ба ҷои Худованд, шойиста нест ва тарки авло шумурда мешавад; Зеро авло дар чунин ҳолате, хондани Худованд аст ки ба таври қатъ бар ниҳон мутталеъ аст ва иттилоъи тафсилии Паёмбар ﷺ бар ниҳон, қатъӣ нест, балки чи басо мумкин набошад, ҳар чанд иттилоъи иҷмолии ӯ бар он, бо лиҳози қудрати Худованд, мумкин аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَسَيَرَى اللَّهُ عَمَلَكُمْ وَرَسُولُهُ ثُمَّ تُرَدُّونَ إِلَىٰ عَالِمِ الْغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ فَيُنَبِّئُكُمْ بِمَا كُنْتُمْ تَعْمَلُونَ﴾;[1] <<Ва Худованд ва Паёмбараш амали шуморо хоҳанд дид, сипас ба сӯи доної ниҳон ва ошкор бозгардонда мешавед, пас шуморо аз чизе ки анҷом медодед огоҳ мекунад>>!

Ин дар ҳоле аст ки шарик сохтани Паёмбар бо Худованд дар бархӣ умур, ба маъної дар назар гирифтанаш пас аз Ӯ, ширк дониста намешавад ва мунҳасир донистани бархӣ умур ба Худованд, ба маъної нодида гирифтани Паёмбар пас аз Ӯ, тавҳид нест; Чунонки умед доштан ба фазли Худованд ва Паёмбараш, ширк дониста намешавад ва қатъи умед аз фазли Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَوْ أَنَّهُمْ رَضُوا مَا آتَاهُمُ اللَّهُ وَرَسُولُهُ وَقَالُوا حَسْبُنَا اللَّهُ سَيُؤْتِينَا اللَّهُ مِنْ فَضْلِهِ وَرَسُولُهُ إِنَّا إِلَى اللَّهِ رَاغِبُونَ﴾;[2] <<Ва агар онон ба чизе ки Худованд ва Паёмбараш ба онон доданд розӣ мешуданд ва мегуфтанд Худованд барои мо бас аст, ба зудӣ Худованд ва Паёмбараш аз фазли худ ба мо хоҳанд дод, мо ба сӯи Худованд роғибонем>> Ва донистани хайр аз ҷониби Худованд ва Паёмбараш, ширк дониста намешавад ва надонистани хайр аз ҷониби Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا نَقَمُوا إِلَّا أَنْ أَغْنَاهُمُ اللَّهُ وَرَسُولُهُ مِنْ فَضْلِهِ﴾;[3] <<Ва кина нагирифтанд магар аз инки Худованд ва Паёмбараш ононро аз фазли худ бениёз карданд>> Ва хостани хайр барои Худованд ва Паёмбараш, ширк дониста намешавад ва нахостани хайр барои Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَا عَلَى الَّذِينَ لَا يَجِدُونَ مَا يُنْفِقُونَ حَرَجٌ إِذَا نَصَحُوا لِلَّهِ وَرَسُولِهِ﴾;[4] <<Ва низ бар касоне ки чизе барои инфоқ намеёбанд боке нест ҳаргоҳ барои Худованд ва Паёмбараш хайрхоҳӣ кунанд>> Ва

1. Тавба/ 94.
2. Тавба/ 59.
3. Тавба/ 74.
4. Тавба/ 91.

тақсими ғаноим миёни Худованд ва Паёмбараш, ширк муонста намешавад ва нодида гирифтани саҳми Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст:﴿يَسْأَلُونَكَ عَنِ الْأَنْفَالِ ۖ قُلِ الْأَنْفَالُ لِلَّهِ وَالرَّسُولِ﴾;[1] <<Аз ту дар бораи нафлҳо мепурсанд, бигӯ нафлҳо барои Худованд ва Паёмбар аст>> Ва даъват ба сӯи Худованд ва Паёмбараш, ширк дониста намешавад ва даъват накардан ба сӯи Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِذَا دُعُوا إِلَى اللَّهِ وَرَسُولِهِ لِيَحْكُمَ بَيْنَهُمْ إِذَا فَرِيقٌ مِنْهُمْ مُعْرِضُونَ﴾;[2] <<Ва чун ба сӯи Худованд ва Паёмбараш даъват мешаванд то миёнашон ҳукм кунад, онгоҳ гурӯҳе аз онон рӯй мегиранд>> Ва амал кардан барои ризои Худованд ва Паёмбараш, ширк дониста намешавад ва амал накардан барои ризои Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст: ﴿وَاللَّهُ وَرَسُولُهُ أَحَقُّ أَنْ يُرْضُوهُ إِنْ كَانُوا مُؤْمِنِينَ﴾;[3] <<Ва Худованд ва Паёмбараш сазовортаранд ки розияш кунанд агар мӯъмин ҳастанд>> Ва итоъат аз Худованд ва Паёмбараш, ширк дониста намешавад ва итоъат накардан аз Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст: ﴿أَطِيعُوا اللَّهَ وَرَسُولَهُ﴾;[4] <<Аз Худованд ва Паёмбараш итоъат кунед>> Ва ёрӣ кардани Худованд ва Паёмбараш, ширк дониста намешавад ва ёрӣ накардани Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст: ﴿وَلِيَعْلَمَ اللَّهُ مَنْ يَنْصُرُهُ وَرُسُلَهُ بِالْغَيْبِ﴾;[5] <<Ва то Худованд бидонад ки чи касе Худованд ва Паёмбаронашро дар ниҳон ёрӣ мекунад>> Ва ирҷоъи мавориди танозуъ ба Худованд ва Паёмбараш, ширк дониста намешавад ва адами ирҷоиъ онҳо ба Паёмбараш, тавҳид нест; Чунонки фармудааст: ﴿فَإِنْ تَنَازَعْتُمْ فِي شَيْءٍ فَرُدُّوهُ إِلَى اللَّهِ وَالرَّسُولِ إِنْ كُنْتُمْ تُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ﴾;[6] <<Пас агар дар бораи чизе танозуъ кардид онро ба Худованд ва Паёмбар боз гардонид агар ба Худованд ва рӯзи вопасин имон овардаед>>; Чароки дар ҳеҷ як аз ин умур, миёни Худованд ва Паёмбараш муғойирате вуҷуд надорад ва Паёмбараш тариқи Ӯ дар онҳост ва табъан бозгашти ҳамаи онҳо ба Худованд аст, то ҳадде ки ҷудо кардани он ду аз ҳам дар онҳо, куфр шумурда мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ

1. Анфол/ 1.
2. Нур/ 48.
3. Тавба/ 62.
4. Анфол/ 20.
5. Ҳадид/ 25.
6. Нисоъ/ 59.

يَكْفُرُونَ بِاللَّهِ وَرُسُلِهِ وَيُرِيدُونَ أَنْ يُفَرِّقُوا بَيْنَ اللَّهِ وَرُسُلِهِ وَيَقُولُونَ نُؤْمِنُ بِبَعْضٍ وَنَكْفُرُ بِبَعْضٍ وَيُرِيدُونَ أَنْ يَتَّخِذُوا بَيْنَ ذَٰلِكَ سَبِيلًا؛ أُولَٰئِكَ هُمُ الْكَافِرُونَ حَقًّا ۚ وَأَعْتَدْنَا لِلْكَافِرِينَ عَذَابًا مُهِينًا﴾;[1] <<Ҳароина касоне ки ба Худованд ва Паёмбаронаш куфр меварзанд ва мехоҳанд миёни Худованд ва Паёмбаронаш ҷудоӣ биандозанд ва мегӯянд ба бархӣ имон меоварем ва ба бархӣ кофир мешавем ва мехоҳанд ки миёни он роҳе бигиранд; Онон ба ростӣ ҳамон кофиронанд ва барои кофирон азобӣ хорсоз фароҳам сохтаем>>! Вале ба назар мерасад ки хондани Худованд ва Паёмбараш дар ғайбати ӯ, аз синхи ин умур нест; Ҳамчунонки дар радифи онҳо зикр нашудааст; Чароки миёни Худованд ва Паёмбараш дар илми ба ғайб ва бароварда сохтани ҳавоъиҷ, муғойират вуҷуд дорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ لَا أَقُولُ لَكُمْ عِنْدِي خَزَائِنُ اللَّهِ وَلَا أَعْلَمُ الْغَيْبَ وَلَا أَقُولُ لَكُمْ إِنِّي مَلَكٌ﴾;[2] <<Бигӯ ба шумо намегӯям ки хазонаҳои Худованд назди ман аст ва ғайб намедонам ва ба шумо намегӯям ки ман фариштае ҳастам>>; Бо тавҷҷуҳ ба инки Паёмбар ﷺ танҳо башаре монанди мардум аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ إِنَّمَا أَنَا بَشَرٌ مِثْلُكُمْ﴾;[3] <<Бигӯ ман танҳо башаре монанди шумо ҳастам>> Ва табъан ба иқтизои башар буданаш, қодир ба огоҳӣ аз ҳамаи хонданҳо ва посухдодан ба ҳамаи онҳо дар они воҳид нест ва қудрати Худованд низ бар қодир сохтани ӯ ба ин кор таъаллуқ намегирад; Чароки ин кор, ба иқтизои маҳдудияти зотии қудрати башар, муҳол аст ва қудрати Худованд бар муҳол таъаллуқ намегирад; Ба ин маъно ки мутасаввир нест Худованд башареро Худо бисозад. Ҳосил онки хондани Паёмбар ﷺ дар ғайбати ӯ ба ҷои Худованд ё дар канораш, бидуни эътиқод ба иҷобати ӯ бо изни Худованд, ширк аст ва бо эътиқоди ба он, тарки авло шумурда мешавад; Чароки дар ҳар ҳол, авло хондани Худованд аст.

Оре, руҷӯъ ба Паёмбар ﷺ барои талаби дуъо ва истиғфори он Ҳазрат, дар замони ҳаёти ӯ, шойиста аст; Чароки дуъо ва истиғфори ӯ ба иқтизои наздиктар буданаш ба Худованд, ба иҷобат наздиктар аст; Балки аз вазоифи ӯ дар қиболи умматаш

1. Нисоъ/ 150 ва 151.
2. Анъом/ 50.
3. Каҳф/ 110.

шумурда мешавад; Чунонки Худованд ба ӯ амр карда ва фармудааст: ﴿وَصَلِّ عَلَيْهِمْ ۖ إِنَّ صَلَاتَكَ سَكَنٌ لَهُمْ ۗ وَاللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾;[1] <<Ва барояшон дуъо кун; Бегумон дуъои ту барояшон оромишбахш аст ва Худованд шунавои доност>> Ва фармудааст: ﴿وَاسْتَغْفِرْ لَهُمُ اللَّهَ ۚ إِنَّ اللَّهَ غَفُورٌ رَحِيمٌ﴾;[2] <<Ва барояшон аз Худованд омӯрзиш бихоҳ; Бегумон Худованд омӯрзандаи меҳрабон аст>>! Балки баъид нест руҷӯъ ба он ҳазтар барои талаби дуъо ва истиғфори ӯ, дар сурати имкон, бар умматаш воҷиб бошад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَوْ أَنَّهُمْ إِذْ ظَلَمُوا أَنْفُسَهُمْ جَاءُوكَ فَاسْتَغْفَرُوا اللَّهَ وَاسْتَغْفَرَ لَهُمُ الرَّسُولُ لَوَجَدُوا اللَّهَ تَوَّابًا رَحِيمًا﴾;[3] <<Ва агар онон ҳангоме ки ба худашон ситам карданд, ба назди ту меомаданд, пас аз Худованд омӯрзиш мехостанд ва Паёмбар барояшон омӯрзиш мехост, ҳатман Худовандро тавбапазирӣ меҳрабон меёфтанд>>! Чунонки ин кор аз умматҳои гузашта низ нақл шудааст; Ба ин сурат ки онон ҳам барои омӯрзида шудани гуноҳон ва бароварда шудани ҳоҷаташон тавассути Худованд, ба Паёмбаронашон руҷӯъ мекарданд ва аз онон мехостанд ки барояшон дуъо ва истиғфор кунанд, то ҷойе ки гоҳе тавссути онон дар наҳрҳо ғусли тавба дода мешуданд; Чунонки аз Яҳё عليه السلام нақл шудааст ки мардумро дар наҳри Урдун ғусли тавба медод ва аз Исо عليه السلام низ монанди он нақл шудааст, ҳар чанд зоҳиран эҳтимоми чандоне ба ин кор дар ин уммат вуҷуд надоштааст ва ин метавонад ношӣ аз ғафлат ва кутоҳии онон буда бошад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ تَعَالَوْا يَسْتَغْفِرْ لَكُمْ رَسُولُ اللَّهِ لَوَّوْا رُءُوسَهُمْ وَرَأَيْتَهُمْ يَصُدُّونَ وَهُمْ مُسْتَكْبِرُونَ﴾;[4] <<Ва чун ба онон гуфта шуд ки биёйед то Паёмбари Худованд барои шумо истиғфор кунад, сарҳошонро печонданд ва дидишон ки боз медоранд дар ҳоле ки бузургӣ меҷӯяд>>! Оре, пас аз Паёмбар ﷺ, руҷӯъ ба он Ҳазрат барои талаби дуъо ва истиғфори ӯ, мумкин ба назар намерасад ва аз ин рӯ, ҷорае ҷуз руҷӯъ ба халифаи он Ҳазрат барои ин кор нест ва бо ин васф, вазифаи мусалмонон аст ки ба халифаи он Ҳазрат дар замони худ руҷӯъ кунанд ва аз ӯ бихоҳанд ки барои онон дуъо ва истиғфор кунад ва рӯшан аст ки дуъо ва истиғфори ӯ, монанди дуъо ва истиғфори Паёмбар ﷺ аст.

1. Тавба/ 103.
2. Нур/ 62.
3. Нисоъ/ 64.
4. Мунофиқун/ 5.

## Севвум; Манобеъи Ислом

Аз random онччи гузашт рӯшан шуд ки Ислом, ба маънои таслим будан дар баробари иродаи Худованд аст ва рӯшан аст ки иродаи Худованд дар қолиби амр ва наҳйи Ӯ таҷаллӣ ёфта; Зеро Ӯ ба иқтизои камоли худ ба ҳар чизе ки муфиди камоли одамӣ аст амр карда ва аз ҳар чизе ки ба нуқсони ӯ меанҷомад наҳй намуда ва ин амр ва наҳйро аз тариқи Паёмбараш ба иттилоъи ӯ расондааст. Бо ин васф, манобеъи Ислом, чизҳое ҳастанд ки амр ва наҳйи Худованд бо руҷӯъ ба онҳо маълум мешавад ва онҳо иборат аз китоби Худованд ва Паёмбари Ӯ ҳастанд.

## Китоби Худованд

Нахустин ва муҳимтарин манбаъи Ислом, китоби Худованд аст ва он, таҷаллии иродаи Ӯ дар калимот аст ки аз назди Ӯ ба воситаи фаришта ё бидуни воситаи он, бар қлби Паёмбараш афканда шуда ва тавассути Паёмбараш бидуни костӣ ё фузунӣ, барои садҳо тан аз мусалмонон хонда шуда ва тавассути онон бидуни ихтилофӣ мухил барои ҳазорон тан аз мусалмонон нақл шуда ва ба сурати мактуб ва мутавотир ба мусалмонони кунунӣ расида ва бо ин васф, ба таври қатъ ҳуҷҷат аст.

## [Адами таҳрифи Қуръон]

Ҳар чанд ба шуморе аз мусалмонон нисбат дода шудааст ки вуқӯъи костӣ дар он тавассути бархӣ мусалмонони нахустинро муҳтамал донистаанд, вале далиле барои ин эҳтимол нест; Балки ин эҳтимол, хилофи қавоъиди ақлӣ аст; Чароки ривояти китоби Худованд, мунҳасир ба касоне ки муттаҳам ба костани он шудаанд, набуда ва тавассути шумори фаровоне ғайр аз онон низ анҷом шуда ва рӯшан аст ки табонии ҳамаи онон бар костани он ба шаклӣ воҳид, мумкин нест. Ба иборати дигар, ровиёни китоби Худованд аз замони Паёмбар ﷺ токунун, ҳамвора ба теъдоде будаанд ки иҷтимоъи онон бар костан ё афзудани он ба суратӣ воҳид, мумкин набуда ва ин аз заруриёти ақлӣ ва таҷрибӣ аст. Ба илова, вуқӯъи костӣ дар китоби Худованд, ба маънои вуқӯъи ишкол ё ихтилоф дар он аст ки табиъатан қобили мушоҳида аст, дар ҳоле ки ҳеҷ ишкол ё ихтилофе дар он машҳуд

нест; Балки матни он, ҳамоҳанг, мутаносиб ва маъқул аст ва аз лиҳози адабӣ ва маъноӣ, назире надорад ва қобили муориза нест ва ин ба маънои эъҷози он аст ки судури он аз Худованд ва адами тағйирашро исбот мекунад; Чароки ҳар тағйире дар он, табиъатан ба назми он осеб мерасонад ва ҳамоҳангӣ, таносуб ва маъқулияти онро бар ҳам мезанад ва эъҷози онро маҳдуш месозад, дар ҳоле ки чунин иттифоқе наяфтодааст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ الْقُرْآنَ ۚ وَلَوْ كَانَ مِنْ عِنْدِ غَيْرِ اللَّهِ لَوَجَدُوا فِيهِ اخْتِلَافًا كَثِيرًا﴾;[1] <<Оё пас дар Қуръон андеша намекунанд?! Агар он аз назди ғайри Худованд буд, ҳатман дар он ихтилофи бисёре меёфтанд>>! Ба илова, вуқӯъи костӣ дар он, мусталзими вуқӯъи қаҳрии мусалмонон дар гумроҳӣ бидуни имкони ҳидояташон аст; Чароки аҷзоъи коста шудаи он, ба сурати мутавотир ривоят нашудааст ва бо ин васф, такмил ва ислоҳи он барои мусалмонон мумкин нест. Аз инҷо дониста мешавад ки китоби Худованд бо ҳамин сурати мавҷуди он, ҳуҷҷат аст; Ба ин маъно ки яқинан намоёнгари иродаи Худованд аст.

## [Ҳуҷҷияти завоҳир ва умумоти Қуръон]

Ҳар чанд ба бархӣ мусалмонон нисбат дода шудааст ки мепиндоранд, зоҳири китоби Худованд ҳуҷҷат нест; Ба ин маъно ки ғолибан мутабодир аз ибороти он, муроди ҷиддии Худованд нест ва ба сурати мушаххас, умумоти он, қобилияти илтизомро надорад; Чароки камтар мавриде аз он, ба василаи суннат тахсис нахӯрдааст ва бо ин васф, тамассук ба он, бефоида аст, дар ҳоле ки ин пиндор, мабнои уқалоӣ надорад; Чароки зоҳири ибороти оқилон дар миёни онон ҳуҷҷат аст ва нишонгари муроди ҷиддии онон шумурда мешавад ва умумоти он, лағв шумурда намешавад, балки то замони вуруди мухассис, бар умумияти худ ҳал мешавад ва рӯшан аст ки Худованд низ яке аз оқилон, балки Холиқ ва раъиси онон аст ва бо ин васф, зоҳир ва умуми ибороти Ӯ аз ин қоъида мустасно нест.

## [Адами ихтисоси фаҳми Қуръон ба гурӯҳе аз мардум]

Ба бархӣ аз мусалмонон низ нисбат дода шудааст ки китоби

1. Нисоъ/ 82.

Худовандро танҳо барои гурӯҳи хоссе аз мусалмонон қобили фаҳм мепиндоранд ва барои дигарон қобили истифода намедонанд, дар ҳоле ки ин пиндор низ бар хилофи ҳис ва виҷдон аст; Чароки китоби Худованд, муъаммо нест, балки ба забони Арабии рӯшан ва хитоб ба умуми мардум нозил шуда ва табъан барои фаҳми онон осон гардида ва муносиб аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَهَٰذَا لِسَانٌ عَرَبِيٌّ مُبِينٌ﴾;[1] <<Ва ин забони Арабии рӯшанӣ аст>> Ва фармудааст: ﴿هَٰذَا بَيَانٌ لِلنَّاسِ﴾;[2] <<Ин баёне барои ҳамаи мардум аст>> Ва фармудааст: ﴿وَلَقَدْ يَسَّرْنَا الْقُرْآنَ لِلذِّكْرِ فَهَلْ مِنْ مُدَّكِرٍ﴾;[3] <<Ва бегумон Қуръонро барои ёд гирифтан осон кардем; Пас оё ёдгирандае ҳаст?!>>. Бал инсоф он аст ки гуфтори Худованд, аз гуфтори касоне ки дар садади рӯшан кардани онанд, рӯшантар аст; Чароки аз фасоҳат ва балоғати бештаре бархурдор аст ва муносибати бештаре бо ақли мардум дорад ва бо ин васф, касе ки аз фаҳми гуфтори Худованд оҷиз аст, аз фаҳми гуфтори дигарон оҷизтар хоҳад буд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿تِلْكَ آيَاتُ اللَّهِ نَتْلُوهَا عَلَيْكَ بِالْحَقِّ ۖ فَبِأَيِّ حَدِيثٍ بَعْدَ اللَّهِ وَآيَاتِهِ يُؤْمِنُونَ﴾;[4] <<Ин оёти Худованд аст ки бар ту ба ростӣ мехонем; Пас ба кадомин гуфтор пас аз Худованд ва оёти Ӯ имон меоваранд?!>> Ва фармудааст: ﴿وَمَنْ أَصْدَقُ مِنَ اللَّهِ حَدِيثًا﴾;[5] <<Ва чи касе аз Худованд ростгуфтортар аст>> Ва фармудааст: ﴿اللَّهُ نَزَّلَ أَحْسَنَ الْحَدِيثِ﴾;[6] <<Худованд бартарин гуфторро нозил кард>>! Бо ин васф, рӯшан кардани гуфтори Худованд бо гуфтори дигарон, монанди рӯшан кардани офтоб бо чироғи нафтӣ аст!

Оре, инсоф он аст ки бахшӣ аз гуфтори Худованд, ба сабаби нузулаш то сатҳи алифбои башар ва истифодааш аз алфози муштарак, ба рӯшан шудан ниёз дорад, вале ин бахш аз гуфтори Ӯ низ ҷуз тавассути худаш қобили рӯшан шудан нест; Чароки касе ҷуз худаш аз муродаш огоҳӣ надорад ва табъан башар аз рӯшан кардани гуфтори Ӯ оҷиз аст. Аз ин рӯ, бахшӣ аз гуфтори Ӯ ки ба рӯшан шудан ниёз дорад низ, тавассути худи Ӯ ва бо

1. Наҳл/ 103.
2. Оли Имрон/ 138.
3. Қамар/ 17.
4. Ҷосия/ 6.
5. Нисоъ/ 87.
6. Зумар/ 23.

бахшӣ дигаре аз гуфтораш рӯшан шудааст; Монанди оёти муташобеҳи он ки бо оёти муҳками он рӯшан шудааст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿هُوَ الَّذِي أَنْزَلَ عَلَيْكَ الْكِتَابَ مِنْهُ آيَاتٌ مُحْكَمَاتٌ هُنَّ أُمُّ الْكِتَابِ وَأُخَرُ مُتَشَابِهَاتٌ﴾;[1] <<Ӯ касе аст ки китобро бар ту фурӯ фиристод; Аз он оёте муҳкаманд ки онҳо мабнои китоб ҳастанд ва дигарҳо муташобеҳанд>>; Чунонки ба унвони намуна, ба суратӣ муташобеҳ фармудааст: ﴿وُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ نَاضِرَةٌ؛ إِلَى رَبِّهَا نَاظِرَةٌ﴾;[2] <<Рӯйҳое дар он рӯз шукуфтаанд; Ба сӯи Парвардигорашон назорагаранд>> Ва сипас барои рӯшан сохтани муроди худ, ба суратӣ муҳкам фармудааст: ﴿لَا تُدْرِكُهُ الْأَبْصَارُ وَهُوَ يُدْرِكُ الْأَبْصَارَ ۖ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ﴾;[3] <<Дидагон Ӯро дар намеёбанд ва Ӯ дидагонро дар меёбад ва Ӯ борикбини огоҳ аст>> Ва фармудааст: ﴿قَالَ رَبِّ أَرِنِي أَنْظُرْ إِلَيْكَ ۚ قَالَ لَنْ تَرَانِي﴾;[4] <<Гуфт Парвардигоро! Нишонам бидеҳ ки ба Ту назар кунам! Гуфт: Ҳаргиз Манро нахоҳӣ дид>>; Ё ба сурати муташобеҳ фармудааст: ﴿يَدُ اللَّهِ فَوْقَ أَيْدِيهِمْ﴾;[5] <<Дасти Худованд бар рӯи дастҳои онон аст>> Ва фармудааст: ﴿فَأَيْنَمَا تُوَلُّوا فَثَمَّ وَجْهُ اللَّهِ﴾;[6] <<Пас ба ҳар ҷо рӯй намойед онҷо рӯйи Худованд аст>> Ва фармудааст: ﴿الرَّحْمَٰنُ عَلَى الْعَرْشِ اسْتَوَىٰ﴾;[7] <<Бахшоянда бар тахт истево ёфт>> Ва сипас барои рӯшан сохтани муроди Худ, ба сурати муҳкам фармудааст: ﴿لَيْسَ كَمِثْلِهِ شَيْءٌ﴾;[8] <<Ҳеҷ чиз чун монанди Ӯйе нест>>!

### [Адами имкони таъорузи Қуръон бо ақл]

Таваҷҷуҳ ба ин воқеъият зарурӣ аст ки Қуръон, ба иқтизоъи судураш аз Худованд, бо ақл мунофоте надорад; Чароки ақл низ монанди Қуръон, аз Худованд судур ёфтааст ва миёни офаридаҳои Худованд, ба иқтизоъи ваҳдати Ӯ, мунофоте нест; Чунонки фармудааст: ﴿مَا تَرَىٰ فِي خَلْقِ الرَّحْمَٰنِ مِنْ تَفَاوُتٍ﴾;[9] <<Дар офариниши Бахшоишгар мунофоте намебинӣ>>; Ҳамчунонки Худованд худ оқил аст ва китоби худро бар Паёмбарӣ оқил нозил карда ва дар

1. Оли Имрон/ 7.
2. Қиёмаҳ/ 22 ва 23.
3. Анъом/ 103.
4. Аъроф/ 143.
5. Фатҳ/ 10.
6. Бақара/ 115.
7. Тоҳо/ 5.
8. Шуро/ 11.
9. Мулк/ 3.

он оқилонро мухотаб сохтааст ва бо ин васф, мунофоти он бо ақл мумкин нест. Бинобарин, фаҳми китоби Худованд, бар пояи ақл мумкин аст ва бардошти аз он бар хилофи ақл ҷойиз нест ва ба инҳироф аз муроди он меанҷомад; Чунонки бархӣ аҳли ҳадис ба сабаби инкори ҳуҷҷияти ақл ва эъроз аз он, бо истинод ба суханони Худованд дар бораи истевояш бар арш, Ӯро дар ҷиҳати боло пиндоштаанд ва бо истинод ба бархӣ дигар аз суханони Ӯ дар бораи <<Яд>> ва <<Ваҷҳ>>, барои Ӯ даст ва рӯйи ҳақиқӣ тасаввур кардаанд, дар ҳоле ки вуҷуди ҷиҳат ва ҷавореҳи ҳақиқӣ барои Худованд, бар хилофи зарурии ақл аст; Зеро вуҷуди ҷиҳат ва ҷавореҳи ҳақиқӣ, аз хусусиёти ҷисм аст ки фазоеро пур ва фазоеро холӣ мекунад ва таҷзия ва таркиб мепазирад, дар ҳоле ки мусалламан Худованд ҷисм нест ва фазоеро пур ва фазоеро холӣ намекунад ва таҷзия ва таркиб намепазирад. Аз ин рӯ, бештари аҳли ҳадис, дар асари фишори ақлӣ заъифе аз ноҳияи касоне чун Абул Ҳасани Ашъарӣ (д.324к), зимни таъкид бар вуҷуди ҷиҳат ва ҷавореҳи ҳақиқӣ барои Худованд, кайфияти онро барои хеш номаълум шумурдаанд то бо ин шева ба заъми худ, аз вартаи ҷисмингорӣ берун оянд; Дар ҳоле ки бо ин шева, аз вартаи ҷисмингорӣ берун намеояд; Зеро ҳақиқӣ шумурдани ҷиҳат ва ҷавореҳ барои Худованд, хоста ё нохоста, гунае таъйини кайфият барои он аст ва бо ин васф, гуфтани <<Билокайф>> пас аз он, монанди гуфтан <<Ҳалво>> пас аз хӯрдани заҳри мор аст ки даҳонро ширин намекунад! Бал бегумон ин дидгоҳ, ҳамон ҷисмингорӣ аст ки дар миёни алфозӣ фиребанда ва бе маъно печида шудааст; Зеро дар қомуси оқилон, ҷиҳат ва ҷавореҳи ҳақиқӣ, ҷиҳат ва ҷавореҳе аст ки фазоеро пур ва фазоеро холӣ мекунад ва таҷзия ва таркиб мепазирад ва ҷиҳат ва ҷавореҳе ки ин хусусиятро надорад, ҷиҳат ва ҷавореҳӣ ҳақиқӣ нест.

Бо ин васф, рӯшан аст ки мурод аз <<Яд>> барои Худованд, қудрати Ӯст; Чунонки фармудааст: ﴿وَاذْكُرْ عَبْدَنَا دَاوُودَ ذَا الْأَيْدِ﴾;[1] <<Ва ёд кун бандаи мо Довудро ки яде дошт>> Яъне қудрате дошт; Бо таваҷҷуҳ ба инки доштани дасти ҳақиқӣ, имтиёзе барои Довуд

1. Сод/ 17.

набуд; Ҳамчунонки байъат кунандагон бо Паёмбар ﷺ дар зери дарахт, дастӣ ҳақиқиро бар рӯйӣ дастҳои худ ҳис намекарданд ва табъан аз ибороти ﴿يَدُ اللَّهِ فَوْقَ أَيْدِيهِمْ﴾,[1] чизе ҷуз иҳотаи қудрати Худованд бар қудрати хешро бардошт наменамуданд ва мурод аз <<Ваҷҳ>> барои Худованд, зоти Ӯст; Чунонки фармудааст: ﴿وَيَبْقَىٰ وَجْهُ رَبِّكَ ذُو الْجَلَالِ وَالْإِكْرَامِ﴾;[2] <<Ва ваҷҳи шукуҳманд ва гиромии Парвардигорат боқӣ мемонад>> Яъне зоти шукуҳманд ва гиромии Ӯ боқӣ мемонад; Бо таваҷҷуҳ ба инки боқӣ мондани рӯйӣ Ӯ ҷудоӣ аз сойири ҷавореҳаш, маъно надорад ва фармудааст: ﴿بَلَىٰ مَنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لِلَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ فَلَهُ أَجْرُهُ عِنْدَ رَبِّهِ﴾;[3] <<Оре, ҳар кас ваҷҳи худро барои Худованд таслим кунад, дар ҳоле ки некукор бошад, подоши ӯ назди Парвардигораш аст>> Яъне зоти худро барои Худованд таслим кунад; Бо таваҷҷуҳ ба инки таслим кардани рӯйӣ ҳақиқӣ барои Ӯ, маъно надорад ва мурод аз <<Арш>> барои Худованд, тахте дар болои осмон нест ки Ӯ бар рӯйӣ он нишаста бошад, бал ҳамаи хилқати Ӯст ки Ӯ бар он иҳота дорад; Чунонки фармудааст: ﴿وَسِعَ كُرْسِيُّهُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ﴾;[4] <<Тахти Ӯ ҳамаи осмонҳо ва заминро фаро гирифтааст>> Ва фармудааст: ﴿وَكَانَ اللَّهُ بِكُلِّ شَيْءٍ مُحِيطًا﴾;[5] <<Ва Худованд ба ҳар чизе муҳит будааст>>! Бо ин васф, рӯшан аст ки чунин бардоште, танҳо муқтазои ақл нест, балки ҳосили ҷамъи миёни суханони Худованд дар Қуръон аст; Балки раъсан мутабодир аз онҳост; Бо таваҷҷуҳ ба инки Худованд, Қуръонро барои оқилон нозил кардааст ва оқилон, ҷуз ин маъонеро аз он бардошт намекунанд; Чароки ба иқтизои сирати худ, миёни аҷзоъи мухталифи он ҷамъ мекунанд ва муроди ҷиддии он аз алфози монанди <<Яд>>, <<Ваҷҳ>>, <<Арш>> ро ба содагӣ мефаҳманд ва чизе ҷуз маънои мутаносиб бо шаъни Худовандро аз онҳо бардошт намекунанд. Иштибоҳ дар ин замина, танҳо барои касоне пеш меояд ки сафиҳанд ва сухани оқилонро дар намеёбанд ва рӯшан аст ки онон, мухотаби Қуръон нестанд ва салоҳияти бардошт аз онро низ надоранд; Чунонки Худованд

1. Фатҳ/ 10.
2. Раҳмон/ 27.
3. Бақара/ 112.
4. Бақара/ 255.
5. Нисоъ/ 126.

фармудааст: ﴿قَدْ فَصَّلْنَا الْآيَاتِ لِقَوْمٍ يَفْقَهُونَ﴾;[1] <<Оётро барои гурӯҳе тафсил додаем ки дар меёбанд>> Ва фармудааст: ﴿فَمَالِ هَٰؤُلَاءِ الْقَوْمِ لَا يَكَادُونَ يَفْقَهُونَ حَدِيثًا﴾;[2] <<Пас ин гурӯҳро чи мешавад ки наздик нестанд гуфтореро дарёбанд?!>>.

Ҳосил онки Қуръон барои ҳамаи оқилон ва мутаносиб бо ақли онон нозил шуда ва табъан барои ҳамаи онон қобили фаҳм ва ҳуҷҷат аст, вале суфаҳое ки аз неъмати ақл маҳруманд ё аз он баҳра намебаранд, қодир ба фаҳми он нестанд; На ба сабаби рамзҳое дар он, бал ба сабаби сафоҳате дар онон ки аз неъмати ақл маҳруманд ё аз он баҳра намебаранд ва чунон касоне, ба сарпарастии оқилон ниёзманданд.

## [Адами ихтисоси ҳуҷҷияти Қуръон ба Паёмбар]

Оре, чизе ки ба бархӣ аз мусалмонон нисбат дода шуда, адами ҳуҷҷияти Қуръон ҷуз барои Паёмбар аст; Ба ин маъно ки Қуръон танҳо барои он Ҳазрат нозил шуда ва табъан суннати он Ҳазрат танҳо манбаъи Ислом аст, дар ҳоле ки ин бар хилофи маҳсус ва машҳуд аст; Чароки бештари оёти Қуръон, хусуси он Ҳазратро мухотаб насохта, балки бо таъбири ﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ﴾[3] ва ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا﴾,[4] умуми мардум ва умуми мусалмононро мухотаб сохта ва тавассути он Ҳазрат ба умуми онон иблоғ шудааст, дар ҳоле ки табиъатан агар барои хусуи он Ҳазрат нозил шуда буд ва барои дигарон ҳуҷҷият ва фоидае надошт, иблоғи он ба онон, воҷиб набуд, балки абас ва нораво буд. Ба илова, чи Қуръон барои хусуси он Ҳазрат нозил шуда бошад ва чи барои умуми мардум ба шумули он Ҳазрат, суннати он Ҳазрат бо он мувофиқ аст ва бо ин васф, тамассук ба Қуръон мунофоте бо тамассук ба суннати он Ҳазрат надорад. Аз ин рӯ, Худованд ба рӯшанӣ тамассук ба китоби хешро неку дониста ва фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ يُمَسِّكُونَ بِالْكِتَابِ وَأَقَامُوا الصَّلَاةَ إِنَّا لَا نُضِيعُ أَجْرَ الْمُصْلِحِينَ﴾;[5] <<Ва касоне ки ба китоб тамассук меҷӯянд ва намозро барпо доштанд, мо подоши

1. Анъом/ 98.
2. Нисоъ/ 78.
3. Бақара/ 21.
4. Бақара/ 153.
5. Аъроф/ 170.

ислоҳгаронро зойеъ намекунем>>! Ба илова, суннати он Ҳазрат ҷуз дар мавориди андак, ба сутари мутавотир ривоят нашудааст ва бо ин васф, тамассук ба он, барои касоне ки пас аз он Ҳазрат омадаанд, мукфӣ нест. Бо ин ҳол, яке аз мавориди мутавотири он, ҳадиси сақалайн аст ки беш аз сӣ тан аз асҳоби ӯ онро ривоят кардаанд ва бар лузуми тамассук ба китоби Худо пас аз он Ҳазрат, далолат дорад.

## [Адами имкони насхи Қуръон бо суннати Паёмбар]

Аз инҷо таниста мешавад ки руҷӯъ ба китоби Худованд барои истинботи ақойид ва аҳкоми Ислом, мумкин ва зарурӣ аст ва ақойид ва аҳкоме ки бо нусуси он мунофот дорад, дар Ислом нест, агарчи мустанад ба суннати Паёмбар бошад; Чароки суннати Паёмбар, гуфтор ва рафтори он Ҳазрат бар тибқи Қуръон аст ва мумкин нест ки бо Қуръон мунофот дошта бошад ва салоҳияти насхи Қуръонро надорад; Чароки Қуръон, сухани Худованд аст ва Паёмбар сазовортар аст ки мутиъи сухани Худованд бошад ва бар тибқи он сухан бигӯяд ва амал кунад ва агар ниёзе ба насхи Қуръон бошад, Худованд ба он оготар ва сазовортар аст ва Ӯ онро аз тариқи Қуръон анҷом медиҳад; Чароки Қуръон мутавотир аст ва ба шарқ ва ғарби ҷаҳон расидааст, вале суннати Паёмбар дар ғолиби маворид мутавотир нест ва ба шарқ ва ғарби ҷаҳон нарасидааст ва бо ин васф, насхи Қуръон бо суннати Паёмбар, кофӣ нест ва ғарази Худовандро ҳосил намекунад ва таъхири баён аз маҳалли ҳоҷат шумурда мешавад. Бинобарин, насхи Қуръон танҳо бо Қуръон ҷойиз аст ва бо суннати Паёмбар ҷойиз нест ва аз ин рӯ, воқеъ низ нашудааст.

Оре, дар сурате ки ривояти суннати Паёмбар ба сурати мутавотир ва нашри он дар ҷаҳон монанди Қуръон, бар мусалмонон воҷиб буда бошад, мумкин аст насхи Қуръон бо он ҷойиз буда ва воқеъ шуда бошад, ҳар чанд мусалмонон ин корро дар робита бо он анҷом надода бошанд; Чароки тақсири онон дар ривояти суннати Паёмбар ба сурати мутавотир ва нашри он дар ҷаҳон монанди Қуръон, монеъ аз насхи Қуръон бо он намешавад, вале инсоф он аст ки ривояти Қуръон ба сурати мутавотир ва нашри он дар ҷаҳон, беш аз онки ҳосили

ирода ва иқдоми мусалмонон буда бошад, ҳосили ирода ва иқдоми Худованд буда ва аз хусусиёти Қуръон нашъат гирифта ва тавассути Паёмбар оғоз ва мудирият шуда; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ﴾;[1] <<Ҳроина Мо худ Қуръонро нозил кардем ва Мо ҳатман онро нигоҳдор хоҳем буд>>, дар ҳоле ки ривояти суннати Паёмбар ба сурати мутавотир ва нашри он дар ҷаҳон, аз чунин истеъдоде бархурдор набуда ва тавассути Паёмбар низ по ба пои Қуръон, оғоз ва мудирият нашудааст. Бинобарин, гӯё ҳаргиз қарор набудааст ки суннати он Ҳазрат, ҳукмӣ муъориз бо Қуръонро эҳдос нмояд ва аз ин рӯ, ангезае барои ривояти он дар радифи Қуръон, вуҷуд надоштааст.

### [Адами имкони тахсиси Қуръон бо суннати Паёмбар]

Ҳамчунонки тахсиси Қуръон низ танҳо бо Қуръон ҷойиз аст ва бо суннати Паёмбар ҷойиз нест; Чароки тахсис, гунаи насх аст ва насхи Қуръон бо суннати Паёмбар ҷойиз нест; Ҳамчунонки омми мутавотир, бо хосси воҳид тахсис зада намешавад ва тахсиси чизе ки ошкор аст бо чизе ки пӯшида аст, инсоф нест, балки бар хилофи сирати оқилон аст; Чароки онон, эълоноти умумии худро бо эълоноти хусусӣ тахсис намезананд, балки бо эълоноти умумӣ тахсис мезананд ва касе ки пас аз эълоноти хусусӣ, ба муқтазои эълоноти умумӣ амал мекунадро маъзур медоранд ва рӯшан аст ки Худованд яке аз оқилон, балки Холиқ ва раъиси онон аст ва бо ин васф, тахсиси Қуръон бо суннати Паёмбар мумкин нест; Магар онки суннатӣ мутавотир ва ошкор монанди Қуръон бошад ки дар ин сурат, тахсиси Қуръон бо он мумкин аст, вале пӯшида нест ки чунин суннате вуҷуд надорад; Зеро машҳуртарин ривоёте ки дар садади тахсиси Қуръон аст, аз тавотир ва ошкории Қуръон бархурдор нест ва бо ин васф, салоҳияти тахсиси Қуръонро надорад; Бо таваҷҷуҳ ба инки дар мавориди таъоруз, ривояти заъифтар бар ривояти қавитар муқаддам намешавад ва суннат, ривояти заъифтар ва Қуръон, ривояти қавитар аст. Аз инҷо дониста мешавад ки шаъни

1. Ҳиҷр/ 9.

суннати Паёмбар, насх ё тахсиси Қуръон нест, бал табйини он аз тариқи баёни мавзуъоти аҳком ва ҷузъиёти тафосили он аст ки мусталзими насх ё тахсиси он нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَأَنْزَلْنَا إِلَيْكَ الذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ﴾;[1] <<Ва Қуръонро бар ту нозил кардем то барои мардум чизе ки бар онон нозил шудаастро табйин кунӣ ва бошад ки онон андеша кунанд>> Ва нафармудааст ки барои онон насх кунӣ ё тахсис занӣ, бал фармудааст ки барои онон табйин кунӣ; Монанди баёни ракаъоти намоз ва кайфияти он ва мутаъаллиқоти закот ва каммияти он ва шароъити ҳаҷ ва маносики он ва теъдоди улилъамр ва масодиқи он ва рӯшан аст ки ҳеҷ як аз ин маворид, насх ё тахсиси Қуръон нест.

## [Адами имкони таъмими Қуръон бо суннати Паёмбар]

Вонгаҳе аз адами имкони тахсиси Қуръон бо суннати Паёмбар, адами имкони таъмими он бо суннати ӯ маълум мешавад; Чароки таъмими ҳукм, гунаи насх ва тахсиси он аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки ихтисоси он ба мавзӯъашро насх мекунад ва тахсис мезанад; Монанди таъмими атъамаи ҳаром дар Қуръон бо вуҷуди онки сареҳи дар ихтисос аст ба атъамаи фаровони дигар; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ لَا أَجِدُ فِي مَا أُوحِيَ إِلَيَّ مُحَرَّمًا عَلَى طَاعِمٍ يَطْعَمُهُ إِلَّا أَنْ يَكُونَ مَيْتَةً أَوْ دَمًا مَسْفُوحًا أَوْ لَحْمَ خِنْزِيرٍ فَإِنَّهُ رِجْسٌ أَوْ فِسْقًا أُهِلَّ لِغَيْرِ اللَّهِ بِهِ﴾;[2] <<Бигӯ дар чизе ки ба ман ваҳй шудааст чизе ки хурандаи он ҳаром бошадро намеёбам магар онки мурдоре ё хунӣ рехта шуда ё гӯшти хуке бошад ки палид аст ё фиске бошад ки номи ғайри Худованд бар он бурда шудааст>>! Рӯшан аст ки Худованд фаромӯшкор нест ва табъан таъоми дигариро ба сабаби фаромӯш кардани он, аз қалам наяндохтааст; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا كَانَ رَبُّكَ نَسِيًّا﴾;[3] <<Ва Парвардигорат фаромӯшкор нест>> Ва бо ин васф, таъмими ин атъамаи чаҳоргона ба даҳо атъамаи дигар аз тариқи суннати Паёмбар ки навъан ғайри мутавотир ва дар дастраси шумори маҳдуде аз мардум аст, маъқул нест ва бар хилофи адл ва лутфи Худованд аст; Магар онки аз боби зикри атъамаи макруҳ барои

1. Наҳл/ 44.
2. Анъом/ 145.
3. Марям/ 64.

таназзуҳ бошад; Чароки дар ин сурат, таъорузӣ миёни он ду нест; Ё дар мавридӣ, ҳукми Қуръон, куллӣ ва муттакӣ ба милок бошад, монанди онки фармудааст: ﴿وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَائِثَ﴾;[1] <<Ва чизҳои хабисро бар онон ҳаром мекунад>> Ки дар ин сурат, ҳукми суннати Паёмбар, дар воқеъ таъмими ҳукми Қуръон нест, бал иршод ба масодиқи дигари он бо лиҳози ваҳдати милоки онҳост ки дар сурати қатъ ба вуҷуди милок дар онҳо, қобили илтизом аст; Монанди ҳурмати ҳамаи наҷосат ки қатъ ба хабосаташон вуҷуд дорад, аз қабили фазлаи одамӣ; Ҳар чанд дар канори атъамаи чаҳоргона зикр нашуда ва асл, ихтисоси хабосат ба онҳост, то ҷойе ки баъид нест хӯрдани чизҳое ҷуз онҳо, номатлуб бошад на номашруъ; Чунонки хӯрдани чизҳои гандида ва талх, ҳаром нест, балки номатлуб аст ва бо зоъиқаи бештари мардум намесозад.

## [Лузуми арзаи ривоёт ба Қуръон]

Аз инҷо дониста мешавад ки насх ё тахасис ё таъмими Қуръон ба василаи суннат воқеъ нашудааст ва табъан ривоёте ки куллан ё ҷузъан маъориз бо Қуръон ҳастанд, қобили қабул нестанд ва аз суннат шумурда намешаванд; Монанди ривоёте ки вуҷуби идда дар пайи ҳар талоқро бо таҷвизи се талоқ дар маҷлис насх мекунанд ва ҷавози истемтоъ аз занон ва никоҳ бо занони аҳли китобро бо таҳрими он ду насх мекунанд ва ривоёте ки адами имкони руъяти Худованд бо чашмро ба дунё тахсис медиҳанд ва ҳурмати гаройш ба золимонро ба ғайри ҳоким тахсис медиҳанд ва ҷараёни мерос бар хешовандонро ба ғайри қотил тахсис медиҳанд ва ҳиллияти таъоми аҳли китобро ба ҳубубот тахсис медиҳанд ва ҳиллияти никоҳ бо занони аҳли китобро ба никоҳи мутъа тахсис медиҳанд ва ҳурмати атъамаи чаҳоргонаро ба ҳурмати ҳайвоноте ҷуз хук таъмим медиҳанд ва ривоёте дигар аз ин даст. Рӯшан аст ки ҳеҷ як аз ин ривоёт маъориз бо Қуръон, наметавонанд аз Паёмбар содир шуда бошад, магар аз боби истеҳбоб ё танзиҳ, ба унвони аҳкомӣ ғайри илзомӣ дар мавориде ки қабулияти онро доранд; Зеро мустаҳаб

1. Аъроф/ 157.

ё макруҳ шумурдани чизе ки Қуръон онро мубоҳ шумурдааст бидуни воҷиб ё ҳаром сохтани он ба наҳви куллӣ ё ҷузъӣ, насх ё тахсиси Қуръон шумурда намешавад; Бо таваҷҷуҳ ба инки кароҳат ё истеҳбоби мубоҳ, мунофоте бо ибоҳаи он надорад ва илтизоми ба он ва табъан огоҳӣ аз он зарурӣ нест. Аз инҷо дониста мешавад ки арзаи ривоёт ба Қуръон, дар мавориди маҳдуде ки иттикоъ ба онҳо ҷойиз аст, зарурат дорад; Чароки мувофиқат ё адами мухолифати онҳо бо Қуръон, пешшарти сиҳҳати онҳост ва ривояте ки бо Қуръон зиддият дорад, агар чи ба заъми аҳли ҳадис саҳиҳ бошад, қобили илтизом нест; Чароки мабнои сиҳҳати ривоят, увҳоми аҳли ҳадис нест, бал итминони ақлӣ ба судури он аст ки дар сурати мунофоти он бо Қуръон, ҳосил намешавад.

## Паёмбари Худованд

Дуввумин манбаъи Ислом, Паёмбари Худованд аст ва ӯ касе аст ки Худованд иродаи худро ба сурати хусусӣ барои ӯ зоҳир карда ва ӯро ба изҳори он барои дигарон мукаллаф сохтааст; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳамагон, ба огоҳӣ аз иродаи Худованд эҳтиёҷ доранд то бо амал бар тибқи он, ба камоли худ даст ёбанд ва барои огоҳӣ аз он, роҳе ҷуз иртибот бо Худованд надоранд, дар ҳоле ки қодир ба барқарор кардани он аз ҷониби худ нестанд ва ба ҳамин сабаб, бар Худованд воҷиб аст ки аз ҷониби худ, дастикам бо яке аз онон иртибот барқарор кунад ва ӯро аз иродаи худ огоҳ гардонад ва ба огоҳ сохтани дигарон аз он, мукаллаф намояд ва ӯ ба ин эътибор, <<Набӣ>> ба маънои огоҳ кунанда номида мешавад ва вопасин Набӣ дар ҷаҳон, Муҳаммад ﷺ будааст; Чунонки ба ҳукми ақл собит шуда ва Худованд фармудааст: ﴿مَا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَا أَحَدٍ مِنْ رِجَالِكُمْ وَلَٰكِنْ رَسُولَ اللَّهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّينَ﴾;[1] <<Муҳаммад падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест, вале фиристодаи Худованд ва вопасини Паёмбарон аст>> Ва ӯ касе аст ки Худованд китоби худро бар ӯ нозил карда ва ӯро дар робита бо он, ба се кор таклиф намудааст: Хондан, табйин ва татбиқи он барои мардум; Чунонки фармудааст: ﴿كَذَٰلِكَ أَرْسَلْنَاكَ فِي أُمَّةٍ قَدْ خَلَتْ مِنْ قَبْلِهَا أُمَمٌ لِتَتْلُوَ عَلَيْهِمُ الَّذِي أَوْحَيْنَا

1. Аҳзоб/ 40.

﴿إِلَيْكَ﴾;[1] <<Бадин сон туро дар уммате фиристодем ки пеш аз он умматҳое гузаштанд то чизе ки ба ту ваҳй кардимро барояшон бихонӣ>> Ва фармудааст: ﴿وَأَنْزَلْنَا إِلَيْكَ الذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ﴾;[2] <<Ва зикрро бар ту нозил кардем то барои мардум чизе ки барояшон нозил шудаастро табйин кунӣ>> Ва фармудааст: ﴿فَاحْكُمْ بَيْنَهُمْ بِمَا أَنْزَلَ اللَّهُ﴾;[3] <<Пас миёнашон бинобар чизе ки Худованд нозил кард, ҳукм бирон>>!

## [Шуъуни Паёмбари Худованд]

Бинобарин, Паёмбари Худованд, пеш аз ҳар чиз, воситае дар таблиғи аҳкоми Худованд аз тариқи хондан ва табйини китоби Ӯст ва ин шаъни аслии ӯ ва маънои Паёмбарӣ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿مَا عَلَى الرَّسُولِ إِلَّا الْبَلَاغُ﴾;[4] <<Бар Паёмбар ҷуз таблиғ нест>>; Ба ин маъно ки бар ӯҳдаи ӯ аз он ҳайс ки Паёмбар аст, коре ҷуз таблиғи аҳкоми Худованд нест, ҳар чанд дар мавориде ки имоми мардум қарор дода шуда, аз он ҳайс ки имоми онон аст, воситае дар татбиқи аҳкоми Худованд низ шумурда мешавад; Монанди Иброҳим ﷺ ки Худованд рӯзгорӣ пас аз Паёмбар сохтанаш, ӯро имоми мардум сохт то воситае дар татбиқи аҳкомаш дар миёни онон бошад; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ ۖ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا﴾;[5] <<Ва чун Иброҳимро Парвардигораш бо калимоте озмуд, пас онҳоро комил кард, гуфт Ман туро имоме барои мардум месозам>>! Зеро рӯшан аст ки сирфи огоҳии мардум аз аҳкоми Худованд, барои расидани онон ба камол кофӣ нест ва татбиқи аҳкоми Худованд дар миёни онон низ барои он зарурӣ аст, дар ҳоле ки татбиқи аҳкоми Худованд ба таври комил, ба огоҳии комил аз мавзӯъоти онҳо ниёз дорад ки воқеъиётӣ айнӣ ва берунӣ ҳастанд ва ҷуз барои Худованд ки ба ҳамаи воқеъиёти айнӣ ва берунӣ огоҳӣ дорад, мумкин нест. Ба илова, бисёрӣ аз аҳкоми Худованд, моҳиятӣ умумӣ ва сиёсӣ доранд ва табъан иҷрои онҳо ҷуз аз тариқи эъмоли султа

1. Раъд/ 30.
2. Наҳл/ 44.
3. Моъида/ 48.
4. Моъида/ 99.
5. Бақара/ 124.

мумкин нест, дар ҳоле ки эъмоли султа ба маънои ҳокимият аст ки зотан ихтисос ба Худованд дорад ва касе ҷуз Ӯ шойистаи он нест. Бинобарин, ҳамчунонки бар Худованд воҷиб аст то барои таблиғи аҳкоми худ воситае қарор диҳад, бар Ӯ воҷиб аст ки барои татбиқи аҳкоми худ низ воситае қарор диҳад; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки таъйини ҳукм бидуни таъйини муҷрӣ барои он, замонате барои иҷро надорад ва вофӣ ба мақсуд нест ва аз ин рӯ, бар хилофи сирати оқилон аст; Бал таъйини ҳукм бидуни таъйини ҳоким, ба маънои вониҳодани иҷрои он ба ихтиёри мардум аст ки монанди вониҳодани иҷрои он ба бахт ва иқбол шумурда мешавад; Бал дар воқеъ таколифи мардум ба коре аст ки ҳатто дар сурати ихтиёри он, дар тавони онон нест; Чароки иҷрои он ба сурати комил, ба огоҳии комил аз мавзӯъи он ниёзманд аст ки барои мардум ба сабаби ҷаҳли зотияшон, мумкин нест ва рӯшан аст ки иҷрои он ба срати ноқис низ кифоят намекунад.

Бо ин васф, сазовортарин кас ба васотат дар татбиқи аҳкоми Худованд, воситае дар таблиғи онҳост; Зеро ӯ танҳо касе аст ки бо Худованд дар иртибот аст ва нахустин касе аст ки аз аҳкоми Ӯ огоҳӣ ёфта ва табъан пеш аз дигарон ва беш аз онон қодир аст ки аз масодиқи хориҷии онҳо огоҳӣ ёбад. Аз ин рӯ, умуми Паёмбарони Худованд, ҳамчунонки ба таблиғи аҳкоми Худованд мукаллаф буданд, ба татбиқи онҳо дар миёни мардум низ таклиф доштанд ва ин ҳар ду шаъни онон буд.

Бо ин ҳол, ба назар мерасад ки мубоширати онон дар татбиқи аҳкоми Худованд, бар хилофи мубоширати онон дар таблиғи аҳкоми Ӯ, зарурӣ нест, балки ҷойиз аст аз тариқи истинобат анҷом шавад; Ба ин маъно ки Паёмбар барои татбиқи аҳкоми Худованд ва эъмоли ҳокимияти Ӯ дар замин, нойиберо ихтиёр кунад; Машрут ба инки нойиби Ӯ, монанди Ӯ тавоноии ин корро дошта бошад; Ба ин маъно ки монанди Ӯ аз аҳкоми Худованд огоҳӣ дошта ва аз иштибоҳ дар татбиқи онҳо масун бошад; Чароки дар ғайри ин сурат, вогузоридани ин кор ба ӯ, ғарази Худовандро ҳосил намекунад ва ҷойиз нест, дар ҳоле ки шинохти касе бо ин хусусиёт, танҳо барои Худованд мумкин аст; Чароки огоҳии комил аз аҳкоми Худованд ва масунияти комил аз

иштибоҳ дар татбиқи онҳо, бар зоҳири касе навишта нашуда ва аз умури ботинӣ аст ва табъан барои касе ҷуз Худованд ки олими ба ғайб ва шаҳодат аст, маълум нест; Чунонки фармудааст: ﴿أَوَلَيْسَ اللَّهُ بِأَعْلَمَ بِمَا فِي صُدُورِ الْعَالَمِينَ﴾;[1] <<Оё Худованд ба чизе ки дар синаҳои ҷаҳониён аст огоҳтар нест?!>> Ва фармудааст: ﴿رَبُّكُمْ أَعْلَمُ بِمَا فِي نُفُوسِكُمْ﴾;[2] <<Парвардигоратон ба чизе ки дар даруни шумост огоҳтар аст>> Ва фармудааст: ﴿رَبُّكُمْ أَعْلَمُ بِكُمْ﴾;[3] <<Парвардигоратон ба шумо огоҳтар аст>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعْلَمُ مَنْ يَضِلُّ عَنْ سَبِيلِهِ ۖ وَهُوَ أَعْلَمُ بِالْمُهْتَدِينَ﴾;[4] <<Бегумон Парвардигорат огоҳтар аст ки чи касе аз роҳаш гумроҳ шуда ва Ӯ ба роҳёфтагон огоҳтар аст>> Ва фармудааст: ﴿فَرَبُّكُمْ أَعْلَمُ بِمَنْ هُوَ أَهْدَىٰ سَبِيلًا﴾;[5] <<Пас Парвардигоратон ба касе ки роҳёфтатар аст огоҳтар аст>> Ва фармудааст: ﴿وَاللَّهُ أَعْلَمُ بِإِيمَانِكُمْ﴾;[6] <<Ва Худованд ба имони шумо огоҳтар аст>> Ва фармудааст: ﴿هُوَ أَعْلَمُ بِمَنِ اتَّقَىٰ﴾;[7] <<Ӯ ба касе ки тақво пеша кард огоҳтар аст>> Ва фармудааст: ﴿أَلَيْسَ اللَّهُ بِأَعْلَمَ بِالشَّاكِرِينَ﴾;[8] <<Оё Худованд ба шокирон огоҳтар нест?!>> Ва бар ҳамин асос, фармудааст: ﴿اللَّهُ أَعْلَمُ حَيْثُ يَجْعَلُ رِسَالَتَهُ﴾;[9] <<Худованд огоҳтар аст ки рисолаташро дар куҷо қарор диҳад>>! Бинобарин, таъйини нойиби Паёмбар дар татбиқи аҳкоми Худованд, дар сурате ки зарурат ё маслиҳате дар таъйини нойиб барои ӯ бошад, танҳо аз Худованд сохта аст ва табъан бар ӯҳдаи Ӯст ва Ӯ ин корро аз тариқи муъаррифии нойиб барои Паёмбар ва таклифи ӯ ба муъаррифиаш барои дигарон анҷом медиҳад.

Албатта рӯшан аст ки адами мубоширати Паёмбар дар татбиқи аҳкоми Худовнад, мунофоте бо васотати ӯ дар он надорад; Чароки мубоширати нойиби ӯ дар он, дар ҳукми мубоширати ӯст ва истинод ба васотати ӯ дорад; Бо таваҷҷуҳ ба инки оқилон, корҳои худро бо дасти худ ё аз тариқи гирифтани нойиб анҷом

1. Анкабут/ 10.
2. Исроъ/ 25.
3. Исроъ/ 54.
4. Анъом/ 117.
5. Исроъ/ 84.
6. Нисоъ/ 25.
7. Наҷм/ 32.
8. Анъом/ 53.
9. Анъом/ 124.

медиҳад ва дар ҳар ду сурат, анҷоми корҳошон ба онон нисбат дода мешавад. Чунонки ба унвони намуна, Паёмбарони банӣ исроъил то пеш аз Довуд ﵇, танҳо мубошир дар таблиғи аҳкоми Худованд буданд ва ба ин эътибор, <<Набӣ>> хонда мешуданд ва барои татбиқи аҳкоми Худованд, касонеро ба амри Ӯ, ба ниёбат аз ҷониби хеш бар меангехтанд ки ба ин эътибор, <<Малик>> номида мешуданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَإِذْ قَالَ مُوسَىٰ لِقَوْمِهِ يَا قَوْمِ اذْكُرُوا نِعْمَةَ اللَّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ جَعَلَ فِيكُمْ أَنْبِيَاءَ وَجَعَلَكُمْ مُلُوكًا وَآتَاكُمْ مَا لَمْ يُؤْتِ أَحَدًا مِنَ الْعَالَمِينَ﴾;[1] <<Ва чун Мӯсо ба қавмаш гуфт ки эй қавми ман! Неъмати Худовандро бар худ ёд кунед ҳангоме ки дар миёнатон Паёмбароне қарор дод ва шуморо подшоҳоне сохт ва шуморо чизе дод ки касе аз ҷаҳониёнро надод>>; Ҳамчунонки гурӯҳе аз онон ба Паёмбари худ пас аз Мӯсо ﵇ гуфтанд ки барои татбиқи ҳукми ҷиҳод дар миёнашон, подшоҳое аз ҷониби Худованд барангезад; Бо таваҷҷуҳ ба инки Паёмбарашон танҳо мубошир дар таблиғи аҳкоми Худованд буд ва мубошир дар татбиқи аҳкоми Худованд набуд ва аз ин рӯ, Худованд барои онон, Толутро ба унвони <<Малик>> ва мубошир дар татбиқи аҳкоми худ, барангехт; Чунонки фармудааст: ﴿أَلَمْ تَرَ إِلَى الْمَلَإِ مِنْ بَنِي إِسْرَائِيلَ مِنْ بَعْدِ مُوسَىٰ إِذْ قَالُوا لِنَبِيٍّ لَهُمُ ابْعَثْ لَنَا مَلِكًا نُقَاتِلْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ ۖ﴾;[2] <<Оё гурӯҳе аз банӣ исроъил пас аз Мӯсоро надидед ки ба Паёмбаре бароящон гуфтанд барои мо подшоҳе барангез то дар роҳи Худо ҷиҳод кунем>>, то ҷойе ки фармудааст: ﴿وَقَالَ لَهُمْ نَبِيُّهُمْ إِنَّ اللَّهَ قَدْ بَعَثَ لَكُمْ طَالُوتَ مَلِكًا ۚ﴾;[3] <<Ва Паёмбарашон ба онон гуфт ки Худованд Толутро ба унвони подшоҳ бароято барангехтааст>>! Ба назар мерасид ин раванди ройиҷ дар миёни банӣ исроъил буд ки Худованд ду касро аз миёни онон мансуб ва муъаррифи мекард; Яке ба унвони <<Набӣ>> барои мубошират дар таблиғи аҳкомаш ва дигари ба унвони <<Малик>> барои мубошират дар татбиқи ҳукмаш; То он гоҳ ки навбат ба Довуд ﵇ расид; Пас Худованд набувват ва мулкро дар ӯ ҷамъ намуд; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَقَدْ فَضَّلْنَا بَعْضَ النَّبِيِّينَ عَلَىٰ بَعْضٍ ۖ وَآتَيْنَا دَاوُودَ زَبُورًا﴾;[4] <<Ва ҳароина бархӣ анбиёро бар

1. Моъида/ 20.
2. Бақара/ 246.
3. Бақара/ 247.
4. Исроъ/ 55.

бархӣ дигар бартарӣ додем ва ба Довуд Забуре бахшидем>> Ва фармудааст: ﴿وَقَتَلَ دَاوُودُ جَالُوتَ وَآتَاهُ اللَّهُ الْمُلْكَ وَالْحِكْمَةَ وَعَلَّمَهُ مِمَّا يَشَاءُ﴾;[1] <<Ва Довуд Ҷолутро кушт ва Худованд ӯро мулк ва ҳикмат дод ва ӯро аз ҳар чизе ки хоҳад омӯхт>>; Чунонки ӯро ба эътибори мубошираташ дар татбиқи аҳкоми Худованд <<Халифае дар замин>> номида ва фармудааст: ﴿يَا دَاوُودُ إِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِي الْأَرْضِ فَاحْكُمْ بَيْنَ النَّاسِ بِالْحَقِّ وَلَا تَتَّبِعِ الْهَوَىٰ فَيُضِلَّكَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ﴾;[2] <<Эй Довуд! Мо туро халифае дар замин қарор додем, пас миёни мардум ба ҳақ ҳукм бирон ва аз хоҳиш пайравӣ накун ки туро аз роҳи Худованд гумроҳ макунад>> Ва аз инҷо дониста мешавад ки мубошир дар татбиқи аҳкоми Худованд, халифаи Ӯ дар замин шумурда мешавад ва метавонад Паёмбар набошад, ҳар чанд дар ин сурат лозим аст ки монанди Толут, аз ҷониби Худованд ва тавассути Паёмбараш муъаррифи шуда бошад ва ба ҳамин сабаб, наметавон ӯро гувоҳе бар ҷудоии дин аз сиёсат донист; Чароки сиёсати ӯ ношӣ аз дини Паёмбар ва муқаяд ба он аст.

Ҳосил онки Худованд, дар миёни мардум ду мубошир дорад ки мавзӯъан метавонанд муттаҳид ва метавонанд мутағойир бошанд: Яке мубошир дар таблиғи аҳкоми Ӯ ки <<Набӣ>>, ва <<Расул>> номида мешаванд ва дигарӣ мубошир дар татбиқи он дар миёни онон ки <<Малик>>, <<Имом>> ва <<Халифаи Худо дар замин>> номида мешавад; Бо таваҷҷуҳ ба инки онон дар ду замина ба ҳидояти Худованд ниёзманданд: Яке дар заминаи куллӣ барои огоҳӣ аз иродаи Худованд ки ҷанбаи назарӣ дорад ва дар қолиби огоҳӣ аз аҳкоми Ӯ таҷаллӣ меёбад ва дигарӣ дар заминаи ҷузъӣ барои огоҳӣ аз мутаъаллиқи иродаи Худованд ки ҷанбаи амалӣ дорад ва дар қолиби огоҳӣ аз мавзӯъоти аҳкоми Ӯ таҷаллӣ меёбад ва мабнои ҳукумати Илоҳӣ аст.

## [Лузуми мурочиъаи мардум ба Паёмбари Худованд]

Аз инҷо дониста мешавад ки мурочиъаи ба Паёмбар, бар ҳамаи касоне ки дар замони ӯ ҳастанд воҷиб аст; Чароки огоҳӣ аз ҳукм ва мавзӯъи ҳукми Худованд, бидуни мурочиъаи ба ӯ

1. Бақара/ 251.
2. Сод/ 26.

мумкин нест ва муроҷиъаи ӯ ба ҳамаи касоне ки дар замони ӯ ҳастанд, мутаъаззир аст. Ба илова, муқтазои табиъат, муроҷиъаи ниёзманд ба касе аст ки қодир ба таъамини ниёзи ӯст, на муроҷиъаи касе ки бениёз аст ба касе ки ниёзманди ӯст; Чароки ниёзманд дар сурати адами муроҷиъа ба бениёз, нобуд мешавад, дар ҳоле ки бениёз дар сурати адами муроҷиъа ба ниёзманд, осебе намебинад. Бинобарин, бар ҳамаи мардум воҷиб аст ки ба Паёмбар муроҷиъа кунанд ва бар Паёмбар воҷиб нест ки ба ҳамаи мардум муроҷиъа кунад, бал барои ӯ кофӣ аст ки Паёмбарии худро ба иттилоъи онон бирасонад. Оре, муроҷиъаи ҳамаи онон ба ӯ ба сурати ҳамзамон, аз онҷо ки мусталзими ҳараҷ ва ихтилоли низом аст, уқалоӣ нест ва бар онон кофӣ аст ки бо навбат ба ӯ муроҷиъа кунанд ё шуморе аз миёни худ ки хабарашон мутавотир шумурда мешавадро барои муроҷиъаи ба ӯ ва хабар овардан барояшон гусел доранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا كَانَ الْمُؤْمِنُونَ لِيَنْفِرُوا كَافَّةً ۚ فَلَوْلَا نَفَرَ مِنْ كُلِّ فِرْقَةٍ مِنْهُمْ طَائِفَةٌ لِيَتَفَقَّهُوا فِي الدِّينِ وَلِيُنْذِرُوا قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُوا إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ﴾;[1] <<Ва мӯъминон касоне набуданд ки ҳамагӣ кӯч кунанд, пас чаро аз ҳар гурӯҳе аз онон шуморе кӯч накарданд то дар бораи дин огоҳӣ бияндузанд ва қавми худро чун ба наздашон боз гаштанд бим диҳад бошад ки онон ҳушёр шаванд?!>>.

## [Лузуми пазириши мардум аз Паёмбари Худованд]

Рӯшан аст ки лузуми муроҷиъаи ба Паёмбар, мусталзими лузуми пазириш аз ӯст; Чароки лузуми муроҷиъаи ба ӯ бидуни лузуми пазириш аз ӯ, фоидае надорад. Ба илова, воситаи ӯ дар таблиғ ва татбиқи аҳком, ҳангоме маъно меёбад ки итоъат аз ӯ дар аҳкоме ки таблиғ ва татбиқ мекунад, воҷиб бошад; Аз ин рӯ, Худованд фармудааст: ﴿وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ رَسُولٍ إِلَّا لِيُطَاعَ بِإِذْنِ اللَّهِ﴾;[2] <<Ва ҳеҷ Паёмбареро нафиристодем магар барои онки ба изни Худованд итоъат шавад>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки итоъат аз фиристода, итоъат аз касе аст ки ӯро фиристода; Чунонки фармудааст: ﴿مَنْ يُطِعِ الرَّسُولَ فَقَدْ أَطَاعَ اللَّهَ﴾;[3] <<Ҳар кас аз фиристода итоъат кунад,

1. Тавба/ 122.
2. Нисоъ/ 64.
3. Нисоъ/ 80.

аз Худованд итоъат кардааст>>; Чароки ӯ, аз назди худ сухан намегӯяд, балки иродаи Худовандро изҳор мекунад; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا يَنْطِقُ عَنِ الْهَوَىٰ؛ إِنْ هُوَ إِلَّا وَحْيٌ يُوحَىٰ﴾;[1] <<Ва аз сари хоҳиш сухан намегӯяд; Он ҷуз ваҳйе ки мешавад нест>>!

## [Лузуми исмати Паёмбари Худованд]

Ҳамчунонки бар Худованд воҷиб аст ӯро аз нуқсоне ки мухалли дар таблиғи аҳкомаш бошад, боз дорад; Монанди фаромӯш кардани чизе ки Худованд барои ӯ изҳор карда; Чунонки фармудааст: ﴿سَنُقْرِئُكَ فَلَا تَنْسَىٰ﴾;[2] <<Бар ту хоҳем хонд, пас фаромӯш намекунӣ>> Ва монанди тағйир додани чизе ки Худованд барои ӯ изҳор карда; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ مَا يَكُونُ لِي أَنْ أُبَدِّلَهُ مِنْ تِلْقَاءِ نَفْسِي﴾;[3] <<Бигӯ манро намерасад ки онро аз пеши худам тағйир диҳам>> Ва монанди бастани чизе ба Худованд ки барои ӯ изҳор накарда; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَوْ تَقَوَّلَ عَلَيْنَا بَعْضَ الْأَقَاوِيلِ؛ لَأَخَذْنَا مِنْهُ بِالْيَمِينِ﴾;[4] <<Ва агар бар мо бархӣ гуфтаҳоро мебаст; Ҳатман ӯро бо қудрат мегирифтем>> Ва монанди худдорӣ кардан аз таблиғи бархӣ аҳкоми Худованд; Чунонки фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الرَّسُولُ بَلِّغْ مَا أُنْزِلَ إِلَيْكَ مِنْ رَبِّكَ ۖ وَإِنْ لَمْ تَفْعَلْ فَمَا بَلَّغْتَ رِسَالَتَهُ ۚ وَاللَّهُ يَعْصِمُكَ مِنَ النَّاسِ﴾;[5] <<Эй Паёмбар! Чизе ки аз ҷониби Парвардигорат бар ту нозил шудро таблиғ кун; Чароки агар накуни, рисолати Ӯро таблиғ накардаӣ ва Худованд туро аз мардум маъсум медорад>> Ва монанди гаройиш ба золимон дар таблиғи аҳкоми Худованд; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَوْلَا أَنْ ثَبَّتْنَاكَ لَقَدْ كِدْتَ تَرْكَنُ إِلَيْهِمْ شَيْئًا قَلِيلًا﴾;[6] <<Ва агар набуд ки туро нигоҳ доштем наздик буд ки андаке ба сӯи онон гаройиш ёбӣ>> Ва монанди корҳойе ки муҷиби фисқ ва монъе аз итминон ба хабар мешуд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنْ جَاءَكُمْ فَاسِقٌ بِنَبَإٍ فَتَبَيَّنُوا﴾;[7] <<Агар фосиқе бароятон хабаре овард, баррасӣ кунед>> Ва монанди тазйиъи амди ҳуқуқи дигарон ки зулм шумурда мешавад;

---

1. Наҷм/ 3 ва 4.
2. Аъло/ 6.
3. Юнус/ 15.
4. Ҳоққаҳ/ 44 ва 45.
5. Моъида/ 67.
6. Исроъ/ 74.
7. Ҳуҷарот/ 6.

Чунонки Худованд фармудааст: ﴿لَا يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ﴾;[1] <<Аҳди ман ба золимон намерасад>>; Зеро восита кардани касе ки ба сабаби ибтило ба бархӣ аз ин маворид, қудрат ё аҳлияти таблиғи аҳкоми Худовандро надорад барои таблиғи онҳо, бар хилофи ҳикмат ва адолати Худованд аст ва аз Ӯ содир намешавад ва ин ба маънои лузуми исмати Паёмбар аст.

## [Ҷавози саҳви Паёмбари Худованд]

Ҳар чанд инсофан вуқуъи Паёмбар дар анвоъе аз саҳв ки ихлоле дар таблиғи аҳкоми Худованд тавассути ӯ намекунад, мунофӣ бо исмати ӯ нест; Монанди фаромӯш кардани корҳои шахсӣ ё иштибоҳ кардан дар корҳои мубоҳ ё аҷала кардан дар корҳои ҷойиз ё оҷиз шудан аз корҳои оддӣ ё бехабар мондан аз чизҳои ғайри зарурӣ ё қусур намудан дар корҳои ғайри иродӣ аз қабили хоб мондан дар авқоти бедорӣ; Зеро ин қабил костиҳо, муқтазои башарият аст ки миёни Паёмбар ва дигарон муштарк аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ إِنَّمَا أَنَا بَشَرٌ مِثْلُكُمْ﴾;[2] <<Бигӯ ман танҳо башаре монанди шумо ҳастам>> Ва рӯшан аст ки бар канор будан аз ин қабил костиҳо, танҳо барои Худованд мумкин аст ки комили ҳақиқӣ аст ва комиле ҷуз Ӯ вуҷуд надорад ва танҳо Ӯст ки шойистаи танзиҳ аст ва Паёмбарон, худойгоне монандӣ Худованд нестанд ва монанди Ӯ танзиҳ намешаванд; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَا يَأْمُرَكُمْ أَنْ تَتَّخِذُوا الْمَلَائِكَةَ وَالنَّبِيِّينَ أَرْبَابًا ۗ أَيَأْمُرُكُمْ بِالْكُفْرِ بَعْدَ إِذْ أَنْتُمْ مُسْلِمُونَ﴾;[3] <<Ва шуморо амр накунад ки фариштагон ва Паёмбаронро худойегоне бигиред; Оё шуморо ба куфр амр мекунад пас аз онки шумо мусалмон ҳастед?!>>; Бал Паёмбарон инсонҳое ҳастанд ки ба ҳар чизе ки инсон метавонад ва бояд аз он огоҳӣ дошта бошад, огоҳӣ доранд ва аз ҳар чизе ки як инсон метавонад ва бояд аз он парҳез кунад, парҳез мекунанд ва бо ин васф, ғулув дар бораи онон бо расониданошон ба ҷойи фаротар аз иститоъати инсон ки аз ҳар гуна саҳв, нисён ва ғафлат муназзаҳ пиндоша шаванд, ҷойиз нест; Ҳамчунонки тафрит дар бораи онон бо нисбат додани корҳои мухолифи тақво, ҳаё ва иффат, ба дур аз ҳақиқат ва нораво аст.

1. Бақара/ 124.
2. Каҳф/ 110.
3. Оли Имрон/ 80.

Оре, мумкин аст аз барҳӣ аз онон пеш аз Паёмбаришон, корҳои ношойиста ё зулм ба худашон, сар зада бошад ки пеш аз оғози Паёмбаришон, аз он тавба карда бошанд; Монанди коре ки Одам ﷵ кард, ҳангоме ки бар хилофи наҳйи Худованд аз меваи дарахт хӯрд ва коре ки Мӯсо ﷵ кард, ҳангоми ки марде аз душманонашро ба ҷонибдорӣ аз дӯсти худ ва бидуни баррасӣ кушт; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳар ду ба зулм будани он бар худашон, иқрор доштанд; Чунонки Одам ﷵ гуфт: ﴿رَبَّنَا ظَلَمْنَا أَنْفُسَنَا وَإِنْ لَمْ تَغْفِرْ لَنَا وَتَرْحَمْنَا لَنَكُونَنَّ مِنَ الْخَاسِرِينَ﴾;[1] <<Парвардигоро! Мо ба худамон зулм кардем ва агар моро наёмӯрзӣ ва раҳм накунӣ ҳатман аз зиёнкорон хоҳем буд>> Ва Мӯсо ﷵ гуфт: ﴿رَبِّ إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي فَاغْفِرْ لِي فَغَفَرَ لَهُ ۚ إِنَّهُ هُوَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ﴾;[2] <<Парвардигоро! Бегумон ман ба худам зулм кардам пас маро биёмӯрз! Пас ӯро омӯрзид; Чароки Ӯ омӯрзандаи меҳрабон аст>>; Бал мумкин аст аз барҳишон дар замони Паёмбаришон низ, корӣ ношоист ё зулм ба худашон, сар зада бошад ки мунофеӣ бо Паёмбаришон набошад ва бедаранг аз он тавбаҳ карда бошанд; Монанди коре ки Юнус ﷵ кард, ҳангоме ки пас аз адоъи рисолати худ ва ноумедӣ аз иҷобати қавмаш, онониро пеш аз изни Худованд тарк намуд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَذَا النُّونِ إِذْ ذَهَبَ مُغَاضِبًا فَظَنَّ أَنْ لَنْ نَقْدِرَ عَلَيْهِ فَنَادَىٰ فِي الظُّلُمَاتِ أَنْ لَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنْتَ سُبْحَانَكَ إِنِّي كُنْتُ مِنَ الظَّالِمِينَ﴾;[3] <<Ва соҳиби моҳӣ ҳангоме ки бо хашм берун рафт, пас пиндошт ки бар ӯ танг намегирем, пас дар торикиҳо овоз дод ки Худое ҷуз Ту нест, Ту покизаӣ ва ман бегумон аз ситамкорн будам>> Ва монанди коре ки Довуд ﷵ кард, ҳангоме ки бо доштани наваду нӯҳ завҷа, аз бародараш хост ки ягона завҷаашро талоқ диҳад то ӯ издивоҷ кунад; Чунонки Худованд бо киноя ба ӯ аз қавли бародараш фармудааст: ﴿إِنَّ هَٰذَا أَخِي لَهُ تِسْعٌ وَتِسْعُونَ نَعْجَةً وَلِيَ نَعْجَةٌ وَاحِدَةٌ فَقَالَ أَكْفِلْنِيهَا وَعَزَّنِي فِي الْخِطَابِ؛ قَالَ لَقَدْ ظَلَمَكَ بِسُؤَالِ نَعْجَتِكَ إِلَىٰ نِعَاجِهِ﴾;[4] <<Ҳароина ин бародари ман аст ки барои ӯ наваду нӯҳ меш аст, дар ҳоле ки барои ман як меш аст, пас гуфт ки онро ба ман вогузор ва дар сухан бар ман фишор овард; Гуфт бегумон бо хостани як меши ту бо вуҷуди мешҳои худ, ба ту ситам кардааст>> Ва монанди

1. Аъроф/ 23.
2. Қасос/ 16.
3. Анбиёъ/ 87.
4. Сод/ 23 ва 24.

коре ки Сулаймон عليه‌السلام кард, ҳангоме ки дар вақти аср ба тимори асбҳои зебо саргарм шуд ва ба сабаби он, ёди Худованд пеш аз ғуруби офтобро фаромӯш кард; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِذْ عُرِضَ عَلَيْهِ بِالْعَشِيِّ الصَّافِنَاتُ الْجِيَادُ؛ فَقَالَ إِنِّي أَحْبَبْتُ حُبَّ الْخَيْرِ عَنْ ذِكْرِ رَبِّي حَتَّىٰ تَوَارَتْ بِالْحِجَابِ﴾;[1] <<Ҳангоме ки дар асргоҳон, асбҳои неку бар ӯ арза шуд; Пас гуфт ҳароина ман дӯстии асбро бар ёди Парвардигорам пасандидам то онки офтоб рӯй дар ҳиҷоб кашид>> Ва албатта ҳеҷ як аз ин корҳо ки бедаранг аз он тавба карданд, рабте ба таблиғи аҳкоми Худованд тавассути онон надошта ва бо ин васф, наметавон онро мунофӣ бо Паёмбарии онон донист; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки вуҷуби итоъат аз Паёмбарон, лузуман ба сабаби исмати онон аз ин қабил корҳо нест то хилале дар он монъе аз итоати онон бишавад, бал мумкин аст ба сабаби амри Худованд ба итоъати аз онон бошад ки метавонад бо назар ба судманд будани он дар маҷмӯъ ва узровар бидуни он дар мавориди хато бошад. Оре, узровар бидуни итоъат аз онон, ба танҳои вофӣ ба мақсуди Худованд нест; Зеро мақсади Ӯ ба иқтизои камолаш, найли инсон ба камоли Ӯст ки бо итоъати ҳақиқӣ ва на танҳо итоъати зоҳирӣ ҳосил мешавад ва бо ин васф, амр ва наҳйи онон, чи хатойе аз онон сар зада бошад ва чи хатойе аз онон сар назада бошад, лузуман мутобиқ бо амр ва наҳйи Худованд аст ва вуҷуби итоъат аз он, ба сабаби ҳамин интибоқ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَا آتَاكُمُ الرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَاكُمْ عَنْهُ فَانْتَهُوا ۚ وَاتَّقُوا اللَّهَ ۖ إِنَّ اللَّهَ شَدِيدُ الْعِقَابِ﴾;[2] <<Ва ҳар чизе ки Паёмбар ба шумо дод бигиред ва ҳар чизе ки Паёмбар шуморо аз он боздошт вониҳед ва аз Худованд битарсед; Чароки Худованд иқоби шадиде дорад>> Ва фармудааст: ﴿فَلْيَحْذَرِ الَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِ أَنْ تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾;[3] <<Пас бояд касоне ки аз амри Ӯ нофармонӣ мекунанд битарсанд ки ононро фитнае бирасад ё ононро азобӣ дарднок бирасад>>!

### [Ҳуҷҷияти суннати Паёмбари Худованд барои ҳамеша]

Аз инҷо дониста мешавад ки суннати Паёмбари Худованд, ҳуҷҷат аст ва мурод аз он, гуфтор ва кирдори ӯст; Чунонки

1. Сод/ 31 ва 32.
2. Ҳашр/ 7.
3. Нур/ 63.

Худованд фармуддаст: ﴿لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الْآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثِيرًا﴾;[1] <<Бегумон барои шумо дар Паёмбари Худованд улгуйӣ неку барои ҳар касе аст ки ба Худованд ва рӯзи вопасин умед дорад ва Худовандро бисёр ёд мекунад>> Ва мурод аз он, гуфтор ва кирдоре нест ки бо унвони <<Ҳадис>> ба ӯ нисбат дода мешавад; Чароки он ҳоки аз гуфтор ва кирдори ӯст на худи он ва табъан дар сурате ки мутавотир бошад, онро исбот мекунад ва ҳуҷҷат аст ва дар сурате ки мутавотир набошад, онро исбот намекунад ва ҳуҷҷат нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки қатъ ба гуфтор ва кирдори ӯ, барои пайравӣ аз он зарурӣ аст ва бо ин ҳол, ё аз тариқи ҳис ҳосил мешавад ки дидан ва шунидан аст ва ё аз тариқи луб[2] ки таvotур аст ва занни ба гуфтор ва кирдори ӯ ки аз тариқи ахбори оҳод ҳосил мешавад, ҳуҷҷат нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الظَّنَّ لَا يُغْنِي مِنَ الْحَقِّ شَيْئًا﴾;[3] <<Ҳроина занн чизеро аз ҳақ бениёз намекунад>>! Бинобарин, гуфтор ва кирдори Паёмбар (صلى الله عليه وآله وسلم) барои ҳар кас ки ба он қатъ пайдо мекунад, ҳуҷҷат аст, чи дар замони он Ҳазрат буда бошад ва чи пас аз ӯ; Зеро аҳкоми иблоғшуда тавассути ҳар Паёмбар, заруратан то зомони иблоғи аҳкомӣ дигар тавассути Паёмбаре пас аз ӯ, собит аст, дар ҳоле ки бинобар хабари қатъии Худованд, пас аз Муҳаммад (صلى الله عليه وآله وسلم), Паёмбаре нахоҳад омад то аҳкоми дигареро иблоғ кунад ва бо ин васф, аҳкоми иблоғ шуда тавассути ӯ, ногузир то рӯзи қиёмат собит аст ва ин ба маънои адами вуқуъи ҳар гуна табдиле дар онҳост; Чароки табдилӣ аҳкоми Худованд, аз синхи ташриъи онҳост ва ташриъи онҳо, ҷуз барои Худованд ҷойиз нест ва табъан ба воситаи касе қобили таблиғ аст ки бо Худованд иртиботи Паёмбарона дорад, дар ҳоле ки чунин иртиботе, бинобар хабари қатъии Худованд, хотима ёфта ва ғайри мумкин аст ва бо ин васф, табдили аҳком ва ташриъи онҳо пас аз Паёмбари хотам мумкин нест. Аз ин рӯ, Ислом моҳияти собите дорад ва дар зоти худ тағаюр намепазирад ва ҳалоли Муҳаммад (صلى الله عليه وآله وسلم) то рӯзи қмёмат ҳалол ва ҳароми ӯ то рӯзи қиёмат ҳаром аст.

1. Аҳзоб/ 21.
2. [Муфйиди албоб, ба маънои ақл]
3. Юнус/ 36.

## [Адами имкони дастрасӣ ба суннати Паёмбари Худованд пас аз ӯ]

Оре, гуфтор ва кирдори он Ҳазрат, умдатан барои аҳли замонаш корбурд доштааст; Чароки ҳар чанд ҳуҷҷияти он зотан мухтасси ба онон нест, амалан барои касоне корбурд дорад ки ба он қатъ меёбанд, дар ҳоле ки қатъ ба он, бо дидан ва шунидани он ҳосил мешавад ки барои аҳли замони он мумкин аст ва барои ояндагон, мумкин нест, магар аз тариқи хабари мутавотир ки ақлан ифодаи қатъ мекунад; Бо таваҷҷуҳ ба инки ровиёнаш дар ҳар табақа ба теъдоде ҳастанд ки иҷмоъашон бар ғалат ва табонишон бар кизб мумкин нест ва ин ду танҳо тариқи баҳраманӣ аз чизе аст ки Худованд бар Паёмбараш нозил карда; Чунонки худ ба он тасриҳ карда ва фармудааст: ﴿إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَذِكْرَىٰ لِمَن كَانَ لَهُ قَلْبٌ أَوْ أَلْقَى السَّمْعَ وَهُوَ شَهِيدٌ﴾;[1] <<Ҳароина дар он мояи тазаккуре барои касе аст ки барои ӯ ақле ҳаст ё гӯш фаро медорад дар ҳоле ки ҳозир аст>> Ва бо ин васф, барои касе ки ба далилӣ ақлӣ монанди хабари мутавотири Паёмбар ﷺ ё далилӣ ҳиссӣ монанди талаққии ҳузурӣ аз он Ҳазрат дастрасӣ надорад, мояи тазаккуре аз он Ҳазрат мавҷуд нест, дар ҳоле ки талаққии ҳузурӣ аз он Ҳазрат, барои ояндагон муҳол аст ва хабари мутавотири он Ҳазрат низ ба қадри кофӣ ба онон нарасидааст ва дар бисёрӣ аз абвоби илмӣ ва амалӣ мавҷуд нест; Зеро ахборе ки дар бисёрӣ аз абвоби илмӣ ва амалӣ мавҷуданд, воҳиданд ва ахбори воҳид, табъан ифодаи яқин немекунанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки ровиёнашон дар ғолиби маворид, аз як ё ду нафар бештар нестанд ва табъан эҳтимоли кизб, ғалат ва нисён дар онҳо вуҷуд дорад ва бо ин васф, дар беҳтарин ҳолати мумкин, муҷиби занни ояндагон мешаванд, дар ҳоле ки адами ҳуҷҷият ва кифояти занн, аз қавоъиди зарурии Ислом аст.

Бинобарин, суннати Паёмбар ﷺ агар чи барои ҳамаи мусалмонон ҳуҷҷат аст, танҳо дар дастраси аҳли замони он Ҳазрат қарор дорад ва дастрасии ояндагон ба он ба сурати яқинӣ, мақдур нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَأَنَّىٰ لَهُمُ التَّنَاوُشُ مِن مَكَانٍ

1. Қоф/ 37.

﴿بَعِيدٍ﴾;[1] <<Ва кучо метавонанд аз ҷой дур ба он дастрасӣ пайдо кунанд?!>> Ва бар ҳамин асос, инзори он Ҳазратро маҳдуд ба касоне шумурда ки дар замони ӯ зиндаанд ва фармудааст: ﴿لِيُنْذِرَ مَنْ كَانَ حَيًّا وَيَحِقَّ الْقَوْلُ عَلَى الْكَافِرِينَ﴾;[2] <<То касонеро бим диҳад ки зиндаанд ва сухан бар кофирон рост ояд>>; Бал тазаккури он Ҳазратро танҳо барои касоне судманд шумурдааст ки бинобар ақл ба хабари мутавотири он ахз мекунанд ё бинобар ҳис ба истимоъи ҳузурии он роҳ меёбанд ва фармудааст: ﴿إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَذِكْرَىٰ لِمَنْ كَانَ لَهُ قَلْبٌ أَوْ أَلْقَى السَّمْعَ وَهُوَ شَهِيدٌ﴾;[3] <<Ҳароина дар он мояи тазаккуре барои касе аст ки барои ӯ ақле ҳаст ё гӯш фаро медорад дар ҳоле ки ҳозир аст>>, на касоне ки хабари онро ба сурати ғиёбӣ ва аз ҷой дур мешунаванд ва ба он Ҳазрат нисбат медиҳанд; Чунонки ба эътироз фармудааст: ﴿أُولَٰئِكَ يُنَادَوْنَ مِنْ مَكَانٍ بَعِيدٍ﴾;[4] <<Онон аз ҷой дур нидо дода мешаванд>> Ва фармудааст: ﴿وَيَقْذِفُونَ بِالْغَيْبِ مِنْ مَكَانٍ بَعِيدٍ﴾;[5] <<Ва дар ғойиб аз ҷой дур нисбат медиҳанд>> Ва ин дар ҳоле аст ки хабари мутавотир он бароиояндагон кофӣ нест ва истемоъи ҳузурии он барои онон муҳол аст ва рӯшан аст ки ин тангноӣ барои онон шумурда мешавад.

### [Лузуми ҷаъли халифае барои Паёмбар бар Худованд]

Аз инҷо дониста мешавад ки ҷаъли имконе барои дасрасӣ яқинииояндагон ба суннати Паёмбар ﷺ, бар Худованд воҷиб аст; Чароки ниёз ба суннати Паёмбар ﷺ ба аҳли замони он Ҳазрат маҳдуд нест ва шомилиояндагон низ мешаванд; Бо таваҷҷуҳ ба инкиояндагон низ монанди аҳли замони он Ҳазрат, бидуни дастрасии яқинӣ ба суннати он Ҳазрат, ба ҷузъиёт ва масодиқи аҳкоми Худованд яқин намеёбанд ва бидуни яқин ба он, қодир ба иқомаи Ислом ба сурати холис ва комил нестанд ва табъан ба камоли худ ва растгорӣ аз завол, нойил намешаванд; Дар ҳоле ки дастрасӣ яқинии онон ба суннати Паёмбар ﷺ, ба сабаби адами дастрасии онон ба он Ҳазрат ва адами ривояти

1. Сабаъ/ 52.
2. Ёсин/ 70.
3. Қоф/ 37.
4. Фуссилат/ 44.
5. Сабаъ/ 53.

ҳамаи суннати он Ҳазрат ба сурати мутавотир, барои онон мумкин нест ва ин барои онон ҳуҷҷате бар Худованд шумурда мешавад; Бо таваҷҷуҳ ба инки адами дастрасӣ яқинии онон ба суннати Паёмбар ﷺ ба рағми ниёзашон ба он, ба сабаби иқдом ва тақсири худашон набуда, балки Худованд ононро пас аз Паёмбар ﷺ падид оварда ва суннати он Ҳазратро монанди Қуръон, мустаъидди бақо насохта ва ин бар хилофи адолати Худованд дар ҳаққи онон аст; Магар онки тариқӣ дигар барои дастрасӣ яқинии онон ба суннати Паёмбар ﷺ қарор диҳад ва он касе аз миёни онон аст ки ӯро аз суннати Паёмбар ﷺ огоҳ карда ва ба огоҳ сохтани онон аз он мукаллаф сохтааст.

Рӯшан аст ки бидуни қарор додани чунин тариқе, хатми набувват ба маънои васотат дар таблиғ, ваҷҳе надорад, ва ҷойиз нест; Чароки ҳар чанд ниёз ба ташриъи аҳкоми ҷадид ва табъан таблиғи он, қобилияти хатмро дорад, ниёз ба таблиғи аҳкоми пешин барои ояндагон, назири таблиғе ки Паёмбар ﷺ барои аҳли замони худ анҷом дод, қобили хатм нест ва бо ин васф, ҷаъли воситае барои таблиғи аҳкоми Ислом дар ҳар қарне, воҷиб аст; Чунонки Худованд онро дар гузашта воҷиб шумурда ва фармудааст: ﴿وَإِنْ مِنْ أُمَّةٍ إِلَّا خَلَا فِيهَا نَذِيرٌ﴾;[1] <<Ва хеҷ уммате набуд магар инки дар он бимдиҳандае гузашт>>; Балки онро дар оянда низ воҷиб шумурда ва фармудааст: ﴿إِنَّمَا أَنْتَ مُنْذِرٌ ۖ وَلِكُلِّ قَوْمٍ هَادٍ﴾;[2] <<Ҷуз ин нест ки ту бимдиҳандае ҳасти ва барои ҳар қавме роҳнамое аст>>! Ҳар чанд бо таваҷҷуҳ ба бақои китоби Худованд ба унвони матни аҳкоми Ислом ва адами бақои суннати Паёмбар ба унвони ҳошияе бар он, ҷаъли воситае барои таблиғи суннати Паёмбар дар ҳар қарне, кофӣ аст ва ниёзе ба ҷаъли воситае дар таблиғи аҳкоми Ислом ба наҳве ки дар гузашта мусталзими ҷаъли Паёмбар буд, нест; Зеро таблиғе ки мусталзими ҷаъли Паёмбар аст, иборат аз таблиғи китоби Худовнад ва суннати Паёмбар ба унвони табйин кунандаи он аст, дар ҳоле ки таблиғи китоби Худованд, тавассути Паёмбар ﷺ ба наҳве анҷом шуд ки ба ояндагон монанди аҳли замони он Ҳазрат расидааст; Чунонки

1. Фотир/ 24.
2. Раъд/ 7.

Худованд аз ҷониби он Ҳазрат фармудааст: ﴿وَأُوحِيَ إِلَيَّ هَٰذَا الْقُرْآنُ لِأُنذِرَكُم بِهِ وَمَن بَلَغَ﴾;[1] <<Ва ин Қуръон ба ман воҳӣ шуд то бо он шумо ва ҳар касе ки ба ӯ мерасадро инзор кунам>>! Бо ин васф, танҳо таблиғи суннати Паёмбар ба унвони табйин кунандаи китоби Худованд, барои ояндагон монанди аҳли замони ӯ анҷом нашуда ва он ба танҳоӣ мусталзими ҷаъли Паёмбар нест, бал кофӣ аст ки воситае ба унвони ҷонишини Паёмбар, барои таблиғи суннати ӯ ҷаъл шавад.

Вонгоҳе агар ниёзи мардум ба воситае дар таблиғи аҳкоми Худованд, бо хатми ташриъ хотима ёфта бошад, ниёзи онон ба воситае дар татбиқи аҳкоми Худованд, то рӯзи қиёмат боқӣ аст ва бо ин васф, пас аз Паёмбар ﷺ ки воситае дар таблиғ ва татбиқи аҳкоми Худованд буд, вуҷуди ҷонишине барои ӯ ки ба ниёбат аз ҷониби ӯ, мубошир дар татбиқи аҳкоми Худованд бошад, зарурӣ аст; Чароки ниёзи ба татбиқи аҳкоми Худованд, бар хилофи ниёз ба таблиғи он ки тобеъи ниёз ба ташриъи он ва муваққат аст, доъимӣ аст ва то ҳангоме ки ду нафар дар замин зиндаги мекунанд, идома дорад, дар ҳоле ки таъамини он, қоъидатан аз шуъуни Паёмбар аст ва табъан бар ӯҳдаи ӯст ки барои мубошират ба он баъд аз маргаш, нойиберо муъаррифи кунад; Ҳамчунонки бар ӯҳдаи Худованд аст ин нойиброро барои ӯ таъйин намуда ва ӯро ба муъаррифиаш барои мардум мукаллаф созад то татбиқи аҳкоми Худованд пас аз ӯ, мумкин бимонад.

Албатта рӯшан аст ки мубошират дар татбиқи аҳкоми Худованд, мусталзими набувват нест то бо хатми он мунофот дошта бошад; Зеро мубошир дар татбиқ, танҳо иҷро кунандаи аҳкоме аст ки аз ҷониби Худованд ташриъ ва тавассути Набӣ, таблиғ шудааст ва ба иртиботи ваҳёнӣ бо Худованд то ҷойе ки ба талаққии аҳкоми Ӯ барои таблиғ марбут мешавад, ниёзе надорад. Ҳар чанд иртиботи ваҳёнӣ бо Худованд то ҷойе ки ба талаққии аҳкоми ӯ барои таблиғ марбут намешавад, ба маънои набувват нест ва барои ғайри Набӣ мумкин аст; Чунонки ба унвони намуна Худованд ба модари Мӯсо ؑ бо онки Набӣ набуд,

1. Анъом/ 19.

ваҳй кард; Чунонки фармудааст: ﴿وَأَوْحَيْنَا إِلَى أُمِّ مُوسَى أَنْ أَرْضِعِيهِ ۖ فَإِذَا خِفْتِ عَلَيْهِ فَأَلْقِيهِ فِي الْيَمِّ وَلَا تَخَافِي وَلَا تَحْزَنِي ۖ إِنَّا رَادُّوهُ إِلَيْكِ وَجَاعِلُوهُ مِنَ الْمُرْسَلِينَ﴾;[1] <<Ва ба модари Мӯсо ваҳй кардем ки ӯро шир бидеҳ, пас чун бар ӯ тарсидӣ ӯро дар дарё бияндоз ва натарс ва андӯҳ нахур, чароки мо ӯро ба ту бармегардонем ва аз Паёмбарон қарораш медиҳем>> Ва ба Марям عليها السلام бо онки Набӣ набуд, ваҳй кард; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِذْ قَالَتِ الْمَلَائِكَةُ يَا مَرْيَمُ إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَاكِ وَطَهَّرَكِ وَاصْطَفَاكِ عَلَى نِسَاءِ الْعَالَمِينَ﴾;[2] <<Ва чун фариштагон гуфтанд: Эй Марям! Ҳароина Худованд туро ихтиёр кард ва покиза сохт ва бар занони ҷаҳониён баргузид>> Ва ба Зувл Қарнайн бо онки набуввати ӯ собит нест, ваҳй кард; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْنَا يَا ذَا الْقَرْنَيْنِ إِمَّا أَنْ تُعَذِّبَ وَإِمَّا أَنْ تَتَّخِذَ فِيهِمْ حُسْنًا﴾;[3] <<Гуфтем эй Зувл Қарнайн ё инки таъзиб кунӣ ва ё инки дар онон некӣ пеш гирӣ>> Ва ба ҳаворихо бо онки набуввати онон собит нест, ваҳй кард; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِذْ أَوْحَيْتُ إِلَى الْحَوَارِيِّينَ أَنْ آمِنُوا بِي وَبِرَسُولِي قَالُوا آمَنَّا وَاشْهَدْ بِأَنَّنَا مُسْلِمُونَ﴾;[4] <<Ва чун ба ҳаворихо ваҳй кардим ки ба Ман ва ба Паёмбарам имон оваред, гуфтанд ки имон овардем ва гувоҳ бош ки мо мусалмонем>> Ва рӯшан аст ки мурод аз ваҳйӣ Ӯ ба онон, такаллуми Ӯ бо онон ба маънои илқоъи маънии мавриди назараш дар ҳисси онон бидуни восита ё бо воситаи фаришта аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا كَانَ لِبَشَرٍ أَنْ يُكَلِّمَهُ اللَّهُ إِلَّا وَحْيًا أَوْ مِنْ وَرَاءِ حِجَابٍ أَوْ يُرْسِلَ رَسُولًا فَيُوحِيَ بِإِذْنِهِ مَا يَشَاءُ ۚ إِنَّهُ عَلِيٌّ حَكِيمٌ﴾;[5] <<Ва ҳеҷ башареро нарасад ки Худованд бо ӯ такаллум кунад магар ба сурати ваҳйе ё аз паси ҳиҷобе ё фиристодаеро бифиристад пас ба изни Ӯ чизеро ки хоҳад ваҳй намояд; Чи онки Ӯ волой Ҳаким аст>> Ва бо ин васф, сирфи ваҳй, мусталзами набуввper нест; Чароки набуввat, ба маънои талаққии ҳукми Худованд аз хитоби Ӯ барои расондани он ба дигарон аст, дар ҳоле ки касоне чун модари Мӯсо, Марям, Зувл Қарнайн ва ҳаворихо, ҳар чанд мавриди хитоби Худованд қарор гирифтанд, ҳукме аз Ӯ барои расондан ба дигаронро талаққӣ накарданд ва аз ин рӯ, Набӣ набуданд. Аз инҷо дониста мешавад ки хатми набуввat,

1. Қасос/ 7.
2. Оли Имрон/ 42.
3. Каҳф/ 86.
4. Моъида/ 111.
5. Шуро/ 51.

мусталзими хатми ваҳй нест ва хитоби Худованд ба мубошир дар татбиқи аҳкомаш пас аз Набии хотам, ба наҳве ки муқтазии расонданаш ба дигарон набошад, мумки аст; Чунонки ба рӯшанӣ аз он хабар дода ва фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ قَالُوا رَبُّنَا اللَّهُ ثُمَّ اسْتَقَامُوا تَتَنَزَّلُ عَلَيْهِمُ الْمَلَائِكَةُ أَلَّا تَخَافُوا وَلَا تَحْزَنُوا وَأَبْشِرُوا بِالْجَنَّةِ الَّتِي كُنْتُمْ تُوعَدُونَ؛ نَحْنُ أَوْلِيَاؤُكُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَفِي الْآخِرَةِ ۖ وَلَكُمْ فِيهَا مَا تَشْتَهِي أَنْفُسُكُمْ وَلَكُمْ فِيهَا مَا تَدَّعُونَ﴾;[1] <<Бегумон касоне ки гуфтанд Парвардигорамон Худованд аст ва сипас истиқомат карданд, фариштагон бар онон нозил мешаванд ки натарсед ва андӯҳ нахуред ва ба биҳиште ки ваъда дода шудед, шодмон бошед! Мо дар зиндагии дунё ва дар охират дӯстони шумо ҳастем ва барои шумо дар он ҳар чизе аст ки худатон хуш доред ва барои шумо дар он ҳар чизе аст ки дархост мекунед>>, бо таваҷҷуҳ ба инки зоҳир дар фуруд омадан ва гуфтугӯйи фариштагон бо онон дар зиндагии дунёст ва фарди мутаяққин аз онон, мубошир дар татбиқи аҳкоми Худованд ба изни Ӯст.

Фориғ аз инҳо, рӯшан аст ки танҳо Худованд аз ҳамаи гуфтор ва кирдори Паёмбар ﷺ огоҳо аст; Зеро танҳо Ӯст ки ҳисоби ҳамаи аъмоли бандагонашро дорад ва ҳамаи гуфтаҳо ва кардаҳои гузаштагонро эҳсо карда; Чунонки фармудааст: ﴿وَكُلُّ شَيْءٍ فَعَلُوهُ فِي الزُّبُرِ؛ وَكُلُّ صَغِيرٍ وَكَبِيرٍ مُسْتَطَرٌ﴾;[2] <<Ва ҳар чизе ки анҷом доданд дар номаҳое аст ва ҳар кӯчак ва бузурге навишта шудааст>>! Бинобарин, касе ҷуз Ӯ қодир нест ки ояндагонро аз ҳамаи суннати Паёмбар ﷺ огоҳ созад, дар ҳоле ки онон бидуни огоҳӣ аз ҳамаи суннати Паёмбар ﷺ, қодир ба иқомаи ҳамаи Ислом нестанд ва бо ин васф, бар Худованд воҷиб аст ки ононро аз ҳамаи суннати Паёмбар ﷺ огоҳ созад ва ин коре аст ки аз тариқи ҷаъли халифае барои Паёмбар ﷺ, анҷом медиҳад; Халифае ки тавассути Ӯ ва Паёмбараш, аз ҳамаи суннати Паёмбар ﷺ огоҳ шуда ва ба огоҳ кардани дигарон аз он, таклиф ёфтааст.

Аз инҷо дониста мешавад ки мусалмонон, салоҳияти ихтиёри халифаи Паёмбарро надоранд ва раъйи онон дар бораи ӯ мӯътабар нест ва вазифаи онон танҳо шинохт ва пазириши

1. Фуссилат/ 30 ва 31.
2. Қамар/ 52 ва 53.

халифае аст ки Худованд барои Паёмбараш таъйин ва ба воситаи китоби худ ва хабари мутавотири ӯ ба онон муаъррифӣ кардааст; Чунонки фармудааст: ﴿وَرَبُّكَ يَخْلُقُ مَا يَشَاءُ وَيَخْتَارُ ۗ مَا كَانَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ ۚ سُبْحَانَ اللَّهِ وَتَعَالَىٰ عَمَّا يُشْرِكُونَ﴾;[1] <<Ва Парвардигорат ҳар чизе ки мехоҳадро меофаринад ва ихтиёр мекунад; Ононро ихтиёре нест; Худованд поктар ва волотар аз чизе аст ки шарик қарор медиҳанд>> Ва фармудааст: ﴿أَمْ لَكُمْ كِتَابٌ فِيهِ تَدْرُسُونَ؛ إِنَّ لَكُمْ فِيهِ لَمَا تَخَيَّرُونَ؛ أَمْ لَكُمْ أَيْمَانٌ عَلَيْنَا بَالِغَةٌ إِلَىٰ يَوْمِ الْقِيَامَةِ ۙ إِنَّ لَكُمْ لَمَا تَحْكُمُونَ؛ سَلْهُمْ أَيُّهُمْ بِذَٰلِكَ زَعِيمٌ﴾;[2] <<Ё шуморо китобе аст ки дар он фаро мегиред, барои шумо дар он ҳар чизе аст ки ихтиёр мекунед?! Ё шуморо бар мо савгандҳое расида то рӯзи қиёмат аст ки барои шумо ҳар чизе аст ки ҳукм мекунед?! Аз онон бипурс ки кадомашон онро бар гардан мегирад?!>>. Бо ин васф, байъати аҳли ҳал ва ақд ва васияти ҳокими пешина ва тағаллуби қаҳрӣ ва турукӣ дигар аз ин даст, ҳеҷ як муҷиби таҳаққуқи хилофати Паёмбар намешавад ва тариқи он маҳдуд ба насси Худованд аст ва ин аз возеҳоти Ислом, балки ҳамаи адёни Илоҳӣ шумурда мешавад.

Ҳосил онки шинохти яқинӣ аз аҳкоми Худованд, танҳо бо руҷӯъ ба китоби Худованд ва суннати Паёмбараш мумкин аст ва шинохти яқинӣ аз суннати Паёмбараш, танҳо бо руҷӯъ ба худи он Ҳазрат барои касе ки ба ӯ ё хабари мутавотираш роҳ дорад ва руҷӯъ ба халифаи ӯ барои касе ки ба ӯ ё хабари мутавотираш роҳ надорад, мумкин аст ва бо ин васф, метавон гуфт ки шинохти яқинӣ аз аҳкоми Худованд, танҳо бо руҷӯъ ба Худованд ва Паёмбараш ва хулафоъи Паёмбараш мумкин аст ва ин мабнои сухани Худованд аст ки фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَطِيعُوا اللَّهَ وَأَطِيعُوا الرَّسُولَ وَأُولِي الْأَمْرِ مِنْكُمْ ۖ﴾;[3] <<Эй касоне ки имон овардед! Аз Худованд итоъат кунед ва аз Паёмбар ва фармондоронӣ аз худ итоъат кунед>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки итоъат аз фармондорони мазкур, ба итоъат аз Паёмбар атф шуда ва табъан дар ҳукми он аст; Ба эътибори инки онон хулафоъи Паёмбар аз ҷониби Худованданд ва бо изни Ӯ ба суннати он Ҳазрат далолат мекунанд ва ҳар кас аз онон

1. Қасос/ 68.
2. Қалам/ 37 то 40.
3. Нисоъ/ 59.

итоъат кунад, дар воқеъ аз Паёмбар итоъат кардааст; Чунонки ҳар кас аз Паёмбар итоъат кунад, дар воқеъ аз Худованд итоъат кардааст; Чунонки фармудааст: ﴿مَنْ يُطِعِ الرَّسُولَ فَقَدْ أَطَاعَ اللَّهَ﴾;[1] <<Ҳар кас аз Паёмбар итоъат кунад, аз Худованд итоъат кардааст>>; Ҳамчунонки мафоди ҳадиси машҳуре аст ки муҳаддисони мусалмон аз он Ҳазрат ривоят кардаанд ва онро саҳиҳ ва собит шумурдаанд, бо ин мазмун ки: «عَلَيْكُمْ بِسُنَّتِي وَ سُنَّةِ الْخُلَفاءِ الرّاشِدِينَ الْمَهْدِيِّينَ مِنْ بَعْدِي فَتَمَسَّكُوا بِها وَ عَضُّوا عَلَيْها بِالنَّواجِذِ»;[2] <<Бар шумо бод ба суннати ман ва суннати хулафои рошид ва Маҳдии баъд аз ман, пас ба он тамассук ҷӯйед ва онро бо дандон бигиред>>; Ҳар чанд ба иқтизои одат, онро бар увҳоми худ ҳамл кардаанд ва бо аҳвоъ ва орзуҳои худ, таъвил намудаанд!

Оре, шинохти яқинӣ аз суннати хулафоъи Паёмбар, монанди шинохти яқинӣ аз суннати он Ҳазрат, танҳо аз тариқи ҳис ва хабари мутавотир мумкин аст; Зеро чунонки рӯшан шуд, хабари воҳид, ҳар чанд ба воситаи ровиёни сиқа ва ҳофиз ривоят шуда бошад, бо таваҷҷуҳ ба адами исмати онон аз саҳв ва ғалат ва нисён, муфиди қатъ нест; Чи марбут ба ақойид бошад ва чи марбут ба аҳком ва бо ин васф, ахзи ба он, бо вуҷуди инки бисёр ройиҷ аст, мабное дар Ислом надорад. Оре, хабари воҳид барои аҳли замони Паёмбар ﷺ ва хулафоъи ӯ, ғолибан маҳфуф ба қароъине аст ки сиҳҳат ё адами сиҳҳати онро қатъӣ мекунад ва ба илова, қобили итлоъ ва тасҳиҳ тавассути онон аст ва ба ҳамин сабаб, хабари воҳид аз онон, метавонад барои аҳли замонашон ҳуҷҷут бошад, ҳар чанд барои ояндагон наметавонад ва ояндагон чорае ҷуз руҷӯъ ба халифаи замонашон ё ахбори мутавотири Паёмбар ﷺ ва хулафоъи гузаштаи ӯ, надоранд. Хусусан бо

1. Нисоъ / 80.
2. Албатта ин фарозе аз ҳадисӣ воҳид ва ғайри яқинӣ аст ки танҳо яке аз асҳоби Паёмбар ﷺ бо номи Арбоз ибни Сория аз он ҳазрат ривоят кардааст, вале ба сababи мутобиқаш бар китоби Худованд ва хабари мутавотири Паёмбар ва ҳукми ақл ва дар айни ҳол, саҳиҳ буданаш аз назари аҳли ҳадис, сирфан ба унвони шоҳиде аз боби илзом зикр шудааст. Барои огоҳи аз он, нигоҳ кун ба: Муснади Аҳмад, ҷ4, с126 ва 127; Сунани Дорамӣ, ҷ1, с45; Сунани ибни Моҷа, ҷ1, с16; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с393; Сунани Тирмизӣ, ҷ4, с150; Саҳиҳи ибни Ҳибон, ҷ1, с179; Ибни абӣ Осим, Китобул сунна, с29 ва 30; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ1, с96 ва 97; Байҳақӣ, Ал-Сунану кубро, ҷ10, с114; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ1, с28, ҳаму, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ18, с246, 247, 248, ва 249.

таваҷҷуҳ ба инки раъйи мубтанӣ бар ахбори оҳод ё фатвои қудамо ё қавли машҳур ё иҷмоъи манқул ё қиёси бархӣ аҳком бо бархӣ дигар, арзише барои онон надорад ва наметавонад мабнои ақида ё амалашон воқеъ шавад; Чароки ҳеҷ як барои онон муфиди қатъ нест ва чизе ки муфиди қатъ нест, ҷойе дар Ислом надорад.

## [Ҷаъли аҳли байти Паёмбар ба унвони халифаи ӯ]

Аз ончи гузашта рӯшан шуд ки ба Худованд воҷиб аст дар ҳар замон пас аз Паёмбар ﷺ, касеро аз ҷониби худ ба унвони малик, имом ва халифае дар замин бигуморад то бо воситаи ӯ, яқин ба ҳамаи суннати Паёмбар ﷺ ро монанди яқин ба ҳамаи Қуръон, барои аҳли ҳар замон монанди аҳли замони Паёмбар ﷺ, мумкин созад ва табъан заминаи татбиқи аҳкоми Ислом ба таври холис ва комилро барои ҳамагон ба наҳви одилона, фароҳам гардонад ва рӯшан аст ки барои огоҳӣ аз гумоштаи Худованд ба ин унвон, чорае ҷуз руҷӯъ ба Худованд нест ва руҷӯъ ба Худованд, аз тариқи руҷӯъ ба китоби Ӯ ва Паёмбараш мумкин аст; Чароки китоби Ӯ ва Паёмбараш, намоёнгари қатъии ирода ва феъли Ӯст; Бо ин тавзеҳ ки руҷӯъ ба Паёмбараш барои касоне ки пас аз замони ӯ ҳастанд, бар хилофи касоне ки дар замони ӯ ба сар мебурданд, танҳо аз тариқи руҷӯъ ба хабари мутавотири ӯ мумкин аст; Чароки танҳо хабари мутавотири ӯ, намоёнгари қатъии ирода ва феъли ӯст ва хабари воҳиди ӯ, қатъ ба ирода ва феъли ӯ падид намеоварад.

Аммо инсоф он аст ки руҷӯъ ба китоби Худованд ва хабари мутавотири Паёмбараш, ҳаргоҳ дар рӯшаноии ақл ва бар канор аз мавонеъи шинохте монанди тақлид, таъассуб ва аҳвои нафсонӣ бошад, мусталзими қатъ ба ин аст ки Худованд, аҳли байти Паёмбарашро ба унвони малик, имом ва халифае дар замин гумоштааст; Чунонки дар китоби Худованд ба рӯшани хитоб ба онон омадааст: ﴿إِنَّمَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنْكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيرًا﴾;[1] <<Ҷуз ин нест ки Худованд ирода дорад то ҳар гуна нопокиро аз шумо аҳли байт бизудояд ва шуморо ба таври комил пок

1. Аҳзоб/ 33.

гардонад>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки муроди Худованд аз <<Ричс>> дар инҷо, наметавонад олудагии моддӣ ва зоҳирӣ бошад, балки олудагии маънавӣ ва ботинӣ аст; Чунонки Худованд онро дар ин маъно ба кор бурда ва фармудааст: ﴿كَذَٰلِكَ يَجْعَلُ اللَّهُ الرِّجْسَ عَلَى الَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ﴾;[1] <<Ин гуна Худованд риҷсро бар касоне қарор медиҳад ки имон намеоваранд>> Ва фармудааст: ﴿وَيَجْعَلُ الرِّجْسَ عَلَى الَّذِينَ لَا يَعْقِلُونَ﴾;[2] <<Ва риҷсро бар касоне қарор медиҳад ки ақлро ба кор намебанданд>> Ва рӯшан аст ки риҷс ношӣ аз адами имон ва таъаққули, моддӣ ва зоҳирӣ нест, балки маънавӣ ва ботинӣ аст ва таҳорати комили моддӣ ва зоҳирӣ, на мумкин аст ва на арзиши чандоне дорад. Ҳамчунонки мурод аз иродаи Худованд дар хусуси аҳли байт, иродаи ҳатмӣ ва таквинӣ аст, на ғайри ҳатмӣ ва ташриъӣ; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّمَا أَمْرُهُ إِذَا أَرَادَ شَيْئًا أَنْ يَقُولَ لَهُ كُنْ فَيَكُونُ﴾;[3] <<Кори Ӯ ҷуз ин нест ки чун чизеро ирода кунад ба он бифармояд бош пас мебошад>>; Чароки иродаи ғайри ҳатмӣ ва ташриъӣ Ӯ, инҳисорӣ ба аҳли байти Паёмбар ﷺ надорад ва шомили ҳамагон аст ва бо ин васф, мунҳасир шумурдани он ба онон бо ҳарфи ҳаср, ваҷҳе надорад, балки бар хилофи воқъият аст; Ҳамчунонки миннат ниҳодан бар онон ба сабаби он, бар хилофи миннат ниҳодани оқилон аст ки ба сабаби тахсиси касе ба хайрӣ бар ӯ миннат мениҳанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَاللَّهُ يَخْتَصُّ بِرَحْمَتِهِ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ ذُو الْفَضْلِ الْعَظِيمِ﴾;[4] <<Ва Худованд ҳар касро ки бихоҳад ба раҳмати худ мухтас мегардонад ва Худованд дорои фазли бузург аст>>!

Аз инҷо муриста мешавад ки аҳли байти Паёмбар ﷺ, ба таври ҳатм аз ҳар гуна нопокии маънавӣ ва ботинӣ монанди ҷаҳл ва исён ва зулм ва удвон, покизаҳ шудаанд ва ба ҳамин сабаб, Худованд дар китоби худ, маваддати ононро воҷиб сохта ва фармудааст: ﴿قُلْ لَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا إِلَّا الْمَوَدَّةَ فِي الْقُرْبَىٰ ۗ﴾;[5] <<Бигӯ аз шумо музде намехоҳам магар маваддат дар бораи наздиконамро>>; Дар ҳоле ки маваддати аҳли ҷаҳл ва исён ва зулм ва удвонро дар

1. Анъом/ 125.
2. Юнус/ 100.
3. Ёсин/ 82.
4. Бақара/ 105.
5. Шуро/ 23.

китоби худ ҳаром сохта ва фармудааст: ﴿وَأَعْرِضْ عَنِ الْجَاهِلِينَ﴾;[1] <<Ва аз ҷоҳилон рӯй бигир>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا تَرْكَنُوا إِلَى الَّذِينَ ظَلَمُوا فَتَمَسَّكُمُ النَّارُ وَمَا لَكُمْ مِنْ دُونِ اللَّهِ مِنْ أَوْلِيَاءَ ثُمَّ لَا تُنْصَرُونَ﴾;[2] <<Ва ба касоне ки зулм карданд нагаройед ки шуморо оташ мегирад ва барои шумо ҷуз Худованд сарпарасте нест сипас ёрӣ намешавед>> Ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَّخِذُوا عَدُوِّي وَعَدُوَّكُمْ أَوْلِيَاءَ تُلْقُونَ إِلَيْهِمْ بِالْمَوَدَّةِ﴾;[3] <<Эй касоне ки имон овардед! Душмани Ман ва душмани худро сарпарастоне нагиред ки ба сӯи онон мавадат андозед>> Ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَوَلَّوْا قَوْمًا غَضِبَ اللَّهُ عَلَيْهِمْ﴾;[4] <<Эй касоне ки имон овардед! Гурӯҳе ки Худованд бар онон хашм гирифтро дӯст нагиред>> Ва фармудааст: ﴿لَا تَجِدُ قَوْمًا يُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ يُوَادُّونَ مَنْ حَادَّ اللَّهَ وَرَسُولَهُ﴾;[5] <<Гурӯҳе ки ба Худованд ва рӯзи вопасин имон дорандро намеёбӣ ки ба касе ки бо Худо ва Паёмбараш душманӣ меварзад мавадат варзанд>>! Бал бароъат аз чунин касоне ки зидди мавадати онон астро воҷиб сохта ва фармудааст: ﴿قَدْ كَانَتْ لَكُمْ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ فِي إِبْرَاهِيمَ وَالَّذِينَ مَعَهُ إِذْ قَالُوا لِقَوْمِهِمْ إِنَّا بُرَآءُ مِنْكُمْ وَمِمَّا تَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ كَفَرْنَا بِكُمْ وَبَدَا بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةُ وَالْبَغْضَاءُ أَبَدًا حَتَّى تُؤْمِنُوا بِاللَّهِ وَحْدَهُ﴾;[6] <<Бегумон барои шумо улгуӣ неку дар Иброҳим ва касоне аст ки бо ӯ буданд ҳангоме ки ба қавмашон гуфтанд мо аз шумо ва аз чизе ки ҷуз Худованд мепарастед безорем, ба шумо кофир шудем ва миёни мо ва шумо барои ҳамеша душманӣ ва кина падидор шуд то онки ба Худованди ягона имон оваред>> Ва фармудааст: ﴿فَلَمَّا تَبَيَّنَ لَهُ أَنَّهُ عَدُوٌّ لِلَّهِ تَبَرَّأَ مِنْهُ﴾;[7] <<Пас чун барои ӯ рӯшан шуд ки ӯ душмани Худованд аст, аз ӯ безорӣ ҷуст>> Ва фармудааст: ﴿وَقَالَ الَّذِينَ اتَّبَعُوا لَوْ أَنَّ لَنَا كَرَّةً فَنَتَبَرَّأَ مِنْهُمْ كَمَا تَبَرَّءُوا مِنَّا﴾;[8] <<Ва касоне ки пайравӣ карданд гӯянд ки агар барои мо бозгаште буд аз онон безорӣ меҷустем ҳамон тавр ки онон аз мо безорӣ ҷустанд>> Ва фармудааст: ﴿فَإِنْ عَصَوْكَ فَقُلْ إِنِّي بَرِيءٌ مِمَّا تَعْمَلُونَ﴾;[9] <<Пас агар туро маъсият карданд бигӯ

1. Аъроф/ 199.
2. Ҳуд/ 113.
3. Мумтаҳина/ 1.
4. Мумтаҳина/ 13.
5. Муҷодила/ 22.
6. Мумтаҳина/ 4.
7. Тавба/ 114.
8. Бақара/ 167.
9. Шуъароъ/ 216.

ман аз коре ки мекунед безорам>> Ва фармудааст: ﴿وَأَنَا بَرِيءٌ مِمَّا تُجْرِمُونَ﴾;[1] <<Ва ман аз ҷурме ки мекунед безорам>> Ва ин ошкоро ба маънои он аст ки аҳли байти Паёмбараш, аз чунин касоне нестанд ва аз чунин корҳое саростаанд; Бал Худованд ошкоро ҳар касе ки амали ғайри солеҳӣ дошта бошадро аз аҳли байти Паёмбаронаш хориҷ сохта ва аз боби намуна, хитоб ба Нӯҳ عليه السلام бо ишора ба фарзандонаш фармудааст: ﴿قَالَ يَا نُوحُ إِنَّهُ لَيْسَ مِنْ أَهْلِكَ ۖ إِنَّهُ عَمَلٌ غَيْرُ صَالِحٍ ۖ فَلَا تَسْأَلْنِ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ ۖ إِنِّي أَعِظُكَ أَنْ تَكُونَ مِنَ الْجَاهِلِينَ﴾;[2] <<Гуфт эй Нӯҳ! Ӯ аз аҳли ту нест, ӯ амалӣ ғайри солеҳ дорад, пас аз Ман чизе ки ба он илме надорӣ нахоҳ; Ман туро панд медиҳам ки мабодо аз ҷоҳилон бошӣ>>! Ин ба он маъност ки ҳар кас амалӣ ғайри солеҳ доша бошад, ҳар чанд аз хешовандони Паёмбар бошад, аз аҳли байти ӯ шумурда намешавад ва табъан касоне ки аз аҳли байти ӯ шумурда маешавад, амалӣ ғайри солеҳ надорад ва ин ба содагӣ мустафод аз суханони Худованд дар Қуръон ва хабари Ӯ аз таҳорати маънавӣ ва ботинии онон ва вуҷуби мавааддаташон бар мусалмонон аст. Бо ин васф, рӯшан аст ки итоъат аз онон, ба иқтизои таҳорати қатъишон аз ҳар нуқсоне дар таблиғи суннати Паёмбар ва татбиқи аҳкоми Ислом, ҷойиз аст ва ин амрӣ маъқул ва возеҳ аст, то ҷойе ки инкори он, чизе ҷуз муҷодила дар оёти Худованд нест.

Ҳамчунонки дар хабари мутавотири Паёмбари Худованд, ба таъкид ва ба анҳоъи мухталиф омадааст: «إنّي تارِكٌ فِيكُمُ الْخَلِيفَتَيْنِ ما إنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِما لَنْ تَضِلُّوا بَعدِي: كِتابَ اللّهِ وَ عِترَتي أهْلَ بَيْتِي و إنَّهُمَا لَن يَفتَرِقَا حَتَّى يَرِدَا عَلَيَّ الْحَوضَ فَانْظُرُوا كَيْفَ تَخْلُفُوني فِيهِما»; <<Ҳароина ман дар миёни шумо ду халифа бар ҷой мегузорам ки агар ба он ду тамассук ҷӯйед ҳаргиз пас аз ман гумроҳ намешавед: Китоби Худованд ва итратаи ман ки аҳли байтам ҳастанд ва ҳароина он ду ҳаргиз аз ҳам ҷудоӣ намепазиранд то он гоҳ ки назди ҳавз бар ман ворид шаванд, пас бингаред ки пас аз ман чигуна бо он ду рафтор мекунед>>! Ин хабар ки ба воситаи беш аз сӣ нафар аз асҳоби Паёмбар صلى الله عليه وآله وسلم монанди Салмони Форсӣ, Абу Зари Ғифорӣ, Абу Саъиди Худрӣ, Зайд ибни Арқам, Зайд ибни Собит, Ҳузайфа ибни

1. Ҳуд/ 35.
2. Ҳуд/ 46.

Усайд, Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ, Абдурраҳмон ибни Авф, Саъд ибни абӣ Вақос, Ҷубайр ибни Мутъим, Абу Ҳурайра, Абу Рофеъ, Умми Салама ва дигарон, барои даҳҳо нафар аз тобеъон ва ба воситаи онон барои садҳо нафар аз мусалмонон ривоят шуда, аз лиҳози судур қатъӣ аст ва ба рӯшанӣ бар васотати аҳли байти Паёмбар ﷺ дар таблиғи суннати он Ҳазрат ва татбиқи аҳкоми Ислом ба сурати холис ва комил пас аз ӯ далолат дорад; Ҳамчунонки муқтазои хабари Худованд дар китобаш аз таҳорати маънавӣ ва ботинии онон аст; Зеро тамассук ба онон танҳо дар сурате маъқул аст ки аз ҳар гуна амр ба залолат, пироста бошанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки агар аз ҳар гуна амр ба залолат пироста набошанд, мумкин аст тамассук ба онон ба залолат мунҷар шавад, дар ҳоле ки Паёмбар ﷺ, тамассук ба ононро зомини адами залолати мусалмонон шумурда ва фармудааст: «ما إِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِما لَنْ تَضِلُّوا بَعْدِي»; <<Агар ба онҳо тамассук ҷӯйед ҳаргиз пас аз ман гумроҳ намешавед>>! Ҳамчунонки адами ҷудоӣ онон аз китоби Худованд то рӯзи қиёмат, танҳо дар сурате мумкин аст ки монанди китоби Худованд аз ҳар гуна ихтилоф ва бутлон пироста бошанд; Чароки агар бар хилофи китоби Худованд ба ихтилоф ва бутло олуда бошанд, ногузир аз китоби Худованд дар вақте аз авқот ҷудоӣ мепазиранд, дар ҳоле ки Паёмбар ﷺ, аз адами ҷудоӣ он ду то рӯзи қиёмат хабар дода ва фармудааст: «وَ إِنَّهُمَا لَن يَفتَرِقَا حَتَّى يَرِدَا عَلَيَّ الْحَوضَ»; <<Ва ҳароина он ду ҳаргиз аз ҳам ҷудоӣ намепазиранд то он гоҳ ки назди ҳавз бар ман ворид шаванд>>!

Бо ин васф, шакке нест ки аҳли байти Паёмбар ﷺ аз ҷониби Худованд ба унвони мулук, аъимма ва хулафоъи дар замин гумошта шудаанд то ба амри Ӯ, яқин ба ҳамаи суннати Паёмбар ﷺ ро монанди яқин ба ҳамаи китоби Худованд, барои аҳли ҳар замон монанди аҳли замони Паёмбар ﷺ, мумкин созанд ва заминаи татбиқи аҳкоми Ислом ба таври холис ва комилро барои ҳамагон фароҳам гардонанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمِمَّنْ خَلَقْنَا أُمَّةٌ يَهْدُونَ بِالْحَقِّ وَبِهِ يَعْدِلُونَ﴾;[1] <<Ва аз касоне ки офаридаем, гурӯҳе ҳастанд ки ба ҳақ ҳидоят мекунанд ва бо он

1. Аъроф/ 181.

адолатро бар по медоранд>> Ва ин ҳақиқати возеҳӣ мубтани бар яқиниёти Ислом аст ки гардан ниҳодан ба он, ғулув дар бораи онон шумурда намешавад; Зеро ғулув дар бораи онон, болотар шумурдани онон аз ҷойгоҳе аст ки Худованд ва Паёмбараш барои онон қарор дадаанд, на болатар шумурдани онон аз ҷойгоҳе ки Умавиён ва Аббосиён барои онон қарор додаанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки дидгоҳи душманонашон дар бораи онон, милок нест; Бал милок, дидгоҳи Худованд ва Паёмбараш дар бораи онон аст ки ба вузуҳ дар Қуръон ва суннат омадааст, ҳар чанд бар хилофи дидгоҳи ҷаҳониён бошад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَيُحِقُّ اللَّهُ الْحَقَّ بِكَلِمَاتِهِ وَلَوْ كَرِهَ الْمُجْرِمُونَ﴾;[1] <<Ва Худованд ҳаққро бо калимоташ муҳаққақ месозад, агарчи нофармонон кароҳат дошта бошанд>>! Бо ин васф, касоне ки аз ҷойгоҳи аҳли байти Паёмбар ﷺ дар Ислом кароҳат доранд, аз чизе ки Худованд нозил кардааст кароҳат доранд ва Худованд ҷуз бинии ононро бар хок намемолад; Чунонки фармудааст: ﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ كَرِهُوا مَا أَنزَلَ اللَّهُ فَأَحْبَطَ أَعْمَالَهُمْ﴾;[2] <<Он ба ин сабаб буд ки онон чизе ки Худованд нозил кардро кароҳат доштанд, пас аъмолашонро нобуд кард>>! Ҳамчунонки иқрор ба ҷойгоҳи онон дар Ислом, вуруд ба ҳеҷ як аз мазоҳиби мусалмонон нест, балки танҳо бозгашт ба Исломи холис ва комил аст, то ҷойе ки муқирри ба он, ҷуз шойистаи номи <<Мусалмон>> нест ва ниҳоди ҳар номи дигаре бар рӯӣ ӯ, зулм ва кизб ва удвон аст.

## [Мурод аз аҳли байти Паёмбар бархӣ аз онон ҳастанд, на ҳамаи онон]

Оре, аз унчи гузашт дониста мешавад ки мурод аз аҳли байти Паёмбар ﷺ, онҷо ки халифаи ӯ аз ҷониби Худованд шумурда мешаванд, наметавонад умуми Қурайш бошад; Зеро дар миёни Қурайш, хонадонҳои золим ва ҷаббор буданд ки табъан аз ҳар гуна риҷс баканор набуданд ва ифтироқашон аз китоби Худованд, машҳуд буд, монанди банӣ Умая; Ҳамчунонки мурод аз аҳли байти Паёмбар ﷺ дар онҷо, наметавонад умуми банӣ

1. Юнус/ 82.
2. Муҳаммад/ 9.

Ҳошми бошад; Зеро дар миёни банӣ Ҳошим касоне буданд ки адами таҳораташон аз ҳар гуна риҷс ва ифтироқашон аз китоби Худованд, маълум буд, монанди банӣ Аббос ки ғолибан ҳокимонӣ муфсид ва саффок буданд; Бал дар миёни банӣ Ҳошим, касоне буданд ки мусалмон набуданд ва Қуръон дар некуҳиши онон нозил шуд, монанди абу Лаҳаб; Ҳамчунонки мурод аз аҳли байти Паёмбар ﷺ, онҷо ки халифаи ӯ аз ҷониби Худованд шумурда мешавад, наметавонад умуми ҳамсарони он Ҳазрат бошад; Зеро дар миёни ҳамсарони он Ҳазрат, касоне буданд ки ба ахбори Худованд дар сураи таҳрим, нофармонии он Ҳазратро мекарданд, то ҳадде ки ба ҳамсарони Нӯҳ ва Лут عليهما السلام ташбеҳ мешуданд; Дар ҳоле ки Худованд ба Нӯҳ عليه السلام дар бораи бархӣ аз аҳлаш ки нофармонии ӯро мекарданд, фармудааст: ﴿قَالَ يَا نُوحُ إِنَّهُ لَيْسَ مِنْ أَهْلِكَ ۖ إِنَّهُ عَمَلٌ غَيْرُ صَالِحٍ﴾;[1] <<Гуфт эй Нӯҳ! Ӯ аз аҳли ту нест, ӯ амалӣ ғайри солеҳ дорад>>!

Бо ин васф, шакке нест ки мурод аз аҳли байти Паёмбар ﷺ, онҷо ки воситае дар таблиғи суннати он Ҳазрат ва татбиқи аҳкоми Худованд шумурда мешаванд, бархӣ аз наздикони Паёмбар ﷺ ҳастанд ва на ҳамаи онон; Бал чи басо мурод аз онон дар ин маврид, яке аз онон дар ҳар замон бошад; Чароки теъдоди онон дар ҳар замон, бештар аз як нафар аст, дар ҳоле ки дар ҳар замон танҳо як халифа метавонад вуҷуд дошта бошад ва вуҷуди ду халифа дар як замон, ҷуз дар сурати табаъияти яке аз дигарӣ, ғайри зарурӣ, балки муҷиби ихтилоли низом ва бар хилофи ҳикмат ва сирати оқилон аст ва рӯшан аст ки он як халифа, наздиктарини онон ба Паёмбар ﷺ дар ҳар замон аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки наздикони Паёмбар ﷺ ба эътибори наздикишон ба он Ҳазрат машмули фазли Худованд шудаанд ва бо ин васф, баста ба мизони наздикишон ба он Ҳазрат, аз якдигар ба ӯ сазовортаранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿النَّبِيُّ أَوْلَىٰ بِالْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنْفُسِهِمْ ۖ وَأَزْوَاجُهُ أُمَّهَاتُهُمْ ۗ وَأُولُو الْأَرْحَامِ بَعْضُهُمْ أَوْلَىٰ بِبَعْضٍ فِي كِتَابِ اللَّهِ﴾;[2] <<Паёмбар ба мӯъминон аз худи онон сазовортар аст ва

1. Ҳуд/ 46.
2. Аҳзоб/ 6.

ҳамсорони ӯ модарони ононанд ва бархӣ наздикон дар китоби Худованд аз бархӣ дигар сазовортаранд>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки зоҳиран муроди Худованд аз наздикон, наздикони Паёмбар аст, чароки дар мақоми табйини шаъни Паёмбар ва ҳамсарони ӯ ва наздикони он Ҳазрат ва таъйини аҳл авлавият буда ва бо ин васф, рӯшан аст ки фарзандони Фотима ба эътибори таваллуди ӯ аз он Ҳазрат, фарзандони он Ҳазрат шумурда мешаванд ва аз дигарон ба он Ҳазрат сазовортаранд ва бо вуҷуди онон, навбат ба фарзандони Аббос ва Ҷаъфар ва Ақил, намерасад; Чароки хешовандони наздиктар, ҳоҷиб аз хешовандони дуртаранд ва фарзандони Фотима, хешовандони наздиктари Паёмбаранд. Ин ҳукм, дар сурате ки муроди Худованд аз наздикон, хусуси наздикони Паёмбар набошад низ саҳиҳ аст; Чароки бо умуми худ, шомили Паёмбар ва наздикони он Ҳазрат низ мешавад ва бо ин васф, авлавияти авлоди Фотима, аз сойири мусалмонон ва наздикони Паёмбар ﷺ дар ҳамаи умуре ки авлавият дар онҳо таъаюн дорад аз қабили хилофат, собит аст ва табъан ҳар як аз онон ки бузургтари онон дар замони худ шумурда мешавад, аз дигарон ба Паёмбар ﷺ ва шуъуни он Ҳазрат сазовортар аст; Монанди Ҳасан пас аз Алӣ ибни абӣ Толиб ва Ҳусейн пас аз Ҳасан ва Алӣ ибни Ҳусейн (д.94қ) пас аз Ҳусейн ва абу Ҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ маъруф ба Боқир (д.114қ) пас аз Алӣ ибни Ҳусейн ва Ҷаъфар ибни Муҳаммад маъруф ба Содиқ (д.148қ) пас аз абу Ҷаъфар ки ҳар як бузурги аҳли байт дар замони худ шинохта мешуд.

### [Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусейн, мурод аз аҳли байти Паёмбар]

Оре, мурод аз аҳли байти Паёмбар ﷺ дар асл, Алӣ, Фотима, Ҳасан ва Ҳусейн ҳастанд ва ин муқтазоъи ақрабияти онон ба Паёмбар ﷺ нисбат ба дигарон ва иқоматашон дар байти он Ҳазрат ва ахбори мутавотире аст ки бисёрӣ аз асҳоби ӯ, монанди Абдуллоҳ ибни Аббос,[1] Абу Саъиди Худрӣ,[2] Саъд ибни абӣ

1. Муснади Аҳмад, ҷ1, с331; Ибни абӣ Осим, Китобус сунна, с589; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ5, с112; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с132.
2. Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ22, с9; Табаронӣ, Ал-Муъҷамул авсоат, ҷ2, с229 ва ҷ 3, с380 ва ҷ 8, с112; Ҳейсамӣ, Маҷмауз-завоъид, ҷ7, с91 ва ҷ 9, с167.

Ваққос,[1] Анас бини Молик,[2] Восила ибни Асқаъ,[3] Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар,[4] Зайд ибни Арқам,[5] Бароъ ибни Озиб,[6] Умар ибни абӣ Салама,[7] Ҷобир ибни Абдуллоҳ,[8] Абу Ҳурайра,[9] Абу Ҳамроъ,[10] Абу Барза,[11] Умми Салама,[12] Оиша,[13] ва дигарон, барои даҳҳо нафар аз тобеъонашон ва ба воситаи онон барои садҳо нафар аз мусалмонон, аз он Ҳазрат ривоят кардаанд ва бисёрӣ аз аҳли ҳадис ва тафсир, бар сиҳҳати он иддаъои иҷмоъ намудаанд[14] ва бо ин васф, таҳорати ин чаҳор нафар аз ҳар гуна риҷс ва адами ифтироқашон аз китоби Худованд ва табъан вуҷуби итоъат ва мавaддаташон бар мусалмонон, қадри мутаяққин аст; Ҳар чанд таҳаққуқи хилофат дар мавриди Фотима ба маънои васотат дар эъмоли ҳокимияти Худованд, маҳалли таъаммул, балки ишкол аст; Чароки васотати як зан дар эъмоли ҳокимияти Худованд, агар чи монанди ӯ бартарин занони ҷаҳон бошад, бар хилофи суннати Худованд аст ва шояд маҳзуроте дар мақоми амал дошта бошад; Чунонки Худованд Марямро <<Сиддиқа>> номида, вале

1. Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ22, с12; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ5, с107; ҳаму, Хасоису амирул мӯъминин, с48; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с108, 147 ва 150.
2. Ибн абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с527; Муснади абӣ Довуд ат-Таёлусӣ, с274; Муснади Аҳмад, ҷ3, с259; Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с31; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с158.
3. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с501; Муснади Аҳмад, ҷ4, с107; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ2, с416; Байҳақӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ2, с152; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ3, с55.
4. Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с147.
5. Ҳамон, ҷ3, с149.
6. Ибни Адӣ, Ал-Комил, ҷ6, с211; Ибни Асокир, Ториху Мадинати Димишқ, ҷ42, с368; Ҳокими Ҳасконӣ, Шавоҳиду танзил, ҷ2, с26 ва 27.
7. Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ22, с12; Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с30 ва 361; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ9, с26.
8. Ҳокими Ҳасконӣ, Шавоҳиду танзил, ҷ2, с28 ва 29.
9. Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с149.
10. Ал-Мунтахаб мин муснади Абд ибни Ҳамид, с173, Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ22, с10; Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с31 ва 361; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ3, с55; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз- завоъид, ҷ9, с121.
11. Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ9, с169.
12. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с501; Муснади Аҳмад, ҷ6, с292, 296 ва 298; Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с361; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ2, с416; Муснади абӣ Яъло, ҷ12, с313; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ3, с53 то 55.
13. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с501; Муснади ибни Роҳувей, ҷ3, с678; Саҳеҳул Муслим, ҷ7, с130; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с147; Байҳақӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ2, с149.
14. Барои огоҳӣ бештар дар ин бора, нигоҳ кун ба: Ансорӣ, Ҳадисул касъои фий масодирул ҳадис.

<<Набия>> ё <<Халифа>> наномидааст.[1] Аз ин рӯ, хилофат ба маънои васотат дар эъмоли ҳокимияти Худованд, барои Алӣ, Ҳасан ва Ҳусейн собит аст ва барои Фотима собит нест, агар чи баҳсе дар таҳорати ӯ аз ҳар гуна ричс ва адами ифтироқаш аз китоби Худованд ва табъан вуҷуби мавадат ва итоъаташ, вуҷуд надорад ва рӯшан аст ки хилофати Алӣ, Ҳасан ва Ҳусейн, мутановиб аст; Зеро чунонки гуфта шуд, вуҷуди беш аз як халифа дар як замон уқалоӣ нест ва бо ин васф, ҳар кас аз он се ки зудтар ба дунё омада, зудтар аз аҳли байти Паёмбар ﷺ шуда ва табъан зудтар ҳаққи маваддат ва итоъат бар мусалмонон пайдо кардааст. Ин дар ҳоле аст ки мурод аз аҳли байти Паёмбар ﷺ ба маънои халифаи ӯ, наметавонад маҳдуд ба ин се нафар бошад ва бо Ҳусейн ки кучактарини онон дар син ва табъан охарини онон дар навбат буд, поён пазирад; Чароки муқтазои хабари мутавотири Паёмбар ﷺ аз адами ифтироқи онон ва Қуръон то рӯзи қиёмат, бақоъи онон ҳамроҳи Қуръон то рӯзи қиёмат аст ва рӯшан аст ки ниёзи мусалмонон ба халифаи Паёмбар ﷺ, пас аз Ҳусейн боқӣ аст. Бинобарин, вуҷуди аҳли байте барои Паёмбар ﷺ ва хулафоъе аз миёни онон пас аз Ҳусейн, зарурӣ аст ва онон ногузир аз аҳли байти Ҳусейн ҳастанд; Чароки аҳли байти ӯ ба табъи ӯ аз аҳли байти Паёмбар ﷺ ҳастанд ва наздиктарин афрод ба ӯ, наздиктарин афрод ба Паёмбар ﷺ пас аз ӯ шумурда мешаванд; Бо таваҷҷуҳ ба инки дар замони ӯ, наздиктарин фард ба Паёмбар ﷺ ӯ буд ва табъан пас аз ӯ, наздиктарин фард ба ӯ, наздиктарин фард ба Паёмбар ﷺ шумурда мешавад ва рӯшан аст ки наздиктарин фард ба ӯ, фарзандони ӯ буданд, монанди Алӣ ибни Ҳусейн маъруф ба Зайнул Обидин (д.94қ), на масалан фарзандони бародараш Ҳасан, монанди Абдуллоҳ ибни Ҳасан (д.61қ), Ҳасан ибни Ҳасан (д.87қ) ва Зайд ибни Ҳасан (д.120қ) ва бо ин васф, фарзандони ӯ аз дигарон ба ӯ ва ба табъи ӯ ба Паёмбар ﷺ сазовортар буданд ва ин муқтазои сухани Худованд аст ки фармудааст: ﴿النَّبِيُّ أَوْلَىٰ بِالْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنْفُسِهِمْ ۖ وَأَزْوَاجُهُ أُمَّهَاتُهُمْ ۗ وَأُولُو الْأَرْحَامِ بَعْضُهُمْ أَوْلَىٰ بِبَعْضٍ فِي كِتَابِ اللَّهِ﴾;[2] <<Паёмбар ба мӯъминон аз худашон сазовортар аст ҳамсарони ӯ модарони ононанд ва наздикон дар

1. ﴿مَا الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ إِلَّا رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِنْ قَبْلِهِ الرُّسُلُ وَأُمُّهُ صِدِّيقَةٌ﴾ (Моъида/ 75); <<Масеҳ писари Марям ҷуз Паёмбаре ки пеш аз ӯ Паёмбароне гузаштанд набуд ва модараш Сиддиқа буд>>!
2. Аҳзоб/ 6.

китоби Худованд бархишон сазовортар аз бархӣ дигаранд>> Ва бар ин асос, фарзандони Паёмбар ﷺ дар китоби Худованд аз амузодаҳои ӯ ба ӯ сазовортаранд ва фарзандони Ҳусейн дар китоби Худованд аз бародарзодаҳои ӯ ба ӯ сазовортаранд ва ин муқтазои сухани Худованд аст ки фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ آمَنُوا وَاتَّبَعَتْهُمْ ذُرِّيَّتُهُم بِإِيمَانٍ أَلْحَقْنَا بِهِمْ ذُرِّيَّتَهُمْ وَمَا أَلَتْنَاهُم مِّنْ عَمَلِهِم مِّن شَيْءٍ﴾;[1] <<Ва касоне ки имон оварданд ва фарзандонашон ононро бо имон пайравӣ карданд, фарзандонашонро ба онон мулҳақ мекунем ва аз амалашон чизе намекоҳем>> Ва бо ин васф, фарзандони Паёмбар ﷺ ба Паёмбар ﷺ ва фарзандони Ҳусейн ба Ҳусейн мулҳақ мешаванд ва бар ин асос, писарони Фотима аз писарони Аббос ва Ҷаъфар ва Ақил ва писарони Ҳусейн аз писарони Ҳасан дар китоби Худованд сазовортаранд ва писарони бузургтари онҳо дар сурате ки имон ва табаъият аз падаронашон дошта бошанд, аз писарони кӯчактари онҳо дар китоби Худованд сазовортаранд; Чароки зудтар ба итоъат ва маваддати онон амр шуда ва рӯшан аст ки тақдим сазовортар бар дигарон, муқтазои адолат ва воҷиб аст; Чунонки дар амал низ бинобар истиқроъ ва муқоиса, писарони Фотима аз писарони Аббос ва Ҷаъфар ва Ақил ва писарони Ҳусейн аз писарони Ҳасан, олимтар ва фозилтар буданд ва ин гувоҳе бар авлавияти онон барои хилофати Паёмбар ﷺ бо таваҷҷуҳ ба авлавияти олимтар ва фозилтар барои он аст; Чунонки дар писарони Ҳасан ва сойири банӣ Абдул Муталлиб, касе монанди Алӣ ибни Ҳусейн (д.94қ) ва Абу Ҷаъфари Боқир (д.114қ) ва Ҷаъфар ибни Муҳаммад Содиқ (д.148қ) ва Мӯсо ибни Ҷаъфар маъруф ба Козим (д.183қ) ва Алӣ ибни Мӯсо маъруф ба Ризо (д.203қ) дар илм ва фазл набуд ва ин чизе аст ки бар аҳли татабуъ пӯшида нест.

Аз инҷо дониста мешавад ки Фотимӣ ва Ҳусейнӣ будан дар халифа шарт аст, ҳар чанд шарти асли дар ӯ интисобаш аз ҷониби Худованд ва ба воситаи Паёмбар ﷺ аст. Бо ин васф, ахборе ки дар исботи хилофати ғайри аҳли байти Паёмбар ﷺ расидааст, саҳиҳ нест; Чароки ахбори воҳид ва ғайри яқинӣ аст ва бар хилофи муқтазои китоби Худованд ва хабари мутавотири Паёмбар ﷺ аст; Чунонки дар миёни ровиёнашон, аносури

1. Тур/ 21.

вобаста ба ҷараёни Умавӣ ва муъориз бо аҳли байти Паёмбар ﷺ, дида мешаванд ва аз ин рӯ, бисёрӣ аз аъимаи ҳадис ба зъафи онҳо ва адами қабули ривояташон тасриҳ кардаанд. Бал инсоф он аст ки ҳамаи ин ахбор, ботиланд ва барои хушнудии ҳокимони Умавӣ ва душмани бо аҳли байти Паёмбар ﷺ ҷаъл шудаанд ва ҳар кас дар асноди онҳо татаббуъ кунад, ба ин воқеъият пай мебарад.

## [Ҷаъли дувоздаҳ тан аз аҳли байти Паёмбар ба унвони халифаи ӯ]

Оре, бисёрӣ аз асҳоби Паёмбар ﷺ монанди Ҷобир ибни Самура,[1] Абдуллоҳ ибни Масъуд,[2] Абдуллоҳ ибни Умар,[3] Абдуллоҳ ибни Аббос,[4] Абдуллоҳ ибни Амр,[5] Анас ибни Молик,[6] Абдуллоҳ ибни абӣ Авфо,[7] Аббос ибни Абдул Муталлиб,[8] Ҷобир ибни Абдуллоҳ,[9] Абу Ҷуҳайфа,[10] Абу Қатода,[11] Оиша[12] ва дигарон,[13] барои даҳо нафар аз тобеъонашон ва ба воситаи онон барои садҳо нафар аз мусалмонон, аз он Ҳазрат ривоят кардаанд ки теъдоди

1. Муснади абӣ Довуд Атаёлусӣ, с105 ва 180; Муснади ибни Ҷаъд, с390; Муснади Аҳмад, ҷ5, с86, 87,88, 89, 90, 92, 93, 94, 97, 98, 99, 100, 101, 106, 107 ва 108; Бухорӣ, Ал-Тарихул кабир, ҷ1, с446; Саҳиҳул Бухорӣ, ҷ8, с127; Саҳиҳул Муслим, ҷ6, с3 ва 4; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с309; Сунанул Тирмизӣ, ҷ3, с340; Ибни абӣ Осим, Ал-Оҳод вал масонӣ, ҷ3, с126; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с617; Саҳиҳи ибни Ҳиббон, ҷ15, с43 ва 44.

2. Муснади Аҳмад, ҷ1 , с398 ва 406; Сунанул Тирмизӣ, ҷ3, с340; Муснади абӣ Яъло, ҷ9, с222; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ4, с501; Хазоз, Кифоятул асар, с23.

3. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с492; Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с52; Табарсӣ, Эъломул варо, ҷ2, с163.

4. Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с247; Ибни Қутайба, Уюнул ахбор, ҷ1, с302; Хазоз, Кифоятул асар, с10; Мутақии Ҳиндӣ, Канзул уммол, ҷ11, с246.

5. Ибни абӣ Осим, Ал-Оҳод вал масонӣ, ҷ1, с73; Ҳаму, Китобул суннаҳ, с534; Сунанул Тирмизӣ, ҷ3, с340; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ8, с319; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ5, с178; Ибни Адӣ, Ал-Камол, ҷ3, с123; Хатиби Бағдодӣ, Ториху Бағдод, ҷ6, с261; Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с52.

6. Ҷавҳарӣ, Аҳмад ибни Убйдуллоҳ, Муқтазабул асар, с4; Хазоз, Кифоятул асар, с68; Мутақии Ҳиндӣ, Канзул Уммол, ҷ12, с34.

7. Ибни Уқда, Фазоилу амирул мӯъминин, с153.

8. Табарсӣ, Эъломул варо, ҷ2, с165.

9. Хазоз, Кифоятул асар, с53; Табарсӣ, Эъломул варо, ҷ2, с166.

10. Бухорӣ, Ал-Тарихул кабир, ҷ8, с410; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с618; Абу Наъими Исфаҳонӣ, Аррувоту ан Саъид ибн Мансур, с44; Абу Шейх Ансорӣ, Табақатул муҳадисин беасбаҳон, ҷ2, с90; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ5,с 190.

11. Ибни Уқда, Фазоилу амирул мӯъминин, с151; Хазоз, Кифоятул асар, с139.

12. Хазоз, Кифоятул асар, с187; Табарсӣ, Эъломул варо, ҷ2, с164.

13. Нигоҳ кун ба: Хазоз, Кифоятул асар фил насси алал аъимати иснай ашар; Оли Нуҳ, туруқ ҳадисил аъиматул иснай ашар мин Қурайш; Боқирӣ, Ал-Хулафоъу исно ашар.

хулафоъи пас аз худро дувоздаҳ нафар шумурда ва ба анҳоъи мухталиф фармудааст: «يَكُونُ مِن بَعدِي اثنا عَشَرَ خَليفةً كُلُّهُم مِن قُرَيش»; <<Пас аз ман дувоздаҳ халифа хоҳанд буд ки ҳамашон аз Қурайшанд>> Ва таъкид намудааст ки Ислом бо такяҳ бар хилофати онон, то рӯзи қиёмат <<Муниъ>>, <<Азиз>>, <<Қоъим>>, <<Мозӣ>>, <<Зоҳир>>, <<Солеҳ>> ва <<Мустақим>> хоҳад буд ва ин мубтанӣ бар суннати Худованд дар умматҳои гузашта аст ки барои онон дувоздаҳ пешво қарор дода; Чунонки ба унвони намуна фармудааст: ﴿وَلَقَدْ أَخَذَ اللَّهُ مِيثَاقَ بَنِي إِسْرَائِيلَ وَبَعَثْنَا مِنْهُمُ اثْنَيْ عَشَرَ نَقِيبًا﴾;[1] <<Ва ҳароина Худованд паймони банӣ исроъилро гирифт ва аз онон дувоздаҳ пешво барангехта>> Ва рӯшан аст ки суннати Худованд дар умматҳои гузашта, дар ин уммат низ ҷорӣ аст ва тағйире намепазирад; Чунонки фармудааст: ﴿سُنَّةَ اللَّهِ فِي الَّذِينَ خَلَوْا مِن قَبْلُ ۖ وَلَن تَجِدَ لِسُنَّةِ اللَّهِ تَبْدِيلًا﴾;[2] <<Суннати Худованд дар касоне ки аз пеш гузаштанд чунин буд ва ҳаргиз барои суннати Худованд тағйире намеёбӣ>>! Аз инҷо диниста мешавад ки дувоздаҳ нафар аз аҳли байти Паёмбар ﷺ хулафоъи ӯ аз ҷониби Худованд ҳастанд; Зеро ин ҳосили ҷамъи ин хабари мутавотир бо хабари мутавотири сақалайн ва китоби Худованд аст ва ба илова, танҳо зомини муноъат, иззат, қиём, мазо, зуҳур, салоҳ ва истиқомати Ислом то рӯзи қиёмат шумурда мешавад; Бо таваҷҷуҳ ба инки чунин самароте, лузуман бо хилофати касоне ҳосил мешавад ки аз ҳар ақида ва амалӣ мухолиф бо Ислом піростаанд, на хилофати касе ки аз ҳар ақида ва амалӣ мухолиф бо Ислом пироста нестанд ва табъан ба иқтизои мухолифати эътиқодӣ ё амалашон бо Ислом, хоста ё нохоста дар муноъат, иззат, қиём, мазо, зуҳур, салоҳ ва истиқомати он ихлол мекунанд; Ҳамчунонки ҳукумати Умавиён ва Аббосиён бо номи хилофат, ба иқтизои мухолифати эътиқодӣ ва амалишон бо Ислом, ба ваҳн, зиллат, инҳитот ва инкисори Ислом анҷомид ва ин воқеъиятӣ мусаллам ва маҳсус аст. Бинобарин, дувоздаҳ халифаи Паёмбар ﷺ аз Қурайш, онҷо ки зомини муноъат, иззат, қиём, мазо, зуҳур, салоҳ ва истиқомати Ислом то рӯзи қиёмат шумурда мешаванд, ба таври қатъ аз

1. Моъида/ 12.
2. Аҳзоб/ 62.

аҳли байти ӯ ҳастанд; Зеро онон танҳо гурӯҳе аз Қурайшанд ки таҳораташон аз ҳар риҷсе ва ифтироқашон бо китоби Худованд то рӯзи қиёмат қатъи аст ва ба ҳамин эътибор, хилофаташон метавонад муҷиби муноъат, иззат, қиём, мазо, зуҳур, салоҳ ва истиқомати Ислом то рӯзи қиёмат бошад ва ин ҳақиқате аст ки ҳар муслмони мунсиф ва мутталеъӣ ба он гардан мениҳанд ва ҷуз касе ки дар торикиҳои ҷаҳл ва таъассуб фурӯ рафтааст ва аз Худованд ва рӯзи вопасин наметарсад, онро инкор намекунад.

Бо ин ҳол, гуфта намешавад ки аҳли байти Паёмбар ﷺ дастикам пас аз Алӣ ва фарзандаш Ҳасан, ба салтанат даст наёфтанд ва бо ин васф, муроди Паёмбар ﷺ аз дувоздаҳ халифааш, наметавонистааст онон бошад; Зеро халифа дар Ислом, касе нест ки ба салтанат даст ёфтааст, Чунонки ҳар кас ба салтанат даст меёбад халифа нест, бал касе аст ки Худованд ӯро барои хилофат гумошта, қатъи назар аз онки ба салтанат даст ёфта ё наёфта; Бо таваҷҷуҳ ба инки салтанат, ношӣ аз пазириши мардум аст, дар ҳоле ки хилофат ношӣ аз пазириши мардум нест, балки ношӣ аз пазириши Худованд аст ва рӯшан аст ки пазириши мардум, ҳамеша мунтабиқ бар пазириши Худованд нест ва бо ин васф, адами пазириши мардум, монъе аз пазириши Худованд намешавад ва аз ин рӯ, хилофат машрут ба салтанат нест, балки салтанат машрут ба хилофат аст; Ба ин маъно ки ҷуз аз халифаи Худованд дар замин пазируфтанӣ нест. Аз инҷо дониста мешавад ки на пазириши мардум барои касе хилофат эҷод мекунад ва на адами пазириши онон, хилофати касеро салб мекунад; Чароки мурод аз хилофат дар Ислом, интисоб аз ҷониби Худованд аст ва интисоб аз ҷониби Худованд, мутаъаллиқ ба пазириши мардум нест; Чунонки дувоздаҳ халифаи мавриди назари Паёмбар ﷺ, қатъан ба салтанати лозим даст наёфтаанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки муноъат, иззат, қиём, мазо, зуҳур, салоҳ ва истиқомати Ислом то рӯзи қиёмат, то кунун ҳосил нашуда ва ин воқеъияте аст ки билвиҷдон маълум аст.

Аз инҷо дониста мешавад ки ҳайрати аҳли ҳадис дар бораи

маънои ин хабари мутавотир, ношӣ аз таҷоҳули онон будааст; Ба ин маъно ки онон нахостаанд маънои онро бидонанд, на инки воқеъан маънои он донистани нест; Чароки мусалламан Паёмбар ﷺ бо ин хабар дар мақоми тарҳи муъаммо набуда, балки дар мақоми огоҳ сохтани мусалмонон аз чанду чуни хулафоъи пас аз худ будааст ва бо ин васф, агар ҳеҷ як аз асҳоби ӯ маънои ин хабарро намедонистанд, бар онон воҷиб буд ки дарборааш аз он Ҳазрат бипурсанд ва агар ҳеҷ як аз онон, бо вуҷуди ноогоҳӣ аз маънои ин хабар, дар борааш аз он Ҳазрат напурсид, мусалламан бар он Ҳазрат воҷиб буд ки худ маънои онро барои онон тавзиҳ диҳад ва аз инҷо дониста мешавад ки асҳоби он Ҳазрат маънои ин ҳадисро медонистанд ва табъан он Ҳазрат маънои онро барои онон тавзиҳ дода буд ва гувоҳи ин ҳақиқат, ғавғои онон пас аз шунидани он аст ки монеъ аз шунида шудани бахшӣ аз сухани он Ҳазрат шуд ва бо ин васф, ҳайрат дар бораи маънои он, дар қарнҳои баъди ва ба дунболи ҳокимияти касоне ҷуз аҳли байти Паёмбар ﷺ бо теъдодӣ бештар аз дувоздаҳ нафар ва ақойид ва аъмолӣ мухолифи бо Ислом, падид омада ва ношӣ аз таҷоҳил нисбат ба ахбори қатъии Худованд ва Паёмбараш дар бораи аҳли байт будааст. Ба Худованд паноҳ мебарем аз кетмони ҳақ ки монанди кори коҳинони яҳуд аст ва муҷиби лаънати Худованд ва лаънати ҳамаи лаънат кунандагон мешавад; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يَكْتُمُونَ مَا أَنْزَلْنَا مِنَ الْبَيِّنَاتِ وَالْهُدَىٰ مِنْ بَعْدِ مَا بَيَّنَّاهُ لِلنَّاسِ فِي الْكِتَابِ ۙ أُولَٰئِكَ يَلْعَنُهُمُ اللَّهُ وَيَلْعَنُهُمُ اللَّاعِنُونَ﴾;[1] <<Бегумон касоне ки рӯшаниҳо ва ҳидояте ки нозил кардемро пас аз онки барои мардум дар китоб рӯшан сохтем кетмон мекунанд, ононро Худованд лаънаташон мекунад ва ҳамаи лаънат кунандагон лаънаташон мекунанд>>!

## [Лузуми эҳтиром ба асҳоби Паёмбар]

Ҳосил онки ба таври қатъ, Алӣ, Ҳасан ва Ҳусейн, се халифа аз дувоздаҳ халифаи Паёмбар ﷺ ҳастанд ва пас аз Ҳусейн, нӯҳ нафар аз фарзандони ӯ, яке паси дигарӣ бинобар қоъидаи ﴿ذُرِّيَّةً بَعْضُهَا مِنْ بَعْضٍ﴾;[2] <<Фарзандоне ки бархӣ аз бархӣ дигаранд>> Халифаи Паёмбар ﷺ шумурда мешаванд ва ин муқтазои

1. Бақара/ 159.
2. Оли Имрон/ 34.

китоби Худованд ва ахбори мутавотири Паёмбар ﷺ аст, бе онки мусталзими бе эҳтироми ба касоне аз асҳоби Паёмбар ﷺ бошад ки пас аз он Ҳазрат ба ҳукумат даст ёфтанд; Зеро савобиқи некуӣ онон дар Ислом, муҷиби гумони неку ба онон аст ва гумони неку ба онон ин аст ки аз ин ҳақиқат огоҳӣ надоштанд ё онро фаромуш карданд ва агар воқеъият хилофи ин бошад низ онон масъули кори хешанд ва дигарон масъули кори хешанд ва муслмонони пасин аз коре ки мусалмонони пешин карданд, бозхост намешаванд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿تِلْكَ أُمَّةٌ قَدْ خَلَتْ ۖ لَهَا مَا كَسَبَتْ وَلَكُمْ مَا كَسَبْتُمْ ۖ وَلَا تُسْأَلُونَ عَمَّا كَانُوا يَعْمَلُونَ﴾;[1] <<Онон гурӯҳе буданд ки дар гузаштанд, барои онон чизе аст ки касб карданд ва барои шумо чизе аст ки касб кардед ва шумо аз коре ки онон мекарданд бозхост намешавед>>! Бо ин васф, муҷодила дар бораи кори онон ва ниёте ки доштанд, зарурӣ нест; Чароки Худованд ба кори онон ва ниёташон донотар аст ва ҳар касе дар гарави кор ва нияти хеш аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿كُلُّ نَفْسٍ بِمَا كَسَبَتْ رَهِينَةٌ﴾;[2] <<Ҳар касе дар гарави чизе аст ки касб кард>>! Балки мумкин аст гумони бад дар бораи онон, гуноҳ бошад; Чароки онон ба сабаби савобиқи некушон дар Ислом, ба гумони неку сазовортаранд ва Худованд аз бисёрӣ гумонҳои бад наҳӣ карда ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اجْتَنِبُوا كَثِيرًا مِنَ الظَّنِّ إِنَّ بَعْضَ الظَّنِّ إِثْمٌ﴾;[3] <<Эй касоне ки имон овардид! Аз бисёрӣ гумонҳо худдорӣ кунед; Чароки бархӣ гумонҳо гуноҳанд>>; Балки ба гумони неку дар бораи мусалмонон амр карда ва фармудааст: ﴿لَوْلَا إِذْ سَمِعْتُمُوهُ ظَنَّ الْمُؤْمِنُونَ وَالْمُؤْمِنَاتُ بِأَنْفُسِهِمْ خَيْرًا وَقَالُوا هَٰذَا إِفْكٌ مُبِينٌ﴾;[4] <<Чаро ҳангоме ки онро шунидед, мардон ва занони мӯъмин дар бораи якдигар некиро гумон набурданд ва нагуфтанд ки ин бӯҳтонӣ ошкор аст?!>>; Ҳамчунонки талаби омӯрзиш барои мусалмонони пешин шойиста аст ва кинаҳ доштанд аз онон шойиста нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ جَاءُوا مِنْ بَعْدِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا اغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَانِنَا الَّذِينَ سَبَقُونَا بِالْإِيمَانِ وَلَا تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِلَّذِينَ آمَنُوا رَبَّنَا إِنَّكَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ﴾;[5] <<Ва касоне ки пас аз онон омаданд мегӯянд: Парвардигоро! Мо ва бародаронамон ки бар мо дар имон пешӣ гирифтандро биёмӯрз ва дар дилҳомон кинае аз касоне ки имон

1. Бақара/ 134.
2. Муддасир/ 38.
3. Ҳуҷарот/ 12.
4. Нур/ 12.
5. Ҳашр/ 10.

оварданд қарор надеҳ! Парвардигоро! Бегумон Ту бо раъфат ва меҳрабонӣ>>! Бинобарин, боиста аст ки корҳои асҳоби Паёмбар ﷺ ва мусалмонони нахустин, бар некутарин ваҷҳи мумкин ҳамл шавад; Монанди инки истинкофи онон аз байъат бо аҳли байт, бар хатои онон аз рӯи ҷаҳолат ё ғафлат ё нисён ё аҷала ё тарс аз золимон ҳамл шавад, на иртидод ва нифоқ ва адоват бо Ислом; Ҳар чанд ҳамли корҳои онон бар ваҷҳи ғайри мумкин, дурӯғ аст ва ҷойиз нест; Монанди инки байъати онон бо ҳокимоне ҷуз аҳли байт, бар адами вуҷуби байъати онон бо аҳли байт ҳамл шавад ки муҳол аст, ё муҳорибаи онон бо ҳокимоне аз аҳли байт, бар ҷавози муҳорибае бо аҳли байт агар чи бар мабнои иҷтиҳод ҳамл шавад ки муҳол аст, ё иртикоби кабоъирӣ назири қатл ва зино ва шурби хамр тавассути онон, бар имкони иҷтиҳод дар ин қабил умур ҳамл шавад ки муҳол аст, ё судури бағй ва зулм ва фаҳшо ва мункар аз онон, қобили ҷамъ бо адолати онон шумурда шавад ки маҳол аст; Бо таваҷҷуҳ ба ин воқеъият ки ҳеҷ кас ҷуз Худованд пироста нест, магар касе ки Худованд ӯро пироста шумурда ва бо ин васф, пироста шумурдани касоне ки Худованд ононро пироста нашумурдааст, ҷойиз нест; Чунонки фармудааст: ﴿أَلَمْ تَرَ إِلَى الَّذِينَ يُزَكُّونَ أَنْفُسَهُمْ ۚ بَلِ اللَّهُ يُزَكِّي مَنْ يَشَاءُ وَلَا يُظْلَمُونَ فَتِيلًا﴾;[1] <<Оё касоне ки якдигарро пироста мешуморанд надидӣ?! Балки Худованд ҳар касро бихоҳад пироста мешуморад ва ҳеҷ ситаме ба онон намешавад>>; Чунонки аҳли байти Паёмбарашро пироста шумурда ва фармудааст: ﴿إِنَّمَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنْكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيرًا﴾;[2] <<Ҷуз ин нест ки Худованд ирода дорад то ҳар гуна нопокиро аз шумо аҳли байт бизадояд ва шуморо ба таври комил пироста гардонад>> Ва касе ҷуз ононро пироста нашумурда ва фармудааст: ﴿فَلَا تُزَكُّوا أَنْفُسَكُمْ ۖ هُوَ أَعْلَمُ بِمَنِ اتَّقَىٰ﴾;[3] <<Якдигарро пироста нашуморед; Ӯ ба касе ки тақво пеша кард донотар аст>>! Бо ин васф, касоне ки асҳоби Паёмбар ﷺ ро аз лағзишҳошон пироста мешуморанд, танҳо худро мефиребанд ва воқеъиятро тағйир намедиҳанд; Ҳамчунонки тавҳин кунандагони ба онон ба сабаби лағзишҳошон, ба онон зиёне намерасонанд ва танҳо худро гуноҳкор месозанд; Зеро тавҳин дар Ислом, агар чи ба

1. Нисоъ/ 49.
2. Аҳзоб/ 33.
3. Наҷм/ 32.

касоне бошад ки ба ҷои Худованд парастиш мешаванд, ҳаром аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا تَسُبُّوا الَّذِينَ يَدْعُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ فَيَسُبُّوا اللَّهَ عَدْوًا بِغَيْرِ عِلْمٍ﴾;[1] <<Ва ба касоне ки ҷуз Худованд мехонанд тавҳин накунед, мабодо ба Худованд нодониста тавҳин кунанд>> Ва бо ин васф, тавҳин кунандагони ба асҳоби Паёмбар ﷺ ба сабаби лағзишҳошон, монанди тавҳин кунандагони ба сойири мусалмонон, ҳаргоҳ бар он исрор дошта бошанд, фосиқ ва золиманд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا تَلْمِزُوا أَنْفُسَكُمْ وَلَا تَنَابَزُوا بِالْأَلْقَابِ ۖ بِئْسَ الِاسْمُ الْفُسُوقُ بَعْدَ الْإِيمَانِ ۚ وَمَنْ لَمْ يَتُبْ فَأُولَٰئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ﴾;[2] <<Ва аз якдигар айб наҷӯйед ва якдигарро бо алқоби зишт ёд накунед, бад номе аст фисқ пас аз имон ва ҳар кас тавба накунад, онон ҳамоно золимонанд>>; Ҳар чанд қоидатан ба сабаби ин гуноҳи бузург, кофир шумурда намешаванд.

## [Маҳдӣ вопасин халифаи Паёмбар]

Ба ҳар ҳол, сарфи назар аз онки дувоздаҳ халифаи Паёмбар ﷺ аз аҳли байти ӯ чи касоне будаанд, дар бораи вопасини онон миёни мусалмонон ихтилофе нест ва ӯ марде ҳамноми Паёмбар ﷺ аз насли Фотима ва Ҳусейн аст ки ба ӯ <<Маҳдӣ>> гуфта мешавад[3] ва пас аз пур шудани замин аз зулм ва ҷавр, зуҳур мекунад ва онро аз адл ва қист пур мегардонад; Чароки беш аз чиҳл нафар аз асҳоби Паёмбар ﷺ монанди Абдуллоҳ ибни

1. Анъом/ 108.
2. Ҳуҷарот/ 11.
3. Албатта дар хабарӣ воҳид (Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с311), ба ҷои <<Ҳусейн>> аз <<Ҳасан>> ёд шуда ки эҳтимолан тасҳиф аст; Чунонки дар нусхаҳои он ихтилоф вуҷуд дорад ва дар бархӣ аз онҳо <<Ҳусейн>> ёд шудааст (нигоҳ кун ба: Қундузӣ, Янобиул мавадда, ҷ3, с259 ба нақли аз сунани абӣ Довуд). Фориғ аз инки санади он мунқатиъ ва заъиф аст (нигоҳ кун ба: Баставӣ, Мавсуъату фий аҳодисил Маҳдӣ Ал-заъифатил вал мавзуъа, с347) ва матни он бо ахбори дигаре ки Маҳдиро аз зурияи <<Ҳусейн>> шумурдаанд, таъоруз дорад (нигоҳ кун ба: Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с230; Ибни Уқда, Фазоилу амирул мӯъминин, с25; Мақдисӣ, Иқдуддурар, с24, 32 ва 223; Ибни Сабоғ, Ал-Фасвул муҳимма, ҷ2, с1114) ва бо ин васф, наметавон онро ноқизи қоъидаи Қуръонӣ ва ақлӣ дар бораи авлавияти фарзандон бар бародарзодагон шумурд. Оре, дар сурате ки Маҳдӣ аз тариқи абу Ҷаъфарӣ Муҳаммад ибни Алии Боқир ба <<Ҳусейн>> бирасад, аз насли <<Ҳасан>> низ шумурда мешавад; Чароки модари абу Ҷаъфар, Фотима духтари Ҳасан буд (нигоҳ кун ба: Ибни Саъд, Ал-Табақотул кубро, ҷ5, с320; Билозарӣ, Ансобул ашроф, ҷ3, с147; Фахруддини Розӣ, Ашаҷарату муборака фий ансобил толибия, с73) ва бо ин васф, метавон Маҳдиро аз тарафи падар Ҳусейнӣ ва аз тарафи модар Ҳасанӣ донист ва ба ин шева, миёни ахбор ва ақвол ҷамъ намуд.

Маъсуд,[1] Талҳа ибни Абдуллоҳ,[2] Абдурраҳмон ибни Авф,[3] Абдуллоҳ ибни Аббос,[4] Абдуллоҳ ибни Умар,[5] Ҷобир ибни Абдуллоҳ,[6] Ҳузайфа ибни Ямон,[7] Аммор ибни Ёсир,[8] Анас ибни Молик,[9] Имрон ибни Ҳасин,[10] Авф ибни Молик,[11] Абу Аюби Ансорӣ,[12] Абу Саъиди Худрӣ,[13] Салмони Форсӣ,[14] Ҷобири Садафӣ,[15] Абу Ҳурайра,[16] Абу Амома,[17] Савбон,[18]

1. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ8, с678; Муснади Аҳмад, ҷ1, с377; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с309; Сунанул Тирмизӣ, ҷ3, с343; Сунани ибни Моҷа, ҷ2, с1366; Саҳиҳ ибни Ҳиббон, ҷ13, с284 ва ҷ 15, с238; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мутадрак, ҷ4, с442 ва 464; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ10, с133, 134, 135, 136 ва 137.
2. Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ5, с60; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ7, с316.
3. Мқдусӣ, Иқдуддурар, с16.
4. Абдурразоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ11, с373; Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ8, с678; Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с125; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мстадрак, ҷ4, с514; Мутақии Ҳиндӣ, Канзул уммол, ҷ13, с513; Мақдисӣ, Иқдуддурар, с19, 39, 137, 146 ва 148.
5. Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ4, с256; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ7, с317; Мақдисӣ, Иқдуддурар, с29, 31, 32 ва 64.
6. Абдурразоқ, Ал-Мусаннф, ҷ11, с372; Муснади Аҳмад, ҷ3, с345; Саҳиҳул Муслим, ҷ1, с95 ва ҷ 8, с185; Саҳиҳ ибни Ҳиббон, ҷ15, с75 ва 231; Байҳақӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ9, с180; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ4, с454; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ9, с39.
7. Мақдисӣ, Иқдуддурар, с17, 18, 31, 34, 35, 63, 81, 136 ва 232; Мутақии Ҳиндӣ, Канзул уммол, ҷ14, с265.
8. Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с189 ва 209; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ10 , с68; Мутақии Ҳиндӣ, Канзул уммол, ҷ14, с271; Мақдисӣ, Иқдуддурар, с66.
9. Сунани ибни Моҷа, ҷ2, с1368; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ3, с211; Мақдисӣ, Иқдуддурар, с144.
10. Мақдисӣ, Иқдуддурар, с35.
11. Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ18, с51; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ7, с323; Мутақии Ҳиндӣ, Канзул уммол, ҷ11, с184.
12. Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул сағир, ҷ1, с37; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ9, с166; Мақдисӣ, Иқдуддурар, с25.
13. Абдурразоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ11, с374; Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ8, с678; Муснади Аҳмад, ҷ3, с17, 21, 28, 36, 48 ва 52; Саҳиҳул Муслим, ҷ8, с185; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с310; Сунанул Тирмизӣ, ҷ3, с343; Муснади абӣ Яъло, ҷ2, с275, 356 ва 367; Саҳиҳи ибни Ҳаббон, ҷ15, с236; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мутадрак, ҷ4, с465, 557 ва 558; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ9, с176.
14. Мақдисӣ, Иқдуддурар, с24 ва 32; Табарсӣ, Эълому ул варо, ҷ2, с180.
15. Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с67, 237 ва 238; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул кабир, ҷ22, с375; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ5, с190; Мутақии Ҳиндӣ, Канзул уммол, ҷ14, с274.
16. Абдурразоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ11, с400; Саҳиҳул Бухорӣ, ҷ4, с143; Саҳиҳул Муслим, ҷ1, с94; Саҳиҳ ибни Ҳаббон, ҷ13, с283; Сунани ибни Моҷа, ҷ2, с928; Муснади абӣ Яъло, ҷ12, с19; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ4, с520; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул авсат, ҷ5, с195.
17. Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с346; Табаронӣ, Муснаду Шомийин, ҷ2, с410; Ҳейсамӣ, Маҷмаъуз-завоъид, ҷ7, с318; Мутақии Ҳиндӣ, Канзул уммол, ҷ14, с268.
18. Муснади Аҳмад, ҷ5, с277; Сунани ибни Моҷа, ҷ2, с1367; Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с188; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ4, с463 ва 502.

Умми Салама,[1] Оиша,[2] ва дигарон, хабари ӯро барои даҳҳо нафар аз тобиъони худ ва ба воситаи онон барои садҳо нафар аз мусалмонон, аз он Ҳазрат ривоят кардаанд ва бисёрӣ аз аъимаи ҳадис, монанди Тирмизӣ (д.279қ), Ибрӣ (д.363қ), Ҳоким (д.405қ), Байҳақӣ (д.458қ), Бағавӣ (д.510қ), Ибни Асир (д.630қ), Қуртубӣ (д.671қ), Маззӣ (д.742қ), Заҳабӣ (д.748қ), Ҳейсамӣ, (д.807қ), Саховӣ (д.902қ), Суютӣ (д.911қ), Ибни Ҳаҷар (д.974қ), Каттонӣ (д.1345қ), Албонӣ (д.1420қ) ва дигарон, ба сиҳат ва тавотури он тасриҳ намудаанд[3] ва бисёрӣ аз онон, Монанди Ибни абӣ Хейсам (д.279қ), Ибни Ҳаммод (д.288қ), Ибни Мунодӣ (д.336қ), Ибни Наъим (д.430қ), Абдулғанӣ (д.600қ), Ҳемавӣ (д.650қ), Канҷӣ (д.658қ), Ибни Қаййим (д.685қ), Ибни Касир (д.774қ), Суютӣ (д.911қ), Ибни Ҳаҷар (д.974қ), Шавконӣ (д.1250қ) ва дигарон, дар бораи он кутуби мустақилле нигоштаанд ва мазмуни он, мувофиқ бо ваъдаи Худованд дар Қуръон аст ки фармудааст: ﴿وَلَقَدْ كَتَبْنَا فِي الزَّبُورِ مِنْ بَعْدِ الذِّكْرِ أَنَّ الْأَرْضَ يَرِثُهَا عِبَادِيَ الصَّالِحُونَ﴾;[4] <<Ва ҳароина дар Забур пас аз Таврот навиштем ки заминро бандагони солеҳам ворис хоҳан шуд>> Ва фармудааст: ﴿وَنُرِيدُ أَنْ نَمُنَّ عَلَى الَّذِينَ اسْتُضْعِفُوا فِي الْأَرْضِ وَنَجْعَلَهُمْ أَئِمَّةً وَنَجْعَلَهُمُ الْوَارِثِينَ﴾;[5] <<Ва ирода дорем бар касоне ки дар замин заъиф шумурда шуданд миннат ниҳем ва ононро пешвоёне қарор диҳем ва ононро ворисон қарор диҳем>> Ва фармудааст: ﴿وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنْكُمْ وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ لَيَسْتَخْلِفَنَّهُمْ فِي الْأَرْضِ كَمَا اسْتَخْلَفَ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمْ دِينَهُمُ الَّذِي ارْتَضَىٰ لَهُمْ وَلَيُبَدِّلَنَّهُمْ مِنْ بَعْدِ خَوْفِهِمْ أَمْنًا ۚ يَعْبُدُونَنِي لَا يُشْرِكُونَ بِي شَيْئًا ۚ وَمَنْ كَفَرَ بَعْدَ ذَٰلِكَ فَأُولَٰئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ﴾;[6] <<Худованд ба касоне аз шумо ки имон оварданд ва корҳои шойиста карданд ваъда дод ки ҳатман ононро дар замин халифа гардонад ҳамон тавр ки гузаштагони ононро халифа сохт ва ҳатман динашонро ки барояшон писандид, бароняшон ба мекнат расонд ва ҳатман пас аз тарсашон ононро амният бахшад

1. Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ8, с609; Муснади ибни Роҳувей, ҷ4, с122; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с310; Сунани ибни Моҷа, ҷ2, с1368; Муснади абӣ Яъло, ҷ12, с370; Саҳиҳи ибни Ҳаббон, ҷ15, с158; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ4, с431 ва 557; Табаронӣ, Алмӯъҷамул кабир, ҷ23, с267 ва 296.

2. Саҳиҳул Муслим, ҷ8, с168; Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, с229; Мақдисӣ, Иқдуддурар, с16 ва 67.

3. Барои огоҳӣ аз тафосил ва мавориди ин тасриҳот, нигоҳ кун ба: Марказул рисолаҳ, Ал-Маҳдиюл мунтазар фил фикрил Исломия.

4. Анбиё/ 105.

5. Қасос/ 5.

6. Нур/ 55.

то Манро бипарастанд ва чизеро бо Ман шарик насозанд ва ҳар кас пас аз он куфр варзад онон ҳамон фосиқон хоҳан буд>> Ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا مَنْ يَرْتَدَّ مِنْكُمْ عَنْ دِينِهِ فَسَوْفَ يَأْتِي اللَّهُ بِقَوْمٍ يُحِبُّهُمْ وَيُحِبُّونَهُ أَذِلَّةٍ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى الْكَافِرِينَ يُجَاهِدُونَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوْمَةَ لَائِمٍ ۚ ذَٰلِكَ فَضْلُ اللَّهِ يُؤْتِيهِ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ﴾;[1] <<Эй касоне ки имон овардед! Ҳар касе аз шумо аз дини худ баргардад пас дар оянда Худованд гурӯҳеро меоварад ки ононро дӯст медорад ва онон Ӯро дӯст медоранд, бар мӯъминон фурутананд ва бар кофирон сарсахтанд, дар роҳи Худованд ҷиҳод мекунанд ва аз маломати маломатгаре намеҳаросанд! Он фазли Худованд аст ки ба ҳар касе мехоҳад медиҳад ва Худованд гушояндаи доност>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки мустафоди аз он, ҳатмияти истелоъи бархӣ бандагони мӯъмин, солеҳ, мустазъаф, маҳбуб, муҷоҳид, меҳрабон ва шуҷоъи Худованд бар ҷаҳон дар оянда аст ва Маҳдӣ бинобар авсофе ки дар хабари мутавотири Паёмбар ﷺ барояш зикр шуда, намунаи комиле аз чунин бандагоне аст ва бо ин васф, истелоъи ӯ бар ҷаҳон дар оянда, бинобар ваъдаи Худованд дар Қуръон ҳатмӣ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّ وَعْدَ اللَّهِ حَقٌّ ۖ﴾;[2] <<Эй мардум! Бегумон ваъдаи Худованд ҳақ аст>> Ва фармудааст: ﴿وَعْدَ اللَّهِ ۖ لَا يُخْلِفُ اللَّهُ وَعْدَهُ﴾;[3] <<Ваъдаи Худованд аст ва Худованд ҳаргиз ваъдаи худро хилоф намекунад>> Ва фармудааст: ﴿فَلَا تَحْسَبَنَّ اللَّهَ مُخْلِفَ وَعْدِهِ رُسُلَهُ ۗ﴾;[4] <<Пас Худовандро гумон набар ки ваъдааш ба Паёмбаронашро хилоф кунанда бошад>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّمَا تُوعَدُونَ لَصَادِقٌ﴾;[5] <<Ҳароина чизе ки ваъда дода мешавед, ҳатман рост аст>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّمَا تُوعَدُونَ لَوَاقِعٌ﴾;[6] <<Ҳароина чизе ки ваъда дода мешавед, ҳатман воқеъ мешавад>>! Бо ин васф, шойиста аст ақида ба ҳатмияти зуҳури Маҳдӣ ба унвони халифаи Худованд дар замин ва касе аз аҳли байти Паёмбар ﷺ ки заминро бо иқомаи Исломи комил ва холис аз адолат ва қист пур мекунад, аз мусалламоти Ислом шумурда шуда ва мавриди иҷмоъи мусалмонон бошад, то мабное барои ваҳдати онон дар оянда ба шумор равад.

1. Моъида/ 54.
2. Фотир/ 5.
3. Рум/ 6.
4. Иброҳим/ 47.
5. Зориёт/ 5.
6. Мурсалот/ 7.

## [Зоҳир набудани Маҳдӣ дар замин ва зарурати зуҳури ӯ]

Ин дар ҳоле аст ки то кунун замин аз адолат ва қист пур нашуда ва ин ба маънои он аст ки то кунун Маҳдӣ зуҳур накарда ва касоне ки мепиндоранд ӯ зуҳур кардааст, дар иштибоҳанд. Албатта мурод аз зуҳур ӯ, танҳо дастрасӣ мардум ба ӯ нест, балки истелоъи ӯ бар замин аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَا قَوْمِ لَكُمُ الْمُلْكُ الْيَوْمَ ظَاهِرِينَ فِي الْأَرْضِ﴾;[1] <<Эй қавм! Имрӯз ҳукумат барои шумост дар ҳоле ки зоҳир дар замин ҳастед>> Ва фармудааст: ﴿فَأَيَّدْنَا الَّذِينَ آمَنُوا عَلَى عَدُوِّهِمْ فَأَصْبَحُوا ظَاهِرِينَ﴾;[2] <<Пас касоне ки имон овардандро бар душманашон ёрӣ кардем, пас зоҳир гардиданд>> Ва рӯшан аст ки зуҳури ӯ ба маънои истилоъи ӯ бар замин дар пайи дастрасии мардум ба ӯ, барои таҳаққуқи ваъдаи Худованд ва Паёмбараш зарурӣ аст; Зеро мустафод аз ваъдаи онҳо ин аст ки замин то пеш аз зуҳури Маҳдӣ аз зулм пур мешавад ва аз адолат пур намешавад ва ин ба маънои адами таҳаққуқи ҳокимияти Худованд бар замин то пеш аз зуҳури Маҳдӣ аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки агар ҳокимияти Худованд бар замин то пеш аз зуҳури Маҳдӣ муҳаққақ мешуд, замин то пеш аз зуҳури Маҳдӣ аз зулм пур намешуд, балки аз адолат пур мешуд; Чароки Худованд одил аст ва таҳаққуқи ҳокимияти Ӯ бар замин, ба маънои таҳаққуқи ҳокимияти адолат бар он аст; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ﴾;[3] <<Ҳароина Худованд ба адолат амр мекунад>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ﴾;[4] <<Ҳароина Худованд адолатпешагонро дӯст медорад>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا اللَّهُ يُرِيدُ ظُلْمًا لِلْعَالَمِينَ﴾;[5] <<Ва Худованд зулмеро барои ҷаҳониён намехоҳад>>! Бал ҳақ он аст ки пур шудани замин аз адолат, ҷуз дар сурати таҳаққуқи ҳокимияти Худованд бар он мумкин нест; Чароки адолат ба маънои қарор додани ҳар чизе дар ҷои худ аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳар чизе дар ҷаҳон, андозаи хосси худро дорад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّا كُلَّ شَيْءٍ خَلَقْنَاهُ

1. Ғофир/ 29.
2. Саф/ 14.
3. Наҳл/ 90.
4. Моъида/ 42.
5. Оли Имрон/ 108.

﴿بِقَدَرٍ﴾;[1] <<Ҳароина Мо ҳар чизеро бо андозае халқ кардем>> Ва фармудааст: ﴿قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا﴾;[2] <<Худованд барои ҳар чизе андозае қарор додааст>> Ва фармудааст: ﴿وَكُلُّ شَيْءٍ عِنْدَهُ بِمِقْدَارٍ﴾;[3] <<Ва ҳар чизе дар назди Ӯ ба андозае аст>> Ва табъан ҳар чизе дар ҷаҳон, ба андозаи хосси худ ҷойе дорад ки мутаносиб бо ӯст ва мутаносиб бо чизҳои дигар нест ва аз ин рӯ, ҳақ дорад ки дар ҷои худ қарор гирад, ҳамчунонки ҳаққи қарор гирифтан дар ҷоҳои дигаронро надорад ва бо ин васф, қарор гирифтани ӯ дар ҷои худаш адолат шумурда мешавад ва ба ислоҳи ҷаҳон кӯмак мекунад, ҳамчунонки қарор гирифтани ӯ дар ҷоҳои дигарон, зулм шумурда мешавад ва ба фасоди ҷаҳон доман мезанад; Бо таваҷҷуҳ ба инки чизҳои мавҷуд дар ҷаҳон, аз якдигар мунқатиъ ва мустақил нестанд, балки ба якдигар муттасил ва вобастаанд ва аз якдигар асар мепазиранд ва бар якдигар асар мегузоранд ва бо ин васф, ҳар як аз онҳо ки аз ҷои худ хориҷ шавад, хоста ё нохоста ҷои яке дигар аз онҳоро ишғол мекунад ва табъан яке дигар аз онҳо ки ҷояшро ишғол кардаастро во медорад ки аз ҷои худ хориҷ бошад ва хоста ё нохоста ҷои яке дигар аз онҳоро ишғол кунад ва ин занҷираи зулм аст ки идома меёбад, то ҷойе ки ҳамаи ҷаҳонро аз зулм пур мекунад ва табъан ба фасод мекашад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿ظَهَرَ الْفَسَادُ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ بِمَا كَسَبَتْ أَيْدِي النَّاسِ﴾;[4] <<Фасод дар хушки ва дарё ба сабаби чизе ки дастҳои мардум фароҳам овард, муставлӣ шуд>>! Бинобарин, зулм монанди тоъун сироят мекунад ва монанди қорч таксир мешавад ва аз як чиз ба ду чиз ва аз ду чиз ба чаҳор чиз ва аз чаҳор чиз ба ҳашт чиз ва ба ҳмин тартиб то ҳама чиз густариш меёбад ва бо ин васф, адолат танҳо ҳангоме муҳаққақ мешавад ки ҳамаи зулм дар замин аз миён биравад, на инки танҳо бахше аз он нобуд гардад; Зеро то ҳангоме ки бахше аз зулм дар замин вуҷуд дорад, ба ҳамаи замин мунташир мешавад, монанди оташи кучак дар анбори коҳ ки ба сурат ҳамаи онро фаро мегирад; Ҳамчунонеки ҳамаи замин, маҷмуъаи воҳид ва мунсаҷам аст ва сарзаминҳои

1. Қамар/ 49.
2. Талоқ/ 3.
3. Раъд/ 8.
4. Рум/ 41.

он ба якдигар пайваста ва вобастаанд ва агар дар сарзамине аз он золиме вуҷуд дошта бошад, сарзаминҳои дигари он ба зулм кашида мешаванд ва бо ин васф, адолат ё дар ҳамаи ҷо падид меояд ва ё дар ҳеҷ ҷо падид намеояд ва адолати нисбӣ ва табъизӣ мумкин нест.

Аз инҷо дониста мешавад ки адолат, ба маънои қарор додани ҳар чиз дар ҷои худ аст, на қарор додани бархӣ чизҳо дар ҷои худ бидуни қарор додани бархӣ дигар ва рӯшан аст ки чунин коре, ҷуз барои Худованд мумкин нест; Чароки танҳо холиқи ҳамаи чиз дар ҷаҳон, аз ҳама чиз ва андоза ва ҷои он дар ҷаҳон огоҳӣ дорад ва табъан метавонад ҳамаи онҳоро дар ҷои худ қарор диҳад ва адолатро падид оварад, дар ҳоле ки дигарон, аз ҳама чиз ва андоза ва ҷои он дар ҷаҳон огоҳӣ надоранд ва табъан ҳар чанд бихоҳанд ва кӯшиш кунанд, наметавонанд ҳамаи онҳоро дар ҷои худ қарор диҳанд ва адолатро падид оваранд ва бо ин васф, муҳаққақ сохтани адолат аз ӯҳдаи онон хориҷ аст ва бар ӯҳдаи Худованд қарор дорад; Ба ин маъно ки вазифаи Ӯст ки муҳаққақ сохтани адолатро барои онон мумкин кунад, то онон ба сабаби маҳрумияташон аз адолат ва табъоти ҳувлноки он, бар Ӯ ҳуҷҷате надошта бошанд ва ҳуҷҷат ҳамвора барои Худованд бошад; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ فَلِلَّهِ الْحُجَّةُ الْبَالِغَةُ ۖ فَلَوْ شَاءَ لَهَدَاكُمْ أَجْمَعِينَ﴾;[1] <<Бигӯ пас ҳуҷҷати расида ҳамвора барои Худованд аст, пас агар мехост ҳамаятонро ҳидоят мекард>> Ва Худованд ин корро аз тариқи қарор додани халифае аз ҷониби худ дар замин анҷом медиҳад ки ӯро ба ҳама чиз ва андоза ва ҷои он дар ҷаҳон, ҳидоят кардааст, то битавонад ба хилофат аз ҷониби Ӯ, ҳамаи онҳоро дар ҷои худ қарор диҳад ва адолатро падид оварад ва ӯ ба эътибори бархурдорӣ аз ин ҳидояти Худованд, <<Маҳдӣ>> номида мешавад; Чароки аз ҷониби Худованд, ба ҳама чиз ва андоза ва ҷои он дар ҷаҳон ҳидоят ёфтааст.

## [Иллати зоҳир набудани Маҳдӣ дар замин]

Аз инҷо дониста мешавад ки ғарази Худованд аз қарор додани Маҳдӣ дар замин, таҳаққуқи адолат дар он аст; Чароки

1. Анъом/ 149.

ӯ ҷонишини Паёмбарон аст ва Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ﴾;[1] <<Ҳароина Паёмбаронамонро бо нишонаҳои рӯшан фиристодем ва ба ҳамроҳи онон китоб ва меъёр нозил кардем то мардумон ба адолат бархезанд>> Ва рӯшан аст ки таҳаққуқи адолат дар замин, бо зоҳир будани Маҳдӣ дар он мумкин аст ва бо ин васф, зоҳир набудани Маҳдӣ дар он, ба Худованд нисбат дода намешавад; Чароки дар таноқуз бо ғарази Ӯст ва таноқуз дар ағрози Ӯ муҳол аст; Чунонки фармудааст: ﴿مَا يُبَدَّلُ الْقَوْلُ لَدَيَّ وَمَا أَنَا بِظَلَّامٍ لِلْعَبِيدِ﴾;[2] <<Сухан дар назди Ман ду гуна намешавад ва Ман ба бандагон зул кунанда нестам>>! Ба илова, зоҳир набудани Маҳдӣ дар замин, монеъ аз таҳаққуқи адолат дар он аст, дар ҳоле ки эҷоди монеъ аз таҳаққуқи адолат дар он, зулм аст ва зулм ба Худованд нисбат дода намешавад. Тавзеҳ онки зоҳир набудани Маҳдӣ дар замин, ба сабаби адами вуҷуди муқтазӣ барои он нест; Чароки муқтазӣ барои он, лузуми таҳаққуқи адолат дар замин ва тавққуфи он бар зуҳури Маҳдӣ аст ки вуҷуд дорад ва бо ин васф, зоҳир набудани ӯ дар замин, ба сабаби вуҷуди монеъӣ барои зуҳури ӯст ва ин монеъ, ҳар чи ҳаст, наметавонад баромада аз ирода ва иқдоми ибтидоии Худованд бошад; Чароки ирода ва иқдоми ибтидоӣ ба он, ҷилавгирӣ аз таҳаққуқи адолат аст ва ирода ва иқдоми ибтидоӣ ба зулм шумурда мешавад ва чунин коре, аз Худованд нашъат намегирад; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا رَبُّكَ بِظَلَّامٍ لِلْعَبِيدِ﴾;[3] <<Ва Парвардигорат ба бандагон зулм кунанда нест>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا يَظْلِمُ رَبُّكَ أَحَدًا﴾;[4] <<Ва Парвардигорат ба аҳаде зулм намекунад>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يَظْلِمُ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ﴾;[5] <<Бегумон Худованд ба андозаи заррае зулм намекунад>>! Ҳамчунонки чунин коре, наметавонад баромада аз ирода ва иқдоми муштараки Ӯ бо дигарон бошад; Зеро коре ки аз Ӯ ба сурати мустақил нашъат намегирад, аз Ӯ ба сурати муштарак низ нашъат намегирад ва зулм, чи ба сурати мустақил ва чи ба сурати муштарак, қабеҳ

1. Ҳадид/ 25.
2. Қоф/ 29.
3. Фуссилат/ 46.
4. Каҳф/ 49.
5. Нисоъ/ 40.

аст. Ҳамчунонки чунин коре, наметавонад баромада аз ирода ва иқдоми ибтидоии Маҳдӣ дар сурати вуҷуди ӯ бошад; Чароки Маҳдӣ, бинобар хабари мутавотири Паёмбар ﷺ, аз аҳли байти он Ҳазрат аст ва Худованд аҳли байти он Ҳазратро аз ҳар гуна риҷс пок карда ва рӯшан аст ки ҷилавгирӣ аз таҳаққуқи адолат дар замин, риҷс аст. Ба илова, ирода ва иқдоми ибтидоии Маҳдӣ, ба ирода ва иқдоми ибтидоии Худованд боз мегардад; Чароки Маҳдӣ халифаи Худованд дар замин аст ва ба хилофат аз ҷониби Ӯ, ирода ва иқдом мекунад ва бо ин васф, ирода ва иқдоми ибтидоии Маҳдӣ ба чунин коре, дар зимни ирода ва иқдоми ибтидоии Худованд ба он муҳол аст.

Аз инҷо дониста мешавад ки монеъи зуҳури Маҳдӣ, ҳар чи ҳаст, баромада аз ирода ва иқдоми ибтидоии мардум аст ва Худованд, чи бидуни восита ва чи бо воситаи Маҳдӣ, дар он дахолате надорад ва ба он розӣ нест; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يَظْلِمُ النَّاسَ شَيْئًا وَلَٰكِنَّ النَّاسَ أَنْفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ﴾;[1] <<Ҳароина Худованд ба мардум ҳеҷ зулме намекунад, вале ин мардуманд ки ба худашон зулм мекунанд>> Ва фармудааст: ﴿فَمَا كَانَ اللَّهُ لِيَظْلِمَهُمْ وَلَٰكِنْ كَانُوا أَنْفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ﴾;[2] <<Пас Худованд касе набуд ки ба онон зулм кунад, вале онон буданд ки ба худ зулм мекарданд>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا ظَلَمَهُمُ اللَّهُ وَلَٰكِنْ أَنْفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ﴾;[3] <<Ва Худованд ба онон зулм накрд, вале онон худашон зулм мекунанд>> Ва фармудааст: ﴿ذَٰلِكَ بِمَا قَدَّمَتْ أَيْدِيكُمْ وَأَنَّ اللَّهَ لَيْسَ بِظَلَّامٍ لِلْعَبِيدِ﴾;[4] <<Он ба сабаби чизе аст ки дастҳотон пеш фиристод ва бегумон Худованд ба бандагон зулм кунанда нест>>! Ҳар чанд ҳар коре дар ҷаҳон, агарчи монанди зулм бад бошад, бо ҳувл ва қувва ва илм ва изни таквинии Худованд анҷом мешавад ва аз ин ҳайс, ба Худованд боз мегардад; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا هُمْ بِضَارِّينَ بِهِ مِنْ أَحَدٍ إِلَّا بِإِذْنِ اللَّهِ﴾;[5] <<Ва онон ба аҳаде зиёнрасонанда нестанд магар бо изни Худованд>> Ва фармудааст: ﴿وَلَوْ شَاءَ اللَّهُ مَا أَشْرَكُوا﴾;[6] <<Ва агар Худованд мехост ширк намеварзиданд>>

1. Юнус/ 44.
2. Тавба/ 70.
3. Оли Имрон/ 117.
4. Оли Имрон/ 182.
5. Бақара/ 102.
6. Анъом/ 107.

Ва фармудааст: ﴿وَلَوْ شَاءَ اللَّهُ مَا اقْتَتَلُوا﴾;[1] <<Ва агар Худованд мехост якдигарро намекуштанд>> Ва фармудааст: ﴿وَلَوْ شَاءَ رَبُّكَ مَا فَعَلُوهُ ۖ﴾;[2] <<Ва агар Парвардигорат мехост он корро намекарданд>> Ва фармудааст: ﴿وَإِنْ تُصِبْهُمْ حَسَنَةٌ يَقُولُوا هَٰذِهِ مِنْ عِنْدِ اللَّهِ ۖ وَإِنْ تُصِبْهُمْ سَيِّئَةٌ يَقُولُوا هَٰذِهِ مِنْ عِنْدِكَ ۚ قُلْ كُلٌّ مِنْ عِنْدِ اللَّهِ ۖ فَمَالِ هَٰؤُلَاءِ الْقَوْمِ لَا يَكَادُونَ يَفْقَهُونَ حَدِيثًا﴾;[3] <<Ва агар ононро хубие бирасад мегӯянд ки ин аз назди Худованд аст ва агар ононро бадие бирасад мегӯянд ки ин аз назди туст! Бигӯ ҳамааш аз назди Худованд аст! Пас ин гурӯҳро чи мешавад ки наздик нест гуфтореро дарёбанд?!>>; Вале дар воқеъ, кори баде ки Худованд аз анҷомаш наҳй кардааст, ба Ӯ нисбат дода намешавад; Чароки ба рӯшанӣ, аз ирода ва иқдоми ихтиёрӣ кунандаи он бархоста ва бар хилофи ризоят ва амри Худованд будааст; Чунонки фармудааст: ﴿مَا أَصَابَكَ مِنْ حَسَنَةٍ فَمِنَ اللَّهِ ۖ وَمَا أَصَابَكَ مِنْ سَيِّئَةٍ فَمِنْ نَفْسِكَ ۚ﴾;[4] <<Чизи хубе ки ба ту мерасад аз ҷониби Худованд аст ва чизи баде ки ба ту мерасад аз ҷониби худат аст>> Ва фармудааст: ﴿أَوَلَمَّا أَصَابَتْكُمْ مُصِيبَةٌ قَدْ أَصَبْتُمْ مِثْلَيْهَا قُلْتُمْ أَنَّىٰ هَٰذَا ۖ قُلْ هُوَ مِنْ عِنْدِ أَنْفُسِكُمْ ۗ﴾;[5] <<Ё чун мусибате ба шумо расид ки ду чандони онро расондид гуфтед ки ин аз куҷост?! Бигӯ он аз назди худатон аст>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا أَصَابَكُمْ مِنْ مُصِيبَةٍ فَبِمَا كَسَبَتْ أَيْدِيكُمْ وَيَعْفُو عَنْ كَثِيرٍ﴾;[6] <<Ва ҳар мусибате ки ба шумо бархӯрд мекунад аз чизе аст ки дастҳотон касб кардааст ва аз бисёрӣ гузашт мекунад>>! Бинобарин, эҷоди монеъи зуҳури Маҳдӣ, аз онҷо ки монеъи таҳаққуқи адолат аст, ҳар чанд бо ҳувл ва қувва ва илм ва изни таквинии Худованд аст, ба Худованд нисбат дода намешавад, балки ба мардум нисбат дода мешавад; Чароки ба таври ҳатм, аз ирода ва иқдоми ихтиёрии онон бархоста ва бар хилофи ризояти амри Худованд аст.

Оре, адами офариниши Маҳдӣ дар сурате ки ӯ то кунун офарида нашуда бошад, кори Худованд аст; Чароки офариниш ва тарки он, ба ғайри Худованд нисбат дода намешавад; Чунонки

1. Бақара/ 253.
2. Анъом/ 112.
3. Нисоъ/ 78.
4. Нисоъ/ 79.
5. Оли Имрон/ 165.
6. Шуро/ 30.

фармудааст: ﴿أَلَا لَهُ الْخَلْقُ وَالْأَمْرُ ۗ﴾;[1] <<Огоҳ бошед ки офариниш ва фармон барои Ӯст>>, вале офариниши Маҳдӣ ҳангоме бар Худованд воҷиб аст ки монеъӣ аз ноҳияи мардум барои зуҳури ӯ вуҷуд надошта бошад; Бо таваҷҷуҳ ба инки ғарази аслии Худованд аз офариниши ӯ, зуҳури ӯст ва ҳаргоҳ монеъӣ аз ноҳияи мардум барои зуҳури ӯ вуҷуд дошта бошад, офариниши ӯ ғарази Худовандро ҳосил намекунад ва бо ин васф, метавон гуфт адами офариниши Маҳдӣ дар сурате ки ӯ то кунун офарида нашуда бошад, агарчи кори Худованд аст, паёмади ирода ва иқдоми ихтиёрии мардум аст; Ҳамчунонки агар ӯ ҳамакнун офарида шуда бошад, адами зуҳури ӯ паёмади ирода ва иқдоми ихтиёрии мардум аст ва дар ҳеҷ ҳолате Худованд ба тасбиби он муттаҳам намешавад; Чунонки фармудааст: ﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ لَمْ يَكُ مُغَيِّرًا نِعْمَةً أَنْعَمَهَا عَلَىٰ قَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ ۙ وَأَنَّ اللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾;[2] <<Он ба ин сабаб аст ки Худованд тағйир диҳандаи неъмате ки ба қавме додааст нест то онгоҳ ки онон худ чизе ки дар онон астро тағйир диҳанд ва бегумон Худованд шунавой доност>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ ۗ﴾;[3] <<Ҳароина Худованд чизе ки дар қавме астро тағйир немедиҳад то онгоҳ ки онон худ чизе ки дар онон астро тағйир диҳанд>>!

## [Вуҷуби зоҳир кардани Маҳдӣ бар мардум]

Бинобарин, офариниши Маҳдӣ тавасути Худованд дар сурате ки то кунун воқеъ нашуда бошад ва зоҳир шудани ӯ дар сурате ки ҳамакнун офарида шуда бошад, дар гарави ирода ва иқдоми ихтиёрӣ мардум аст; Ба ин маъно ки дар сурати рафъи монеъ зуҳури ӯ тавассути онон, мумкин мешавад ва дар ғайри он сурат, мумкин намешавад ва рӯшан аст ки рафъи монеъи зуҳури Маҳдӣ барои онон мумкин аст; Чароки ҳар кас ба анҷоми коре қодир аст, ба тарки он низ қудрат дорад ва онон ба эҷоди монеъ барои зуҳури Маҳдӣ қодир будаанд ва бо ин васф, рӯшан аст ки рафъи зуҳури Маҳдӣ бар онон воҷиб аст; Чароки растгорӣ онон аз ҳалок, ба иқтизои вуҷудашон бар онон воҷиб аст, дар ҳоле ки бидуни иқомаи Ислом ба сурати комил ва холис, мумкин нест

1. Аъроф/ 54.
2. Анфол/ 53.
3. Раъд/ 11.

ва иқомаи Ислом ба сурати комил ва холис, дар гарави зуҳури Маҳдӣ аст ва зуҳури Маҳдӣ, дар гарави адами вуҷуди монеъ барои он аст ва монеъ барои он чизе аст ки мардум онро эҷод кардаанд ва табъан ба рафъи он қодиранд ва бо ин васф, баҳсе дар вуҷуби рафъи он бар онон нест ва мурод аз монеъи зуҳури Маҳдӣ, ҳар чизе аст ки бо истелоъи ӯ бар замин мунофот дорад, монанди фиқдони нафар, мол ва салоҳи кофӣ ва ҷомеъи он, адами ҳимояти кофии мардум аз ӯст ки манбаъи таъмини нафар, мол ва силоҳ шумурда мешаванд; Бо таваҷҷуҳ ба инки нафар, мол ва силоҳи кофӣ барои таъсиси ҳукумати ӯ, балки таъмини амнияти ӯ лозим аст; Чароки ба гувоҳии ҳис ва таҷриба, истелоъи касе бар замин бидуни ҳимояти кофии мардум аз ӯ бо таъмини нафар, мол ва силоҳи кофӣ барояш, имкон надорад ва рӯшан аст ки Маҳдӣ аз ин қоъидаи маҳсус ва муҷарраб, мустасно нест. Бинобарин, зуҳури Маҳдӣ, дар гарави ҳимояти кофии мардум аз ӯст ва ҳар замоне ки ин ҳимояти кофии мардум аз ӯ муҳаққақ шавад, ҳамон замон зуҳури ӯст ва рӯшан аст ки ҳимояти кофии мардум аз ӯ, коре дар ҳавзаи ихтиёри онон аст ва барои онон мутаъораф ва майсур шумурда мешавад ва фавқулъода ва мутаъаззир нест; Ҳамчунонки борҳо назири онро барои ғайри Маҳдӣ анҷом додаанд ва ба василаи он, ҳукуматҳои дигаронро рӯӣ кор овардаанд.

Бо ин васф, гуфта намешавад ки ҳимояти кофии мардум аз Маҳдӣ, пеш аз зуҳури ӯ мумкин нест; Чароки зуҳури ӯ ба маънои истелоъи ӯ бар замин, натиҷаи ҳимояти кофии мардум аз ӯст ва зуҳури ӯ ба маънои дастрасии мардум ба ӯ низ, дасти кам ба амнияти кофӣ барои ӯ ниёз дорад, дар ҳоле ки таъмини он, бидуни тмини нафар, мол ва силоҳи кофӣ барои ӯ, мумкин нест. Аз ин рӯ, чорае ҷуз ҳимоят аз ӯ пеш аз зуҳураш вуҷуд надорад ва он, ҳар чанд душвор бошад, мумкин аст; Чароки ҳимоят аз касе, мутаваққиф бар дастрасии тафсилӣ ба ӯ нест, балки бо дастрасии иҷмоли ба ӯ мумкин аст, ҳамчунонки дастрасии тафсилӣ ба Худованд ба маънои рӯъяти Ӯ ва шунидани суханаш вуҷуд надорад ва бо ин ҳол, ҳимоят аз Ӯ мумкин ва воҷиб аст; Чунонки фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُونُوا أَنْصَارَ اللَّهِ كَمَا قَالَ عِيسَى ابْنُ

مَرْيَمَ لِلْحَوَارِيِّينَ مَنْ أَنْصَارِي إِلَى اللَّهِ ۖ قَالَ الْحَوَارِيُّونَ نَحْنُ أَنْصَارُ اللَّهِ﴾;[1] <<Эй касоне ки имон овардед! Ёрони Худованд бошед, ҳамон тавр ки Исо ибни Марям ба ҳавориҳо гуфт: Чи касе ёрони ман ба сӯи Худованд аст? Ҳавориҳо гуфтанд ки мо ёрони Худованд ҳастем>> Ва рӯшан аст ки тариқаи ҳимоят аз Худованд, таъмини нафар, мол ва силоҳи кофӣ барои Ӯст то ҳокимияташ дар замин таҳаққуқ ёбад; Чунонки фармудааст: ﴿وَجَاهِدُوا بِأَمْوَالِكُمْ وَأَنْفُسِكُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ﴾;[2] <<Ва бо молҳо ва худотон дар роҳи Худованд ҷиҳод кунед>> Ва фармудааст: ﴿مَنْ ذَا الَّذِي يُقْرِضُ اللَّهَ قَرْضًا حَسَنًا فَيُضَاعِفَهُ لَهُ وَلَهُ أَجْرٌ كَرِيمٌ﴾;[3] <<Он кист ки ба Худованд вомӣ некуҳ диҳад то барои ӯ бияфзояд ва барои ӯ подошӣ арзишманд бошад?!>> Ва фармудааст: ﴿وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ مِنْ قُوَّةٍ وَمِنْ رِبَاطِ الْخَيْلِ تُرْهِبُونَ بِهِ عَدُوَّ اللَّهِ وَعَدُوَّكُمْ﴾;[4] <<Ва барои онон ҳар имконот ва маркабҳои ҷангӣ ки метавонед омода кунед то бо он душмани Худованд ва душмани худро битарсонед>> Ва ин ҳамон тариқаи ҳимоят аз Маҳдӣ аст; Чунонки бисёрӣ аз мардум ба ин тариқа касонеро ҳимоят мекнанд ки ҳаргиз ононро надидаанд ва бо онон гуфтугӯ накардаанд, то заминаи ҳукумати онон бар ҷаҳонро фароҳам созанд; Бал муҳимтарин касоне ки акнун бар ҷаҳон ҳукм меронанд, тавассути мардум шинохта шуда нестанд ва дар дастраси онон қарор надоранд ва бештари касоне ки бо унвони ҳукком, тавассути мардум шинохта шудаанд ва дар дастраси онон қарор доранд, ҳуккоми аслӣ ва воқеъӣ нестанд ва аз сиёсатҳои касоне пинҳон ва хориҷ аз дастраси мардум пайравӣ мекунанд; Чароки имрӯз бештарин нафар, мол ва силоҳ, дар ихтиёри касоне аст ки мардум ононро намешиносанд ва ба онон дастрасӣ надоранд ва дар ҳоле аз онон ҳимоят мекунанд ки худ ба он огоҳ нестанд; Монанди шайтон ва ҳамгинони ӯ ки бар ҷаҳон ҳукм меронанд, дар ҳоле ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿إِنَّهُ يَرَاكُمْ هُوَ وَقَبِيلُهُ مِنْ حَيْثُ لَا تَرَوْنَهُمْ﴾;[5] <<Ҳароина ӯ ва ҳамгинонаш шуморо аз ҷойе мебинанд ки шумо ононро намебинед>>! Бо ин васф, ҳукумат бар ҷаҳон

1. Саф/ 14.
2. Тавба/ 41.
3. Ҳадид/ 11.
4. Анфол/ 60.
5. Аъроф/ 27.

на танҳо дигар ба шинохта шуда будан ва дар дастрас будани ҳоким ниёз надорад, балки бо он маъмул ва майсур нест; Чароки ҷаҳон бисёр бузург ва ноамн шуда, ба гунае ки ҳар ҳокими неку ва мустақилле дар он шинохта ва дар дастрас воқеъ мешванд, ғолибан аз миён меравад. Ин ба он маъност ки ҳукумати Маҳдӣ бар ҷаҳон, ба шинохта шудан ва дар дастрас воқеъ шудани ӯ ниёзе надорад ва бидуни ин кор, бо бархурдории ӯ аз нафар, мол ва силоҳи кофӣ, имконпазир аст.

Оре, дастрасии мардум ба ӯ барои огоҳияшон аз суннати Паёмбар ﷺ ва мавзӯъоти аҳкоми Худованд, зарурӣ аст; Чароки бидуни дастрасии онон ба ӯ, имкони мурочиъаи онон ба ӯ ба наҳве ки мутамаккин аз суъол бошанд, вуҷуд надорад; Балки чи басо дастрасии онон ба ӯ, барои таҳаққуқи ҳукумати ӯ ба наҳве ки татбиқ кунандаи аҳкоми Худованд ва таъмин кунандаи адолат бошад низ зарурӣ аст; Чароки ҳукумат бар ҷаҳон бидуни дида шудан ва иртиботи мустақим бо мардум, ҳар чанд мумкин аст, тариқаи золимон аст ва муносиби одилон нест. Бо ин васф, зуҳури Маҳдӣ, ҳам ба маънои ҳокимияти ӯ ва ҳам ба маънои дастрасии мардум ба ӯ, зарурӣ аст; Ҷуз онки дастрасии мардум ба ӯ низ монанди ҳокимияти ӯ, ба рафъи монеъи он тавассути мардум ниёз дорад; Чароки дастрасӣ ба ӯ, дар сурати фиқдони амнияти лозим барои ӯ, бар хилофи ҳикмат аст ва ғарази Худованд аз офариниши ӯро нақз мекунад, дар ҳоле ки фиқдони амнияти лозим барои ӯ, ба сабаби хатароти ношӣ аз ирода ва иқдоми мардум аст ва бо ин васф, рафъи он низ вазифаи онон шумурда мешавад; Чароки ҳар кас барои анҷоми корӣ зарурӣ, монеъӣ эҷод мекунад, масъули он шумурда мешавад ва рафъи он бар ӯҳдаи ӯст ва ин ба манзалаи қоъидаи уқалоӣ аст.

Оре, инсоф он аст ки дастрасии мардум ба Маҳдӣ, дар сурате ки монеъи онро рафъ кунанд, бидуни ҳидояте аз ҷониби ӯ мумкин нест; Чароки онон аз вуҷуд ё ҷои ӯ дар сурати вуҷудаш огоҳӣ надоранд ва табъан ба сахтӣ метавонанд ӯро аз тариқи ҷустуҷӯяш, ҳар чанд бо такя бар нишонаҳои ривоят шуда барои ӯ, биёбанд. Аз ин рӯ, бар Маҳдӣ воҷиб аст ки имкони

дастрасӣ ба худро пас аз рафъи монеъи он тавассути мардум, барои онон эҷод кунад ва он метавонад аз тариқи фиристодани сафир ё навиштани номае барои онон ё аз тариқӣ дигар баста ба имкон ва муносибати он анҷом шавад. Бо ин васф, рафъи монеъи дастрасӣ ба Маҳдӣ ки пеш аз ҳар чиз, фиқдони амният лозим барои ӯст, бар мардум воҷиб аст ва ҳаргоҳ онро анҷом диҳанд, бар Маҳдӣ воҷиб мешавад ки дастрасӣ ба худро барои онон тасҳил кунад ва ӯ ба иқтизои таҳораташ аз ҳар гуна риҷс ва адами ифтироқаш аз китоби Худованд, ин корро анҷом медиҳад ва адами анҷоми ин кор тавассути ӯ то кунун, далили бар он аст ки мардум то кунун монеъи дастрасӣ ба ӯро рафъ накардаанд ва амнияти лозим барои ӯро ба вуҷуд наёвардаанд.

Ин дар ҳоле аст ки бидуни шак, мардум ба Маҳдӣ ниёз доранд, на Маҳдӣ ба мардум; Чароки Маҳдӣ бидуни мурочиъа ба мардум, аз аҳкоми Худованд ва мавзӯъоти он огоҳӣ меёбад, вале мардум бидуни муроҷиъа ба Маҳдӣ, аз аҳкоми Худованд ва мавзӯъоти он огоҳӣ намеёбанд ва бо ин васф, муроҷиъаи Маҳдӣ ба мардум, воҷиб нест, бал ин муроҷиъаи мардум ба Маҳдӣ аст ки воҷиб аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки ба иқтизои ақл, муроҷиъаи ниёзманд ба касе ки ниёзи ӯро бароварда месозад, воҷиб аст, на муроҷиъаи бениёз ба касе ки ниёзманди ӯст; Ҳамчунонки гурусна дар пайӣ таъом меравад, на таъом дар пайӣ гурусна ва ташна дар пайӣ об меравад, на об дар пайӣ ташна ва бемор дар пайӣ пизишк меравад, на пизишк дар пайӣ бемор ва ҷоҳил дар пайӣ олим меравад, на олим дар пайӣ ҷоҳил ва ин муқтазои ғариза ва табиъат аст. Бо ин васф, омадани Маҳдӣ ба суроғи мардум, то ҳангоме ки онон ба суроғи ӯ наёмадаанд, ғайри табиъӣ ва бар хилофи ҳикмат аст ва аз ин рӯ, мавриди интизори оқилон нест, ҳар чанд сафиҳон интизорашро доранд.

### [Чигунагии зоҳир кардани Маҳдӣ тавассути мардум]

Аз инҷо дониста мешавад, пиндори мардум дар бораи зуҳури Маҳдӣ ки онро бар ӯҳдаи Худованд ва манут ба ирода ва иқдоми ибтидоии Ӯ мепиндоранд, саҳиҳ нест; Зеро чунонки рӯшан шуд, зуҳури Маҳдӣ ба маънои дастрасӣ ба ӯ ва истелоъи ӯ бар замин,

аз корҳое аст ки мавқуф ба ҳимояти кофии мардум аз ӯст ва рӯшан аст ки ҳимояти кофии онон аз ӯ, бо ирода ва иқдоми ҷабрии Худованд анҷом намешавад, балки бо ирода ва иқдоми ихтиёрии онон анҷом мешавад ва ирода ва иқдоми Худованд, агарчи барои эҷод ва изҳори Маҳдӣ лозим аст, тобеъӣ аз ирода ва иқдоми ибтидоии мардум аст; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ﴾;[1] <<Ҳароина Худованд чизе ки дар қавме астро тағйир намедиҳад то онгоҳ ки онон худ чизе ки дар онон астро тағйир диҳанд>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки иҷбори мардум ба ҳимоят аз Маҳдӣ, ҳар чанд барои Худованд мақдур аст, бар хилофи суннат ва равияи Ӯст; Чунонки фармудааст: ﴿أَنُلْزِمُكُمُوهَا وَأَنْتُمْ لَهَا كَارِهُونَ﴾;[2] <<Оё шуморо ба он илзом кунем дар ҳоле ки аз он кароҳат доред?!>> Ва фармудааст: ﴿لَا إِكْرَاهَ فِي الدِّينِ ۖ قَدْ تَبَيَّنَ الرُّشْدُ مِنَ الْغَيِّ ۚ﴾;[3] <<Икроҳе дар дин нест, дурустӣ аз нодурустӣ рӯшан шудааст>>; Ҳамчунонки мардумро ба ҳимояти кофӣ аз Паёмбараш, бо онки аз Маҳдӣ ба он сазовортар буд, маҷбур накард ва фармуд: ﴿وَلَوْ شَاءَ رَبُّكَ لَآمَنَ مَنْ فِي الْأَرْضِ كُلُّهُمْ جَمِيعًا ۚ أَفَأَنْتَ تُكْرِهُ النَّاسَ حَتَّىٰ يَكُونُوا مُؤْمِنِينَ﴾;[4] <<Ва агар Парвардигорат мехост ҳамаи касоне ки дар заминанд имон меоварданд, оё пас ту мардумро икроҳ мекунӣ то мӯъмин бошанд?!>>.

Аммо мурод аз ҳимояти кофии мардум аз Маҳдӣ низ, талаб, иъонат ва итоъати кофии онон аз ӯст; Ба ин маъно ки иддаи кофии аз мардум, толиби Маҳдӣ бошанд ва толиби ғайри ӯ набошанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки одатан касе бидуни бархурдорӣ аз матлубияти кофӣ дар миёни мардум ба ҳукумат даст намеёбад ва агар ба он даст ёбад дар он боқӣ намемонад ва талаби ду ҳоким бо ҳам мумкин нест; Чароки ҷаҳон дар воқеъ иқлимӣ воҳид аст ва табъан ба ҳокимӣ воҳид эҳтиёҷ дорад ва ду ҳоким дар як иқлим намегунҷанд ва бо ин васф, талаби ҳар як, монеъ аз талаби дигарӣ хоҳад буд. Ҳамчунонки пас аз талаби кофии Маҳдӣ, иъонати кофии ӯ бар мардум воҷиб аст; Ба ин маъно ки иддаи кофӣ аз онон, муқаддамоти лозим барои дастрасӣ ба ӯ

1. Раъд/ 11.
2. Ҳуд/ 28.
3. Бақара/ 256.
4. Юнус/ 99.

ва ҳокимияти ӯро фароҳам созанд ва муқаддамоти лозим барои дастрасӣ ба ӯ, вуҷуди иддаи кофӣ аз муҳофизони амин аст ки қодир ба ҳифозат аз саломатӣ ва озодии ӯ дар ҳийни дастрасии мардум ба ӯ бошанд; Чароки ҳаргоҳ ӯ ба сабаби бархурдорӣ аз чунин касоне, бар саломатӣ ва озодии худ эмин бошад, узре дар адами тамкини мардум аз дастрасӣ ба худ надорад, ҳар чанд қодир ба ташкили ҳукумат набошад ва муқаддамоти лозим барои ташкили ҳукумати ӯ, вуҷуди нафар, мол ва силоҳи кофӣ барои ӯст ки аз ноҳияи мардум қобили таъмин аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳукумате бидуни нафар, мол ва силоҳи кофӣ, ташкил намешавад ва агар ташкил шавад, боқӣ намемонад ва ҳукумати Маҳдӣ аз ин қоъида мустасно нест. Ҳамчунонки ҳифозат аз саломатӣ ва озодии ҳокимони дигар ва таъмини нафар, мол ва силоҳ барои онон, монеъ аз зуҳури Маҳдӣ аст; Чароки муҷиби тақвияти рақибони ӯ мешавад ва ҳифозат аз саломатӣ ва озодии ӯ ва таъмини нафар, мол ва силоҳ барои ӯро сахттар ва бефоида мекунад. Ҳамчуноки пас аз иъонати кофии мардум ба ӯ, итоъати кофии онон аз ӯ ва тарки итоъаташон аз ғайри ӯ, лозим аст; Чароки ҳукумати ӯ, чи пеш аз ташкил ва чи пас аз он, бидуни итоъат аз ӯ имкон намеёбад ва ба ғарази худ намерасад ва итоъат аз ғайри ӯ, ба маънои адами итоъат аз ӯст; Чароки итоъат аз ду ҳоким, ба тазод меанҷомад ва мумкин нест ва табъан итоъат аз яке, ба маънои адами итоъат аз дигарӣ аст.

Ин дар ҳоле аст ки акнун қотибаи мусалмонон, толиби ҳокимоне ҷуз Маҳдӣ ҳастанд ва ононро ба ҷои ӯ ҳифозат, иъонат ва итоъат мекунанд ва иддаи кофӣ дар миёни онон барои ҳифозат, иъонат ва итоъат аз Маҳдӣ нест ва агар иддаи кофӣ дар миёни онон барои ин кор вуҷуд дошта бошад, ҷудо аз якдигар дар атрофи замин парокандаанд ва рӯшан аст ки ҳар як аз онҳо ҷудо аз дигарон ва ба танҳоӣ, қодир ба ҳифозат аз саломатӣ ва озодии Маҳдӣ нест ва аз ин рӯ, иҷтимоъи онон барои ин кор зарурӣ аст, дар ҳоле ки касе нест то ононро барои ин кор гирд оварад ва ҳамин сабаби зоҳир нашудани Маҳдӣ агарчи дар ҳадди дастрасӣ ба ӯ шудааст. Бар ин поя аст ки ман рӯзгорӣ чанд, дар атрофи замин сайр мекунам ва дар пайи мардумонӣ шойиста мегардам то иддаи

кофии аз ононро гирд оварам ва барои ҳифозат, иъонат ва итоъат аз Маҳдӣ омода гардонам, то чун Худованд аз гирдиҳамоӣ ва омодагии онон огоҳӣ ёбад, дастрасӣ ба Маҳдиро барои онон муяссар гардонад ва заминаи ҳокимияти ӯ пас аз онро фароҳам намояд, то тамҳиде барои зуҳури ӯ бошад; Бо таваҷҷуҳ ба инки агар имрӯз ин кор анҷом шавад, ба таври қатъ фардо ӯ зуҳур мекунад, балки имшаб дастрасӣ ба ӯ мумкин мешавад; Чароки Худованд ба қадри соъате зулм намекунад; Чунонки фармудааст: ﴿فَإِذَا جَاءَ أَجَلُهُمْ لَا يَسْتَأْخِرُونَ سَاعَةً ۖ وَلَا يَسْتَقْدِمُونَ﴾;[1] <<Пас чун замонашон биёяд, соъате таъхир намекунанд ва пешӣ намегиранд>>; Вале то кунун ҳар чи бештар ҷустуҷӯ кардаам, камтар ёфтаам, то ҷойе ки дигар хаста ва сархурда шудаам; Чароки гӯйи замин аз мардумони шойиста холӣ аст!

## [Табаъоти зоҳир набудани Маҳдӣ барои мардум]

Аз инҷо дониста мешавад ки адами дастрасии мардум ба Маҳдӣ ва табаъоти мутараттиб бар он, ношӣ аз тақсири онон аст ва ба ҳамин сабаб, узре барои онон дар тарки вазоифе ки бо дастрасӣ ба Маҳдӣ қобили анҷом аст, шумурда намешавад; Зеро ҳар кас ба сабаби иқдом ва тасбиби худ дар изтироре воқеъ шавад, ба сабаби изтерори худ маъзур шумурда намешавад; Монанди гуруснае ки таъоми ҳалолеро бо огоҳӣ аз ниёзи худ ба он, амдан талаф карда ва сипас ба хурдани таъоми ҳароме ногузир шуда ва бо ин васф, хӯрдани таъоми ҳаром барои ӯ ҳар чанд гузире аз он надошта бошад, гуноҳ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَمَنِ اضْطُرَّ غَيْرَ بَاغٍ وَلَا عَادٍ فَلَا إِثْمَ عَلَيْهِ﴾;[2] <<Пас ҳар кас ногузир шавад, дар сурате ки кӯтоҳӣ кунанда ва ё зиёдаравӣ кунанда набуда бошад, гуноҳе бар ӯ нест>>; Ба ин маъно ки ҳар гоҳ ба сабаби кӯтоҳӣ ва ё зиёдаравии худ ногузир шуда бошад, гуноҳкор аст; Ё монанди сориқе ки бо ихтиёри худ дар заминӣ ғасбӣ дохил шуда ва ногузир ба иқомаи намоз дар он шуда аст, дар ҳоле ки тасарруфи ӯ дар он ҳар чанд барои намоз, ҷойиз нест ва бо ин васф, намози ӯ дар он ҳар чанд дар охири вақт ва

1. Аъроф/ 34.
2. Бақара/ 173.

аз рӯӣ истирор, ботил аст ва ин маънои сухани Худованд аст ки фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يُصْلِحُ عَمَلَ الْمُفْسِدِينَ﴾;[1] <<Ҳароина Худованд амали ифсод кунандагонро дуруст намекунад>>! Бинобарин, касоне ки ба сабаби тақсири худ дар ҳимояти кофӣ аз Маҳдӣ, монеъ аз таҳаққуқи ҳукумати ӯ шудаанд, муҷоз ба ташкили ҳукуматӣ дигар, ҳар чанд гузире аз он надошта бошанд, нестанд ва ҳукуматӣ дигари онон, дар сурате ки онро ташкил диҳанд, машрӯъият надорад. Ҳамчунонки ахзи онон ба занни мутлақ, балки ахбори оҳод, ҳар чанд то пеш аз дастрасӣ ба Маҳдӣ гузире аз он надошта бошанд, ҷойиз нест ва ақойид ва аъмоли онон бар пояи он, қобили қабул шумурда намешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّمَا يَتَقَبَّلُ اللَّهُ مِنَ الْمُتَّقِينَ﴾;[2] <<Ҷуз ин нест ки Худованд танҳо аз парҳезгорон қабул мекунад>>; Балки ақойид ва аъмоли онон бар пояи занни мутлақ ва ахбори оҳод, ботил аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمُ اتَّبَعُوا مَا أَسْخَطَ اللَّهَ وَكَرِهُوا رِضْوَانَهُ فَأَحْبَطَ أَعْمَالَهُمْ﴾;[3] <<Он ба ин сабаб аст ки онон аз чизе пайравӣ карданд ки Худоро ба хашм оварад ва хушнудӣ Ӯро нохуш доштанд, пас аъмолашонро ботил кард>>, монанди касоне ки дар бораи онон фармудааст: ﴿أُولَٰئِكَ الَّذِينَ حَبِطَتْ أَعْمَالُهُمْ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ وَمَا لَهُمْ مِنْ نَاصِرِينَ﴾;[4] <<Онон касоне ҳастанд ки аъмолашон дар дунё ва охират нодида гирифта шуд ва ҳеҷ пуштибоне надоранд>> Ва фармудааст: ﴿وَقَدِمْنَا إِلَىٰ مَا عَمِلُوا مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَاهُ هَبَاءً مَنْثُورًا﴾;[5] <<Ва ба аъмоле ки анҷом доданд пардохтем ва онро ба резгардӣ пароканда табдил намудем>> Ва ин лозимаи сангине аст ки илтизом ба он душвор ба назар мерасад, вале барои Худованд осон аст; Чунонки фармудааст: ﴿أُولَٰئِكَ لَمْ يُؤْمِنُوا فَأَحْبَطَ اللَّهُ أَعْمَالَهُمْ ۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيرًا﴾;[6] <<Онон имон наёварданд, пас Худованд аъмолашонро нобуд кард ва он бар Худованд осон буд>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки онон бо ихтиёри худ заминаи онро фароҳам сохтаанд ва изтирорашон дар фиқдон ё ғайбати Маҳдӣ, ношӣ аз иқдом ва тасбиби худашон аст ва бо ин васф, бутлони ақойид ва аъмолашон, бо адли Худованд ва лутфи Ӯ, мунофот надорад,

1. Юнус/ 81.
2. Моъида/ 27.
3. Муҳаммад/ 28.
4. Оли Имрон/ 22.
5. Фурқон/ 23.
6. Аҳзоб/ 19.

балки муқтазои адл ва лутфи Ӯст.

Воқеъ он аст ки пазириш ва итоъат аз халифаи Худованд дар замин, мабнои сиҳҳати ақида ва амал аст ва тардиде нест ки сиҳҳати ақида ва амал, барои қабули он шарт аст ва ба ҳамин сабаб, Худованд ақида ва амали иблисро ҳангоме ки аз саҷда бар Одам худдорӣ кард, ботил сохт; Чароки Одам халифаи Худованд дар замин буд ва саҷдаи бар ӯ ба маънои иқрор ба бартарии ӯ ва табъан пазириш ва итоъат аз ӯ буд ва иблис худро аз ӯ бартар донист; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قَالَ أَنَا خَيْرٌ مِنْهُ﴾;[1] <<Гуфт ман аз ӯ бартарам>> Ва ба ҳамин сабаб, ба пазириш ва итоъат аз ӯ сар фуруд наёварад ва дар натиҷа, Худованд ақида ва амали ӯро ботил сохт ва ӯро дар ақида <<Кофир>> ва дар амл <<Фосиқ>> донист; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَائِكَةِ اسْجُدُوا لِآدَمَ فَسَجَدُوا إِلَّا إِبْلِيسَ أَبَىٰ وَاسْتَكْبَرَ وَكَانَ مِنَ الْكَافِرِينَ﴾;[2] <<Ва чун ба фариштагон гуфтем ки барои Одам саҷда кунед пас саҷда карданд магар иблис ки сар боз зад ва бузургӣ ҷуст ва аз кофирон буд>> Ва фармудааст: ﴿وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَائِكَةِ اسْجُدُوا لِآدَمَ فَسَجَدُوا إِلَّا إِبْلِيسَ كَانَ مِنَ الْجِنِّ فَفَسَقَ عَنْ أَمْرِ رَبِّهِ﴾;[3] <<Ва чун ба фариштагон гуфтем ки барои Одам саҷда кунед пас саҷда карданд магар иблис ки ҷин буд, пас аз фармони Парвардигораш фосиқ шуд>>! Бо ин васф, рӯшан аст ки ҳар кас аз пазириш ва итоъати халифаи Худованд дар замин сар боз занад, рӯйкардӣ шабеҳи рӯйкарди иблисро дар пеш гирифта ва аз ҳизби шайтон аст ва табъан монанди ӯ ақида ва амалаш нодида гирифта мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أُولَٰئِكَ حِزْبُ الشَّيْطَانِ ۚ أَلَا إِنَّ حِزْبَ الشَّيْطَانِ هُمُ الْخَاسِرُونَ﴾;[4] <<Онон ҳизби шайтонанд, огоҳ бошед ки ҳизби шайтон ҳамон зиёнкоронанд>>!

### [Тариқаи шинохти Маҳдӣ барои мардум]

Рӯшан аст ки пас аз рафъи монеъи зуҳури Маҳдӣ ва дастрасӣ мардум ба ӯ, шинохти айнии ӯ барои онон ба наҳви яқинӣ лозим аст ва чун шинохте, ба василаи ояте аз ҷониби Худованд ҳосил мешавад; Чароки Маҳдӣ халифаи Худованд аст ва табъан

1. Сод/ 76.
2. Бақара/ 34.
3. Каҳф/ 50.
4. Муҷодила/ 19.

барои шинохти ӯ, чорае ҷуз руҷӯъ ба Худованд нест ва руҷӯъ ба Худованд, бо руҷӯъ ба касе дар замин имкон дорад ки сидқи хабараш аз Худованд қатъӣ аст ва ӯ ё касе аст ки сидқи хабараш аз Худованд ба иқтизои ояте аз ҷониби Ӯ қатъият ёфта ва ё касе аст ки чунон касе банобар сидқи хабараш аз Худованд, ӯро муъаррифи кардааст. Банобарин, халифаи Худованд дар замин ё бо худаш шинохта мешавад, ҳангоме ки ояте аз ҷониби Худованд меоварад ва ё бо халифаи пеш аз худ, ҳангоме ки ба василаи ӯ муъаррифи мешавад. Дар ҳоле ки ҳамакнун дар замин, халифаи пеш аз Маҳдӣ ки қодир ба муъаррифии ӯ ба сурати айнӣ бошад, шинохта нест ва ахбори Паёмбар ва аҳли байташ дар бораи ӯ, кулли аст ва барои шинохти айнӣ ӯ, кофӣ нест ва бо ин васф, шинохти айнии ӯ, танҳо бо худаш ба иқтизои ояте аз ҷониби Худованд мумкин аст ва ояте аз ҷониби Худованд ҳар коре аст ки Худованд қодир ба анҷоми он аст ва ғайи Ӯ қодир ба анҷоми он нест ва аз ин ҷиҳат, интисоби овардаи он аз ҷониби Худовандро исбот мекунад; Монанди бадал кардани ассо ба аждаҳо ва зинда кардани мурдаи пӯсида ва шифо додани амрози бедармон ва берун овардани ҳайвон аз сахра ва ҷушондани об аз миёни ангуштон ва хабар додани комил аз оянда ки ҳеҷ як ҷуз ба изни Худованд мумкни нест ва рӯшан аст ки овардани ин оёт аз ҷониби Худованд, инҳисоре ба Паёмбарон надорад; Чароки муҷиби он, исботи интисоб аз ҷонибаи Худованд аст ва ин муҷиб, дар ҳар касе ки аз ҷониби Худованд мансуб аст, вуҷуд дорад, хоҳ Паёмбар бошад ва хоҳ Паёмбар набошад; Чунонки барои Марям عليها السلام воқеъ шуд, ҳангоме ки Худованд ӯро баргузид ва бартарини занони ҷаҳон қарор дод[1] ва барои ҳамнишини Сулаймон عليه السلام воқеъ шуд, ҳангоме ки Худованд ӯро баргузид ва ҷойгоҳи илме аз китоби худ қарор дод[2] ва барои Толут عليه السلام воқеъ шуд, ҳангоме

1. ﴿وَإِذْ قَالَتِ الْمَلَائِكَةُ يَا مَرْيَمُ إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَاكِ وَطَهَّرَكِ وَاصْطَفَاكِ عَلَىٰ نِسَاءِ الْعَالَمِينَ﴾ (Оли Имрон/ 42); <<Ва чун фариштагон гуфтанд эй Марям! Ҳароина Худованд туро ихтиёр кард ва покиза сохт ва бар занони ҷаҳониён баргузид>>.
2. ﴿قَالَ الَّذِي عِنْدَهُ عِلْمٌ مِنَ الْكِتَابِ أَنَا آتِيكَ بِهِ قَبْلَ أَنْ يَرْتَدَّ إِلَيْكَ طَرْفُكَ ۚ فَلَمَّا رَآهُ مُسْتَقِرًّا عِنْدَهُ قَالَ هَٰذَا مِنْ فَضْلِ رَبِّي لِيَبْلُوَنِي أَأَشْكُرُ أَمْ أَكْفُرُ﴾ (Намл/ 40); <<Касое ки илме аз китоб назди ӯ буд гуфт ки ман онро пеш аз онки пилк бар ҳам бизанӣ ба наздат меоварам! Пас чун онро назди худ қарор гирифта дид гуфт ки ин аз фазли Парвардигорам аст то манро биёзмояд ки оё сипос мегузорам ё носипосӣ мекунам>>.

ки Худованд ӯро баргузид ва ҳоким бар мардум қарор дод[1] дар ҳоле ки Паёмбарии ҳеҷ як аз онҳо собит нест. Ин аз он рӯст ки Худованд монанди ҳамаи оқилон, ҳар коре ки муқтазии барояш вуҷуд дорад ва монеъӣ барояш нест, анҷом медиҳад; Чароки мусалламан бар ҳар коре тавоност ва раҳматаш ҳар чизеро фарогирифтааст ва бо ин васф, аз ҳар коре ки барои ҳидояти бандагонаш зарурӣ аст, дариғ намекунад ва рӯшан аст ки қарор додани ояте барои ҳидояати онон ба Маҳдӣ, зарурӣ аст; Чароки бидуни он, шинохти ӯ барои онон ғайри мумкин ё машҳун аз уср ва ҳараҷ аст ва бо ин васф, набояд монанди яҳудиён, дасти ӯро аз он баста донист; Чунонки фармудааст: ﴿وَقَالَتِ الْيَهُودُ يَدُ اللَّهِ مَغْلُولَةٌ ۚ غُلَّتْ أَيْدِيهِمْ وَلُعِنُوا بِمَا قَالُوا ۘ بَلْ يَدَاهُ مَبْسُوطَتَانِ يُنْفِقُ كَيْفَ يَشَاءُ ۚ﴾;[2] <<Ва яҳудиён гуфтанд ки дасти Худованд баста аст! Дастонашон баста бод ва лаънат шаванд ба сабаби чизе ки гуфтанд! Балки дастони Ӯ боз аст, ҳар гуна ки бихоҳад мебахшояд>>! Бинобарин, қарор додани ояте барои Маҳдӣ ки шинохти ӯ пас аз дастрасӣ ба ӯро мумкин созад, аз дасти Худованд бар меояд ва қобили истебъод нест.

Оре, барои Маҳдӣ, хусусиётӣ ҷисмонӣ низ ривоёт шудааст ки ҳаргоҳ ба ҳадди тавотур бирасад, барои шинохти ӯ судманд аст; То ҳадде ки баъид нест ёфтани ӯ аз тариқи ҷустуҷӯяш бо такя бар онҳо мумкин бошад; Чароки филҷумла судури ин қабил ривоёт аз Паёмбар ва аҳли байти ӯ қатъӣ аст, дар ҳоле ки ривоёти абас ва беҳуда аз онон содир намешавад ва бо ин васф, метавон мутмаъин буд ки ин қабил ривоёт барои шинохти Маҳдӣ судманд аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки агар барои шинохти ӯ суде надошта бошад, судурашон аз Паёмбар ва аҳли байти ӯ лағв буда ва ин лозиме аст ки қобили илтизом нест. Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки иноят ба авсоф ва аломоти ваъда дода шуда барои хулафоъи мавъуди Худованд дар шинохти онон, чизи ғарибе нест ва ҳамвора маъмули олимон будааст; Чунонки

1. ﴿وَقَالَ لَهُمْ نَبِيُّهُمْ إِنَّ آيَةَ مُلْكِهِ أَنْ يَأْتِيَكُمُ التَّابُوتُ فِيهِ سَكِينَةٌ مِنْ رَبِّكُمْ وَبَقِيَّةٌ مِمَّا تَرَكَ آلُ مُوسَىٰ وَآلُ هَارُونَ تَحْمِلُهُ الْمَلَائِكَةُ ۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَةً لَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ مُؤْمِنِينَ﴾(Бақара/ 248); <<Ва Паёмбарашон ба онон гуфт: Ояти ҳукумати ӯ ин аст ки тобутро барои шумо биёварад ки дар он оромише аз Парвардигоратон ва боз мондае аз чизе аст ки хонадони Мӯсо ва хонадони Ҳорун бар ҷо гузоштанд ва фариштагон онро ҳамл мекунанд! Бегумон дар он барои шумо ояте аст агар мӯъмин бошед>>.

2. Моъида/ 64.

Худованд фармудааст: ﴿الَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الْأُمِّيَّ الَّذِي يَجِدُونَهُ مَكْتُوبًا عِنْدَهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَالْإِنْجِيلِ﴾;[1] <<Касоне ки аз фиристода ва Паёмбари уммӣ ки ӯро назди худ дар Тавро ва Инҷил навишта меёбанд, пайравӣ мекунанд>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки дар Таврот ва Инҷил, авсоф ва аломоти он Ҳазрат навишта будааст; Балки Худованд ин авсоф ва аломоти ваъда дода шуда барои он Ҳазратро оятӣ кофӣ барои шинохти ӯ дониста ва фармудааст: ﴿وَقَالُوا لَوْلَا يَأْتِينَا بِآيَةٍ مِنْ رَبِّهِ ۚ أَوَلَمْ تَأْتِهِمْ بَيِّنَةُ مَا فِي الصُّحُفِ الْأُولَىٰ﴾;[2] <<Ва гуфтанд чаро барои мо ояте аз Парвардигораш наёвард?! Оё ошкор шудани чизе ки дар китобҳои гузашта аст барои онон наёмад?!>>; Ҷуз онки ба назар мерасад авсоф ва аломоти мавъуди он Ҳазрат дар китобҳои гузашта, шомили мӯъҷизоти Ӯ монанди Қуръон низ буда; Чароки баъид аст сирфи авсоф ва аломати ҷисмонии он Ҳазрат, барои шинохти қатъии ӯ кофӣ буда бошад; Чунонки Худованд шумули авсоф ва аломоти мавъуди он Ҳазрат бар Қуръонро таъйид карда ва фармудааст: ﴿قُلْ أَرَأَيْتُمْ إِنْ كَانَ مِنْ عِنْدِ اللَّهِ وَكَفَرْتُمْ بِهِ وَشَهِدَ شَاهِدٌ مِنْ بَنِي إِسْرَائِيلَ عَلَىٰ مِثْلِهِ فَآمَنَ وَاسْتَكْبَرْتُمْ ۖ إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ﴾;[3] <<Бигӯ назаратон чист агар он аз назди Худованд бошад ва шумо ба он кофир шавед?! Дар ҳоле ки шоҳиде аз банӣ исроъил бар мисли он гувоҳӣ дод, пас имон овард ва шумо бузургӣ ҷустед! Бегумон Худованд гурӯҳи золимонро ҳидоят намекунад!>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки имони шоҳиде аз банӣ исроъил ба Қуръон, мубтани бар мумосилати он бо авсоф ва аломоти мавъудаш дар китобҳои гузашта будааст. Бинобарин, зоҳир он аст ки шиносоии Маҳдӣ, хусусан пас аз рафъи монеъ дастраси ба он ҳазрат, барои касе ки ба авсоф ва аломоти ҷисмонии ӯ бар пояи ривоёти мутавотир иҳота дорад ва дар асари ҷустуҷӯйи ӯ дар мазонни ҳузураш, бо ӯ мулоқот мекунад, мумкин аст; Ҷуз онки ин шиносоӣ, бадвӣ ва ғайри яқинӣ хоҳад буд ва ҳангоме ниҳойӣ ва яқинӣ хоҳад шуд ки ояте аз ҷониби Худованд барои Маҳдӣ зоҳир шавад.

Қадри мусаллам ин аст ки Маҳдӣ, Абубакр Бағдодӣ ё Айман Завоҳирӣ ё Муҳаммад Умар ё Алӣ Хоманаӣ ё амсоли онон

1. Аъроф/ 157.
2. Тоҳо/ 133.
3. Аҳқоф/ 10.

нест; Чароки онон бо инки худро халифа ё амир ё валии амри мусалмонон мешуморанд, на бо авсоф ва аломати ваъда дода шуда барои Маҳдӣ мутобиқанд ва на ояте аз ҷониби Худованд ироъа менамоянд; Ҳамчунонки худ низ чунин иддоъе дар бораи худ надоранд ва бо ин васф, ҳифозат, иъонат ва итоъат аз онон, мунофӣ бо ҳифозат, иъонат ва итоъат аз Маҳдӣ аст ва аз мавонеъи зуҳури ӯ шумурда мешаванд ва аз ин рӯ, умед меравад ки омилони он, ҳаргоҳ ба рости дар пайӣ иқомаи Исломи комил ва холис дар замин бошанд, даст аз он бардоранд ва ба сӯӣ Маҳдӣ бозгарданд; Чароки агар раҳбаронашон хуб ҳастанд, Маҳдӣ барои онон аз роҳбаронашон хубтар аст ва табъан ба ҳифозат, иъонат ва итоъати онон сазовортар аст ва ин ҳақиқате аст ки дар он ихтилофе нест.

## Чаҳорум; Мабонии Ислом

Ислом дар асл, мубтани бар шинохти Худованд аст ки ба воситаи Худованд ҳосил мешавад; Чароки чизе шинохтатар аз Ӯ нест то воситаи шинохти Ӯ воқеъ шавад, монанди нур ки ба зоти худ дида мешавад ва воситаи дидани ҳар чизи дигаре аст; Чунонки фармудааст: ﴿اللَّهُ نُورُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ﴾;[1] <<Худованд нури осмонҳо ва замин аст>>; Ба эътибори онки ҳар чизе дида мешавад, бо дидани нур дида мешавад ва табъан дидани он пеш аз дидани нур мумкин нест ва ба ҳамин сон, ҳар чизе ки вуҷуд дорад, бо Худованд вуҷуд дорад ва табъан вуҷуди он пеш аз вуҷуди Худованд мумкин нест ва бо ин васф, шинохи Худованд воситае дар шинохти он аст ва аз ин ҳайс, бар шинохти он тақаддум дорад, агарчи ба сабаби шиддати бидоҳаташ, мавриди илтифот набошад.

## [Тавҳиди Худованд]

Аммо шинохти Худованд, мусталзими тавҳиди Ӯ ба маънои яке донистаи Ӯст; Чароки вуҷуди ҳамаи мавҷудот дар ҷаҳон, воҳид аст, агарчи моҳиёти онҳо ки мақодири вуҷудашон аст, такассур дорад ва воҳид, ногузир аз мабдаъи воҳиде нашъат мегирад; Бо

1. Нур/ 35.

тавҷҷуҳ ба инки нашъати он аз мабдъи мутаъаддид мумкин нест ва ваҳдати мабдаъ, дар се буъд собит аст.

## [Тавҳиди Худованд дар таквин]

Бъуди якум, таквин ба маънои халқ, ризқ ва татбири мавҷудот аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки халқи онҳо ба маънои эҷод ва тақдири онҳо тавассути ду мабдаъ, мусталзими тазод аст, дар ҳоле ки миёни онҳо тазодде нест, балки ҳамоҳангӣ мушоҳида мешавад; Чунонки фармудааст: ﴿مَا تَرَىٰ فِي خَلْقِ الرَّحْمَٰنِ مِنْ تَفَاوُتٍ﴾;[1] <<Дар халқи Худованд ҳеҷ тазодде намебинӣ>>; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки тазод, мусталзими фасод ба маънои ихтилоли низоми ҳастӣ аст; Чунонки фармудааст: ﴿لَوْ كَانَ فِيهِمَا آلِهَةٌ إِلَّا اللَّهُ لَفَسَدَتَا﴾;[2] <<Агар дар онҳо Худоёне ҷуз Аллоҳ буд, фосид мешуданд>> Ва фармудааст: ﴿إِذًا لَذَهَبَ كُلُّ إِلَٰهٍ بِمَا خَلَقَ وَلَعَلَا بَعْضُهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ﴾;[3] <<Дар он сурат ҳатман ҳар Худойе чизе ки халқ кардаастро мебурд ва ҳатман бархишон бар бархӣ дигар бартарӣ меҷустанд>>, дар ҳоле ки низоми ҳастӣ, фасод напазируфта ва мухтал нашуда ва ин бурҳонӣ қотеъ бар адами вуҷуди тазод дар он ва табъан ваҳдати холиқи он аст; Чунонки фармудааст: ﴿ذَٰلِكُمُ اللَّهُ رَبُّكُمْ خَالِقُ كُلِّ شَيْءٍ لَا إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ فَأَنَّىٰ تُؤْفَكُونَ﴾;[4] <<Он Худованд Парвардигоратон аст ки холиқи ҳама чиз аст, ҷуз Ӯ Худованде нест, пас ба куҷо рӯй гардонда мешавед?!>> Ва ризқ ба маънои ибқоъи вуҷуди мавҷудот, дар воқеъ халқи мутаҷаддади онҳо дар ҳар он аст; Чунонки фармудааст: ﴿أَفَعَيِينَا بِالْخَلْقِ الْأَوَّلِ ۚ بَلْ هُمْ فِي لَبْسٍ مِنْ خَلْقٍ جَدِيدٍ﴾;[5] <<Оё Мо аз халқ кардани нахуст дармонда шудем?! Балки онон дар пӯшишӣ аз халқ карданӣ ҷадиданд>> Ва рӯшан аст ки таъаддуди холиқ барои махлуқи воҳид, мумкин нест; Чунонки фармудааст: ﴿أَمَّنْ يَبْدَأُ الْخَلْقَ ثُمَّ يُعِيدُهُ وَمَنْ يَرْزُقُكُمْ مِنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ ۗ أَإِلَٰهٌ مَعَ اللَّهِ ۚ قُلْ هَاتُوا بُرْهَانَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ صَادِقِينَ﴾;[6] <<Ё чи касе халқ карданро оғоз ва сипас онро такрор мекунад ва чи касе шуморо аз осмон ва замин ризқ медиҳад?! Оё Худованде ҷуз Аллоҳ вуҷуд дорад?! Бигӯ бурҳонатонро биёваред агар росгӯ ҳастед!>>

1. Мулк/ 3.
2. Анбиёъ/ 22.
3. Мӯъминун/ 91.
4. Ғофир/ 62.
5. Қоф/ 15.
6. Намл/ 64.

Ва фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ تَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ لَا يَمْلِكُونَ لَكُمْ رِزْقًا فَابْتَغُوا عِنْدَ اللَّهِ الرِّزْقَ﴾;[1] <<Бегумон касоне ки ҷуз Худованд мепарастид барои шумо молики ризқе нестанд, пас назди Худованд ризқро биҷӯйед>> Ва татбири мавҷудот ба маънои ҳидояти таквинии онҳо, дар воқеъ такмили халқи онҳо ба тадриҷ аст; Чунонки фармудааст: ﴿يُدَبِّرُ الْأَمْرَ مِنَ السَّمَاءِ إِلَى الْأَرْضِ ثُمَّ يَعْرُجُ إِلَيْهِ فِي يَوْمٍ كَانَ مِقْدَارُهُ أَلْفَ سَنَةٍ مِمَّا تَعُدُّونَ﴾;[2] <<Корро аз осмон то замин татбир мекунад, сипас ба сӯӣ Ӯ иртиқо меёбад дар рӯзе ки миқдори он ҳазор сол аз чизе аст ки мешуморед>> Ва бо ин васф, ваҳдати мудаббир, дар зимни ваҳдати холиқ собит аст; Чунонки фармудааст: ﴿قَالَ رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَىٰ كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَىٰ﴾;[3] <<Гуфт Парвардигори мо касе аст ки ба ҳар чизе халқашро дод ва сипас ҳидоят кард>> Ва фармудааст: ﴿وَالَّذِي قَدَّرَ فَهَدَىٰ﴾;[4] <<Ва касе ки тақдир кард, пас ҳидоят намуд>> Ва фармудааст: ﴿إِلَّا الَّذِي فَطَرَنِي فَإِنَّهُ سَيَهْدِينِ﴾;[5] <<Магар касе ки манро офарид, пас ҳаму ҳидоятам мекунад>>! Аз инҷо дониста мешавад ки Худованд дар офариниш, рӯзӣ додан ва идораи таквинии мавҷудот, ягона аст ва ҳар кас дар ин се кор барои Ӯ шарике бишносад, мусалмон нест, балки мушрик шумурда мешавад.

Оре, касоне ки худро мусалмон медонанд ва бо ин ҳол, барои ғайри Худованд тасарруфотӣ таквинӣ мешиносанд, монанди онки гушоиши рӯзӣ ва шифои беморӣ ва ҳалоки душмани худро аз бархӣ мурдагон металабанд, монанди мушрикон амал мекунанд, вале мушрик шумурда намешаванд; Зеро чунонки рӯшан шуд, ҳар чанд амалашон бо амали мушрикон ҳамонанд аст, ақидаяшон бо ақидаи мушрикон тафовут дорад; Бо таваҷҷуҳ ба инки зоҳиран амали онон бо ақида ба ягонагии Худованд дар офариниш, рӯзӣ додан ва идораи таквинии мавҷудот аст ва аз тасаввури адами таъорузи он ду бар мехезад ва рӯшан аст ки ақидаи онон, ба сабаби амалашон нодида гирифта намешавад; Ҳамчунонки агар аз онон пурсида шавад чи касе холқи, ризқ ва мудаббири мавҷудот аст, мегӯянд Худованд ва ғайри Ӯро шарики

1. Анкабут/ 17.
2. Саҷда/ 5.
3. Тоҳо/ 50.
4. Аъло/ 3.
5. Зухруф/ 27.

Ӯ намешуморанд; Ҷуз онки салафиён мепиндоранд, ин ақида ва иқрори онон, барои субути Исломашон кофӣ нест; Чароки назири он дар мушрикони замони Паёмбар ﷺ низ вуҷуд дошт, вале бо таваҷҷуҳ ба хондани бутҳо тавассути онон, барои субути Исломашон кофӣ шумурда намешуд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿وَلَئِنْ سَأَلْتَهُمْ مَنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ ۚ﴾;[1] <<Ва агар аз онон бипурсӣ ки чи касе осмонҳо ва заминро халқ кард, ҳатман мегӯянд Худованд>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ مَنْ يَرْزُقُكُمْ مِنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ أَمَّنْ يَمْلِكُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَمَنْ يُخْرِجُ الْحَيَّ مِنَ الْمَيِّتِ وَيُخْرِجُ الْمَيِّتَ مِنَ الْحَيِّ وَمَنْ يُدَبِّرُ الْأَمْرَ ۚ فَسَيَقُولُونَ اللَّهُ ۚ فَقُلْ أَفَلَا تَتَّقُونَ﴾;[2] <<Бигӯ чи касе шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ медиҳад ё чи касе молики шунавоӣ ва бинoии шумост ва чи касе зиндаро аз мурда ва мурдаро аз зинда берун меоварад ва чи касе корро татбир мекунад? Пас хоҳанд гуфт Худованд! Бигӯ оё пас тақво пеша намекунед?!>>; Вале ҳақ он аст ки ин ташобаи амалӣ, барои нафйӣ Исломи аҳли қабила кофӣ нест; Чароки мусалламан мушрикони замони Паёмбар ﷺ, аз иқрор ба <<Ло Илоҳа Илаллоҳ>> сар боз мезаданд; Чунонки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿إِنَّهُمْ كَانُوا إِذَا قِيلَ لَهُمْ لَا إِلَٰهَ إِلَّا اللَّهُ يَسْتَكْبِرُونَ﴾;[3] <<Ҳароина онон ҳангоме ки ба онон гуфта мешавад: Ло Илоҳа Илаллоҳ, гардан мекашиданд>> Ва шакке нест ки гардан кашидани онон аз иқрор ба ин калима, ба сабаби адами эътиқоди онон ба маънои он буд, дар ҳоле ки маънои он чизе ҷуз ягонагӣ Худованд дар офариниш, рӯзӣ додан ва идораи таквинии мавҷудодт нест ва бо ин васф, наметавон ақида ва иқрори онон ба ягонагии Худованд дар ин се заминаро собит донист, бал зоҳир он аст ки онон дар ин се замина, ба ягонагии Худованд ақида ва иқрор надоштанд ва танҳо нақши Худованд дар онҳоро ба унвони яке аз Худоён ё Худои бузургтар мепазируфтанд; Чунонки Худованд аз қавли онон хабар дода ва фармудааст: ﴿أَجَعَلَ الْآلِهَةَ إِلَٰهًا وَاحِدًا ۖ إِنَّ هَٰذَا لَشَيْءٌ عُجَابٌ﴾;[4] <<Оё ӯ Худоёнро Худои ягона сохта?! Бегумон ин чизе шигифтовар аст>>! Ҳамчунонки ба рӯшанӣ бутҳои худро дар офариниш, рӯзӣ додан ва идораи мавҷудот, шарики Худованд медонистанд ва барои ҳар як нақше дар канори Худованд қоъил

1. Луқмон/ 25.
2. Юнус/ 31.
3. Софот/ 35.
4. Сод/ 5.

буданд ва ба унвони мисол, якеро Худои борон, якеро Худои ҷанг ва якеро Худои ишқ меномиданд ва ба ҳамин сабаб, онҳоро шойистаи прастиш мешумрданд ва дар баробарашон монанди Худованд саҷда мекарданд.

Фориғ аз онки адами субути Исломи онон танҳо ба сабаби ин ақидаи онон набуд; Чароки онон илова бар ин ақида, Паёмбарони Худованд ва чизе ки бар онон нозил шудаастро такзиб мекарданд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَقَالَ الَّذِينَ كَفَرُوا لَن نُّؤْمِنَ بِهَٰذَا الْقُرْآنِ وَلَا بِالَّذِي بَيْنَ يَدَيْهِ ۗ﴾;[1] <<Ва касоне ки кофир шуданд гуфтанд ки на ба ин Қуръон имон меоварем ва на ба чизе ки пеш аз он аст>>; Ҳамчунонки охиратро низ бовар надоштанд ва рӯзи қиёматро инкор мекрданд; Чунонки фармудааст: ﴿وَأَقْسَمُوا بِاللَّهِ جَهْدَ أَيْمَانِهِمْ ۙ لَا يَبْعَثُ اللَّهُ مَن يَمُوتُ ۚ﴾;[2] <<Ва бо сахттарин савгандҳошон ба Худованд савганд хӯрданд ки Худованд касе ки мемиронадро зинда намекунад>> Ва фармудааст: ﴿وَهُم بِالْآخِرَةِ هُمْ كَافِرُونَ﴾;[3] <<Ва онон ба охират кофир ҳастанд>>! Ин дар ҳоле аст ки бар хилофи онон, мусалмонон, ҳар чанд дар амал, касонӣ ғайри Худовандро бихонанд, дар ақида ғайри Худовандро дар офариниш, рӯзӣ додан ва татбири мавҷудот, шарики Ӯ намедонанд, балки дар хайр ва шар вобаста ба изни Ӯ мешуморанд ва ба <<Ло Илоҳа Илаллоҳ>> иқрор доранд ва Паёмбарон ва чизе ки бар онон нозил шудаастро тасдиқ мекунанд ва ба охират ва рӯзи қиёмат мӯътақиданд ва бо ин васф, қиёси онон бо мушрикони замони Паёмбар ﷺ, ғайри мунсифона аст ва ҷуз бо тасоҳул ва тағофулӣ фоҳиш мумкин нест. Ҳар чанд чунонки рӯшан шуд, хондани касоне ки ҷуз Худованд дар ғайбати онҳо, бо ҳар тавҷиҳе ки бошад, тарки авло шумурда мешавад ва зебандаи мусалмонон нест; Зеро авло дар ҳар ҳоле, хондани Худованд аст ки аз ҳар касе шунавотар, меҳрубонтар ва иҷобаткунандатар аст; То ҷойе ки бо вуҷуди Ӯ, ниёзе ба хондани ғайри Ӯ ҳар чанд махлуқӣ муқаддас бошад, нест.

### [Тавҳиди Худованд дар ташриъ]

Буъди дуввум, ташриъ ба маънои иншоъи аҳком барои

1. Сабаъ/ 31.
2. Наҳл/ 38.
3. Ҳуд/ 19.

мавҷудот аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки мутаваққиф бар илми комил ба ҳамаи онҳо ва ҳамаи масолеҳ ва мафосиди онҳост то боядҳо ва набоядҳои лозим барои ҳидояти таклифияшон ба камолашон таъйин шавад, дар ҳоле ки чунин илме, ҷуз барои таквин кунандаи онҳо вуҷуд надорад; Чунонки фармудааст: ﴿هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُمْ مَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعًا ثُمَّ اسْتَوَىٰ إِلَى السَّمَاءِ فَسَوَّاهُنَّ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ ۚ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ﴾;[1] <<Ӯ касе аст ки ҳар чи дар замин астро барои шумо халқ кард ва сипас ба осмон пардохт ва онро ҳафт осмон баробар кард ва Ӯст ки ба ҳар чизе олим аст>> Ва фармудааст: ﴿أَلَا يَعْلَمُ مَنْ خَلَقَ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ﴾;[2] <<Оё касе ки халқ кард олим нест?! Дар ҳоле ки Ӯ борикбини огоҳ аст>> Ва бо ин васф, рӯшан аст ки касе ҷуз Ӯ салоҳияти ҳалол кардан ё ҳаром кардани чизе барои чизӣ дигаронро надорад; Чароки ҳалол кардан ё ҳаром кардани чизе барои чизӣ дигар, мутаваққиф бар илми ба он ду ва адами таносубашон бо якдигар аст ки ҷуз барои таквин кунандаи он ду мумкин нест; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ أَرَأَيْتُمْ مَا أَنْزَلَ اللَّهُ لَكُمْ مِنْ رِزْقٍ فَجَعَلْتُمْ مِنْهُ حَرَامًا وَحَلَالًا قُلْ آللَّهُ أَذِنَ لَكُمْ ۖ أَمْ عَلَى اللَّهِ تَفْتَرُونَ﴾;[3] <<Бигӯ оё ризқе ки Худованд бароятон нозил кардро дидаед ки аз он ҳаром ва ҳалоле сохтаед?! Бигӯ оё Худованд ба шумо изн дод ё бар Худованд дурӯғ мебандед?!>>. Дар ҳоле ки аҳкоми Худованд, тобеъи аз илми Ӯ ба табоъи ва мақодири ашёъ ва нисбат ва иртиботи онҳо бо якдигар ва масолеҳ ва мафосиди ношӣ аз онҳо ва суннатҳои собит ва мулоҳизоти мутағййири Ӯ ва низ асбоби ғайбӣ ва фаромоддӣ дар низоми ҳастӣ аст ва рӯшан аст ки чунин илме, аз дастраси дигарон хориҷ аст. Аз инҷо дониста мешавад ки танҳо аҳкоми Худованд, арзиши пайравиро дорад ва аҳкоме ки дигарон вазъ мекунанд, қобили пайравӣ нест; Чунонки фармудааст: ﴿أَمْ لَهُمْ شُرَكَاءُ شَرَعُوا لَهُمْ مِنَ الدِّينِ مَا لَمْ يَأْذَنْ بِهِ اللَّهُ ۚ وَلَوْلَا كَلِمَةُ الْفَصْلِ لَقُضِيَ بَيْنَهُمْ ۗ وَإِنَّ الظَّالِمِينَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾;[4] <<Ё барои онон шариконе аст ки барояшон чизе аз динро ташриъ кардаанд ки Худованд ба он изн надодааст?! Дар ҳоле ки агар баное бар ҷудой набуд миёнашон файсала мешуд ва бегумон золимонро азобӣ дарднок аст>>; Зеро дигарон, ба иқтизои маҳдудият ҳавос ва идрокоти худ, ба ҳама чиз дар ҷаҳон олим нестанд ва табъан дар ҳоле ҳукм вазъ

1. Бақара/ 29.
2. Мулк/ 14.
3. Юнус/ 59.
4. Шуро/ 21.

мекунанд ки ба муқтазиёт ва мавонеъи он иҳота надоранд ва бо ин васф, қатъ ба дурустӣ ва судмандии ҳукмашон ҳатто барои худашон ҳосил намешавад, то чи расад ба дигарон ва аз ин рӯ, ҳукмашон ношӣ аз ҷоҳилият аст ва табъан барои оқилон, қобили пайравӣ нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَفَحُكْمَ الْجَاهِلِيَّةِ يَبْغُونَ ۚ وَمَنْ أَحْسَنُ مِنَ اللَّهِ حُكْمًا لِقَوْمٍ يُوقِنُونَ﴾;[1] <<Оё ҳукми ҷоҳилиятро меҷуянд?! Дар ҳоле ки чи касе аз Худованд беҳтар ҳукм мекунад барои гурӯҳе ки яқин мекунанд?!>>.

Аз инҷо дониста мешавад ки Худованд дар қонунгузорӣ, ягона аст ва ҳар кас дар ин кор барои Ӯ шарике бишиносад, мусалмон нест, балки мушрик шумурда мешавад; Ҳамчунонки ҳар кас ба лузуми амал ба қавонини Худованд мӯътақид набошад ва ба қавонине ки дигарон бо қатъи назар аз қавонини Ӯ вазъ кардаанд пойбанд бошад, аз лиҳози назарӣ кофир ва аз лиҳози амалӣ дар буъди иҷтимоъӣ золим ва дар буъди фардӣ фосиқ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَنْ لَمْ يَحْكُمْ بِمَا أَنْزَلَ اللَّهُ فَأُولَئِكَ هُمُ الْكَافِرُونَ﴾;[2] <<Ва ҳар кас ба чизе ки Худованд нозил кард ҳукм накунад, онон ҳамоно кофиронанд>> Ва фармудааст: ﴿وَمَنْ لَمْ يَحْكُمْ بِمَا أَنْزَلَ اللَّهُ فَأُولَئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ﴾;[3] <<Ва ҳар кас ба чизе ки Худованд нозил кард ҳукм накунад, онон ҳамоно золимонанд>> Ва фармудааст: ﴿وَمَنْ لَمْ يَحْكُمْ بِمَا أَنْزَلَ اللَّهُ فَأُولَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ﴾;[4] <<Ва ҳар кас ба чизе ки Худованд нозил кард ҳукм накунад, онон ҳамоно фосиқонанд>>! Ин дар ҳоле аст ки ҳамакнун дар бисёрӣ аз кишварҳои Исломӣ, бештари қавонини Худованд матрук шудааст ва ба ҷои он, қавонунӣ башарӣ аз синхи қавонини кофирон, вазъ ва татбиқ мешавад; Монанди онки қотил бо вуҷуди иҷтимоъи шароити қасос, кушта намешавад ва сориқ бо вуҷуди иҷтимоъи шароити ҳад, қатъи даст намешавад ва зонӣ бо вуҷуди иҷтимоъи шароити ҳад, раҷм ё ҷалд намешавад ва ба ҷои он, маҳбус мешавад. Рӯшан аст ки ин, агарчи ба сабаби адами таносуби аҳкоми Худованд бо онон пас аз тақсирашон бошад, хуруҷӣ ошкор аз Ислом аст; Зеро онон

1. Моъида/ 50.
2. Моъида/ 44.
3. Моъида/ 45.
4. Моъида/ 47.

медонанд ки қавонинашон аз Худованд содир нашуда ва муғойир бо қавонини Ӯст ва бо ин ҳол, ба пайравӣ аз он мӯътақид ва мултазиманд ва бо ин васф, баҳсе дар хуруҷи онон аз Ислом агар чи таҳти унвони нифоқ нест ва табъан бар мусалмононе ки дар миёни онон зиндагӣ мекунанд, воҷиб аст ки ҳаргоҳ тавоноӣ бозгардондани онон ба Ислом аз тариқи амри ба маъруф ва наҳй аз мункарро дошта бошанд, ин корро анҷом диҳанд ва ҳаргоҳ тавоноӣ анҷоми ин корро надошта бошанд, дар сурати имкон аз миёни онон ҳиҷрат кунанд ва ба кишварӣ дигар бираванд ки қавонини Худованд дар он татбиқ мешавад ва агар бо вуҷуди тавоноӣ ва имкон, ҳеҷ як аз ин ду корро накунанд, дар зулм ва фисқи онон шариканд, ҳар чанд ба сабаби бароъати қалбияшон аз онон, дар куфри онон шарик набошанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَنْ يَتَوَلَّهُمْ مِنْكُمْ فَإِنَّهُ مِنْهُمْ﴾;[1] <<Ва ҳар кас аз шумо ононро дӯст бигирад, бегумон ӯ аз онон аст>> Ва фармудааст: ﴿وَمَنْ يَتَوَلَّهُمْ مِنْكُمْ فَأُولَٰئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ﴾;[2] <<Ва ҳар кас аз шумо ононро дӯст бигирад, пас онон ҳамоно золимонанд>>!

## [Тавҳиди Худованд дар таҳким]

Буъди севвум, ҳукумат ба маънои татбиқи аҳком дар миёни мавҷудот аст ки аз тариқи салтанат бар онҳо мумкин мешавад ва қатъан ҷуз барои Худованд шойиста нест; Чунонки фармудааст: ﴿لِلَّهِ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَمَا فِيهِنَّ ۚ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾;[3] <<Ҳукумат бар осмонҳо ва замин ва ҳар чи дар онҳост, барои Худованд аст ва Ӯ бар ҳар чизе тавоност>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки танҳо Худованд аҳлияти ташриъи аҳкомро дорад ва табъан танҳо Ӯ ба татбиқи комили аҳкомаш қодир аст; Чароки татбиқи комили аҳкоми Ӯ, мутаваққиф бар илми комил ба онҳост, дар ҳоле ки илми комил ба онҳо ҷуз барои Ӯ ки ташриъашон кардааст, мумкин нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳеҷ кас ба андозаи худи Ӯ, аз ризоят ва кароҳаташ огоҳӣ надорад ва табъан ҳалол ва ҳаромашро намешиносад; Чунонки фармудааст: ﴿أَمْ كُنْتُمْ شُهَدَاءَ إِذْ وَصَّاكُمُ اللَّهُ بِهَٰذَا﴾;[4] <<Ё шумо ҳозир будед ҳангоме ки Худованд ба ин васиятатон кард?!>> Ва фармудааст:

1. Моъида/ 51.
2. Тавба/ 23 .
3. Моъида/ 120.
4. Анъом/ 144.

﴿قُلْ هَلُمَّ شُهَدَاءَكُمُ الَّذِينَ يَشْهَدُونَ أَنَّ اللَّهَ حَرَّمَ هَٰذَا ۖ﴾;[1] <<Бигӯ гувоҳонатонро ки гувоҳӣ медиҳанд Худованд инро ҳаром кардааст биёваред!>> Ва фармудааст: ﴿وَلَا تَقُولُوا لِمَا تَصِفُ أَلْسِنَتُكُمُ الْكَذِبَ هَٰذَا حَلَالٌ وَهَٰذَا حَرَامٌ لِتَفْتَرُوا عَلَى اللَّهِ الْكَذِبَ ۚ إِنَّ الَّذِينَ يَفْتَرُونَ عَلَى اللَّهِ الْكَذِبَ لَا يُفْلِحُونَ﴾;[2] <<Ва барои чизе ки забонҳотон ба дурӯғ васф мекунад нагуйед ки ин ҳалол аст ва ин ҳаром аст то бар Худованд дурӯғ бубанден; Бегумон касоне ки бар Худованд дурӯғ мебананд, растагор нохоҳанд шуд>>! Ҳамчунонки татбиқи комили аҳкоми Худованд, мутаваккиф бар илми комил ба мавзӯъоти онҳост, дар ҳоле ки илми комил ба мавзӯъоти онҳо, ҷуз барои Ӯ ки таквинашон кардааст, мумкин нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳеҷ кас ба андозаи худи Ӯ, аз махлуқоташ огоҳӣ надорад ва табъан андоза ва ҷои онҳоро намешиносад; Чунонки фармудааст: ﴿وَعِنْدَهُ مَفَاتِحُ الْغَيْبِ لَا يَعْلَمُهَا إِلَّا هُوَ ۚ وَيَعْلَمُ مَا فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ ۚ وَمَا تَسْقُطُ مِنْ وَرَقَةٍ إِلَّا يَعْلَمُهَا وَلَا حَبَّةٍ فِي ظُلُمَاتِ الْأَرْضِ وَلَا رَطْبٍ وَلَا يَابِسٍ إِلَّا فِي كِتَابٍ مُبِينٍ﴾;[3] <<Ва калидҳои ғайб назди Ӯст ки касе ҷуз Ӯ ба он илм надорад ва ба ҳар чизе ки дар хушки ва дарёст олим аст ва ҳеҷ барге намеафтад магар инки ба он илм дорад ва ҳеҷ доное дар торикиҳои замин ва ҳеҷ тар ва хушке нест магар инки дар китобӣ Рӯшангар аст>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ يَعْلَمُ وَأَنْتُمْ لَا تَعْلَمُونَ﴾;[4] <<Бегумон Худованд медонад ва шумо намедонед>>!

Вонгаҳе рӯшан аст ки татбиқи аҳкоми Худованд бар мавзӯъоти онҳо, бидуни ҳукумати Ӯ бар онҳо мумкин нест; Чароки бисёрӣ аз аҳкоми Ӯ барои онҳо, умумӣ аст ва табъан бидуни султаи Ӯ бар онҳо, замонати иҷро надорад; Дар ҳоле ки ҳукумати Ӯ бар онҳо, бидуни итоъати онҳо аз Ӯ мумкни нест ва ин ба маънои вуҷуби итоъати онҳо аз Ӯст; Ҳамчунонки итоъати онҳо аз ғайри Ӯ ҷойиз нест; Зеро итоъати онҳо танҳо аз касе маъқул аст ки аз ҳар нуқсоне муназзаҳ аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки итоъат аз ноқис, ба нуқсон меанҷомад ва рӯшан аст ки касе ҷуз Худованд, аз ҳар нуқсоне муназзаҳ нест; Чунонки фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ أَنْتُمُ الْفُقَرَاءُ إِلَى اللَّهِ ۖ وَاللَّهُ هُوَ الْغَنِيُّ الْحَمِيدُ﴾;[5] <<Ҳон эй мардум! Шумо ба Худованд

1. Анъом/ 150.
2. Наҳл/ 116.
3. Анъом/ 59.
4. Наҳл/ 74.
5. Фотир/ 15.

ниёзманд ҳастед ва Худованд ҳамоно бениёзи сутуда аст>>!

Афзун бар онки ҳокимият бар мардум, ба маънои моликият бар бархӣ ихтиёроти онон аст ва чунин моликияте, ба моликияти бар мардум боз мегардад ки ҷуз барои таквин кунандаи онон собит нест; Чунонки фармудааст: ﴿أَلَا إِنَّ لِلَّهِ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ﴾;[1] <<Огоҳ бошед ки ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст, барои Худованд аст>> Ва фармудааст: ﴿أَمَّنْ يَمْلِكُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ﴾;[2] <<Ё чи касе бар шунавоӣ ва дидагон моликият дорад?!>> Ва фармудааст: ﴿ذَٰلِكُمُ اللَّهُ رَبُّكُمْ لَهُ الْمُلْكُ ۚ وَالَّذِينَ تَدْعُونَ مِنْ دُونِهِ مَا يَمْلِكُونَ مِنْ قِطْمِيرٍ﴾;[3] <<Он Худованд Парвардигоратон аст ки ҳукумат барои Ӯст ва касоне ҷуз Ӯ ки мехонед, пӯсти ҳастаи хурмоеро молик нестанд>>!

Аз инҷо диниста мешавад ки Худованд дар ҳукумат бар мардум, ягона аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَمْ يَكُنْ لَهُ شَرِيكٌ فِي الْمُلْكِ﴾;[4] <<Ва барои Ӯ шарике дар ҳукумат вуҷуд надорад>> Ва табъан мардумро чорае нест ҷуз инки ҳукумати Ӯ бар худро бипазиранд; Чароки бидуни ҳукумат, зиндагӣ онон мухтал мешавад ва ҳукумати Ӯ танҳо ҳукумати маъқул ва қобили пазириш аст; Ҳамчунонки найли онон ба камолашон, мутаваққиф бар таҳаққуқи адолат аст ва таҳаққуқи адолат, танҳо бо ҳукумати Худованд мумкин аст ва ҳукумати Худованд, монанди ҳар ҳукумати дигаре, бидуни пазириши мардум мумкин нест ва бо ин васф, пазириши ҳукумати Худованд, бар мардум воҷиб аст ва он аз тариқи пазириши ҳукумати касе анҷом мешавад ки ба ниёбат аз тарафи Худованд ҳукумат мекунад; Чароки Худованд монанди ҳар ҳокими дигаре, ҳукумати хеш бар мардумро ба ҳар як аз онон ки бихоҳад тафвиз мекунад то ба ниёбат аз ҷониби Ӯ, аҳкоми Ӯро дар миёни онон татбиқ кунад; Чунонки фармудааст: ﴿وَاللَّهُ يُؤْتِي مُلْكَهُ مَنْ يَشَاءُ﴾;[5] <<Ва Худованд ҳукуматашро ба ҳар кас ки бихоҳад медиҳад>> Ва чунин касе, ба эътибори ҳукуматаш аз ҷониби Худованд, халифаи Ӯ дар замин шумурда мешавад; Чунонки

1. Нур/ 64.
2. Юнус/ 31.
3. Фотир/ 13.
4. Исроъ/ 111.
5. Бақара/ 247.

фармудааст: ﴿إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً﴾;[1] <<Ҳароина Ман дар замин халифаеро қарор диҳандаам>>; Ҳамчунонки масалан Довуд عليه السلام ро аз ҷониби хеш ҳукумат дод ва фармуд: ﴿وَقَتَلَ دَاوُودُ جَالُوتَ وَآتَاهُ اللَّهُ الْمُلْكَ﴾;[2] <<Ва Довуд Ҷолутро кушт ва Худованд ба ӯ ҳукумат дод>> Ва ба ҳамин эътибор, ӯро халифаи худ дар замин шумурд ва фармуд: ﴿يَا دَاوُودُ إِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِي الْأَرْضِ فَاحْكُمْ بَيْنَ النَّاسِ بِالْحَقِّ وَلَا تَتَّبِعِ الْهَوَىٰ فَيُضِلَّكَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ﴾;[3] <<Эй Довуд! Мо туро халифае дар замин қарор додем пас миёни мардум ба ҳақ ҳукумат кун ва аз хоҳиш пайравӣ накун ки туро аз роҳи Худо гумроҳ мекунад>>! Бинобарин, <<Байъат>> ба маъони пазириши ҳукумат, танҳо бо касе ҷойиз аст ки монанди Довуд عليه السلام ба хилофат аз ҷониби Худованд дар замин гумошта шудааст ва байъат бо чунин касе, байъат бо Худованд шумурда мешавад; Чароки Худованд ба байъати бо ӯ амр кардааст; Чунонки байъат бо Паёмбарашро ба ин эътибор, байъат бо худ шумурда ва фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يُبَايِعُونَكَ إِنَّمَا يُبَايِعُونَ اللَّهَ يَدُ اللَّهِ فَوْقَ أَيْدِيهِمْ﴾;[4] <<Ҳароина касоне ки бо ту байъат мекунанд бегумон бо Худованд байъат мекунанд, дасти Худованд бар рӯи дастҳои онҳост>> Ва рӯшан аст ки чунин хилофате дар замони ҳозир, ҷуз барои Маҳдӣ собит нест; Чароки илми ба он, танҳо аз тариқи хабари мутавотири Паёмбар صلى الله عليه وآله وسلم мумкин аст ва хабари мутавотире аз он Ҳазрат, ҷуз барои Маҳдӣ нарасидааст ва бо ин васф, ҷуз ӯ халифае барои Худованд дар замин нест ва табъан ҳамаи мардум мукаллаф ба байъат бо ӯ ҳастанд; Чароки Худованд ва Паёмбараш ба байъат бо ӯ амр кардаанд ва бо ин васф, байъати бо ӯ, байъати бо Худованд ва Паёмбараш шумурда мешавад; Ҳамчунонки байъат бо ғайри ӯ, ҳар чанд мусалмонӣ Қурайшӣ ва солеҳ бошад, машруъ нест; Чароки дар назари оқилон, амр ба кор, наҳй аз зидди он аст ва бо ин васф, амри Худованд ва Паёмбараш ба байъат бо Маҳдӣ, наҳйи онҳо аз байъат бо ғайри ӯ шумурда мешавад ва аз ин рӯ, байъат бо ғайри Маҳдӣ ба маъони пазириши ҳукумати ғайри ӯ, ҳар чанд Ҳошимӣ ва солеҳ бошад, ҳаром аст; Бал таҳокум ба тоғут шумурда мешавад ки залолӣ баъид аст; Чунонки Худованд

---

1. Бақара/ 30.
2. Бақара/ 251.
3. Сод/ 26.
4. Фатҳ/ 10.

фармудааст: ﴿يُرِيدُونَ أَنْ يَتَحَاكَمُوا إِلَى الطَّاغُوتِ وَقَدْ أُمِرُوا أَنْ يَكْفُرُوا بِهِ وَيُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَنْ يُضِلَّهُمْ ضَلَالًا بَعِيدًا﴾;[1] <<Мехоҳанд ба тоғут ҳукумат баранд, дар ҳоле ки амр шудаанд ба он кофир шаванд ва шайтон мехоҳад ки ононро ба залолӣ баъид дар андозад>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳар ҳокиме ки Худованд ӯро аз ҷониби хеш нагумошта, агар чи Фотимӣ балки Ҳусейнӣ бошад ва ҳамаи мусалмонон бар ӯ иҷтимоъ кунанд, тоғут аст ва ҳар кас ҳокимияти ӯро бипазирад, тоғутро парастиш карда ва аз Ислом ба андозаи осмон то замин дур шуда ва ин зарурати дин ва суннати Худованд дар гузаштагон аст ки дар он ҷои ҳеҷ баҳс ва мунокишае нест.

Аз инҷо муста мешавад, касоне аз мусалмонон ки халифа ё амир ё валии амре ҷуз Маҳдӣ ихтиёр кардаанд ва ба ҷои ӯ, дар ҳифозат, иъонат ва итоъат аз онон мекӯшанд, танҳо аз аҳвоъ ва зунуни худ пайравӣ мекунанд ва баййинае аз ҷониби Худованд надоранд ва марги онон дар ин кор, марги ҷоҳилӣ аст; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿قُلْ هَلْ نُنَبِّئُكُمْ بِالْأَخْسَرِينَ أَعْمَالًا؛ الَّذِينَ ضَلَّ سَعْيُهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَهُمْ يَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ يُحْسِنُونَ صُنْعًا﴾;[2] <<Бигӯ оё шуморо ба зиёнкортаринҳо дар аъмол хабар бидиҳем? Касоне ки талошашон дар зиндагии дунё бар гумроҳӣ буд ва мепиндоштанд ки кори хубе анҷом медиҳанд!>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки дастрасии онон ба Маҳдӣ, ба маҳзи ирода ва иқдоми лозими онон барои он, мумкин аст ва ҳукумати ӯ бо талаб, иъонат ва итоъати онон, муҳаққақ мешавад ва бо ин васф, ҳеҷ ниёзе ба эъроз аз ӯ ва иқболи ба дигарон надоранд.

Ҳосил онки Худованд дар хукумат бар мардум ягона аст ва табъан танҳо Ӯ ҳаққи ҳоким сохтани касе дар заминро дорад ва ҳар кас ҷуз Ӯ ки касеро дар замин ҳоким созад, мушрик аст; Чароки худро шарики Худованд дар таҳким қарор додааст; Ҳамчунонки ҳар кас ҳокиме ки Худованд дар замин гумоштаастро напазирад, аз ибодати Худованд сар боз зада ва аз зиммаи Ӯ хориҷ шудааст; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَنْ يَسْتَنْكِفْ عَنْ عِبَادَتِهِ وَيَسْتَكْبِرْ فَسَيَحْشُرُهُمْ إِلَيْهِ جَمِيعًا﴾;[3] <<Ва ҳар кас аз ибодати Ӯ истенкоф

1. Нисоъ/ 60.
2. Каҳф/ 103 ва 104.
3. Нисоъ/ 172.

кунад ва истекбор варзад, ҳамаи ононро ба сӯи хеш бар хоҳад ангехт>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِي سَيَدْخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ﴾;[1] <<Бегумон касоне ки аз ибодати Ман сар боз мезананд, бо хорӣ ба ҷаҳаннам дохил хоҳанд шуд>>! Аз ин рӯ, ҳар кас ҷуз Маҳдӣ, мусалмононро ба байъати бо хеш даъват кунад, имоме аст ки ба сӯи оташ даъват мекунад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَجَعَلْنَاهُمْ أَئِمَّةً يَدْعُونَ إِلَى النَّارِ﴾;[2] <<Ва ононро имомоне сохтем ки ба сӯи оташ даъват мекунанд>>, бал тоғуте аст ки ба ҷои Худованд парастиш мешавад ва пайравонашро аз нур ба торикӣ берун мебарад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ كَفَرُوا أَوْلِيَاؤُهُمُ الطَّاغُوتُ يُخْرِجُونَهُمْ مِنَ النُّورِ إِلَى الظُّلُمَاتِ ۗ أُولَٰئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ ۖ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ﴾;[3] <<Ва касоне ки кофир шуданд, сарпарастонашон тоғутанд, ононро аз нур ба торикӣ берун мебаранд, онон ҳамнишинони оташанд ва дар он ҷовидон хоҳанд буд>>; Бал ҳар кас ҷуз Маҳдӣ, мусалмононро бо силоҳи худ бизанад то дар байъати ӯ дохил шаванд, бо Худованд ва халифаи Ӯ, ба муҳориба бархоста ва дар замин фасод ангехтааст ва сазои касоне ки бо Худованд ва халифаи Ӯ, ба муҳориба бар мехезанд ва дар замин фасод меангезанд, ҷуз ин нест ки кушта шаванд ё ба дор овехта шаванд ё дастҳо ва пойҳошон ба хилофи ҳам бурида шавад ё аз замин ронда шаванд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّمَا جَزَاءُ الَّذِينَ يُحَارِبُونَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَيَسْعَوْنَ فِي الْأَرْضِ فَسَادًا أَنْ يُقَتَّلُوا أَوْ يُصَلَّبُوا أَوْ تُقَطَّعَ أَيْدِيهِمْ وَأَرْجُلُهُمْ مِنْ خِلَافٍ أَوْ يُنْفَوْا مِنَ الْأَرْضِ ۚ ذَٰلِكَ لَهُمْ خِزْيٌ فِي الدُّنْيَا ۖ وَلَهُمْ فِي الْآخِرَةِ عَذَابٌ عَظِيمٌ﴾;[4] <<Сазои касоне ки бо Худованд ва Паёмбараш ба ситез бар мехезанд ва дар замин фасод меангезанд ҷуз ин нест ки кушта ё ба дор овехта шаванд ё дастҳо ва пойҳошон ба хилофи ҳам бурида шавад ё аз замин ронда шаванд; Он барояшон хорие дар зиндагии дунёст ва барояшон дар охират азобӣ бузург хоҳад буд>> Ва ман агар дар замин тамаккун ёбам, ононро ба сазои аъмолашон хоҳам расонд; Чароки бардоштани онон аз сари роҳи Маҳдӣ, бар ҳар мусалмоне ки мутамаккин аз он бошад, воҷиб аст.

1. Ғофир/ 60.
2. Қасос/ 41.
3. Бақара/ 257.
4. Моида/ 33.

### [Табаъияти Худованд]

Аммо тавҳиди Худованд дар ин се замина, мусталзими ибодати Ӯст ки ҳадаф аз таквин, ташриъ ва таҳкми Ӯ шумурда мешавад; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾;[1] <<Ва ҷин ва инсонро наёфаридам магар барои инки Манро ибодат кунанд>> Ва ибодати Ӯ, ба маънои табаъият аз Ӯст; Чароки ибодати ҳар абде дар назди оқилон, ба маънои табаъияти ӯ аз мавлояш дониста мешавад ва Худованд мавлоӣ ҳама аст; Чунонки фармудааст: ﴿بَلِ اللَّهُ مَوْلَاكُمْ ۖ وَهُوَ خَيْرُ النَّاصِرِينَ﴾;[2] <<Балки Худованд мавлоӣ шумост ва Ӯ беҳтарин пуштибон аст>> Ва табаъият аз Худованд, мувофиқат бо иродаи Ӯст ва иродаи Ӯ гоҳе дар ихбори Ӯ таҷаллӣ меёбад ки бо тасдиқи он қобили мувофиқат аст ва гоҳе дар иншоъи Ӯ таҷаллӣ меёбад ки бо амал ба он қобили мувофиқат аст.

### [Табаъияти Худованд дар ихбори Ӯ]

Аммо ихбори Ӯ гоҳе аз чизе аст ки воқеъ шудааст;

### [Набувват]

Монанди ахбори Ӯ аз Паёмбарии Паёмбаронаш ва вопасини онон Муҳаммад ﷺ ки воситаҳои Ӯ дар ташриъ ҳастанд ва табъан тасдиқи он ба иқтизои қатъӣ будани ихбори Ӯ ва вуҷуби табаъияташ, зарурӣ аст; Чунонки фармудааст: ﴿فَآمِنُوا بِاللَّهِ وَرُسُلِهِ﴾;[3] <<Пас ба Худованд ва Паёмбараш имон биёваред>>!

### [Малоъика]

Ва монанди ихбори Ӯ аз вуҷуди фариштагонаш ки болҳое барои парвоз доранд; Чунонки фармудааст: ﴿الْحَمْدُ لِلَّهِ فَاطِرِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ جَاعِلِ الْمَلَائِكَةِ رُسُلًا أُولِي أَجْنِحَةٍ مَثْنَى وَثُلَاثَ وَرُبَاعَ﴾;[4] <<Ситойиш барои Худованд офаринандаи осмонҳо ва замин аст ки фариштагонро фиристодагоне дорои болҳоӣ дутоӣ ва сетоӣ ва чаҳортоӣ қарор додааст>> Ва дар сухан бар Ӯ пешӣ намегиранд ва танҳо ба амри Ӯ амал мекунанд; Чунонки фармудааст: ﴿لَا يَسْبِقُونَهُ بِالْقَوْلِ وَهُمْ بِأَمْرِهِ

1. Зориёт/ 56.
2. Оли Имрон/ 150.
3. Оли Имрон/ 179.
4. Фотир/ 1.

﴿يَعْمَلُونَ﴾;[1] <<Дар сухан бар Ӯ пешӣ намегиранд ва ба амри Ӯ амал мекунанд>> Ва аз ин рӯ, воситаҳои Ӯ дар таквин ба маънои халқ, ризқ ва татбир ҳастанд; Чунонки фармудааст: ﴿قَالَ إِنَّمَا أَنَا رَسُولُ رَبِّكِ لِأَهَبَ لَكِ غُلَامًا زَكِيًّا﴾;[2] <<Гуфт ман танҳо фиристодаи Парвардигори туам то ба ту писарӣ покиза бибахшам>> Ва фармудааст: ﴿فَالْمُقَسِّمَاتِ أَمْرًا﴾;[3] <<Пас тақсим кунандагони коранд>> Ва фармудааст: ﴿فَالْمُدَبِّرَاتِ أَمْرًا﴾;[4] <<Пас татбир кунандагони коранд>> Ва табъан тасдиқи он ба иқтизои қатъӣ будани ӣхбори Ӯ ва вуҷуби табаъияташ, зарурӣ аст; Чунонки фармудааст: ﴿كُلٌّ آمَنَ بِاللَّهِ وَمَلَائِكَتِهِ﴾;[5] <<Ҳамагӣ ба Худованд ва фариштагонаш имон оварданд>> Ва фармудааст: ﴿مَنْ كَانَ عَدُوًّا لِلَّهِ وَمَلَائِكَتِهِ وَرُسُلِهِ وَجِبْرِيلَ وَمِيكَالَ فَإِنَّ اللَّهَ عَدُوٌّ لِلْكَافِرِينَ﴾;[6] <<Ҳар кас душмани Худованд ва фариштагонаш ва Паёмбаронаш ва Ҷабраъил ва Микоъил бошад, пас Худованд душмани кофирон аст>>!

## [Охират]

Ва гоҳе ихбор аз чизе аст ки воқеъ нашудааст ва ба ин эътибор, ваъдаи Ӯ шумурда мешавад; Монанди ихбори Ӯ аз рӯзи қиёмат ки мурдагон пас аз дамида шудан дар сур ва дигаргун шудани осмонҳо ва замин, сар аз хок бар медоранд ва барои муҳосиба дар пешгоҳи Ӯ ҳозир мешаванд ва бо вуҷуди тарозуҳои адолат ва шоҳидони сидқ, аз ҳамаи корҳои худ огоҳӣ меёбанд ва дар сурати ғалабаи корҳои хубашон ба сӯи биҳишт ва дар сурати ғалабаи корҳои бадашон ба сӯи ҷаҳаннам савқ дода мешаванд ва сазоӣ корҳои худро бидуни ситаме аз ҷониби Ӯ мебинанд ва рӯшан аст ки тасдиқи он ба иқтизои қатъӣ будани ихбори Ӯ ва вуҷуби табаъияташ, зарурӣ аст; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ وَعْدَ اللَّهِ حَقٌّ وَالسَّاعَةُ لَا رَيْبَ فِيهَا﴾;[7] <<Бегумон ваъдаи Худованд ҳақ аст ва ҳангомаи шакке дар он нест>>; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки адолати Худованд иқтизо мекунад некукорон ба подоши некуӣ худ ва бадкорон ба кайфари бадӣ худ бирасанд то некуӣ бо бадӣ яксон набошад ва

1. Анбиёъ/ 27.
2. Марям/ 19.
3. Зориёт/ 4.
4. Нозиъот/ 5.
5. Бақара/ 285.
6. Бақара/ 98.
7. Ҷосия/ 32.

саранҷоми мушобеҳӣ надошта бошад, дар ҳоле ки ин ғолибан дар дунё воқеъ намешавад ва бо ин васф, чорае ҷуз вуқӯъи он пас аз дунё нест; Чунонки фармудааст: ﴿أَمْ حَسِبَ الَّذِينَ اجْتَرَحُوا السَّيِّئَاتِ أَنْ نَجْعَلَهُمْ كَالَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ سَوَاءً مَحْيَاهُمْ وَمَمَاتُهُمْ ۚ سَاءَ مَا يَحْكُمُونَ﴾;[1] <<Ё касоне ки бадиҳоро анбоштанд пиндоштанд ки ононро монанди касоне қарор медиҳем ки имон оварданд ва корҳои хуб анҷом доданд, зиндагӣ ва маргашон монанди ҳам аст?! Бад чизе аст ки ҳукм мекунанд!>> Ва фармудааст: ﴿أَفَنَجْعَلُ الْمُسْلِمِينَ كَالْمُجْرِمِينَ؛ مَا لَكُمْ كَيْفَ تَحْكُمُونَ﴾;[2] <<Оё пас мусалмононро монанди бадкорон қарор медиҳем?! Шуморо чи мешавад чигуна ҳукм мекунед?!>> Ва фармудааст: ﴿أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجَّارِ﴾;[3] <<Ё касоне ки имон оварданд ва корҳои хуб анҷом додандро монанди фасодангезон қарор медиҳем?! Ё парҳезкоронро монанди гуноҳкорон месозем?!>> Ва фармудааст: ﴿وَمَا يَسْتَوِي الْأَعْمَىٰ وَالْبَصِيرُ وَالَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ وَلَا الْمُسِيءُ ۚ قَلِيلًا مَا تَتَذَكَّرُونَ﴾;[4] <<Ва кӯр бо бино яксон нест ва на касоне ки имон оварданд ва корҳои хуб анҷом доданд бо бадкор! Андаке панд мегиред!>>; Балки нобуд шудани инсон пас аз марг, қатъӣ назар аз чигунагии зиндагияш пеш аз он, таквини ӯро лағв месозад, дар ҳоле ки лағв аз Худованд содир намешавад; Чунонки фармудааст: ﴿أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَاكُمْ عَبَثًا وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لَا تُرْجَعُونَ﴾;[5] <<Оё пас гумон кардед ки Мо шуморо беҳуда офаридем ва шумо ба сӯи Мо боз намегардед?!>>. Аз ин рӯ, касоне ки вуҷуди охиратро инкор мекунанд, наметавонанд ба вуҷуди Худованд бовар дошта бошанд; Чароки вуҷуди Худованд, мусталзими вуҷуди охират аст; Ҳамчунонки мункирони вуҷуди Худованд, ваҷҳӣ ақлонӣ барои зиндагии худ намеёбанд ва ҷуз ноумеду батолат, маъолӣ надоранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ كَفَرُوا بِآيَاتِ اللَّهِ وَلِقَائِهِ أُولَٰئِكَ يَئِسُوا مِنْ رَحْمَتِي وَأُولَٰئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾;[6] <<Ва касоне ки ба оёти Худованд ва дидори Ӯ кофир шуданд, онон аз раҳмати Ман ноумед гардиданд ва ононро азобӣ дарднок хоҳад буд>>; Чароки ба зъами онон, агар хуб бошанд монанди бадон ва агар бад бошанд монанди

1. Ҷосия/ 21.
2. Қалам/ 35 ва 36.
3. Сод/ 28.
4. Ғофир/ 58.
5. Мӯъминун/ 115.
6. Анкабут/ 23.

хубон хоҳанд мурд ва лузуман аз хубии худ сувде ва аз бадии худ зиёне нахоҳанд дид; Бо таваҷҷуҳ ба инки бисёрӣ аз хубон, бидуни ҳеҷ подоше ва бисёрӣ аз бадон, бидуни ҳеҷ кайфаре дар дунё, мурданд ва ранҷи онон ба осойише ва осойиши инон ба ранҷе наянҷомид ва бо ин мабно, тарҷеҳи ранҷи хубӣ бар осойиши бадӣ, бо онки ҳамаи оқилон бар он иҷмъо доранд, сафоҳат аст.

### [Табаъияти Худованд дар иншоъи Ӯ]

Аммо иншоъи Ӯ, ба маънои амр ва наҳйӣ Ӯст ки аз ризоят ва кароҳати Ӯ бар мехезад; Чароки Ӯ ба иқтизои камолаш, ба корҳои хуб розӣ аст ва аз корҳои бад кароҳат дорад ва ин дар ҳоле аст ки ба чизе ниёзманд нест то аз ҳусули он шодмон ва аз фавоти он андуҳгин шавад, балки бандагони Ӯ ба иқтизои ҳудуси худ, ба бақо ниёзманданд ва барои бақоъи худ, чорае ҷуз камол надоранд ва барои камоли худ, ба анҷоми корҳои хуб ва тарки корҳои бад вобастаанд ва Ӯ ба иқтизои камоли худ, камоли ононро мехоҳад; Чароки камолталабӣ аз камол шумурда мешавад. Бинобарин, ризояти Ӯ ба корҳои хуб ва кароҳати Ӯ аз корҳои бад, аз ниёзи Ӯ барнахоста, балки аз камоли Ӯ бархостааст; Чунонки ба унвони намуна фармудааст: ﴿إِنْ تَكْفُرُوا فَإِنَّ اللَّهَ غَنِيٌّ عَنْكُمْ ۖ وَلَا يَرْضَىٰ لِعِبَادِهِ الْكُفْرَ ۖ وَإِنْ تَشْكُرُوا يَرْضَهُ لَكُمْ ۗ﴾;[1] <<Агар куфр варзид бегумон Худованд аз шумо бениёз аст, дар ҳоле ки барои бандагонаш ба куфр розӣ нест ва агар шукр бигзорид барои шумо ба он ризоят дорад>> Ва бо ин васф, рӯшан аст ки Ӯ ба ҳар кори хубӣ амр карда ва аз ҳар кори бадӣ наҳй намуда; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالْإِحْسَانِ وَإِيتَاءِ ذِي الْقُرْبَىٰ وَيَنْهَىٰ عَنِ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنْكَرِ وَالْبَغْيِ﴾;[2] <<Ҳароина Худованд ба адолат ва некукорӣ ва тимори наздикон амр мекунад ва аз кори зишт ва нописанд ва ситам наҳй менамояд>> Ва табъан ба ҳеҷ кори баде амр накарда ва аз ҳеҷ кори хубе наҳй нанамуда; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ إِنَّ اللَّهَ لَا يَأْمُرُ بِالْفَحْشَاءِ ۖ﴾;[3] <<Бигӯ бегумон Худованд ба кори зишт амр намекунад>> Ва ба унвони намуна фармудааст: ﴿لَا يَنْهَاكُمُ اللَّهُ عَنِ الَّذِينَ لَمْ يُقَاتِلُوكُمْ فِي الدِّينِ وَلَمْ يُخْرِجُوكُمْ مِنْ دِيَارِكُمْ أَنْ تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوا إِلَيْهِمْ﴾;[4] <<Худованд

1. Зумар/ 7.
2. Наҳл/ 90.
3. Аъроф/ 28.
4. Мумтаҳина/ 8.

шуморо аз касоне ки бо шумо дар бораи дин наҷангиданд ва шуморо аз хонаҳотон берун накарданд наҳӣ намекунад ки бо онон некӣ кунед ва адолат варзед>> Ва бо ин васф, қабули амр ва наҳйӣ Ӯ, ҳар чанд ваҷҳи он бар бархӣ пӯшида бошад, бар ҳамагон воҷиб аст ва амал бар тибқи он, табаъият аз Худованд ва таъаббуд барои Ӯ шумурда мешавад ки таъмин кунандаи ниёзи банӣ Одам ва замони саъодати онон аст.

### [Намоз]

Монанди амри Ӯ ба намоз ки фаризаи хос ва собит барои мусалмонон аст; Чунонки фармудааст: ﴿إِنَّ الصَّلَاةَ كَانَتْ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ كِتَابًا مَوْقُوتًا﴾;[1] <<Ҳароина намоз фаризаи муъаян барои мӯъминон аст>> Ва дар панҷ вақт аз шабонарӯз гузорида мешавад; Дар оғози рӯз ва поёни он ки намози субҳ ва аср аст ва дар оғози шаб ки намози мағриб шумурда мешавад; Чунонки фармудааст: ﴿وَأَقِمِ الصَّلَاةَ طَرَفَيِ النَّهَارِ وَزُلَفًا مِنَ اللَّيْلِ﴾;[2] <<Ва намозро дар ду сари рӯз ва оғозӣ аз шаб барпо дор>> Ва низ дар миёнаи рӯз ки намози зуҳр аст ва қабл аз миёнаи шаб ки намози ишоъ аст; Чунонки фармудааст: ﴿أَقِمِ الصَّلَاةَ لِدُلُوكِ الشَّمْسِ إِلَىٰ غَسَقِ اللَّيْلِ وَقُرْآنَ الْفَجْرِ ۖ إِنَّ قُرْآنَ الْفَجْرِ كَانَ مَشْهُودًا﴾;[3] <<Намозро барои заволи офтоб то авҷи тирагии шаб барпо дор ва хондани фаҷр; Чароки бар хондани фаҷр ҳузур ёфта мешвад>> Ва бо ин васф, муҳофизат бар онҳо дар авқоташон, воҷиб аст; Чунонки фармудааст: ﴿حَافِظُوا عَلَى الصَّلَوَاتِ وَالصَّلَاةِ الْوُسْطَىٰ وَقُومُوا لِلَّهِ قَانِتِينَ﴾;[4] <<Бар намозҳо ва намози миёнӣ муҳофизат дошта бошед ва барои Худованд ба ниёйиш қиём кунед>> Ва муҳофизат бар онҳо ба маъони мудовимат бар онҳо ва ба маънои хушӯъ дар онҳост; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿الَّذِينَ هُمْ عَلَىٰ صَلَاتِهِمْ دَائِمُونَ﴾;[5] <<Касоне ки онон бар намози худ мудовимат доранд>> Ва фармудааст: ﴿الَّذِينَ هُمْ فِي صَلَاتِهِمْ خَاشِعُونَ﴾;[6] <<Касоне ки онон дар намози худ хушӯъ доранд>>; Ҳамчунонки ба маънои иҷтиноб аз касолат, риё, ғафлат ва саҳв дар онҳост; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ

1. Нисоъ/ 103.
2. Ҳуд/ 114.
3. Исроъ/ 78.
4. Бақара/ 238.
5. Маъориҷ/ 23.
6. Мӯъминун/ 2.

الْمُنَافِقِينَ يُخَادِعُونَ اللَّهَ وَهُوَ خَادِعُهُمْ وَإِذَا قَامُوا إِلَى الصَّلَاةِ قَامُوا كُسَالَىٰ يُرَاءُونَ النَّاسَ وَلَا يَذْكُرُونَ اللَّهَ إِلَّا قَلِيلًا﴾;[1] <<Ҳароина мунофиқон бо Худованд фиреб меварзанд, дар ҳоле ки Ӯ фиребандаи онон аст ва чун ба намоз бархезанд бо касолат бархезанд, ба мардум худнамоӣ мекунанд ва ҷуз андаке Худоро ба ёд намеоваранд>> Ва фармудааст: ﴿الَّذِينَ هُمْ عَنْ صَلَاتِهِمْ سَاهُونَ﴾;[2] <<Касоне ки онон аз намозашон саҳв мекунанд>> Ва он дар асл, мубтанӣ бар рукӯъ ва суҷуд аст; Чунонки Худованд ба он ду амр карда ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا ارْكَعُوا وَاسْجُدُوا وَاعْبُدُوا رَبَّكُمْ﴾;[3] <<Эй касоне ки имон овардед! Рукӯъ кунед ва суҷуд кунед ва Парврдигоратонро бипарастед>>, ҳар чанд қироъати Қуръон низ дар он ба қадаре ки муяссар шуд воҷиб аст; Чунонки Худованд ба он амр карда ва фармудааст: ﴿فَاقْرَءُوا مَا تَيَسَّرَ مِنْهُ ۚ وَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ﴾;[4] <<Пас ҳар чи аз он ки муяссар шуд қироъат кунед ва намозро барпо доред>> Ва воҷиб аст ки дар сурати имкон ба ҷамоъат барпо шавад; Чунонки Худованд ба он амр карда ва фармудааст: ﴿وَارْكَعُوا مَعَ الرَّاكِعِينَ﴾;[5] <<Ва ба ҳамроҳи рукӯъ кунандагон рукӯъ кунед>> Ва наздик шудан ба он дар ҳолати мастӣ ва ҷанобат ҷойиз нест; Чунонки Худованд аз он наҳй карда ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَقْرَبُوا الصَّلَاةَ وَأَنْتُمْ سُكَارَىٰ حَتَّىٰ تَعْلَمُوا مَا تَقُولُونَ وَلَا جُنُبًا إِلَّا عَابِرِي سَبِيلٍ حَتَّىٰ تَغْتَسِلُوا ۚ﴾;[6] <<Эй касоне ки имон овардед! Дар ҳоле ки маст ҳастед ба намоз наздик нашавед то онки бидонед чи мегӯйед ва на дар ҳоле ки ҷунуб ҳастед магар барои убур аз роҳе то онки ғусл кунед>> Ва анҷоми вузуҳ пеш аз барпо доштани он воҷиб аст ва он иборт аз шустани рӯй ва дастҳо то оринҷ ва масҳ кардани сар ва поҳо то ду баромадагӣ аст; Чунонки Худованд ба он амр карда ва фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا قُمْتُمْ إِلَى الصَّلَاةِ فَاغْسِلُوا وُجُوهَكُمْ وَأَيْدِيَكُمْ إِلَى الْمَرَافِقِ وَامْسَحُوا بِرُءُوسِكُمْ وَأَرْجُلَكُمْ إِلَى الْكَعْبَيْنِ ۚ﴾;[7] <<Эй касоне ки имон овардед! Чун ба намоз бархостед рӯйҳо ва дастҳои худро то оринҷҳо бишӯйед ва бар сарҳо ва поҳотонро то ду баромадагӣ масҳ кунед>>; Ҳар чанд бештари мусалмонон ба сабаби чанд ривояти заннӣ, шустани поҳоро дар он монанди шустани рӯйҳо ва дастҳо воҷиб

1. Нисоъ/ 142.
2. Моъун/ 5.
3. Ҳаҷ/ 77.
4. Муззамил/ 20.
5. Бақара/ 43.
6. Нисоъ/ 43.
7. Моъида/ 6.

медонанд, вале мухолифати ин кор бо зоҳири Қуръон пӯшида нест; Чароки зоҳири Қуръон, чи «أَرْجُلَكُمْ» дар он мансуб хонда шавад ва чи маҷрур, ба рӯшани бар масҳи поҳо далолат дорад, ҷуз инки «أَرْجُلَكُمْ» дар он агар мансуб хонда шавад, ба «وَامْسَحُوا» боз мегардад ва бар масҳи ҳамаи пойҳо то ду баромадагӣ далолат дорад ва агар маҷрур хонда шавад, ба «بِرُءُوسِكُمْ» боз мегардад ва бар масҳи ҷузъи аз поҳо то ду баромадагӣ далолат дорад ва дар ҳеҷ сурате, ба «فَاغْسِلُوا» боз намегардад; Чароки бозгашташ ба он дар ҳар сурат, бар хилофи зоҳир ва фасоҳат аст ва ҷуз дар сурати вуҷуди зарурат, ҷойиз нест, дар ҳоле ки зарурате барои он ҷуз татбиқи Қуръон бар мазҳаби машҳур вуҷуд надорад ва рӯшан аст ки татбиқи Қуръон бар мазҳаби машҳур, таҳаккум аст ва саҳиҳ, татбиқи мазҳаби машҳур бар Қуръон аст; Чунонки бисёрӣ аз саҳоба ва тобеъонашон бар ин ҳақиқат пой фишурдаанд[1] ва аҳли байти Паёмбар ﷺ бо вуҷуди таҳораташон аз ҳар риҷс ва адами ифтироқашон аз Қуръон, бар он иҷмоъ доштаанд[2] ва бархӣ уламои мунсиф ва мутаъаққил ба он иқрор намудаанд,[3]

1. Ба унвони намуна, нигоҳ кун ба: Абдурразоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ1, с18 ва 19; Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ1, с30; Шофеӣ, Аҳкомул Қуръон, ҷ1, с50; Табарӣ, Ҷомеул баён, ҷ6, с175 ва 176; Наҳҳос, Маъонеул Қуръон, ҷ2, с273; Ибни Шоҳин, Носехул ҳадис ва мансуха, с219; Табаронӣ, Муснадул Шомийин, ҷ4, с25; Сунунул Доруқутни, ҷ1, с10; Қуртубӣ, Ал-Ҷомеъул аҳкомил Қуръон, ҷ6, с92.

2. Қавли асаҳ аз Алӣ ва қавли воҳид аз Абу Ҷаъфари Боқир ва фарзандаш Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ ва сойири аҳли байт, вуҷуби масҳ аст; Ҳамчунонки аз сойири банӣ Ҳошим монанди ибни Аббос низ ҳамин қавл нақл шуда, дар ҳоле ки қавли банӣ Умая ва касонӣ чун Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақафӣ, воҷуби қасл аст. Барои огоҳи дар ин бора, нигоҳ кун ба: Ибнин абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ1, с30 ва 208; Муснади Аҳмад, ҷ1, с95, 114, 116 ва 124; Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ6, с175; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ1, с90; Наҳҳос, Маъониул Қуръон, ҷ2, с273; Муснади абӣ Яъло, ҷ1, с287; Ибни Касир, Тафсирал Қуръонил азим, ҷ2, с27.

3. Чунонки ба унвони намуна, Фахриддини Розӣ дар Атафсирул кабир ( ҷ 11, с161) гуфтааст: «حجّة من قال بوجوب المسح مبني على القراءتين المشهورتين في قوله: "وأرجلكم" فقرأ ابن كثير وحمزة وأبو عمرو وعاصم في رواية أبي بكر عنه بالجرّ، وقرأ نافع وابن عامر وعاصم في رواية حفص عنه بالنّصب، فنقول: أمّا القراءة بالجرّ فهي تقتضي كون الأرجل معطوفة على الرؤوس، فكما وجب المسح في الرأس فكذلك في الأرجل. فإن قيل: لم لا يجوز أن يقال: هذا كسر على الجوار كما في قوله: "جحر ضبّ خرب" وقوله: "كبير أناس في بجاد مزمل"، قلنا: هذا باطل من وجوه: الأول: أنّ الكسر إنّما يصار إليه حيث يحصل الأمن من الالتباس كما في قوله: "جحر ضبّ خرب"، فإنّ من المعلوم بالضّرورة أنّ الخرب لا يكون نعتاً للضبّ بل للجحر، وفي هذه الآية الأمن من الالتباس غير حاصل. وثالثها: أنّ الكسر بالجوار إنّما يكون بدون حرف العطف، وأمّا مع حرف العطف فلم تتكلّم به العرب، وأمّا القراءة بالنّصب فقالوا أيضاً: إنّها توجب المسح، وذلك لأنّ قوله: "وامسحوا برؤوسكم" فرؤوسكم في النّصب ولكنّها مجرورة بالباء، فإذا عطفت الأرجل على الرؤوس جاز في الأرجل النّصب عطفاً على محلّ الرؤوس والجرّ عطفاً على الظاهر، وهذا مذهب مشهور للنّحاة. إذا ثبت هذا فنقول: ظهر أنّه يجوز أن يكون عامل النّصب في قوله: "وأرجلكم" هو قوله: "وامسحوا" ويجوز أن يكون هو قوله: "فاغسلوا" لكنّ العاملان إذا اجتمعا على معمول واحد كان إعمال الأقرب أولى، فوجب أن يكون عامل النّصب في قوله: "وأرجلكم" هو قوله: "وامسحوا" فثبت أنّ قراءة "وأرجلكم" بنصب اللام توجب المسح أيضاً، فهذا وجه الاستدلال بهذه الآية على وجوب المسح، ثمّ قالوا: ولا يجوز دفع ذلك بالأخبار لأنّها بأسرها من باب الآحاد، ونسخ القرآن بخبر الواحد لا يجوز».

ҳар чанд шустани поҳо аз боби назофат агар чи муттасил ба масҳи онҳо дар вузу, ишколе надорад ва мустаҳаб аст ва муроди Паёмбар ﷺ аз анҷоми он дар бархӣ мавқеъ, дар сурати сиҳҳати ривояташ аз он Ҳазрат, ҳамин буда ки ба иштибоҳ ҳамли бар ҷузъият ва вуҷуби он шуда; Бо таваҷҷуҳ ба инки мухолифати он Ҳазрат бо зоҳири Қуръон, муҳол аст.

Дар ҳар ҳол, кайфияти намоз ва муқаддамоти он, ба наҳве аст ки Маҳдӣ анҷом медиҳад; Чароки ӯ воситае дар татбиқи аҳкоми Худованд ва ошнотарин кас бо суннати Паёмбари Ӯст ва ҳаргоҳ дар миёни мусалмонон зуҳур ёбад, намозро барои онон ба наҳве ки ташриъ шудааст, барпо медорад; Чунонки Худованд дар бораи амсоли ӯ фармудааст: ﴿الَّذِينَ إِنْ مَكَّنَّاهُمْ فِي الْأَرْضِ أَقَامُوا الصَّلَاةَ﴾;[1] <<Касоне ки агар ононро дар замин микнат диҳем намозро барпо медоранд>> Ва хитоб ба Паёмбараш ба унвони халифааш дар замин фармудааст: ﴿وَإِذَا كُنْتَ فِيهِمْ فَأَقَمْتَ لَهُمُ الصَّلَاةَ﴾;[2] <<Пас ҳаргоҳ дар миёни онон бошӣ, пас намозро барояшон барпо дорӣ>>.

### [Закот]

Монанди амри Худованд ба пардохти закот ки дар радифи амри Ӯ ба барпо доштани намоз аст; Чунонки борҳо ва ба таъкид фармудааст: ﴿وَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ وَآتُوا الزَّكَاةَ﴾;[3] <<Ва намозро барпо доред ва закотро бипардозед>> Ва бо ин васф, монанди барпо доштани намоз бар мусалмонон воҷиб аст; Ҳамон гуна ки гирифтани он аз онон бар халифаи Худованд воҷиб аст; Чунонки хитоб ба ӯ фармудааст: ﴿خُذْ مِنْ أَمْوَالِهِمْ صَدَقَةً تُطَهِّرُهُمْ وَتُزَكِّيهِمْ بِهَا وَصَلِّ عَلَيْهِمْ﴾;[4] <<Аз амволашон садақае бигир ки ононро бо он покиза кунӣ ва барояшон дуъо кун>> Ва он миқдоре аз моле аст ки ӯ ба унвони воситае дар татбиқи аҳкоми Худованд, таъйин мекунад; Ҳамчунонки бинобар ахбори мутавотир, Паёмбар ﷺ миқдоре аз гандум, ҷав, хурмо, кишмиш, тилло, нуқра, шутур, гов ва гӯсфандро баста ба нисоби ҳар як таъйин кард ва аз амволи

1. Ҳаҷ/ 41.
2. Нисоъ/ 102.
3. Бақара/ 43.
4. Тавба/ 103.

дигар авф намуд ва ин корро ба унвони халифаи Худованд дар замин ва ҳоким бар мусалмонон анҷом дод ва аз ин рӯ, барои халифаи Худованд дар замин ва ҳоким бар мусалмонон пас аз ӯ ҷойиз аст ки ба иқтизои замон ва маконӣ худ, моли дигариро бо ин амвол ҷойгузин кунад ё бар онҳо бияфзояд; Чароки Худованд ба ахзи садақа аз амволи мусалмонон амр карда ва амволи мусалмонон дар замон ва маконӣ Паёмбар ﷺ, ғолибан ин нӯҳ чиз буд; Бо таваҷҷуҳ ба инки ё монанди аҳли Мадина зореъ буданд ва гандум ва ҷав ва хурмо ва кишмиш доштанд ва ё монанди аҳли Макка, тоҷир буданд ва тилло ва нуқра доштанд ва ё монанди аҳли бодияҳ роъий буданд ва шутур ва гов ва гӯсфанд доштанд ва бо ин васф, таъйини ин нӯҳ чиз тавассути Паёмбар ﷺ мутаносиб бо аҳли замо ва маконӣ он Ҳазрат ва дар ростоӣ ахзи садақа аз амволи ройиҷи онон мутобиқ бо амри Худованд будааст ва табъан барои хулафоъи он Ҳазрат аз ҷониби Худованд ҷойиз аст ки чизҳои дигареро мутаносиб бо аҳли замон ва маконӣ худ ва дар ростои ахзи садақа аз амволи ройиҷи онон мутобиқ бо амри Худованд таъйин кунанд ва ин мухолифат бо суннати Паёмбар ﷺ шумурда намешавад, балки билакс мувофиқати комил бо суннати он Ҳазрат аст; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки ғарази Худованд аз амр ба пардохтани закот, ҷилавгирӣ аз тамаркузи сарват дар бениёзон ва афзоиши шикофи табақаӣ миёни мусалмонон буда; Чунонки фармудааст: ﴿كَيْ لَا يَكُونَ دُولَةً بَيْنَ الْأَغْنِيَاءِ مِنْكُمْ﴾;[1] <<То чархае дар миёни бениёзони шумо набошад>>, дар ҳоле ки гандум ва ҷав ва хурмо ва кишмиш ва шутур ва гов ва гӯсфад, агарчи дар замон ва маконӣ Паёмбар ﷺ сарват шумурда мешуд ва ғолибан дар тамаллуки бениёзон буд, дар замон ва маконӣ феълӣ сарвати чандоне шумурда намешавад ва ғолибан дар тамаллуки ниёзмандон аст ва ба ҷои он, амволи ҷадиде падид омада ки дар бениёзон тамаркуз ёфта ва шикофи табақотии мусалмонпро афзуда ва рӯшан аст ки бо ин васф, инҳисори закот ба гандум ва ҷав ва хурмо ва кишмиш ва шутур ва гов ва гӯсфанд, ғарази Худованд аз амри ба пардохти онро ҳосил намекунад, балки чи басо ноқизи он аст.

1. Ҳашр/ 7.

Ҳар чанд мурод аз тилло ва нуқра дар замон ва маконӣ Паёмбар ﷺ, ҳамон динор ва дирҳам буда ки пули ройиҷи мусалмонон шумурда мешуд ва бо ин васф, таъаллуқи закот ба он, ба маънои таъаллуқи закот ба пули ройиҷ буд ки меъёрӣ собит барои санҷиши сарват шумурда мешуд, вале бисёри аз фуқҳои мусалмон, аз он чунин ҳукмеро истинбот накардаанд ва ба таъаллуқи закот ба пули ройиҷ фатво надодаанд, балки тилло ва нукраи маскукро мутаъаллиқи он шумурдаанд, дар ҳоле ки дар замон ва маконӣ феълӣ, тилло ва нукра маскуки ғолибан пули ройиҷ нестанд ва ба ҷои он, пулҳои коғазӣ ва эътибори ривоҷ ёфтааст ки мутаъаллиқи закот шумурда намешаванд ва ин бар хилофи ғарази Худованд аз ташриъи закот, ба тамаркузи сарват дар бениёзон ва афзоиши шикофи табақотӣ миёни мусалмонон анҷомидааст. Аз инҷо дониста мешавад ки мутаъаллиқи закот, амволӣ мушаххас ва ғайри қобили табдил нест, бал амволе аст ки имоми мусалмонон ба пуштибонии интисоби худ аз ҷониби Худованд, мутаносиб бо замон ва макони мусалмонон таъйин мекунад ва табъан муҷоз аст барои аҳли ҳар иқлиме, заръ ва ҳайвон ва пуле ки дар он ройиҷ астро таъйин кунад, то ғараз аз ташриъи закот, ба наҳви аҳсан ҳосил шавад ва сарват, чархае дар миёни бениёзон набошад.

Ончи мусаллам аст ин аст ки закот ба ҳар чизе таъаллуқ бигирад, барои ҳашт гурӯҳ аз мусалмонон аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاءِ وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِي الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِي سَبِيلِ اللَّهِ وَابْنِ السَّبِيلِ ۖ فَرِيضَةً مِنَ اللَّهِ ۗ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ﴾;[1] <<Ҷуз ин нест ки садақот барои фақирон ва мискинон ва коркунони бар он ва дилҷӯйи шавандагон ва дар мавриди бардагон ва қаздорон ва дар роҳи Худованд ва дар роҳмондагон, ба унвони фаризае аз ҷониби Худованд аст ва Худованд доной ҳаким аст>> Ва бинобар салоҳдиди халифаи Худованд дар замин, миёни онон қисмат мешавад, агарчи ба бархӣ аз онон чизе нарасад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمِنْهُمْ مَنْ يَلْمِزُكَ فِي الصَّدَقَاتِ فَإِنْ أُعْطُوا مِنْهَا رَضُوا وَإِنْ لَمْ يُعْطَوْا مِنْهَا إِذَا هُمْ يَسْخَطُونَ؛ وَلَوْ أَنَّهُمْ رَضُوا مَا آتَاهُمُ اللَّهُ وَرَسُولُهُ وَقَالُوا حَسْبُنَا اللَّهُ سَيُؤْتِينَا اللَّهُ مِنْ فَضْلِهِ وَرَسُولُهُ إِنَّا إِلَى اللَّهِ

1. Тавба/ 60.

﴿رَاغِبُونَ﴾;[1] <<Ва аз онон касоне ҳастанд ки бар ту дар бораи садақот хӯрда мегиранд, пас агар аз он дода шаванд хурсанд мешавад ва агар аз он дода нашаванд, онгоҳ онон ба хашм меоянд, дар ҳоле ки агар онон ба чизе ки Худованд ва Паёмбараш ба онон доданд хурсанд мешуданд ва мегуфтанд Худованд барои мо бас аст, ба зуди Худованд ва Паёмбараш аз фазли худ ба мо медиҳанд, мо ба сӯи Худовнад роғибем>>; Машрут ба инки аз банӣ Ҳошим набошанд; Чароки бинобар ахбори мутавотир, закот бар банӣ Ҳошим ҳаром аст ва ин такриме барои онон аз ҷониби Худованд ба сабаби ихтисоси онон ба фазли Ӯст ва ба ҷои он, хумси ҳар моли муғтанаме барои онона аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَاعْلَمُوا أَنَّمَا غَنِمْتُمْ مِنْ شَيْءٍ فَأَنَّ لِلَّهِ خُمُسَهُ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِي الْقُرْبَىٰ وَالْيَتَامَىٰ وَالْمَسَاكِينِ وَابْنِ السَّبِيلِ إِنْ كُنْتُمْ آمَنْتُمْ بِاللَّهِ وَمَا أَنْزَلْنَا عَلَىٰ عَبْدِنَا يَوْمَ الْفُرْقَانِ يَوْمَ الْتَقَى الْجَمْعَانِ﴾;[2] <<Бидонед ҳар чизе ки муғтанам ёбед бегумон хумси он барои Худованд ва барои Паёмбари Ӯ ва барои наздиконаш ва ятимон ва мискинон ва дар роҳ мондагон аст агар ба Худованд ва чизе ки бар бандаямон дар рӯзи рӯёрӯии ду тӯда нозил кардем, имон овардаед>> Ва рӯшан аст ки саҳми Худованд ба Паёмбараш мерасад; Бо таваҷҷуҳ ба инки имкони расидани он ба Ӯ бидуни воситаи Паёмбараш нест ва саҳми Паёмбараш пас аз ӯ ба варасаи ӯ мерасад ки бо саҳми худашон ба унвони наздикони он Ҳазрат, нимӣ аз хумс мешавад ва соҳиби он дар замони ҳозир, Маҳдӣ аст; Чароки ӯ наздиктарин кас дар замони ҳозир ба Паёмбар аст ва нимӣ дигар, саҳми ятимон ва мискинон ва дар роҳ мондагони Ҳошимӣ аст; Бо таваҷҷуҳ ба инки онон аз закот саҳме надоранд ва бо ин васф, ба саҳме аз хумс ниёзманданд[3] ва ин ҳаққе аст ки аз авохири ҳукумати Умар ибни Хаттоб то кунун ба онон прдохт намешавад;[4] Чароки аз он ҳангом то кунун, мухолифони банӣ

1. Тавба/ 58 ва 59.
2. Анфол/ 41.
3. Нигоҳ кун ба: Табарӣ, Ҷомеъул баён, ҷ10, с7 ва 11; Байҳақӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ6, с293; Таҳовӣ, Шарҳи маъонеул осор, с276; Ҷасос, Аҳкомул Қуръон, ҷ3, с79; Саълабӣ, Ал-Кашфул баён, ҷ4, с358.
4. Нигоҳ кун ба: Шофеӣ, Ал-Муснад, с325; Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с699; Муснади Аҳмад, ҷ1, с248; Сунаул Дорамӣ, ҷ2, с225; Саҳиҳул Муслим, ҷ5, с195; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с27; Ибни Шабаҳ, Торихул Мадина, ҷ2, с646; Байҳақӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ6, с344; ҳаму, Маърифатул сунан вал осор, ҷ5, с152; Ибни Ҳаҷар, Фатҳул борӣ, ҷ6, с175.

Ҳошим ихтиёри онро дар даст доштаанд ва пардохтани он ба ононро бар хилофи масолеҳи сиёсии худ ёфтаанд; Бо таваҷҷуҳ ба инки он таъмин кунандаи ниёзи иқтисодии Ҳошимиён ва яке аз авомили афзоиши қудрати онон буда ва салби он аз онон, иқдомӣ муъассир барои ҷилавгирӣ аз таҳаққуқи ҳукумати онон талаққӣ шудааст; Ҳамчунонки агар ҳамакнун хумси амволи муғтаними мусалмонон ба Маҳдӣ бирасад, як рукн аз чаҳор рукни ҳукумати ӯ шакл мегирад ва шаклгирии се рукни дигари он ки талаб, нафар ва силоҳи кофӣ аст, суҳулат меёбад.

### [Рӯза]

Монанди амри Худованд ба рӯза дар рӯзҳои муъаян ки бар ҳамаи мусалмонон воҷиб аст; Чунонки фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ؛ أَيَّامًا مَعْدُودَاتٍ﴾;[1] <<Эй касоне ки имон овардед! Рӯза бар шумо воҷиб шуд ҳамонгуна ки бар касоне ки пеш аз шумо буданд воҷиб шуд, бошад ки шумо парҳезкор шавед; Дар рӯзҳои шумурда шуда>> Ва он рӯзҳои моҳ рамазон аст; Чунонки фармудааст: ﴿شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِي أُنْزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدًى لِلنَّاسِ وَبَيِّنَاتٍ مِنَ الْهُدَىٰ وَالْفُرْقَانِ ۚ فَمَنْ شَهِدَ مِنْكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ﴾;[2] <<Моҳи рамазон ки дар он Қуръон ба унвони ҳидояте барои мардум ва рӯшаниҳое аз ҳидоят ва тамйиз нозил шуд, пас ҳар кас аз шумо онро дарёбад, бояд рӯзааш бигирад>> Ва рӯзҳои он, табиъатан бо қатъ ба ҳилоли он аз тариқи рӯъят ё хабари мутавотир, оғоз мешавад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَسْأَلُونَكَ عَنِ الْأَهِلَّةِ ۖ قُلْ هِيَ مَوَاقِيتُ لِلنَّاسِ وَالْحَجِّ﴾;[3] <<Аз ту дар бораи ҳилолҳо мепурсанд, бигӯ он замонбандиҳое барои мардум ва ҳаҷ аст>>. Пас ҳар кас қатъ ба ҳилоли он пайдо кунад, бояд то қатъ ба ҳилоли моҳи шавол, рӯза бигирад; Магар касе ки ба сабаби беморӣ тоқати онро надорад ё мусофир аст ва метавонад ба ҷои он, дар моҳҳои дигар рӯза бигирад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَنْ كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِنْ أَيَّامٍ أُخَرَ﴾;[4] <<Ва ҳар кас бемор ё бар сафаре буд, пас ба

1. Бақара/ 183 ва 184.
2. Бақара/ 185.
3. Бақара/ 189.
4. Бақара/ 185.

ҳамон шумора аз рӯзҳои дигар>> Ва агар ба рағми тавоноӣ, дар моҳҳои дигар то моҳи рамазони баъди рӯза нагирад, бар ӯҳдаи ӯст ки ба ҷои ҳар рӯз, таъоми як мискинро фидя диҳад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَمَنْ كَانَ مِنْكُمْ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِنْ أَيَّامٍ أُخَرَ ۚ وَعَلَى الَّذِينَ يُطِيقُونَهُ فِدْيَةٌ طَعَامُ مِسْكِينٍ ﴾;[1] <<Ва ҳар кас бемор ё бар сафаре буд, пас ба ҳамон шумора аз рӯзҳои дигар ва бар касоне ки тоқати онро меёбанд, фидяи таъоми як мискин аст>>; Ҳар чанд бар касе ки ба сабаби сиғари син ё кибари он, тоқати рӯзаро надорад, рӯза ва табъан фидяе нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿لَا يُكَلِّفُ اللَّهُ نَفْسًا إِلَّا وُسْعَهَا﴾;[2] <<Худованд касеро ҷуз ба андозаи вусъаш таклиф намекунад>> Ва мурод аз рӯзаи он, худдорӣ аз наздикӣ кардан ва хӯрдан ва нӯшидан пас аз тулуъи фаҷр то ғуруби офтоб аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَالْآنَ بَاشِرُوهُنَّ وَابْتَغُوا مَا كَتَبَ اللَّهُ لَكُمْ ۚ وَكُلُوا وَاشْرَبُوا حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَكُمُ الْخَيْطُ الْأَبْيَضُ مِنَ الْخَيْطِ الْأَسْوَدِ مِنَ الْفَجْرِ ۖ ثُمَّ أَتِمُّوا الصِّيَامَ إِلَى اللَّيْلِ ۚ﴾;[3] <<Пас акнун бо ин занон наздикӣ кунед ва чизе ки Худованд бароятон навиштаастро биҷӯйед ва бихуред ва бинӯшед то онгоҳ ки хатти сапедаи фаҷр аз хатти тира рӯшан шавад, сипас рӯзаро то шаб комил кунед>>!

### [Ҳаҷ]

Монанди амри Худованд ба ҳаҷ ки аъмолӣ муъаян дар моҳҳои муъаян дар Макка аст; Чунонки фармудааст: ﴿الْحَجُّ أَشْهُرٌ مَعْلُومَاتٌ ۚ﴾;[4] <<Ҳаҷ моҳҳои муъаян аст>> Ва дасти кам як бор ҳар касе ки роҳе ба анҷоми он меёбад, воҷиб аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا ۚ﴾;[5] <<Ва барои Худованд бар мардум ҳаҷ хона аст ҳар касе ки роҳе ба он битавонад>>; Ҳамчунонки бар халифаи Худованд дар замин, омода кардани Макка барои ҳоҷиён аз тариқи таъмир ва татҳири он ва низ фарохондани мардум ба ҳаҷ, воҷиб аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِذْ بَوَّأْنَا لِإِبْرَاهِيمَ مَكَانَ الْبَيْتِ أَنْ لَا تُشْرِكْ بِي شَيْئًا وَطَهِّرْ بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ وَالْقَائِمِينَ وَالرُّكَّعِ السُّجُودِ؛ وَأَذِّنْ فِي النَّاسِ بِالْحَجِّ

1. Бақара/ 184.
2. Бақара/ 286.
3. Бақара/ 187.
4. Бақара/ 197.
5. Оли Имрон/ 97.

﴿يَأْتُوكَ رِجَالًا وَعَلَىٰ كُلِّ ضَامِرٍ يَأْتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٍ﴾;[1] <<Ва чун ҷои хонаро барои Иброҳим фароҳам кардем ки чизеро шарики Ман қарор надеҳ ва хонаамро барои тавоф кунандагон ва қиём кунандагон ва рукӯъ кунандагон ва суҷуд кунандагон покиза кун ва дар мардум ба ҳаҷ фарохон бидеҳ ки бо пои пиёда ва бар ҳар маркаби тезраве аз ҳар роҳи дуре ба наздат биёянд>> Ва ин ба маънои он аст ки тасаддии хонаи Худованд ва расидагӣ ба умури он, дар асл барои Иброҳим عليه السلام аст ва табъан ба варосат аз ҷониби ӯ ба фарзандонаш мерасад; Чунонки пас аз Иброҳим عليه السلام ба Исмоъил عليه السلام расид ва Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿وَعَهِدْنَا إِلَىٰ إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ أَن طَهِّرَا بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ وَالْعَاكِفِينَ وَالرُّكَّعِ السُّجُودِ﴾;[2] <<Ва ба Иброҳим ва Исмоъил аҳд кардем ки хонаи Маро барои тавоф кунандагон ва эътикоф кунандагон ва рукӯъ кунандагон ва суҷуд кунандагон покиза кунед>> Ва табъан ба варосат аз ҷониби Исмоъил عليه السلام ба фарзандонаш мерасад, машрут ба онки аҳли тақво бошанд; Чароки ғайри аҳли тақво наметавонанд мутаваллии хонаи Худованд бошанд; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا لَهُمْ أَلَّا يُعَذِّبَهُمُ اللَّهُ وَهُمْ يَصُدُّونَ عَنِ الْمَسْجِدِ الْحَرَامِ وَمَا كَانُوا أَوْلِيَاءَهُ ۚ إِنْ أَوْلِيَاؤُهُ إِلَّا الْمُتَّقُونَ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ﴾;[3] <<Ва чаро Худованд ононро азоб накунад?! Дар ҳоле ки онон аз Масҷидул Ҳаром боз медоранд, дар ҳоле ки мутаваллиёни он нестанд; Мутаваллиёни он танҳо парҳезкоронанд, вале бештари онон намедонанд>>; Ҳамчунонки мушрикон расидагӣ ба масоҷиди Худовандро надоранд; Чунонки фармудааст: ﴿مَا كَانَ لِلْمُشْرِكِينَ أَن يَعْمُرُوا مَسَاجِدَ اللَّهِ شَاهِدِينَ عَلَىٰ أَنفُسِهِم بِالْكُفْرِ ۚ﴾;[4] <<Барои мушрикон нест ки масоҷиди Худовандро дар ҳоле ки бар куфри худашон гувоҳанд, иморат кунанд>>; Бал тавлияти хонаи Худованд танҳо барои халифаи Ӯ дар замин аст ки аз фарзандони Иброҳим ва Исмоъил аст ва аз ҳар риҷсе покиза шуда ва аз Қуръон ҷудоӣ намепазирад ва ба ин сабаб, фарди мутаяққин аз аҳли тақвост ва ӯ дар замини кунуни, Маҳдӣ аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّمَا يَعْمُرُ مَسَاجِدَ اللَّهِ مَنْ آمَنَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ وَأَقَامَ الصَّلَاةَ وَآتَى الزَّكَاةَ وَلَمْ يَخْشَ إِلَّا اللَّهَ ۖ فَعَسَىٰ أُولَٰئِكَ أَن يَكُونُوا مِنَ الْمُهْتَدِينَ﴾;[5]

1. Ҳаҷ/ 26 ва 27.
2. Бақара/ 125.
3. Анфол/ 34.
4. Тавба/ 17.
5. Тавба/ 18.

<<Масоҷиди Худовандро танҳо касе иморат мекунанд ки ба Худованд ва рӯзи вопасин имон дорад ва намозро барпо медорад ва закотро мепардозад ва аз ғайри Худованд наметарсад, пас чи басо онон аз ҳидоят ёфтагон бошанд>> Ва рӯшан аст ки Маҳдӣ, чунонки аз номаш пайдост, аз ҳидоят ёфтагон аст. Ин дар ҳоле аст ки акнун, тасаддии хонаи Худованд дар дасти ӯ нест, бал дар дасти касоне аст ки дар ақойиди худ ба ширк ва дар аъмоли худ ба фисқ олудаанд; Чароки тавҳиди Худованд дар таҳкимро намепазиранд ва дар бораи сафоҳати Ӯ ба ташбеҳ рӯй меоваранд ва бо кофирон дӯстӣ ва бо мусалмонон душманӣ меварзанд ва дар замин фитна ва фасод меангезанд ва бо ин васф, гӯӣ акнун калиддори хонаи Худованд, шайтон аст; Дар ҳоле ки Худованд бо ишора ба ин хона фармудааст: ﴿وَمَنْ يُرِدْ فِيهِ بِإِلْحَادٍ بِظُلْمٍ نُذِقْهُ مِنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ﴾;[1] <<Ва ҳар кас дар он иродаи пардохтан ба золимеро дошта бошад, ба ӯ аз азоби дарднок мечашонем>>! Аз инҷо дониста мешавад ки тасарруфоти оли Саъуд дар ганҷҳои каъба ва даромадҳои ҳосил аз ҳаҷ, ғайри машруъ ва удвонӣ аст ва табъан иъонати мусалмонон бар он, иъонат бар маъсият ва удвон шумурда мешавад ки ҷойиз нест; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا تَعَاوَنُوا عَلَى الْإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ﴾;[2] <<Ва бар маъсият ва удвон ҳамкорӣ накунед>>; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки онон амволи Худовандро бар зидди Ӯ ҳазина мекунанд ва дар роҳи тақвияти ҷабҳаи куфр ва таҷҳизи қӯшуни залол ва тафриқа миёни мусалмонон, ба кор мебаранд; Балки бо ин васф, азли онон аз тасаддии ҳарам ва супурдани он ба Маҳдӣ, воҷиб аст; Ҳамчунонки ихроҷи онон аз Макка, балки Ҷазиратул Араб, ба иқтизои вуҷуби ихроҷи мушрикон аз он, воҷиб аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِنَّمَا الْمُشْرِكُونَ نَجَسٌ فَلَا يَقْرَبُوا الْمَسْجِدَ الْحَرَامَ بَعْدَ عَامِهِمْ هَٰذَا﴾;[3] <<Эй касоне ки имон овардед! Ҷуз ин нест ки мушрикон наҷасанд, пас баъд аз ин солашон ба Масҷидул Ҳаром наздик нашаванд>>; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки Макка, бинобар ахбори мутавотир, паноҳгоҳи

1. Ҳаҷ/ 25.
2. Моъида/ 2.
3. Тавба/ 28.

Маҳдӣ пеш аз зуҳури ӯст[1] ва бо ин васф, истелоъи золимон бар он, хатарӣ ҷиддӣ барои ӯ шумурда мешавад ва табъан бар ҳамаи мусалмонон воҷиб аст ки ҳар чи зудтар, истелоъи золимон бар ин шаҳрро бартараф кунанд то амният ва имкони зуҳури Маҳдӣ дар он, фароҳам шавад. Ҳар чанд ҷангидан дар ин шаҳр, ба иқтизои ҳурмати он аз ҷониби Худованд, ҷойиз нест; Чунонки фармудааст: ﴿وَلَا تُقَاتِلُوهُمْ عِنْدَ الْمَسْجِدِ الْحَرَامِ حَتَّىٰ يُقَاتِلُوكُمْ فِيهِ﴾;[2] <<Ва бо онон назди Масҷидул Ҳаром наҷангед то онгоҳ ки онон бо шумо дар он биҷанганд>> Ва аз ин рӯ, чорае ҷуз қатъи дастрасӣ онон ба ин шаҳр аз хориҷи он нест ва чи басо қатъи робитаи мусалмонон бо онон дар заминаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, муқаддимаи ин корро фароҳам созад; Ҳамчунонки таълиқи ҳаҷ ба иқтизои иъонат будани он бар маъсият ва удвони онон дар истелоъашон бар Макка бо таваҷҷуҳ ба сарозер шудани амволи ҳоҷиён ба кисаи кофирон ва мунофиқон, холӣ аз ваҷҳ нест; Ҷуз онки бим мерасад ин таълиқ, худ аз ҷиҳати дигар, ба тақвияти душманони Ислом ва вахни шиъори он бианҷомад ва дар маҷмӯъ ба маслиҳати мусалмонон набошад ва аз ин рӯ, нометавон ба он тавсия кард. Оре, шойиста аст ки мусалмонон, дар замони истелоъи золимон бар Макка, ба ҳаҷҷи воҷиб басанда кунанд ва аз ҳаҷҷӣ умраи мустаҳаб бипарҳезанд; Чароки кори воҷиб барои анҷоми кори мустаҳаб вониҳода намешавад ва иҷтиноб аз иъонати золимон бар зидди Ислом ва мусалмонон, воҷиб аст.

### [Ҷиҳод]

Монанди амри Худованд ба ҷангидан бо касе ки иқомаи дини Ӯ дар замин бо вуҷуди онон мумкин нест, монанди кофирон ва мунофиқон; Чунонки фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ جَاهِدِ الْكُفَّارَ وَالْمُنَافِقِينَ وَاغْلُظْ عَلَيْهِمْ﴾;[3] <<Эй Паёмбар! Бо кофирон ва мунофиқон ҷиҳод

---

1. Нигоҳ кун ба: Абдурразоқ, Ал-Мусаннаф, ҷ11, с371; Муснади ибни Ҷаъд, с393; Ибни абӣ Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ8, с308; Муснади Аҳмад, ҷ6, с105, 259, 287, 289, 290, 316 ва 318; Муснади ибни Роҳувей, ҷ4, с121; Саҳиҳул Бухорӣ, ҷ2, с159; Саҳиҳул Муслим, ҷ8, с166, 167, ва 168; Сунани ибни Моҷа, ҷ2, с1350; Сунани абӣ Довуд, ҷ2, с310 ва 311; Сунанул Тирмизӣ, ҷ3, с317; Сунанул Нисоӣ, ҷ5, с206 ва 207; Саҳиҳ ибни Ҳиббон, ҷ15, с157; Ҳокими Нешобурӣ, Ал-Мустадрак, ҷ4, с429, 431 ва 520.
2. Бақара/ 191.
3. Тавба/ 73.

кун ва бар онон сахт бигир>>[1] Ва табъан ҷангидан бо онон ба иқтизои амри Ӯ ва таваққуфи иқомаи дини Ӯ бар он, бар ҳамаи мусалмонон воҷиб аст; Чунонки фармудааст: ﴿كُتِبَ عَلَيْكُمُ الْقِتَالُ وَهُوَ كُرْهٌ لَكُمْ﴾;[2] <<Ҷангидан бар шумо воҷиб шуд, дар ҳоле ки бароятон нохушоянд аст>>; Магар бар касоне ки ба сабаби нобиноӣ ё лангӣ ё беморӣ ё пирӣ ё туҳидастӣ, тавоноӣ онро надоранд; Чунонки фармудааст: ﴿لَيْسَ عَلَى الضُّعَفَاءِ وَلَا عَلَى الْمَرْضَىٰ وَلَا عَلَى الَّذِينَ لَا يَجِدُونَ مَا يُنْفِقُونَ حَرَجٌ إِذَا نَصَحُوا لِلَّهِ وَرَسُولِهِ﴾;[3] <<Бар нотавонон ва бар беморон ва бар касоне ки чизе намеёбанд то ҳазина кунанд боке нест ҳангоме ки барои Худованд ва Паёмбараш хайрхоҳи кунанд>> Ва фармудааст: ﴿لَيْسَ عَلَى الْأَعْمَىٰ حَرَجٌ وَلَا عَلَى الْأَعْرَجِ حَرَجٌ وَلَا عَلَى الْمَرِيضِ حَرَجٌ﴾;[4] <<Бар нобино боке нест ва бар ланг боке нест ва бар бемор боке нест>>; То ҳангоме ки айн ё сифати касоне ки ҷангидан бо онон воҷиб аст, дар асари ҷангидан бо онон зоъил шавад, ба ин маъно ки бимиранд ё таслим шаванд; Чунонки фармудааст: ﴿تُقَاتِلُونَهُمْ أَوْ يُسْلِمُونَ﴾;[5] <<Бо онон меҷангед ё таслим мешаванд>> Ва рукни он, базли мол ва ҷон дар роҳи Худованд аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَجَاهِدُوا بِأَمْوَالِكُمْ وَأَنْفُسِكُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ﴾;[6] <<Ва бо молҳо ва ҷонҳотон дар роҳи Худованд ҷиҳод кунед>> Ва ҳадафи он, рафъи фитна ба маънои салби ҳокимияти ғайри Худованд ва холис сохтани дин барои Худованд ба маънои исботи ҳокимияти Ӯ бар замин аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَقَاتِلُوهُمْ حَتَّىٰ لَا تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ الدِّينُ كُلُّهُ لِلَّهِ﴾;[7] <<Ва бо

1. Ҳар чанд муроди Худованд аз ҷиҳод бо мунофиқон, ҷангидан бо касоне аз онон аст ки куфрашонро ошкор кардаанд ва ба ифсод дар замин пардохтаанд; Зеро ҷангидан бо касоне аз онон ки куфрашонро пинҳон кардаанд ва ба ифсод дар замин напардохтаанд, на мумкин ва на ҷойиз аст; Ҳамчунонки аз Паёмбар ﷺ ривоят нашудааст ки бо чунин касоне ҷангида бошад ё ононро ба қатл расонда бошад, бал ривоят шудааст ки аз куштани онон боз медошт ва мефармуд: <<Мабодо мардум бигӯянд ки Муҳаммад асҳобашро мекушад>>! Барои огоҳи дар ин бора, нигоҳ кун ба: Абдуррозиқ, Ал-Мусаннаф, ҷ9, с469; Воқидӣ, Ал-Мағозӣ, ҷ1, с417; Муснади Аҳмад, ҷ3, с355 ва 393; Муснадул Ҳамидӣ, ҷ2, с520; Саҳиҳул Бухорӣ, ҷ4, с160 ва ҷ 6, с66 ва 67; Саҳиҳул Муслим, ҷ8, с19; Сунанул Тирмизӣ, ҷ5, с90; Нисоӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ5, с271 ва ҷ 6, с492; Муснади абӣ Яъло, ҷ3, с458; Саҳиҳ ибни Ҳиббон, ҷ13, с331; Торихул Табарӣ, ҷ2, с261; Байҳақӣ, Ал-Сунанул кубро, ҷ9, с32.
2. Бақара/ 216.
3. Тавба/ 91.
4. Фатҳ/ 17.
5. Фатҳ/ 16.
6. Тавба/ 41.
7. Анфол/ 39.

онон биҷангед то фитнае набошад ва дин ҳамааш барои Худованд бошад>> Ва ин ҳамон аст ки <<Роҳи Худованд>> шумурда мешавад; Чунонки фармудааст: ﴿وَقَاتِلُوا فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَاعْلَمُوا أَنَّ اللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾;[1] <<Ва дар роҳи Худованд биҷангед ва бидонед ки Худованд шунавой доност>> Ва ин мусталзими ҷангидан бо ҳар ҳокиме аст ки Худованд ӯро барои ҳукумат аз ҷониби худ нагумоштааст, чи кофир бошад ва чи мусалмон; Чароки ҳукумати ҳар ҳокиме ҷуз Худованд дар замин, мусаббиби фитнае дар он ва фасоди бузург аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ كَفَرُوا بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ ۚ إِلَّا تَفْعَلُوهُ تَكُنْ فِتْنَةٌ فِي الْأَرْضِ وَفَسَادٌ كَبِيرٌ﴾;[2] <<Ва касоне ки куфр варзиданд, бархӣ сарпарастони бархӣ дигаранд, агар анҷомаш надиҳед фитнае дар замин ва фасодӣ бузург хоҳад шуд>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки ҳукумати ғайри Худованд, хоста ё нохоста, аз иқомаи дини Ӯ ба сурати комил ва холис боз медорад ва бо ин васф, ҳамаи дин барои Худованд нахоҳад шуд.

Аз инҷо дониста мешавад ки базли мол ва ҷон бо ҳадафи эҷоди ҳокимияти ғайри Худованд ба маънои ҳокимияти касе ки аз ҷониби Худованд барои ҳокимият гумошта нашудааст, ҷиҳод нест ва ҷангидан дар роҳи Худованд шумурда немешавад, балки ҷангидан дар роҳи тоғут аст; Чунонки фармудааст: ﴿الَّذِينَ آمَنُوا يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ ۖ وَالَّذِينَ كَفَرُوا يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِ الطَّاغُوتِ فَقَاتِلُوا أَوْلِيَاءَ الشَّيْطَانِ ۖ إِنَّ كَيْدَ الشَّيْطَانِ كَانَ ضَعِيفًا﴾;[3] <<Касоне ки имон оварданд дар роҳи Худованд меҷанганд ва касоне ки кофир шуданд дар роҳи тоғут меҷанганд, пас бо дустони шайтон биҷангед ки найранги шайтон заъиф аст>>; Монанди сафиҳоне ки акнун аз ақсои замин ба сӯи Ироқ ва Шом сарозеранд то барои эҷоди ҳокимияти марде аз худ биҷанганд ки медонанд Худованд ӯро барои ҳокимият бар замин нагумоштааст; Пас ба ин тартиб, бо тоғуте меҷанганд то тоғутӣ дигарро бар ҷои ӯ бинишонанд, дар ҳоле ки худро бар ҳидоят мепиндоранд; Чунонки Худованд дар бораи амсоли онон фармудааст: ﴿إِنَّهُمُ اتَّخَذُوا الشَّيَاطِينَ أَوْلِيَاءَ مِنْ دُونِ اللَّهِ وَيَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ مُهْتَدُونَ﴾;[4] <<Ҳароина

1. Бақара/ 244.
2. Анфол/ 73.
3. Нисоъ/ 76.
4. Аъроф/ 30.

онон шайтонро сарпарастонӣ ҷуз Худованд гирифтанд, дар ҳоле ки мепиндоранд онон ҳидоят ёфтаанд>>!

Бинобарин, маънои ҷиҳод дар Ислом, ҷангидан бо касоне аст ки ба ҳокимияти Худованд бар замин тан дар намедиҳанд ва ҳокимонӣ ҷуз Ӯро меҷӯянд то бо нуқсон ва заволи онон, заминаи ҳокимияти ӯ бар он фароҳам шавад; Чароки бо вуҷуди ҳокимияти ғайри Ӯ бар он, қаҳран ҳокимияти Ӯ бар он мумкин нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки дар амал, ҳар сарзамине танҳо як ҳоким метавонад дошта бошад ва бо ин васф, Ӯ бар ҳар сарзамине ки ғайри Ӯ бар он ҳокимият дорад, ҳоким нест; Балки дар саросари замин, бо таваҷҷуҳ ба ваҳдати табиъиаш, ҷуз як ҳоким наметавонад вуҷуд дошта бошад ва бо ин васф, то ҳангоме ки дар саросари замин, ҳокиме ҷуз Худованд вуҷуд дорад, ҳокимияти Худованд бар он таҳаққуқ наёфта ва ин дар ҳоле аст ки ҳар гоҳ ҳокимияти Ӯ бар саросари замин таҳаққуқ ёбад, арз ва тӯли он аз адолат пур мешавад, ҳамонгуна ки аз зулм пур шуда ва ин маслиҳате барои ҳамагон аст.

Албатта пӯшида нест ки ҷиҳод бо ин маъно, ҷуз дар маъияти халифаи Худованд дар замин имкон надорад; Чароки таҳаққуқи ҳокимияти Худованд, аз тариқи таҳаққуқи ҳокимияти халифаи Ӯ дар замин мумкин аст ва таҳаққуқи ҳокимияти халифаи Ӯ дар замин, ҳангоме мумкин аст ки ӯ дар маъияти муҷоҳидон барои он, вуҷуд дошта бошад. Аз ин рӯ, бидуни вуҷуд ва маъияти ӯ, ҷиҳод дар роҳи Худованд мумкин нест ва бори гуноҳи он бар дӯши касоне аст ки бо тақсири худ дар талаб, иъонат ва итоъати ӯ, монеъи вуҷуд ё маъияти ӯ шудаанд; Чунонки банӣ исроъил бо дарки ин зарурат ва дарки масъулияти худ, аз Паёмбарашон хостанд ки барои онон ҳокиме аз ҷониби Худованд барангезад то дар маъияти ӯ дар роҳи Худованд ҷиҳод кунанд ва Худованд барои таълими мусалмонон, аз онон ёд карда ва фармудааст: ﴿أَلَمْ تَرَ إِلَى الْمَلَإِ مِنْ بَنِي إِسْرَائِيلَ مِنْ بَعْدِ مُوسَىٰ إِذْ قَالُوا لِنَبِيٍّ لَهُمُ ابْعَثْ لَنَا مَلِكًا نُقَاتِلْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ﴾[1]; <<Оё тӯдае аз банӣ исроъил пас аз Мӯсоро надидӣ ки ба Паёмбаре барояшон гуфтанд: Барои мо ҳокиме барангез то дар роҳи

1. Бақара/ 246.

Худованд биҷангем>> Ва Паёмбарашон ба онон нагуфт ки барои ҷангидан дар роҳи Худованд ба ҳокиме аз ҷониби Ӯ ниёзе надоранд ё метавонанд ки ба раъйи худ, ҳокиме аз миёни худ ихтиёр кунанд, балки дархости ононро баҷо донист ва танҳо талаб, итоъат ва итоъати ононро пешшарти қабули он аз ҷониби Худованд шумурд; Чунонки Худованд барои таълими мусалмонон, аз онон ёд карда ва фармудааст: ﴿قَالَ هَلْ عَسَيْتُمْ إِنْ كُتِبَ عَلَيْكُمُ الْقِتَالُ أَلَّا تُقَاتِلُوا ۖ قَالُوا وَمَا لَنَا أَلَّا نُقَاتِلَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَقَدْ أُخْرِجْنَا مِنْ دِيَارِنَا وَأَبْنَائِنَا﴾;[1] <<Гуф оё эҳтимол медиҳед ки агар ҷангидан бар шумо воҷиб шавад, наҷангед?! Гуфтанд ва моро чи мешавад ки дар роҳи Худованд наҷангем, дар ҳоле ки аз хонаҳо ва фарзандон берун шудаем?!>>. Пас чун талаби худро нишон доданд ва иъонат ва итоъати худро тазмин намуданд, Паёмбарашон дархости ононро пазируфт ва ҳокиме аз ҷониби Худовандро бароящон барангехт; Чунонки Худованд барои таълими мусалмонон, аз онон ёд карда ва фармудааст: ﴿وَقَالَ لَهُمْ نَبِيُّهُمْ إِنَّ اللَّهَ قَدْ بَعَثَ لَكُمْ طَالُوتَ مَلِكًا﴾;[2] <<Ва Паёмбарашон ба онон гуфт ки Худованд Толутро барои шумо ба унвони ҳоким барангехтааст>>! Он гоҳ ба кароҳат онон аз ӯ вақъӣ наниҳод ва интисоби Худовандро бар интихоби онон муқаддам шумурд; Чунонки Худованд барои таълими мусалмонон, аз онон ёд карда ва фармудааст: ﴿قَالُوا أَنَّىٰ يَكُونُ لَهُ الْمُلْكُ عَلَيْنَا وَنَحْنُ أَحَقُّ بِالْمُلْكِ مِنْهُ وَلَمْ يُؤْتَ سَعَةً مِنَ الْمَالِ ۚ قَالَ إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَاهُ عَلَيْكُمْ وَزَادَهُ بَسْطَةً فِي الْعِلْمِ وَالْجِسْمِ ۖ وَاللَّهُ يُؤْتِي مُلْكَهُ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ﴾;[3] <<Гуфтанд аз куҷо барои ӯ ҳукумат бар мо бошад?! Дар ҳоле ки мо аз ӯ ба ҳукумат сазовортарем ва ба ӯ гушоише аз мол дода нашудааст! Гуфт: Ҳароина Худованд ӯро бар шумо баргузида ва бар густараи илм ва ҷисми ӯ афзудааст ва Худованд ҳукуматашро ба ҳар касе мехоҳад медиҳад ва Худованд гушоишгарӣ доност>>! Аз инҷо дониста мешавад ки ҷангидан дар роҳи Худованд, ҷуз бо қиёдати гумоштае аз ҷониби Ӯ мумкин нест ва гумоштаи аз ҷониби Ӯ, ҳангоме барангехта мешавад ки талаб, иъонат ва итоъати кофии мардум аз ӯ тазмин шуда бошад ва ин суннати Худованд дар уматҳои гузашта аст ки то рӯзи қиёмат табдил нахоҳад шуд; Чунонки фармудааст:

1. Бақара/ 246.
2. Бақара/ 247.
3. Бақара/ 247.

﴿سُنَّةَ اللَّهِ فِي الَّذِينَ خَلَوْا مِنْ قَبْلُ ۖ وَلَنْ تَجِدَ لِسُنَّةِ اللَّهِ تَبْدِيلًا﴾;[1] <<Суннати Худованд дар касоне аст ки аз пеш гузаштанд ва ҳаргиз барои суннати Худованд табдиле нахоҳӣ ёфт>> Ва фармудааст: ﴿فَهَلْ يَنْظُرُونَ إِلَّا سُنَّتَ الْأَوَّلِينَ ۚ فَلَنْ تَجِدَ لِسُنَّتِ اللَّهِ تَبْدِيلًا ۖ وَلَنْ تَجِدَ لِسُنَّتِ اللَّهِ تَحْوِيلًا﴾;[2] <<Пас оё интизори чизе ҷуз суннати гузаштагонро доранд?! Пас ҳаргиз барои суннати Худованд табдиле намеёбӣ ва ҳаргиз барои суннати Худованд тағйире намеёбӣ>>!

Ба илова, тардиде нест ки ҷиҳод дар роҳи Худованд, афзун бар қасди таҳаққуқи ҳокимияти гумоштаи Худованд ва табъан маъияти ӯ, машрут ба изни Худованд аст; Зеро дар Ислом, ҳар коре ки табиъатан ба изни ҳоким ниёз дорад, мавқуф ба изни Худованд аст ва бидуни изни Ӯ машрӯъият надорад; Чунонки фармудааст: ﴿لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ ۚ وَإِلَى اللَّهِ تُرْجَعُ الْأُمُورُ﴾;[3] <<Барои Ӯст ҳукумати осмонҳо ва замин ва ҳамаи корҳо ба Худованд бозгашт дода мешавад>> Ва рӯшан аст ки ҷангидан, аз корҳои шахсӣ нест, балки аз корҳои иҷтимоъӣ аст ва табъан ба изни ҳоким ниёз дорад, дар ҳоле ки танҳо ҳокими мусалмонон Худованд аст ва аз ин рӯ, онон ҷуз бо изни Худованд намеҷанганд; Чунонки аз онон ёд карда ва фармудааст: ﴿وَلَقَدْ صَدَقَكُمُ اللَّهُ وَعْدَهُ إِذْ تَحُسُّونَهُمْ بِإِذْنِهِ﴾;[4] <<Ва Худованд ваъдаашро барои шумо рост кард ҳангоме ки ононро бо изни Ӯ мекуштед>> Ва фармудааст: ﴿مَا قَطَعْتُمْ مِنْ لِينَةٍ أَوْ تَرَكْتُمُوهَا قَائِمَةً عَلَىٰ أُصُولِهَا فَبِإِذْنِ اللَّهِ﴾;[5] <<Ҳар танаи дарахти Хурмо ки қатъ кардид ё бар ҷои худ истода гузоштед, ба изни Худованд буд>>; Чароки ҷиҳод дар Ислом, бидуни изни Худованд маъно надорад ва қобили анҷом нест ва ин барои садри ин уммат ва барои ҳамаи умматҳои пешин, бадеҳи будааст; Чунонки фармудааст: ﴿أُذِنَ لِلَّذِينَ يُقَاتَلُونَ بِأَنَّهُمْ ظُلِمُوا ۚ﴾;[6] <<Ба касоне ки бо онон ҷанг мешавад ба сабаби инки ба онон ситам рафт, изн дода шуд>> Ва фармудааст: ﴿وَإِنْ يَكُنْ مِنْكُمْ أَلْفٌ يَغْلِبُوا أَلْفَيْنِ بِإِذْنِ اللَّهِ ۗ﴾;[7] <<Ва агар аз шумо ҳазор тан бошанд бо

1. Аҳзоб/ 62.
2. Фотир/ 43.
3. Ҳадид/ 5.
4. Оли Имрон/ 152.
5. Ҳашр/ 5.
6. Ҳаҷ/ 39.
7. Анфол/ 66.

изни Худованд бар ду ҳазор тан пирӯз шаванд>> Ва фармудааст: ﴿كَمْ مِنْ فِئَةٍ قَلِيلَةٍ غَلَبَتْ فِئَةً كَثِيرَةً بِإِذْنِ اللَّهِ ۗ﴾;[1] <<Чи бисёр гурӯҳи андаке ки бар гурӯҳи бисёре пирӯз шуданд ба изни Худованд>> Ва фармудааст: ﴿فَهَزَمُوهُمْ بِإِذْنِ اللَّهِ﴾;[2] <<Пас ба изни Худованд ононро шикаст доданд>> Ва рӯшан аст ки изни Худованд, аз тариқи халифаи Ӯ дар замин дониста мешавад; Чароки ӯ воситаи қатъи ба аҳкоми Худованд ва мавзӯъоти онҳост; Балки масъули иқомаи ҷиҳод дар сурати толиб, иъонат ва итоъати кофии мусалмонон аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ حَرِّضِ الْمُؤْمِنِينَ عَلَى الْقِتَالِ ۚ﴾;[3] <<Ҳон эй Паёмбар! Мӯъминонро барои ҷанг барангез>> Ва фрмудааст: ﴿وَإِذْ غَدَوْتَ مِنْ أَهْلِكَ تُبَوِّئُ الْمُؤْمِنِينَ مَقَاعِدَ لِلْقِتَالِ ۗ﴾;[4] <<Ва чун бомдод аз хонаводаат даромадӣ ки мӯъминонро дар қароргоҳҳои ҷанг омода кунӣ>>; Балки иқомаи ҷиҳод ба маънои ҷангидан барои таҳаққуқи ҳокимияти Худованд, бо таваҷҷуҳ ба таваққуфи он бар маъияти ӯ, танҳо аз ӯ сохта аст ва вазифаи ӯ шумурда мешавад ва дигарон танҳо муваззаф ба иъонат ва итоъати ӯ ҳастанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَقَاتِلْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ لَا تُكَلَّفُ إِلَّا نَفْسَكَ ۚ وَحَرِّضِ الْمُؤْمِنِينَ ۖ﴾;[5] <<Пас дар роҳи Худованд бичанг ки касе ҷуз ту ба он мукаллаф нест ва мӯъминонро барангез>>! Бо ин васф, агар халифаи Худованд дар замин, ба ҳар сабабе, хоҳ адами маслиҳат ва хоҳ адами имкон, иқомаи ҷиҳод накунад, қиём ба он барои дигарон ҷойиз нест; Чароки дигарон, ҳар чанд ҳусни ният дошта бошанд ва саъй намоянд, наметавонанд ғараз аз ҷиҳодро ҳосил кунанд ва бо ин васф, қиёми онон ба он беҳуда аст; Балки ҳар чанд дар ҷанг ба пирӯзи расанд, бар хилофи ният ва саъйӣ худ, ғараз аз ҷиҳодро нақз мекунанд; Чароки ғараз аз он, таҳаққуқи ҳукумати Худованд аст ва таҳаққуқи ҳукумати Худованд, бидуни халифаи Ӯ дар замин мумкин нест ва таҳаққуқи ҳукумати ғайри Ӯ ки пас аз пирузӣ дар ҷанг ва адами дастрасӣ ба ӯ иҷтинобнопазир аст, нақзи ғараз аз ҷиҳод хоҳад буд.

Ҳосил онки ҷиҳод дар роҳи Худованд, ба маъияти Маҳдӣ ниёз

1. Бақара/ 249.
2. Бақара/ 251.
3. Анфол/ 65.
4. Оли Имрон/ 121.
5. Нисоъ/ 84.

дорад ва маъияти Маҳдӣ ҳангоме мумкин аст ки тазминҳои лозим аз ноҳияи мусалмонон барои ҳимоят ва итоъат аз ӯ вуҷуд дошта бошад ва дар ин сурат, маъият бо онон бар ӯ воҷиб мешавад ва ӯ ба иқтизои таҳорати худ аз ҳар риҷс ва адами ифтироқаш аз Қуръон, воҷибро тарк намекунад ва табъан дар сурати эътимоди кофӣ ба онон, худ ба назди онон меояд ва дар сурати адами эътимоди кофӣ ба онон, фиристодае аз ҷониби худро бо оятӣ қатъӣ ба назди онон мефиристад то дар ҳар ду сурат, қиёми онон ба ҷиҳод имкон ёбад. Аз инҷо дониста мешавад ки ҷиҳод дар роҳи Худованд ҳамвора бар мусалмонон воҷиб аст; Ҷуз инки тариқи он, иқомаи он бо қиёдати касе аз худашон нест, балки иқомаи он бо мутамаккин сохтани Маҳдӣ аз қиёдати он аст ва ин коре аст ки ҳамвора бар онон воҷиб аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَيْسَ الْبِرُّ بِأَنْ تَأْتُوا الْبُيُوتَ مِنْ ظُهُورِهَا وَلَٰكِنَّ الْبِرَّ مَنِ اتَّقَىٰ ۗ وَأْتُوا الْبُيُوتَ مِنْ أَبْوَابِهَا﴾;[1] <<Ва некӣ он нест ки ба хонаҳо аз пушти онҳо даройид, вале некӣ он аст ки тақво пеш гирифт ва ба хонаҳо аз дарвозаҳошон даройид>>; Ба ин маъно ки даромадан ба ҷиҳод, аз дарвозаи он некӣ шумурда мешавад, на аз пушти он ва дарвозаи он, мутамаккин сохтани Маҳдӣ аз қиёдати он ва пушти он, мутамаккин сохтани касе ҷуз ӯ барои ин кор аст.

## [Амри ба маъруф ва наҳй аз мункар]

Оре, амри ба маъруф ва наҳй аз мункар, ба маънои даъвати дигарон ба сӯи хайр, ҳаргоҳ мурод аз он даъвати онон ба сӯи талаб, иъонат ва итоъати Маҳдӣ бошад, ниёзе ба маъияти ӯ надорад; Чароки маъияти ӯ, ҷуз бо талаб, иъонат ва итоъати онон аз ӯ, мумкин нест ва ҳаргоҳ талаб, иъонат ва итоъати онон аз ӯ низ бидуни маъияти ӯ мумкин набошад, муҳол лозим меояд ва рӯшан аст ки талаб, иъонат ва итоъати Маҳдӣ, аз онҷо ки ба таҳаққуқи ҳокимияти ӯ ва табъан ҳокимияти Худованд бар замин меанҷомад, мабнои хайрот ва муҳимтарин маъруф аст ва бо ин васф, даъват ба сӯи он, бар даъват ба сӯи сойири хайрот ва маъруфҳо муқаддам аст; Балки бо вуҷуди он, даъват ба сӯи ғайри он, ваҷҳе надорад; Зеро даъват ба сӯи муҳим бо вуҷуди

1. Бақара/ 189.

аҳам аст ки бар хилофи авлавият ва сирати оқилон аст; Балки даъвати ба сӯи фаръ бо вуҷуди асл аст, дар ҳоле ки фаръ бидуни асл таҳаққуқ намеёбад ва ин мабнои коре аст ки ман анҷом медиҳам; Чароки ман ба сӯи талаб, иъонат ва итоъати Маҳдӣ даъват мекунам ва табъан ҳар кас даъвати манро бипазирад, тазмине бар тазминҳои лозим барои зуҳури ӯ афзудааст ва ҳар кас даъвати манро напазирад, монеъи бар мавонеъи мавҷуд барои зуҳури ӯ афзудааст; Бо таваҷҷуҳ ба инки ман бар хилофи доъиёнӣ дар ҷаҳони Ислом, ба сӯи худам ва талаб, иъонат ва итоъати худам даъват намекунам, балки ба сӯи Маҳдӣ ва талаб, иъонат ва итоъати ӯ даъват мекунам ва ин корро ба иқтизои зарурати ақлии он анҷом медиҳам ва бо ин васф, ҳар кас ки оқил бошад, бо ман дар бораи он ҳамкорӣ мекунад; Чароки он коре неку ва парҳезкорона аст ва табъан ҳамкорӣ бо он, ба иқтизои зарурате ки дорад, воҷиб аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَتَعَاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوَى﴾;[1] <<Ва бо якдигар бар некукорӣ ва парҳезкорӣ ҳамкорӣ кунед>> Ва бо ин васф, маъқул аст ки шуморӣ кофӣ аз мусалмонон, бо ман то ҳангоме ки ин корро анҷом медиҳам, ҳамкорӣ кунанд ва бо ман ҳаргоҳ ба сӯи талаб, иъонат ва итоъати ғайри Маҳдӣ даъват кардам, ҳамкорӣ накунанд; Чароки даъват ба сӯи талаб, иъонат ва итоъати ғайри ӯ, машруъ нест ва Худованд аз ҳамкорӣ дар бораи он наҳй карда ва фармудааст: ﴿وَلَا تَعَاوَنُوا عَلَى الْإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ﴾;[2] <<Ва бо якдигар бар маъсият ва таъаддӣ ҳамкорӣ накунед>>; То касоне ки ба ёрии Маҳдӣ роғибанд ва қуввати онро дар худ меёбанд, ба сӯи ман ҳиҷрат кунанд ва дар назди ман ба якдигар бипайванданд, бошад ки бо ҳиммати онон заминаи зуҳури ӯ фароҳам шавад ва хабаре аз ӯ ба мо бирасад, пас ба сӯи ӯ ҳаракат кунем ва худро ба ӯ бирасонем; Чунонки аз пеш навишта шуда ва ваъда дода шудааст.

## [Хотима]

Онҷи ман дар ин навиштор тарсим намудам, тасвире мунтабиқтар бар дине аст ки Худованд барои бандагонаш комил карда ва писандидааст; Чароки ҷуз ба китоби Худованд ва ҷуз хабари мутавотири Паёмбар ва ҳукми қатъии ақл,

---

1. Моъида/ 2.
2. Моъида/ 2.

мутамассик нашудам ва аз ҳар монеъи шинохт ва раъйи заннӣ ва хабари воҳиде, ичтиноб кардам. Бо ин ҳол, агар касе тасвире мунтабиқтар аз ин бар Ислом мешиносад, аз ҳамон пайравӣ кунад; Зеро Худованд беҳтар медонад ки кадомин тасвир бар он мунтабиқтар аст; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ كُلٌّ يَعْمَلُ عَلَىٰ شَاكِلَتِهِ فَرَبُّكُمْ أَعْلَمُ بِمَنْ هُوَ أَهْدَىٰ سَبِيلًا﴾;[1] <<Бигӯ ҳар кас бинобар сохтори худ амал мекунад, пас Парвардигоратон ба касе ки роҳёфтатар аст, донотар аст>>!

Ба ҳар ҳол, ин роҳи ман аст ки аз он ба сӯи Парвардигорам меравам; Монанди касе ки Худованд дар бори ӯ фармудааст: ﴿وَقَالَ إِنِّي ذَاهِبٌ إِلَىٰ رَبِّي سَيَهْدِينِ﴾;[2] <<Ва гуфт ҳароина ман ба сӯи Парвардигорам равандаам, манро роҳнамоӣ хоҳад кард>>; То ҳар кас ки онро рост меёбад, бо ман ҳамроҳӣ кунад ва ҳар касе ки онро рост намеёбад, Худованд ба роҳёфтагон огоҳтар аст; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ هَٰذِهِ سَبِيلِي أَدْعُو إِلَى اللَّهِ ۚ عَلَىٰ بَصِيرَةٍ أَنَا وَمَنِ اتَّبَعَنِي ۖ وَسُبْحَانَ اللَّهِ وَمَا أَنَا مِنَ الْمُشْرِكِينَ﴾;[3] <<Бигӯ ин роҳи ман аст ки ба сӯи Худованд даъват мекунам бар басиратӣ ҳам ман ва ҳам касе ки аз ман пайравӣ кунад ва Худованд муназзаҳ аст ва ман аз мушрикон нестам>>; Зеро ин ақидаи ман аст ки Худовандро бар пояи он мепарастам, то ҳар кас онро ҳақ меёбад, манро дар изҳори он ёрӣ кунад ва ҳар кас онро ҳақ намеёбад, манро дар ислоҳи он ёрӣ кунад; Чароки мусалмонон, бародари якдигаранд ва ба ислоҳи якдигар сазовортаранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصْلِحُوا بَيْنَ أَخَوَيْكُمْ ﴾;[4] <<Чуз ин нест ки мӯъминон бародаронанд, пас миёни бародарон ислоҳ кунед>>; Чароки ман бо изҳори он, қасди бидъат ниҳодан дар дин ё бархостани мазҳабӣ чадид ё тафриқа андохтан миёни мусалмонон ё фасод ангехтан дар замин надоштаам, балки танҳо дар пайӣ ислоҳи бародаронам аз тариқи амри ба маъруф ва наҳй аз мункар будаам ва агар муваффақ шавам, тавфиқам бо Худованд аст ва аз онон музде наметалабам ва агар муваффақ нашавам, таклифамро анчом додаам ва аз маломати онон намеҳаросам; Монанди Паёмбаре ки Худованд дар бораи ӯ фармудааст: ﴿قَالَ يَا قَوْمِ أَرَأَيْتُمْ إِنْ كُنْتُ عَلَىٰ بَيِّنَةٍ مِنْ رَبِّي وَرَزَقَنِي مِنْهُ رِزْقًا حَسَنًا ۚ وَمَا أُرِيدُ أَنْ أُخَالِفَكُمْ إِلَىٰ مَا أَنْهَاكُمْ عَنْهُ ۚ إِنْ أُرِيدُ إِلَّا الْإِصْلَاحَ مَا اسْتَطَعْتُ ۚ وَمَا تَوْفِيقِي إِلَّا بِاللَّهِ ۚ عَلَيْهِ

1. Исроъ/ 84.
2. Соффот/ 99.
3. Юсуф/ 108.
4. Ҳучарот/ 10.

﴿تَوَكَّلْتُ وَإِلَيْهِ أُنِيبُ﴾;[1] <<Гуфт эй қавми ман! Назаратон чист агар ман бар далилӣ рӯшан аз ҷониби Парвардигорам бошам ва маро аз ҷониби худ ризқӣ неку дода бошад?! Дар ҳоле ки намехоҳам бо шумо бо анҷоми чизе ки шуморо аз он наҳй мекунам, мухолифат кунам; Ҷуз ислоҳ ба андозае ки битавонам иродае надорам ва тавфиқам ҷуз бо Худованд нест, бар Ӯ таваккул кардам ва ба Ӯ рӯй меоварам>>!

Ба ҳар ҳол, ин неъмате аст ки Парвардигорам ба ман додааст ва ман ба сабаби он Ӯро шукр мегузорам ва дар бораи он бо бандагонаш сухан мегӯям; Чунонки Ӯ ба ин кор амр карда ва фармудааст: ﴿وَأَمَّا بِنِعْمَةِ رَبِّكَ فَحَدِّثْ﴾;[2] <<Ва аммо дар бораи неъмати Парвардигорат сухан гӯ>>, бидуни инки онро ба онон таҳмил намоям; Чароки Ӯ аз ин кор наҳй карда ва фармудааст: ﴿وَمَا أَنْتَ عَلَيْهِمْ بِجَبَّارٍ﴾;[3] <<Ва ту бар онон ҷабр кунанда нестӣ>>; Балки танҳо онро ба сухан дар меоварам, то ҳар кас ки дар сухани ман ҳаққе меёбад, ҳаққро баргирад ва ҳар кас ки дар сухани ман ботиле меёбад, ботилро вониҳад; Монанди касоне ки Худованд дар бораи онон фармудааст: ﴿الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ ۚ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ ۖ وَأُولَٰئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾;[4] <<Касоне ки суханро мешунавад ва аз беҳтаринаш табаъият мекунанд, онон ҳастанд ки Худованд ҳидояташон кардааст ва онон ҳастанд ки ҳирадмандонанд>> Ва кадомин сухан, беҳтар аз сухане касе аст ки ба сӯи Худованд фаро мехонад ва барои ҳукумати Ӯ заминасозӣ мекунад ва мегӯяд ки аз мусалмонон аст?! Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمَنْ أَحْسَنُ قَوْلًا مِمَّنْ دَعَا إِلَى اللَّهِ وَعَمِلَ صَالِحًا وَقَالَ إِنَّنِي مِنَ الْمُسْلِمِينَ﴾;[5] <<Ва чи касе некусухантар аз касе аст ки ба сӯи Худованд даъват кард ва корӣ шойиста анҷом дод ва гуфт ки ман аз мусалмононам?!>>; Дар ҳоле ки сухани ростро оварда, то ҳар кас аз парҳезкорон аст, сухани ростро бипазирад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَالَّذِي جَاءَ بِالصِّدْقِ وَصَدَّقَ بِهِ ۙ أُولَٰئِكَ هُمُ الْمُتَّقُونَ﴾;[6] <<Ва касе ки сухани ростро оварда ва онро рост шумурд, онон ҳамоно парҳезкоронанд>>

1. Ҳуд/ 88.
2. Зуҳо/ 11.
3. Қоф/ 45.
4. Зумар/ 18.
5. Фуссилат/ 33.
6. Зумар/ 33.

Ва ҳар кас ки беинсофтарин аст, бар Худованд ифтиро бандад ва сухани ростро дурӯғ шуморад; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنْ كَذَبَ عَلَى اللَّهِ وَكَذَّبَ بِالصِّدْقِ إِذْ جَاءَهُ ۚ أَلَيْسَ فِي جَهَنَّمَ مَثْوًى لِلْكَافِرِينَ﴾;[1] <<Пас чи касе ситамкортар аз касе аст ки бар Худованд дурӯғ баст ва сухани ростро чун ба ӯ расид дурӯғ шумурд?! Оё дар дӯзах ҷойгоҳе барои кофирон нест?!>>. Ҳар чанд ман тарҷеҳ медодам ки ин сухан, аз касе ҷуз ман шунида мешуд; Чароки агар касе ҷуз ман, онро мегуфт, манро аз гуфтани он бениёз месохт ва бори гаронеро аз дӯши ман бар медошт, вале касе ҷуз ман онро нагуфт ва аз касе ҷуз ман шунида нашуд. Оре, пеш аз ман марде аз ин срзамин бархост ва бархе аз ончи ман гуфтамро гуфт; Зеро ба сӯи касе даъват кард ки мавриди ризои оли Муҳаммад бошад, вале ӯ ҳукуматро аз фарзандони Умая гирифт ва ба фарзандони Аббос супурд, дар ҳоле ки фарзандони Аббос мавриди ризои оли Муҳаммад набуданд; Пас тарсидам ки агар ба интизор биншинам, касе монанди ӯ аз ҷойе сар бароварад ва иштибоҳи ӯро такрор кунад; Ба ин тартиб ки бо номи ризои оли Муҳаммад, ҳукуматро аз золимоне бигирад ва ба золимонӣ дигар биспорад; Пас хостам ки аз ин фитна пешгирӣ кунам ва майдонро аз чунин касоне бигирам; Бал шунидам ки нидоӣ ба ботил дар ғарб баланд шудааст, пас хостам ки нидоӣ ба ҳақ дар шарқ баланд шавад, то танҳо нидоӣ ба ботил дар ҷаҳон шунида нашавад, мабодо мусалмонон бар ботил иҷтимоъ кунанд ва азоби Худованд бар онон нозил шавад; Чароки ҳукумат танҳо барои Худованд аст ва онро ба ҳар кас аз бандагонаш ки хоҳад, месупорад ва ӯ касе ҷуз Маҳдии Фотимиро нахоста ки мавриди ризои оли Муҳаммад ва мавриди ризои ҳамаи мусалмонон аст. Пас ба заминасозӣ барои ҳукумати ӯ қиём кардам, то идда ва уддаи кофӣ барои ӯ фароҳам оварам; Пас аз онки дур шудани мусалмонон аз Исломро дидам ва ногузир буданашон аз бозгашт ба онро донистам ва пиндоштам ки ман ва онон, сарнишинони як киштӣ ҳастем, ба нахве ки наҷоти ман ба наҷоти онон вобаста ва ҳалоки ман ба ҳалоки онон пайваста аст. Пас тарсидам ки агар барои наҷоти онон иқдоме накунам, худ ба ҳамроҳи онҳо ғарқ шавам; Монанди гурӯҳе аз банӣ исроъил дар соҳили дарё ки чун гурӯҳе аз худро дар ҳоли таъаддӣ дар шанбе диданд ва

1. Зумар/ 32.

ононро аз он боз надоштанд, монанди онон ба бузина табдил шуданд; Чунонки Худованд барои таълими мусалмонон аз онон ёд карда ва фармудааст: ﴿وَإِذْ قَالَتْ أُمَّةٌ مِنْهُمْ لِمَ تَعِظُونَ قَوْمًا ۙ اللَّهُ مُهْلِكُهُمْ أَوْ مُعَذِّبُهُمْ عَذَابًا شَدِيدًا ۖ قَالُوا مَعْذِرَةً إِلَىٰ رَبِّكُمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ؛ فَلَمَّا نَسُوا مَا ذُكِّرُوا بِهِ أَنْجَيْنَا الَّذِينَ يَنْهَوْنَ عَنِ السُّوءِ وَأَخَذْنَا الَّذِينَ ظَلَمُوا بِعَذَابٍ بَئِيسٍ بِمَا كَانُوا يَفْسُقُونَ﴾;[1] <<Ва чун гурӯҳе аз онон гуфтанд чаро қавме ки Худованд ононро ҳалок кунанда аст ё бо азобӣ сахт азоб кунанда астро панд медиҳед?! Гуфтанд барои маъзуриятӣ ба назди Парвардигоратон ва инки шояд парҳезкор шаванд; Пас чун тазаккуре ки ба онон дода шудро фаромӯш карданд, касоне ки аз бадӣ боз медоштандро иҷобат додем ва касоне ки зулм мекардандро ба сабаби фисқе ки меварзиданд, ба азобӣ бад гирифтем>>! Ба илова, хуш надоштам аз касоне бошам ки ҳаққро бо вуҷуди илми ба он кетмон мекунанд; Чароки онон ба лаънати Худованд ва лаънати ҳамаи лаънат кунандагон дучор мешаванд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَلَا تَلْبِسُوا الْحَقَّ بِالْبَاطِلِ وَتَكْتُمُوا الْحَقَّ وَأَنْتُمْ تَعْلَمُونَ﴾;[2] <<Ва ҳаққро бо ботил напӯшонед ва ҳаққро дар ҳоле ки ба он илм доред кетмон накунед>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يَكْتُمُونَ مَا أَنْزَلْنَا مِنَ الْبَيِّنَاتِ وَالْهُدَىٰ مِنْ بَعْدِ مَا بَيَّنَّاهُ لِلنَّاسِ فِي الْكِتَابِ ۙ أُولَٰئِكَ يَلْعَنُهُمُ اللَّهُ وَيَلْعَنُهُمُ اللَّاعِنُونَ﴾;[3] <<Бегумон касоне ки ончи аз рӯшаниҳо ва ҳидоят нозил кардимро пас аз инки барои мардум дар китоб табйин кардим кетмон мекунанд, ононро Худованд лаънат мекунад ва ҳамаи лаънат кунандагон лаънат мекунанд>>! Ҳамчунонки умедвор будам бо ин фарёд, шуморӣ кофӣ аз мусалмонон, аз хоби ғафлат бедор шаванд ва барои иқомаи Ислом дар замин ва пур кардани он аз адолат пас аз пур шуданаш аз зулм, бо эҷоди ҳукумати Худованд дар он аз тариқи таъсиси ҳукумати халифаи Ӯ Маҳдӣ, ба по хезанд; Чунонки Худованд ба он умедвор буда ва фармудааст: ﴿وَذَكِّرْ فَإِنَّ الذِّكْرَىٰ تَنْفَعُ الْمُؤْمِنِينَ﴾;[4] <<Ва тазаккур бидеҳ; Чароки тазаккур мӯъминонро суд мерасонад>>, ҳар чанд огоҳӣ доштам ки бештарашон онро хуш нахоҳанд дошт; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿بَلْ جَاءَهُمْ بِالْحَقِّ وَأَكْثَرُهُمْ لِلْحَقِّ كَارِهُونَ﴾;[5] <<Балки ҳаққро барояшон овард ва бештари онон ҳаққро хуш намедоранд>> Ва чи басо бархешон ба сабаби он барои нобудии бародарашон кӯшиш хоҳанд кард, бе эътино

1. Аъроф/ 164 ва 165.
2. Бақара / 42.
3. Бақара/ 159.
4. Зориёт/ 55.
5. Мӯъминун/ 70.

ба сухани Худованд ки фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يَكْفُرُونَ بِآيَاتِ اللَّهِ وَيَقْتُلُونَ النَّبِيِّينَ بِغَيْرِ حَقٍّ وَيَقْتُلُونَ الَّذِينَ يَأْمُرُونَ بِالْقِسْطِ مِنَ النَّاسِ فَبَشِّرْهُمْ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ﴾;[1] <<Бегумон касоне ки ба оёти Худованд кофир мешаванд ва Паёмбаронро ба ноҳақ мекушанд ва касоне аз мардум ки ба адолат амр мекунандро мекушанд, пас ба азобӣ дарднок башоратташон деҳ>>!

Ин ҳамаи ангезаи ман аз коре буд ки анҷом додам; Вагарна барои он дар пайӣ музде набудам; Ҳамчунонки аз кайфаре ба сабаби он натарсидам; Зеро бар мусалмон то ҳангоме ки ба таклифи ақлӣ ва шаръии худ амал кардааст, боке нест ва агар ба сабаби он, тика тика ё сӯзонда шавад, хайри ӯст; Бо таваҷҷуҳ ба инки зиндагии дунё кӯтоҳ аст ва дар ҳар сурат мегузарад ва оқибат барои парҳезкорон аст, на барои қулдурон ва на барои дурӯғгӯён; Чунонки Худовнад фармудааст: ﴿إِنَّ الْعَاقِبَةَ لِلْمُتَّقِينَ﴾;[2] <<Бегумон оқибат барои парҳезкорон аст>>!

Акнун ба Парвардигорам паноҳ мебарам ва бар Ӯ таваккул мекунам ва ба сӯи Ӯ боз мегардам ва аз Ӯ мехоҳам ки ин амали солеҳро аз ман ва ҳамаи касоне ки манро дар он иъонат карданд, бипазирад ва ба ман ва ҳамаи мусалмонони ҷаҳон, тавфиқи бозгашт ба Ислом ва иқомаи он ба сурати холис ва комилро арзонӣ дорад; Зеро ин беҳтарин тавфиқе аст ки ба касе арзонӣ мешавад ва ҳар хайре ҳаст, аз ҷониби Ӯст ва ситойиш барои Ӯст ки Парвардигори ҷаҳониён аст.

﴿وَالسَّلَامُ عَلَىٰ مَنِ اتَّبَعَ الْهُدَىٰ﴾;[3] <<Ва дуруд бар ҳар касе ки аз ҳидоят пайравӣ кард>>!

Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Шаби 23 моҳи рамазон 1435 пас аз ҳиҷрат
Савоҳили Ҷайҳун

1. Оли Имрон/ 21.
2. Ҳуд/ 49.
3. Тоҳо/ 47.

## Феҳрести манобеъ


- Оли Нуҳ, Козим (д.1379қ); Туруқу ҳадиси Ал-аъиматил иснай ашар мин Қурайш, матбатул маъориф, Бағдод, 1374қ.

- Омидӣ, Алӣ ибни Муҳаммад (д.631қ); Ал-аҳкому фий усулилил аҳком, таълиқ Абдурраззоқ Ал-Афифӣ, Ал-мактабул Исломӣ, Бейрут, 1402қ.

- Ибни абӣ Ҳотами Розӣ, Абдурраҳмон (д.327қ); Ал-Ҷарҳу ва таъдил, дору эҳёил туросил Арабӣ, Бейрут, 1371қ.

- Ибни абӣ Дунё, Абдуллоҳ ибни Муҳаммад (д.281қ); Ал-ақлу ва Фазлеҳ, таҳқиқ Саъид ибни Басюнӣ, муасисатул кутиби сақофия, Бейрут, 1413қ.

- Ибни абӣ Заманайн, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (д.399қ); Тафсири ибни Заманайн, таҳқиқ Ҳусайн ибни Акоша ва Муҳаммад ибни Мустафо, Ал-Форуқул ҳадиса, Қоҳира, 1423қ.

- Ибни абӣ Шейба, Абдуллоҳ ибни Муҳаммад (д.235қ); Ал-Мусаннаф, таълиқу Саидуллиҳом, дорул фикр, Бейрут, 1409қ.

- Ибни абӣ Осим, Заҳҳок ибни Мухаллад (д.287қ); Ал-Оҳоду вал масонӣ, таҳқиқ Босимул Ҷавобира, дору дероях, 1411қ.

- ........................................................; Китобу суннаҳ,

Ал-мактабул Исломӣ, Бейрт, 1413қ.

• Ибни Асир, Алӣ ибни Абилкарам (д.630қ); Усдул ғоба фий маърифати саҳоба, дорул китобил Арабӣ, Бейрут.

• ..............................................................; Ал-Комил фитторих, дору содир, Бейрут, 1385қ.

• Ибни Ҷаъд, Алӣ (д.230қ); Муснади ибни Ҷаъд, ривояту ва ҷамаъ Абдуллоҳ ибни Муҳаммадал Бағавӣ, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1417қ.

• Ибни Ҷувзӣ, Абдулрраҳмон ибни Алӣ (д.597қ); Ал-Мунтазаму фий торихил мулуки вал умам, таҳқиқ Муҳаммад Абдулқодир Ато ва Мустафо Абдулқодир Ато, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1412қ.

• Ибни Ҳиббон, Муҳаммад (д.354қ); Саҳеҳу ибни Ҳиббон, таҳқиқ Шуъайб Ал-Арнаъут, Муассисатул рисолат, 1414қ.

• Ибни Ҳаҷар, Аҳмад ибни Алӣ Асқалонӣ (д.852қ); Фатҳул Борӣ шарҳу саҳиҳул Бухорӣ, дорул маърифа, Бейрут.

• Ибни Ҳаҷари Ҳейтамӣ, Аҳмад (д.974қ); Ал-Савоъиқул муҳрақа фирradди ало аҳлил бидъа ва зиндиқа, тахриҷ Абдулваҳҳоб Абдуллатиф, мактабатул Қоҳира, Миср 1385қ.

• Ибни Ҳаммод, Наъим (д.229қ); Ал-Фитан, таҳқиқ Суҳайл Заккор, дорул фикр, Бейрут, 1414қ.

• Ибни Ҳанбал, Аҳмад (д.241қ); Муснади Аҳмад ибни Ҳанбал, дору содир, Бейрут.

• Ибни Хузайма, Муҳаммад ибни Исҳоқ (д.311қ); Саҳиҳи ибни Хузайма, таҳқиқ Муҳаммад Мустафо Ал-Азамӣ, Ал-мактабул Исломӣ, 1412қ.

• Ибни Халаккон, Аҳмад ибни Муҳаммад (д.681қ); Вафаётул аъаён ва анбоу абноу замон, таҳқиқ Эҳсон Аббос, дорус Сақофа, Бейрут.

• Ибни Роҳувей, Исҳоқ (д.238қ); Муснаду Исҳоқ ибни Роҳувей, таҳқиқ Абдулғафур Ҳусейн, мактабатул имон, Ал-Мадинатул Мунаввара, 1412қ.

• Ибни Саъд, Муҳаммад (д.230қ); Ал-Табақотул кубро, дорус содир, Бейрут.

• Ибни Салома, Муҳаммад (д.454қ); Муснаду Шаҳоб, таҳқиқ Ҳамдиюл салафи, муъассисатул рисола, Бейрут, 1405қ.

• Ибни Шоҳин, Умар ибни Аҳмад (д.385қ); Носиқул ҳадис ва мансуха, таҳқиқ Каримат бинти Алӣ.

• Ибни Шубба, Умар (д.262қ); Торихул Мадинатул Мунаввара, таҳқиқ Фаҳим Муҳаммад Шалтут, дорул фикр, Қум, 1410қ.

• Ибни Сабоғ, Алӣ ибни Муҳаммадал Маккӣ (д.855қ); Ал-Фусулул муҳимма фий маърифатил аъима, таҳқиқ Соммиюл Ғарири, дорул ҳадис, Қум, 1422қ.

• Ибни Обидин, Муҳаммад Амин (д.1252қ); Ҳошиатул Раддул Мухтор, ишрофу мактабул буҳус ва деросот, дорул фикр, Бейрут, 1415қ.

• Ибни Абдул Бир, Юсуф ибни Абдуллоҳ (д.463қ); Ал-Истиъоб, таҳқиқ Алӣ Муҳаммад Ал-Баҷовӣ, дорул ҷейл, Бейрут, 1412қ.

• ................................................; Ал-Интқоу фий фазоилис салосатил аъимматил фуқаҳоъ, дорул кутубил илмия, Бейрут.

• ..................................................; Аттамҳид, таҳқиқ Ал-Алавӣ вал Бакрӣ, вазорату умумил овқофи ва шуъунил исломия, Ал-Мағриб, 1387қ.

• ....................................................; Ҷомеул баёнил илми ва фазлиҳ, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1398қ.

• Ибни Адӣ, Абдуллоҳ (д.365қ); Ал-Комилу фий зуафоил риҷол, қироату ва тадқиқ Яҳё Мухтор Ғазовӣ, дорул фикр, Бейрут, 1409қ.

• Ибни Арабӣ, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (д.543қ);

Аҳкомал Қуръон, таҳқиқ Муҳаммад Абдулқодир Ато, дорул фикр, Бейрут.

• Ибни Асокир, Алӣ ибнил Ҳасан (д.571қ); Ториху Мадинатул Димишқ, таҳқиқ Алӣ Шерӣ, дорул фикр, Бейрут, 1415қ.

• Ибни Уқда, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Саъид (д.333қ); Фазоъилу Амирил Мӯъминин, таҳқиқ Абдулрраззоқ Ҳерзуддин.

• ....................................; Ал-Вилояҳ, таҳқиқ Абдулрраззоқ Ҳерзуддин.

• Ибни Қутайба, Абдуллоҳ ибни Муслим (д.276қ); Ал-Имонату ва сиёса, таҳқиқ Тоҳо Муҳаммаду Зейнӣ, муъасисатул Ҳалабӣ ва шуракоъ.

• .............................................; Таъвилу мухталифул ҳадис, дорул кутубил илмия, Бейрут.

• ..............................................; Уюнул ахбор, таълиқ Юсуф Алӣ Тавил, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1424қ.

• Ибни Касир, Исмоъил (д.774қ); Тафсирул Қуръонил азим, тақдиму Юсуф Ал-Маръашалӣ, дорул маърифа, Бейрут, 1412қ.

• Ибни Моҷа, Муҳаммад ибни Язид (д.275қ); Сунани ибни Моҷа, таълиқ Муҳаммад Фуод Абдулбоқӣ, дорул фикр, [Бейрут].

• Ибну Муборак, Абдуллоҳ (д.181қ); Муснади Абдуллоҳ ибни Муборак, таҳқиқ Мустафо Усмон Муҳаммад, дорул кутбил илмия, Бейрут, 1411қ.

• Ибни Мухаллад, Бақӣ (д.276қ); Марвёту саҳобату фий ҳавзи вал кавсар, таҳқиқ Абдулқодир Муҳаммад Ато Сӯфӣ, мактабатул улум вал ҳикам, Ал-Мадинатул Мунавара, 1413қ.

• Ибни Наҷими Мисрӣ, Зайнуддин ибни Иброҳим (д.970қ); Ал-Баҳрул роъиқ шарҳи канзу дақоиқ, тахриҷу Закариё Умайрот, дорул кутубал илмия, Бейрут, 1418қ.

• Абу Довуд, Сулаймон ибни Ашъас (д.275қ); Сунани абӣ Довуд, таҳқиқ Саъид Муҳаммад Лиҳом, дорул фикр, [Бейрут], 1410қ.

• Абу Райе, Маҳмуд (д.1385қ); Азвоъу аласунатил Набавия, нашрул батҳоъ, [Қоҳира].

• Абу Шейх Ансорӣ, Абдуллоҳ ибни Ҳаён (д.369қ); Табақотул муҳаддисин беасбаҳон, таҳқиқ Абдулғафур Ал-Балушӣ, муъассисатул рисола, Бейрут, 1412қ.

• Абул Фидоъ, Исмоъил ибни Алӣ (д.732қ); Ал-Мухтасару фий ахборил башар, дорул маърифа, Бейрут.

• Абу Наъими Исбаҳонӣ, Аҳмад ибни Абдуллоҳ (д.430қ); Арувоту ан Саид ибни Мансур, таҳқиқ Абдуллоҳ Юсуф Ал- Ҷаддиъ, дорул осима, Риёз, 1409қ.

• ....................................................; Аззуафоъ, таҳқиқ Форуқ Ҳамода, дорул сиқофату ва дорул Байзоъ, Ал-Мағриб.

• ......................................................; Муснаду Имом абӣ Ҳанифа, таҳқиқ Назармуҳаммад Ал- Форёбӣ, мактабатул Кавсар, Риёз, 1415қ.

• Абу Яъло, Аҳмад ибни Алӣ (д.307қ); Муснади абӣ Яъло, таҳқиқ Ҳусейн Салим Асад, дорул Маъмун литурос, Димишқ.

• Албонӣ, Муҳаммад Носируддин (д.1420қ); Ирвоул Ғалил фий тахриҷи аҳодиси миноруссабил, ба эшрофи Заҳир Ашшовиш, Ал-мактабул Исломӣ, Бейрут, 1405қ.

• ..........................................; Саҳиҳи сунани Тирмизӣ, мактабатул маъориф, Риёз, 1420қ.

• ..........................................; Зилолул Ҷаннаҳ фий тахриҷи сунна (маъ китобу суннати либни абӣ Осим), Ал-мактабул Исломӣ, Бейрут, 1413қ.

• Ансорӣ, Муҳаммад Ҳаёт ибни Мултонӣ (маъосир); Ҳадисул касоъ фий масодирил ҳадис.

• Увҳадӣ, Рукниддини Мароғеъи (д.738қ); Девони ашъор.

• Боқирӣ, Ҷаъфар (маъосир); Ал-Хулафоул исно ашар, марказул абҳосил ақоъидия, Қум, 1427қ.

• Бухорӣ, Муҳаммад ибни Исмоъил (д.256қ); Атторихул кабир, Ал-мактабатул Исломия, диёри бакр (Туркия).

• ....................................................; Саҳиҳул Бухорӣ, дорул фикр, [Бейрут], 1401қ.

• Баставӣ, Абдулъалим Абдулазим (маъосир); Мавсуату фий аҳодисил Маҳдӣ азъзифату вал мавзӯъа, Ал-мактабатул Маккия ва дору ибни Ҳазм, Маккатул Мукаррама ва Бейрут, 1420қ.

• Билозарӣ, Аҳмад ибни Яҳё (д.279қ); Ансобул ашроф, таҳқиқ Муҳаммад Ҳамидуллоҳ, дорул маъориф, Миср, 1959м.

• Бин Боз, Абдулазиз ибни Абдуллоҳ (д.1420қ); Адилатул нақлия вал ҳисия алоимконил Суъуди илал кавокиби ва ало ҷараёни шамс ва сукунил арз, мактабатул Риёзил ҳадиса, Риёз, 1402қ.

• Баҳутӣ, Мансур ибни Юнус (д.1051қ); Кашофул қиноъ, таҳқиқ Муҳаммад Ҳасан Исмоъил, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1418қ.

• Бедили Деҳлавӣ, Абдулқодир (д.1133қ); Девони ашъор.

• Байҳақӣ, Аҳмад ибни Ҳусейн (д.458қ); Далоъилу набувва ва маърифату аҳволи соҳиби шариъа, тахриҷ Абдулмутъӣ Қалаҷӣ, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1405қ.

• ....................................................; Ал-Сунанул кубро, дорул фикр, [Бейрут].

• ....................................................; Шаъбул имон, таҳқиқ Муҳаммад Саъид Зағлул, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1410қ.

• ....................................................; Маърифату сунани вал осор, таҳқиқ Касравӣ Ҳасан, дорул кутубил илмия, Бейрут.

• Парвини Эътисомӣ, Рахшанда бинти Юсуф (д.1320ш); Девони ашъор.

• Тирмизӣ, Муҳаммад ибни Исо (д.279қ); Сунанул Тирмизӣ, таҳқиқ Абдулваҳоб Абдуллатиф, дорул фикр, Бейрут, 1403қ.

• Тафтозонӣ, Масъуд ибни Умар (д.792қ); Шарҳул мақосид фий илмил калом, дорул маъорифил Нӯъмония, Покистон, 1401қ.

• Саълабӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад (д.427қ); Ал-Кшфу вал баён ан тафсирил Қуръон, таҳқиқ абӣ Муҳаммад ибни Ошур, дору эҳёъи туросил Арабӣ, Бейрут, 1422қ.

• Ҷассос, Аҳмад ибни Алӣ (д.370қ); Аҳкомул Қуръон, тахриҷу Абдуссалом Муҳаммад, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1415қ.

• Ҷавҳарӣ, Аҳмад ибни Абдулазиз (д.323қ); Ассақифа, таҳқиқ Муҳаммад Ҳодӣ Аламинӣ, ширкатул кутубӣ, Бейрут, 1413қ.

• Ҷавҳарӣ, Аҳмад ибни Убайдуллоҳ (д.401қ); Муқтазабул асар, мактабатул Табо Табоӣ, Қум.

• Ҳофизи Шерозӣ, Муҳаммад ибни Баҳоъиддин (д.792қ); Девони ашъор.

• Ҳокими Ҳасконӣ, Убайдуллоҳ ибни Аҳмад (д.Қарни 5); Шавоҳиду аттанзил, таҳқиқул Маҳмудӣ, маҷмау эҳёъу сақофатил Исломия, 1411қ.

• Ҳокими Нешобурӣ, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (д.495қ); Ал-Мустадраку Ал-Ассаҳиҳайн, таҳқиқ Юсуф Ал-Маръашалӣ, дорул маърифа, Бейрут.

• ........................................................; Маърифату улумил ҳадис, тасҳиҳ Муъаззам Ҳусейн, дорул офоқил ҳадиса, Бейрут, 1400қ.

• Ҳамидӣ, Абдуллоҳ ибни Зубайр (д.219қ); Муснадул Ҳамидӣ, таҳқиқ Ҳабибурраҳмон Алазамӣ, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1409қ.

• Хазоз, Алӣ ибни Муҳаммад (д.400қ); Кифоятул асар

фий насси алал аъимати иснай ашар, таҳқиқ Куҳ Камарӣ, интишороти Бедор, Қум, 1401қ.

• Хатиби Бағдодӣ, Аҳмад ибни Алӣ (д.463қ); Торихи Бағдод, таҳқиқ Мустафо Абдулқодир Ато, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1417қ.

• ............................................................; Ал-Кифояту фий илмил ривоя, таҳқиқ Аҳмад Умар Ҳошим, дорул китобил Арабӣ, Бейрут, 1405қ.

• Хоҷуӣ Кирмонӣ, Маҳмуд ибни Алӣ (д.752қ); Девони ашъор.

• Дорул Қутнӣ, Алӣ ибни Умар (д.385қ); Сунану дору Қутнӣ, таълиқу Маҷдӣ ибни Мансур, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1417қ.

• Дорамӣ, Абдуллоҳ ибни [абд] Алраҳмон (д.255қ); Сунану Дорамӣ, беинояту Муҳаммад Аҳмад Деҳамон, матбаатул эътидол, Димишқ, 1349қ.

• Дасуқӣ, Муҳаммад Арафа (д.1230қ); Ҳошиятул Дасуқӣ Ал-Шарҳил кабир, дору эҳёул кутубил Арабия.

• Заҳабӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад (д.748қ); Торихул Ислом ва вафаётул машоҳир вал аълом, таҳқиқ Умар Абдуссалом Тадмирӣ, дорул китобил Арабӣ, Бейрут, 1407қ.

• ..................................................; Тазкиратул ҳифоз, дорул эҳёил туросил Арабӣ, Бейрут.

• ..................................................; Сеяруаъломул нубало, бе эшрофи Шуайб Ал-Арнаъут, Муассату рисола, Бейрут, 1413қ.

• ..................................................; Ал-Ибару фий хабари мин ғибар, таҳқиқ Фуъод Сайид, доиратул матбуъоти ва нашр, Кувейт.

• Роғиби Исфаҳонӣ, Ҳусейн ибни Муҳаммад (д.502қ); Ал-Муфрадотул фий ғарибил Қуръон, дафтару нашрул китоб, 1404қ.

• Ромҳурмузӣ, Ҳасан ибни Абдурраҳмон (д.360қ); Ал-Ҳаддул фосил, таҳқиқ Муҳаммад Аъҷочул хатиб, дорул фикр, Бейрут, 1404қ.

• Рашид Ризо, Муҳаммад (д.1354қ); Ториху шейх Муҳаммад Абдуҳ, матбаъатул манор, 1350қ.

• Заркашӣ, Муҳаммад ибни Баҳодур (д.794қ); Ал-Баҳрул муҳит фий усулил фиқҳ, таҳқиқ Муҳаммад Томир, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1421қ.

• Земахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар (д.538қ); Ал-Кашшофу анҳақоиқил танзил, ширкату мактабату ва матбаъату Мустафо Ал-Бобӣ Ал-Ҳалабӣ ва авлодиҳӣ, Миср, 1385қ.

• Сарахсӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад (д.490қ); Усулул Сарахсӣ, таҳқиқ Абилвафоъил Афғонӣ, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1414қ.

• Саъдии Шерозӣ, Муслиҳуддин ибни Абдуллоҳ (д.691қ); Ғазалиёт.

• Суютӣ, Ҷалолиддин Абдурраҳмон ибни Абибакр (д.911қ); Торихул хулафоъ, таҳқиқ луҷнату минал удабоъ, тавзиъу дорул таъоввун Маккатул Мукарама.

• Шофеӣ, Муҳаммад ибни Идрис (д.204қ); Аҳкомул Қуръон, таҳқиқ Абдулғанӣ Абдулхолиқ, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1400қ.

• ..............................................................; Ал-Муснад, дорул кутубил илмия, Бейрут.

• Шомухӣ, Ҳасан ибни Алӣ (д.443қ); Аҳодисул Шомухӣ ан шуюх, таҳқиқ Машъал ибни Басонӣ, дору ибни Ҳазм, Бейрут, 1417қ.

• Шабистарӣ, Маҳмуд ибни Абдулкарим (д.740қ); Гулшани роз.

• Шарбинӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад (д.977қ); Муғниюл муҳтоҷил илло маърифати маъонии алфозил минҳоҷ, дорул эҳёил туросил Арабӣ, Бейрут.

• Шаҳристонӣ, Алӣ (маъосир); Манъу тадвинил ҳадис,

марказу абҳосил ақоъидия, Қум, 1420қ.

• Сафдӣ, Халил ибни Айбек (д.764қ); Ал-Вофӣ бил вафаёт, дорул эҳёъил туросил Арабӣ, Бейрут, 1420қ.

• Табо Табоъӣ, Муҳаммад Муҳит (д.1370ш); Нақши Саййид Ҷамолиддин дар бедории машриқ замин, таҳқиқ Хусрвшоҳӣ, дорул таблиғи Исломӣ, 1350қ.

• Табаронӣ, Сулаймон ибни Аҳмад (д.360қ); Муснадул Шомиййин, таҳқиқ Ҳамдиюл салафӣ, муаъссисатул рисола, Бейрут, 1417қ.

• ..........................................; Ал-Мӯъҷамул авсат, таҳқиқ Ториқ ва Абдулҳасан, дорул ҳарамайн литтибоъати ва нашри ва тавзиъ, 1415қ.

• ..........................................; Ал-Мӯъҷамул сағир, дорул кутубил илмия, Бейрут.

• ..........................................; Ал-Мӯъҷамул кабир, таҳқиқ Ҳамдиюл салафӣ, долру эҳёъил туросил Арабӣ.

• Табарсӣ, Фазл ибни Ҳасан (д.548қ); Эъломул варо, муъасисату олул байт ли эҳёил турос, Қум, 1417қ.

• Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир (д.310қ); Торихул Табарӣ мурочиъату ва тасҳиҳу нухбату минал уламоъил аҷиллоъ, муъамссатул аъламӣ лилматбуот, Бейрут, 1403қ.

• ..............................................; Ҷомеуъл баён ан таъвили ояил Қуръон, тақдимул Халил Ал-Майс, дорул фикр, [Бейрут], 1415қ.

• ..........................................................; Ал-Мунтахабул мин зайлил мазил мин торихил саҳоба вал тобеин, муъассисатул аълами лилматбуъот, Бейрут, 1358қ

• Таҳовӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Салома (д.321қ); Шарҳу маъониюл осор, таҳқиқ Муҳаммад Зухрӣ Наҷор, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1416қ.

• Таёлисӣ, Сулаймон ибни Довуд (д.204қ); Муснади абӣ Довуди Таёлисӣ, дорул маърифа, Бейрут.

• Абд ибни Ҳамид (д.249қ); Ал-Мунтахаб мин муснади Абд ибни Ҳамид, таҳқиқ Субҳи Ал-Бадрӣ Ассомироъӣ ва Маҳмуд Ассаъидӣ, мактабату наҳзатил Арабия, [Бейрут], 1408қ.

• Абдурраззоқ ибни Ҳаммом Ассанъонӣ (д.211қ); Тафсирул Қуръон, таҳқиқ Мустафо Муслим Муҳаммад, мактабатур рушд, Риёз, 1410қ.

• ........................................................................; Ал-Мусаннаф, таҳқиқ Ҳабибур Раҳмон Ал-Аъзамӣ.

• Ақилӣ, Муҳаммад ибни Амр (д.322қ); Зуъафоъул Ақилӣ, таҳқиқ Абдилмуътӣ Қалъаҷӣ, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1418қ.

• Айнӣ, Маҳмуд ибни Аҳмад (д.855қ); Умдатул Қорӣ шарҳу саҳиҳул Бухорӣ, дору эҳёиттуросил Арабӣ, Бейрут.

• Ғаззолӣ, абу Ҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад (д.505қ); Ал-Мустасфо фий илмил усул, таҳқиқ Муҳаммад Абдуссалом, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1417қ.

• ............................................................................; Ал-Манхул мин таълиқотил усул, таҳқиқ Муҳаммад Ҳасан Ҳийту, дорул фикрил муъосир, Бейрут, 1419қ.

• Ғуломӣ, Ҳусайн (муъосир); Маҳву сунна автадвинуҳо, муъассисатул Ҳодӣ, Қум, 1419қ.

• Фахруддини Розӣ, Муҳаммад ибни Умар (д.606қ); Аттафсирул кабир, [дору эҳёиттуросил Арабӣ, Бейрут].

• .......................................................................; Ашшаҷаратул муборака фий ансоби толибия, таҳқиқ Раҷоъӣ, мактабатул Маръашӣ ан Наҷафӣ, Қум, 1409қ.

• ...............................; Ал-Маҳсулу фий илми усулил фиқҳ, таҳқиқ Улвонӣ, муъассисатул рисола, Бейрут, 1412қ.

• Файзи Кошонӣ, Муҳаммад Мӯҳсин (д.1090қ); Девони ашъор.

• Қуртубӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад (д.671қ); Ал-Ҷомеъул

лиъаҳкомил Қуръон, дору эҳёиттуросил Арабӣ, Бейрут, 1405қ.

- Қундузӣ, Сулаймон ибни Иброҳим (д.1294қ); Янобиъул маваддаҳ лизавийл қурбо, таҳқиқ Алӣ Ҷамол, дорул усваҳ, 1416қ.

- Каттонӣ, Муҳаммад Ҷаъфар (д.1345қ); Назмиул мутаносир минал ҳадисил мутавотир, дорул кутуби салафия, Миср.

- Кутубӣ, Муҳаммад ибни Шокир (д.764қ); Фавотул вафаёт, таҳқиқ Алӣ Муҳаммад ва Одил Аҳмад, дорул кутубил илмия, Бейрут.

- Мутақии Ҳиндӣ, Алӣ ибни Ҳассомуддин (д.975қ); Канзул уммол фий сунанул ақволи вал афъол, таҳқиқ Бакрӣ Ҳаёнӣ ва сафвату сақо, муъассисатул рисола, Бейрут, 1409қ.

- Маҷмаъул каноъис ашшарқия (нухбату минл асотизати завиил ихтисоси вал лоҳутийин); Қомусул китобил муқаддас, беъешрофи робитатил каноъисил инҷилия фий шарқил авсат, мактабатул машъал, Бейрут, 1981м.

- Марказил рисола (маъосир); Ал-Маҳдиюл мунтазар фил фикрил Исломӣ, маркази рисола, Қум, 1417қ.

- Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нешобурӣ (д.261қ); Саҳиҳул Муслим, дорул фикр, Бейрут.

- Мақдисӣ, Юсуф ибни Яҳё (д.Қарни 7); Иқдуддурар фий ахборил Маҳдийил мунтазар, таҳқиқ Абдулфаттоҳ Муҳаммад, мактабату олимил фикр, Ал-Қоҳира, 1399қ.

- Мавлавии Балхӣ, Ҷлолуддин Муҳаммад (д.672қ); Девони Шамс.

- ...........................................................; Маснавии Маънавӣ.

- Носир Хусрав, Абу Муъин ибни Ҳориси Қабодиёнӣ (д.481қ); Девони ашъор.

- Наҷмӣ, Муҳаммад Содиқ (маъосир); Азвоу алссаҳиҳайн,

тарҷумату Яҳё Камолӣ Ал-Баҳронӣ, муъассисатул маъорифил Исломия, Қум, 1419қ.

• Наҳҳос, Аҳмад ибни Муҳаммад (д.338қ); Маъониул Қуръон, таҳқиқ Муҳаммад Алӣ Ассобунӣ, ҷомеату умил қуро, Ал-мамлакатул Арабиятул Саъудия, 1409қ.

• Насоъӣ, Аҳмад ибни Шуъайб (д.303қ); Хасоъису амирил мӯъминин, таҳқиқ Муҳаммад Ҳодӣ Ал-Аминӣ, мактабату найнаваил ҳадиса, Теҳрон.

• .......................................................; Ассунанул кубро, таҳқиқ Абдилғаффор ва Саййид Касравӣ, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1411қ.

• .....................................................; Сунану Нисоъӣ, дорул фикр, Бейрут, 1348қ.

• ..............................................; Аззуъафоъу вал матрукин, таҳқиқ Маҳмуд Иброҳим Зойед, дорул маърифа, Бейрут, 1406қ.

• .................................................; Фазоъилу саҳоба, дорул кутубил илмия, Бейрут.

• Нававӣ, Яҳё ибни Шараф (д.676қ); Равзатул толибин, таҳқиқ Одил Аҳмад ва Алӣ Муҳаммад Муъриз, дорул кутубил илмия, Бейрут.

• ..................................................; Шарҳи саҳиҳи Муслим, дорул кутубил Арабӣ, Бейрут, 1407қ.

• ...............................................; Ал-Маҷмауъ, дорул фикр, [Бейрут].

• Воқидӣ, Муҳаммад ибни Умар (д.207қ); Ал-Мағозӣ, таҳқиқ Мораседен Ҷонс, нашри дониши Исломӣ, 1405қ.

• Вашнавӣ, Қавомуддин Муҳаммад (д.1416қ); Ҳадисул сақалайн, шарҳи Муҳаммад Воъеззодии Хуросонӣ, Ал-Мӯъҷамул оламӣ литақриби байнал мазоҳибил Исломия.

• Вакиъ ибни Ҷаррох (д.197қ); Нусхату Вакиъ ъанил Аъмаш, таҳқиқ Абдурраҳмон Ал-Фаривоъӣ, аддорус салафия, Кувейт, 1406қ.

• Ҳейсамӣ, Алӣ ибни Абибакр (д.807қ); Маҷмаъуз завоъид ва манбаъул фавоъид, дорул кутубил илмия, Бейрут, 1408қ.

• ...............................................; Мавориду замъон, таҳқиқ Ҳусайн Аддоронӣ, дорул сиқофатил Арабия, Димишқ, 1411қ.

• Яъқубӣ, Аҳмад ибни абӣ Яъқуб (д.284қ); Торихул Яъқубӣ, дору содир, Бейрут.

# Бозгашт ба Ислом

**Мансури Ҳошимии Хуросонӣ**

**Китоби шарифи <<Бозгашт ба Ислом>> асари мумтоз, арзишманд ва инқилобӣ дар ҳавзаи Исломшиносӣ аст ки бо накди хирадварзонаи қироъати мавҷуд аз Ислом ва бозтаърифи мабонӣ ва манобеъи он, ба ҳамроҳи осебшиносии торихии ақоъид ва аъамоли мусалмонон, бар пояи яқиниёт ва мусалламоти Исломи ва бар канор аз пешфарзҳо ва роҳбурдҳои заннӣ, ба сӯи иқомаи Исломи комил ва холис дар сартосари ҷаҳон даъват мекунад.**

**(Бахше аз сухани ношир)**



دفتر حفظ و نشر آثار منصور هاشمی خراسانی
www.alkhorasani.com